ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

ISSN 2617-5320

# ПАЁМИ ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

*Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ*

# ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

*Серия педагогических и психологических наук*

# BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION

*Series of pedagogical and psychological sciences*

*2024, №2 (46)*

# ПАЁМИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

(Маҷаллаи илмиву методӣ)

***Муассис:** Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

*Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.*



***Сармуҳаррир:***

***Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо*** — *номзади илмҳои физика-математика, дотсент директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

***Муовини сармуҳаррир:***

***Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна*** — *номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

| | |
|---|---|
| **Саломиён М. Қ.** | *доктори илми филология, профессор* |
| **Каримова И. Х.** | *доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор* |
| **Лутфуллозода М.** | *доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор* |
| **Нуъмонов М.** | *доктори илмҳои педагогӣ, узви обастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор* |
| **Маҷидова Б.** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Неъматов С.** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Иматзода Л.** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Ҷураев Х.** | *доктори илмҳои физика-математика, профессор* |
| **Амонов Н.** | *номзади илмҳои психологӣ, дотсент* |
| **Мираказода Ф.** | *номзади илмҳои таърих, дотсент* |

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

| | |
|---|---|
| **Саизода Р. Ҳ.** | *вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| **Хушвахтзода Қ. Х.** | *президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон* |
| **Ҷӯразода Ҷ. Ҳ.** | *муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| **Саломиён М.Қ.** | *президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон* |
| **Насриддинзода Э.С.** | *ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |



*Маҷалла ба Феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2019 ворид шудааст.*

*Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.*

*Маҷалла мақолаҳоро аз рӯйи илмҳои педагогӣ (13.00.00) ва психологӣ (19.00.00) ба чоп қабул менамояд.*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Матни комили маҷалла дар сомонаи www.prmatt.tj www.payom-prmatt.tj ҷой дода шудааст.

Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – 2024. - № 2 (46). ISSN 2617-5320.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст. Шаҳодатномаи №0219/МҶ-97, аз 27 сентябри соли 2021.



**Суроғаи идора**: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи А. Адҳамов, 11/2, тел.: 2274525, 2270238; E-mail: shohin_7875@mail.ru



Индекси обуна: 77772



**© ПРМ ба номи Абдурахмони Ҷомӣ, 2024**



ISSN 2617-5320

**ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**
(Научно-методический журнал)
***Учредитель:*** *Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Министерства образования и науки Республики Таджикистан*
*Журнал основан в 2012 г. Выходит 4 раза в год.*

***Главный редактор:***
***Наджмиддиниён Асадулло Мирзо*** — *кандидат физико-математических наук, доцент директор Института развития образования имени А. Джами АОТ*

***Зам. главного редактора:***
***Лутфуллоева Парвина Махмадуллоевна*** — *кандидат педагогических наук, зам. директора Института развития образования имени А. Джами АОТ*

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**

| | |
|---|---|
| **Саломиён М. К.** | *доктор филологических наук, профессор* |
| **Каримова И. Х.** | *доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор* |
| **Лутфуллозода М.** | *доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор* |
| **Нуъмонов М.** | *доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор* |
| **Маджидова Б.** | *доктор педагогических наук, профессор* |
| **Неъматов С.** | *доктор педагогических наук, профессор* |
| **Иматзода Л.**<br>**Джураев Х.** | *доктор педагогических наук, профессор,*<br>*доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Амонов Н.** | *кандидат психологических наук, доцент* |
| **Миракзода Ф.** | *кандидат исторических наук, доцент* |

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:**

| | |
|---|---|
| **Саидзода Р. Х.** | *министр образования и науки Республики Таджикистан* |
| **Хушвахтзода К. Х.** | *президент Национальной Академии наук Таджикистана* |
| **Джуразода Дж. Х.** | *первый зам. министра образования и науки Республики Таджикистан* |
| **Саломиён М.К.** | *президент Академии образования Таджикистана* |
| **Насриддинзода Э.С.** | *ректор Таджикского национального университета* |

*Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 28.03.2019.*

*Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).*

*Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 13.00.00 – педагогические науки и 19.00.00 - психологические науки.*

Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовая версия журнала размещена на сайте www.prmatt.tj, www.payom-prmatt.tj

Вестник Института развития образования. – 2024. – №2 (46).

ISSN 2617-5320.

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан, Свидетельство № 219/ЖР-97, от 27 сентября 2021 года.

**Адрес редакции**: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А.Адхамова, 11/2; Тел.: 2274525, 2270238, E-mail: shohin_7875@mail.ru

Индекс подписки:77772

**©ИРО имени Абдурахмана Джами, 2024**

ISSN 2617-5320

**BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION**
(Scientific and methodical journal)
***Founder:****Institute for educational development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
*The journal is established in 2012. Issued 4 times a year.*

| | |
|---|---|
| ***Chief editor:*** ***Najmiddiniyon Asadullo Mirzo*** | *Candidate of Phisico–Mathematic Sciences, associate professor, Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET* |
| ***Deputy editor:*** ***Lutfulloeva Parvina Mahmadulloevna*** | *Candidate of Pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET* |

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**

| | |
|---|---|
| **Salomiyon M.K.** | *Doctor of Philological sciences, Professor* |
| **Karimova I.Kh.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor* |
| **Lutfullozoda M.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor* |
| **Numonov M.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, Professor* |
| **Majidova B.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Nematov S.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Imatzoda L.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Juraev Kh.** | *Doctor of Phisico–Mathematic Sciences, Professor* |
| **Amonov N.** | *Candidate of Psychological Sciences, Docent* |
| **Mirakzoda F.** | *Candidate of History, associate Professor* |

**EDITORIAL COUNCIL:**

| | |
|---|---|
| **Saidzoda R. H.** | *Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan* |
| **Khushvakhtzoda K. Kh.** | *President of the National Academy of Sciences of Tajikistan* |
| **Jurazoda J.H.** | *first deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan* |
| **Salomyon M.Q.** | *President of the Academy of Education of Tajikistan* |
| **Nasriddinzoda E.S.** | *Rector of the Tajik National University* |

*The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 28.03.2019.*

*The journal is included in the database Of the Russian science citation index.*

*The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 13.00.00 – Pedagogical sciences and 19.00.00 – Psychological sciences*

The journal is published in Tajik, Russian and English.

The full-text version of the journal is available on the website www.prmatt.tj; www.payom-prmatt.tj

Bulletin of the Institute of Development of Education. – 2024. – №2 (46).
ISSN 2617-5320.

The journal is registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan, certificate No.219/JR-97, dated September 27, 2021.

**Editorial address**: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 11/2 A.Adhamov street; Tel: 227-45-25, 227-02-38, E-mail: shohin_7875@mail.ru.

Subscription index: 77772
**© IDE named after Abdurahmon Jomi, 2024**

ISSN 2617-5320

# ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
# ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
# PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY

**ТДУ: 375.3**

## САБАБҲОИ РАФТОРҲОИ НОҶОИ ҶАВОНОН ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОНҲО

*Раҷабов С.*
**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**
*Абдулов А.*
**Донишгоҳи байнанмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Давлати тозабунёди тоҷик, баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар вазъияти буҳронии ниҳоят шадид қарор дошт ва бо барқарор шудани сулҳу ваҳдати миллӣ, талошҳои зиёд ҷиҳати амалӣ намудани меъёрҳову арзишҳои нави иҷтимоӣ ба миён омад ва хурсандона то ба имрӯз, дар ин ҷодда дастовардҳои чашмрас пайдо гардиданд. Махсусан, фаъолияти шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таълиму тарбияи наврасону ҷавонон қобили зикр аст Вале, барои пурра таъмин намудани талаботу дархостҳои ҷавонон солҳои зиёд ва заҳматҳои тӯлонӣ зарур аст. Ин омили воқеии вақтро ба эътибор нагирифтаю сарфаҳм нарафта, қисме аз ҷавонон саросема барои тез ба мақсад расидан ба каҷрафториҳои гуногунҷабҳа даст мезанад. Бадии кор дар он аст, ки баъзе ашхосу қувваҳои дохилию берунии бадбини ҷомеа аз ин саросемагӣ ва содабовариву гумроҳии ҷавонон суистифода менамоянд. Оид ба ин масъалаҳои доғи рӯз, дар мақолаи мазкур фикру ақидаи худро иброз карданием.

Зиндагии одамон, аз ҷумла ҷавонон дар ҳама давру замон чунин таҳрезӣ шудааст, ки рафтору амали онҳо пурра ба хоҳиши худи онҳо вобаста набуда, дар доираи қоидаҳои аз ҷониби аъзои ҷомеа мақбулгаштаю муайянгардида, яъне бо ибораи илмӣ арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ сурат мегирад. Сотсиологи машҳури Амрикоӣ П.Сорокин дуруст иброз намудааст, ки “арзишҳои иҷтимоӣ зербинои ҳама гуна фарҳангҳост”

Равиши гиромидошти арзишҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ ин шоҳроҳи асосии қабулгардидаи тамоми аъзои ҷомеа мебошад, ки берун рафтан ва ё берун баромадан аз ин шоҳроҳ ба каҷрафтории иҷтимоии шахс сабаб мегардад. Аз таҳилили арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ бар меояд, ки “берун рафтан аз арзишҳою меъёрҳои иҷтимоӣ, ки аз тарафи ҷомеа пазируфта шуданананд, содир кардани гуноҳ дар рафтори сиёсӣ, оилавӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва амсоли ин каҷрафтории иҷтимоӣ номида мешавад”

Имрӯз дар байни ҷавонони мо ду намуди каҷрафторӣ бештар маъмул аст. Якум, аз арзишҳою меъёрҳои иҷтимоии қабулгардида бешууронаю кӯдакона берун баромадан, дур рафтан, ки на чандон каҷрафториҳои вазнин мебошанд ва дуюм, рафторҳое, ки боиси ҷурм, гуноҳ, рафтори ноҷо, рафтори хилофи қонун, рафтори зидди тартиботи ҷамъиятӣ мегарданд, ки оқибати онҳо барои ҷамъият хафноканд.

Боиси фахр аст, ки дар кишвари мо дар байни ҷавонон каҷрафториҳои вазнин кам дида мешаванд. Ин, албата бо талошу заҳматҳои роҳбарияти давлат, сохторҳои давлатии масъули кор бо ҷавонон, падару модарон, ҳайати омӯзгорони мактабҳои миёна ва ҳайати профессорону омӯзгорони макотиби олии ҷумҳурӣ ба даст омадааст.

Бузургони мо ҷавониро ба ситорае шабоҳат додаанд, ки як маротиба дар осмони умри инсон тулуъ мекунад. Давраи ҷавонӣ, давраи оғози сабзиши ниҳолҳои кӯчаке ба ҳисоб меравад, ки бо сабзидани ин ниҳолҳоояндаи кишвар сарсабзу хуррам мегардад. Ягона роҳе, ки ҷавонон ҳамчун мутахассиси касбӣ давлату миллатро пеш мебаранд, ин донишу малакаи хуби онҳост. Ин нуктаи муҳимро ба эътибор гирифта, роҳбарияти кишвар бо мақсади рушду камолоти ҳамаҷонибаи ҷавонон барои онҳо то андозае шароити мусоид фароҳам овардааст. Танҳо барои ҷавонон зарур аст, ки дониш омӯзанд, барои дар ҷомеа пайдо намудани мавқеи сазовори худ кӯшиш намоянд, бо меҳнати ҳалол фанҳои таълимиро аз худ намуда, ба ватану миллат содиқ бошанд, дар рушду нумуъ ва ободии диёри хеш – Тоҷикистон саҳм гузоранд.

Аксарияти ҷавонон, гуфтаҳои болоро бечуну чаро иҷро мекунанд ва намунаи ибратанд. Вале, ҷавононе низ ҳастанд, ки арзишҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳои иҷтимоиро пурра риоя накарда, боиси костагии ҷомеа мешаванд, бо гуфтору рафторҳои ноҷойи худ сабаби ташвишу озори волидони худ, омӯзгорон ва роҳбарияти сохторҳои гуногуни давлатию ҷамъиятии кишвар мегарданд.

Дар мақолаи мазкур, муаллифон хостанд баъзе рафторҳои ноҷои ҷавонон, сабаб ва сарчашмаҳои ба вуҷуд омадани онҳо ва роҳҳои пешгириашонро, нишон диҳанд. Чӣ тавре гуфтем, аксарияти ҷавонон хоҳишу ҳаваси хондан доранд, аз интихоби касбҳои худ розиянд, бо дилгармӣ дар донишгоҳҳо мехонанд, дархосту талаботи аҳли ҷомеаро иҷро мекунанд, вале ҷавононе низ ҳаст, ки бошууронаю бешуурона доимо майли каҷрафториҳои ғайриқонунӣ доранд. Рафторҳои ноҷои онҳо дар кӯчаю ҷойҳои ҷамъиятӣ, ки гурӯҳҳои зиёди одамон мавҷуд аст, бештар дида мешавад. Дар ин ҳолат, албата ба нафарҳое, ки дар он ҷо ҳузур доранд нооромию беҳаловатӣ бунёд мекунанд.

Ба ақидаи муаллифон, сабабҳои чунин рафтору кирдори баъзе ҷавонон ин кофӣ набудани таъсири тарбия дар оила, дар макотиби гуногуне, ки онҳо машғули таълиманд, дар сохторҳои гуногуни давлатию ғайри давлатие, ки онҳо ба кор машғуланд мебошад. Дар байни онҳо ҷавононе ҳаст, ки ҳазлу шухиро дӯст медоранд, қисми дигараш на ба хондан, балки бештар ба варзиш, сурудхонию ҳазлгӯйӣ ва амсоли ин, ҳавас доранд, вале ба онҳо таваҷҷуҳ начандон ҷавобгӯ аст. Илова бар ин, баъзе ноадолатиҳою нобаробариҳои иҷтимоӣ, сабаби гуфтору рафторҳои ноҷои ҷавонон мегарданд. Баъзеи онҳо бо шароити хуби таълиму кор таъминанд, вале баъзеҳо аз ин корҳо маҳруманд. Ин маҳрумият ба ҳолати рӯҳии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Ҳама ҷавононро албата баробар кардан нодуруст аст, вале таваҷҷуҳи дигарон ба ҷавонони шароити вазнини зиндагидошта, ёрӣ ба онҳо, ҷалб намудани онҳо ба корҳои фоиданок, онҳоро метавонад руҳбаланд созад, ҳавасманд гардонад, боварӣ пайдо кунанд, ки саводнокӣ, сатҳи касбии баланд ва маҳорату қобилиятро давлат аз ҳама боло меҳисобад.

Дар симои баъзе ҷавонон ҳолатеро дидан мумкин аст, ки мавқеи конформистиро қабул кардаанд ва мавқеи хосси худро надоранд, бетарафию бепринсипӣ зоҳир менамоянд, ба ҳаргуна чеҳрае, ки каму беш қудрат дорад, кӯркӯрона пайравӣ менамоянд, зери таъсири афкори онҳо монда, ақидаи онҳоро дуруст меҳисобанд. Конформистҳои иҷтимоӣ - ин фард ё аъзои ҷомеа мебошад, ки новобаста ба дидгоҳ, пиндор, дониш, зери таъсири афкори аксари аъзои гурӯҳ монда, тамоми ақидаҳои онҳоро дуруст меҳисобад Ба маънии дигар конформист –ин инсонест, ки одати беэътирозӣ дошта, ба ҳама итоат менамояд. Чунин нафарон мулоҳизаи шахсӣ, эътиқоди шахсӣ ва «Ман»-и худро надоранд. Конформист – ин навъи мутобиқгаштаи иҷтимоист. Баъзе ҷавонон тақлидкоранд, аз дигарон ибрат мегиранд ва худ онро такрор менамоянд. Ақидае дар майнаи баъзеи онҳо ҷой гирифтааст, ки гуё барои бо роҳи дуруст хондану савод гирифтан зарурат нест.

Бояд таъкид кард, ки ҳар як рафтори ғайримуқаррарӣ ба хусус каҷрафторӣ ба омилҳои зиёд вобаста аст. Омили аввали каҷрафтории ҷавононро дар оилаҳо бояд ҷуст, зеро аксарияти волидайн вазифаашонро дар назди фарзанд танҳо дар хӯрондану пушондан дида, ба тарбияи ахлоқии фарзанд, тарзи таҳсили ӯ эътибор намедиҳанд. Агар дар мактабҳои олӣ омӯзгорон аз донишҷӯён донишу ахлоқ талаб намоянд, дар хонаю кӯча бошад на ҳама волидон ба ин эътибор медиҳанд. Дар натиҷа, мактабу оила алоқамандии зарурира аз даст медиҳанд. Агар талаботи дар мактаб буда, дар оилаҳо низ идома меёфт, онгоҳ таъсири таълиму тарбия дар тарбияи солими ҷавон нақши бештар мебозид.

Дигар омил ин ба воситаи макотиби олӣ аз ҷониби падару модар фарзанди худро аз хизмати ҳарбӣ озод кардан аст, ки ин алакай нишонаи каҷрафторӣ мебошад, падар фаромӯш кардааст, ки худаш дар хизмати ҳарбӣ обу тоб ёфта, ба шахсияти солим табдил ёфтааст. Хизмати ҳарбӣ дар кадом шакле бошад, барои ҷавонмард шудан ёрӣ мерасонад ва ба ӯ имконият медиҳад, ки давраи ҷавониро беҳтару сабуктар гузаронад. Омили дигар аз он иборат аст, ки волидон ба қобилияти фарзанд, дараҷаи инкишофи зеҳнии ӯ эътибор надода, ӯро ба макотиби олӣ дохил шудан пешниҳод менамояд. Беҳтар мешуд, ки агар волидон хоҳиш ва махсусан, қобилияти фарзандашонро ба эътибор гирифта, мутобиқи он рафтор намоянд. Мумкин барои баъзе ҷавонон дар макотиби олӣ дохил шудан ва вақтро беҳуда гузаронидан зарурат набошад. Дар зиндагӣ, мисолҳои зиёданд, ки ҷавон мактаби олиро тамом кардаст,

вале қобилияти дар ихтисосаш кор карданро надорад ё ин ки ба кор таъмин нашудаст. Касби дигар надорад, ки ба он машғул шавад, бинобар ин, ё ба муҳоҷират меравад ва ё дар кӯча бекор мегардад. Хуб мешуд, ки падару модар ба чунин ҷавонон баъд аз хатми синфи 9 касберо омӯзонанд, то ки онҳо зиндагияшро пеш бурда тавонанд. Дар кишварҳои хориҷ ҳамин хусусияти ҷавон ба эътибор гирифта мешавад.

Омили бисёр муҳимми баъзе рафторҳои ноҷои ҷавонон, аз он иборат аст, ки падару модари ҷавонони солҳои таваллуди 1992 то тахминан 2005 дар шароити вазнин ва бесарусомонӣ кору фаъолият доштанд. Бевосита, ҳамин эҳсоси бади рӯҳии онҳо ба таваллуду рафтори минбаъдаи фарзанд таъсири манфии худро гузоштааст. Аҳамият дода бошед, баъзе ҷавононро барои рафторҳои бадаш агар сарзаниш карданӣ шавед, вай механдад. Яъне имунитети таъсири суханҳои танқидиро надоранд.

Ба маврид аст, гӯем, ки рафторҳои ноҷойи баъзе ҷавононислоҳшаванда аст дар ҳолате, ки агар фаъолияти якҷояи падару модар, омӯзгорон ва дигар аҳли ҷомеа, боз ҳам ҷонок гардад. Яъне, тарзу усули ташкили назорати иҷтимоӣ аз ҳама роҳи дурусти пешгирии рафторҳои ноҷои ҷавонон ба шумор меравад. Воситаи муҳимми назорати иҷтимоӣ, ин қонеъ намудани дархосту манфиатҳои гуногуни ҷавонон ба шумор меравад. Аз ҷумла, ҳамарӯза ҷалб намудани онҳо ба намудҳои гуногуни варзиш ба монанди сексияҳои гуногуни варзишӣ (гуштингирӣ, волейбол, футбол, таэквандо, каратэ, бокс, шаҳмот, шашка ва ғ.), ҷалб намудани онҳо ба дастаҳои гуногуни маданӣ оммавӣ, ба монанди дастаҳои рақсу суруд, маҳфили зарифон (КВН) ва ғ.). Ҳатман ин чорабиниҳо дар шакли мусобиқаҳои дохилию берунӣ бо ҷалби падару модарон ва ҳавасмандкунонӣ бояд сурат гиранд. Яъне мусобиқа ба монанди мубориза барои обу рӯйи ҷавон бояд ташкил карда шавад ва дар телевизион намоиш дода шавад. Имрӯз ҷавонро бештар рекламаи ӯ ва ҳавасмандии пулӣ фаъол мегардонад.

Дигар масъалаи муҳимме, ки ба он бояд таваҷҷуҳ дода шавад, ин масъалаи равонии ҷавонон аст. Мунтазам бояд ба ҷавон фаҳмонда шавад, ки агар ӯ рафтори ноҷои худро қатъ накунад, онро давом диҳад, пас на танҳо низои байни ӯ, падару модари ӯ ва аҳли ҷомеа, балки низои дохилии ҷавон сурат мегирад. Яъне, ҷавон дар ҳолати риоя накардани талаботи қабулгардидаи аҳли ҷомеа, ба худ ва аҳли оилаи хеш мушкилиҳои зиёд пеш меорад. Аз ин бармеояд, ки рафтори ноҷо, ин рафтори моҷароангез аст ва дар ҳолати пешгирӣ ва ё ҳал нашудани он, дар бисёр ҳолатҳо бо афсурдагии яквақта ва ё доимии донишҷӯ анҷом меёбад. Ин се рафтори донишҷӯ бо ягдигар алоқамандии ҷудонашаванда доранд. Онҳо давоми якдигаранд. Оқибати афсурдагӣ агар доимӣ бошад, бо маризии руҳии ӯ ё даст задан ба гуноҳи вазнин анҷом меёбад.Нишонаҳои нофорами афсурдагӣ дар шакли оташинию эҳсоси баланд, набудани имконияти худро бадаст гирифтан, эҳсоси хастагии бесабабу номаълум ва ғайра сурат гирифта, яку якбора тез ошкор мегарданд ва бо нигоҳи оддӣ дида мешаванд. Фикрҳои бад ба сар зада медароянд, дар мағзи сар тоб хурда, аз даҳон суханҳои қабеҳ пош мехуранд. Андаке мемонад, ки ҷавон ба касалии вазнин дучор гардад.

Бори дигар, зарур аст таъкид намоем, ки ҳолати афсурдагӣ худ ба худ хатарнок нест, дар он ҳолат хатарнок мегардад, ки метавонад маҷмуи бемориҳои барои ҷавон вазнинро ба вуҷуд оварад, яъне ба дистресс – ба лоғаршавию бемадорӣ расонад. Афсурдагӣ ба пастшавии қобилияти таълимию кории ҷавон сабаб мешавад, фаъолии ҳаётию эъҷодии ӯро заиф месозад, бедорхобӣ мекашад.

Дар пайдо шудани афсурдагӣ, пеш аз ҳама муносибатҳои кории аҳли ҷомеа ва ҷавон эҳсос мегардад. Аз ин лиҳоз, ба мақсади огоҳонидану пешгирӣ намудани афсурдагиҳо, психологияи идоракунии муосир ба ду самт таваҷуҳ зоҳир менамояд. Самти нахуст, нисбат ба аҳли ҷомеа, ки ба уҳдаи онҳо, паст намудани сатҳи ҳолатҳои афсурдагӣ дар байни ҷавонон гузошта шудааст ва самти дуюм, нисбати ҷавонон, ки бояд худро аз афсурдагӣ ҳифз кунанд, аз рафторҳои ноҷою низоъҳо худдорӣ кунанд, ба уҳдадориҳои вазифавии худ содиқ бошанд ва барои дигарон, дар мадди аввал барои аҳли ҷомеа манбаи пайдо шудани афсурдагӣ нагарданд.

Дар охир бояд таъкид намуд, ки ин чанд сухани иброз гардида, албата тамоми маълумоти заруририро дар бораи дарки пурраи ин масъалаҳои беҳад муҳимму мураккаби ҳайёти ҷавонон, пешниҳод карда наметавонад. Ин масълаҳо тадқиқоти фундаменталии сотсиологию психологиро талаб мекунанд. Вале, ҳамчун маълумот барои пешгирии рафторҳои ноҷойи ҷавонон, махсусан, донишҷӯён метавонад то андозае хизмат намоянд.

**АДАБИЁТ:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” Ниг.: http://base.mmk.tj/view_sanadho.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Ниг.: http://base.mmk.tj/view_sanadho.
3. Албер Камю. Инсони тоғӣ. Теҳрон, ۱۳۷۴,1374 .البرکامو تهران.انسان تاغی
4. Исаев Б.А. Социология. Краткий курс. 2010. С. 67.
5. Кори иҷтимоӣ. Фарҳанги мухтасари энсиклопедияи кори иҷтимоӣ. Душанбе, 2010.
6. Руткевич М.Н. Социология образования и молодежи. М.: Гардарики, 2002. 541 с.
7. Sorikin P.A. Social and Cultural Dynamics. N.Y., 1937. Vol. 1. P.67.
8. Шарипов И. У., Гулаҳмадов Ш. Конформизм ва омилҳои пайдоиши ахлоқи конформистӣ дар байни ҷавонони тоҷик //Илм ва ҷомеа. Маҷаллаи академии илмию оммавӣ. № 2(6). 2017.


## САБАБҲОИ РАФТОРҲОИ НОҶОИ ҶАВОНОН ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОНҲО


Дар ин мақола муаллифон мафҳум, моҳият ва аҳамияти рафтори девиантӣ, ташаккул ва оқибатҳои онҳоро дар байни ҷавонони ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ба идоракунӣ ва назорати иҷтимоии рафтори ҷавонон аз ҷониби ҷомеа таваҷҷӯҳи хоса дода шуда, барои пешгирӣ ва рафъи онҳо як қатор тавсияҳо медиҳанд.



**Калидвожаҳо:** *девиант, сепаратист, стигма, исёнгар, аномия, реалист, конформист, гурӯҳи иҷтимоӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ, арзишҳои иҷтимоӣ.*


## ДЕВИАНТНОЕ ПОВЕДЕНИЕ МОЛОДЁЖИ: ПРИЧИНЫ И СПОСОБЫ ИХ ПРЕДУПРЕЖДЕНИЯ


В данной статьей авторы рассматривают понятие, сущность и актуальность девиантного поведения, их образования и последствия среди молодёжи республики. Особое внимание обращается управлению и социального контроля поведения молодёжи со стороны общества, и предлагают ряд своих рекомендаций для предупреждения и угрозы такого состояния.



**Ключевые слова:** *девиант, сепаратист, стигма, мятежник, аномия, реалист, конформист, социальная группа, социальные нормы, социальные ценности .*


## DEVIANT BEHAVIOR OF YOUTH: CAUSES AND WAYS OF THEIR PREVENTATION


This article discusses the problem of the deviant vision of the Tajik youth in the modern world, the causes, consequences and ways to solve this problem. Most attention are given to modern theories of the deviant behavior and its types, the particularities of the problem of rebellion and rioter, factors and causal entry of the Tajik youth into its ranks. The authors try to uncover some of the factors of rioter and its consequence for the Tajik society and the world community.



**Key words:** *deviant, separatist, revolution, stigma, rebel, anomie, realist, conformist, social group, social norms, social values.*



**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Раҷабов Саиднеъмон номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода, Эл.почта: Saidnemon @dk.ru, тел: 900611118.*

*Абдулов Аслам -номзади илмҳои таърих,дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода, тел: 918186001.*

**Сведения об авторах:** *Раджабов Саиднигмон к.и.н. дотсент кафедры история и межкультурного отношения МУИЯ имени С.Улугзода. Эл.почта: Saidnemon @dk.ru, тел: 900611118.*

*Абдулов Аслам. –к.и.н, дотсент кафедры история и межкультурного отношения МУИЯ имени С.Улугзода. тел: 918186001.*

**Information about the author** *Radjabov Saidnigmon Ph.D. dotsent department of history and intercultural relations of the International Institute of Languages named after S. Ulugzoda. Saidnemon @dk.ru Email Tel:900611118.*

*Abdulov Aslam. –Ph.D., Associate Professor, Department of History and Intercultural Relations, the International Institute of Languages named after S. Ulugzoda. Tel:918186001.*

**ТДУ:34.030.(375.2)**

# РАВИШҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР БЕҲДОШТИ СИФАТИ ТАЪЛИМ

***Маҳкамов Д.***
**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии**
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Таҳқиқоти педагогӣ, равонӣ ва сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки агар мо, муносибатамонро ба таълим, дар асоси дастуру супоришҳои Ҳукумат ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монем, дар солҳои наздик аз аломату нишонаҳои фаъол набудани хонандагону донишҷӯён, дар ҷараёни таълим ва мавқеи шунавандаи оддиро ишғол намудани онҳо, ному нишоне боқӣ нахоҳад монд.

Мақсаду мароми асосии методҳои фаъоли таълим низ аз он иборат аст, ки сифат ва мазмуни таълим боло равад. Дар раванди ҷаҳонишавӣ дар кори таълим қонуниятҳои муайяне мавҷуданд, менависанд тадқиқотчиёни амрикоӣ Р. Карникау ва Ф. Макэлроу, ки мутобиқи онҳо хонанда ё умуман инсон, қудрате дорад, ки 10 % маводи хондашуда; 20 % – маводи шунида; 30 % – маводи муоинанамуда; 50% – маводи дидаю шунида; 80 % – маводеро, ки худаш мегӯяд; 90 % – он маводеро, ки дар фаъолияташ ба он зинаи маърифатӣ расидааст фаҳмида гирад.

Сабаби дуюм, ки бисёр оддӣ ва воқеист аз он иборат аст, ки муоширати яктарафа танҳо дар он сурат маъқул дониста мешавад, ки ахбор каму нокифоя бошад ва роҳҳои дигари онро қабул кардан ғайр аз баёни шифоҳии лектор (омӯзгор) вуҷуд надошта бошад. Омӯзгор, ҳамчун қоида маводҳоеро истифода мебарад, ки онҳо аслӣ нестанд. Ин бешаку шубҳа аз дараҷаи маҳорати касбии омӯзгор шаҳодат медиҳад, ки ба дониши хонандагон кам таъсир мерасонад. Сохтори дониши бегона ҳеҷ гоҳ худӣ шуда наметавонад, зеро ки аз анъанаҳои миллӣ дур аст. Аз натиҷаҳои он ба ҳайрат мондан мумкин аст, аммо аз ду сар худдорӣ бояд кард.

Шакли дигари ба таври қатъи фарқкунанда дар ҷараёни таҳсилот муошират бисёртарафа мебошад. Тарзи ташкили иҷтимоии муоширати бисёртарафа фаъолияти ҳар як субъекти ҷараёни таҳсилотро дар назар дорад. Миқдори зиёди робитаҳои муоширатии пуршиддат дар байни хонандагон ва донишҷӯён дар ҷараёни таълим барқарор мегардад. Бояд қайд намуд, ки моҳияти чунин намунаи алоқа муоширатӣ, оддиро не, балки муоширатеро дар назар дорад, ки оянда сабаби пешрафти хонандагону донишҷӯён дар ҷараёни таҳсил ва донишандӯзӣ гардад.

Хонандагон он вақт саъю талош меварзанд, ки фикр, андеша ва донишро дар ин ё он соҳа баён намоянд. Омӯзгорон дар бештари ҳолат ин равандро зери назорат гирифта, намегузоранд, ки хонандагон озодона фикрашонро баён намоянд ва хулосаҳои даркорӣ бароранд, ки ин албатта оқибати хубро ба бор намеорад. Ин амал дар асоси нишондодҳои илми педагогика ва равоншиносӣ ба ҷараёни демократикунонии таълим ва тарбия халал ворид намуда шунавандагонро ғайрифаъол мегардонад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими таҷлили солгарди Ваҳдати миллӣ 26-уми июни соли 2011 гуфта буданд: «*Ҳадафи ниҳоии мо бо истифода аз дастовардҳои илму техникаи муосир ва технологияи пешрафта, инчунин аз расму оин ва арзишҳои миллӣ- маънавӣ ва ахлоқӣ тарбия кардану ба камол расонидани наслҳои закиву донишманд ва соҳибмаърифату соҳибмаълумот мебошад, то дар оянда тақдири давлату миллати худро ба даст гирифта тавонанд*».

Дар натиҷаи чунин муносибат талаботи муоширати серсоҳа вайрон гардида, дониши хонандагон ба он андоза ташаккул ёфта мерасад, ки дар рафти дарс бо иловаҳои ҳамроҳнамудаи хеш маводро аз бар намуда, дониши хешро васеъ менамояд. Дониши фаннии хонандагон ва баҳои воқеъи додан ба он, аз омӯзгор хеле нозукона муносибат намуданро талаб менамояд.

*Дарс дар нақшаи муоширати ошкоро, чунин тавсиф карда мешавад:*

1. Хонандагону донишҷӯён бештар дар дарс малакаю маҳорат ҳосил намуда, агар ба онҳо имконият дода шавад, тавассути завқу кунҷкобиашон ба фан наздик мегарданд.

2. Хонандагону донишҷӯён дар ҳолате беҳтар мехондагӣ мегарданд, ки омӯзгорон ба онҳо тарзи фаъолтар аз бар намудани донишро ёд диҳанд. Ин дар ҳолате муясар мегардад, ки

байни объектҳои таҳсилот ва фанни таълимӣ майдоне мавҷуд бошад, ки амали забонӣ ва ғайри забониро дар онҳо танзим намоянд. Дар ин бора Сойиб фармудааст:

***Айби устод аст,агар роҳгум занад,***
***Бе чароғи маърифат шогирдҳо.***

3. Хонандагону донишҷӯён маводро он вақт беҳтар аз бар менамоянд, ки омӯзгорон фанро барои осон фаҳмидани онҳо даврабандӣ намоянд. Аз тарафи дигар, дар давраи муҳокимаи ин ё он масъала омӯзгор бояд фикру мулоҳизаҳои шунавандагонро ворид намояд, гар чанде онҳо ба фикру мулоҳизаи омӯзгорон чандон мувофиқ набошанд.

Бояд қайд кард, ки шакли бисёрпаҳлӯи муошират на танҳо имконият медиҳад, ки аз монополияи ҳақиқат даст кашем, балки шароити зарурӣ муҳайё созем, ки тавассути он хонандагон ва донишҷӯён дониши худро таҳрезӣ намоянд. Дар ҳақиқат ҳар як иштирокчии муошират ва баҳс имконият дорад, бо мавқеи дигар иштирокчиёни баҳсу мунозира розӣ шавад, ё роҳи дурусти ҳалли масъаларо пешниҳод намояд.

Барои дар амал татбиқ намудани талаботи мубрами таҳсилоти муосир, шаклҳои нави фаъоли таълим бояд коркард гардад, то имконият бахшад, ки «шубҳа ва иштибоҳ дар баҳс» бе ранҷиши хотир ҳал карда шавад. Дарсҳоро бо истифода аз методҳои фаъоли таълим ба роҳ монда, хонандагонро маҷбур созанд, ки ҳамкориро бо устод дар синфхона қавитар гардонанд.

Муносибати муосир ба таълим, бояд ҳар чӣ бештар ба ворид кардани навгониҳо дар таълиму тарбия такя намояд. Дар мувофиқа ба динамикаи инкишофи фаъолият ва ҳаёт, хусусияти технологияи гуногуни таълим ва талаботи фардӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ дар коркарди донишҳои иҷтимоиӣ фойдаовар, боварибахш, сифатҳои рафторӣ ва муносибат ба таҷрибаи рафторӣ коркард гардад.

Дар Паёми пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «*Ҳукумат барои таъмин намудани пешрафти соҳаи илму маориф ҳамчун соҳаи афзалятноки сиёсати иҷтимоӣ аз тамоми имкониятҳо истифода карда, ба рушди илмҳои техникиву табиатшиносӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад ва доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудан ва васеъ гардонидани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, таъмини самаранокии фаъолияти омӯзгорон ва такмили малакаи педагогии онҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад*».

Имрӯз муайян гардидааст, ки шахсиятро идора кардан муҳим нест, балки ҷараёни инкишофи шахсиятро идора кардан муҳим мебошад. Ин маънои онро дорад, ки афзалият дар кори педагог ба таъсиррасониҳои педагогӣ: дасткашидан аз ҳар гуна усулҳои даъваткунанда ва шиорҳо фаҳмида мешавад. Дар ин ҷо натиҷаро на бо шиору даъваткунӣ, балки бо фаъолияти амалӣ ноил гардидан мумкин мебошад.

Ворид намудани навгонӣ дар таълим ва тарбия дар шароити муосир бештар бо истифода аз усулҳои шавқовари таълим робитадор мебошад, ки бисёре аз омӯзгорон ба он майл надоранд. Калимаи «интерактив» аз лафзи англисии «interact» гирифта шуда, маънои «Inter» – «ҳамкорӣ» ва «act» - фаъолият карданро ифода менамояд.

***Интерактивӣ*** – маънои тавоноии ҳамкорӣ, таъсиррасонӣ ё дар мавқеи режими суҳбат, гуфтугӯ бо касе ё чизе қарор доштан фаҳмида мешавад. Дар ҳақиқат шакли таълими фаъол ё интерактивӣ- ин пеш аз ҳама, таълими муоширатӣ, ки дар рафти он ҳамкории омӯзгор бо хонандагону донишҷӯён амалӣ мегардад каниста мешавад. Бо ин усул гузаронидани дарсро устодоне аз уҳдаяш мебароянд, ки дониши ғанӣ ва таҷрибаи баланди педагогӣ доранд.

*Хусусияти ин ҳамкорӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот дар чӣ зоҳир мегардад?:*

– ба ҳам омадани субъектҳои таълимӣ дар як фазои мусоиди фикрӣ- ақидавӣ;
– дар якҷоягӣ ба майдони ҳалли вазифаҳои мушкил ворид гардидан дар фазои эҷодӣ;
– ба мувофиқа омадан дар интихоби восита ва усули амалӣ гардонидани ҳалли вазифаҳо;
– дар якҷоягӣ ворид гардидан ба ҳолати ғазабӣ, фаро гирифтани холати ташвиш, изтироб, ки барои ҳалли вазифа ва қарор қабул кардан ба майдон меояд.

Моҳияти таълими шавқовар дар он мебошад, ки ҷараёни таълим тарзе ташкил дода шавад, ки тамоми хонандагону донишҷӯён ба ҷараёни донистан ҷалб гардида ва касе аз он берун намемонад. Онҳо дар ин ҷараён имконияти фаҳмидан ва одаткуниро ба фикркунӣ ва донишандӯзӣ пайдо менамоянд.

Фаъолияти якҷояи хонандагону донишҷӯён дар ҷараёни донистан, аз худ кардани маводи таълимӣ маънои онро дорад, ки ҳар як нафар ҳиссаи шахсии худро гузошта, ивазкунии дониш, ақида, тавассути фаъолият рӯй диҳад. Аз ҳама муҳим он мебошад, ки ҳамаи ин тадбирҳо дар фазои ҳамкорӣ ва ба ҳам ёрирасонӣ амалӣ мегарданд ва ба шакли баландарини кооператсия ва ҳамкорӣ бурда мерасонанд.

Тавсифномаи хусусияти моҳиятии шакли фаъоли таълим- ин дараҷаи баланди самти ҳамкории фаъоли субъектҳои ҳамкорӣ, шиддатӣ, ягонагии рӯҳии иштирокчиёни ҷараёни таълим мебошад.

Дар як навиштаҷоти хитоӣ гуфта шудааст: «Ба ман гӯй- ва ман фаромӯш мекунам; ба ман нишон деҳ- ва ман дар хотир нигоҳ медорам; бигузор худам иҷро намоям- ва ман мефаҳмам». Дар ин гуфтаҳо моҳияти таьлими фаъол ниҳон аст. Дар давраи истифода бурдан аз усули фаъоли таълим хонанда, донишҷӯй иштирокчии баробарҳуқуқи ҷараёни қабулкунӣ гардида, таҷрибаи он сарчашмаи асосии донишҳои таълимӣ мегардад.

Фалсафа оғози донишро аз мурољибаи зинда, ба тафаккурӣ абстракт ва аз он ба амалия мансуб медонад. Омӯзгор ҳеҷ гоҳ наметавонад ба хонанда ё донишҷӯ дониши тайёр диҳад, балки тавассути методи фаъоли таълим хонанда ва донишҷӯро ба ҷустуҷӯи мустақилона ҳидоят менамояд. Дар муқоиса бо дарсҳои бо шакли анъанавӣ гузаронидашуда, дар таълими фаъол ҳамкории омӯзгор ва хонандагон тағйир меёбад: фаъолияти омӯзгор ҷояшро ба фаъолияти хонандагон иваз менамояд.

Вазифаи омӯзгор дар ҳолати истифодаи методҳои фаъоли таълим, танҳо муҳайё намудани шароит барои фаъолияти хонандагон мегардад. Омӯзгор аз мавқеи дар худ доштаи расонандаи ахбор даст кашида, ба яке аз сарчашмаҳои расонидани ахбор табдил меёбад. Барои аз худ намудан ва истифода бурдан аз ин усул ба омӯзгор донистан ва истифода бурда тавонистан аз усули гуногуни таълим зарур меояд.

Усулҳои фаъоли таълим метавонанд ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамтаъсиррасонӣ, ҳамбойгардониро таъмин намоянд. Усули фаъоли таълим дар ягон ҳолат дарсҳои лексиониро иваз карда наметавонанд, аммо имконият медиҳанд, ки маводҳои лексионӣ беҳтар аз худ карда шаванд. Дар давраи истифода бурдан аз усули фаъоли таълим, мавқеи омӯзгор қатъиян иваз гардида, симои асосӣ будани он ба охир расида, ӯ танҳо ба ҷараён роҳбарии умумӣ менамояд.

Омӯзгор пешакӣ вазифаҳои зарурриро тайёр намуда, саволҳоро барои муҳокимаи мавзуъ дар коллектив пешкаш менамояд. Омӯзгор машварат дода, вақт ва тартиби гузаронидани нақшаи дар назардоштаро назорат менамояд. Иштирокчиёни ҷараёни таълим ба таҷрибаи иҷтимоии худ ва бегона такя намуда- ба онҳо зарур меояд, ки ба муошрати байни ҳамдигарӣ дохил гарданд ва дар якҷоягӣ вазифаҳои гузошташударо ҳал намоянд. Онҳо бояд дар ин раванд дар якҷоягӣ роҳи ҳалли масъала, нуқтаи умумии назарро пайдо намуда, ба созиш биёянд.

Равоншиносон ба хулосае омадаанд, ки дар ҷараёни муоширати таълимӣ қабули аниқи қарор мушоҳида карда мешавад. Кори хотира зиёд гардида, то як андоза пуршиддат мегардад.

*Пеш аз ҳама шаклҳои фаъоли гузаронидани дарсҳо инҳоянд:*

1. ҳаваси хонандагонро бедор намудан;
2. иштироки фаъолонаи ҳар як хонандаю донишҷӯро дар ҷараёни таълим таъмин намудан;
3. ба ҳиссиёти ҳар як хонандаю донишҷӯ таъсир расонидан;
4. самарабахш аз бар намудани маводи таълимиро таъмин намудан;
5. таъсири бисёрнақшавиро ба хонандагон расонидан;
6. алоқаҳои мухталифро барқарор намудан;
7. дар хонандагон муносибат ва андешаро ташаккул додан;
8. малакаи ҳаётиро дар муҳасилин афзун гардонидан;
9. тағйиротҳои рафториро тавоно гардонидан ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки шароити беҳтарин барои ин тадбир- таҷрибаи шахсии омӯзгор дар раванди машғулиятҳои тамринӣ оид ба усули фаъоли таълим мебошад. Онҳо тавассути иштироки шахсӣ дар бозиҳои «ҳуҷуми ақлӣ» ё мубоҳисаҳо чӣ тавр худро нигоҳ доштанро ёд мегиранд.

*Қоидаҳои асосии ташкили усули фаъоли таълим инҳоянд:*

Қоидаи якум. Тамоми иштирокчиён ба кор дар ин ё он дараҷа ҷалб карда шаванд. Бо ин мақсад манфиатовар он мебошад, ки технология ҷалби иштирокчиёнро ба ҷараёни муҳокима дуруст истифода бурда тавонем, то ки аз доира масъала касе берун набароянд.

Қоидаи дуюм. Дар бораи омодагии равонии иштирокчиён бояд ҳамаҷониба андеша намоем. Сухан дар бораи он меравад, ки на ҳама иштирокчиёни дарс аз ҷиҳати равонӣ дар ин ё он шакл омодаанд, ки ба кор ҳамроҳ гарданд. Дар робита бо ин тамрин ва ҳавасмандкунии доимӣ барои фаъолона иштирок намудан дар кор муҳим мебошад, ки хонандагон то дараҷаи худзоҳиркунӣ расанд.

Қоидаи сеюм. Технологияи фаъоли таълим талаб менамояд, ки теъдоди хонандагон дар синф чандон зиёд набошанд. Миқдори иштирокчиён ва сифати таълим аз ҳамдигар вобастагӣ дорад. Миқдори мутадили иштирокчиёни ҷараён набояд аз 25 нафар зиёд бошад. Танҳо дар ин шароит бо гурӯҳҳои хурд пурмаҳсул кор кардан мумкин аст.

Қоидаи чаҳорум. Омода намудани бино барои кор. Бино бояд барои кор тарзе омода карда шавад, ки иштирокчиён озодона тавонанд нишаста дар гурӯҳи калон ва хурд кору фаъолият намоянд. Барои иштирокчиён инчунин шароити хуби ҷисмонӣ муҳаё кардан зарур аст.

Коидаи панҷум. Мустаҳкамкунии аниқ, раванд ва баргузорӣ.

Дар ин бора бояд дар аввал маслиҳат кард ва кӯшиш бояд ба харҷ дод, ки он вайрон карда нашавад. Масалан: ҳама иштирокчиён ба тамоми нуқтаи назар сабру тоқат зоҳир намуда, озодии сухани ҳар якеро ҳурмат карда, шахсияти касеро таҳқир накунанд.

Қоидаи шашум. Ба тақсим кардани иштирокчиёни семинар ё дарс ба гурӯҳҳо бо диққат муносибат бояд намуд. Беҳтараш он мебошад, ки аз аввал онро дар асоси ихтиёрӣ ташкил диҳем. Пас аз талаботи интихоби тасодуфӣ истифода бурдан зарур аст.

*Шароитҳои ҳатмии ташкили таълими фаъол:*

1.боварӣ, ҳамкорӣ ва то дараҷае муносибатҳои муътадил барқарор намудан байни хонандагон ва омӯзгорон;

2.риояи талаботҳои демократикунонӣ дар таълим ва тарбия;

3.ҳамкорӣ дар ҷараёни муоширати байниҳамдигарии хонандагон ва омӯзгорон;

4.такя ба таҷрибаи шахсии хонандагон, дар ҷараёни таълим, ворид намудани мисолҳои равшан, далелҳо ва образҳо;

5.шаклҳои гуногун ва усули пешниҳоди ахбор, шакли фаъолияти хонандагон ва таъмини тезамалии онҳо;

6.оҳанги дохилӣ ва берунии фаъолияти онҳоро кушода, онҳоро бо ҳам ҳамоҳанг гардонидан.

Шакли фаъоли таълим метавонад ҳамоҳангии баландро таъмин намояд, устувории дониш, эҷодкорӣ ва хаёлоту андешаро дар хонандагон ва донишҷӯён таъмин намояд. Методҳои фаъоли таълим хонандагону донишҷӯёнро дар рӯҳияи дарки технологияи информатсионӣ, мавкеи фаъоли зиндагӣ, рӯҳияи гурӯҳӣ, қимати фардӣ, озодии худзоҳиркунӣ, такя ба фаъолият, ҳурмати ҳамдигар ва демократия омода менамояд.

*Шаклҳои асосии методҳои фаъоли таълим инҳоянд:*

Педагогикаи муосир бо муносибатҳои зиёди фаъоли таълим мусаллаҳ мебошад, ки аз байни онҳо зеринҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

1.ташаккул додани вазифаҳои эҷодӣ;

2.кор дар гурӯҳҳои хурд;

3.ташкил додани бозиҳои таълимӣ (бозиҳои нақшӣ, бозиҳои корӣ ва бозиҳои маълумотӣ);

4.истифодаи захираҳои ҷамъиятӣ (даъвати мутахассисон, ташкили саёҳат);

5.лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва дигар усулҳои беруназаудитории таълим (мусобиқа, интервю, кино, спектакл, намоишҳо);

6.омӯзиш ва мустаҳкамкунии маводи нав (лексияҳои фаъол, кор бо асбобҳои айёнӣ, маводҳои видеоӣ ва аудиоӣ, «хонандагон дар нақши омӯзгор», «ҳар кас ҳар касро меомӯзонад», мозаика, истифодаи саволҳо, гуфтугӯи муфассал);

7.гузаронидани пурсишнома;

8.машқҳо;

9.алоқаи баргарданда;

10. таълими фосилавӣ;

11. муҳокимаи савол ва проблемаҳои мураккаб ва баҳснок (оид ба мавқеи ишғолнамуда, мактаби андеша, формула);

12. ҳалли проблемаҳои («дарахти ҳал», «муҳосираи ақлӣ», «таҳлили муаммоҳо», «гуфтушунидҳо ва медиатсия», «норбон ва морчаҳо»);

13. тренингҳои мақсаднок.

Истифода бурдан аз тамоми ин усул боиси баланд гардидани сифати таълим хоҳад шуд, аммо ками омӯзгорон ба он диққат зоҳир менамоянд.

**АДАБИЁТ:**


1. Амонашвили, Ш.А. Размышления о гуманной педагогике [Текст] / Ш. А. Амонашвили, М. ВЛАДОС, - 2003. - 469 с.
2. Азарова, А. Метод ролевой игры [Текст] / А.Азарова. - Спб.: Речь, - 2011. - 352с.
3. Белкин, А.С. Витагенное образование. Голографический подход [Текст]:
4. Белкин, А.С. Н.К. Жукова. - Екатеринбург, 1999 - 147 с.
5. Белкин, А.С. Основы возрастной педагогики [Текст] / А.С.Белкин. М: Академия, 2000 - 192 с.
6. Беспалько, В.П. Образование и обучение с участием компьютеров [Текст] / В.П. Беспалько. - М.: Бином, 2005. - 349 с.
7. Беспалько, В.П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения [Текст] / В.П.Беспалько . - М., 2002. - 215 с.
8. Воронин, А.С. Словарь терминов по общей и социальной педагогике [Текст] / Воронин, А.С. - Екатеринбург: ГОУ ВПО УГТУ-УПИ, - 2006. - 135 с.
9. Галишникова, Е. М. Использование интерактивной доски в процессе обучения: учитель [Текст] / Е. М. Галишникова. - М., 2007. - 241 с.


**РАВИШҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР БЕҲДОШТИ СИФАТИ ТАЪЛИМ**

Дар мақола сухан дар бораи таҳқиқотҳои педагогӣ, равонӣ ва сотсиологӣ меравад, ки агар мо муносибатамонро ба таълим дар асоси дастуру супоришҳои Ҳукумат ва Вазорати маорифу илм ба роҳ монем, дар солҳои наздик аз аломату нишонаҳои фаъол набудани хонандагон дар ҷараёни таълим ва мавқеи шунавандаи оддиро ишғол намудани онҳо ному нишоне боқӣ нахоҳад монд. Мақсаду мароми асосии методҳои фаъоли таълим низ аз он иборатанд, ки сифат ва мазмуни таълим боло равад. Дар раванди ҷаҳонишавӣ дар кори таълим қонуниятҳои муайяне мавҷуданд, менависанд тадқиқотчиёни амрикоӣ Р. Карникау ва Ф. Макэлроу, ки мутобиқи онҳо хонанда ё умуман инсон, қудрате дорад, ки 10 % маводи хондашуда; 20 % – маводи шунида; 30 % – маводи муоинанамуда; 50% – маводи дидаю шунида; 80% – маводеро, ки худаш мегӯяд; 90% – он маводеро, ки дар фаъолияташ ба он зинаи маърифатӣ расидааст фаҳмида гирад.

**Калидвожаҳо:** *таҳқиқотҳои педагогӣ, психологӣ, сотсиологӣ, методҳои анъанавӣ, методҳои фаъоли таълим, сифат, мазмун, тарз, усул, муносибат, технология.*

**АКТИВНЫЕ МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ В ПОВЫШЕНИИ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ**

В статье говорится о педагогических, психологических и социологических исследованиях, и если мы организуем свой подход к образованию на основе указаний и назиданий Правительства и Министерства образования и науки, в ближайшие годы сможем выявить признаки и симптомы бездействия учащихся в процессе обучения и занятия. Основная цель активных методов обучения – повышение качества и содержания образования. В процессе глобализации образования существуют определенные закономерности, пишут американские исследователи Р. Карников и Ф. Мак Элроя, по их мнению, учащийся или вообще человек в целом сможет усвоить 10% прочитанного материала; 20% - прослушанного материала; 30% – наблюдаемого, исследуемого материала; 50% – увиденного и услышанного материала; 80% — материал, который он говорит сам; 90% - понять материал, достигший в своей деятельности когнитивного уровня.

**Ключевые слова:** *педагогические, психологические, социологические исследования, традиционные методы, активные методы обучения, качество, содержание, вид, метод, отношение, технология.*

**ACTIVE LEARNING METHODS IN IMPROVING THE QUALITY OF EDUCATION**

The article talks about pedagogical, psychological and sociological research, which, if we organize our approach to education based on the instructions and edifications of the Government and the Ministry of Education and Science, in the coming years we will be able to identify signs and symptoms of student inaction in the learning process and their occupation of the position of ordinary people listeners will not be left without a trace. The main goal of active learning methods is to improve the quality and content of education. In the process of globalization of education, there are certain patterns, write American researchers R. Karnikov and F. McElroy, in their opinion, a student or a person in general will be able to learn 10% of the material read;

20% - listened material; 30% – observed, studied material; 50% – material seen and heard; 80% is stuff he says himself; 90% - understand the material that has reached the cognitive level in its activity.

**Key words:** *pedagogical, psychological, sociological research, traditional methods, active teaching methods, quality, content, type, method, attitude, technology.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Махкамов Дастам - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, сурога: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2, Тел: 93.502.15.64.*

**Сведение об авторе:** *Махкамов Дастам – кандидат педагогических наук, заведующий отделом начального, среднего и высшего образования Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А.Адхамова, 11/2. Тел: 93.502.15.64.*

**Information about the author:** *Makhkamov Dastam - candidat jf pedagogical sciences, head of the department of primary, secondary and higher education at the Institute for educational development named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan. addres: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, A.Adamov street, 11/2, Tel: 93.502.15.64.*

**ТДУ:-148.05**

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***Файзуллоева И.***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Бозӣ дар таълим фаъолияти асосии пешбаранда ба шумор меравад. Маҳз тавассути бозӣ шаклҳои нав, ки гузариши кӯдакро ба синну соли хурди мактабӣ омода мекунанд, ташаккул меёбад. Ин аст, ки бозӣ "мактаби ахлоқ дар амал" ҳисобида мешавад. Бозӣ ин раванди табиӣ буда, инсонро дар тамоми муддати зиндагӣ ҳамроҳӣ мекунад. Дар кӯдакӣ бозиро ёд мегиранд, дар мактаб хонандагон тавассути бозӣ дониш ва маҳоратро аз худ мекунанд. Дар илми умумибашарӣ мавзуи бозӣ яке аз масъалаҳои муҳим шуморида мешавад ва солҳост, ки муҳаққиқон ба омӯзиши бозӣ машғуланд.

Бозӣ ин усули фаъоли аз худ кардани мақсадҳо ва вазифаҳои таълимӣ маҳсуб меёбад. Бозӣ ин усули шавқманд кардани хонандагон, ҳавасманд намудан ба фаъолият дар дарсҳо, ҳамчунон дар ҳолати азхудкунии дониш, маҳорат ва малака тавассути бозӣ лаззат бурдан мебошад. Бозӣ ба хотир гирифтани маълумот, ислоҳи хатоиҳо, ҳавасмандии хонандагонро афзоиш медиҳад. Зимни бозӣ хонандагон мутамарказ кардани диққат, мустақилона фикр карданро меомӯзанд, ки ин ҳама диққатро инкишоф дода, шавқмандиро нисбати аз худ кардани донишҳо афзоиш медиҳанд. Бозӣ ба хонандагон шароит муҳайё менамояд, то ки шиддатнокии эмотсионалиро аз байн баранд, қобилиятҳои эҷодиву муоширатии худро инкишоф диҳанд.

Хонандагон дар раванди бозӣ маводи навро аз худ мекунанд, дар ҳолати ғайриоддӣ фаъолият карда, захираи луғавии худро ғанӣ мегардонанд ва қобилияти эҷодии худро ташаккул медиҳанд. Хонандагони сустхон низ дар ин ҷараёни бо хоҳиши зиёд ба бозӣ ҷалб гардида, соҳиби донишу маҳорат мешавад.

Дар раванди таълим бозӣ вазифаҳои:

-дилхушкунанда;
- муоширатӣ;
- иҷтимоӣ;
- тарбиявӣ;
- равонӣ;
-таълимӣ;
- рушддиҳандаро иҷро менамояд.

Фаъолияти бозии хонандагон дар дарс ҳамчун муқаддима, шарҳдиҳӣ, машқ кардан, мустаҳкам кардан, назорати маводи таълимӣ, ҳамчунин усули коркарди мустақилонаи

маводи таълимӣ ба шумор меравад. Бозиро ҳам дар дарс ва ҳам дар чорабиниҳои берун аз дарсӣ истифода бурдан мумкин аст.

Нақши бозӣ дар дарс ва вақти барои бозӣ ҷудо карда аз омодагии хонандагон барои аз худ кардани маводи таълимӣ, мақсади аниқ ва шароити дарс вобаста аст.

Истифодаи бозӣ дар дарс барои иҷрои вазифаҳои муҳимми методӣ мусоидат менамояд:

- омодагии хонандагон ба муоширати нутқӣ;
- таъмин намудани зарурияти воқеӣ барои такрори маводи забонӣ;
- машқи хонандагон дар интихоби намунаи нутқӣ, омодагӣ барои нутқи равону фасеҳ.

Барои ҳар як одам вожаи “бозӣ” ҳамчун манбаи хушҳолӣ, шавқу ҳавас, эҳсоси мусбат ва имконияти муошироти озод қабул мегардад. Дар раванди фаъолияти бозӣ идрок инкишоф ёфта, дарки иттилооти нав осон мегардад, шавқмандии маърифатӣ афзоиш меёбад.

Бозии дидактикӣ амсоли дигар бозиҳо дар худ фаъолияти мустақилро соҳиб буда, пеш аз ҳама, бо мақсадҳои таълимӣ ва тарбиявӣ мавриди истифода қарор дорад.

Бозии дидактикӣ ин технологияи таълимиест, ки махсусияти фаъолнокии хонандагонро дар худ инъикос менамояд. Тавассути бозии дидактикӣ азхудкунии муфиди иттилооти нав дар намуди фаъолияти эмотсионалии бозӣ имконпазир гашта, ҳавасмандии маърифатӣ афзоиш меёбад.

Бозии дидактикӣ инчунин намуди фаъолияти таълимиест, ки хонанда дар як вақт ҳам меомӯзад ва ҳам ба бозӣ машғул мешавад. Бозии дидактикӣ ҳамчун яке аз методҳои асосӣ дар таҷриба ва амсилаи педагогӣ эътироф гашта, ба васеъ намоӣ, азхудкунӣ ва мустаҳкамкунии дониш равона карда мешавад. Бозии дидактикӣ ин намудҳои гуногуни бозӣ бо қоидаҳои махсусе мебошад, ки бо мақсади таълиму тарбия бо иҷро намудани фаъолияти педагогӣ амалӣ карда мешавад [1, с.11].

Чуноне ки болотар зикр намудем, бозии дидактикӣ, пеш аз ҳама, барои ҳалли вазифаҳои таълимии хонандагон истифода мешавад, аммо дар онҳо ҳадафҳои тарбиявӣ ва ташаккулдиҳии шахсияти хонанда низ ҷой доранд.

Моҳияти бозиҳои дидактикӣ дар он ҳувайдо мегардад, ки дар вақти бозӣ хонандагон вазифаҳои зеҳнии дар пеши онҳо гузошташударо ба шакли бозии шавқовар ҳал мекунанд. Хонанда худ ҳалли супоришҳоро меёбад ва дар як вақт душвориҳоро бартараф менамояд.

Бояд хотиррасон намоем, ки ба туфайли бозиҳои дидактикӣ ба хонандагон осон ҳазм намудани дониш имконпазир мегардад, зеро дар раванди бозӣ онҳо худро озод ҳис намуда, фаъолнокӣ ва қобилияти кориашон бештар мегардад [11, с.22].

Муҳаққиқи варзида Пидкасистий Л.И. қайд мекунад, ки бозии дидактикӣ ин фаъолияти коллективӣ ва мақсадноки таълим буда, дар он ҳар як ширкаткунанда барои ҳалли супориши асосӣ кӯшиш намуда, барои пирӯз гаштан талош менамояд [3, с.18].

Бозиҳои дидактикӣ на танҳо барои фаъол кардани фаъолияти фикрию нутқӣ кумак менамоянд, балки тавассути онҳо омӯзгор фазои муоширатӣ фароҳам меорад. Ин фазо ба муошироти воқеӣ наздик аст, зеро дар муассисаҳои таълимӣ барои таҷрибаи амалии забон вақти маҳдуд ҷудо карда шудааст. Дар раванди бозӣ омӯзгор хонандагонро ба фазои мусоид ҷалб менамояд ва раванди таълимро дилхушкунандаву шавқовар карда, ба хонандагон таъсири эмотсионалӣ мегузорад. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки фаъолияти хонандагонро гуногун намуда, ҳавасмандии таълимиро афзоиш диҳад.

Дар вақти гузаронидани бозиҳои дидактикӣ ҳама гуна омезиши рушди зеҳнӣ, ахлоқӣ ва эмотсионали сурат мегирад.

Раванди бозӣ ба ҳалли супориши дидактикӣ тобеъ аст, ки ба мавзуи муайяни барномаи таълимӣ тааллуқ дорад. Бозиҳои дидактикӣ имкон медиҳад, ки на танҳо вазифаҳои методиро ҳал намоем, балки онҳо ба ҳалли вазифаҳои психологӣ низ мусоидат менамоянд. Чунончи:

- ба хонандагон барои омодагии фаъолияти нутқӣ ва муошират кумак менамоянд;
- ба хонандагон имкони чандин маротиба такрор кардани маводи забониро дар муҳити воқеӣ муҳайё менамоянд;
- омодагии хонандагонро барои интихоби намунаи нутқӣ таъмин месозанд ва ин омодагӣ барои нутқи равон дар шароити воқеии ҳаёт муоидат менамоянд;

- фазои мусоиди психологиро муҳайё менамоянд, ки он ҷо хасташавӣ ва шиддатнокӣ бартараф карда мешаванд.

Фаъолияти бозӣ ба дониш, маҳорату малакаи дар дарс аз худ кардаи хонандагон такя менамояд ва барои ҳалли оқилонаи муфид кумак менамояд. Ҳамчунон хударзёбӣ ва аз нигоҳи интиқодӣ нисбати худ ва атрофиён муносибат кардан инкишоф меёбад.

Дар вақти истифодаи бозиҳои дидактикӣ омӯзгор барои фаъол намудани фаъолияти маърифатии хонандагон бояд чунин шартҳоро ба эътибор гирад, то ки ҳавасмандии хонандагон нисбат ба таълим афзоиш ёбад:

- доштани ҳаҷми муайяни дониш оид ба ягон фан;
- мавҷуд будани малакаи фаъолияти таълимӣ - бозӣ;
- фаҳмидани мақсад ва вазифаҳои бозиҳои дидактикӣ;
- мувофиқ будани ҷузъиёти бозӣ ба синну соли хонандагон;
- аз тарафи хонандагон дарк намудани аҳамияти таълимии бозии дидактикӣ;
- мавҷуд будани рефлексия;
- сарфаҳм рафтани хонанда баъди анҷоми бозӣ ба дарки дониши азхудкарда.

Бештар технологияи бозӣ дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди истифода қарор мегирад. Аммо бозиҳои дидактикиро дар ҳамаи марҳилаҳои таҳсил истифода намудан самаранок мебошад.

Методикаи бозӣ дар мактаб нисбат ба синну соли дигар хонандагон фарқкунанда аст. Бозиҳои дидактикӣ хусусиятҳои зеринро дар бар мегиранд:

1. Мақсаднокӣ.
2. Ахборотӣ.
3. Муоширатӣ.
4. Мавҷуд будани мақсади таълимӣ.
5. Муаррифии натиҷа дар ягон намуд.
6. Рақобат.
7. Эҷодкорӣ.
8. Хоҳишмандӣ.

Ба таври анъанавӣ чор сохтори бозиҳои дидактикӣ муайян гардидааст:

- вазифаи дидактикӣ;
- фаъолияти дидактикӣ;
- қоидаи бозӣ;
- натиҷаи ниҳоӣ ва арзёбӣ [11, с.24].

Махсусиятҳои бозиҳои дидактикиро ба эътибор гирифта, тибқи имкониятҳои онҳо зикр кардан мумкин аст, ки бозиҳои дидактикӣ яке аз роҳҳо ва методҳои ҳавасманд намудани хонандагон ба раванди таълим донита мешавад. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар дарсҳо, махсусан дар дарсҳои забону адабиёт, забонҳои хориҷӣ дар хонандагон малакаву маҳорати муошират, муҳокимарониро, фарҳанги муошират ва малакаи кор дар коллектив ташаккул медиҳад, имкон фароҳам меорад, ки хонандагон нуқтаи назари худро дошта бошанд.

Бозиҳои дидактикӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки вақтро барои фаҳмонидани таълим сарфа намояд. Бозиҳои дидактикие, ки барои васеъ намудани ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти маърифатӣ истифода мешаванд, дар хонандагон маҳорату малакаи муайянро ташаккул медиҳанд. Ин маҳорату малака барои фаъолияти амалӣ дар вақти иҷро ва ташаккули маҳорату малакаи умумитаълимӣ зарур буда, дар ташаккули малакаи меҳнатӣ саҳм мегузоранд.

Ба ақидаи аксари муҳаққиқон чунин хосиятҳои бозиҳои дидактикӣ асосӣ мебошанд:

а) бозиҳои дидактикӣ кушоду озоданд ва натиҷаи бозӣ пешгӯйӣ карда намешавад.

б) бозиҳо такроршавандаанд, онҳоро аз нав истифода кардан мумкин аст.

в) бозиҳои дидактикиро қоидаҳои муайян идора мекунанд ва ширкаткунандагон метавонанд ба ин қоидаҳо тағйирот ворид намоянд.

г) бозиҳои дидактикӣ бояд қаноатмандӣ ва хушҳолӣ оранд.

Бозиҳои дидактикӣ на танҳо ҷузъиёти ҷудонашавандаи таълими фаъол ба шумор мераванд, балки аҳамияти онҳо дар раванди таълим бештар эҳсос мегардад. Аломати махсуси бозии дидактикӣ дар мақсаднокӣ, банақшагирӣ, мавҷудияти мақсади таълимӣ ва натиҷаи дар

назар дошташуда зоҳир меёбад. Бозиҳои дидактикӣ ҳамчун бозиҳои махсуси бо мақсади таълимӣ ташкил кардашуда мебошанд [11, с.31].

Бозиҳои дидактикӣ, албатта, вобаста ба вақт маҳдуданд ва натиҷаи муҳими педагогии онҳо дар ташкили маводи моддӣ барои бозӣ, ки ба самти фаъолияти таълмию бозӣ равона карда шудаанд, ифода меёбад.

Дар бозиҳои дидактикӣ маҷмуи фаъолияти гуногуни хонандагон ба монанди фикррониӣ, ҳиссиёт, ҳаяҷон, изтироб, ҷустуҷӯйи усул фаъоли ҳалли вазифаҳои бозӣ, тобеъ будан ба шароит ва ҳолати бозӣ мавҷуданд. Бояд қайд намоем, ки бо истифодаи бозиҳои дидактикӣ диққати хонандагон ва ҳатто хонандагони душвортарбияро ба таълим равона намудан, ҳавасмандии маърифатиро дар онҳо ташаккул додан имкон дорад. Дар аввал хонандагон ба раванди бозӣ ҷалб мегарданд ва тадриҷан дар онҳо ҳавасмандӣ нисбат ба таълим пайдо мегардад ва қобилияти истифода намудани донишҳои гирифтаашон дар амалия ташаккул меёбад.

Бозиҳои дидактикиро ба таври васеъ ҳамчун воситаи таълим, тарбия ва рушд истифода намудан мумкин аст. Таъсирбахшии таълимӣ дар он зуҳур меёбад, ки фаъолияти бозӣ ба таври автоматикӣ раванди таълимиро инъикос намуда, таваҷҷуҳи хонандагонро ба омӯзиш равона менамояд.

Яке аз воситаҳои муҳимми истифодаи бозиҳои дидактикӣ ин тақлид ва амсилаи фаъолияти институтҳои иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ мебошад. Чунин намудҳои бозиҳои дидактикӣ на танҳо вазифаи маърифатӣ доранд, балки ба инкишофи ҷаҳонбинӣ ва ҳолати эмотсионалии хонандагон тағйироти зиёд ворид менамоянд.

Ин ҷо маврид ба зикр аст, ки барои бозиҳои тақлидӣ ва амсиласозӣ вақт ва саъю кӯшиши зиёд сарф мешавад, зеро гузаронидану муҳокимаи натиҷаҳо инро тақозо менамояд. Бозиҳои дидактикӣ аз рӯйи фаъолияти маърифатии таълимӣ фарқ мекунанд. Ҳамчунон он ҷо аз рӯйи фаъолият, қонун ташкил ва фаъолияти байниҳамдигарии хонандагон, нақши омӯзгор фарқ мекунад.

Аломатҳои дар боло ёдрас шуда ба ҳамаи намудҳои бозӣ хосанд. Дар маҷмуаҳои муосир бештар 500 бозиҳои гуногуни дидактикӣ ёдрас мешаванд. Аммо то ҳол таснифи аниқи бозиҳо коркард нашудааст. Аксар вақт бозиҳо аз рӯйи вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ тасниф мешаванд. Дар чунин таснифот намудҳои зерини бозиҳо нишон дода шудаанд:

- бозиҳо барои тарбияи ҳиссиёт;
- бозиҳои шифоҳӣ;
- бозиҳо барои шиносоӣ бо табиат, баъзан бозиҳо ба ашёҳо муносибат доранд:
-бозиҳо бо бозичаҳои дидактикӣ;
- бозиҳои мизӣ ва ҳуруфчинӣ;
- бозиҳои шифоҳӣ;
- бозиҳои суҷаи қалбакӣ дошта.

Чунин гурӯҳбандии бозиҳо дорои самти таълимӣ мебошанд. Дар таҳқиқоти қаблӣ мо якчанд намуди бозиҳои дидактикиро ҷудо намуда, тибқи намудҳои фаъолияти хонандагон гурӯҳбандӣ карда будем. Чунончи:

- бозӣ-саёҳат;
- бозӣ-супориш;
- бозӣ-пешгуйикунӣ;
- бозӣ-чистон;
- бозӣ-суҳбат;
- бозӣ-муколамма.

Бозӣ - суҳбат бештар ба афсона, инкишофи он ва муъҷизаҳо шабоҳат дорад.

Бозӣ - саёҳат далелҳо ва ҳодисаҳои воқеиро инъикос менамояд. Дар онҳо чизҳои оддӣ ба таври ғайриоддӣ, осон-тавассути чистон, тавассути бартарафкунии душворӣ, шавқовар омӯхта мешавад.

Мақсади бозии саёҳат таассуроти хонандагонро инкишоф дода, таваҷҷуҳи хонандагонро ба олами атроф равона намуда, вазифаҳои таълимиро иҷро намудан мебошад. Бозиҳои саёҳатӣ таваҷҷуҳи мушоҳидакорӣ, ба таври осон мушкилиҳоро бартараф кардан ва ба комёбӣ ноил шуданро ба хонандагон меомӯзонад. Маҳз ҳамин ҳолат шавқмандӣ ва

фаъолнокии хонандагонро ҳангоми ширкат варзидан дар бозӣ бештар менамояд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки қоидаҳои бозиро риоя намуда, вазифаи пеши онҳо гузошташударо ҳал намоянд, чизи навро омӯзанд. Нақши омӯзгор дар ин бозиҳо махсус мебошад, дониши зиёд тақозо менамояд, омода будан барои ба саволҳои хонандагон ҷавоб додан, бо хонандагон якҷоя бозӣ карда раванди таълимиро идора намудан ба шумор меравад.

Бозӣ - саёҳат ин бозии фаъолияти фикрронӣ, эҳсоси хонанда буда, шакли қаноатмандии онҳо аз дониши азхудкардаашон мебошад.

Бозӣ - супориш низ он ҷузъиётро дар бар мегирад, ки бозӣ - саёҳат дорад. Асоси чунин бозиҳоро амал кардан бо ашёҳо, бозичаҳои дидактикӣ, супоришҳои шифоҳӣ ташкил медиҳанд. Вазифаҳои бозӣ ва фаъолияти бозии чунин бозиҳо маҳорати мутобиқ кардани дониш бо вазъияти воқеӣ муайян кардани алоқаҳои байниҳамдигарӣ мебошад.

Бозиҳо - чистонҳо. Албатта пайдоиши чистонҳо худ ба гузаштаи дур алоқаманд аст ва онҳо имрӯз низ ҳамчун бозии дидактикӣ мавриди истифодаи васеъ қарор доранд.

Махсусияти бозии асосии чистонҳо дар вазифаи мантиқӣ доштани онҳо зуҳур меёбад. Чистонҳои вазифаҳои мантиқӣ доштаи гуногунанд ва онҳо ба инкишофи фикрронии мантиқӣ ва қобилияти зеҳнии хонандагон мусоидат менамояд. Чистонро ёфта хонанда таҳлил, ҷамъбасткуниро меомӯзад ва маҳорати муҳокимаронӣ, хулосабарориро ташаккул медиҳад.

Бозӣ - муколама асосан муоширати омӯзгор бо хонанда ва байни хонандаҳо ба шумор меравад. Чунин муошират хусусияти таълимӣ ва фаъолияти бозиро дар бар гирифта, ба ташаккули салоҳияти муоширатии хонандагон мусоидат менамояд.

Дар бозиҳои муколама омӯзгор аксар вақт суҳбатро аз номи қаҳрамонҳои дӯстдоштаи бачагон оғоз намуда, хушҳолӣ, муоширати озод фароҳам меорад ва хонандагон барои такрор намудани суҳбат хоҳиш пайдо мекунад.

Бояд қайд кард, ки мазмуни маърифатии бозӣ - суҳбат набояд рӯякӣ бошад, балки он барои ягон дониши навро омӯхтан равона гардад.

Аз рӯйи мақсади худ ва имконият бозӣ дар бештари ҳолатҳо аз ҳадди таълими фаъол берун мебарояд ва ҳамчун системаи зарурии фаъолияти педагогӣ дар маҷмуъ ба шумор меравад. Вазифаи омӯзгор дар он аст, ки бояд вазъияти максималии педагогиро пайдо намояд, то ки хонандаро ба фъолияти маърифатӣ ҷалб намояд. Омӯзгор бояд ҳамеша раванди таълимро инкишоф диҳад, то ки ин барои азхудкунии барномаи таълим мусоидат намояд. Аз ин ҷо дар дарсҳо истифодаи бозиҳои дидактикӣ хеле муҳим мебошад. Бозӣ барои муошират, азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаи нав, инчуни арзёбӣ карда тавонистани фаъолияти якдигар мусоидат менамояд. Ҳамчунон ба хонандагон ба рафтори худ баҳо додан, коллективизм, фаъолнокӣ, интизом, мушоҳидакорӣ, бодиққатӣ, ҳисси масъулиятро меомӯзонад.

Дар бозиҳои дидактикӣ ба назар гирифтани талаботи зерин муҳим мебошанд:

1. Ҳар як бозии дидактикӣ бояд супоришҳоеро дарбар гирад, ки ба инкишофи қобилияти зеҳнӣ ва тарбиявии онҳо равона бошад.

2. Дар бозии дидактикӣ мавҷуд будани супориши ҷолиб, ки ҳалли он кушиши зеҳниро тақозо менамояд ва зарурияти бартараф кардани мушкилӣ пеш меояд, ҳатмӣ мебошад.

3. Мақсади дидактикӣ бояд бо машғулияти дилхушкунанда, ҳазлу шӯхӣ иҷро гардад. Ба бозӣ машғул шуда, хонандагон кӯшиши зеҳнӣ менамоянд ва худ рафти бозӣ иҷрои вазифаҳоро осон менамояд.

4. Бозӣ бояд ҳавасмандии хонандагонро нисбат ба дарс бедор намояд ва дар хонанда шавқи иҷрову ҳалли супоришро ба вуҷуд оварад.

5. Омӯзгор бозиҳоро бояд хуб омода намуда, барои гузаронидани он пешакӣ тайёрӣ бинад. Муҳим аст, ки хонандагон муҳимии иҷрои супоришро дарк намоянд.

6. Бозиҳои гурӯҳӣ бояд дар фазои озоди эҷодӣ гузаронида шуда, дар хонандагон ҳисси қаноатмандӣ аз хушҳолиро бедор намояд.

7. Бозиҳо бояд чунин сурат гиранд, ки хонандагон мақсади таълимии бозиҳоро дарк намояд ва фаъолнокии худро нишон диҳанд.

Ҳамин тариқ, бозии дидактикӣ ин фаъолияти таълими фаъол бо амсилаи тақлидӣ барои омӯзиши зуҳурот, равандҳо ба шумор меравад.

Бозии дидактикӣ ҳамчун воситаи таълим имконияти зиёди фаъолгардонии раванди таълимро дар худ дорад. Хонандагон дар вақти бозӣ танҳо дар доираи маълумот оид ба зуҳурот, ки дар вақти бозӣ шинос мешаванд, маҳдуд нагашта, фаъолона мафҳумҳои навро аз худ мекунанд. Онҳо дар раванди бозӣ на танҳо ба инъикоси олами атроф шинос мегарданд, балки фаъолона вазифаи зарурии таълимиро аз худ менамоянд. Чунин корҳои таълимӣ аз қабили шумурдан, хондан, ба хотир гирифтан, ки хонандагон дар раванди дарс хоҳиши аз худ карданро надоранд, дар вақти бозӣ бо хушҳолӣ аз тарафи онҳо иҷро мегарданд. Ҳамчунон дар хонандагон хоҳиши такрор кардани бозӣ пайдо мешавад ва ин барои ба осонӣ аз худ кардан ва мустаҳкам намудани дониш, маҳорат ва малака боис мегардад.

**АДАБИЁТ:**

1. Агамова Н.С. Народные игры для детей, организация и методика. М, 1995.
2. Былеева Л.В.. Коротков М.М. Подвижные игры. М.,1982. Development of creativity.docx. Санаи муроҷиат 30.01.2024.
3.Водовозова Е.Н. Умственное и нравственное воспитание детей от первого проявление сознания до школьного возраста. -Москва, 2019.-400 с.(захирахои электронӣ. Санаи муроҷиат 30.01.2024).
4. Выготский, Л. С. Воображение и творчество в детском возрасте. [Текст] / Л. С. способную Выготский. – СПб. : особенностью СОЮЗ, 2017. – 93 с. (захираҳои интернетӣ. Санаи муроҷиат: 29.08.2020 г.).
5. Выготский, Л. С. Обучение и развитие в дошкольном возрасте. (Захираҳои электронӣ / Л.С. – URL: http://psychlib.rur/VUR-0201.htm#1 (санаи муроҷиат: 29.01.02.2024).
6. Иматова Л.М. Асосҳои методии таҳқиқи инкишофи нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ.- Душанбе, 2013.-142 с.
7. Иматова Л., Маҷидова Б., Мирхонова Н. Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак(аз таваллуд то 7(6) солагӣ).-Душанбе, 2012.
8. Лутфуллоева П. Истифодаи бозӣ дар дарсҳои забони англисӣ. Дастури таълимӣ – методӣ. Душанбе – 2021. 47 саҳ.
9. Макаренко А.С. Семья и воспитание детей.-М.: Педагогика, 1984.-200 с.(захираҳои электронӣ. Санаи муроҷиат: 30.08.2020.
10. Маҷидова Ҳ. Педагогикаи томактабӣ. Қисми 1,2.-Душанбе, 2011.
11.Орлова, М. А. Игры для развития творческих способностей / М.А. Орлова. -М.:Лада,2016.-160 с.
12.Файзуллоева И. Технологияи инноватсионии таълими забону адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Дастури илмию методӣ. Душанбе-2022.

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Дар мақола иброз дошта мешавад, ки истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳамчун воситаи таълим аҳамияти махсус дорад. Бозӣ ҳамчун усули фаъоли таълим барои аз худ кардани мақсадҳо ва вазифаҳои таълимӣ, инчунин шавқовар гардонидани раванди таълим, ҳавасманд намудани хонандагон ба фаъолият, баланд бардоштани сатҳи дониш, ташаккули маҳорат ва малакаҳо, ба хотир гирифтани иттилоот, ислоҳи хатоиҳо ва рушди қобилияти муошират мусоидат менамояд. Хонандагон тавассути бозиҳо на танҳо ҳодисаҳои олами атроф шинос мегарданд, балки фаъолона вазифаи зарурии таълимиро аз худ менамоянд.

**Калидвожаҳо:** *бозиҳои дидактикӣ, раванди таълим, усули фаъоли таълим, дониш, маҳорату малака, қобилиятҳои муоширатӣ ва эҷодӣ, мақсад ва вазифаҳои таълим.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ДИДАКТИЧЕСКИХ ИГР В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ

В статье отмечается, что использование дидактических игр как средства обучения имеет особое значние. Игра как активный метод обучения позволяет освоить учебные цели и задачи, а также сделать учебный процесс интересным, побудить учащихся к работе, повысить уровень знаний, развить навыки и умения, запомнить информацию, исправить ошибки, и способствовать развитию коммуникативных навыков в обществе. Также подчеркивается, что в процессе игры учащиеся не только знакомятся с окружающем миром, но и активно выполняют необходимое учебное задание.

**Ключевые слова:** *дидактические игры, учебный процесс, активный метод обучения, знания, умения, коммуникативные и творческие способности, цели и задачи образования.*

**THEORETICAL ASPECTS OF USING DIDACTIC GAMES IN THE EDUCATIONAL PROCESS**

The article notes that the use of didactic games as a teaching tool is of particular importance. Game as an active learning method allows you to master educational goals and objectives, as well as make the learning process interesting, motivate students to work, increase the level of knowledge, develop skills and abilities, remember information, correct mistakes, and promote the development of communication skills in society. It is also emphasized that during the game, students not only get acquainted with the world around them, but also actively carry out the necessary educational task.

**Key words:** *didactic games, educational process, active learning method, knowledge, skills, communicative and creative abilities, goals and objectives of education.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Файзуллоева Иноят-ходими пешбари шуъбаи коркард ва татбиқи технологияи инноватсионии таълими (таҳсилоти 12-сола) ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ; тел.917686676.*

**Сведение об авторе:** *Файзуллоева Иноят – ведущий сотрудник отдела разработки и внедрения инновационных образовательных технологий (12-летнее образование) Института развития образования имени Абдуррахмана Джами; тел.917686676.*

**Information about the author:** *Faizulloeva Inoyat – leading employee of the department of development and implementation of innovative educational technologies (12-year education) of the Institute for Educational Development named after Abdurrahman Jami; tel.917686676.*

**ТДУ:37:295**

## ПЕДАГОГИКАИ МИЛЛӢ ВА ТАШАККУЛИ ЗАМИНАҲО ДАР ДАВРАИ ЭҲЁИ АҶАМ

***Хоҷаева Г. Ҷ.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Педагогикаи миллии халқи тоҷик ҳамчун илм падидаи нисбатан нав ба ҳисоб рафта, унсурҳои ибтидоии тарбияро ташкил медиҳад. Он ифодагари зиндагӣ ва орзую омоли мардум аст, фарозу нишебиҳо, кӯҳу кӯталҳоро дида, намаки ватандорию ғарибиҳоро чашида, мисли халқ ҳамеша хушбин ва тароватбахш аст.

Фалсафаи миллати тоҷик педагогикаи миллӣ назарияи диалектики маърифатро ташкил дода, муарифгари андешаи миллӣ, афкори педагогии халқамон, ғояҳои худшиносӣ, ваҳдати миллӣ ва ватандӯстӣ мебошад.

Тавасути тарбия ва таълими шуурона ва бомақсад, ғановати ҷаҳони маънавии рушд ва ташаккули шахс танзими фаъолияти инсон ҳамчун илм дар зиндагист.

Фарҳанги тоҷикон манбаъҳои зиёди хаттӣ дошт, аммо аксарияти он, мутаассифона, бо мурури замон ва дар натиҷаи истилои араб аз байн бурда шуданд. То пайдо шудани хат (пас аз он ҳам) унсурҳои афкори педагогӣ дар расму ойинҳо ва эҷодиёти бадеии шифоҳии мардум инкишоф ёфт.

Файласуфи шинохтаи тоҷик академик А. Турсунов ақидаеро пешниҳод карда буд, ки рушди фарҳангию иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросон, ки дар иҳотаи иттифоқи аҳли таърих ва меҳани тоҷик аст, тавонистанд нуфузи худро дар ноҳияҳои ҷанубу ғарбии Эрон" пайдо карданд, Эҳёи Аҷам ҳисоб кардан мумкин аст. Ин падидаро бошад, ки ба асрҳои IX-XI рост меояд, олими мазкур Эҳёи Тоҷик ҳисобидааст.

Мафҳуми "эҳё" аз забони арабӣ гирифта шуда, маънои луғавии он "аз нав зинда кардан" мебошад. Ба он мафҳуми "ренессанс" дар адабиёти ғарбӣ рост меояд, ки он ҳам аз забони фаронсавӣ дар тарҷума Маънои эҳё, ин худ аз нав зинда кардан аст. Ренессанс ё эҳё даврони гулгулшукуфӣ ва болоравиро дар инкишофи илму фарҳанги ягон кишварро ифода менамояд. Мафҳуми мазкур бори аввал аз ҷониби таърихшиноси фаронсавӣ Жюл Мишле (1798-1874) нисбат, ба таърихи Фаронса дар асри XVI ва аз ҷониби фарҳангшиноси швейтсарӣ Якоб Буркхардт (1818-1897) нисбат ба таърихи Италия дар асрҳои XIV-XVI (ё ибтидои асри XVII) корбаст карда шудааст. Бояд тазаккур дод, ки Ренессанс дар кулли ҳолатҳо нисбат ба рушди фарҳанг дар Италия истифода мешавад.

Даврони Эҳё дар Италия ва кишварҳои дигари Аврупо як марҳилаи гузаришро ифода менамояд, ки ба рушди санъат ва соҳаҳои дигари фарҳанг хос мебошад.

Эҳёи Аҷам муайянкунандаи маънии луғавии эҳёи халқҳои тоҷикзабон, форсизабон, даризабон аст. Метавон таъкид кард, ки дар адабиёти илмии ғайритоҷикӣ баъзан эҳёи ислом низ ном гирифтааст.

Бояд таъкид намуд, ки сустшавии хилофати араб ба заминаҳои таърихию сиёсии Эҳёи Аҷам сабаб гардида метавонад. Чунонки маълум аст, арабҳо дар асри VII сарзамини Эрон ва дар асри VIII Осиёи Марказиро пурра забт карда буданд. Аз ин лиҳоз, дар нимаи якуми асри VIII як хилофати исломии аз ҷиҳати ҳудуд хеле бузург ташкил ёфт, ки сарзамини тоҷикнишин низ пурра дар тобеияти он қарор дошт. Пойтахти хилофат аз Димишқ ба Бағдод кӯчонида шуд, ки ба сарзамини азалии халқҳои ориёитабор аз лиҳози ҷуғрофӣ наздиктар буд.

Бо сабаби зулми арабҳо нисбати халқу қавмҳои таҳҷоӣ дар хилофати араб шӯришҳо сар заданд. Дар Озарбойҷон шӯриши Бобак сар зада, минбаъд ба Эрон паҳн гардид. Ҳарчанд, ки шӯриш аз ҷониби арабҳо пахш шуда бошад ҳам, вале вазъи давлати онҳоро хеле суст гардонид. Заминдорони маҳаллӣ низ, ки лашкар доштанд, тавонистанд бар зидди арабҳо шӯриш бардоранд. Аз ҷумла ҳаракати шуъубия низ дар минтақаҳои ориёнишин ба пояҳои давлати исломӣ халал ворид намуд. Натиҷаи ин буд, ки дар нимаи дуюми асри VIII–асри IX Эрон ва Осиёи Марказӣ мустақилияти нисбӣ аз хилофати араб ба даст даровarda шуд.

Халифи аббосӣ Ҳорун ар-Рашид (786-809) соли 810 вафот кард, мубориза барои ҳокимият байни Маъмун (813-833) ва бародараш Амин оғоз гардид. Тоҳир ибни Ҳусайн ном ашрофзодаи хуросонӣ дар ин мубориза Маъмунро ҷонибдорӣ карда, ба ивази ин сарвари Байнаннаҳрайни шимолӣ, қумондони Бағдод ва аз соли 821 сарвари Хуросону Мовароуннаҳр таъйин гардид. Аз ин рӯ, аз соли 821 то соли 873 салтанати Тоҳириён дар ин минтақа, ки пойтахташон шаҳри Нишопур буд аз як ҷониб, оғози мустақилият дар пайдо кардани марзу буми тоҷикнишин ва аз ҷониби дигар, даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам ҳисобид. Тоҳириён на танҳо ҳокимияти сиёсии устуворро ташкил намуданд, балки ба зулму истисмори сарватмандони маҳаллӣ мубориза бурда, кишоварзӣ ва обёриро ба роҳ монданд, корҳои маърифатӣ бурда, анъанаҳои зиёди миллиро эҳё намуданд. Чунонки академик Б. Ғафуров қайд намудаанд, давлати Тоҳириён ба миқдори зиёди амалдорони босавод эҳтиёҷ дошт, аз ин рӯ, онҳо таълиму тарбияро бо забонҳои арабӣ ва маҳаллӣ беш аз пеш дар миёни аҳолӣ тавсеа бахшиданд.

Асосан Саффориён ба заминдорони хурд такя карда, ашрофи маҳаллиро дастгирӣ наменамуданд. Онҳо ҳукуматдории худро дар замони Амр ибни Лайс талаб намуданд, ки ба Мовароаннаҳр низ паҳн кунанд, ба муқобилияти сахти ашроф дучор гардида, ҳокимиятро аз даст доданд. Сипас, баъди ин зимоми ҳокимиятдорӣ ба сулолаи Сомониён гузашт.

Чунонки маълум аст, баъзе аз бародарони сулолаи сомонӣ ҳанӯз дар даврони Тоҳириён ба ҳайси сарварони вилоятҳои алоҳидаи Мовароуннаҳр таъйин гардида, баъди ба сари ҳокимият омадани Саффориён ба онҳо тобеъ нашудааст. Баръакс, аз соли 875 оғоз карда, онҳо ҳокимияти худро дар Мовароуннаҳр тақвият бахшиданд ва аз соли 900 давлати худро бо пойтахт дар шаҳри Бухоро ташкил карда, Саффориёнро шикаст доданд ва тобеи давлати Сомониён гардониданд.

Давлати Сомониён бо ҳукмронӣ аз соли 900 то соли 999 давраи мустақилияти комил пайдо кардан аз хилофати араб аз нуктаи назари сиёсӣ ва авҷи Эҳёи Аҷам ва Эҳёи Тоҷик дар асрҳои IX-XI шумурда мешавад. Дар ин даврон эҳёи анъанаҳои бостонӣ ва арзишҳои миллиро дар тамоми соҳаҳо мушоҳида кардан имкон дорад.

Пеш аз ҳама, Эҳёи Аҷамро дар даврони Сомониён муҳаққиқон ҳамчун раванди пайвандҷӯйӣ миёни Авасто ва Қуръон ҳисоб кардаанд, ки дар натиҷаи он дар тамоми соҳаҳо синтези арзишҳои тоисломӣ ва исломӣ бо вуҷуди зиддиятнокии онҳо ба вуқуъ пайвастааст. Аз ҷумла, ба он нигоҳ накарда, ки маъбадҳо барои иҷрои вазифаҳои масҷиди исломӣ мувофиқ набуданд, баъзе аз онҳо бо як қатор такмилу тағйир додан дар намуди зоҳирию дохилии биноҳо барои ибодати мусулмонон мувофиқ гардонида шуданд. Барои мисол метавон гуфт, ки масҷидҳои Бухоро - Мағоки Атторон ва Деггарон қаблан маъбади зардуштиён буданд. Ё худ, сабзию кабудии қуббаҳои масҷидҳо ва манораҳо дар асоси тасаввуроти бостонӣ оид ба биҳишти сабзазору пур аз рӯдҳои кабуд сохта шудаанд. Ҳамин синтези ислом ва динҳои бостонии тоҷик буд, ки ин равандро академик А. Турсунов аҷамисозии ислом ва исломишавии Аҷам ном кардаанд.

Дар асрҳои IX-XI меъморӣ дар Осиёи Марказӣ хеле рушд кард. Дар сохтмони бинои масҷиду мадрасаҳо меъморон аз унсурҳои меъмории бостонӣ, ки онро усули қаҳрамонию паҳлавонӣ меномиданд ва аз ҳамосаҳои суғдию бохтарӣ реша мегирифтанд, хеле зиёд истифода карда, онҳоро бо унсурҳои исломӣ – растанию ҳайвоноти рамзӣ, катибаҳо бо хатти арабӣ ва ғайра комил менамуданд.

Дар даврони Сомониён дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд ва шаҳрҳои дигари бузург "Роҳи шоҳ" ё шоҳроҳҳо ва зиёда аз 10 ҳазор корвонсаройҳо бунёд карда шуданд. Ин амалҳо аз анъанаҳои бостонӣ ва таъсирпазирии ориёиёни қадимӣ аз фарҳанги Юнону Рими Қадим маншаъ мегирифтанд.

Дар дини ислом дар асрҳои миёна таваҷҷуҳ ба макони дафни фавтидагон қобили қабул набуд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, дар даврони ҳукуматдории Сомониён бунёди мақбараҳо тавсеа ёфт. Аз ҷумла, унсурҳои беҳтарини меъморӣ дар сохтмони биноҳои мақбараи намояндагони сулолаи сомонӣ бо шумули мақбараи худи Исмоили Сомонӣ ба назар мерасанд. Дар маҷмуъ, меъмории ин даврон бо синтези анъанаҳои миллии бостонӣ ва арзишҳои исломӣ дар сохтмони масҷиду мақбараҳо, мадрасаву қасрҳо, манзилҳои шахсӣ ва амсоли он ба назар мерасад.

Таҳаввулоти дигаре, ки Сомониён бо истифода аз эҳёи анъанаҳои бостонӣ дар ҳаёти иҷтимоии даврони худ ба вуҷуд оварданд, ин ташкили давлатдории миллӣ буд, ки ба ивази забони арабӣ ҳамчун забони давлатӣ эълон гардид. Инҷо мехостем, ки суханони А. Турсуновро оварда: "Оли Сомон аз байн рафта бошад ҳам, сарватҳои маънавие, ки дар давраи Эҳёи Тоҷик андӯхта шуда буданд, аз байн нарафтаанд ва рафта ҳам наметавонистанд, зеро ҳомилу ҳомии фарҳанги он «аҳди тиллоӣ» зинда буд: халқи пуркору пурбардори тоҷик" [7,с.208] дар бораи эҳёи анъанаҳо дар соҳаи таълиму тарбия ва қиёси он бо равандҳои эҳё ё ренессанс дар фарҳанги халқҳои дигар ба таври муфассалтар чанд нуқтаро ишора намоем.

Дар таълимоти мутафаккирони Юнони Қадим паҳлуҳои зиёди масъалаҳои таълиму тарбия кушода шудаанд. Аз ҷумла, Демокрит (460-370 то мелод) ҳадафи таълиму тарбияро дар расидан ба тафаккури нек, нутқи нек ва кори нек медид. Суқрот (470/446-399 то мелод) бошад, таълиму тарбияро роҳи ягонаи такомули ахлоқии инсон донистааст. Афлотун (427-347 то мелод) иртиботи таълиму тарбияро бо сохтори ҷамъиятӣ муайян намуда, тарафдори омезиши низоми спартанӣ ва афинагии таълиму тарбия буд. Арасту (384-322 то мелод) таълиму тарбияро дар рушд додани тани инсон ва тафаккури ӯ дар ҳамоҳангӣ бо арзишҳои ахлоқӣ ва фазилатҳои ақлонӣ медид.

Мисолҳои дар боло овардашуда дар ҳақиқат ҳам нишон медиҳанд, ки дар тули асри VI пеш аз мелод то ибтидои солшумории насронӣ афкори педагогии мардуми юнонӣ чунон баланд рафта буд, ки илми педагогикаро ба вуҷуд оварда, то имрӯз ҳам ақидаҳои мутафаккирони он даврон дар тамоми пегогикаи ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор доранд. Ин андешаҳои педагогии юнониёни қадим, махсусан таълимоти Афлотуну Арасту дар Эҳёи Аҷам низ нақши босазо бозидаанд, зеро мутафаккирони тоҷик, ки дар ин давра фаъолият доштанд, бо ақидаҳои онҳо ошноӣ дошта, алалхусус Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино таҳти таъсири онҳо фалсафаи машшоии худро рушд бахшидаанд, ки онро мактаби пайравони Арасту дар Шарқ – перипатетизм ё машшоияи шарқӣ меноманд.

Дар бораи рушди илму санъати итолиявӣ айни ҳамин суханонро дар бораи рушди илм дар Юнони Қадим гуфтан имкон дорад. Чунонки каме болотар таъкид гардид, мафҳуми Ренессанс ё Эҳё асосан дар нисбат ба асрҳои XIV-XVI дар Италия ва дигар кишварҳои ғарбӣ корбаст мегардад. Азбаски он дар заминаҳои гуногуни таърихию иҷтимоии кишварҳои онвақтаи ғарбӣ сурат гирифт, хусусиятҳояш низ гуногун буданд. Аз ҷумла, дар Италия мурoҷиат ба идеалҳои олами атиқа, санъат ва эстетикаи қадимӣ зиёд буд. Дар Олмон ва Нидерландия бошад, мурoҷиат ба идеалҳои даврони ибтидоии масеҳият, санъати готика ва этика мавқеи асосӣ дошт. Аммо дар ҳар ду ҳолат ҳам ташаккул ва рушди педагогикаи нав бо такя ба анъанаҳои гузашта мақоми баландро соҳиб буд.

Мутафаккирони даврони Ренессанс ба хубӣ дарк карда буданд, ки бе рушди педагогика ва таълиму тарбияи самаранок илм, санъат ва адабиётро рушд бахшидан ғайримкон аст. Аз ин ҷост, ки онҳо ҷонибдори он буданд, ки мактабҳои нав ташкил карда шуда, дар қиёс бо даврони гузашта дар онҳо забонҳои юнонӣ ва лотинӣ, тарбияи зебоишиносӣ ва варзишӣ,

инчунин таълими математика, механика, география ва илмҳои дигари табиатшиносӣ сурат гирад.

Дар ин минтақа аз асри XV, аз давраи рушди чопи китоб сар карда, “таҳсилот ба гардиши куллӣ дучор омад. Дар ин росто гаравиш ба арзиш ва анъанаҳои Юнон ва Рими Қадим хеле зиёд гардида, фалсафаи даврони Эҳё дар соҳаи таҳсилот ба ташаккули шахсияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ манфиатовар нигаронида шуд. Таҳсилот бо се қисмати худ – таҳсилоти классикӣ, рушди ҷисмонӣ, тарбияи шаҳрвандӣ ба се идеяи мавҷуда – идеяҳои аҳди атиқа, идеяҳои асримиёнагӣ ва идеяҳои башоратдиҳандагони ҷомеаи нав такя мекард”

Мақоми баланд доштани илми педагогика дар даврони Ренессанс бо он исботи худро меёбад, ки аввалин олимони педагоги машҳури ғарбӣ маҳз дар ҳамин даврон фаъолият намудаанд. Ян Амос Коменский (1592-1670), Эразми Ротердамӣ (1469-1536), Виторино да Фелтре (1378-1446), Франсуа Рабле (1494-1553), Мишел Монтен (1533-1592) ва дигарон аз ҷумлаи онҳо мебошанд, ки то кунун ҳам дар тамоми муассисаҳои таълимӣ аз ғояҳо ва методикаҳои таълим, ки онҳо коркард намуда буданд, истифода мебаранд.

Чунонки мебинем, Ренессанси ғарбӣ бо сабаби он сурат гирифт, ки дар пушти худ таърихи ғанӣ дошт ва аз ин рӯ, дар ин кишварҳо арзишҳои даврони атиқа ё даврони ибтидоии масеҳиятро эҳё намуданд. Дар Мовароуннаҳру Хуросон низ айни ҳамин вазъият дар даврони ибтидоии Аҷам, яъне дар асрҳои IX-XI мушоҳида мегардад. Бо ҳамин сабабҳо дар ин минтақа идеалҳо ва арзишҳои таълиму тарбиявии бостонию тоисломӣ эҳё гардиданд, ки дар давраи хеле тулонии таърихӣ миёни халқҳои ориёӣ мавҷуд буданд.

Доир ба ғояҳои педагогӣ дар миёни мардуми ориёии бостонӣ сухан ронда, бояд таъкид намуд, ки онҳо ҳанӯз дар анъанаҳои минтақаҳои қадимаи тоҷикон дар Осиёи Марказӣ – Суғду Бохтар, Фарғона, Хоразм, Чоч ва амсоли он инъикос гардида буданд. Ин фарҳанг ду хусусияти асосӣ дошт, ки, аз як ҷониб, анъанаҳои фарҳангии ин минтақаҳои ҳамсоя ба ҳамдигар омезиш мeёфтанд ва, аз ҷониби дигар, бархӯрди онҳо тавассути Роҳи лоҷуворд ва Роҳи абрешим бо тамаддуни Байнаннаҳрайн ё Месопотамия, Ҳинду Чин, Юнони Қадиму Рими Қадим сурат мегирифт.

Фарҳанги тоҷикон дар ин давра манбаъҳои зиёди хаттӣ дошт, аммо аксарияти он, мутаассифона, бо мурури замон ва дар натиҷаи истилои араб аз байн рафтанд.

Бо сабабҳои дар боло зикршуда ғояҳои педагогӣ асосан дар китоби муқаддаси Зардушт «Авесто» ва дар эҷодиёти шифоҳии халқ то мо расидаанд. Аз ҷумла, “Дар Авесто ҳосил кардани дониш барои инсон муҳим шумурда шуда, ин маънӣ чунин тафсир ёфтааст: аз гӯш кардан хирад ҳосил мешавад, аз хирад таҷриба ба вуҷуд меояд ва таҷриба ба худтакомулёбӣ мебарад».

Таълиму тарбияи авастоӣ ба тезиси зардуштия “Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек” такя намуда, ба он нигаронида шуда буд, ки *ҳар як инсон дар руҳияи покдоманӣ, накӯкорӣ, ростқавлӣ, ростгӯӣ, далерию ҷасурӣ, ватандустӣ ва ғайра тарбия карда шавад. Ба таври умда бошад, таълиму тарбия* се ҳадафи асосӣ дошт: хидмат ба волидайн, қабила ва ҷомеаи худ; хуб намудани шароити зиндагӣ; саъю кӯшиш барои афзалият пайдо кардан нисбат ба дигарон.

*Оид ба масъалаи таълиму тарбия миёни зардуштиён ҳанӯз олими юнонӣ Ҳеродот (484-425 то мелод) маълумот дода буд, ки онҳо ба фарзандони худ се чиз - ростгуйӣ, аспсаворӣ ва тирандозиро ҳатман омӯзонида, фармонбардорӣ, покӣ ва дигар хусусиятҳои ахлоқиро дар онҳо тарбия менамуданд.*

Бояд тазаккур дод, ки дар баробари даврони авастоӣ оид ба таълиму тарбияи қавмҳои бостонии ориёӣ дар маъхазҳои мавҷуда инчунин андешаҳо оид ба т*аълим ва тарбия дар давраи модҳо, дар давраи Ҳахоманишҳо, дар давраи Портҳо ё ки Ашкониён таълим ва тарбия дар давраи Сосониҳо боқӣ мондаанд. Аз ҷумла,* андешаҳои авастоӣ оид ба таълиму тарбия дар даврони Ҳахоманишиҳо (705-330 то мелод) низ ривоҷи хеле васеъ ёфтанд. Дар ин марҳила ориёиёни бостонӣ дар соҳаи таълиму тарбия ҳадафҳои зерин мегузоштанд: омода сохтани наслҳои ҷавон барои ҳаёти мустақил ва идоракунии давлат; такомули қобилиятҳои ақлонӣ ва ҷисмонии шахсият; таҳсилоти касбии ҷавонон; тарбияи ватандӯстӣ тавассути омӯзиши санъати ҳарбӣ ва машғул шудан ба тамринҳои варзишӣ.

Дар даврони Ҳахоманишиҳо махсусан ба омӯзонидани касбу ҳунар таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешуд. Вобаста ба ин миқдори мактабҳо дар ин даврон, махсусан дар асри V хеле зиёд гардид. Аз ҷумла, тибқи маълумоти мавҷуда дар ҳамин марҳилаи рушди таърихии халқҳои ориёӣ қариб 900 мактабҳои ибтидоӣ ва мактабҳои миёна фаъолият менамуданд.

Мактабҳо дар ибтидо дар манзилҳои шахсӣ барои таълими инфиродӣ вуҷуд дошта, минбаъд дар ҷойҳои ҷамъиятӣ низ миқдори онҳо зиёд гардид. Дар чунин мактабҳо дар баробари хондану навиштан, омӯзиши забони модарӣ ба таълими забонҳои хориҷӣ низ таваҷҷуҳ карда мешуд.

Дар даврони ҳукмронии сулолаи Сосониён низ таълиму тарбия дар миёни ориёиёни бостонӣ хеле рушд ёфта буд. Дар ин давра муассисаҳои махсуси таълимӣ пайдо шуданд, ки навъҳои гуногунро мувофиқи синну соли таълимгирандагон фаро мегирифтанд: барои кӯдакон, барои ҷавонон, барои мардон, таълимгоҳҳо барои солхӯрдагон.

Дарсҳо дар чунин муассисаҳо  аз пагоҳирӯзӣ сар шуда, барномаи раванди таълим ва тарбия дар онҳо аз  аз қисматҳои зерин иборат буд:

- таълим ва тарбияи ахлоқӣ;
- таълим ва тарбияи динӣ;
- таълим ва тарбияи ҷисмонӣ;
- омӯхтани хондан;
- омӯхтани навиштан;
- омӯхтани ҳисоб кардан

Дар миёни зардуштиён омӯзгор ҳамчун шахси донишманд, покахлоқ, заҳматкаш, донишандӯз мақоми баландеро дар ҷомеа ишғол менамуд. Ин омӯзгорон ба таълимгирандагон ҳам таълими динӣ ва ҳам дунявӣ медоданд. Чунин қабул шуда буд, ки таълимгирандагон бояд то синни 15-солагӣ асосҳои дини зардуштия ва расму ойини онро пурра азхуд мекарданд. Дар синни 20-солагӣ бошад, баъди супурдани имтиҳон дар назди омӯзгорон, олимон ва хирадмандон ба ҷавонон маълумотномаи шакли махсус оид ба таҳсилот дода мешуд.

Дар ин марҳилаи рушди таърихии ориёиён дар даврони ҳукмронии Сосониён дар байни ашрофону руҳониён гирифтани таҳсилоти дунявӣ ва мазҳабӣ, омӯзиши фалсафа, илмҳои табиатшиносӣ, махсусан тиб ба ҳукми анъана даромада буд. Дар ин давра илмҳои тиб, риёзиёт, нуҷум, фалсафа ва ҷуғрофия рушд ёфта буданд, ки барои таъсиси Академияи «Гунди Шопур» шароити мусоиде фароҳам оварданд. Муаррихон дар ин мавзуъ навиштаанд: “Соли 529 императори Византия Юстиниан (483-565) тамоми академияҳои амалкунандаи Афинаро баст ва донишмандон ба Эрон омада, соли 271 милодӣ дар қаламрави Шопури I шаҳреро бо номи Академияи «Гунди Шопур» таъсис доданд. Бо дастури Шопури I олимон асарҳои машҳури табибони Юнону Ҳиндро ба забони паҳлавӣ (забони давлатии Сосониён) тарҷума мекарданд. Вай ҳамчунин амр карда буд, ки матнҳои Авасторо гирд оварда, мураттаб намоянд. Дар давоми мавҷудияти беш аз 400-солаи давлати Сосониён Гунди Шопур ба маркази ҳақиқии илму фарҳанг табдил ѐфт».

Бояд тазаккур дод, ки ин академия ҳам муассисаи илмӣ ва ҳам муассисаи таълимӣ ба шумор мерафт. Дар он табибонро дар асоси барномаи муфассали таълимӣ, ки илман асоснок буд, дар мухлати панҷ сол тайёр мекарданд. Раванди таълим ду қисмат – дарсҳои назариявӣ ва дарсҳои амалиро дар бар гирифта, таълимгирандагон фанҳои тиббӣ (тибби ориёиёни қадим, тибби ҳиндӣ, тибби юнонию румӣ ва тибби арабӣ), инчунин забонҳо – паҳлавӣ, юнонӣ ва суриёнӣ, адабиёт, таърих, нуҷумшиносӣ, санъати сухан, фалсафа ва ғайраро меомӯхтанд.

Қабул низ ба академияи «Гунди Шопур» бо усули аз лиҳози илмӣ-педагогӣ пешрафта сурат мегирифт ва довталабон бояд саҳву наҳв, ҳандаса, ҳисоб, нуҷум, диалектика, илми маонӣ ва баён, инчунин мусиқиро медонистанд. Дар ин академия китобҳои машҳури «Ҷовидон хирад» ва «Калила ва Димна»-ро аз забони ҳинду ба забони паҳлавӣ тарҷума карданд. Дар охири асри VII «таҷриба ва таҳқиқоти назариявии табибони Гунди Шопур дар рушду такомули илмҳои тиб ва дорусозӣ дар Бағдод, Мовароуннаҳру Хуросон ва Бухорову Самарқанд ва Хуҷанд шароити хеле мусоидро ба вуҷуд овард. Хулоса, академияи «Гунди Шопур» зиёда аз сесад сол фаъолият дошта, баъдтар соли 832 намояндагони он ба маркази хилофати Аббосиён - академияи «Байтул-ҳикма» («Хонаи хирад»)-и  Бағдод ба кор гузаштанд.

Дар баробари академияи «Гунди Шопур», тибқи маълумоти таърихӣ дар сарзамини қавмҳои ориёӣ дар асри VIII  як муассисаи дигари машҳури таълимӣ бо номи дабиристон дар шаҳри бостонии Панҷакент мавҷуд буд, ки дар он хаттотон бо донистани алифбои суғдӣ ва арабӣ тайёр карда мешуданд.

Таҳлилҳои боло ба таври равшану возеҳ нишон медиҳанд, ки анъанаҳои мардуми ориёӣ то интишори дини ислом дар соҳаи таълиму тарбия хеле зиёд ва дорои хусусиятҳои пешқадам буда, дар асрҳои IX-XI барои мутафаккирону давлатдорон, адибон ва аҳли санъату ҳунар ҳамчун замина барои Эҳёи Тоҷик ва Эҳёи Аҷам хидмат намуданд ва имкон доданд, ки дар ташаккул ва рушди педагогикаи миллӣ саҳми назаррасе гузоранд.

Дар бораи Эҳёи Аҷам сухан гуфта дар илм сабабҳо ва натиҷаҳои онро низ ба таври гуногун арзёбӣ намудаанд. Ҳамчун намуна метавон гуфт, ки олими фаронсавӣ Ру Ж.П. дар бораи эҳёи паҳлавӣ ва эҳёи Темуриён низ сухан мегӯяд, рушди даврони Курӯшу Доро, Монӣ ва Сосониёнро зикр мекунад, вале Эҳёи Аҷамро бузургтарин ҳодисаи таърихӣ шумурда, сабаби асосии онро дар нигоҳ доштани забони миллӣ донистааст: "Ба асрҳои IX-X ду эҳёи Эрон рост омад: яке сиёсӣ, олиҷаноб, вале чун шабаҳ ва дигаре фарҳангӣ, ки боз ҳам олиҷанобтар ва дарозмуҳлаттар буд. Ҳар ду эҳё ҳам бо он сабаб муяссар гардиданд, ки халқ забони худро ҳамчун хотираи зинда дар бораи гузашта нигоҳ дошт ва инчунин бо сабаби он, ки хилофати исломӣ ба ҷурми беҳад калон будани худ пош хӯрд».

Аз ҷониби дигар, Эҳёи Аҷамро дар асрҳои IX-XI эътироф карда, як қатор муҳаққиқони кишварҳои гуногуни олам онро танҳо ба мардуми сарзамини Эрон мансуб медонанд ва нақши халқи тоҷик ва давлати миллии он Сомониёнро дар ин раванд нодида мегиранд. Вале таърих худ гувоҳ аст, ки ин тавр нест. Дар ин мавзуъ файласуфи тоҷик А. Турсунов хеле одилона қайд намудаанд: «Охир, Абуабдуллои Рӯдакию Абумансури Дақиқӣ, Абунасри Форобию Абуалии Сино, Муҳаммади Хоразмию Абурайҳони Берунӣ ва бисьёр дигар арбобони барҷастаи илму фарҳанги Аҷам ҳамагон аз байни эрониёни шарқӣ баромадаанд! Аз ин ҷиҳат сароғози ташаккули маданияти классикии умумиэрониро «Эҳёи Тоҷик» ном додани мо заминаи устувори илмӣ дорад. Анъанаи ҳамосасароӣ ва таърихнависӣ низ як ҷузъи муҳимми ҳамин наҳзати эҳёист, ки аввал бо ташаббус ва иштироки бевоситаи арбобони илму фарҳанги тоҷикон ба вуқуъ пайваста, сипас ба Эрон... густариш ёфтааст".

Ба ҳамин тариқ, таърихи халқи тоҷик нишон медиҳад, ки мардуми мо дар тули ҳаёти маънавии зиёда за шашҳазорсолаи худ борҳо ба рукуд рафта ва борҳо эҳё ёфтааст. Эҳёи навтарини ин халқи бостонию қадима, вале ҳамеша ҷавон аз 9 сентябри соли 1991, бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ оғоз ёфт. Дар ин давра вазифаи тамоми аҳли ҷомеаи муосири тоҷик аз он иборат аст, ки ба қавли академик А. Турсунов бидонанд, ки барои шуҳрати ҷаҳонӣ ва бақои маънавӣ пайдо кардани миллат Фирдавсиҳою Ибни Синоҳоро зодану парвардан ҳанӯз кам буда, аз уҳдаи нигаҳдошт ва бузургдошти онон низ баромада тавонистан зарур аст. Дар ин росто, баррасӣ ва таҳқиқ кардани мероси педагогии Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ Ибни Сино ва садҳо мутафаккирони дигари даврони Эҳёи Тоҷик (асрҳои IX-XI) ва Эҳёи Аҷам (асри IX-ибтидои асри XVIII) метавонад дар бунёди ҷомеаи муосири тоҷик хеле муфид бошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Ғафуров, Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, асрҳои миёна ва давраи нав. -Душанбе: Дониш, 1985. – С.416
2. Ғуломшоев, С. Таъсис ва рушди академияи Гунди Шопур // Муаррих.-2022.-№ 4- С.66.
3. Зиёӣ, Х. М. Асосҳои фалсафаи таҳсилот. – Душанбе: «Нигор», 2018. – С. 64.
4. Исо Содиқ Таърихи фарҳанги Эрон, Теҳрон, 1970.- С.46-47
5. Константинов, Н.А., Медынский Е.Н., Шабаева М.Ф. История педагогика.- Масква,-1982. - 495 с.
6. Қодиров Қ., Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. – Душанбе: 1998.- С. 335
7. Мирзоев, А. А. Рудакӣ. Сталинобод: 1958. С. 288
8. Назаров, Р. Философия качества образования (социально-философский анализ).-Душанбе, 2011.- С101
9. Нафисӣ Саид. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ – Теҳрон, 1382. – с
10. Орифӣ, М. Аз таърихи афкори педагогикаи халқи тоҷик. – Душанбе: 1962. С. 180
11. Ру Жан Поль. История Ирана и иранцев. От истоков до наших дней. –М. Евразия, 2015. - С. 430
12. Турсунов А. Эҳёи Аҷам. Ruҷӯи таърихию публисистӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. - С. 208
13. Холигитова, Н.Х. Эпоха мусульманского ренессанса IX-XII веков в Центральной Азии // Молодой ученый. — 2014. — № 9 (68). — С. 397-398
14. Холиқова, Ш.К. Абушакури Балхи и его "Офариннаме". – Дисс. На соискание ученой степен

кандид. Филол.н. – Душанбе: 2018. – С. 171
15. Ҳалимов, А. Воспитание, зарождение школ и педагогической мысли таджиков в эпоху Саманидов.-Дисс. На соискание докт.пед.наук.- Душанбе, 2012.- С.53.
16. Щербакова, Е.В., Кармышова С.А., Огольцова Е.Г. Особенности педагогической мысли в эпоху Возрождения // Молодой ученый. Международный научный журнал. - № 1 (239), 2019 . - С. 239

## ПЕДАГОГИКАИ МИЛЛӢ ВА ТАШАККУЛИ ЗАМИНАҲО ДАР ДАВРАИ ЭҲЁИ АҶАМ

Дар мақолаи мазкур, муаллиф зимни омӯзиш ва таҳқиқи педагогикаи миллӣ ва ташаккули заминаҳо дар давраи Эҳёи Аҷам бо такя ба падидаи нисбатан нави унсурҳои ибтидоии тарбия сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ ва илмӣ қайд намуданд, ки аз замони ба сари қудрат омадан то фано ёфтани он сулолаи ҳукмронии Сомониён, новобаста аз ихтилофоти сиёсӣ, динӣ ва мазҳабӣ, таълиму тарбия дар ҷомеаи он замонӣ рушд карда, беҳтарин афкор ва таълимоти педагогӣ рӯйи кор омаданд, ки нақши педагогикаи миллиро дар ташаккули заминаҳо ва рушди онҳо бағоят бузург мебошад. Зикр бояд намуд, ки сустшавии хилофати араб ба заминаҳои таърихию сиёсии Эҳёи Аҷам сабаб гардида метавонад. Чунонки маълум аст, арабҳо дар асри VII сарзамини Эрон ва дар асри VIII Осиёи Марказиро пурра забт карда буданд. Аз ин лиҳоз, дар нимаи якуми асри VIII як хилофати исломии аз ҷиҳати ҳудуд хеле бузург ташкил ёфт, ки сарзамини тоҷикнишин низ пурра дар тобеияти он қарор дошт. Пойтахти хилофат аз Димишқ ба Бағдод кӯчонида шуд, ки ба сарзамини азалии халқҳои ориёитабор аз лиҳози ҷуғрофӣ наздиктар буд.

Дар даврони Эҳёи Аҷам ташаккули халқи тоҷик ва забони адабии тоҷикӣ ба анҷом расида, он ба афкори минбаъдаи мутафаккирони тоҷик дар самти таълиму тарбия таъсири худро гузошт. Тамоми соҳаҳои илму ҳунар ва санъат ривоҷу равнақ ёфта, адабиёти хаттии тоҷикӣ-форсӣ ташаккул ёфт, ки як заминаи бузурге барои эҳё ва рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик аст.

Муаллиф дар таҳқиқоти хеш собит менамуд, ки педагогикаи миллӣ ва тарбияи миллӣ мақоми хоса бахшида, ин омилҳо ҳама дар маҷмуъ боиси ҳастии миллат ва пойдории он дар марҳилаҳои минбаъдаи таърихӣ гардиданд.

**Калидвожаҳо:** *Эҳёи Аҷам, халқи тоҷик, адабиёти тоҷик, мутафаккирон, таълиму тарбия, ташаккули халқи тоҷик, олимон, педагогикаи миллӣ, рушд, муаррих, марказҳои илмӣ.*

## НАЦИОНАЛЬНАЯ ПЕДАГОГИКА И ФОРМИРОВАНИЕ ОСНОВ В ЭПОХУ ВОЗРОЖДЕНИЕ АДЖАМА

В данной статье авторы, изучая и исследуя национальную педагогику и формирование основ в эпоху Возрождение Аджама, на основе достоверных исторических и научных источников, отмечают, что с момента прихода к власти и до ее упадка правящей династии Саманидов в эпоху Возрождение Аджама, несмотря на политические и религиозные разногласия, образование и воспитание в обществе того времени развивались, в работу пришли лучшие идеи и педагогические учения, и роль саманидских эмиров очень велика в их формирование и развитие. Формирование таджикского народа и таджикского литературного языка завершилось в эпоху Возрождение Аджама, и это оказало влияние на дальнейшее мышление таджикских мыслителей в направлении образования и обучения. Также развивались все области науки, ремесла и искусства, формировалась таджикско-персидская письменная литература, ставшая прекрасной основой для возрождения и развития национальной педагогики таджикского народа.

Автор в своих исследований доказал, что педагогика и формирование основ в эпоху Возрождение Аджама придавало особый статус науке и культуре, языку и книге и поэзии, национальной педагогике и национальному образованию, и все эти факторы обусловили существование нации и ее стабильность на последующих исторических этапах.

**Ключевые слова:** *Возрождение Аджама, таджикский народ, таджикская литература, мыслители, образование и воспитание, формирование таджикского народа, Ренессанс, учёные, национальная педагогика, развитие, историки, научные центры.*

## NATIONAL PEDAGOGY AND THE FORMATION OF FOUNDATIONS DURING THE RENAISSANCE OF AJAM

In this article, the authors, National pedagogy and the formation of foundations during the Renaissance of Ajam, note that from the moment the ruling Samanid dynasty came to power until its decline, despite political and religious differences, education and upbringing in the society of that time developed The best ideas and pedagogical teachings came to work, and the role of the Renaissance of Ajam emirs is very great in their formation and development. The formation of the Tajik people and the Tajik literary language ended in the Renaissance of Ajam era, and this influenced the further thinking of Tajik thinkers in the direction of education

and training. All fields of science, crafts and art also developed, Tajik-Persian written literature was formed, which became an excellent basis for the revival and development of the national pedagogy of the Tajik people.

The authors National pedagogy and the formation of foundations during the Renaissance of Ajam, language and book and poetry, national pedagogy and national education, and all these factors determined the existence of the nation and its stability at subsequent historical stages.

**Key words:** *Renaissance of Ajam, Tajik people, Tajik literature, thinkers, education and upbringing, formation of the Tajik people, Renaissance, scientists, national pedagogy, development, historians, scientific centers.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Хоҷаева Гулҷаҳон Ҷафаровна - муаллими калони кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121, Тел. (992) 904064333. khodzhayeva.dulchakhon@mail.ru.*

**Сведения об авторе:** *Ходжаева Гулджахон Джафаровна - старший преподаватель кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни. Адрес: 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки 121, Тел.: (+992)904064333. Электронная почта: khodzhayeva.dulchakhon@mail.ru.*

**Information about the author:** *Hojaeva Guljahon Jafarovna - Senior Lecturer, General Events Department of General Pedagogy named after S. Ayni. Address: 734003. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 121, Phone: (+992)904064333. Email: khodzhayeva.dulchakhon@mail.ru*

**ТДУ: 373.2**

# ТАЪСИРИ ПСИХОЛОГИИ МУОШИРАТ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОНУ НАВРАСОН

***Даминзода Х. А.***

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

*«Ман ба ҷавонони Тоҷикистон рӯ меорам. Зеро ояндаи ҷумҳурӣ комилан ба таҳсил, меҳнати ҳалолу дониши андӯхтаи шумоён вобаста аст».*

**Эмомалӣ *Раҳмон***

Муошират ин ҷараёни мураккабу гуногунҷабҳаи одамон буда, дар асоси хоҳиш фаъолияти якҷоя ба вуҷуд меояд. Дар зери мафҳуми муошират одамон маънои бо ҳам зистан, бо ҳамдигар ҳаёт ба сар бурдан, фаъолияти якҷояи меҳнатӣ, муомила ва алоқа барқарор намуданро мефаҳманд.

Дар фарҳанги забони тоҷикӣ калимаи муошират ба маънои бо ҳам зистан, бо ҳам ҳаёт ба сар бурдан, муносибат кардан ва барқарор намудани алоқаи байниҳамӣ бо дигарон дар назар дошта шудааст. Калимаи муомила ба маънои бо дигарон дар муносибат будан ва рафтори шоистаро мефаҳмонад.

Инсон дар рафти муошират метавонад ба шахси дигар таъсири психологӣ расонад, ки ин ба ҳолатҳои рӯҳӣ ва равандҳои маърифатии инсон таъсир мерасонад. Ба ин васила омӯзгори соҳибкасб бо истифода аз қонуниятҳои муошират метавонад ба хонандагон таъсири мусбии психологӣ расонад, онҳоро ҳамчун шахси баркамол ба воя расонад [4, с. 187].

Муоширати ҷавонону наврасон яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад, зеро муоширати дуруст барқарор карда тавонистан дар ҷомеа обрӯ ва нуфузи шахсро зиёд менамояд. Муошират боис мешавад, ки мо дар фаъолиятҳои фардӣ ва фаъолиятҳои якҷоя афкор ва тамоми зарурияатҳоямонро баён намоем.

Муошират дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Донишгоҳҳо бояд дар сатҳи баланд қарор дошта бошад.

Ман, – мегӯяд Гулдастаи Мирҳайдар,- аз мушоҳидаҳои ҳаррӯза мебинам, ки дар дохили Донишгоҳ ҷавонон бо якдигар ҳар гуна муошират мекунанд. Ҳастанд донишҷӯёне, ки бо муаллимон, донишҷӯёни дигар муоширати дағал менамоянд. Дар роҳравҳои Донишгоҳ тавассути телефони мобилӣ бо овози баланд гап мезананд. Дар ҳоле ки дар дохили Донишгоҳ бо телефони мобилӣ даромадан манъ аст. Ҳастанд, донишҷӯёне, ки онҳо мақсади ягона ва интизоми намунавӣ доранд. Нияти онҳо на танҳо дар курсии донишҷӯӣ нишастану маълумоти олӣ гирифтан аст, балки ҳадафашон танҳо хондан мебошад. Ин гурӯҳи донишҷӯён ҳамеша дар дохили Донишгоҳ ва берун аз он муоширати самимӣ менамоянд.

Муаллим бояд бар он муваффақ гардад, ки дар рафти муошерати байниҳамии муаллиму хонандагон алоқаи дутарафа барқарор намояд. Ҳамон вақт дарси омӯзгор самараи дилхоҳ медиҳад, ки ӯ қобилияти нутқӣ, маданияти волои суханварӣ дошта бошад. Ва агар хонанда бо ҳамсинфонаш муошерати самимона надошта, бо онҳо муомилаи дағал намояд, ҳамсабақҳояш аз ӯ худро дар канор мегиранд.

Хонанда ба тамошои кинофилмҳо мароқи зиёд дорад, лекин вай кинофилмҳоро нисбатан кам тамошо мекунад. Ӯ бачаи канорагир буда, бо ҳамсинфонаш муошерати хуб надошт. Ҳатто дар муҳити оила бо бародарони хурдсолаш бадмуомила ва беилтифот буд. Аз ҳамин хотир, ҳангоми бемори бистарӣ шуданаш касе ба аёдати ӯ наомада буд. Зеро дар байни аҳли синф мавқеи муайяни худро наёфта буд [8, с. 35]. Аз ҳамин лиҳоз, муошерат ҳатто дар байни хонандагони хурдсол низ обрӯю нуфӯзи онҳоро зиёд мегардонад.

Ҳар як бачае, ки барои таълим ва тарбия гирифтан ба мактаб меояд. Дар оила ба ягон тарзи муайяни зиндагӣ одат кардааст, тартиби мактаб барои ӯ нав буда, ба он тартибе, ки вай дар хона одат кардааст, рост намеояд ва ҳатто баъзан мухолиф аст [5, с. 131].

Бинобар ҳамин, ҳар як омӯзгор бояд дар ҷараёни таълиму тарбия аз муошерати дурусти педагогӣ истифода бурда тавонад, чунки аксарияти хонандагону донишҷӯёни мо устодони хешро намунаи ибрат дониста, аз муомилаю муносибати ӯ пайравӣ мекунанд.

Таърих нобиғаҳои зиёдеро дар ёд дорад, ки онҳо асарҳои оламгир эҷод намудаанд, аммо қобилияти суханварӣ дар онҳо суст инкишоф ёфта буд. Дар «Футувватномаи Султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ нисбати муаллим гуфта шудааст, ки ҳамон шахс ҳаққи устод шудану шогирд гирифтанро дорад, ки агар ба 20 талабот ҷавобгӯй бошад. Яке аз талабот ин аст, ки, муаллим бояд шахси маданиятнок, хушмуомила, меҳнатдӯст, хубгуфтору хубрафтор ва виҷдони поки педагогиро доро бошад [10, с. 11].

Беҳтарин муаррифгари ҳар як гӯянда сухани ӯст.Ҷавоне, ки ӯро адаб нест, чун бӯстонест, ки гул надорад ва соҳибҷамолест ки ҳаё надорад, чун таблест, ки намак надорад.Оре вақте ки ҷавонон дар ҷомеа зиндагӣ ва фаъолият менамоянд, аз ҷониби аъзоёи ҷомеа зери назорат қарор мегиранд.

Дар асоси Нақша чорабиниҳои доимо амалкунандаи Вазорати корҳои дохилӣ бо мақсади ошкору пешгирӣ намудани ҳолатҳои номатлуб ва амалҳои ношоиста даст задании ин асли наврас рӯзи 27 уми ноябри соли равон аз тарафи кормандони милитсия дар марказҳои интернетӣ ва бозиҳои компютери «Гугул», «Патриот» ва «АМЧ», ки дар ҳудуди ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт фаъолият мекунанд, як гурӯҳ хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба бозиҳои компютерии хусусияти зӯроварӣ дошта машғул буданд, дастгир ва ба шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дастрас карда шуданд [1, с. 5].

Чӣ хуб мешуд, ки волидони муҳтарами мо тавассути муошерати самимона фарзандони худро бо роҳи дуруст ҳидоят намуда, баҷои беҳудагардию ба амалҳои номатлуб даст задан ба онҳо хислатҳои накӯи инсонӣ: аз қабили хушгуфторию хушсуханӣ, бо дигарон муомилаи хуб карда тавонистан, бо аҳли ҷомеа муносибати дуруст карданро роҳандозӣ менамуданд.Чунончи, донишҷӯ Худоёров Некбахт чунин ибрози ақида кард: - Муносибату муомилаи волидони ман бо ман бениҳоят хуб аст. Онҳо, ки аз ман дуранд, тез-тез ба ман занг зада аз аҳволам пурсон мешаванд. Ҳар рӯзи шанбе хона омадани маро интизор шуда, вақти баргаштанам, ончунон самимона муошерат менамоянд, ки ман худро хушбахт меҳисобам. Беҳуда нагуфтаанд модар дарахт аст, падар решаҳои вай ва мо фарзандон меваҳои он. Ва агар ҳар як падару модар бо фарзандон самимона муносибату муошерат намоянд, бо онҳо дӯст ва меҳрубон бошанд, боварӣ дорем, ки онҳо барои ободии Ватан хизмати босазое мегузоранд.

Вақте ки дуруст таҳлил мекунем, муошерат миёни ду фард дар асоси нақшаи пешакӣ ё ногаҳон сурат мегирад. Масалан, ҳамсинфон Ҷонона ва Ширинмо баъди хатми мактаб қариб як сол якдигарро надида буданд. Ҷонона, ки дар курси 1-уми коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб таҳсил мекард, ба деҳот ба аёдати волидон рафт ва дӯсти давраи мактабиаш Ширинморо аз хотир набаровард. Ӯро ба хонаашон даъват менамояд. Онҳо бо якдигар дуру дароз муошерат менамоянд ва аз аҳволи якдигар огоҳ мешаванд. Ин гуна муошерат дар асоси нақша ё барномаи пешакӣ ба амал омад.

Муошерате, ки ногаҳон ба амал меояд, ин тавр сурат мегирад. Наргис аз хона берун шуда ба сӯйи Донишгоҳ равона гардид, иттифоқан, дар роҳ ҳамкурсаш Нозимро дида, онҳо

то Донишгоҳ бо якдигар суҳбаткунон рафтанд, ки ин навъи муошират бе нақшаи пешакӣ сурат гирифт.

Идрок ё худ дарки ҳамсуҳбат дар асоси муқоиса намудани худ бо ҳамсуҳбат ба амал омада, бо се ҷихат тавсиф дода мешавад. Идентификатсия - дар асоси хусусиятҳои худ дарк кардани ҳамсуҳбат; эмпатия - қобилияти дарки эмотсиналии ҳамсуҳбат дар шакли ҳамдардӣ; рефлексия - дар оинаи дарки ҳамсуҳбат чи тавр инъикос шудани худро ифода мекунад [2, с. 148].

Зинаҳои асосии иҷтимоишавии шахс инҳоянд:

- фаъолият;
- худидоракунӣ;
- муошират.

Муошират - ин ҷараёни мураккаби барқароркунӣ ва пешрафти алоқаҳои байни одамон мебошад. Омӯзгори фанни педагогика ба аудитория даромада, ба донишҷӯён дарс мегузарад ва дар ҷараёни дарс устоду шогирдон дар муоширати байниҳамӣ қарор мегиранд. Аз ҳамин лиҳоз, муошират, дар байни омӯзгору донишҷӯ ва байни ҷавонон мавқеи хосса дорад. Аз як ҷавондухтаре чунин пурсон шудем, ки муоширати ҷавонон дар дохили нақлиётҳо чи гуна аст. Ӯ чунин посух дод: - Дар нақлиёти ҷамъиятӣ муоширати ҷавонон он қадар хуб нест, чунки ҳангоми савор шудан дар нақлиёт ҷавононро мебинем, ки бо муоширати дағалона табъи атрофиёнро хира месозанд. Даруни нақлиётро пур аз донаҳои офтобпараст мекунанд. Ва агар ҷавонписар ягон духтарро бинад, дарҳол кӯшиш мекунад, ки ба ӯ гаппартоӣ кунад. Ҳангоме ки ягон калонсол ба нақлиёт ворид мегардад, команд ҷавононе, ки ба онҳо ҷои нишаст диҳанд. Ҳатто ҳамон ронандаҳои нақлиёт низ бо мусофирони худ дағалона сухан мегӯянд. Ҳастанд ҷавононе, ки дар автомошинаи шахсии худ садои мусиқиро баланд карда, дастонашонро аз мошин бароварда, бо садои баланд гап мезананд, вақте ки кӯшиш мекунӣ онҳоро фаҳмонӣ, ки «ин рафтори шумо ғайри қобили қабул аст», онҳо дар ҷавоб суханони дурушт мегӯянд.

Оре, дар ҳақиқат чунин амалҳо ба ҷавонони ҷомеаи муосир зебанда нест, чунки ҳастанд ҷавононе, ки бо илму дониши худ машҳури оламиён гардидаанд. Экзюпери менависад: «Одам гиреҳи робитаҳост». Муошират фаъолияти иҷтимоии одамро пару бол мебахшад. Дар муошират инкишофи психикӣ ва худифоданамоии фард сурат мегирад. Муоширати самарабахшу муфид бо малакаю маҳорат ва маданияти муоширатнамоии ҳамсуҳбат алоқаи ногусастанӣ дорад [2, с. 147].

Муошират 3-категорияро дар бар мегирад:

- Коммуникативӣ;
- Интерактивӣ;
- Персептивӣ.

Муоширати коммуникативӣ - ин намуди муошират ба воситаи матбуот, радио, шабакаҳои интернетӣ, телевизион, телефон ва васоити техникии таълим сурат мегирад.

Муоширати интероактивӣ - ин намуди муошират бо мақсад хоҳиш, ҳавас, ваҷҳҳои амал, протсесҳои маърифатӣ, ҳиссиёт, ирода, саъю кӯшиш, идеал ва нуқтаи назари шахсӣ асос меёбад.

Муоширати персептивӣ - ин шакли муошират ба зуҳуроти эҳсосу идрок ва тасаввурот вобаста аст. Муоширати персептивӣ дар фаъолияти якҷояи муаллиму хонандагон сурат мегирад [7, с. 64].

Масалан, муаллим аз чеҳра ва қиёфаи хонанда таваҷҷуҳи ӯро нисбат ба таълим дарк мекунад.Байни фаъолият ва муошират алоқаи зич мавҷуд аст. Дар раванди фаъолият омӯзгор дар мактаб бо хонанда муошират менамояд. Фаъолият дар ҷомеа бидуни муошират пеш намеравад. Одами фаъолу боғайрат ҳамеша бо дигарон муошират барқарор менамояд.

Муомилаи хуб, муоширати дуруст, эҳтироми атрофиён барои пешравии ҷавонон мусоидат мекунад. Зеро ки агар онҳо ахлоқи хуш ва интизоми намунавӣ дошта бошанд, дар ҷомеа мавқеъ ва мартабаи хешро пайдо карда метавонанд. Дар ҷомеа ҳамеша фарқиятҳои синнусолӣ вуҷуд дорад. Ҷавони 16-сола ҳамеша ва дар ҳама ҷо аз марди 36 сола фарқ менамояд. Ин ҳам фарқияти биологӣ ва ҳам фарқияти иҷтимоӣ мебошад. Ҷомеа баъзан ҷавононеро мешиносад, ки онҳо дар синну соли 16-20 қарор доранд, вале маҳорати суханварӣ

дар онҳо ончунон ташаккул ёфтааст, ки аз одамони 36-40 сола дида хубтару беҳтар ҳарф мезананд.

Нақшбанди ҷон, ки ҷонҳо ҷониби ӯ моил аст,
Оқилонро бар забону ошиқонро дар дил аст.
Он ки бошад дар забонҳо «Ло-уҳиббул офилин»
Боқиётус солиҳот аст, он ки дар дил ҳосил аст.

Забон воситаи асосии муошироти одамон ба ҳисоб рафта, шаҳодатномаи ҳар як миллат маҳсуб мешавад. Вай системаи аломатҳоест, ки дар ин ё он ҷомеа қабул мегардад.Чунончӣ:

Сухан аз арши барин омадааст,
Баҳри покон ба замин омадааст.

Дар китоби «Кимиёи Саодат»-и Муҳаммад Ғазолӣ бар шаҳодати ин гуфтаҳо чунин омадааст. Ва фармону ваъид ҳама сухани вай аст.Ва Вай чунон, ки Зиндаву Донову Бинову Шунавост, Гӯёст. Ба Мусо (а) сухан гуфт бевосита. Ва сухани Вай сифати Вай аст [6, с. 211].

Инсон аз давраи кӯдакӣ забонро дар ҷараёни муошират бо одамони гирду атроф меомӯзад. Ва дар ин замина забон робитаи асосӣ одамон аст.

Шогирде аз роҳи кунҷкобӣ боре аз устод суол кард. Устод бо ин ҳама заковат, ки дар табиати Шумост, чаро дар муошират бо дигарон «Бо бадон баду бо некон накӯ» -ро ба инобат намегиред? Ҳамеша ҳам бо одамони бадандешу саркаш ва ҳам бо одамони хайрхоҳу хушрафтор ба як минвол муносибат менамоед? Инро сабаб чӣ бошад?

- Хирадманд дар ҷавоб гуфт:

- Ман он ҳикмат, ки гуфтӣ ба қадри бардошти фаросати хеш бифаҳмам на бо мағзи ту. Огоҳ бош, ки «Бо дӯстон мурувват бо душманон мадоро» [3, с. 12].

Аз ҷавоне оид ба муошироти шумо бо дӯстонатон пурсидем, ҳамчунин посух дод. Дӯстон се навъанд: нонию ҷонӣ ва забонӣ. Ҳолатҳое, ки дӯстони нонию забонӣ доштам. Аммо имрӯз, ки ҳамкурсонам дӯстони мананд, мо боҳамдигар бисёр самимӣ сухан мегӯем. Ҳастанд дӯстоне, ки бо муошироти дағалонаи худ риштаи дӯстиашонро меканананд. Аммо имрӯз мо бо дӯстонамон дар муошироти байниҳамии солим қарор дорем.

Дар ҷараёни муошират байни сухангӯянда ва шунаванда алоқаи дутарафа барқарор шуда мубодилаи тафаккур сурат мегирад.

**АДАБИЁТ:**


1. Алиев, С.Н. Хусусиятҳои психологӣ қафомонии талабагон дар таълим / С.Н. Алиев // Маҷалаи «Мактаби Советӣ». - №1 соли 1990. - 36 с.
2. Давлатов, М. Психология / М. Давлатов . – Душанбе: Собириён, 2010. – 322 с.
3. Мустафоқулов, Т., Нарзуллоева М. Асосҳои психологияи синусолӣ ва педагогӣ / Т. Мустафоқулов., М. Нарзуллоева. – Кулоб: 1993. – 360 с.
4. Мустафоқулов, Т. Асосҳои психологияи умумӣ / Т. Мустафоқулов, М. Давлатов, Р. Мирзоев, А. Амиршоев ва диг. – Душанбе: «Империал-групп», 2012 – 416 с.
5. Маҳмудов, Ш. К., Абдурашитов Н. Психологияи омӯзгорӣ. / К.Маҳмудов, Н. Абдурашитов. – Душанбе: Ирфон, 2011 – 193 с.
6. Расулов, Д. Педагогика / Д. Расулов, Л. Сайдахмадов, А. Ғаффоров. – Душанбе, 2010 . - 268 с.
7. Мустафоқулов Т. Тарзу усулҳои омӯхтани психологияи мактаббачагон / Т.Мустафоқулов, М. Қурбонов, А. Шарипов. – Душанбе: Империал-Групп, 2014. – 72 с.
8. Мирзоев, А. Сухандонон сухан санҷида гӯед. / А. Мирзоев, Т.Мустафоқулов // Рӯзномаи «Омӯзгор». – Душанбе, 1992. - 16 с.
9. Мирзоев, А. Маҳбуби дилҳо. / Т.Мустафоқулов, А. Мирзоев // Рӯзномаи «Хатлон». - 1992. – 16 с.
10. Қурбонзода, Х. Салоҳиятнокӣ-талаботи таҳсилоти муосир / Х. Қурбонзода // Рӯзномаи «Омӯзгор». – Душанбе, 2016. - 16 с.


## ТАЪСИРИ ПСИХОЛОГИИ МУОШИРАТ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОНУ НАВРАСОН

Муошират яке аз масъалаҳои муҳимми психология ба шумор меравад. Дар адабиёти психологӣ шаклҳои гуногуни муносибатҳои инсонӣ, аз ҷумла, муносибатҳои фарҳангӣ, маданӣ, маишӣ, илмӣ, техникӣ, адабию бадеӣ, истеҳсолӣ, иқтисодӣ, меҳнатӣ, варзишӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ нишон дода шудааст. Бо вуҷуди ин мафҳуми муошират хеле васеъ буда, ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти инсониро дар бар гирифта, тавассути забон, сухан, нутқ, ва воситаҳои коммуникатсионӣ барқарор мегардад. Ин ва дигар

масъалаҳои марбут ба психологияи муошироти байниҳамии одамон, пеш аз ҳама, ба санъати тарбия ва маҳорати бо дигарон муошират барқарор карда тавонистан ва, инчунин, робитаи судманди дуҷониба ва бисёрҷониба вобаста аст. Зеро маълум аст, ки бурду бохти ҳар як шахс дар ҳаёт пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки чӣ тавр шахс дар кору фаъолияти ҳаррӯзаи худ аз шаклҳои гуногуни муошират мувофиқи мақсад истифода мебарад. Ё ин ки дар рафтимуошират бо дигарон ба душвориҳорӯ ба рӯ мешавад.

Чунин шакли муошират боиси озурдахотирии табъи мизоҷон гардида, бо ҳамин роҳ мумкин аст, ки робитаи байни гӯяндаю шунаванда пурра қать гардад. Бидуни истифода аз шаклҳои дурусти муошират одам ҳамчун шахси комил, маънаван ва рӯҳан рушду камол намеёбад. Солҳои охир дар адабиёти илмӣ ва воситаҳои ахбори умум мафҳуми муошират ва коммуникатсия хеле серистеъмол шудааст. Объекти муошироти одамонро маҷмӯи дониш, маълумоти илмӣ, шуури ахлоқӣ, сиёсӣ, маънавӣ, фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ, эстетикии омма, ваҷҳҳои амалиёт, соҳаи маърифатӣ, эмотсионалӣ, арзишҳои миллӣ - умумибашарӣ ва дастурдиҳӣ ташкил медиҳанд. Субъекти муошират ягон хонанда, донишҷӯ, гурӯҳи иҷтимоии одамон ва ё шахси гӯянда, ки бо дигарон дар робитаи доимӣ аст, шуда метавонад. Муносибати одам, мудом дар байни омма барқарор мешавад.

**Калидвожаҳо:** *муошират, мураббӣ, ҷавонон, ҷомеа, наврасон, забон, муаллим, донишҷӯ, хонанда, донишгоҳ, мактаб.*

## ОБЩЕНИЕ ЮНОШЕЙ И ПОДРОСТКОВ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

Общение является одним из основных вопросов психологии. В психологических литературах приведены разные формы человеческого отношения, в том числе культурное отношение, бытовое, научное, техническое, литературно - художественное, производственное, экономическое, трудовое, спортивное, политическое, правовое, экологическое и др. Несмотря на это понятие общение расширенное охватывает все аспекты человеческой жизни, создается посредством языка слова, речи и средствами коммуникации. Это и другие относящиеся проблемы психологии общения между людьми, прежде всего, зависит от степени воспитания и таланта в создании общения с другими людьми, а также плодотворных двусторонних и многосторонних отношений. Так как известно, что выигрыш и проигрыш каждой личности в жизни, прежде всего, зависит от того насколько от того в своей ежедневной работы и деятельности целесообразно употребляет разные формы общении. Или же в процессе общения с другими людьми сталкивается с трудностями.

Такая форма общения приведет с огорчению окружающих и это вполне может способствовать сокращению отношении между слушающим и говорящим. Без употребления правильных форм общения человек не может развиваться как полноценной духовной личности. Последние годы в научной литературе и средства массовой информации понятие общения и коммуникации стали широко употребляться. Объекта общения людей составляет совокупность знаний, научные сведения, психологическое сознание, область познания, эмоциональности, национальные и глобальные ценности. Субъектом общения является ученик, студент, социальные группы или говорящая личность, которая находится в постоянном отношении с другими.

**Ключевые слова:** *общение, социальный, учащихся, язык, учитель, ученики, университет, школа.*

## THE CONTACT BY YOUTH AND TEENAGER IN MODERN SOCIETY

The Contact is one of the main questions to psychologies. In psychological literature are brought form miscellaneous human relations, including cultural attitude, home, scientific, technical, literary-artistic, production, economic, labor, athletic, political, legal, ecological and others In spite of this notion contact extended covers all aspects to human life, s by means of language of the word, speech and facility to communications. This and other referring problems to psychologies of the contact between people, first of all, depends on sedate education and talent in making the contact with the other people, as well as seminal double-sided and many-sided relations. Since known that advantage and loss to each personalities in lifers, first of all, depends on that insofar from that in its daily work and activity reasonable uses the form miscellaneous a contact. Or in process of the contact with the other people faces with difficulty.

Such form of the contact will bring with distress surrounding and this wholly can promote to reduction attitude between listening and speaking. Without using the correct forms of the contact of the person cannot develop as full-fledged spiritual personality. The Last years in scientific literature and mass media notion contacts and communications become broadly be used. The Object of the contact of the people forms the collection of the knowledge, scientific information, psychological consciousness, area of the cognition, emotion, national and global value. The Subject of the contact is a pupil, student, social groups or speaking personality, which is found in constant attitude with others.

**Key word:** *The Contact, young social, language, teacher, pupils, university, school.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Даминзода Хатичамо Азим -Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Нишонӣ: 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16, тел.: (+992) 918339993.*

**Сведения об авторе:** *Даминзода Хатичамо Азим - соискатель Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоха Рудаки. Адрес: 735360, г. Куляб, улица С.Сафаров 16, тел.: (+992) 918339993.*

**Information about the author:** *Daminzoda Khatichamo Azim – applicant of the Kulob State University named after Abuabdullhoh Rudaki. Address: 735360, Kulob, S. Safarov street 16, tel.: (+992) 918339993*

# ҶОЙГОҲИ ИЛМУ ДОНИШ ДАР ТАҲКИМИ ТАРБИЯИ ПЕДАГОГИЮ ИДЕОЛОГӢ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН

***Шарафзода Б. А.***

**Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Нақш ва аҳаммияту ҷойгоҳи илму дониш дар ҳаёту зиндагии ҳар як инсон бағоят бузург буда, рӯзгори инсонро имрӯзҳо бе дастовардҳои илмию инноватсионӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Ҷаҳони муосир мунтазам дар ҳоли рушду пешравӣ, қарор дорад. Ҷаҳонишавӣ ва раванди он тамоми фаъолияти ҷомеаро тезонида, ба дастовардҳои илмӣ ҷалб менамояд, зеро ин асрро "Асри илму технология" меноманд. Зеро вазифаи илм дар замони муосир пеш аз ҳама аз он иборат мебошад, ки тавонад ба зиндагии воқеъию пурасрори инсонҳо дар табиати иҳотакардааш нафърасон бошад. Албатта рушди бемайлони дастовардҳои илмиро дар низоми ҳаёту зиндагӣ мушоҳида менамоем. Аз ҳама муҳимаш ин аст, ки комёбиҳои илмии асри XXI ба истеҳсолот пайваста буда, бештари ин навовариҳо ба нафъи ҷомеаи иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ нигаронида шудааст.

Дар низоми пешрафт ва дастовардҳои илмӣ пеш аз ҳама қувва ва ё ин ки неруи зеҳнии наврасону ҷавонон ва толибилмону донишҷӯён ҳамчун неруи инсонӣ ниҳоят зарур аст. Албатта исботи ин масъала мушоҳида шуда, ҳар лаҳза неруи зеҳнии ҷавонон аз ҳар гӯшаву канори дунё бо ихтирооти бемислу монанди худ дар ин ё он самти хоҷагии деҳот ва ҳаёту зиндагии инсони асри навин дарак медиҳад. Баъзе аз навовариҳои технологию илмии толибилмону муҳаққиқони ҷавон боиси таҳсин буда, мушкилии чандинсолаи ҷомеаро ҳал мекунад. Бешубҳа маълум аст, ки дар ниҳоди насли ҷавон, андеша ва мафкураи тоза вуҷуд дошта, он қодир аст, ки ҷавоби мушкилиҳои зиёди зиндагиро бидиҳад.

Дар масъалаи афзалияти илму маърифат дар пешрафти ҷомеаи инсонӣ, ба андешаи файласуфи бузурги Юнони бостонӣ Арасту зинаҳои ташаккули дониш, яъне дарки эҳсос, таҷриба, санъат ва илм, ки зинаи сеюми ташаккули дониш мебошад, ба ҳисоб меравад [1]. Дар воқеъ Арасту дар замони худ ташаккули маърифати инсониро ба зинаҳои муайян ҷудо карда, онро дар рафти омӯзиши пайвастаи донишҳо дар раванди ҷомеаи иҷтимоию фарҳангӣ асоснок кардааст. Санъат дар ин ҷо ба андешаи мутафаккир, ин санъати тасвири ё зебоинигорӣ набуда, балки ин як зинаи таккомули маърифат мебошад, ки аз таҷриба бар меояд.

Ҷойгоҳи илм дар ин тақсимбандӣ мақоми олиро ишғол карда, ба ақидаи донишманд шакли олии он фалсафа мебошад. Албатта айни замон низ донишҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ барои ташаккули маърифати шахсӣ ва ҷамъиятӣ дорои аҳамитяи махсус буда, ташаккули ин низоми педагогӣ дар таҳрики маърифати ҷомеаи иҷтимоию фарҳангӣ дорои аҳамити махсуси худ мебошад. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши мунтазами худ Арасту ақидаи дигареро баён доштааст, ки "Кӯшиши инсон бахри дониш ва маърифат ин хислати модарзодии ӯ мебошад". Яъне дар ин асно гуфтан мумкин аст, ки ҳар як инсон дорои ақлу шуур буда, дар ниҳоди он унсурҳои ташаккули маърифати инсонӣ, яъне ба монандаи эҳсосу идрок, таҷриба ва санъати дониш мавҷуд мебошад. Аз ин рӯ, инсон метавонад, ки бо инкишоф ёфтани майлу завқ ва тасаввуру идрок, дар рафти марҳилаҳои дигаргуншавии ҷамъият ва моҳияти мавҷудоти олами иҳотакардааш, ки дар пешорӯи ӯ истодаанд сарфаҳм рафта, ба баъзе масъалаҳои пешоруи худ ҷавоб гуфта тавонад. Ин дар ҳоле сурат мегирад, ки шахс пайваста заҳмат кашида, дар самти маърифат ва дониш аз шинохти худ то ба дарки маънию андеша ва дониш

шабонарӯзӣ ба омӯзиш ҳамаҷонибаи маърифати баланди инсондӯстӣ ва илмҳои замони худ мепардозад.

Дар сархати сеюми моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: "Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад" [2]. Албатта Ҷумҳурии Тоҷикстон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона буда, ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ барои инкишофи ҷомеаи маданӣ шароити созгорро таъмин кардааст. Дар радифи ин, ташаккули ҷомеаи иҷтимоӣ-маданӣ барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувори кишвари соҳибистиқлоли мо, аҳамияти авалидараҷа дошта, дар ин самт як зумра барномаҳои мушаххас қабул карда шудаанд, ки яке аз онҳо ин "Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" мебошад. Барои расидан ба ҳадафҳои оянда, беҳтар кардани шароити иҷтимоии аҳолӣ, рушди низмои иқтисоди миллӣ ва ҳамбастагию алоқамандии илму маориф ба истеҳсолот яке аз принсипҳои рушди дарозмуҳлати низоми маорифи кишвар мувофиқи стратегияи мазкур мебошад [3].

Ҷиҳати расидан ба ин мақсадҳо таҳким бахшидани низоми таълиму тарбия ва илму маориф дар муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёни умумӣ, махсус ва олии касбӣ дар шароити имрӯзаи ҷомеаи кишвар, ки тибқи таҳлилҳои демогафӣ аксарияти шумораи аҳолиро наврасону ҷавонон ташкил медиҳанд зарур мебошад. Дар радифи ин дастгирии иҷтимоии мутахассисон ва ҳавасмандгардонии онҳо дар самти илму маориф ба такмили низоми маориф мусоидат менамояд.

Мувофиқи консепсияи рушди мадании ҷомеаи инсонӣ муқоиса намоем дар ин асно боз ҳам ба ташаккули низоми маърифат ва донишҳои фардию ҷамъиятӣ асоснок мегардад. Албата субъекти маърифати иҷтимоӣ иштирокчии раванди маърифат мебошад, ки дар ҷараёни маърифати олам ба донишҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ мавқеи шахсии худро интиқолу ташаккул медиҳад. Шахс дар ин раванд боргоҳи маданияти иҷтимоиро бо хусусиятҳои биниши шахсиаш пурра мегардонад ва дар ин самт донишҳои фардии худро афзун менамояд. Намояндаи ҳар кадом халқият, олим, мутафаккир, адиб, эҷодкор, ходими ҷамъиятӣ ва дигарон ба сифати субъекти маърифати иҷтимоӣ-гуманитарӣ шинохта шуданашон имкон дорад. Нафаре, ки равандҳои ҷамъиятиро таҳлил мекунад, рӯҳияи замонаро ва мақсаду мароми насли мавҷударо баён мекунад, дар инкишофи мазмунии донишҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ ҳиссагузор аст, ҳамон нафар субъекти он аст. Мувофиқи ин назария мебинем, ки барои инкишоф додани низоми ҷомеаи маданӣ боз ҳам нақши илму дониш ва маърифати фардию ҷамъиятӣ хело зарур мебошад.

Аз мушоҳидаҳои мунтазами ҳодисаҳо ва амалҳои инсонӣ субъекти маърифати иҷтимоӣ-гуманитарӣ кӯшиш мекунад, ки қонуниятро дарёбад. Самти инкишофи воқеияти иҷтимоиро маънидод намуда, дар бораи нодирии шароити таърихӣ муҳокима ронда, модели инкишофи иҷтимоиро метавонад пешниҳод созад. Азбаски субъекти маърифати иҷтимоӣ-гуманитарӣ ба олами зиндагӣ ворид аст, бинобар он, вай абстраксияи гносеологӣ набуда, балки мавҷудоти тому дар як вақт маърифаткунанда ва ботаасурот мебошад. Хусусияти фарққунандаи субъекти донишҳои иҷтимоӣ- гуманитарӣ инчунин дар он мебошад, ки вай нисбат ба масъалаҳои ҳастии фардию умумиинсонӣ мулоҳизаи мукаммал дорад. Кӯшиши донистани моҳияти замона, мавқеи инсон дар олам ва маънoю таъиноти вай, тағйироти таъриху фарҳанг ва дигар масъалаҳо мутаносибан ҳалли худро металабанд. Субъекти иҷтимоӣ-гуманитарӣ хусусияти истифода кардани қобилияти баланди шуур мантиқи мазмун ва далелноккунӣ ва инчунин неруҳои бешууронаю ҷаҳонфаҳмии фаросатиро дорад. Маҳз дар соҳаи дониши иҷтимоӣ гуногунии шаклҳои дониш зоҳир шуда, бо ҳам алоқаманд мебошанд [4].

Агар барои субъекти маърифати иҷтимоӣ-гуманитарӣ мақсаду арзишҳои ҳақиқатан гуманистӣ аҳамияти калон дошта бошад. Пас тафаккури ӯ низ самти мусбат ва созанда дорад. Образи олам, ки илмҳои гуманитарӣ меофаранд, бояд бо охирату қиёмат алоқаманд набошад, балки бо некбинӣ, бо фаҳмиши зарурати таъмини тараққиёти аҳли инсоният саршор бошад. Ба дӯши олим-намояндаи донишҳои иҷтимоӣ- гуманитарӣ вазифаи бузург вогузор шудааст. Ӯ дар амалгардонии назорати гуманитарӣ дар соҳаҳои энергетикаи атомӣ, муҳандисияи генӣ, таъсири психологӣ ва ғайра ба сифати коршинос баромад мекунад. Илми иҷтимоӣ-гуманитарӣ вазифаи таъмини ахлоқияти илми муосирро пурра ба уҳдаи худ гирифтааст.

Олимони соҳаи гуманитарӣ ба саодату накӯаҳволии инсоният бепарво нестанд. Онҳо тарафдорони устуворгардии арзишҳои асили фарҳангӣ мебошанд, аҳамияти эҳсосот, таассурот, эътиқод ва идеалҳоро дар ҳаёти инсон хуб мефаҳманд.

Вале ба ақидаи донишмандони илми фалсафаи тоҷик Р. Комилов ва М. Назаров се модели асосии баёнкунандаи ҷараёни маърифати илмӣ мавҷуданд,ки ин яъне эмпиризм (таҷрибагарӣ), теоретизм (назариягароӣ) ва проблематизм (масъалагароӣ) [5]. Дар низоми пешрафт, инчунин таҳавулоти мунтазами ҷомеаи инсонӣ ва маданӣ мебинем, ки дар воқеъ таҷриба, назария ва масъалагароӣ аз шаклҳои муҳимтарини инкишофи маърифати илмӣ маҳсуб меёбанд, дар ин масъала албатта дар консепсияи ташаккули фарҳангӣ мисолҳои бо ин монанд оварда шудаанд.

Дар ин раванд андешаҳои сиёсатшиноси ватанӣ Х. Сафарализода вобаста ба марҳилаҳои сохтори ҷамъиятӣ хело ҷолиб мебошад. Номбурда, бо назардошти мушоҳидаҳо ва таҳлилҳои рушди таърихии идеологияҳои сиёсӣ марҳилаҳои ташаккули сохтори ҷамъиятиро ба чор зина ҷудо кардааст. Ки инҳо институтсионализатсияи арзишҳои идеологӣ, идеализатсияи арзишҳои идеологӣ дар сатҳи афкори ҷамъиятӣ (мафкурасозӣ), сеюм дар амал татбиқ гардидану дар миқёси васеъ мавриди истифода қарор гирифтани арзишҳо ва меъёрҳои идеологӣ ва чорум ба бухрони навбати дучор гардидани арзишҳои идеологӣ мебошад [6].

Тафсири ин омилҳо бо назардошти ташаккул додани идеологияи миллӣ дар замири наврасону ҷавонон дар низоми арзишҳои иҷтимоӣ, ҷомеаи маданӣ ва сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҷаҳонишавӣ дорои аҳамияти вежаи худ буда, ба андешаи мо он аз таълиму тарбияи дуруст, тарбияи меҳнатию ватандӯстӣ ва омӯзиши илму дониш ибтидо мегирад.

Тавре гуфта шуд, агар хусусиятҳои илму донишро бо назардошти принсипҳои илмҳои таъриху ҷомеашиносӣ ташреҳ намоем, мебинем, ки аҳамияти илм дар ин замон хеле бузург буда, он аз замони пешин ба куллӣ тафоввут дорад. Барои мисол агар дастовардҳои асрҳои XIX ё XX ба комёбиҳои илмии замони навин муқоиса намоем, дар ҳақиқат онҳо хеле фарққунанда буда, мушкилоти ҳаётии инсонро ба таври кофӣ ҳал карда наметавонистанд. Дар раванди аз худкунии шохаҳои илм яъне донишҳо ба дарки илм ва мақсаду ҳадафи пос доштани арзишҳои миллӣ наздиктар метавон шуд. Метавон гуфт, ки дар шароити имрӯзи ҷомеа албатта бунёди зиндагии солиму босаодатро бо омухтани илми муосир дар ҷомеа худи мо сохта метавонем.

Дар ин асно, агар ба андешаи педагоги рус С. Смирнов назар намоем мебинем, ки барои ташаккули тарбияи фардӣ дар низоми ҷомеаи мутамаддин принсипҳои анъанавии педагогиро ба инобат гирифта, иброз доштааст, ки агар то андозае ба ҳаёти маданӣ омода кардани шахс бо усули тарбияи педагогӣ бошад ва аз ҷониби дигар тарбяи инсонро вазифаи ҷамъяитӣ низ номида, дар ин радиф нақши ҷомеаро низ афзал донистааст. Вазифаҳои маорифро дар ҳар шакл ва дар ҳар низоми ҷомеа барои таълиму тарбияи фардӣ афзалият додааст [7].

Агар ба таҳлил ва омӯзиши дигар назар намоем онҷо барои ташаккули мафкураи солимро дар зеҳни наврасону ҷавонон ба вуҷуд овардан нақши зиёиён нишон дода шудааст. Мо бояд дарк намоем, ки дар чи гуна шароит ва дар чи гуна ҷомеа умр ба сар бурда истодаем ва дар оянда чи гуна давлат сохтан мехоҳем. Аз ин рӯ, барои расидан ба ҳадафҳои дарозмуддати кишвар, пеш аз ҳама зеҳну тафаккури насли ҷавон бояд тағйир дода шавад. Дар ин раванд саҳми аз ҳама муҳимро зиёиён, равшанфикрон ва омӯзгорон мегузоранд. Дар навбати авввал дар тарғибу ташвиқи арзишҳои навин тафаккури замонави бояд худи онҳо намуна бошанд ва ба дигарон ин гуна рафтор ва муносибатро омӯзанд. Агар рушди техникӣ, технологӣ ва саноаткунонии мамлакат аз намояндагони илмҳои дақиқ вобаста бошад, рушди фикрӣ ва ташаккули мафкуравӣ аз намояндагони илмҳои ҷомеашиносӣ вобастагӣ дорад [8]. Дар ин замина муалиф барои таҳким бахшидани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва пешрафти илму маориф саҳми олимону донишмандон ва ҳамаи хизматчиёни давлатиро низ зарур мешуморад.

Дар шароити ҳасоси мавҷудаи ҷаҳони муосир саҳми роҳабрияти мақомоти давлатӣ ва зиёиёнро барои расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар зарур мешуморад. Вақте, ки раванди инкишофи низоми ҷомеаро таҳлил намоем барои рушди ҳамаҷонибаи он албатта саҳми арзишманди хизматчиёни давлатию ҳарбӣ, аҳли зиё, олимону донишмандон ва ҳар як шарҳванди солимфикр бештар аз пештар зарур мебошад.

Дар шароити кунунӣ сарфаҳм рафтан ба моҳияти илму дониш аз ҷониби муҳасиллин ва мақсаднок амал кардани онҳо дар зинаҳои таҳсилот аз ҷониби масъулини соҳа тадбиру андешиҳои саривақтиро тақозо менамояд. Тафсири илм ба маънои дигараш ҷамъ ё системаи донишҳои исботшуда мебошад. Яъне илм дар системаи худ донишҳои зиёдеро муттаҳид сохтааст, ки ҳар яки онҳо дар навбати худ дорои низом ва аҳамияти худ мебошанд. Лекин онҳо бо ҳамдигар дар ҳамбастагӣ мебошанд. Тибқи маълумоти мавҷуда имрӯзҳо бештар аз 15 ҳазор илм дар низоми ҷамъиятӣ мавҷуд буда, дар ҳаёти рӯзмарраи инсон васеъ истифода мешаванд ва ин шумора мунтазам дар ҳоли рушд мебошад. Рисолати олим низ дар ҷомеа бағоят бузургу арзишманд аст. Дар назди олим ҳамеша вазифаҳои пурмасъул қарор доранд. Олимон ҳамеша роҳнамо ва ҳидояткунандаи роҳи рост ва зиндагии орому осуда мебошанд.

Бо назардошти ворид шудан мамлакат ба марҳилаи нави рушд, яъне давраи саноаткунонии босуръати кишвар талаботи ҷомеа ба соҳаи илму маориф ва иноватсия давра ба давра афзоиш хоҳад ёфт. Аз ин ҷиҳат гуфтан мумкин аст, ки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ фаъолияти самарабахши илмиву технологӣ шарти зарурӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Гарчанде тамоили мунтазам зиёд гардидани ҳаҷми маблағгузорӣ ба рушди соҳаи илм мушоҳида гардад ҳам, аммо сифати иҷро ва натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгу набудааст [9]. Ин масъала дар таҳқиқоти Л.Ш. Ғаюров "Алоқамандии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлати Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ фалсафӣ)" арзёбӣ гардидааст. Аз ҷумла қайд гардидааст, ки набудани ҳамоҳангии мавзуъҳои таҳқиқиотӣ ба талаботи корхонаҳои саноатӣ ва вобаста ба ин харидор пайдо накардани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ аз мушкилотест, ки солҳои зиёд боз арзи ҳастӣ мекунад [10].

Барои пайвастани таҳқиқоти илмӣ ба амалия ва ҷалби ҷавонон ба корҳои эҷодӣ метавон аз принсипи илмиятнокӣ дар таълим истифода кард. Вобаста ба пешрафти илму техника яке аз шартҳои ҳатмии азхуд кардани технологияи пешрафта аз ҷониби ҷавонон ин меҳнатӣ эҷодӣ, самаранок ва ихтироъкорӣ дар истеҳсолот, ин принсипи пешбаранда мебошад [11]. Рушди ҷомеа, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат, сифати зиндагии мардум, комёб гардидан ба сатҳи ҷаҳони иҷтисодиёт, азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ ба сатҳи рушди устувори соҳаи маориф вобастагӣ дорад. Дар ин радиф гузариши маориф ба технологияи нави тарақиёти таълим ҳадафи асосӣ пазируфта мешавад. Ҳамзамон гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим, дар замони тараққиёти илм омӯзгоронро водор месозад, ки бо истифода аз шаклу усули замонавии таълим хонандагонро барои ҳалли ҳар гуна мушкилоти зиндагӣ омода намоянд, зеро ҷомеаи имрӯза аз мактабу маориф шогирдони дорои қобилияти ҳалли проблемаҳои мураккаби ҳаётиро тақозо мекунад [12]. Мактаб дар назди ҷомеа ва давлат, барои мавҷудият сифати таълим ва мувофиқати он ба ақидаҳои муосири илмӣ масъул аст.

Тавассути илму дониш мо дар ҷомеа тамоми талаботи моддию маънавии худро қонеъ менамоем, барои ҳар як фард дар расидани ӯ ба ҷаҳони беканори маънавиёту маърифат маориф роҳ мекушояд. Илму адабро мо бо роҳи ҷустуҷӯ ва омӯзиш тавассути раванди таҳсилот аз бар мекунем. Аввалин тафсири илмии маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ба муҳаққиқи фаронсавӣ Эмил Дюркгейм тааллуқ дорад. Равиши сотсиологии ӯ ба омӯзиши маориф беназир аст. Ӯ таъкид мекунад, ки таҳсилот бо дигар институтҳо, арзишҳо ва эътиқодҳои дар ҷомеа мавҷудбуда алоқаманд аст, бар заммии ин системаи маорифро аз ҷомеа ҷудо кардан ғайриимкон аст [13].

Ҳоло зарур аст, ки дар амал татбиқ намудан ва даст ёфтан ба дастовардҳои бесобиқаи илмӣ ва иноватсионии замони навро насли созандаи ватани азизамон омӯхтаю дарк намоянд. Албатта давлату ҳукумати мамлакати мо барои ин қишри ояндасоз аз тамоми имкониятҳо истифода бурда истодааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон вобаста ба ин масъала чунин таъкид намудаанд: "Вобаста ба талаботи иқтисоди миллӣ ва расидан ба ҳадафи чоруми стратегии кишвар-саноатикунонии босуръат дар самтҳои ҷустуҷӯ ва иктишофи конданиҳои фоиданок ва рушди саноати маъдан олимони мо бояд корҳои таҳқиқотиро вусъат диҳанд". Илова бар ин, роҳбари давлат дар радифи он иброз доштанд, ки: "Олимони ҷомеашиноси моро зарур аст, ки якҷо бо зиёиёни эҷодкор дар шароити ҷаҳонишавӣ бо мақсади ҳифзи арзишҳои миллӣ, таъриху фарҳанг ва забону

адабиёти миллати куҳанбунёдамон дар роҳи ба ҷаҳониён ҳарчи бештар муаррифӣ кардани таърих, тамаддун ва фарҳанги халқи тоҷик рисолати шаҳрвандиву миллии худро ба таври шоиста иҷро намоянд" [14]. Ин гуфтаҳо барҳақ дар назди ҳар як зиёӣ, махсусан олимону донишмандон барои эҷоди рисолаҳои асосноки илмӣ ва навовариҳои техникӣ, ки ба истеҳсолот марбут мебошад вазифаҳои мушаххасро мегузорад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди илму маориф ворид намудани технологияҳои муосир, тарбияи кадрҳои замони нав ва азнавсозии идораи илму маориф фазои мусоид ба вуҷуд овард, ислоҳоти мақсадноки соҳаи маориф оғоз гардид. "Маориф дар замони соҳибистиқлоли бо дастгирии давлат ва ҳукумат ба як рукни муҳими иҷтимоӣ табдил ёфт" [15].

Аз ҷавонони саодатманди мо тақозо мегардад, ки бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва хештаншиносӣ ба роҳи заҳматталаби илм ворид гардида, бароиояндаи дурахшони Тоҷикистон саъй намоянд. Зеро ки онҳо кишвари соҳибистиқлоламонро, танҳо бо роҳи илму технология ва саноат метавонанд пешрафтаву мутарраққӣ намоянд.

Дар раванди бархурди тамаддуни илмӣ ва дастовардҳои иноватсионӣ ба моделҳои кишварҳои пешрафтаи олам назар намоем, дар тараққиёти иқтисоди миллӣ ва тафаккури ҷомеаи онҳо мақоми илму маърифат ҷойгоҳи аввалро ишғол кардааст. Дар ин замина андешаи сиёсатшиноси тоҷик С. С. Ятимов чунин мебошад: "Милатҳое, ки илму дониш фарогири аксарияти онҳо шуд, дар арсаи ҷаҳон тасаллут пайдо карданд. Аҳволи мардуми хешро беҳбуд бахшиданд. Зиндагии шоиста доранд. На танҳо истифодаи захираҳои табиии оламро ба манфиати худ ба роҳ монданд, балки ақли мардумони бегонаро ҳам мутеи худ гардонданд. Ва баръакс, дар ҷое, ки хурофот ва таасуб аксариятро фарогир шуд, зиёӣ дар ақаллият монд. Сарзамин ба мардумони соддаву гумроҳу нодонбачаҳои худ абзори арзони бозиҳои аҷнабиён гардид"[16]. Тавре аз ин гуфтаҳо бармеояд, воқеан имрӯз ҷомеаи пешрафтаро танҳо бо роҳи дониш, технологияи муосир ва маърифати баланди инсонию ҷамъиятӣ метавон ба даст овард, на ба роҳи хурофоту ҷаҳолат.

Вобаста ба ин агар мо ба суханронии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки рӯзи 9 марти соли 2024 ироа шудааст, таваҷҷуҳ намоем, онҷо баён шудааст, ки: "Барои мисол, суръати рушди кишварҳои мусалмонишинро дар мисоли Арабистони Саудӣ, Аморoти Муттаҳидаи Араб, Қатар, Кувайт, Баҳрайн, Малайзия ва дигарҳо мегирем, ки ба чи суръат рушд карда истодаанд. Онҳо хуб дарк кардаанд, ки омили наҷотбахши инсоният танҳо илм ва рӯ ба илмомӯзӣ овардани насли ҷавони кишвар аст" [17]. Яъне аз ин гуфтаҳо метавон хулоса кард, ки имрӯз кишварҳои ҷаҳони ислом низ дарк кардаанд, ки пешрафту тараққи танҳо бо роҳи илму дониш ба даст меояд. Дар ҳамон вохӯри роҳбари давлатамон бори дигар ба мардуми шарифи кишвар рӯ оварда баён карданд, ки: "Ояндаи Тоҷикистон маҳз аз сатҳи маърифати мардум ва пешрафти илму техника вобастагӣ дошта, ҷалби ҷавонону наврасон ба илму дониш ва касбу ҳунар бояд дар маркази таваҷҷуҳи ҳамаи аҳли ҷомеа қарор дошта бошад." Дар он ҷо, инчунин барои хатару оқибатҳои ақидаҳои номатлуб ба ҷамъият, хусусан хурофотпарастии баъзе шаҳрвандон тавҷҷуҳ шуда, чунин гуфта шудааст: "Хурофот ҷаҳолат аст, ҷаҳолат барои миллат танҳо бадбахтӣ меорад", ки барҳақ чунин аст.

Танҳо илм ва ақли кул метавонад ҷомеаро аз бадбахти ва хурофоту ҷаҳолат эмин нигоҳ дорад. Дар ин робита ба назари Френсис Бейкон дар хусуси илм ва дониш хеле ҷолиб мебошад. Илм бояд ба ҳаёт ва ба амалия хизмат кунад ва ҳадафи он бояд бештар ба ҳукмронии инсон ба табиат нигаронида шуда бошад". Аз замони гуфта шудани ин фикр ё назария чандин сол гузашта бошад ҳам, он аҳамияти худро гум накарда, бештар хусусияти хоссеро соҳиб гаштааст.

Яъне, дар ҳақиқат илм бояд нафърасон ба ҷомеа буда, ҳамеша аз таъсироташ инсонро бархурдор намояд. Инсон бояд тавассути илму дониш малакаи касбии худро зиёд намуда, ҳамчун ҷузъи табиат муносибати эҳтиёткоронаи худро ба табиат зоҳир намояд. Дар раванди амали намудани муносибатҳои илмӣ ба табиат ҳамчун ҷузъи пайвастаи он ва ба ҷомеа ҳамчун инсон нафърасон бошад. Боварӣ дорем, ки ҷавонони мо ба қадри тамоми ғамхориҳои давлату ҳукумат, дар самти илму маориф расида, ба омӯзиши амиқи илмҳои ҳозиразамон махсусан илмҳои риёзию дақиқ, ки кишвари мо ба ин гуна мутахассисон эҳтиёҷ дорад, иқдоми қавӣ гузошта, дар ободии кишвари маҳбубамон саҳми арзандаи худро мегузоранд. Вале дар ин

радиф моро лозим аст, дар баробари ин тарбяи кадрҳои худшиносу ватандӯст, дорои масъулият ва малакаи баланди касбӣ, соҳиби донишу таҷриба ва ҷаҳонбинии муосир, фидокор ва содиқ вазифаи муҳимтарини мақомоти давлатӣ, олимону омӯзгорон, падару модарон ва умуман аҳли донишмандону коршиносон мебошад [18].

Мавриди зикр аст, ки дар меҳвари паёми навбатии роҳбари давлатмаон яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрам рушди иқтидори илмии муассисаҳои таълимӣ, дар доираи лоиҳаҳои давлатӣ ва байналмилалӣ анҷом додани таҳқиқоти арзишманди илмӣ ва дар раддабандии ҷаҳониву минтақавӣ мавқеи шоиста ишғол намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар қарор гирифт. Вобаста ба ин масъала сарвари давлат Вазорати маориф ва илмро вазифадор намуданд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатии "Муҳити таълим асоси таҳсилоти босифат", "Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро таҳия намояд. Дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия ва Академияи миллии илмҳо супориш дода шуд, ки ҷиҳати маблағгузорӣ, тақвият ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ тадбирҳои муассирро роҳандозӣ намоянд.

Дар паём гуфта шудааст, ки соли 2017 низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар расидааст. Тибқи дурнамо ин шумора то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад [19]. Албатта ин раванд зарурати бунёди муассисаҳои таълимии нав ва баланд бардоштани имкониятҳои низоми маорифро тақозо мекунад. Бо ин роҳбари давлат дар назди ҳукумати мамлакат ва дигар мақомоти давлати вазифаҳои зарурири вогузор карданд.

Тайи солҳои охир мебинем, ки ҳукумати малакат як қатор барномаҳо ва стратегияҳои давлатиро бо мақсади рушди илмҳои муосир дар соҳаи илму маорифи кишварамон мунтазам роҳандозӣ менамояд. Бо амалӣ намудани чорабиниҳо ва озмунҳо дар соҳаи илмҳои дақиқ ба монандаи озмунҳои фаннӣ дар миёни толибилмону донишҷӯён, озмуни ҷумҳуриявии "Илм фӯруғи маърифат" [20] ва дигар озмунҳои мақсаднок ба рушди соҳаи илмҳои риёзию дақиқ ва ихтирооту навоварӣ дар ҷумҳурӣ таъсири муфид мерасонад. Омӯзиши илму дониш метавонад наврасону ҷавононро аз таассубу ихтилоф, аз гаравиш ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротию иртиҷоӣ ва омилҳои номатлуби ҷамъиятӣ эмин нигоҳ дошта, дар ташаккули ватандӯстӣ ва худшиносии миллии онҳо таъсири созгор мегузорад.

Хулоса, Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мо тоҷикон имконият фароҳам овард, ки омӯзиш ва муарифии ҳамаҷонибаи фарҳангу тамаддуни худро дар арсаи олам ба таври шоиста анҷом диҳем. Арзишҳои баланди инсонию фарҳангӣ, илмию тамаддунии худро омӯзем ва онҳоро арзишманд муаррифӣ намоем. Аз ҳама муҳим он аст, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ мо арзиши олитарини миллиямон, яъне истиқлолу озодӣ, муқаддасоти давлатиро пояндаву ҷовидон ҳифзу нигаҳдорӣ карда, Тоҷикистонро ҳамчун кишвари пешрафтаю тараққикарда муаррифӣ намоем, ки ин албатта бо роҳандозии тарбияи дурустӣ наврасону ҷавонон, омӯзиши илму дониш ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстию худшиносӣ, инчунин маърифати баланди маданию андешаи солими миллӣ дар вуҷудди шаҳрвандонамон ба даст меояд.

Аз омӯзишу таҳлил ва муқоисаи маводи болозикр ба чунин хулоса метавон омад, ки дар тарбя ва ташаккули насли наврасу ҷавон нақши институти оила, ҷомеа ва ниҳоди давлатӣ бузургу арзишманд мебошад, ки дар ҳар маврид барои ба вуҷуд овардани дастовардҳои илмию техникӣ, ташкили ҷомеаи солими маданӣ дорои мафкурраи миллию давлатмеҳварӣ ва ҳамқадами ҷомеаи муосир будан, аз ҳар яки мову шумо бо ҳисси баланди ватандорӣ анҷом додани рисолати касбӣ ва масъулияти баланди шаҳрвандиро тақозо менамояд. Дар ин марҳала бо иқдому ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади баланд бардоштани сатҳи неруи зеҳнӣ, рушди илм, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ корҳои зиёду назаррас анҷом дода шудаанд. Ба монанди таъсиси муассисаҳои таълимӣ, институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дигар чунин муассисаҳо шаҳодати он мебошанд, ки дар ин раванд ислоҳоти дурусти соҳаи маориф ин нишони рушди минбаъдаи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи маданию соҳибистиқлоламон ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти омӯзиш ва таҳлилу муқоисаи асарҳои як зумра донишмандони ватанию хориҷӣ, инчунин барнома ва консепсияҳои рушди ҷамъиятӣ ин мавод таҳия карда шудааст. Дар мақолаи оянда принсипҳо ва меъёрҳои низоми маорифи кишвар, ҳолат ва дурнамои рушди онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси методҳои муосири илмӣ пешниҳод менамоем.

**АДАБИЁТ:**


1. Таърихи фалсафа. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Ҳайати муаллифон. - Душанбе.,"Собириён". 2011. 231-233 с.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. "Нашриёти Ганҷ" 2016.- 4с.
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, 2016. - 48с.
4. Философия науки. под ред. С. Лебедова: Учебное пособие для вузов.-М.:Академический Проект.2005. 40-46 с.
5. Комилов, Р.С., Назаров М.А. Фалсафаи илм. Душанбе -"Ирфон". 2008.-18 с
6. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Паёми Маркази таткиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. №1(81) 2023, Душанбе -2023. 54-59 с.
7. Смирнов, С. Д. Педагогика и психология высшего образования. Учебное пособие. -12 с.
8. Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. Маркази таткиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. №1(5) 2023. Душанбе-2023.57-61с.
9. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Паёми Маркази таткиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. №1(81) 2023, Душанбе - 2023. 210-221с.
10. Ғаюров Л.Ш. Автореферат. Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлати Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ фалсафӣ). Душанбе - 2023.-18 с.
11. Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. №1(15) 2023. Душанбе.2023-30 с.
12. Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахшида ба 27-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. №4(29) 2018.-79-80с.
13. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №7.2022. Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. Душанбе-2022. 119-120с.
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21.12.2021.13:10, шаҳри Душанбе:http://www.prezident.tj.
15. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: Масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди 1.-Душанбе "Фасл-4". 2021.318-319с.
16. Ятимов, С. С. Дунявият ва амният. Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. 2022. №2 (2)-18-37с.
17. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои милат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар. ш. Душанбе, Кохи Ваҳдат, 9 марти соли 2024. 48-51с.
18. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: Масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди 2.-Душанбе, "Фасл-4". 2021.420-421с.
19. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28 декабри соли 2023. Душанбе: «Шарқи озод», 2023.-41с.
20. Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 1 январи соли 2024, №АП-481. 01.01.2024. 10:04, шаҳри Душанбе: http://khovar.tj.


## ҶОЙГОҲИ ИЛМУ ДОНИШ ДАР ТАҲКИМИ ТАРБИЯИ ПЕДАГОГИЮ ИДЕОЛОГӢ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН

Дар замони муосир аҳаммияти донишҳои илмию таҷрибавӣ хусусан маърифати баланди инсонию педагогӣ ҷойгоҳи хоссае дорад, ки ин масъалаи асосии ташаккул додани мафкураи солими насли наврасу ҷавон дар тамоилҳои зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавӣ ба шумор меравад.

Пешрафти босуръати илму технология дар ҷаҳон имрӯзҳо аз ҷомеаи мо, ки аксарияти онро ҷавонон ташкил медиҳанд, тақозо менамояд, ки ба онҳо афзалияти дониш ва тарбияи ахлоқию педагогиро бо назардошти худогоҳию худшиносии миллӣ фаҳмонида, дар робита ба ин бо усули самарабахши илмҳои педагогӣ тарбия намоем. Вобаста ба муҳимияти ин масъала Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маорифро дар маркази таваҷҷуҳи сиёсати давлатӣ қарор додааст.

Дар радифи ин бо мақсади рушди соҳаи мазкур хусусан таълиму тарбияи насли ҷавони кишвар дар руҳияи баланди инсондӯстию ватандӯстӣ як зумра тадбирҳои судманд роҳандозӣ карда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки бо дарназардошти муҳиммияти ин масъала Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ”, ки санаи 28 декабри соли 2023 ироа гардид, андешаҳои худро баён доштанд.

Албатта, бо омӯзиши ҳамаҷониба ва амалӣ намудани иқдому ташабусҳои рӯйи кор омадаи ҳукумати мамлакат дар самти беҳтар кардани таълиму тарбияи ҷавонон дар шароити ҷомеаи иҷтимоии кишвар, инчунин инкишофи илму техника таваҷҷуҳ кардан ба неруи зеҳнию инсонӣ ва таҳким бахшидани андешаи миллӣ дар вуҷуди ҷавонон аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

**Калидвожаҳо:** *илму дониш, тарбия, наврасону ҷавонон, таҳлил, муқоиса, неруи зеҳнӣ, ҷомеаи иҷтимоӣ, амнияти идеологӣ, равандҳои педагогӣ.*

## МЕСТО НАУКИ И ЗНАНИЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ОБРАЗОВАНИИ ПЕДАГОГИЧЕСКОЕ, ИДЕОЛОГИЧЕСКОЕ И НАЦИОНАЛЬНОЕ САМОПОЗНАНИЕ МОЛОДЕЖИ В УСЛОВИЯХ СОЦИАЛЬНОГО ОБЩЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА

В современное время особое место занимает значение научных и экспериментальных знаний, особенно высоких человеческих и педагогических знаний, что является основным вопросом формирования здоровой идеологии молодого поколения в условиях быстро меняющихся тенденций глобализации.

Быстрый прогресс науки и техники в современном мире требует от нашего общества, большую часть которого составляют молодые люди, разъяснять им важность знаний и нравственно-педагогического воспитания с учетом национального творчества и самосознания, а также в связи с этим обучать их эффективным методам педагогической науки. В связи с важностью этого вопроса Республика Таджикистан сделала сферу образования центром внимания государственной политики.

В связи с этим с целью развития этой сферы, особенно воспитания и воспитания молодого поколения страны в духе высокого гуманизма и патриотизма, предпринят ряд полезных мер. Следует отметить, что, учитывая важность данного вопроса, Президент Республики Таджикистан, Достопочтенный Эмомали Рахмон, высказал свое мнение в Послании Верховному Собранию Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политика республики», который был оглашен 28 декабря 2023 года.

Разумеется, при всестороннем изучении и реализации мер и инициатив правительства страны в направлении совершенствования образования и обучения молодежи в условиях социального общества страны, а также развития науки и технологии, уделяя внимание интеллектуальным и человеческим качествам и укреплению национального мнения среди молодежи, имеет первостепенное значение.

**Ключевые слова:** *наука и знание, образование, подростки и молодежь, анализ, сравнение, интеллектуальная сила, социальное общество, идеологическая безопасность, педагогические процессы.*

## THE PLACE OF SCIENCE AND KNOWLEDGE IN EDUCATION PEDAGOGICAL, IDEOLOGICAL AND NATIONAL SELF-KNOWLEDGE OF YOUTH IN THE CONDITIONS OF SOCIAL SOCIETY OF TAJIKISTAN

In modern times, the importance of scientific and experimental knowledge, especially high human and pedagogical knowledge, occupies a special place, which is the main issue of forming a healthy ideology of the younger generation in the context of rapidly changing globalization trends.

The rapid progress of science and technology in the modern world requires our society, most of which are young people, to explain to them the importance of knowledge and moral and pedagogical education, taking into account national creativity and self-awareness, and in this regard, to teach them effective methods of pedagogical science. Due to the importance of this issue, the Republic of Tajikistan has made the education sector the focus of state policy.

In this regard, in order to develop this area, especially to educate and educate the country's younger generation in the spirit of high humanism and patriotism, a number of useful measures have been taken. It should be noted that, given the importance of this issue, the President of the Republic of Tajikistan, the Honorable Emomali Rahmon, expressed his opinion in the Address to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan “On the main directions of the domestic and foreign policy of the republic,” which was announced on December 28, 2023.

Of course, with a comprehensive study and implementation of the measures and initiatives of the country's government towards improving the education and training of youth in the social society of the country, as well as the development of science and technology, paying attention to intellectual and human qualities and strengthening national opinion among youth is of paramount importance.

**Key words:** *science and knowledge, education, adolescents and youth, analysis, comparison, intellectual power, social society, ideological security, pedagogical processes.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Шарафзода Баҳром - Докторант аз рӯйи ихтисос (PhD) соли сеюми Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; e-mail: bahromsharafzoda@mail.ru; тел.: +992555544925.*

7. Alajmi, B.M., Al-Qallaf C.L. Crisis-Management Content in LIS Curricula: Developing a Model for Future Improvement // Journal of Library Administration. 2018. Vol. 58, no. 7. P. 645-673. DOI 10.1080/01930826.201 8.1514838.

8. Barr-Walker J. Health Literacy and Libraries : A Literature Review // Reference Services Review. 2016, no. 44. P. 191-205.

9. Bertot, J.C., Jaeger C., Langa L., McClure C.R. Public. Access Computing and Internet Access in Public Libraries: The Role of Public Libraries in e-Government and Emergency Situations [Электронный ресурс] // First Monday. 2006. Vol. 11, no. 9. DOI: http://dx.doi. org/10.5210/fm.v11i9.1392.


## ОСНОВНЫЕ АСПЕКТЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ СПЕЦИАЛИЗАЦИИ БУДУЩИХ БИБЛИОТЕКАРЕЙ ВУЗОВ


Статья посвящена профессиональной специализации будущих библиотекарей вузов и освещает различные аспекты их подготовки.

В ней рассматриваются исторические предпосылки возникновения библиотечного дела, начиная с древнейших времен до наших дней. Авторы раскрывают специфику обучения профессиональной деятельности библиотекаря и выделяют основные аспекты специализации, включая:

- освоение теоретических основ библиотековедения, библиографии и информатики;
- развитие практических навыков по организации и управлению библиотечными процессами;

- формирование компетенций в области информационно-библиографического обслуживания и обеспечения доступа к информации;

- приобретение навыков использования современных информационно-коммуникационных технологий в библиотечно-информационной деятельности.

В работе рассматриваются аспекты повышения самостоятельной деятельности будущих библиотекарей посредством преемственности аудиторных и внеаудиторных работ.

Статья подчеркивает важность специализированной подготовки библиотекарей для работы в вузовских библиотеках, где требуются профессионалы с глубокими знаниями и навыками в области управления информацией, обслуживания исследователей и поддержки учебного и научного процесса.

**Ключевые слова:** *публичная библиотека, современная библиотека, «границы» библиотечного пространства, университетские и исследовательские библиотеки, специальные библиотеки, школьные библиотеки, взаимопреемственность аудиторных и внеаудиторных работ.*

## ҶАНБАҲОИ АСОСИИ МАХСУСГАРДОНИИ КАСБИ КИТОБДОРОНИ ОЯНДАИ ДОНИШГОҲ

Мақола ба тахассуси касбии китобдорониояндаи донишгоҳҳо бахшида шуда, паҳлӯҳои гуногуни омодасозии онҳо таъкид шудааст.

Дар он заминаҳои таърихии пайдоиши китобдорӣ аз замонҳои қадим то замони мо баррасӣ мешавад. Муаллифон хусусияти таълими фаъолияти касбии китобдорро ошкор намуда, ҷанбаҳои асосии ихтисосро, аз ҷумла:

- азхуд намудани асосхои назариявии китобхонашиноси, библиография ва информатика;

- ташаккул додани малакаҳои амалӣ оид ба ташкил ва идоракунии равандҳои китобхона;

-ташаккули салоҳиятҳо дар соҳаи хизматрасонии иттилоотию библиографӣ ва таъмини дастрасӣ ба иттилоот;

- пайдо кардани малакаҳои истифодаи технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхонаю иттилоотӣ.

Дар асар чихатхои баланд бардоштани фаъолияти мустакилонаи китобдорони оянда тавассути давом додани кори синфй ва беруназсинфӣ дида баромада шудааст.

Дар мақола аҳамияти омодасозии махсуси китобдорон барои кор дар китобхонаҳои донишгоҳҳо, ки мутахассисони дорои донишу малакаи амиқ дар соҳаи идоракунии иттилоот, хизматрасонӣ ба муҳаққиқон ва дастгирии раванди таълиму илмро талаб мекунанд, таъкид шудааст.

**Калидвожаҳо:** *китобхонаи оммавӣ, китобхонаи муосир, “сарҳад”-и фазои китобхона, китобхонаҳои донишгоҳӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ, китобхонаҳои махсус, китобхонаҳои мактабӣ, муттасилии кори синфӣ ва беруназсинфӣ.*

## MAIN ASPECTS OF PROFESSIONAL SPECIALIZATION OF FUTURE UNIVERSITY LIBRARIES

The article is devoted to the professional specialization of future university librarians and highlights various aspects of their training.

It examines the historical background of the emergence of librarianship, from ancient times to the present day. The authors reveal the specifics of training the professional activities of a librarian and highlight the main aspects of specialization, including:

- mastering the theoretical foundations of library science, bibliography and computer science;

- development of practical skills in organizing and managing library processes;

- formation of competencies in the field of information and bibliographic services and ensuring access to information;

- acquiring skills in using modern information and communication technologies in library and information activities.

The work examines aspects of increasing the independent activity of future librarians through continuity of classroom and extracurricular work.

The article emphasizes the importance of specialized training for librarians to work in university libraries, which require professionals with deep knowledge and skills in the field of information management, serving researchers and supporting the educational and scientific process.

**Key words:** public library, modern library, “borders” of library space, university and research libraries, special libraries, school libraries, continuity of classroom and extracurricular work.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Равшанова Нилуфар Чоршанбиевна, ассистенти кафедраи китобдор ва библиографияи Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода,–Тел: +992919318889; E-mail: nilufar_ravshanova@mail.ru*

**Сведение об авторе:** *Равшанова Нилуфар Чоршанбиевна, ассистент кафедры библиотекарь и библиография, Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзаде, тел. +992919318889; E-mail: nilufar_ravshanova@mail.ru*

**Information about the author:** *Ravshanova Nilufar Chorshanbievna, assistant of the department of librarian and bibliography, Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzade, tel. +992919318889; E-mail: nilufar_ravshanova@mail.ru*

**ТДУ:74.04(2)**
**С-16**

# ПАЙДОИШ ВА НОБАРОРИИ НАВРАСОНИ ДУШВОРТАРБИЯ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***Садирова Ҷ. Ш.***
**МД Донишгоҳи давлатии Данғара**

Хонавода ва мактаб манбаи ҷудонашавандаи иҷтимоӣ мебошанд, ки раванди таълим ва ҳамкории зарурии кӯдак, падару модар ва ҷомеаро таъмин мекунанд. Кӯдакони “душвортарбия” шахсоне, ки рафторашон аз меъёрҳо ва меъёрҳои рафтори дар ҷомеа қабулшуда дур аст. Мафҳуми кӯдаки “душвортарбия” имрӯз дар ҷомеа хеле паҳн шудааст. Ба ин тоифа маъмулан кудакону наврасоне шомил мешаванд, ки бо онҳо забони муштарак ёфтан ва ҳам бо омӯзгор ва ҳам хонавода муомила кардан душвор аст, инҳо кӯдаконе ҳастанд, ки аз дастури тарбияи оқилона холӣ мондаанд. Зеро, ин хел кӯдакон бо сабабҳои гуногун, ки бо марҳилаи нави синну соли ҳаёти онҳо алоқаманданд, вақти хеле кам доранд. Чунин кӯдакон мушкилиҳои равониро аз сар мегузаронанд. Афзоиши хашм, зуд-зуд тағйирёбии руҳӣ, хуруҷи ғазаб, тарсу ҳарос, ҳолати афсурдагӣ, ҳамаи ин кудакро пахш мекунад, дуруст инкишоф ёфтани уро халалдор мекунад ва хонаводаро ба ташвиш меорад.

Дар фаъолияти таълим низ мушкилот ҷой дорад аз рӯй барномаи умумӣ омӯхтан, иҷрои талаботи умумӣ барои онҳо мушкил аст. Бо сабабҳои гуногун кӯдаки “душвортарбия” аз ҳамсолонаш фарқ мекунад. Баъзе кӯдакон дар ин сину сол метавонанд аз солимии ҷисмонӣ маҳрум ва дигар ҳамсолон баръакс, суръати афзоиши бештар ба даст оранд, баъзеҳо хеле ҳаяҷонзадаанд, ва баъзеашон дар рушди рӯҳӣ таъхир мекунанд ва кудакони дигар дар рушди рӯҳӣ аҷоиб ҳастанд. Ҳар як кӯдаки “душвортарбия” бо таври худ мушкилӣ пеш меорад. Дар кадом давраи ҳаёт кудак бо аломатҳои душвории рӯҳӣ ташаккул меёбад. Ин рафтори кӯдакон маҳз дар кӯдакӣ ташаккул меёбад, зеро ин давра дар ҳаёти кӯдак муҳимтарин ба ҳисоб меравад. А.С. Макаренко чунин мешуморад, ки шахсияти кӯдак дар сини 5 солагӣ ташаккул меёбад ва пас аз 5 сол аз нав тарбия кардани кӯдак аллакай мушкил аст.

Аломатҳои тарбияи душвор маҳз дар лаҳзае пайдо мешаванд, ки кӯдак аз таъсири тарбия, огоҳӣ пайдо мекунад. Тавре, ки таҳқиқоти нишон медиҳанд, дар аксари мавридҳо посухи ин савол ба тарбия, ва шароите вобаста аст, ки кӯдакро дар давраи барвақтӣ фаро гирифтааст. Хонавода ва омӯзгорон бо нозуктарин ва ҳассостарин чизи табиат ақлронии кӯдакон сару кор доранд. Ва агар кӯдак тарбияи душвор шуда бошад, агар он чизе, ки барои дигарон имконпазир аст, барои у ғайриимкон бошад, ин маънои онро дорад, ки ӯ дар кудакӣ ба рушди худ таваҷҷуҳи зарурира надидааст. Тарбияи кӯдак аз рӯзи таваллуд оғоз мешавад. Омӯзгорони аввалини ӯ падару модар, баъд мураббиёни боғча ва танҳо баъд омӯзгорони муассисаҳо мебошанд. Кӯдак аз хонавода бо тақлиди оддӣ чӣ гуна кор карданро меомӯзад, чӣ имконпазир асту чӣ не. Хонаводае, ки дар кудакӣ ба фарзанди худ намунаи бад гузоштанд, аз мушкилоте ки дар хонавода калонсолон хоҳанд дошт, эмин нестанд. Бозёфтҳои бисёре аз педагогҳо ва равоншиносони маъруф, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти муосир нишон медиҳанд, ки пайдоиши рафтори ношоистаю ҳуқуқвайронкуниҳо, аз меъёр дуршавӣ дар рафтор, бозӣ, омӯзиш ва дигар фаъолиятҳое мебошад, ки дар кӯдакони синни томактабӣ мушоҳида мешаванд. Оғози инкишофи рафтори каҷ одатан, бо оғози огоҳии кӯдак дар бораи худ ҳамчун шахс, қабул ё рад кардани меъёрҳо ва қоидаҳои иҷтимоӣ рост меояд. Кӯдаке, ки маҳорати чунин рафтор, итоат кардан ба талаботи фаъолияти дахлдорро нагирифтааст, дар ниҳоят ба як одами беинтизом табдил меёбад, ки ба навъҳои гуногуни рафтор моил аст.

Омӯзгороне, ки кӯдакро дар тамоми давраи асосии ба воя расидан ва шахсият шуданаш ҳамроҳӣ мекунанд, инчунин дар фаъолияти касбии худ ба хато зиёд роҳ медиҳанд, ки боиси безътиноии педагог, шидати каҷравии кӯдак, инҳирофоти гуногуни иҷтимоӣ мегарданд. Давраи наврасии рушд, ки ба таври худ як нуқтаи гардиш, давраи гузариш ва интиқодӣ

мебошад, гузариш ба камолотро нишон медиҳад ва хусусиятҳои рафти он метавонад дар тамоми ҳаёти минбаъдаи у осори худро гузорад.

Вазифаи асосии наврас ташаккули худшиносӣ, ва шахсият аст, ки дар ин сину сол навбатҳои асосии психологӣ онҳоро метавон ҳисоб кард. Ин давраест, ки кӯдак дар борои худ ҳамчун шахс фикр мекунад, ки ӯро ба раванди худтарбиякунӣ мебарад. Ташаккули хислат, ва икишофи ахлоқӣ оғоз меёбад, эътиқод устувор мешаванд. Ва аксар вақт эътиқод бо афкори ҷамъиятӣ мувофиқат намекунад ва аз ин рӯ мушкилоти наврас дар ҷомеа ба миён меояд. Асосан, бисёр чиз аз худи наврас, муҳит, муҳити иҷтимоӣ вобаста аст, вале то андозае ба рушди ӯ тарбия дар хонавода, муносибат бо падару модар, таъсир мерасонад.

Дар ин ҷо муносибатҳои дохилии хонавода, муносибати байни падару модари наврас ва муносибати бевоситаи худи кӯдак нақши муҳим доранд. Категорияи наврасони “душвортарбия” хеле васеъ ва хеле гуногун аст. Аз он то чӣ андоза дар сари вақт ошкор шудани аломатҳои тарбияи душвор ва то чӣ андоза ба қадри кифоя расонда шудани ёрии ба наврас пешниҳодшуда ба солимии равонии ӯ дар оянда вобаста аст. Барои қисми зиёди наврасон “мушкилот” натиҷаи даъвои онҳо ба синни балоғат,огоҳии бардурӯғ аз ҳуқуқи худ ва хоҳиши расидан ба эътирофи онҳо аз ҷониби калонсолон мебошад.

Се камбудии шахсии наврас, худхоҳӣ, танбалӣ ва фиребгарӣ дар ин синну сол як шарти равонии тарбияи душворро ба вуҷуд меорад. Рафтори калонсолон дар рафтори кӯдак инъикос меёбад. Мушкилиҳо дар таълиму тарбия ногаҳон ва дарҳол дар наврасӣ ба вуҷуд намеоянд. Азбаски тамоми мушкилоти тарбия аз кудакӣ сарчашма мегирад, омили муҳимми рафъи бомуваффақияти онҳо муносибати худи хонавода ба кӯдак аст. Муҳим он аст, ки на бо кӯдаки “мушкил”, балки бо ӯ барои некие, ки дар вай аст, мубориза баред. Аз оила меҳру ғамхории дуруст нагирифт то зуд, зуд ҷанҷол ва нофаҳмиҳои байни ҳамдигар дар худ фурӯ мераванд; мушкилоти худро ба касе нагуянд. Дар ин гуна ҳолатҳо кӯдак аз муҳити наздикаш дастгирӣ меҷӯяд, чун қоида ин боиси истеъмоли машрубот ва маҳсулоти тамоку, оғози ҳаёти барвақтии ҷинсӣ, истеъмоли маводи мухаддир, ҷустуҷӯйӣ дӯстон “дар бадбахтӣ”, гурухе мешавад, ки дар он ҷо уро дуст медоранд ва мефаҳманд. Барои оилаҳое, ки наврасони “мушкил” тарбия меёбанд, ихтилофи доимии байни волидон хос аст.

Давраи наврасии рушд, ки ба таври худ як нуқтаи гардиш, давраи гузариш ва интиқодӣ мебошад, гузариш ба камолотро нишон медиҳад ва хусусиятҳои рафти он метавонад дар тамоми ҳаёти минбаъдаи ӯ осори худро гузорад.

Муносибатҳои номусоид дар оила, ибрати манфии волидон: бепарвоӣ нисбат ба одамон, дағалӣ, риёкорӣ, беинсофӣ, майзадагӣ,ҷиноятҳое, ки аъзои оила содир мекунанд, он микромуҳити номусоидро ба вуҷуд меоваранд, ки ин яке аз сабабҳои муҳимтарини тарбияи душвори насли наврас мебошад.Аҳволи фарзандони ин гуна оилаҳо ниҳоят вазнин аст.Дар ин ҷо шахсияти кӯдак пайваста поймол карда мешавад.Дар чунин оилаҳо усул асосии муҷозот ба таҳқиру таҳдид, бераҳмӣ, афзоиши таҷовуз ва ҷазои ҷисмонӣ мебошад.

Бесабаб нест, ки гурехтан аз хона, беодобӣ, расонидани зарар ба худ ва дигарон ҳамчун як навъ дифоъ аз таҷовуз ба шахсияти наврас ба миён меояд.Асосан, дар чунин оилаҳо волидайн ба далели сатҳи пасти фарҳангӣ забони умумӣ ва муомиларо бо кӯдак намедонанд. Таҳлили муносибати кӯдакони "мушкил" бо воқеияти атроф, хусусияти муносибати онҳо бо волидони онҳо,омӯзгорон, нишон медиҳанд, ки камбудиҳои тарбияти оилавӣ ва мактабӣ, номутобиқатии мавқеъи омӯзгор ва оила ба асли вазъияти мунокиша табдил ёфта, барои фарқи ахлоқии шахсияти наврас замина мегузорад.

Мушкилот дар таълим бо вайрон шудани робитаҳои иҷтимоӣ ва бегона шудани наврасон аз ниҳодҳои асосии иҷтимоӣ: пеш аз ҳама оила ва мактаб ҳамроҳ мешавад, аз ин рӯ, яке аз муҳимтарин вазифаҳои дастгирии психологию педагогӣ рафъи ин бегонагӣ, фарогирии наврас дар системаи муносибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим аст, ки ба шарофати он ӯ метавонад бомуваффақият таҷрибаи мусбати иҷтимоиро азхуд кунад.Ҳалли ин проблема маҷмуи тадбирҳои социалию педагогиро дарбар мегирад, ки ба бехтар намудани шароити таълиму тарбияи оила ва ҳам мактаб,инчунин дар бораи ислоҳи индивидуалии психологию педагогии шахсияти шахси душвортарбия, инчунин чорахои баркарор намудани мақоми иҷтимоии ӯ дар гурӯҳи ҳамсолон мусоидат менамояд.

Тарбияро набояд ҳамчун тағироти шадид дар сифатҳои шахсии наврас фаҳмид. Ин хусусият танҳо боиси мухолифат мегардад. Аз ҳама бо назардошти хусусиятҳои инфиродии психологии наврас, ҳолатҳои мушаххас ва шароити номусоиди таълим, ки ба пайдоиши он мусоидат кардаанд, сохта шавад. Кор бо кӯдакони душвортарбия бояд якҷоя бо омӯзгорон, равоншиносон ва волидайн сурат гирифта, муайян намудани хусусиятҳои инфиродии психологии наврасон, ҷустуҷӯйи на танҳо ҷиҳатҳои заиф, балки ҷиҳатҳои қавии кӯдакро, ки солим мебошанд, дар бар гирад.

Ислоҳи рафтори наврaси «мушкил» пеш аз ҳама, муайян намудани мушкилоти системаи муносибатҳои наврас ҳам бо калонсолон ва ҳам бо ҳамсолон ва ислоҳи вазъи иҷтимоиро дар бар мегирад.Муносибати волидайн ва кӯдакро омӯхтан муҳим аст, ки дар оила чӣ гуна муҳит нигоҳ дошта мешавад, волидайн бо кӯдак чӣ гуна муносибат мекунанд, тарбияи онҳо аксар вақт танҳо аз манъу ҷазо иборат аст ва ё маҳдудиятҳо барои шахсияти наврас инчунин муносибатҳои байнишахсӣ дар муҳити иҷтимоӣ таҳлил карда мешаванд: наврас дар системаи муносибатҳои байнишахсӣ чӣ мавқеъро ишғол мекунад, ҳамсолонаш бо ӯ чӣ гуна муносибат мекунанд, оё ӯ доираи дӯстоне дорад, ки ба онҳо бовар карда тавонад, инчунин омӯзиши маҳфилҳои наврас, манфиатҳо, майлҳо ва ғайра.

Яке аз принсипҳои муҳимтарин ин такя ба сифатҳои мусбати наврасон аст. Дар рафтори худ ҷиҳати мусбатро дида тавонистан, ба ин неъмат такя кардан ва инкишоф додан муҳимтарин шарти бомуваффақияти кори ҷамъиятию педагогӣ мебошад.Марҳилаи дигари муҳим дар доираи оила барқарор кардани муносибатҳои эътимодбахш мебошад. Наврасон ба таваҷӯҳи хонавода, баҳодиҳии мусбӣ, таъриф ниёз доранд, аз ин рӯ муҳим аст, ки бо кӯдак робитаи шавқманд барқарор карда, ба ӯ дар корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ ёрӣ расонанд, муносибатҳои эътимоднок барқарор карда шавад. Агар кӯдак нодуруст рафтор кунад ба ӯ роҳи дурустро нишон дод. Шахси калонсол ба шарофати таҷрибаи худ бояд мураббӣ ва ёрдамчии калони кӯдак гардад, намунаи мусбат нишон диҳад, дар ҳалли мушкилоти гуногун ба ӯ кумак кунад, ба ӯ роҳи дурусти рушдро фаҳмонад, ки оянда инсони бомуваффақият ва хушбахт гардад. Ташаккули ормонҳои зиндагииояндаи наврас, пеш аз ҳама, ба самти касбӣ ва интихоби муваффақияти оянда алоқаманд аст. Донишҷӯёне, ки дар таҳсил мушкилӣ доранд, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва педагогӣ беэътиноӣ мекунанд, дар фанҳо омӯзиши пешравии сусти доимӣ доранд, аксар вақт ноумед мешаванд, ба худ боавариро қатъ мекунанд, ки ин барои иҷтимошавии наврас мушкилоти хеле ҷиддиро ба вуҷуд меорад.

Бинобар ин зарур аст, то писароне, ки бо сабабҳои гуногун аз уҳдаи кори хуб баромада наметавонанд, боварии худро аз он ки шаҳрвандони барои ҷамъият фоиданок ба воя мерасанд, гум накунанд, ба онҳо дар интихоби касб мувофиқи қобилият, майл, дараҷаи дониш ва малакаҳо. Дар барномаи чораҳои ислоҳӣ машваратҳои волидон ва омӯзгорон ҷойи махсусро ишғол мекунанд, ки ба калонсолон имкон медиҳад, ҷинсият, синну сол ва хусусиятҳои инфиродии психологии наврасонро беҳтар дарк кунанд. Дар баробари ин, дар хотир бояд дошт, ки эҳтимолияти бештари мушкилот дар инҳирофоти калонсолон ва кӯдак дар давраҳои бӯҳронии рушд, бо сабаби пайдоиши неоплазмаҳои психологӣ, дар рӯҳ ва шахсият ба вуҷуд меоянд. Тарбияи наврасони "мушкилидошта" як раванди хеле мураккаб ва душвор аст, ки таваҷҷӯҳи хосси волидайн ва омӯзгоронро тақозо мекунад ва муддати тӯлониро фаро мегирад.Бисёр падару модар ҳайрон мешаванд, ки чаро онҳо фарзандони худро намефаҳманд чаро рафтори фарзанди онҳо аз пештара фарқ мекунад, бо ӯ чӣ шуд ва чӣ бояд кард. Ин пеш аз ҳама аз он сабаб рӯй медиҳад, ки худи калонсолон кайҳо ҳолати ин давраи синнусолии худро фаромуш кардаанд фаромӯш кардаанд. Марҳилаи душвори ҳаётро аз сар гузаронидаанд, ки бо зуд-зуд, тағирёбии рӯҳия оташи хашм, ғамгинӣ, шодии ногаҳон.Барои падару модар дар ин синну сол худро ба ёд овардан душвор аст ва худро ба ҷойи кӯдак гузоштан, эҳсос кардани он чизе, ки ӯ аз сар мегузаронад ва барои якҷоя фаҳмидани мушкилоти ӯ, пайдо кардани маҳфилҳои ҷолиб, таълим додани ӯ боз ҳам мушкилтар аст. Барои муошировати бомуваффақияти хонавода ва кӯдакон, коршиносон тавсияҳои амалӣ таҳия мекунанд, ки ба кӯдак бо назари гуногун нигоҳ кардан, ӯро фаҳмидан, алоқаи эмотсионалӣ барқарор кардан, нокомиҳо ва мушкилоти ӯро фаҳмидан кӯмак мекунанд. Хонавода мушкилоти наврасро аксар вақт намефаҳмад, ба ӯ бархӯрди манфӣ мекунад, барои масъалаҳои майда-чуйдаҳо мунокиша мекунад. Дар ин ҳолат, барои ба роҳ

мондани муколамаи созанда байни падару модар ва кӯдак, худи падару модар бояд ба беҳтаршавӣ оғоз кунанд ва намунаи ибрат шахсии худро фаромӯш накунан. Ба даст овардани эътибор дар назари наврас, муошират бо ӯ кори хеле душвор аст, Бинобар ин, нигоҳ доштани муносибатҳои дӯстона ва эътимодбахш, барои кӯдаке, ки дар ҷараёни рушди ҷисмонӣ қарор дорад чун мураббӣ ва дӯст будан муҳим аст. Дарки вазъияти душвор, эътироф кардааст, дар мавридҳои зарурӣ пушаймон шудан ва таъриф карданро набояд фаромуш кард. Ҳеҷ гоҳ, дар ҳеҷ сурат, муҳити шахсии фарзанди худро вайрон накунед, ин барои ӯ хеле муҳим аст.Бо вайрон кардани ҳудуди фазои шахси,фарзанд шумо метавонед эътимоди ӯро як бор ва барои ҳамеша аз даст диҳед. Дағалона рафтор кардан вокуниш манфии мудофиавии уро зиёд мекунад ва вазъияти мунокишаро шиддат мебахшад. Бо кӯдак ҷанг накунед шӯхиҳои ӯро ва барои дағали худ бахшиш пурсед, то ба Шумо бовар кунад. Аввалин шуда оштӣ кунед ва созиш намоед, то кӯдак худро дӯстдошта ва матлуб ҳис кунад. Маҳдудиятҳо ва ҷазо барои итоат накардан боиси аксуламалҳои манфии хушунатомез мегарданд, наврасон талаб мекунанд, ки нисбат ба онҳо одилона баробарҳуқуқ муносибат кунанд, худро мустақил аз ин рӯ, калимаи «метавонед»-ро бештар бигӯед. Дар пеши чашми шумо, бо кумаки шумо кӯдак он чизеро, ки мехоҳад, анҷом медиҳад, аммо дар айни замон назорат кунед, ки қаллобӣ накунад. Бо боварӣ ба фарзанди худ, шумо ба ӯ эътимод пайдо мекунед. Наврасӣ аз хатарҳо пур аст. Ҳар гуна эҳсоси манфие, ки дар рӯ мезанад метавонад ҳифз гардад Мунокишаҳои зуд-зуд дар дохили оила, ҳам байни волидайн ва ҳам бо кӯдак, тахшинеро мемонанд, ки кӯдак мехоҳад аз он халос шавад ва фаромӯш кунад. Иллатҳои ҷамъшуда болои ҳам печида мешаванд ва ӯ калон шуда, онҳоро ба одамони дигар, аз ҷумла ба ҳамсар ва фарзандон интиқол диҳад.

Аз ин рӯ, ба хонавода қатъиян манъ аст, ки муносибати бадро бо кӯдак раво бинанд. Шумо набояд кӯшиш кунед, ки кӯдакро тобеъи худ созед ӯро маҷбур кунед, то ҳама корро тавре ки шумо мехоҳед, анҷом диҳад. Дар ҷавоб шумо метавонед муқовимат, фиреб ва нобоварӣ ба даст оред. Шумо метавонед на бо чӯб, балки бо хоҳиш ва нигоҳи гарм муносибат кунед. Барои он ки наврасро ба коре водор созед, кифоя аст, ки аз ӯ меҳрубонона дар ин бора пурсед ва ӯ ҳатман ҷавоб медиҳад, зеро медонад, ки шумо ба ӯ ва кумаки ӯ ниёз доред.

## АДАБИЁТ:

1. Буянов, М.И.«Кӯдаке аз оилаи номусоид».М., 1988.
2. Кащенко, В.П.«Ислохи педагоги: ислохи камбудихои характери бачагон ва наврасон» Китоб барои муаллим.нашри II. М., 1994.
3. Лодкина, Т.В.«Муомилаи оила ва мактаб бо бачагони душвор». Вологда, 1998.
4. Мудрик, А.В.«Педагогикаи ичтимоӣ».Академияи М., 2000.
5. Рожков, М.И. «Тарбияи кӯдаки мушкил. Кӯдаконе, ки рафтори девиантиро доранд. Ёрии таълимӣ. М., ВЛАДОС, 2003.
6. Татаренко, В.Я. «Оила ва ташаккули шахсият» М., 1987.
7. Жуковский, М.А. Библиотека для родителей. Пока организм формируется. -М.: Педагогика, 1985.
8. Захаров, Е.Н. Энциклопедия педагогика подготовки: методика развития физиологических качеств. - М.: Лептос, 1994.
9. Ибн-Сино Абу Али. Трактат по гигиене. Узбекистан, 1982.
10. Каменский, В.Г. Психологическая защита и мотивация в структуре конфликта. СПб: «Детство - пресс», 1999 - 144с.
11. Детский оздоровительный лагерь (содержание и технологии работы). - М.: Педагогика, 1998.

## ПАЙДОИШ ВА НОБАРОРИИ НАВРАСОНИ ДУШВОРТАРБИЯ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Наврасони имрӯза ворисони фардои кишвар мебошанд. Чӣ гуна одамон дар руйи замин зиндагӣ хоҳанд кард: вайронкунандагони худ ва сайёра ё эҷодкорон, ин аллакай ба ҳар кадоми онҳое вобаста аст, ки дар паҳлуи наврас дар нақши тарбиятгар хоҳанд буд. Зарур аст, ки ин нақшро иттифоқи мустаҳками падару модарон ва омӯзгорон, ҳамфикрӣ ва ёрии ҳамдигарии онҳо бозад. Он гоҳ тарбия он қадар душвор нахоҳад буд, ки дар назари аввал менамояд, натиҷаҳои он ба кулли ҷомеа дастрас хоҳанд шуд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки аломатҳои душвортарбиягӣ маҳз дар лаҳзае пайдо мешаванд, ки кӯдак аз таъсири тарбия огоҳӣ пайдо мекунад. Тавре, ки таҳқиқоти мухталифи сабабҳои рафтори “ноқиси”-и наврасон нишон медиҳанд, дар аксари мавридҳо посухи ин савол дар тарбия, шароите, ки кӯдакро дар давраи барвақтӣ фаро мегирад нуҳуфтааст. Хонавода ва омӯзгорон бо нозуктарин ва

ҳассостарин чизи табиат ақлронии кудакон сару кор доранд. Тарбияи кӯдак аз рӯзи таваллуд оғоз мешавад. Омӯзгорони аввалини ӯ падару модар, баъд мураббиёни боғча ва танҳо баъд омӯзгорони муассисаҳо мебошанд. Мутаассифона, дар алоҳидагӣ ва ҳам дар якҷоя ба хатоҳои зиёде роҳ медиҳанд.

Бозёфтҳои бисёре аз педагогҳо ва равоншиносони маъруф, натиҷаҳои таҳқиқоти муосир нишон дод, ки пайдоиши рафтори ношоистаю ҳуқуқвайронкуниҳо аз меъёр дуршавӣ дар рафтор, бозӣ, омӯзиш ва дигар фаъолиятҳое мебошанд, ки дар кудакони синни томактабӣ мушоҳида мешаванд.

**Калидвожаҳо:** *мушкил, тарбия, рафтор, ҷалб ва ҳаракат, индивидуалӣ, принсипи ахлоқӣ, манфиятҳои ҷамъият, шадид, инҳирофот, каҷ рафтан, ғайриоддӣ, буҳрон.*

## ВОЗНИКНОВЕНИЕ И НЕРАВЕНСТВО ТРУДНОВОСПИТУЕМЫХ ПОДРОСКОВ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

Общеизвестно, что сегодняшние подростки – завтрашние наследники страны. Как будут жить люди на земле: разрушители себя и планеты или созидатели, уже зависит от каждого из тех, кто окажется на стороне подростка в роли воспитателей. Необходимо, чтобы эту роль сыграл крепкий союз родителей и педагогов, их взаимопонимание и поддержка. Тогда образование будет не таким сложным, как кажется на первый взгляд, его результаты будут доступны всему обществу. Воспитание ребёнка начинается со дня его рождения. Его первые учителя родители, потом воспитатели детских садов и только потом учителя учреждений. К сожалению, как по отдельности, так и в сочетании с ошибками они прокладывают путь, под названием “жизнь”.

Выводы многих известных педагогов и психологов, результаты современных исследований показали, что нарушения включают отклонения от нормы в поведении, игре, обучения, мероприятия, которые наблюдаются у детей дошкольного возраста.

**Ключевые слова:** *трудность, воспитание, поведение, влечение и движение, индивидуальность, нравственное начало, социальные интересы, крайность, девиантность, необычность, кризис.*

## THE EMERGENCE AND FAILURE OF HARD-TO-REACH TEENAGERS IN THE EDUCATIONAL PROCESS

It is well known that today's teenagers are tomorrow's heirs of the country. How people will live on earth: destroyers of themselves and the planet or creators, already depends on each of those who will be on the teenager's side in the role of educators. It is necessary that this role be played by a strong alliance of parents and teachers, their mutual understanding and support. Then education will not be as difficult as it seems at first glance, its results will be available to the whole society. The upbringing of a child begins on the day of his birth. His first teachers are parents, then kindergarten teachers and only then teachers of institutions. Unfortunately, both individually and in combination with mistakes, they pave the way, called "life". The conclusions of many famous teachers and psychologists, the results of modern research have shown that violations include deviations from the norm in behavior, play, learning, activities that are observed in preschool children.

**Key words:** *difficulty, upbringing, behavior, attraction and movement, individuality, moral principle, social interests, extreme, deviance, unusual, crisis.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Садирова Ҷамила Шарифовна- омӯзгори калони кафедраи педагогика ва психологияи МД Донишгоҳи давлатии Данғара Нишонӣ:735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.Данғара, кучаи Марказӣ, 25. Телефон: 907227273 E-mail: Jamilasadirova4@gmail.com*

**Сведения об авторе:** *Садирова Джамиля Шарифовна – Дангаринский государственный университет, старший преподаватель кафедры педагогики и психологии. Адрес: 735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Центральная, 25. Телефон: 907227273 E-mail: Jamilasadirova4@gmail.com*

**Information about author:** *Sadirova Jamila Sharifovna - Dangara state university, senior teacher of the department of pedagogy and psychology. Address: 735320, Republic of Tajikistan, Dangara district, Central street, 25. Phone: 907227273 E-mail: Jamilasadirova4@gmail.com*

## ТАСВИРИ ИСЛОҲОТ ВА СОЗҲОИ МУСИҚӢ ДАР АШЪОРИ ХОҚОН и

***Абдуллоева З. А.***

**Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Хоқонӣ чун шоири моҳир дар ашъораш ба истилоҳоти илми мусиқӣ, созҳои мусиқӣ, тарзи навохтани онҳо, лаҳну оҳангҳои зиёд ишора кардааст. Дар ашъори ӯ олоти мусиқии замонаш баъзан дар шакли таркибӣ ва баъзан комил тасвир мешавад. Маълумоте, ки шоир дар бораи созҳои мусиқӣ, навоҳо ва пардаҳои он додааст, гувоҳӣ аз огоҳии комили ӯ дар ин

ҷода аст. Аз рӯйи ишораҳои ӯ хонанда метавонад дар бораи мусиқӣ ва суруд дар муҳити фарҳангии асримиёнагӣ маълумот ҳосил намояд. Зеро тавре зикр намудем, шоир дар бораи шакли бисёре аз асбобҳои мусиқӣ маълумоти комил додааст. Ба қавли Мирҷалолиддини Қазозӣ “Девони Хоқонӣ гузашта аз арзишҳои ҳунарию зебошинохтияш ба донишномае мемонад, ки рӯзгори шоир дар он оинавор ошкор гардидааст. Аз он ҷост, ки девони шоир ганҷинаест гаронарҷ, ки танҳо адабдӯстон ва сухансанҷону зебошиносонро ба кор намеояд, мардумшиносон, ҷомеашиносон ва фарҳангшиносон низ баҳраҳои зиёд метавон бурд.”(1,3)

Дар осори Хоқонӣ созҳои мусиқие аз қабили арғунун, барбат, чорпора, чағона, чанг, даф, рубоб, руд, сози якто, сози дуто, сози сето, сапедмуҳра, сурнай, карнай, мусиқор, мавлӯ, мехрӣ, ной, мизор ва неша зикр гардидаанд. Яке аз созҳои мусиқӣ, ки дар шеъри ӯ инъикос ёфтааст, арғунун мебошад. Дар “Мафотеҳ-ул-улум” дар бораи арғунун чунин омадааст: “Арғунун олотест, ки мардуми Юнон ва Рум ба кор мебурданд ва онро ба се мушки бузург аз пӯсти говмеш месозанд, яъне ҳарсе аз ин машкро канори ҳам қарор медиҳанд ва бар сари машки миёнӣ машки бузург насб мекунад, сипас рӯй мушк найҳои мисин ё рӯйин ё заррин, ки дар фосилаҳои муайян дорои сӯроханд, савор мекунад. Аз ин сӯроххо ба иродаи навозанда садоҳои дилнишин ва шодиафзо ё ғамангез берун меояд.”

Дар муқоиса бо дигар асбобҳо аз қабили рубоб,чапг, ной ва барбат Хоқонӣ аз арғунун камтар ишора кардааст, аммо аз рӯйи ҳамин миқдор ҳам метавон хулоса кард,ки дар рӯзгори шоир ин асбоб мавриди истифода будааст. Дар муҳити иҷтимоии шоир, ки мардуми насроникеш ҳам зиндагӣ мекарданд, маълум аст, ки ин асбоб бештар хоси мардуми аврупо аст. Дар ашъораш шоир тасвири “арғунуни усқуфон”- ро ба кор бурдааст, ки ин нишондиҳандаи истифодаи мақомоти рӯҳонии масеҳӣ аз ин соз дар маъбаду калесоҳо будаст. Нуқтаи дигари қобили таваҷҷуҳ ишораи шоир ба “арғунунзанони румӣ” аст, пас маълум мешавад, ки дар рӯзгори ӯ мутрибони румӣ бо ин соз ошноӣ доштанд:

Ангушти арғунунзани румӣ ба захма бар,
Табларзаи тано тананоно барафканд.

“Усқуф”- муарраби калимаи “Эпископ”- и юнонӣ, вакил, дараҷае аз дараҷоти оини Масеҳ, ки поинтар аз Митрон ва болотар аз кашиш аст, дар шеъри Хоқонӣ зиёд истифода шудааст.

Оре,оре бо навои арғунуни усқуфон,
Бонги хар самъи Масеҳо барнатобад беш аз ин.
Дасти мусиқори Исидам зи румиарғунун,
Ғунаҳои усқуфи инҷилхон ангехта.

Дигар асбобҳои мусиқӣ, ки шоир дар бораи парвариши саҳнаҳои хаёлияш зиёд баҳра гирифтааст, барбат мебошад. Оид ба барбат дар “Луғатнома”-и Деҳхудо ва “Мафотеҳ-ул – улум” чунин маълумот дода шудааст: “Барбат муарраби барбат ба маънии синаи бат (мурғобӣ), зеро ин сози барбат шабеҳ аст ба синаи бат. Мураккаб аз чаҳор тор аст. Номи зуфтаррини он чаҳорбам аст ва тореро, ки баъд аз бам аст мусалласро мусанно номад ва чаҳоруминро, ки аз ҳама бориктар аст, зер гӯяд ва араб барбатро уд ном диҳад”

Дар шеъри Хоқонӣ барбат аз ҳашт тор таркиб ёфтааст.Аз онҷо, ки барбат косаи бузург дорад, онро ба “зани обистан”монанд менамоянд. Бо вуҷуди ҳашт гуш доштан дар шеъри Хоқонӣ барбат кар тасвир мешавад. Ҷой дигар ӯ ин созро ба “тифли хуфта” монанд менамояд. Хоридани синаи барбат дар шеъри Хоқонӣ ҷилваи хос дорад:

Барбат агар дам аз ҳаво зад ба забони бедаҳон,
Най ба даҳони безабон дам зи ҳавои нав занад.
Нойест безабон ба лабаш ҷон фурӯзанад,
Барбат забонварест азоб аз забон кашад.

Нахуст аз ман забон бистад, ки тифл андар навомӯзӣ,
Чу нояш безабон бояд на чун барбат забондонаш.

Тавре ишора рафт, дар шеъри шоир барбат аз ҳашт тор иборат аст ва инро шоир “ҳашт забони барбат”гуфтааст:

Барбат аз ҳашт забон гӯяду худ ношунавост,
Зайбақаш гӯйӣ бо гӯши кар омехтаанд.

Барбат чу суханчине, к-аз ҳашт забон гӯяд,
Лек аз луғати мушкил асрор ҳамепӯшад.

Дар ҷои дигар шоир ҳашт тори барбатро ба ранг монанд мекунад, ки на хун дораду на ҳис:

Шарён-ш дида чун раги барбат на хун на ҳис,
Хоку хасаш ба дидаи рой андаромад,

Барбат кашида раг бурун, рагҳошро полида хун,
Соқӣ ба тоси зар дарун хуни мусаффо дошта.

Ҳашт чӯби ҷӯркунандаи симҳоро дар барбат шоир ба гӯш монанд менамояд, аммо бо вуҷуди ҳашт гӯш барбат дар шеъри Хоқонӣ кар тасвир мешавад:

Барбат карест ҳаштзабон, к-аш ба ҳашт гӯш,
Ҳар дам шиканҷа дасти тавоно барафканад.

Барбат ҳашт симу ҳашт чӯбаи кук дорад ва дасти тавонои ромишгар ҳар замон ин кукҳоро мепечонад.

Дар ин тасвир барбат ба каре монанд шудааст, зеро чубест беҷон – ташбеҳи балеғ. Ҳашт забон - истиораи ошкоро аз ҳашт тори барбат. Торҳо аз онҷо, ки овезон мебароранд ба забон монанд шуданд. Ҳашт гӯш - истиораи ошкоро аст аз ҳашт чӯбаи кук дар барбат, ки торҳоро дар он мепечанд ва метобанд, гӯшмол медиҳанд. Миёни дасту забону гӯш санъати муроотунназир мавҷуд аст.

Гар ба ноҳид расонед чу карной хурӯш,
Ҳашт гӯши сари он барбати кар бикшоед.

Хоқонӣ дар бисёре аз маврид барбатро ба Марями узро монанд мекунад, ки обистанӣ аст ва меноладу зояндаи рӯҳест, ки муъҷизазоӣ менамояд:

Барбат нигар обистану ноланда чу Марям,
Зояндаи рӯҳе, ки кунад муъҷизазоӣ

Барбат чу узро Маряме, к-обистанӣ дорад ҳаме,
В-аз дарди зодан ҳар даме дар нолаи зор омада.

Хоқонӣ ҷое таъбири "абҷади рӯҳониён"-ро овардааст, ки зоҳиран ба навои фариштагон ва малоика ишора мекунад, зеро рӯҳониён ба маънии фариштагон меоянд ва ҳамзамон шоир дар шеърҳояш аз мафҳумҳои чӯб задан ва хоридани синаи барбат ва ташбеҳ кардани барбат ба тифли хуфта ёд кардааст:

Барбат аз бас чӯб, к-аз устод хурда тифлвор,
Абҷади рӯҳониён бин аз забон ангехта.

Ҷои дигар дар баробари барбат аз чағона ном асбоби дигар ёд мекунад:

Каъби пиёла бигир, қади қанина бипеч,
Гӯши чағона бимол, синаи барбат бихор.

"Каъби пиёла"- сатҳи зери пиёла, ки бар замин қарор мегирад дар сурате, ки ҳамвор ва баробар бошад. "Қанина"- зарфе, ки дар он шароб гиранд, монанди шиша ва сурохӣ. Чағона ҳам номи асбобест, ки бо мизробу захма навохта мешавад.

Дигар аз асбобҳое, ки дар шеъри Хоқонӣ зикри он рафтааст, чорпора мебошад. Дар луғат омадааст, ки "номи созе, ки чор васл дорад; як ҷуфти занги раққосӣ, навъе аз рақс" Хоқонӣ чорпораро сози зангиён муаррифӣ кардааст:

Сор бар шохсор бар зангии чорпоразан,
Хандазанон чу зангиён абр зи рӯйи ағбарӣ .

Дигар сози мусиқие, ки шоир барои суварнигориҳояш бештар ба кор мегирад чанг мебошад. Дар шеъри Хоқонӣ чанг дорои бистучор тор мебошад. Чангро шоир гоҳ ба фоқа, гоҳ ба боз монанд менамояд ва бо гесӯи фурӯҳишта ба фалаки кажпушту пиразан ва торҳояшро абрешимин муаррифӣ кардааст:

Ҳалқаи абрешимин аст мӯйи хуши чанг,
Чун маҳи нав, к-аз хатти зулом баромад.

Гесӯи чангу рагу бозуи барбат бибуред,
Гиря аз чашми найи тезннигар бикшоед.

Бисту чор тори чангро шоир ба бистучор раг монанд мекунад, ки шабеҳи уштури Лайлӣ асту аз вай нолаи Маҷнун мебарояд:

Гарчи тани чанг шабеҳи ноқаи Лайлист,
Нолаи Маҷнун зи чанг мудом баромад,

Дар ҳолати яке аз торҳояш гусастан чанг кажпушт мегардад:

Ростӣ чангро бистучаҳор аст руд,
Чун яке аз вай гусаст куж шавад бегумон,

Тавре ишора рафт Хоқонӣ торҳои чангро абрешими гуфтааст.

Ҳалқаи он абрешимӣ, к-аз бари чанг баркашанд,
Аз паи он чу моҳи нав зарду дуто зи лоғарӣ.

Тарзи навохтани чангро шоир бо таркибиҳои бадеъи барҷаста инъикос кардааст. Даҳ ангушти чангиро ба даҳ моҳии булурин ва даҳ оқфарзанд, даҳ ангушти фассоди ба дили тарсон ва даҳ моҳи нав монанд намуда, саҳнаҳои хаёлии ҷолиб офаридааст:

Чангӣ ба даҳ булурин моҳии обдор,
Чун обларза вақти муҳоқо барафканад.

Чангӣ- чангнавоз.Булӯр обгинаи шаффоф. Обдор бисёр дурахшону сафед. Муҳоқо- дар арабӣ муҳокот, бо ҳам сухан гуфтан.

Яъне чангнавоз бо даҳ ангушти нағзу чолоки хеш ҳангоми навохтан лаҳзаҳои мусиқиро бо нармӣ ва оромӣ пароканда мекунад. Аз лиҳози санъати сухан тасвирро шоир ба чун суваралҳои хаёлӣ ороиш додааст: моҳӣ - истиораи ошкор аз ангушт аст. Ангуштони чангӣ дар рех, нағзӣ ва ҷунбиши орому нарм ба моҳӣ монанд шудаанд. Ларзаҳои мусиқӣ, ки ҳаворо нарму навозишгар меҷунбонанд дар оромӣ ва нармхезӣ ба ларзаҳои резу ороми об монанд шудааст- ташбеҳи мурсал ва муҷмал аст. Муҳоқо- истораи обдор аз навои чанг. Он чунон дилнишин ва форам садо медиҳад, ки гӯё достонеро нағзу дилпазир бозмегӯяд. Аз диди орояҳои сухан миёни моҳӣ ва об дар "обдор" илҳоми таносуб ҷой дорад, зеро об дар инҷо ба маънии дурахшон аст.

Даҳ ангушти чангӣ чу фассоди баддил,
Ки раг ҷӯяд аз тарсу ларзон намояд.

Шоир дар байти боло даҳ ангушти чангиро ба фассод (хунгир) монанд кардааст, ки тарсону ларзон рагҳои инсонро мекобад.

Дар шеъри Хоқонӣ даф олате доирашакл тавсиф шудааст. Рӯйкаше дорад аз пӯсти ҳайвонот ва баъзан оҳу, ки дар атрофаш ҳалқаҳои хурд овехтаанд ва дар чанбари он манзараҳои гуногун нақшу нигор мешудаанд, мисли сайду шикоргоҳ ва гоҳ сурати ҳайвоноте мисли гову гӯсфанд ва бузу паррандагони ҳархела:

Чанбари даф шавад фалак мутриби базми шоҳро,
Моҳӣ дуто сабӯ кашад Зуҳра сетои нав занад.
Хами чанбари даф чу саҳрои ҷаннат,
Дар ӯ муртаъи амни ҳайвон намояд
Дар чанбари даф оҳуву гӯр асту юзу саг
К-ин саф бар он камин ба мудоро барафканад.

Чанбар - ҳар чизи гирд ва куж, ҳалқа перомуни доира. Гӯрхар. Юз - даде шикоргар, хурдтар аз паланг. Камин - ниҳон шудан барои задании шикор. Мудоро - нармӣ, мулоимӣ, меҳрубонӣ.

Яъне, дар гирди доира нигораҳои ҷонварон нигошта шудааст, ки шикебо дар камини якдигар мондааст. Оҳу, гӯр, юз ва саг аз тариқи маҷоз ба ҷои нигораҳои ҳайвонот ба кор бурда шудаанд. Дар байни онҳо аз диди ороякҳои сухан муроотунназир низ ҳаст.

Даф, к-аз тани оҳувон салаб дошт,
Овози гавазнсон баровард.

Дар байти боло ишора аз пӯсти оҳу сохтани доира дорад, ки овозаш мисли гавазн аст:

Дар байти зер бошад шоир дафро "коғазинпероҳан" гуфтааст, шояд инҷо ишора ба ғилофе бошад, ки дафро дар он мепечонад:

Ҳамчу даф коғазин-ш пероҳан,
Ҳамчу чанг аз палос бин шалвор.

Рубоб ҳамчун сози мусиқӣ дар мамлакатҳои Шарқ мақоми воло дорад. Хоқонӣ аз шакли зоҳирии рубоб ва садову оҳангҳояш тасвирҳои ҷолиб сохтааст. Дар байти зер рубобро дорои забон пин доштааст,ки аз забонаш мисли ӯ балоҳо дидааст.

Рубоб аз забонҳо балоҳо дида чун ман,
Бало бинад он, к-ӯ забондон намояд.

Дар байти зер бошад косаи рубобро ба охӯри хари Исо монанд мекунад, ки инҷилсароӣ менамояд:

Бар косаи рубоб охури хушки хари Исост,
К-аз чор забон мекунад инҷилсароӣ.

Дастаи рубобро шоир ба даст монанд карда, чунин тасвир месозад:

Дар барам омад чу чанг гесӯ дар по кашон,
Ман шуда аз дасти субҳ даст ба сар чун рубоб.

Дар байти зер шоир рубобро ба асире монанд кардааст, ки гулӯгоҳаш ба ресмон баста шудааст ва торҳои он нола мебароранд.

Ҳалқи рубоб бастатаноб аст асирвор,
К-аз дари ҳалқ нола бар аъзо барафканад.

Дар байт истиораи киноӣ аст, зеро барои рубоб ҳалқ пиндошта шудааст. Таноб-истиораи ошкоро аз симҳои рубоб. Рубоб аз онҷо, ки гулӯгоҳаш бо расанҳо бастаанд ба асир монанд шудааст- ташбеҳи мурсал ва муфассал. Нола- истиораи ошкор аз овози соз аст. Аъзо-истиораи ошкор аз симҳои чоргонаи соз аст.

Ҷой дигар ҳолати бади равонию иҷтимоии худро шоир ба рубоб монанд кардааст:

Чун рубобам коса хушк асту хазина холияст,
Пас танобам дар гулӯ афкандаанд аъдои ман.

Яъне косаи хушки рубобро ба вазъи бади иқтисодияш монанд карда, мегӯяд, ки душманонаш мисли рубоб таноб дар гулӯяш ниҳодаанд.

Дар қасидаи “Мантиқ-ут-тайр” аз камончарубоб (олоте, ки бо он рубобро менавозанд) тасвири моҳро кардааст:

Пеши чунин маҷлисе мурғон ҷамъ омаданд,
Шаб чуда чун шакли мӯи маҳ чу камончарубоб.

Дар байти зер садои рубобро ба нолае монанд мекунад, ки бар асари задани захма ҳосил шудааст, вале хушии овози рубоб озору азиятро пинҳон медорад:

Нолид рубоб иро озурда шуд аз захма,
Лек аз хушии нола озор ҳамепӯшад.

Дар бораи сози руд як байт шоир ишора кардааст. Руд ҳам аз олоти зеҳии мусиқии қадим аст ва ҳамчунин ба маънои симҳои олоти мусиқӣ меояд:

Рудсозон ҳама дар косаи сарҳо ба самоъ,
Шарбати ҷон зи раҳи косагар омехтаанд.

Дар девони шоир ҳамчунин созҳое як бор ё ду бор зикр шудаанд, ки хонанда дар бораи шаклу сурати онҳо тасаввур ба даст намеорад. Созҳои якто, дуто, сето, сапедмуҳра, сурной ва карной аз чунин анвои созҳои мусиқиянд:

Гарам сози якто занӣ ё дутоӣ,
Дарандозамат, к-аз сето мегурезам.

Сапедмуҳра аз олотҳои мусиқии қадим аст ва аз ишораҳо бармеояд, ки ин созро ҳам бо дамидан ба садо меоваранд ва Хоқонӣ садои онро ба садои раъд монанд кардааст:

Раъди сапедмуҳраи шоҳи фалакғулом,
Бар Буқубайс ларзаи ово барафканад.

Раъд-тандур.Сапедмуҳра- гунае аз шайпури ҷангӣ .Фалак- ҳар як аз осмонҳои ҳафтгона, ки чарх яке аз ҳафтон пиндошта мешудааст. Буқубайс- номи кӯҳест дар Макка.

Яъне, овози карнайи подшоҳ, ки ба хурӯши тандур мемонад, ларза бар кӯҳ меафканад.

Дар байт раъд- истиораи ошкор аз ғиреви карнай аст, ин ғирев ба тундар монанд шудааст. Фалакғулом- ташбеҳи балеғ аст. Фалак дар фармонбардорӣ аз мамдуҳи шоир ба

ғулом монанд шудааст. Аз диди ороёҳои сухан дар миёни раъду фалак ҳамбастагӣ мавҷуд аст. Дар ларзаи кӯҳ аз овози карнай муболиғаи ғулув.

Аз сурной ва карной ҳам шоир як бор ёдоварӣ кардааст:

Гар ба Ноҳид расонед чу карной хурӯш,
Ҳашт гӯши сари он барбати кар бикшоед.

Аз ҳама бештар дар суварнигориҳояш Хоқонӣ аз сози ной баҳра гирифтааст. Аз тасвирҳои шоир аён аст, ки дар рӯзгори ӯ найро аз чӯби сиёҳранг месохтаанд ва он аз ҷинси обнус будааст. Найро шоир бо нуҳ сурох тасвир мекунад ва онҳоро чашм таъбир мекунад ва даҳ ангушти навозандаро ба “даҳ нигаҳбон”, “даҳ ғулом”, “даҳ моҳӣ”, “даҳ доя” ва “даҳ турки ларзадор”, “даҳ турки ходим” ва зоҳири найро ба “мори безабон”, “афъии шикамсӯрох” монанд кардааст:

Ной чун шоҳи ҳабаш дар пешу пас
Даҳ ғуломаш посбон охир куҷост
Сияҳхонаи обнӯсини нойӣ
Ба нуҳ равзану даҳ нигаҳбон намояд
В-он най чу мори безабон, сӯрохҳоро устухон,
Ҳам устухонаш сурмадон, ҳам гӯшт з-аъзо рехта
Он обнӯси шох бин, мори шикамсӯрох бин,
Афсунгари густох бин, лаб бар лаби мор омада.

Рагни сиёҳи найро шоир ба ҳабаш, зангӣ ва зоғ монанд кардааст ва таъбирҳое чун “шоҳи ҳабаш”, “арӯсе аз ҳабаш”, “ҳинду”. “сияҳхона”, “зоғи сияҳ”-ро офаридааст:

Ной аст сияҳ зоғе хушнағматар аз булбул,
К-андар даҳани кабке минқор ҳамепӯшад.

Сияҳхонаи обнусини нойе
Ба нуҳ равзану даҳ нигаҳбон намояд.

Дар шеъри Хоқонӣ ба як навъи дигари най, ки неша ном дорад ишора шудааст. “Неша (Неча)-найи хурд, ки шубонон навозанд, тутак. Дар шеъри Низомӣ ҳам ин соз зикр шудааст:

Ба расми шубонон аз ӯ неша сохт,
Нахустин бизад захму в-он гаҳ навохт.”

Дар шеъри Хоқонӣ хамчунин аз созе бо номи мавлу ёд шудааст, ки онро насрониён менавохтаанд. Дар фарҳанги Саҷҷодӣ ин соз чунин тавзеҳ ёфтааст: “Шохи оҳу, ки чавкиён ва тарсоён навозанд ва ё най аст ба фатҳи мим низ ҳаст...” Шохи оҳуе, ки ва чавкиёни Ҳиндустон навозанд, ва баъзе гӯянд най бошад. Ва баъзе гӯянд мавлу дар калисоҳои зангӣ аст аз оҳан, ки зоҳидони тарсо дар даруни дайр зананд ва ҳалқаҳои оҳанро биҷунбонанд ва ноқус низ гуфтаанд.” Ин созро шоир дар ду байт ёд кардааст:

Маро бинанд дар сӯрохи ғоре,
Шуда мавлузану пушида чавҳо.
Мавлумисол дам чу барорад ба лоли субҳ,
Ман низ сар зи чавҳаи хоро бароварам.

Хоқонӣ аз истилоҳоти мусиқӣ ва лаҳну навоҳои зиёде дар шеъраш ишора кардааст. Истилоҳоти мусиқӣ ба монанди “дар парда будан”,”хориҷ аз парда будан”, “ҷаъди сода”, “захмаи зер”, “ захмаи бам”, “парда”, “дастон”, “бардошт”, “фурӯдошт” ба монанди ин истилоҳотеанд, ки шоир онҳоро дар тасвирҳояш ба кор гирифтааст ва ин нишон аз оҳангдонию оҳангшиносии ӯ мебошад:

Рахт, к-аввал зи дари мастаба бардоштиам,
Ҳам бад-он манзили бардошт фурӯд ор маро.

“Бардошт” ва “фурӯдошт”- ро –истилоҳоти мусиқӣ. “Бардошт”- ибтидои овоз ё соз, баланд кардани овоз то мунтаҳои мақсуд “фурӯдошт” паст кардани он то ҳадди мақсуд аст.”

Болои мадеҳи ту сухан нест,
Кас захма накард бартар аз бам.

Дар байти дигар аз тариқи киноя мегӯяд, ки оҳанги ҷаҳон аз парда хориҷ аст, дар маҷлиси мамдӯҳ ҳамдам мешавад:

Гарчи навои ҷаҳон хориҷи парда шавад,
Чун ту дар он маҷлисе бо ҳама дам сохтан.

Дар ашъори Хоқонӣ аз лаҳну навоҳои мусиқӣ низ сухан меравад:

Навои Борбаду сози барбату мизмор,
Тариқи косагару роҳи арғунуну сетор.

"Косагар" номи наво ва қавлест аз мусиқӣ ва номи мутрибе ҳам ҳаст, ки "қавли косагар" мухтареъи ӯст. Ҳамчунин номи хати шашум аст аз ҷумла хутути Ҷоми Ҷам ва онро хати "косагар" мегӯянд. Нақоранавозу нақорачиро низ гӯянд. Зимнан "косагарӣ" яке аз оҳангҳои замони Сосониён ҳам ҳаст.

Навозиши лаби ҷонон ба шеъри Хоқонӣ,
Гузориши дами қумрӣ ба пардаи анқо.

"Анқо паррандаест маъруф-ул-исм ва маҷҳул-ул-ҷисм... Симурғро гӯянд ва ӯро анқои муғриб хонанд... Анқо ба маънии оҳанги хос аз мусиқӣ ва низ созест, ки гардани дароз дорад".

Сафири сулсулу лаҳни чаковаку сорӣ,
Нафири фохтаву нағмаи ҳазорово .

Чаковак дар луғат паррандаест аз гунҷишк каме бузургтар,ки ба тозӣ қубара ва абумалеҳ гӯянд. "Чаковак номи яке аз оҳанги мусиқии замони Сосониён аст. Саид Нафисӣ чаковакро сеюмин оҳанги мусиқии он замон муаррифӣ кардааст. "Фахта" асли ёздаҳум аз ҳабдаҳ баҳри усули мусиқии қадим фохтаи зарб ва онро ба анвои гуногун- фохтаи сақил, фохтаи сағир ва фохтаи кабир тақсим мекунанд."

Лоҷарам аз саҳми он барбати Ноҳидро
Банди раҳовӣ бирафт рафт бирешим зи тоб.

"Раҳовӣ- истилоҳи мусиқӣ ва номи мақоме аз дувоздаҳ мақоми мусиқӣ ва вақти сароидани он аз субҳ то тулӯъ аст ва ба ҳиндӣ лалак гӯянд. Раҳовӣ оҳангест, ки дар охирафшорӣ навохта мешавад. Насиҳатомез аст ва ҳолати баръакси афшорӣ дорад. Сӯзу гудозу нолаву нудба надорад, балки ба пири таҷрибадида монанд аст, ки мехоҳад оби хунуке бар дили доғдидаи мусибатдидагон бирезад ваононро бо насоеҳи дилпазир умедвор кунад ва дар зимн бигӯяд, ки орзуи башар тамом шуданӣ нест. Пас барои ин, ки осуда зист кунем бояд домони орзуро фаро кашем, то идомаи ҳаёт, ки гоҳ бо ранҷу нокомӣ ва замоне бо шодӣ ва комронӣ тавъам аст, саҳл ва осон бошад.

Бубин захма, к-аз пеши Кайхусрави дин,
Ба кини Сиёвуш чӣ бурҳон намояд.

"Кини Сиёвуш" номи лаҳни бистум аз лаҳни Борбад аст."

Шаҳри зару тахти Тоқдис хасонро
Боз маро ҷуфти кин навои Сифоҳон.

"Шаҳри зар, ба қаринаи "тахти Тоқдис", " кини Эраҷ", "Наво" ва "Сифоҳон", ки ҳама асомии илҳони мухталифаи мусиқӣ аст, бояд "шаҳрзар" низ лаҳне мусиқӣ аст. Саид Нафисӣ зимни муаррифии саду сӣ оҳанги мусиқии замони Сосониён, аз оҳанге ба номи "шаҳрӯз" ном мебаранд, ки эҳтимол меравад, ки ҳамон "шаҳрзар"-и мазкур дар шеъри Хоқонӣ бошад." "Тахти Тоқдис маънии тахти Хусрави Парвизро низ мерасонад".

Қуфли румӣ баргирифт аз дурҷи рӯз,
Чун калиди ҳиндувон бинмуд субҳ.

"Қуфли румӣ номи лаҳни понздаҳум аз сӣ лаҳни Борбад аст."

"Дар сӣ лаҳни Борбад чанд лаҳни музофи ба ганҷ вуҷуд дорад, ки иборатанд аз "ганҷи бодоворд", "ганҷи гов", "ганҷи сӯхта" ва дар оҳангҳои мусиқии давраи Сосонӣ низ номи чанд оҳанг мусаддар ба ганҷ ба чашм мехӯрад: ганҷи бод, ганҷи бодоворд, ганҷи сохта, ганҷи сӯхта, ганҷи корвон, ганҷи гов, ганҷвор. "Овози ганҷ" дар шеъри Хоқонӣ эҳтимолан ишора ба яке аз икн илҳом ва оҳангҳост".

Хулоса, тасвири олоти мусиқӣ, созу навоҳо, истилоҳоти мусиқӣ ва дигар маҳфумҳои марбут ба ин мавзӯъ аз як ҷониб боиси пуробуранг гаштани каломи шоир шуда бошанд, аз дигар ҷониб барои муҳаққиқону мутахассисони соҳаи мусиқӣ метавонанд чун сарчашмаи боэътимод мавриди эътибор бошанд.

**АДАБИЁТ:**

1.Мирҷалолиддини Қаззозӣ. Сарочаи овову ранг.-Теҳрон: Самт,1386.- 279 саҳ

2.Мирҷалолиддини Қаззозӣ.Рухсори субҳ: Гузориши чомае аз Афзалиддин Бадил Хоқонии Шарвонӣ бар бунёди вожашиносӣ, забоншиносӣ, жарфошноӣ бо дебочае пурдомана дар зиндагӣ ва шеваи шоирии ӯ.-Теҳрон: Нашри марказ, 1368.-631 саҳ.

3. Хоқонӣ, Бадил ибни Алӣ. Девони Афзалиддин Бадил ибни Алӣ Наҷор Хоқонии Шарвонӣ. / Бо муқобалаи қадимтарин насах ва тасҳеҳу муқаддима ва таълиқот ба кӯшиши Зиёуддини Саҷҷодӣ.- Теҳрон: Заввор, 1357.-1085саҳ.

4.Маъсумаи Маъданкан. Нигоҳе ба дунёи Хоқонӣ. Ҷилди 1.- Теҳрон: маркази нашри донишгоҳӣ, 1375.-305 саҳ.

5. Зиёуддини Саҷҷодӣ. Фарҳанги луғот ва таъбирот бо шарҳи аълома мушкилоти девони Хоқонии Шарвонӣ Афзалиддини Бадил ибни Наҷор. Ҷилди аввал.- Теҳрон: Заввор, 1347,-886 саҳ.


## ТАСВИРИ ИСЛОҲОТ ВА СОЗҲОИ МУСИҚӢ ДАР АШЪОРИ ХОҚОНӢ


Муаллиф дар ин мақола мафҳумҳои маъмули санъати мусиқиро дар мисоли осори Ҳоқонии Шервонӣ ва муҳақиқон шарҳу тавзеҳ додааст. Дар баробари ин дар мақола бо овардани абёти дилписанд аз анвори шоир ислоҳот ва созҳои мусиқиро, ки шоир моҳирона аз онҳо кор гирифтааст, баҳрабардорӣ карда шудааст. Инъикоси истилоҳоти хоси ин санъат ва созҳои мусиқӣ бо мисолҳои возеҳу равшан дар шеъри шоир баррасӣ гардидааст.

Инчунин ба муҳақиқ даст додааст, ки дар замони шоир асбобҳои мусиқии рубоб, чанг, най ва барбат мавҷуд ва дар истифодаи санъаткорон қарор доштанромушаххасан исбот кунад. Шоир аз баҳрабардорӣ асбоби арғунун ёд кардааст, ки аз ин соз руҳониёни машҳур дар маъбаду калисоҳо истифода мебурданд. Шоир дар шеъри худ тарзи навохтани чангро нишон додааст ва андешаи муалиф дар шеъри Ҳоқонӣ истилоҳоти мушахас ва лаҳну навоҳои зиёд корбаст шудааст, ки омузиши он ба мутахассисони соҳаи санъат аз аҳамият холӣ нест.



**Калидвожаҳо:** *мусиқӣ, соз, рубоб, истилоҳот, ашъор, чанг, най, барбат, шер, шоир, тор, санъат, ташбеҳ, чангнавоз, навохтан, байт, мақом, садо, оҳанг, сурнай, карнай.*


## ОБРАЗ РЕФОРМЫ И МУЗЫКАЛЬНЫХ ИНСТРУМЕНТОВ В ТВОРЧЕСТВЕ ХАКАНИ


В этой статье автор тщательно и научно разъяснил популярные понятия музыкального искусства на примере творчества Хакони Шервани. Вместе с тем, в статье, приведя прекрасные стихи из стиля поэта, использованы те реформы и музыкальные аранжировки, которые умело использовал поэт.

Также исследователь попытался доказать, что во времена поэта существовали и использовались артистами музыкальные инструменты рубаб, джанг, флейта и барбат. Поэт научился пользоваться инструментом аргунун, которым пользовались известные священники в храмах и церквях. В своем стихотворении поэт показал способ игры в войну, причем, по мнению автора, в стихотворении Хакани используется множество специфических терминов и тонов, что важно для изучения искусствоведами.



**Ключевые слова:** *музыка, композиция, рубаб, термины, поэзия, танец, флейта, барбат, поэт, струна, искусство, сравнение, музыкант, пьеса, стих, позиция, звук, мелодия, труба.*


## THE IMAGE OF REFORM AND MUSICAL ARRANGEMENTS IN KHAQANI'S POEMS


In this article, the author has carefully and scientifically explained the popular concepts of musical art using the example of the works of Khakoni Shervani. At the same time, in the article, by bringing lovely verses from the poet's style, the reforms and musical arrangements, which the poet skillfully used, have been used.

Also, the researcher tried to prove that in the time of the poet, the musical instruments of rubab, jang, flute and barbat existed and were used by artists. The poet learned how to use the argunun instrument, which was used by famous priests in temples and churches. In his poem, the poet has shown the way of playing war, and the author's opinion in Haqani's poem uses many specific terms and tones, which is important for art specialists to study.



**Key words:** *music, composition, rubab, terms, poetry, dance, flute, barbat, poet, string, art, comparison, musician, play, verse, position, sound, melody, trumpet.*



**Маълумот дар бораи муалиф:** *Абдуллоева Замира Авазовна- ассистенти кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. E-mail Abdulloevasamira01@gmail.com Телефон 900-99-65-67*

**Сведения об авторе:** *Абдуллоева Замира Авазовна – ассистент кафедры теории и методики музыкально-художественного образования Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Электронная почта Abdulloevasamira01@gmail.com Телефон: 900-99-65-67*

**Information about the author:** *Abdulloeva Zamira Avazovna – assistant at the department of theory and methodology of music and art education of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Email Abdulloevasamira01@gmail.com Phone: 900-99-65-67*

**ТДУ:93/94575.3**

# РӮЗГОР ВА ОСОРИ МУАРРИХ НАҶМУДДИН РОВАНДӢ

*Исмоилова Ҳ.И.*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Наҷмуддин Абубакр Умар ибни Алӣ ибни Сулаймон ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибн Ҳусайн ибни Ҳиммати Равандӣ муаллифи асари машҳури таърихии «Роҳату-с-судур ва ояту-с-сурур» дар нимаи дувуми асри XII дар Раванди Кошон таваллуд шудааст. Доир ба ҳаёту фаъолияти ӯ ва ҳамчунин паҳлуҳои норӯшани зиндагии ӯ маъхазҳо ва осори таҳқиқотии кофӣ вуҷуд надорад. Бузургтарин ва саҳеҳтарин сарчашма перомуни зиндагии Равандӣ ҳамоно асари машҳури ӯ «Роҳату-с-судур» мебошад. Таърихнигорони баъд аз ӯ, ки доир ба китоб ва зиндагии ӯ иттилое дар осорашон агар зикр кардаанд, маҳз бо такя ба ҳамин китоб навиштаанд. Дар муқаддимаи китоб шарҳи нисбатан муфассали зиндагияш омадааст **[14, 13].** Вай шарҳи ҳоли худро ба тафсил ба унвони «Зикри аҳволи мусаннифи китоб ва санои дӯстону устозонаш» овардааст: «Ва чун дуогӯйи давлат Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибн ал-Ҳусайн ибни Ҳиммат ал-мулаққаб би Наҷмуддин ва-л-муканно би Абибакр...» **[14, 45].** Муҳаққиқи пуркор Забеҳуллоҳи Сафо дар китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон» номи ӯро «Наҷмуддин Абубакр Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон ибни Муҳаммад ар-Равандӣ» овардааст **[5, 374].** Маликушшуаро Баҳор ному насаби Равандиро низ чун доктор Сафо зикр мекунад.

Хонадони вай аз уламо ва аҳли Ироқ буданд. Ҳамон гуна ки худи Равандӣ қайд мекунад, дар кӯдакӣ падарро аз даст додааст, аммо «дар кунфи ҳимояти дой (тағо)-и фарҳангдӯсти худ Зайнуддин ва Тоҷуддин, улуми шаръӣ ва адабиву хушнависиро омӯхт» **[14, 45].** Дар «Роҳату-с-судур» зимни шарҳи ҳолаш аз тағоҳо (бародарони модар)-и худ Зайнуддин ва Тоҷуддин Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Алии Равандӣ ҳам ба унвони ақрабо ва ҳам ба унвони устодони худ ёд кардааст. Падари Наҷмуддин Абубакри Равандӣ, чунонки зикр кардем, дар замони таҳсили вай даргузашт ва авзои молии хонаводаи Равандӣ хеле бад шуд. Пас аз сар задани қаҳтии соли 1175 дар Исфаҳон, барои таҳсил ба мусофират дар шаҳрҳои Эрону Ироқ пардохт ва аз соли 1181 ба дарбори шоҳони Салҷуқӣ роҳ ёфт. Чунонки Равандӣ ба муддати 10 сол тахти ҳимояти Тоҷуддин Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Алии Равандӣ, ки аз фозилони рӯзгор ва дар улуми шаръиву адабӣ саромади айём буд, рушд кард ва ба шаҳрҳои муҳимми Ироқ сафар кард.

Равандӣ дар ҳудуди соли 1174 м. баъд аз марги падараш ба хидмати тағо (бародари модар) - и худ – Тоҷуддин Абулфазл Аҳмади Равандӣ (1141- 1208), ки аз фузалои рӯзгор ва аз устодони улуми динӣ ва адабии мадрасаҳои Ҳамадон буд, пайваст ва 10 сол (1174–1184) тахти ҳимоят ва сарпарастии ӯ касби илму маърифат кард **[14, 39–40].** Тағои дигари ӯ – Зайнуддин Маҳмуди Равандӣ (1144–1212) ҳам аз ҳунармандону адибон ва устодони хушнавис буд ва ба порсиву арабӣ шеър месуруд. Тоҷуддин ва Зайнуддини Равандӣ тағоҳои ӯ аз шоирони аҳди Салҷуқӣ ба шумор мераванд. Наҷмуддин, ҳамчунин, назди бархе аз дигар олимони рӯзгор таҳсил кард ва иҷозаи ривоят ситонид **[11, 40–55].** Ӯ ҳамчунин, дар суҳбати амирушшуаро Аҳмад ибни Манучеҳри Шасткала (1184) ҳунари шоирӣ ва нависандагии худро тақвият кард **[14, 57–58].**

Ӯ марди фозилу донишманд ва нависандаву ҳунарманд будаст ва ба қавли худи ӯ, ҳафтод гуна хат сабт карда ва аз навиштани мусҳафу тазҳиб ва таҷлид, ки омӯхта будааст ва дар давраи салтанати Туғрул ибни Арслон (1178–1194) дар Исфаҳон зиндагии хубе доштааст. Пас аз муддате бо амри нафаре, ки муаллими Туғрул буд, ба Ҳамадон ба дарбор даъват шуд. Наҷмуддин дар давраи ҷавонӣ муддати кӯтоҳ дар дарбори Туғрул ибни Арсалон дар Ироқ мақом гирифт ва баъд аз қатли Туғрул ва инқирози Салҷуқиёни Ироқ ба дасти Такаш Хоразмшоҳ дар соли 1194, чанде гӯшанишинӣ кард ва ба такмили ҳунару таҳсили фиқҳу илми шариат пардохт **[14, 59].** Сипас дар Осиёи Сағир ба хидмати Ғиёсуддин Кайхусрав ибни Қилич

Арсалон (1156–1188) аз Салҷуқиёни он хитта пайваст. Таърихи даргузашти Наҷмуддини Равандӣ маълум нест, аммо марги вай пас аз соли 1207, ки таълифи китоби худро ба поён расонда, рӯй додааст.

Китоби худ «Роҳату-с-судур ва ояту-с-сурур фӣ таърихи оли Салҷуқ»-ро дар соли 1164 ба султон Кайхусрав тақдим кард, ки дар поён ба зикри он муфассал хоҳем пардохт. Наҷмуддин Абубакри Равандӣ ҳамчунин, ба унвони муаллими писарони Сулаймоншоҳ ибни Қилиҷ Арсалони Салҷуқ дар дарбор хидмат кардааст. Иллати асосии ба Рум сафар кардани Равандӣ маҳз ноорпомиҳои сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр буд, ки побанди фитнаи муғул буд. Ӯ дар симои Салҷуқиёни Рум меросбарони Салҷуқиёни Бузургро медид, ки ҳамвора илму адабро дастгирӣ мекарданд. Дар он замон гурӯҳе аз бузургони Эрон аз дасти фитнаи муғулон ба дарбори амни подшоҳони Салҷуқиёни Рум паноҳ мебурданд. Аз ҷумла, метавон ба Шамсуддини Табрезӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва Наҷмуддини Розӣ аз орифони машҳури он замон ном бурд. Равандӣ кутуби худро ба далели эҳсоси қарз ба салотини салҷуқӣ ва дар қадрдонӣ аз таъсиси мадрасаҳои Ироқ, ки вай дар он ҷо таҳсил карда буд ва барои ба ёдгор гузоридани асари ҷовидоне аз худ ва ҳамчунин барои таҷлил аз фатҳи азими Антокия тавассути Кайхусрав ибни Қилиҷ Арсалон дар соли 1164 китоби «Роҳату-с-судур»-ро ба вай тақдим кард **[14, 10-1009].** Вай аз соли 1184 ба фикри таълифи чунин асаре уфтод, ки онро дар соли 1207 ба анҷом расонд.

Равандӣ дар насру шеър низ устодӣ дошт ва дар дарбори салотин пазируфта мешуд. Ашъори худ, аз ҷумла қасоидашро дар китоби «Роҳату-с-судур ва ояту-с-сурур» овардааст. Равандӣ гузашта аз «Роҳату-с-судур» китобе ҳам дар маърифати усули хат таълиф карда, ки хулосаи онро дар авохири «Роҳату-с-судур» бо унвони «Фасл фӣ маърафати усул-л-хат мина-д-доира ва-н-нуқат» гунҷонидааст.

Аз ҷумлаи ашъори Равандӣ ин абёт аз як қасидаи ӯро инҷо меорем, ки шакли комили он дар «Роҳату-с-судур» омадааст (дар ҳаҷми 28 байт):

Зиҳӣ ишқи ту мулки ҷон гирифта,
Ҷаҳонро дар хатти фармон гирифта.
Бар он садре, ки иззат дидабон аст,
Нишеман руҳ бо Ризвон гирифта,
Зи дарёи лабат дурре камина,
Дусола саргузашт аз кон гирифта.
Рухат аз нур бахше моҳу хӯрро,
Раҳини миннату эҳсон гирифта.
Туро шодӣ ниҳода пой бар сар,
Маро дасти ғамат домон гирифта.
Дилам аз бими волии фироқат,
Паноҳ аз ҳазрати султон гирифта **[14, 52].**

Он чи муҷиби шуҳрати Равандӣ шудааст, китоби «Роҳату-с-судур»-и ӯ ба забони форсӣ аст, ки аз муҳиммтарин манобеи таърихи оли Салҷуқ, аз аҳди Туғрулбек (1038) то Туғрул ибни Арсалон ба шумор меравад. Равандӣ, чунонки худ овардааст, таълифи «Роҳату-с-судур»-ро дар 1203 оғоз кард ва дар 1207 ба номи Кайхусрав ибни Қилич Арсалон ба поён бурд ва онро тавассути яке аз дӯстони худ ва аз наздикони султон Ҷамолуддин Абубакр дар Қуния ба султон тақдим дошт **[11, 62].**

Пеш аз он ки ба шарҳу чигунагии китоб пардозем, зарур донистем, ки бобҳои китобро ба тариқе, ки дар нусхаи тартибдодаи Муҳаммад Иқбол омадааст (иборат аз сию се фасл ва ғалатнома), биоварем:

Ҳамди Бории Таъоло;
Мадҳи анбиё ва ситоиши пайғамбар;
Мадҳи саҳоба ва тобеину уламои дин;
Мадҳи султон Кайхусрав ибни Қилиҷ Арсалон;
Зикри аҳволи мусаннифи китоб ва санои дӯстону устодонаш;
Таълифи ин китоб;
Феҳристи китоби «Роҳату-с-судур» ва тартиби муставдеъоти он;
Ибтидои китоби «Роҳату-с-судур» ва зикри адлу ситоиши инсоф;

Феҳристи асмои салотин;
Зикри ибтидои кори Салҷуқиён;
Султон Туғрулбек;
Султон Алб Арсалон;
Султон Маликшоҳ;
Султон Баркиёруқ ибни Маликшоҳ;
Султон Муҳаммад Маликшоҳ;
Султон Санҷар ибни Маликшоҳ;
Султон Маҳмуд ибни Маликшоҳ;
Султон Туғрул ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ;
Султон Масъуд ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ;
Султон Маликшоҳ ибни Маҳмуд;
Султон Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ Султон Сулаймон ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ;
Султон Арсалон ибни Туғрул;
Султон Туғрул ибни Арсалон;
Муставлӣ шудани Хоразмшоҳ бар мамлакати Ироқ;
Зикри одоби надимат ва шарҳи бохтани шатранҷ;
Фасл фӣ-ш-шароб;
Фасл дар мусобиқат ва тир андохтан;
Фасл дар шикор кардан;
Фасл фӣ маърифати усули-л-хат мин доираӣ ва-н-нуқат;
Фасл фӣ-л-ғолиби ва-л-мағлуб;
Хотимати китоб;
Ҳавошӣ ва изофат;
Фарҳанги калимот ва мусталеҳоти нодира;
Ғалатнома.

Бегумон, маъхази Ровандӣ дар таълифи «Роҳату-с-судур» китоби «Салҷуқнома»-и Заҳируддини Нишопурӣ буда, ки худи ӯ низ дар сафҳаи 64 (чопи Муҳаммад Иқбол) аз ӯ ва китобаш ёд кардааст ва ҳарчанд аз гуфтаҳои ӯ метавон хулоса кард, ки «Роҳату-с-судур»-ро муаллиф аз он китоб хулоса намудааст. Ровандӣ дар ин китоби пурарзиши худ пас аз зикри дебоча ва сабаби таълифи китоб ва ситоиши адлу инсоф, ки пур аст, аз фавоиди адабиву таърихӣ, вориди таҳқиқ ва баҳс дар давлати Салҷуқиён шуд. Сипас кори ононро аз ибтидо шарҳ дода ва вақоеъи аҳди Салоҷуқаи бузургро то поёни кори Санҷар ба тафсил оварда ва он гоҳ ба зикри Салоҷуқаи Ироқ то поёни кори Туғрул ибни Арсалон ва истилои Хоразмшоҳиён бар Ироқ пардохт. Дар айни ҳол дар бораи Атобакони Ироқу Озарбойҷон низ ба тафсил сухан гуфтааст.

Муҳаққиқ Исмоили Афшорӣ чигунагии табъу интишор ва шуҳрати «Роҳату-с-судур»-ро чунин шарҳ медиҳад: «Мусташриқи маъруф Шорл Шефрид дар яке аз муҷалладоти мунтахаботи форсии худ қисмате дар таърихи оли Салҷуқ аз китобе мавсум ба «Роҳату-с-судур» дарҷ карда ва ин китоб то замони вай мутлақан маъруф набуд. Аз сабаби набудани таълифии дигар дар ин хусус ва мутазаммин будани китоби мазбур иттилооти нафису арзишмандро дар таърихи Салоҷуқа ба суръат дар байни мусташриқин шуҳрат пайдо кард ва Эдвард Броун тамоми он китобро ба англисӣ тарҷума намуд. Билохира матни форсии он дар санаи 1920 ба тасҳеҳи Мавлавӣ Муҳаммад Иқболи Панҷобӣ, ки аз фузалои ҳунари исломӣ аст, бо ҳавошиву муқаддимаи судманд аз тарафи авқофи Гибб ба зевари табъ ороста гардид **[3, 29]**.

Аллома Қазвинӣ чанде пас аз интишори «Роҳату-с-судур» мақолае дар васфи он навишт ва зимни таҷлил аз худи китобу чигунагии матлуби тасҳеҳи он ва интиқодоти мунсифонае бар наҳваи тасҳеҳи он ворид кард **[10, 73-74]**. Қазвинӣ китоби «Роҳату-с-судур»-ро аз муҳимтарин китобҳои таърихи Салҷуқияи Эрон ва Ироқ донист ва бо эҳтиёт навишт: «Ин китоб зоҳиран қадимитарин китобест ба забони форсӣ дар таърихи Салҷуқияи Эрон, ки то кунун боқӣ мондааст. Қазвинӣ, ки бо мусаҳҳеҳи донишманди китоб ҳам ошно буд, ӯро чунин васф карда: «Алҳақ, ношири фозили он ба воситаи табаҳҳури ном ва иттилооти амиқу иҳотаи комиле, ки

дар адабиёти форсиву арабӣ доштааст ва ба воситаи ниҳояти диққат ва эҳтиёте, ки дар тасҳеҳи китоб ба кор бурдааст, миннати бузург бар адабиёту забони форсӣ дар эҳёи ин китоб ниҳодааст **[10,73-74].**

Аммо чанд сол баъд бо пайдо шудани нусхаи дастнависе аз китоби «Салҷуқнома»-и Заҳируддини Нишопурӣ (Теҳрон, 1953) кашф шуд, ки «Роҳату-с-судур» қадимитарин таърихи Салҷуқиёни Эрон ва Ироқ ба забони форсӣ нест ва «Салҷуқнома»-и Заҳируддини Нишопурӣ аз чунин мартабате бархурдор аст ва бисёре аз матолиби «Роҳату-с-судур» дар бораи Салоҷиқаи Хуросон ва Ироқ иқтибос аз он аст. Шодравон Исмоил Афшор мусаҳҳеҳи «Салҷуқнома» дар соли 1934 тайи силсилаи мақолоте дар маҷаллаи «Меҳр» ба муаррифии «Салҷуқнома»-и Заҳируддини Нишопурӣ пардохт ва ёдовар шуд, ки бахши аъзами «Роҳату-с-судур» иқтибос, балки сирқат аз матолиби «Салҷуқнома» аст **[3, 30].** Нақди Афшор бар «Роҳату-с-судур» бисёр тунд аст. Вай бар он аст, ки Равандӣ ҳеҷ гуна ошноӣ бо фанни таърих надошта» ва аз ҳамин рӯ, китоби вайро фоқиди сохтори мутаносиб донистааст. Афшор то онҷо нақди худро давом медиҳад, ки Равандиро бесавод хитоб мекунд **[3, 29].** Мавсуф сипас, дар бораи иртиботи «Роҳату-с-судур» ва «Салҷуқнома» изҳор медорад. Ба ҳар ҳол, нигоранда пас аз мутолиаи дақиқ ва батакрори «Роҳату-с-судур» ва татбиқи он бо рисолаи таърихи Салҷуқиён – «Зубдату-т-таворих» ва ишораи худи Равандӣ дар муқаддимаи «Роҳату-с-судур» бар ман возеҳ гардид, ки қисмати таърихи Салоҷиқаи «Роҳату-с-судур» аз аввал то охир, яъне аз ибтидои салтанати ин хонадон то Туғрул ибни Арсалон охирин подшоҳи Салҷуқиёни бузург бидуни нуқтае таҳриф дар иборат сирқати «Салҷуқнома»-и Заҳирӣ аст. Шодравон Афшор дар ин бахш низ бо таъкид бар назари қаблии худ мабнӣ бар бесаводӣ аз ағлоти «Роҳату-с-судур» ёд мекунад **[3, 29].** Бо боварӣ метавон гуфт, ки шодравон Исмоили Афшор дар нақди якҷонибаи Равандӣ муболиға кардааст ва дар саҳифаҳои баъд мо тафовут ва хусусиятҳои ин ду китоб ва ҳамчунин афзалиятҳои яке бар дигаре сухан хоҳем гуфт.

Ҷолиб ин аст, ки Равандӣ худ дар китоб ба таърихи салҷуқиёне, ки Заҳируддини Нишопурӣ навишта буд, ишора кардааст: «Ва ҳамин таърихҳо ба аҳди худованди олам Туғрул ибни Арсалон ибни Туғрул раҳималлоҳ Заҳируддини Нишопурӣ, ки устоди султон Арсалон ва Масъуд буд ва хеши дуогӯи давлат набишта буд, то султони қоҳири азимуддаҳр Кайхусрав халладаллоҳи давлата мутолиат фармояд» **[13, 65].**

Аз дигар касоне, ки дар бораи «Роҳату-с-судур» дар қиёс бо «Салҷуқнома» ё бидуни қиёс бо он изҳори назар кардаанд, шодравон доктор Ризозода Шафақ мебошад. Мавсуф бар он аст, ки «Роҳату-с-судур» муҳиммтарин китоби форсӣ дар таърихи салҷуқиён Эрон аз оғоз ин силсила то инқирози он ба дасти Хоразмшоҳён аст **[21, 392-393].** Профессор Иброҳим Қафс-уғлӣ дар китоби арзишманди худ «Таърихи давлати Хоразмшоҳиён» бо истинод ба қисмати ахири «Роҳату-с-судур», ки ҳосили мушоҳидаҳои худи ӯст, менависад: «Равандӣ муаллифи ин китоб, аҳволи хонадони Атобакони Озарбойҷонро, ки бар Ироқи Аҷам тасаллут доштанд ва муносиботи ин хонадон бо мансубини Салоҷуқа ва ишғоли Ироқи Аҷам аз тарафи сипоҳи Хоразм ва муборизоти ин давра ва низ авзои мардум ва умарои Ироқро ба истиноди мушоҳидоти шахсӣ ба риштаи таҳрир даровардааст. Вай дар ин асар масоили дохилиро ба вузуҳ дар маърази диди мо қарор медиҳад. Давраи охири давлати Салҷуқии Ироқ ва ба мувозоти инқирози ин давлат авзои сипоҳи Хоразм дар он ноҳия ва шахсияту сиёсати султон Такаш дар ин асар ба таври боризу комил ироа гардидааст **[11, 12-13].** Шарқшинос ва муаррихи фаронсавӣ Клуд Коҳин (Коэн) дар баҳси тӯлоние, ки дар бораи таърихнигории Салҷуқиён ба амал оварда, китобҳои «Салҷуқнома» ва «Роҳату-с-судур» ва китобҳое, ки бар асоси онҳо тадвин шудаандро навъе хос аз таърихномаҳои марбут ба Салҷуқиён донистааст. Яъне таърихномаҳое, ки ба забони форсӣ навишта шудаанд ва ғайр аз нависандагони эронӣ онҳоро намешинохтаанд **[9, 26-27].**

Коҳин дар муқоисаи «Салҷуқнома» ва «Роҳату-с-судур» бо якдигар ва низ таърихномаҳои арабии марбут ба давраи Салҷуқиён, «Салҷуқнома»-и Заҳируддини Нишопуриро бо ҳама камбудҳояш бар «Роҳату-с-судур» тарҷеҳ медиҳад ва сипас хотирнишон месозад ин бартарӣ то бад-он ҷост, ки аз ин пас китоби Равандӣ танҳо барои муқоисаи матнҳо ва истиқсо дар онҳо мавриди истифода қарор мегирад» **[9, 28-29].** Дар айни ҳол, Коҳин низ мисли бисёре аз нависандагони дигар бахши ахири «Роҳату-с-судур», яъне бахши марбут ба ҳодисаҳои даврони Туғрули севум ва ба қудрат расидани Такашро муътабар

мешуморад **[9, 29].** Ин бахши ахири «Роҳату-с-судур», чунонки аз қавли чанд тан аз соҳибназарон нақл шуд, асилтарин ва муътабартарин бахши таърихии китоби Равандӣ аст, ки ҳамвора мавриди таваҷҷуҳ ва истифодаи муҳаққиқони таърихи Салҷуқиён хоҳад буд. Вобаста ба ин ки баъзе аз муҳаққиқон Равандиро ба сирқат аз китоби Заҳируддин мутаҳҳам мекунанд, доктор Зарринкӯб андешаи ҷолиб ироа мекунад: «Дар воқеъ, дар ҷое, ки касоне монанди Виржил ва Шекспир ва Гёте ва Карнӣ ва Мюлеру Волтер ва Буҳтуриву Абутамом ва Мутанаббиву Унсурӣ ва Саъдиву Ҳофиз ба сирқати мазомину афкори дигарон муттаҳам бошанд, аҷаб нест, ки ҳама гӯяндагону нависандагони дигар низ бешу кам ба интиҳоли мазомини дигарон даст зада бошанд **[8, 99].**

«Роҳату-с-судур» аз 3 қисм иборат аст: Муқаддима, таърихи Салҷуқиён ва хотима. Муқаддима (саҳ. 1–85) муштамил аст бар ҳамди Худованди Таъоло, мадҳи анбиё ва паёмбари ислом (с) ва шарҳе дар бораи саҳоба ва тобеин, хулафои нахустин ва фуқаҳои бузург, чун Абуҳанифа, Шофеӣ, Суфиёни Саврӣ, Молик ибни Анас ва Аҳмад ибни Ҳанбал. Ӯ он гоҳ ба зикри хусусиёт ва феъли Ғиёсуддин Кайхусрав ибни Қилич Арсалон пардохта, аз таҳаввулоти Ироқ пас аз инқирози Туғрули севум ва аҳволи хеш ва бархе афроди хонадони худ ва сабаби таълифи китоб ёд кардааст. Дар матни китоб, нахуст муқаддимае дар оғози кори Салҷуқиён ва ҳукумати Туғрул дар соли 1033, кашмакашҳои Маҳмуди Ғазнавӣ бо Салҷуқиён ва дастгирии Исроил ибни Салҷуқ ва зиндонӣ шудани ӯ то замони марги Маҳмуд ва саранҷом шикасту суқути Ғазнавиён ва истилои Салҷуқиён дар Дандонақон овардааст (саҳ. 86–101). Сипас ба таърихи Салҷуқиёни бузург то поёни салтанати султон Санҷар, он гоҳ ба зикри Салҷуқиёни Ироқ то поёни кори Туғрул ибни Арсалон (1175–1194) ва истилои Хоразмшоҳиён бар Ироқ пардохтааст. Дар поёни ин бахш фасли бисёр судманд дар аҳволи билоди Ироқ аз истилои Хоразмшоҳиён омадааст (саҳ. 375–405). Дар поёни китоб ҳам баҳсҳое берун аз мавзуи аслии китоб, монанди одоби надимӣ, шатранҷбозӣ, боданӯшӣ, тирандозӣ, шикор ва усули хушнависиро оварда ва онро бо мадҳи Ғиёсуддин Кайхусрав хатм кардааст. Равандӣ дар таълифи ин асар ғолибан ба ихтисор гароида, вале ҳаводиси авохири аҳди Салҷуқиёнро бо тафсили бештар овардааст **[7, 46].**

Равандӣ дар таълифи асари худ аз иттилооти шахсӣ ва осору таълифоти муосирони худ баҳра бурдааст. Акнун ба баҳсе, ки дар саҳифаҳои пеш аз он ёддовар шудем, яъне хусусиятҳои «Роҳату-с-судур», сарчашмаҳо ва фарқи он аз «Салҷуқнома» мепардозем. Чунонки пештар қайд кардем, Равандӣ қисмате аз матолиби аслии китобро аз «Салҷуқнома»-и Заҳируддини Нишопурӣ иқтибос намуда ва ба сурате ибҳомомез аз вай ва китоби ӯ ёд кардааст. Албатта дар бархе маворид ихтилофоте низ миёни ду матн дида мешавад (намуна, Равандӣ, саҳ. 94; Заҳируддин, саҳ. 14, дар боби таърихи марги Маҳмуди Ғазнавӣ; ё низ Равандӣ, саҳ. 95–97; Заҳируддин, саҳ. 14–15, дар боби вуруди Туғрул ба Нишопур). Масъалаи муҳимме, ки аз дер боз дар бора «Роҳату-с-судур»-и Равандӣ матраҳ гардида, иқтибосӣ будан ва асолати матолиби таърихӣ аст. Бинобар назаре, ки дар саҳифаҳои қаблӣ гуфтем, Исмоил Афшорӣ (мусаҳҳеҳи «Салҷуқнома»-и Заҳирии Нишопурӣ) иброз дошта ва дигарон ҳам гуфтаанд, «Роҳату-с-судур» иқтибос ё интихобе аст аз кулли матолиби «Салҷуқнома». Нигоранда дар ин мақола зимни пардохтан ба ин масъала ва нишон додани намунаҳое аз он ва ишора ба сухани худи Равандӣ дар ин ки аз «Салҷуқнома» истифода карда, иброз доштааст, ки иқтибос дар байни нависандагони қадим дар ҳавзаҳо ва қаламравҳои мухталифи улум ва адабиёт, коре нописанд маҳсуб намешуда ва амри роиҷ будааст. Дар айни ҳол, ки ҳама соҳибназарон иттифоқ доранд, ки қисмати охири "Роҳату-с-судур" асилу муътабар аст. "Роҳату-с-судур" ҳовии ду гуна наср - фаннӣ ва мурсал, дорои шуморе аз ашъори шоирони аҳди Салҷуқӣ, тарҷумаҳои дақиқу зебо аз амсолу ашъори арабӣ ва ироаи порае аз истилоҳоти девонии аҳди Салҷуқӣ аст. Ин матолиб «Роҳату-с-судур»-ро аз «Салҷуқнома» мутафовит месозад.

Бо ин васф, аз он ҷо ки муаллиф худ муосири бархе аз салотини салҷуқӣ буда ва бо гурӯҳе аз хушнависону адибону шоирони аҳд муошир будааст, китоби ӯ аз аҳаммияти хос бархурдор аст **[8, 16].** Ҳамчунин, шарҳи Равандӣ дар бораи давраи ахири давлати салҷуқии Ироқ ва инқирози ин давлат, авзои сипоҳи Хоразм дар он ноҳия ва шахсияту сиёсати Такаш, бар аҳаммияти китоби ӯ меафзояд. Бахшҳои вопасини китоб ҳам (с. 375–403) аз ҳайси огоҳиҳои вижа дар бораи Ҳамадон бисёр муҳимм аст.

Забеҳуллоҳ Сафо бахши охири китобро, ки берун аз мавзуи аслии китоб аст, арзишманду нодир медонад. Дар поёни китоб Ровандӣ фаслҳое дар зикри одоби шатранҷ, шароб, мусобиқату тир андохтан, шикор кардан, усули хат, фӣ-л-ғолиб ва-л-мағлуб ва фасле дар хотимати китоб оварда ва китобро ба ному мадҳи Ғиёсуддин Кайхусрав хотима додааст **[18, 1010].** Саъид Нафисӣ қайд мекунад, ки китоби «Роҳату-с-судур» дар соли 1203 таълиф шуда ва яке аз беҳтарин кутуби насри форсӣ ва дар ниҳояти фасоҳат ва равонӣ навишта шудааст ва дар зимн ашъоре ба форсӣ аз муаллиф ва низ аз бузургони адаби форсӣ дар он сабт шудааст **[12, 145].** «Роҳату-с-судур» аз кутуби муҳимми қарни шашум ва авоили қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ (асрҳои XII ва XIII мелодӣ) аст, ки хоҳ аз боби саломати иншои он ва ибрози фазлҳои муаллиф ва хоҳ аз назари дар бар гирифтани иттилооти фаровони таърихӣ ва иҷтимоӣ дар шумори муътабартарин кутуби форсии пеш аз ҳуҷуми муғул ба шумор меравад [18, 1008]. Ҳамчунин, «Роҳату-с-судур» аз беҳтарин кутуби насри порсӣ аст, ки қисмате аз он ба шеваи маснуъӣ музайян ва қисмати дигар соддаву бепироя аст. Дар қисматҳои маснуи «Роҳату-с-судур» дарозгӯӣ ва овардани амсолу ашъори арабиву форсӣ, ба вижа ашъори «Шоҳнома» фаровон ва сухани Ровандӣ дар бархе маворид ба латофати шеър ва дорои ҳамон шароит ва мавзуот мешавад. Дигар аз хусусиятҳои муҳимми китоб дар он аст, ки Ровандӣ дар ин асар ҳамчунин ба нақди ашъори шоирон пардохта, ҳусну қубҳи онҳоро баҳо додааст. Аз имтиёзоти адабии «Роҳату-с-судур» овардани қасидаҳое аз шоирони устод ва бузурги асри дувоздаҳ Манучеҳрии Домғонӣ, Шамсуддин Аҳмад ибни Манучеҳри Шасткала, Амир Имодӣ, Асирии Ахсикатӣ ва Сайидҳасани Ғазнавӣ аст **[18, 1011],** ки муддатҳо пеш ба таври довталабона оғоз ба таълиф карда буд.

Илова бар он ки китоби мазкур аз манобеи бузурги таърихӣ аст, ҳамчунин аҳаммияти зиёди мардумшиносӣ, ҷуғрофиёӣ ва махсусан адабиро доро мебошад. Аҳаммияти ҷуғрофиёии китоб дар он аст, ки аз шаҳрҳое чун Ҳамадон, Бағдод, Шероз, Қуния, Антокия таъриф ба миён оварда, ҳамчунин перомуни мардумони баъзе аз билод низ маълумот додааст. Ончи перомуни аҳаммияти адабии китоб аст, пеш аз ҳама, тарзи баён ва ашъору шарҳи рӯзгори шоирон аст. Бо ин ваҷҳ, онро ба гунае тазкира гуфтан низ мумкин аст, зеро дар он натанҳо ашъори шоирон, балки рӯзгор ва баррасии ашъори онҳо сурат гирифтааст. Як хусусияти хоссу қобили таваҷҷуҳи «Роҳату-с-судур» нақли зиёди ашъори шуморе аз шоирони порсӣ дар зимни зикри ҳаводиси таърихӣ аст, ки бархе аз онҳо бо муаллиф муосир будаанд **[21, 393]** ва албатта бештари шавоҳиди форсии ӯ аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст **[6, 406].** Ровандӣ сурудаҳои худро дар мадҳи Ғиёсуддин Кайхусрав низ дар ҳамин китоб нақл кардааст **[20, 363].** Ҳарчанд гуфтаанд, «Роҳату-с-судур» ба сабаби зиёдии ҳашву ва ҷумлаҳои эродӣ, то андозае малоловар аст **[4, 7],** аммо бетардид, аз назари адабӣ қобили таваҷҷуҳ аст. Ба вижа, ки Ровандӣ дар адаби порсиву тозӣ ва бархе дигар аз донишҳои ранҷи аҳди хеш дасти қавӣ дошта ва дар зимн китоб аз оёт, аҳодис, ҳикоёт, амсол ва ашъори шоирони тозигӯӣ ва порсисарой баҳраҳо бурдааст **[20, 363].** Ҳаҷми чашмгири ин мавридҳо то ҳадде мавзуи иқтибоси ӯ аз «Салҷуқнома»-ро пӯшондааст. Ба такрор ин нуктаро бояд қайд кард, ки Ровандӣ дастпарвардаи тағоии худ Тоҷуддин Аҳмади Ровандӣ буда, ки ба шуғли ваъзу тадрис низ мепардохтааст, аз ин рӯ, нуктапардозии вай дар баёни матолиб, зоҳиран мутаассир аз услуби воизонаи ҳамон аст (Фурӯзонфар, 365).

«Роҳату-с-судур» дар давраҳои баъд мавриди таваҷҷуҳи муаррихон қарор гирифт ва дар таснифу таълифи осоре чун «Ҷомеъу-т-таворих», «Таърихи гузида», «Зубдату-т-таворих»-и Ҳофизи Абру, «Равзату-с-сафо» ва «Ҳабибу-с-сияр» ба тасреҳ ё бидуни тасреҳ маврид истифодаи нависандагон қарор гирифтааст.

Масъалаи қадимтарин нусхаи хаттии китоби мазкур низ то ҳол норӯшан аст. Яъне куҳнатарин нусхаи хатии китоб ба асри XIII рост меояд, ки хеле наздик ба замони зиндагии муаллиф аст. Мураттиби китоб муҳтарам муқаддимаи олимонае ба забони англисӣ дар бораи шеваи кори худ дар тасҳеҳ, нависандаи китоб, муҳтаво ва манобеъи он, таъсири "Роҳтау-с-судур" дар китобҳои таърихии пас аз худ ва нақди китоб навиштааст. Нусхаи хаттӣ, бо ҳуруфи бузург ва хоно ва ба хатти насх дар якуми рамазони соли 635 (ҳабдаҳуми апрели 1238) таҳрир шудааст. Ин нусха дар Китобхонаи миллии Париж нигаҳдорӣ мешавад. Донишмандони эронӣ аз соли 1865 бо асари Ровандӣ ошно шуданд. Яъне ҳангоме, ки Юнг дар китоби худ, кори Ровандиро манбаи «Таворих-у-с-Салҷуқ» донист, ки дар рӯзгори подшоҳии Султон

Муроди дувум (1421–1451) ба туркӣ ва дар се бахш навишта шуда буд. Ҳамчунин, Ҳутесмо низ ин мавзуъро дубора дар мақолаи кӯтоҳе дар шашумин кунгураи байналмилалии шарқшиносон (1883) дар Лейдан ёд кард, аммо вуҷуди нусхаи аслӣ ҳангоме мушаххас шуд, ки устод Шифер, дорандаи пешини нусхаи хаттӣ, чакидае аз онро дар ҷилди дувуми китоб бо тарҷумаи фаронсавӣ ва ёддоштҳову тасвири як сафҳа аз нусхаи аслӣ нашр кард.

Гузориши комил аз ин нусхаи хаттӣ (Таърихи силсилаи Салҷуқӣ аз оғоз то марги Маликшоҳ) ба қалами ҳамин донишманд ва эҳтимоми вай бар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк мунташир шуд ва профессор Эдвард Броун бар асари қудрат ва эътибори дарунмояи китоб, онро барои интишор баргузид. Ин нусхаи хаттӣ бисёр ғанӣ аст. Зеро бо таваҷҷуҳ ба навишта шуданш дар он давра, ҳиҷоҳо ва истилоҳоти қадимии он рӯзгорро дорост ва афзун бар ин, байтҳои бисёреро аз шеърҳои бархе аз шоирон барҷаста ва бузурги порсӣ, монанди Анварӣ, Низомӣ, Муҷири Байлақонӣ, Асири Ахсикатӣ, Ҳасани Ғазнавӣ ва Ҷамолуддин Исфаҳониро дар бар дорад, ки бештарашон бо нависанда ҳамрӯзгор будаанд.

«Роҳату-с-судур» бар асоси танҳо нусхаи шинохташудаи он дар Китобхонаи миллии Париж, ба кӯшиш Муҳаммад Иқболи Пешоварӣ бо муқаддамаи англисӣ ва феҳристи мутааддид, дар Лейдан чоп шудааст (1920 м). Ҳамин чоп сипас як бор бо муқаддамаи Бадеъуззамон Фурӯзонфар (Теҳрон, Мурдод 1333) ва бор дигар бо муқаддамаи кӯтоҳ ва порае тасҳеҳоти Муҷтабо Минуӣ (Теҳрон / Исфаҳон, дайи 1333) мунташир шудааст.

Ҳамин тавр, аз он чи гуфта шуд, метавон ба ин натиҷа расид, ки китоби «Роҳату-с-судур» аз манобеи муҳимми таърихӣ, махсусан таърихи Салҷуқиён буда, дар омӯзиши паҳлуҳои гуногуни таърих, фарҳанг, адабиёт, забон ва ҷомешиносии замони ҳукумати Салҷуқиён дар Хуросону Мовароуннаҳр ва Ироқу Осиёи Сағир нақши муҳим дорад. Ҳарчанд аз китоби мазкур ба гунаи тақлид ва сирқат аз китоби «Салҷуқнома»-и Заҳируддини Нишопурӣ ёд мекунанд, вале китоби мазкур аз имтиёзоти бузурги таърихиву адабӣ бархӯрдор аст, ки дар мақоми худ ҳатто метавонад аз «Салҷуқнома» арзишмандтар бошад. «Роҳату-с-судур» на танҳо асари таърихӣ, балки онро ба гунае тазкира низ метавон гуфт, ки дар шинохту баррасии ашъори иддае аз шоирони ҳамзамони ва наздик ба замони муаллиф саҳми муҳим дорад. Таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни таърихиву сиёсии китоби мазкур ба мо имкон медиҳад, ки нуктаҳои норӯшанро дар омӯзиши таърихи асрҳои миёна муайян намоем.

## АДАБИЁТ:


1. Азкоӣ, Парвиз. Таърихнигорони Эрон (бахши якум) / Парвиз Азкоӣ. Теҳрон, 1373 ш.
2. Афшор, Исмоил. «Салҷуқнома»-и Заҳирии Нишопурӣ ва «Роҳату-с-судур»-и Равандӣ» / Исмоил Афшор. Маҷаллаи Меҳр, Теҳрон, 1313 ш, с. 2.
3. Афшор, Исмоил. Нақде бар «Роҳату-с-судур»-и Равандӣ / Исмоил Афшор. Маҷаллаи «Меҳр», шумораи аввал.
4. Аҳмад, Назир. Гузорише дар бораи манзумае аз Муҳаммад ибни Алии Равандӣ, муаллифи «Роҳату-с-судур» /Назир Аҳмад. Қанди порсӣ, Теҳрон, 1373 ш.
5. Аҳмад, Назир. Муқаддима бар «Хулосаи «Роҳату-с-судур» / Назир Аҳмад. Қанди порсӣ, Теҳрон, 1374 ш.
6. Баҳор, Муҳаммадтақӣ, Сабкшиносӣ / Муҳаммадтақии Баҳор. -Теҳрон, 1349 ш.
7. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Таърихи Эрон баъд аз ислом / Абдулҳусайни Зарринкӯб. -Теҳрон, 1362 ш.
8. Зарринкӯб, Абулҳусайн. Нақд ва баррасӣ дар боби маохизи Таърихи Эрон баъд аз ислом / Абдулҳусайни Зарринкӯб. -Теҳрон, 1346 ш.
9. Коҳин, Калуд. Баррасии манобеи таърихии давраи Салҷуқӣ. Тарҷумаи Исмоил Давлатшоҳӣ ва Ғуломризо Ҳумоюн / Клуд Қоҳин. Сухан, -Теҳрон, 1352 ш.
10. Қазвинӣ, Муҳаммад. Бист мақола / Муҳаммад Қазвинӣ. Бо кӯшиши Иброҳим Пуридовуд. – Теҳрон, 1307.
11. Қафс-уғлӣ, Иброҳим. Таърихи давлати Хоразмшоҳиён / Иброҳим Қафс-уғлӣ.
12. Нафисӣ, Саид. Таърихи назму насри Эрон дар забон форсӣ / Сайид Нафисӣ. -Теҳрон, 1344.
13. Нишопурӣ, Заҳируддин. Салҷуқнома / Зашируддини Нишопурӣ. -Теҳрон, 1332 ш.
14. Равандӣ, Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон. Роҳату-с-судур ва ояту-с-сурур дар таърихи оли Салҷуқ / Муҳаммад ибни Алӣ ибни Судаймони Равандӣ. Бо эҳтимоми Муҳаммад Иқбол ва тасҳеҳи Муҷтабо Минуӣ. Чопи дувум. -Теҳрон: Амири Кабир, 1364.

15. Ровандӣ, Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон. Роҳату-с-судур ва ояту-с-сурур дар таърихи оли Салҷуқ / Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймони Ровандӣ. Бо кӯшиши Бадеъуззамон Фурӯзонфар. – Теҳрон, мурдоди 1333 ш.
16. Ровандӣ, Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон. Роҳату-с-судур ва ояту-с-сурур дар таърихи оли Салҷуқ / Муҳаммад ибни Алӣ ибни Судаймони Ровандӣ. Бо кӯшиши Муҷтабо Минуӣ. – Теҳрон/Исфаҳон. Даймоҳи 1333 ш.
17. Сафо, Забеҳулло. Мухтасаре дар таърихи таҳаввули назму насри порсӣ /Забеҳулло Сафо. - Теҳрон, 1334 ш.
18. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон /Забеҳулло Сафо, ҷ. 2, с. 1009.
19. Сафо, Забеҳуллоҳ. Ганҷ ва ганҷина / Зпбеҳулло Сафо. -Теҳрон, 1381 ш.
20. Фурӯзонфар, Бадеъуззамон. Маҷмуаи мақолот ва ашъор, ба кӯшиши Иноятуллоҳ Маҷидӣ, Теҳрон, 1351 ш.
21. Шафақ Ризозода. Таърихи адабиёти Эрон / Ризозода Шафақ. -Шероз, 1352 ш.

## РӮЗГОРУ ОСОРИ МУАРРИХ НАҶМУДДИН РОВАНДӢ

Дар мақола муаллиф доир ба ҳаёт ва осори таърихнигори барҷастаи асри XII Наҷмуддин Абубакр ибни Сулаймони Ровандӣ, муаллифи китоби «Роҳату-с-судур» баҳс ба миён овардааст. Дар мақола бо такя ба манобеи гуногуни таърихӣ ва китобҳои таҳқиқии муосир масъалаи таваллуд, зиндагӣ, осор ва марги муаллифи «Роҳату-с-судур» баррасӣ шудаанд. Дар мақола ҳарчанд аз зиндагии муаллифи китоб сухан рафтааст, аммо диққати асосӣ сари чигунагии китоби ӯ, ки шуҳрати муаллиф низ побанди ҳамин китоб аст, баҳс ба миён овардааст. Дар мақола аз сохтор, моҳият ва аҳаммияти китоб, ҳамчунин паҳлуҳои дигари арзишманди он сухан рафтааст. Муаллиф илова бар аҳаммияти таърихии китоб, ҳамчунин аҳаммияти ҷуғрофӣ, адабӣ ва мардумшиносии асари мазкурро низ қайд кардааст. Масъалаи дигаре, ки дар мақолаи мазкур мавриди баҳс қарор гирифтааст, ҳамоно манобеи таълифи «Роҳату-с-судур» аст. Ҳарчанд худи муаллиф дар оғози китоб аз манбаи асосии китоби худ «Салҷуқнома»-и Заҳирии Нишопуриро медонад, аммо дар сабки навишт ва баррасиҳо миёни онҳо тафовут вуҷуд дорад ва ин нуктаро муаллифи мақола бо такя бо китобҳои дигари пажӯҳишӣ хеле хуб баррасӣ кардааст. Дар охир муаллифи мақола аз таърихномаҳое, ки пас аз «Роҳату-с-судур» навишта шудаанд ва ин китобро зикр кардаанд, гузариш дода, ҷойгоҳи ин асар дар таърихи турконро баён медорад.

**Калидвожаҳо:** *Наҷмуддин Абубакр ибни Сулаймони Ровандӣ, рӯзгор, осор, «Роҳату-с-судур», Салҷуқиён, аҳаммияти таърихӣ, аҳаммияти адабӣ.*

## ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО ИСТОРИКА РОВАНДИ

В статье автор рассматривает жизнь и творчество выдающегося историка XII века Наджмуддина Абубакра ибн Сулеймани Ροванди, автора трактата «Рохату-с-судур». В статье, опираясь на различные исторические источники и современные авторы излагается дате рождения, жизни, творчества и смерти автора «Рохату-с-судура». В статье говорится о содержании и структуре, сути и значении его книги, а также о других ее ценных сторонах. Помимо исторического значения книги, он пишет географическое, литературное и фольклорное значение. Еще один вопрос, обсуждаемый в этой статье, – это источники «Рохату-с-судур». Хотя Рованди в начале книги считает «Салджукнома» Захири Нишопури основным источником своей книги, но между ними есть разница как в стиле написания, так и детали событий. В конце автор статьи рассказал об исторических записях, которые были написаны после «Рохату-с-судура» и, вероятно, взяты из этой книги. В заключение автор статьи перечисляет значные событии и роль «Рохату-с-судур»-а в средневековой истории таджиков.

**Ключевые слов:** *Наджмуддин Абубакр ибн Сулейман Рованди, жизнь, творчество, «Рохату-с-судур», Сельджуки, историческое значение, литературное значение.*

## LIFE AND WORKS OF NAJMUDDIN ABU BAKR IBN SULAIMAN ROWANDI

In the article, the author discussed the life and works of the outstanding historian of the 12th century, Najmuddin Abubakr ibn Sulaimani Rowandi, the author of "Rohatu-s-sudur". In the article, based on various historical sources and modern research books, the author identified and discussed the issue of birth, life, works and death of the author of "Rohatu-s-sudur". Although the life of the author of the book is mentioned in the article, the main focus is on the nature of his book, the fame of the author is also the result of this book. The article talks about the structure, essence and importance of the book, as well as other valuable aspects of it. In addition to the historical importance of the book, the author also noted the geographical, literary and folkloric importance of this work. Another issue discussed in this article is the sources of "Rohatu-s-sudur". Although the author himself at the beginning of the book considers Zahiri Nishopuri's "Saljuknoma" as the main source of his book, there is a difference between them both in the style of writing and in the reviews, and the author of the article has discussed this point very well with the help of other research books. In the end, the author of the

article spoke about the historical records that were written after "Rohatu-s-sudur" and must have taken from this book.

**Key words:** *Najmuddin Abubakr ibn Sulaymani Rowandi, livelihood, works, "Rohatu-s-sudur", Seljuks, historical significance, literary significance.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Исмоилова Ҳалима Ибрагимовна, унвонҷӯи кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии ДМТ. E-mail: khalima.ismoilova@mail.ru Телефон: 93-338-30-13.*

**Сведение об авторе:** *Исмоиловой Халима Ибрагимовна, соискатель кафедры истории древнего мира, средних веков и археологии Таджикского национального университета. E-mail: khalima.ismoilova@mail.ru Телефон: 93-338-30-13.*

**Information about the author:** *Ismoilova Khalima Ibragimovna, applicant of the History Department of the Ancient World, Middle Ages, and Archeology of Tajik National University. E-mail: khalima.ismoilova@mail.ru Phone: 93-338-30-13*

## ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ ҲАМЧУН МУНОСИБАТИ НАВГОНӢ ДАР ТАТБИҚИ ТАҲСИЛОТИ БЕТАНАФУС ДАР МУАССИСАҲОИ КАСБӢ

***Садуллоева Г. Нурматов Д. О.***

**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Шакли таҳсилоти фосилавиро мутахассисони омӯзиши проблемаҳои стратегии таҳсилот, низоми таҳсилоти асри XXI меноманд. Мубрамияти масъалаи таҳсилоти фосилавӣ, ки натиҷаи инкишофи ҷамъият мебошад, дар мадди аввал ба соҳаи технологияи таълим нигаронида шуда, ҳоло бошад дар атрофи ахбор-иттилоот муттамарказ гардидааст, ки фикр мекунем хело, дуруст мебошад.

Инкишофи онро дар шароити муосир бе технологияи пешрафтаи телекоммуникатсионӣ тасаввур намудан мумкин нест. Шакли таълими фосилавӣ дар шароити муосир имкон медиҳад, ки низоми оммавии худомӯзии бетанафус ташкил дода шуда, табодули оммавии ахбор новобаста аз доираи вақт ва фазо рӯй диҳад. [2. 7-12].

Низоми таҳсилоти фосилавӣ имкон медиҳад, ки шахси ҳассос дониш, маҳорат ва малакаи заруриро тавассути истифодаи оқилонаи компютери шахсӣ ва ворид гардидан ба шабакаи Интернет ҳосил намояд. Хурсандиовар аст, ки имрӯз шабакаи Интернет дастраси умум гардидааст, лекин ҳама аз он оқилонаю мақсаднок истифода намебаранд.

Ҷой ва макони мавқегирии компютери шахсӣ моҳиятан муҳим нест, зеро хоҳишмандон метавонанд дар хона, дар ҷой кор, дар синфхонаи on-line, ё дар яке аз марказҳои таълими фосилавӣ маълумот ҳосил намоянд. Инчунин дар тамоми ҷойҳое, ки маркази таҳсилоти фосилавӣ ташкил дода шуда бошад, бояд компютер ва шабакаи Интернет фаъол амал намояд, зеро дар чунин ҳолат ба роҳ мондани ин шакли таълим осон мегардад. [1. 76].

Таҳсилоти фосилавӣ ба тамоми одамон имкониятҳои баробарро новобаста аз вазъияти иҷтимоӣ (хонанда, донишҷӯ, низомӣ, қаторӣ, бе мансабу вазифа ва ғайра), ба синну сол макони зисти нигоҳ накарда, дар ноҳияҳои мамлакат ё чи дар хориҷи кишвар ба таҳсил ва гирифтани маълумоти зарурӣ шароитро фароҳам меорад. Ин имкон медиҳад, ки инсон дар куҷое мавқеъ надошта бошад, таҳсилро давом дода, соҳибмаълумот ва соҳибкасб гардад.

Ба монанди тамоми шаклҳои таҳсилот, таҳсилоти фосилавӣ низ дорои як қатор омилҳои муайян мебошад: ***мақсад*** **-** мувофиқати фармоишҳои иҷтимоӣ барои тамоми шаклҳои таълим; ***мазмун*** **-** барномаҳои амалкунанда барои шакли мушаххаси муассисаҳои таълимӣ, **метод -** шаклҳои ташкилӣ ва усулу воситаҳои таълим. Се омили охирин дар шакли таҳсилоти фосилавӣ ба хусусиятҳои истифодабарии асосҳои технологӣ (масалан, танҳо телекоммуникатсияи компютерӣ, телекоммуникатсияи компютерӣ дар маҷмуъ бо воситаҳои чопкунӣ) вобаста мебошад, то маводи пайдонамуда рӯй кор ояд. [3. 27-29].

Фарқи таҳсилоти фосилавӣ аз шакли ғоибонаи таҳсилот дар он мебошад, ки шакли фосилавии таҳсилот низомнокӣ ва фаъолияти самаранокро таъмин менамояд. Таҳсилоти фосилавӣ дар мувофиқа бо он ҳадаф ва мазмунҳое амалӣ мегардад, ки дар таҳсилоти рӯзона мавҷуданд. Аммо шакли дастрас гардонидани мавод ва шакли ҳамкории омӯзгорон ва донишҷӯён аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Талаботи дидактикии ташкил додани таҳсилоти фосилавӣ (талаботи илмӣ, низомнокӣ ва пайдарҳамӣ, фаъолиятӣ, талаботи таълими инкишофёбанда, аёниятӣ, тафриқа ва таълими

фардӣ) ба монанди таълими рӯзона бо хусусиятҳои шакли нави таълим, бо имкониятҳои муҳити ахборотии Интернет ва хизматрасониҳои он бештар алоқаманд мебошад. [5. 232].

Ҳамин тавр, зарур меояд, ки таҳсилоти фосилавиро дар низоми умумӣ ҳамчун таҳсилоти бетанафус мавриди назар қарор диҳем. Аз ҷониби дигар, таҳсилоти фосилавиро аз таҳсили ғоибона ҳамчун низом ва ҳамчун ҷараён бояд фарқ кард.

Курсҳои таҳсилоти фосилавӣ- банақшагирии фаъолияти таълимгирандагон, ташкили он, аниқ гузоштани масъала ва мақсадҳои таълим, дастрас гардонидани маводи таълимии зарурӣ, ки тавонанд фаъолияти пурсамарро байни донишҷӯён ва омӯзгор, бозхурдҳо байни донишҷӯён ва маводи таълимии таъминкунандаи имконияти таълимии гурӯҳӣ таъмин намояд.

Мавҷудияти бозхӯрдҳо ба донишҷӯён имконият медиҳанд, ки ахборро дар бораи роҳҳои ба даст овардни он ва баромадан аз нодорӣ ба дастараи муайян созад. Дар шароити муосир яке аз шаклҳои паҳнгардидаи таҳсилоти фосилавӣ- намудҳои телевизионии интерактивӣ; хатҳои компютерии телекоммуникатсионӣ (минтақавӣ, ҷаҳонӣ) мебошанд. Онҳо бо имкониятҳои дидактикии гуногун дар вобастагӣ бо истифодаи конфигураҳо (файлҳои матнӣ, технологияи мултимедӣ, конференсияҳои видеоӣ), тавассути ба эътибор гирифтани технологияи дискҳои маҷмуъӣ ва Интернет амалӣ мегарданд [2. 7-12].

Бартарии ин шакли таълим, ки ба телевизони интерактивӣ такя менамояд, аз имкониятҳои робитаи фазоӣ бо аудитория вобаста мебошад. Дар таҳсилоти фосилавӣ донишҷӯ метавонад дар масофаи гуногун аз омӯзгор мавқеъ гирифта, тамоми масъалаҳои заруриро тавассути технология ҳаллу фасл намояд. Паҳлуи манфии он дар он мебошад, ки тавассути чунин шакли таълим дарсҳои амалии анъанавиро гузаронидан мумкин аст, аммо барои дарсҳои назариявӣ пурра ҷавобгӯ буда наметавонад. Аммо чунин шакли таълим ҳам дар методҳои анъанавӣ ва ҳам дар технологияи педагогии муосир вуҷуд дорад.

Ин метавонад, танҳо дар методи намоишдиҳӣ, таҷрибагузарониҳои озмоишӣ, рост ояд, вале вақте донишҷӯён ва омӯзгор баҳри донишҳои нав, методҳо дар соҳаи хеш, технологияи нави ахбории таълим, дар мубоҳиса фаъолона ширкат варзанд ин метод чандон ҷавобгӯ буда наметавонад.

Чунин шакли таҳсилоти фосилавӣ интерактивӣ буда, дар низоми баланд бардоштани дараҷаӣ касби ва омодагии мутахассисони оянда таъсири калон мерасонад. Ин шакли таълим дар шароити муосир ниҳоят дорои арзиши баланди технологӣ мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз ин шакл истифода бурдан ниҳоят манфиатовар аст. [6. 9-15].

Тарзи дигари ташкил додани таҳсилоти фосилавӣ истифода бурдан аз телекоммуникатсияи компютерӣ дар тартиби почтаи электронӣ, телеконференсия, захираҳои ахбории шабакаи Интернет мебошад. Ин яке аз шаклҳои машҳур ва тарзи арзони ташкили таҳсилоти фосилавӣ мебошад. Дар раванди ташкил намудани он воситаҳои навтарини технологияи телекоммуникатсионӣ дар назар дошта шуда, васеъ ва самаранок бояд истифода бурда шавад. Дар таҳсилоти фосилавӣ, ки тавассути телекоммуникатсияи компютерӣ ба роҳ монда мешавад, чунин шакли дарсҳо васеъ гузаронида мешаванд:

***Чат-дониш*** – дарсҳои таълимие мебошанд, ки тавассути истифодаи чат-технология амалӣ гардонида мешаванд. Ин шакли дарсҳо ба таври синхронӣ гузаронида шуда, тамоми иштирокчиён ба он дастрасии якхела ва як вақта доранд. Дар бисёр муассисаҳои таълимии фосилавӣ чат- муассисаҳое амал менамоянд, ки дар онҳо бо ёрии чат- кабинетҳо фаъолияти омӯзгорони фосилавӣ бо донишҷӯён ташкил дода мешавад. [2. 7-12].

***Веб-дониш*** – дарси фосилавӣ, конференсия, семинар, бозиҳои корӣ, корҳои озмоишӣ, таҷрибаомӯзӣ ва намудҳои дигари машғулиятҳои таълимӣ мебошанд, ки тавассути воситаҳои телекоммуникатсионӣ ва дигар имкониятҳои шабакаҳои Интернеӣ гузаронида мешаванд. Барои гузаронидани дарсҳои вебӣ шакли махсуси ин ё он мушкилот ва роҳи ҳалли он дар шакли сабт дар барномаи мувофиқ истифода бурда мешавад.

Телеконференсияҳо чун анъана дар асоси рӯихати воридшудагон бо истифодаи почтаи электронӣ гузаронида мешавад. Барои баргузор намудани талеконференсияҳои таълимӣ истифода бурдан аз дастовардҳои таълимӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Дигар шакли таҳсилоти фосилавие низ мавҷуд аст, ки тавассути он маводи таълимӣ ба воситаи почта ба минтақаҳои гуногун фиристода мешаванд. [5. 231].

Тарзи сеюми таҳсилоти фосилавӣ, ин истифода бурдан аз компакт-дискҳоро ба сифати китобҳои базавии электронӣ пешниҳод карда мешавад. Вай дар худ имкониятҳои калони

дидактикиро ноил буда, барои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, таҳсилоти мактабӣ ва баланд бардоштани маҳорати касбии мутахассисон ниҳоят муҳим мебошад.

Бартарии компакт-дискҳо дар таҳсилоти фосилавӣ дар он мебошад, ки дар худ хосиятҳои зеринро ифода менамоянд: фаъолияти пурсамар мультимедиягӣ, ки дар худ ҳаҷми калони ахборро фаро гирифта, ҷараёни таълими фосилавиро амалишаванда мегардонад. Дар шароити муосир шаш амсилаи (модели) таҳсилоти фосилавиро ҷудо намудан мумкин аст [3. 29-34].

**Амсилаи якум -** таҳсил дар шакли экстернат. Ин шакли таълим, бештар майл мегирад ба таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ё таҳсилоти олии касбӣ (имтиҳонӣ) талабот ва пешниҳодот барои хонандагон ва донишҷӯёне, ки бо ким- кадом сабаб натавонистаанд таҳсилро дар шакли рӯзона давом диҳанд.

**Амсилаи дуюм** – таҳсил дар базаи ягон донишгоҳ. Ин низоми маҷмуии таълим барои донишҷӯёне мебошад, ки дар масофа дар асоси технологияи нави ахборӣ таҳсил намуда, ба технологияи компютерии телекоммуникатсионӣ ворид мегарданд. Чунин барномаҳоро барои гирифтани шаҳодатнома, диплом ва гузаштан ба кору шуғли гуногун истифода мебаранд.

**Амсилаи сеюм -** таълим дар ҳамкории як қатор муассисаҳои таълимӣ асос мeёбад. Ин амсила омода намудани барномаи ягонаи таҳсилоти фосилавиро барои якчанд муассисаи таълимӣ аз рӯй фанҳои пешбаранда дар ноҳияҳои мамлакат ва дар хориҷи он дар назар дорад. Чунин ҳамкорӣ дар омода намудани барномаҳои таҳсилоти фосилавӣ имконият медиҳад, ки онро бештар босифат ва камхарҷ гардонем.

Мақсади ояндабинии барнома - додани имконият ба тамоми шаҳрвандони мамлакатҳои муштаракул манофеъ мебошад, ки бо сабабҳои гуногун ҳуҷҷати хатм нагирифтанд. Лекин ба таври худомӯзӣ тамоми барномаҳои бароящон заруририро аз бар намудаанд. Чунин шаҳрвандон аз ватанашон ва хонаашон набаромада, дар базаи коллеҷу донишгоҳҳои мавҷуда метавонанд дар шакли таҳсилоти фосилавӣ маълумоти дилхоҳро соҳиб гарданд.

**Амсилаи чорум-** муассисаҳои таҳсилоти худмухтор, ки махсусан барои мақсадҳои кушода ё таҳсилоти фосилавӣ ташкил карда шудаанд, довталабон ё хоҳишмандон дар самтҳои гуногун маълумот гирифта метавонанд. Онҳо барои ташкили курсҳои мултиомедии махсус имконият пайдо менамоянд. Маблағгузории таҳсилотро пурра ташкилот ва фирмаҳое ба зима мегиранд, ки барои онҳо мутахассис тайёр карда мешавад ё донишҷӯён дар он фирма кору фаъолият менамоянд.

Чунин донишгоҳи Кушодаи калонтарин дар Лондон фаъолият менамояд, ки дар базаи он солҳои охир дар шакли таҳсилоти фосилавӣ аз бисёр мамлакатҳои ҷаҳон донишҷӯён таҳсил менамоянд. [4. 77-80].

**Амсилаи панҷум-** таълим аз рӯй низоми мухтори таълим сурат мегирад. Таълим дар доираи чунин низом пурра тавассути сабтҳои видеоии телевизор ё барномаҳои радиоӣ ё дастурҳои чопии иловагӣ гузаронида мешаванд.

**Амсилаи шашум-** ғайрирасмӣ, таҳсилоти фосилавии тафриқавӣ дар асоси барномаҳои мултимедӣ гузаронида мешавад. Чунин барномаҳо ба таълими аудиторияи калонсолон майл доранд. Чунин одамон, ки бо ким- кадом сабаб таҳсилоти мактабиро гирифта натавонистанд, тавассути ин барнома онро ноил мегарданд.

Таҷриба ошкор месозад, ки истифода бурдан аз таҳсилоти фосилавӣ чунин бартариҳо дорад:

1. Самаранокии бештари баланди омодагии касбиро дар муқоиса, бо таҳсилоти шабона ва ғоибона, бо хизматрасониҳои таҳсилотӣ таъмин менамояд.

2. Кӯтоҳ кардани мӯҳлати таҳсил.

3. Шаҳрвандон имконияти таҳсили параллелиро дар муассисаҳои олии касбии Тоҷикистон ва хориҷа соҳиб мегарданд.

4. Новобастагии донишҷӯ аз мавқеи ҷойгиршавии муассиса.

Тамоми хоҳишмандон метавонанд ва ҳуқуқ доранд, ки маълумотро ба таври фосилавӣ гиранд. Дар ин низоми таҳсилот ягон маҳдудияти синнусолӣ, марзӣ, таҳсилотӣ, касбӣ, ҳолати солимӣ вуҷуд надорад. Донишҷӯён дар таҳсилоти фосилавӣ метавонанд на танҳо донишҷӯён дар фаҳмиши анъанавии ин калима бошанд. Ба таҳсилоти фосилавӣ метавонанд хонандагоне, ки дар муассисаҳои таълимӣ мунтазам ширкат варзидаанд, иштирок карда натавонистанд, инчунин кормандони корхонаю ташкилот, ки бо таври корпоративӣ ихтисос ва самти фаъолияташонро дигар кардан мехоҳанд, бемамониат таҳсил намоянд.

Хоҳишмандони гирифтани маълумотро дар таҳсилоти фосилавӣ ба якчанд гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст, ки барои онҳо таҳсил дар шакли фосилавӣ аз анъанавӣ бароҳаттар мебошад. Ба онҳо мансубанд:

Хизматчиёни корпоратсияе, ки метавонанд аз тренинги зарурӣ бо мақсади омодагии нав ва навомӯзӣ дар назди ташкилоти худ гузаранд.

Ин мақсад ба тарки ҷой кор амалӣ мегардад, хароҷоти таълимро корхонаю муассиса метавонад арзон кунад.

Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар ноҳияҳои ҷудогона зиндагӣ менамоянд ва ин дурӣ аз муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ ба роҳандозии таҳсилоти фосилавӣ мусоидат менамояд.

Ин шароит имконият намедиҳанд, ки қисми муайяни аҳолӣ маълумоти дилхоҳи дорои сифати баландро аз зодгоҳашон дур нарафта, соҳиб гарданд. Шароит на танҳо барои шакли рӯзона, балки барои шакли таҳсили шабона ва ғоибона низ таъсир расонида метавонад. Шаҳрванд барои гирифтани маълумот бояд ба шаҳрҳои донишгоҳу донишкададор сафар намояд, ки ин бисёр мушкилоти зиндагӣ ва молиявиро пеш меорад.

4. Дар Тоҷикистон мушкилоти асосӣ духтарон, «Модарони ҷавон» мебошанд, ки маҷбуранд барои қонеъ гардонидани талаботи оилавӣ ҳамеша дар хона бошанд, аммо барои ба кор баромадан аз онҳо доштани маълумот, касб талаб карда мешавад. Ин шакли таълим ба онҳо имкон медиҳад, ки аз хона дур нарафта, соҳибкасб гарданд.

5. Одамони ба корҳои вазнини ҷисмонӣ машғул одамони ҳолати солимиашон бад, бояд шуғлеро аз худ намоянд, ки зиндагии онҳо рангин гардад. Агар инсон расмро дар манитор бинад ва қудрати кор кардан бо клавиатура ва мушак дошта бошад, бояд тавассути таҳсилоти фосилавӣ онро омӯхта, аз бар намуда, кору зиндагии дилгирашро иваз намояд, то зиндагияш рангину дилчасп гардад. [4. 700].

Аммо дар баробари бартариҳои таҳсилоти фосилавӣ мушкилоти зиёде дар ташкили он вуҷуд дорад. Масалан, самаранокии таҳсилоти фосилавӣ аз он омӯзгороне вобаста мебошад, ки тавассути Интернет бо хонандагону донишҷӯён кор бурда тавонанд. Онҳо бояд барои донандаи технологияи муосири педагогӣ ва ахборӣ бошанд, аз ҷиҳати психологӣ бо кор бурдан бо донишҷӯён ва хонандагон дар муҳити нави шабакавӣ таёр бошанд. Лекин мутаассифона, дар мамлакати мо тайёр намудани чунин мутахассисон ба роҳ монда нашудааст ва чунин мутахассисон ангуштшуморанд.

Мушкилоти дигар – дар зерсохтори таъминоти ахбории донишҷӯён дар шабака мебошад. Савол дар бораи он, ки таркиб ва тартиббандии маводи таълим чи тавр бояд бошад, кушода мемонад. Дар баробари ин савол гузошта мешавад, ки шароити воридшавӣ ба захираҳои таҳсилоти фосилавӣ дар кадом ҳолатанд? Дар таҳсилоти фосилавӣ инчунин масъалаи ташкил ва баҳо додан ба дониши хонандагон ва донишҷӯёни фосилавӣ ҳалли худро наёфтааст. Барои ҳалли он бояд базаи меъёрӣ- ҳуқуқии баҳо додан ба дониши донишҷӯён ва хонандагон ташкил дода шавад.

Самаранокии бештарро дар таҳсилоти фосилавӣ тавассути истифода бурдан аз методҳои омехтаи таҳсилоти фосилавӣ ноил гардидан мумкин аст. Мафҳуми «таҳсилоти фосилавии омехта» онро дар назар дорад, ки барномаҳои таълимӣ дар аломатҳои синхронӣ ва асинхронии методикаи таълим бояд сохта шаванд. [5. 200-232].

Методикаи таҳсилоти фосилавии синхронӣ муошарати хонандагон ва омӯзгорро дар тартиби вақти воқеии- муошарати on-line дар назар дорад. Методикаи таҳсилоти фосилавии асинхронӣ бошад, дар ҳолати имконият надоштани муошарати байни омӯзгор ва хонандагон дар вақти воқеъӣ- муошарати off-line истифода бурда мешавад.

Ба таври хулоса қайд намуд ҷоиз аст, ки таҳсилоти бетанафусро дар низом дар он ҷое татбиқ намудан мумкин аст, ки субъекти таълим дар он ҳузур дошта бошад. Воситаи навгонии таҳсилот дар ин низом муошарати байни субъектҳои таълим ба ҳисоб меравад, ки ба таври демократӣ сурат мегирад. Дар натиҷаи он муошарати байни хонанда ва омӯзгор дар фосила рӯй медиҳад. Тавассути воситаҳои телекоммуникатсионӣ, компютерӣ ва технологияи Интернет, инчунин телевизиони интерактивӣ хонандаю донишҷӯ метавонад бо омӯзгор дар тамос бошад. Самаранокии ҳар як амсилаи таҳсилоти фосилавии мавриди назар қарор гирифта, аз ташкил ва сифати истифодабарии мавод, инчунин маҳорати омӯзгорони иштирокчии ин ҷараён вобаста мебошад.

**АДАБИЁТ:**

1. Андреев, А. А. Введение в Интернет-образование: учеб. пособие / А. А. Андреев. - М.: Логос, 2003. - 76 с.
2. Пидкасистый, П. И. Компьютерные технологии в системе дистанционного обучения / П. И. Пидкасистый, О. Б. Тыщенко // Педагогика. - 2000. - № 5. - С. 7-12.
3. Полат, Е. С. Дистанционное обучение: каким ему быть? / Е. С. Полат, А. Е. Петров // Педагогика. - 1999. -№ 7. - С. 29-34.
В статье рассматриваются вопросы формирования математического мышления в младших школьников в процессе обучения. Одной из фундаментальных задач, которые призваны решать учащиеся младшие школьники для воспитания, является формирование наиболее полной картины мира, что достигается, в частности, с помощью математического мышления, инструментом которого являются мыслительные операции. Можно сделать вывод, что существует объективная необходимость в поиске таких педагогических условий, которые способствовали бы наиболее эффективному развитию математического мышления у детей младшего школьного возраста, повышению уровня усвоения детьми учебного материала.

**Ключевые слова:** *учащиеся начальной школы, математическое мышление, анализ, синтез, алгоритм, модель, преобразование.*

## ХУСУСИЯТҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА ПСИХОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ МАТЕМАТИКИИ МАКТАББАЧАҲО

Дар мақола масъалаҳои рушди тафаккури риёзӣ дар мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни таълим баррасӣ мешаванд. Яке аз вазифаҳои бунёдие, ки талабагони синфҳои ибтидоӣ барои таълиму тарбияи худ бояд ҳал кунанд, ташаккул додани тасвири мукаммалтарини ҷаҳон мебошад, ки аз ҷумла бо ёрии тафаккури математикӣ ба даст оварда мешавад, ки асбоби он амалҳои равонӣ мебошад. . Ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷустуҷӯи чунин шароитҳои педагогӣ, ки ба инкишофи самараноки тафаккури математикии кӯдакони синни томактабӣ ва баланд бардоштани сатҳи азхудкунии маводи таълимӣ аз тарафи кӯдакон мусоидат мекунанд, зарурати объективӣ ба миён омадааст.

**Калидвожаҳо:** *хонандагони синфҳои ибтидоӣ, тафаккури математикӣ, таҳлил, синтез, алгоритм, модел, табдилдиҳӣ.*

## PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL FEATURES OF THE FORMATION OF MATHEMATICAL THINKING OF YOUNGER SCHOOLCHILDREN.

The paper considers the issues of the formation of mathematical thinking in primary school in the learning process. One of the fundamental tasks that the primary school is designed to solve for the education of students is to form as complete a picture of the world as possible, which is achieved, in particular, with the help of mathematical thinking, the tool of which is mental operations. It can be concluded that there is an objective need to search for such pedagogical conditions that would contribute to the most effective development of mathematical thinking in children of primary school age, increase the level of mastering educational material by children.

**Key words:** *primary school students, mathematical thinking analysis, synthesis, algorithm, model, transformation.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Ҷӯраев Хайрулло Шарофович – доктори илмҳои физика-математика, профессор, мудири кафедраи илмҳои табиатшиносӣ ва математикаи Институти рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. А.Адхамова, 11/2.*

**Сведения об авторах:** *Джураев Хайрулло Шарофович – доктор физико-математических наук, профессор, заведующий отделом естественно-математических наук Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А.Адхамова, 11/2. Тел:917.30.70.60*

*Камалова Джамилахон Собировна – соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А.Адхамова, 11/2. Тел: 907.42.20.36*

**Information about the authors:** *Juraev Khairullo Sharofovich – Doctor of Physical and Mathematical Sciences, Professor, Head of the Department of Natural and Mathematical Sciences of the Abdurakhmon Jami Institute for the Development of Education, Academy of Education of Tajikistan. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 11/2 A.Adhamov street. Tel:917.30.70.60*

*Kamalova Jamilakhon Sobirovna is a candidate of the Abdurakhmon Jami Institute of Educational Development of the Academy of Education of Tajikistan. Address: 11/2 A.Adhamova str., Dushanbe, 734024, Republic of Tajikistan. Tel:907.42.20.36*

ТДУ: 37.01+373
(575.3)

# ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ

*Расулов С. Х., Хуҷаниёзова Д. Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қобилиятҳои зеҳнии инсон аз овони кӯдакӣ инкишоф ёфта, давраи сензитивии инкишофи онҳо синни хурди мактабӣ маҳсуб меёбад. Инкишофи қобилиятҳои зеҳнии мактаббачагони хурдсол яке аз масъалаҳои меҳварии баҳсҳои психологӣ ба шумор меравад. Ин баҳсҳо фарогири масъалаҳои ташаккулёбии шахсият, таълиму тарбияи хонандагон ва бо муваффақият инкишоф додани намудҳои алоҳидаи фаъолият мебошад. Масъалаи дар мақола таҳлилшаванда ин масъалаи мавқеи қобилият дар сохтори умумии шахсият, неруҳои пешбарандаи инкишофи қобилият, робитаи қобилият бо дониш, маҳорат ва малака, таъсири фаъолият ва сифатҳои шахс ба инкишофи қобилият ва хусусиятҳои инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ дар хонандагони синни хурди мактабӣ мебошад. Яке аз масъалаҳои муҳим рушди зеҳнии кӯдакон мебошад, ки асоси онро давраи мактабӣ ташкил медиҳад, зеро дар ин давра хонандагон дониш маҳорат ва малакаи худро инкишоф медиҳанд. Аз ин рӯ, дар илми психология мавзуи қобилиятҳои зеҳнӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад.

Синни хурди мактабӣ давраи сензитивии инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ аст. Маҳз дар ҳамин давраи синнусолӣ фаъолияти пешбаранда аз бозӣ ба таълимӣ мегузарад ва дар ин давра тамоми низоми муносибатҳо бо воқеият аз нав сохта мешавад, вазъияти кӯдак ба таври чашмгир тағйир меёбад ва талабот нисбати ба хонандагон зиёдтар мешавад. Барои инкишоф ёфтани қобилиятҳои зеҳнии кӯдакони синни хурди мактабӣ дар онҳо фаъолияти маърифатиро бояд ташаккул дод [4, с. 112].

Кӯдаконе, ки бо сабабҳои гуногун ба муҳити боғчаи бачагона фаро гирифта нашудаанд, ба муҳити мактаб ба душворӣ мутобиқ мешаванд, ки ин ба инкишофи қобилиятҳои зеҳнии кӯдак дар ин марҳилаи муҳим таъсири манфӣ мерасонад. Олими англис Ф. Галтон дар охири асри XIX аввалдин шуда, ба омӯзиш ва тадқиқи амалии ақл шуруъ намудааст [12, с. 324]. Хусусияти зеҳнро олимон ба монанди А. Бине, Ч. Спирмен, С. Колвин, Ж. Пиаже, Ҷ. Петерсон ва дигар олимони барҷаста омӯхтанд. Шахсоне, ки ҳамеша дар ҳаёт ба рушду тараққиёти кору фаъолияти худ саъю кӯшиш менамоянд, ба комёбиҳои нав ба нав ноил мегарданд. Вақте, ки шахс фикру ақидаи худро нисбат ба дигарон баён кардан мехоҳад ва барои муваффақ гардидани худ кӯшиш менамояд тамоми неруи зеҳнии худро истифода мебарад [13, с. 231].

Шахс ба воситаи қобилияти зеҳнӣ метавонад бо муваффақият ҳама гуна мушкилоти гуногунро ҳал намояд. Мувофиқи назарияи Дарвин, одамони солим таваллудшуда тақрибан зеҳни якхела доранд, вале инкишофи минбаъдаи онҳо ба фаъолият ва майл доштан ба меҳнат вобаста аст. Яке аз масъалаҳои муҳимми қобилиятҳои зеҳнӣ ин ташаккул додани зеҳн ва тафаккур дар кӯдакони синни хурди мактабӣ ба шумор меравад. Ташаккулёбии маҷмуи малакаҳои гуногуни кӯдакон ба қобилиятҳои зеҳнии онҳо алоқаманд аст. Ҳарчанд ба андешаи Галтон "истеъдод ва қобилиятҳои ақлии инсон табиати ирсӣ доранд ва таъсири омилҳои муҳит (таълиму тарбия) дар ташаккулу инкишофи онҳо ночиз аст" [12, с. 324] психологияи муосир исбот намудаст, ки "омили асосии инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ ба монанди дигар қобилиятҳо таълиму тарбия ба шумор меравад" [12, с. 322], зеро муҳити фаъолияту муносибати кӯдакро фаро мегирад. "Азбаски кӯдак дар ҳар синну сол бо дигарон ба тарзи гуногун муносибат мекунад, муносибатҳое, ки байни ӯ ва муҳити иҳотакардаи иҷтимоии ӯ дар марҳилаи муайяни синну сол ба вуҷуд меоянд, дар рушди зеҳнии ӯ нақши муҳим мебозанд" [1, с. 79].

Хонандагони болаёқат, ки қобилиятҳои зеҳнии онҳо бомуваффақият рушд меёбад, аксар вақт барои рушд додани қобилияти зеҳниашон инкишоф додани хусусиятҳои фардию психологиро зарур намешуморанд. Ин андеша низ нодуруст аст. Рушд додани қобилиятҳои зеҳнӣ танҳо дар як самт боиси ба вуҷуд омадани мушкилот дар ҳалли масъалаҳои алоқаманд ба самти дигар мегардад. Масалан, хонандагоне, ки бештар доир ба фанҳои дақиқ маълумот

доранд, дар иҷрои вазифаҳои фанҳои гуманитарӣ душворӣ мекашанд. Дар сурати инкишофи қобилияти зеҳнӣ мутобиқшавии хонандагон низ ба ҳар гуна муҳит осон мегардад. Ҳали масъалаҳои гуногун ва иҷрои машқҳои мураккаб барои ҳамаҷониба инкишоф додани қобилиятҳои зеҳнӣ мусоидат мекунад. Машғулиятҳо бояд мунтазам гузаронида шаванд. Онҳо устувории диққат ва тафаккуру хотирро ташаккул медиҳанд.

Инкишофи қобилияти зеҳнии мактаббачагон на танҳо инкишофи фаъолияти таълимию маърифатӣ балки тамоми роҳи ҳаёти ояндаи шахсият аст.

Дар инкишофи қобилиятҳои зеҳнии мактаббачаҳои хурдсол маромҳои таълимӣ нақши ҳалкунанда доранд. Ташаккули маромҳои таълимӣ ва маърифатӣ дар мактаббачагони хурдсол аз рӯй дараҷаи талаботи маърифатие, ки онҳо ба мактаб меоянд ва ташкили раванди таълим вобаста аст. Олими рус Д.Б. Элконин маромҳои таълимиро мароми маърифатӣ меномад. Ба ақидаи ӯ, онҳо "дар асоси талаботи маърифатӣ, талабот ба худташаккулдиҳӣ, таваҷҷуҳ ба фаъолияти таълимӣ, инчунин, дар раванди фаъолият асос ёфтаанд" [16, с. 87].

Аз ин андешаи олими барҷаста Д.Б. Элконин бармеояд, ки инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ бо рушди равандҳои маърифатӣ мутаносиби роста мебошанд, яъне рушди равандҳои маърифатӣ (эҳсос, идрок, хотир, диққат, тафаккур, нутқ ва хаёл) ба инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ мебарад. Ҳар як раванди маърифатӣ ба таври ба худ хос инкишоф меёбад ва вазифаҳои гуногунро дар ҳаёти кӯдак иҷро мекунанд. Инкишофёбии равандҳои маърифатӣ, ки асоси фаъолияти таълимӣ-маърифатиро ташкил мекунанд ба қобилиятҳои зеҳнии хонандагон таъсири мусбат мерасонад [7, с. 89].

Фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ - ин фаъолияти муҳассилин дар самти аз худ кардани дониш ва усулҳои амалнамоию худинкишфдиҳӣ дар ҷараёни ҳал кардани масъалаҳои таълимии аз тарафи омӯзгорон гузошташуда мебошад.

Ин фаъолият на танҳо ба азхудкунии дониш, маҳорат ва малака, балки ба худи субъект (хонанда) низ дар самти такмилдиҳӣ ва инкишофдиҳии сифатҳои шахсии ӯ тавассути азхудкунии мақсадноки таҷрибаи ҷамъиятӣ (маънавӣ, фарҳангӣ, амалӣ, эҷодӣ ва ғ.) равона карда шудааст.

Фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ аз тарафи олимони зиёд мавриди тадқиқу омӯзиш қарор гирифта, ҷанбаҳои гуногуни он мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд. Агар таълимоти олимони гуногунро доир ба ин масъала таҳлил намоем, панҷ хусусияти ба худ хоси онро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Ин фаъолият ба азхудкунии маводи таълимӣ ва ҳалли масъалаҳои таълимӣ равона шудааст.
2. Дониш ва усул умумии амалнамоӣ дар рафти он аз худ карда мешаванд.
3. Он иҷрои амалҳои гуногунро аз тарафи хонандагон талаб мекунад, аз ҷумла амалҳои персептивӣ (мушоҳида – идроки шунавоӣ ва биноии маводи таълимӣ), мнемикӣ (бахотиргирии маводи таълимӣ), фикрӣ (таҳлил, таркиб, муқоиса, таснифот, басистемадароӣ, ҷамъбасткунӣ ва ғ.), амалӣ (ҳал кардани масъалаҳо, озмоиш, корҳои графикӣ ва ҳисобу китоб, кор бо компютер ва ғ.).
4. Он ба тағйирёбии хусусиятҳои психикӣ (характер, қобилият, хотир, тафаккур, нутқ, ҳиссиёт, ирода ва ғ.) ва рафтори хонанда мебарад ва ин тағйирёбӣ аз натиҷаи фаъолияти худи хонанда вобаста аст.
5. Дар самти инкишофи шахсият тағйиротро дар худи субъект ба вуҷуд меоварад, яъне бароҳмонии дурусти он ба инкишофи шахсияти кӯдак мебарад.

Дар илми педагогика ва психология се ҷанбаи фаъолияти таълимиро ҷудо менамоянд:

дар баъзе ҳолатҳо фаъолияти таълимиро ҳаммаънои омӯзиш, ёддиҳӣ ва ёдгирӣ медонанд;

дар замони Шуравӣ фаъолияти таълимӣ ҳамчун фаъолияти пешбаранда дар синни хурди мактабӣ дониста мешуд;

мувофиқи ақидаи Д.Б. Элконин [17] ва В.В. Давидов, фаъолияти таълимӣ - ин як намуди фаъолияти мактаббачагон ба ҳисоб меравад, ки ба аз худ намудани донишҳои назариявӣ, пайдо намудани маҳорату малакаҳо ва инчунин дарки илмҳои ҷамъиятӣ вобаста мебошад.

Фаъолияти маърифатӣ дар таркиби худ чунин фаъолиятҳоро дар бар мегирад:

1. Сенсорӣ (лот.sensus-эҳсос) чунин амалҳо, хусусиятҳои алоҳидаи ашё ва ё ҳодисотро инъикос мекунад ва натиҷаи онҳо эҳсос аст.

2. Персептивӣ (лот. Percipere-дарк) онҳо ашё ва ҳодисотро дар шакли образҳои яклухт инъикос менамоянд, ки натиҷаи он идрок мебошад.

3. Мнемикӣ (юн. Mneme-ҳофиза) ҳифзи ахборро дар шакли тасаввурот ва таҷдиди минбаъдаи онҳоро таъмин месозанд, ки натиҷаи онҳо бахотиргирӣ, ҳифз, таҷдид, шинохтан, фаромӯшсозӣ, тасаввурот ва хаёл мебошад.

4. Интеллектуалӣ (лот. Intellects-ақл, хирад) - ин амалҳо, робитаҳои маъноӣ ва моҳиятии байни ашё ва ҳодисотро инъикос менамояд, натиҷаи онҳо тафаккур ва воситаи интиқоли он – нутқ мебошад.

5. Нутқӣ - воситаи асосии амалӣ намудани тафаккур мебошад.

6. Эҷодӣ – тавассути хаёл амалӣ гашта, дараҷаи олии фаъолияти маърифатӣ маҳсуб ёфта, нишонаи асосии истеъдод аст [14, с. 136].

Дар синни хурди мактабӣ системаи марказии асаб инкишоф меёбад, вазни мағзи сар зиёд мешавад, ки онҳо дар ташаккули функсияҳои олии психикӣ: тафаккур, хаёл ва нутқ нақши калон доранд. Азбаски дар мактаббачагони хурдсол, равандҳои ҳаяҷон ва боздорӣ дар пӯстлохи майнаи сар ба осонӣ паҳн мешаванд, дар натиҷаи он ноустуворӣ ва парешонии диққат дар онҳо шакл мегирад [9, с. 338].

Дар синни хурди мактабӣ дар ташаккули диққати мактаббачагони хурдсол тағйироти назаррас ба амал меояд, рушди ҳамаҷонибаи он ба назар мерасад, хусусан ҳаҷми диққат якбора (қариб ду баробар) меафзояд ва устувории он зиёд мешавад. Дар синфи сеюм ё чорум, мактаббачагони хурдсол қодиранд, ки барномаи муқарраршударо муддати тӯлонӣ нигоҳ доранд ва иҷро кунанд.

Ҳамин тариқ, "агар дар ибтидои омӯзиш диққати ғайриихтиёрии мактаббачагони хурдсол бартарӣ дошта бошад, пас дар охири синфҳои ибтидоӣ диққати онҳо ихтиёрӣ мегардад, онҳо қобилияти ба муддати тӯлонӣ мутамарказонидани диққатро ба объекти фаъолият инкишоф медиҳанд, диққати худро назорат мекунанд, барои аз як объект ба дигар кӯчонидани диққат кӯшиши иродавӣ сарф мекунанд" [6, с. 221].

Ҷанбаи дигари рушди қобилиятҳои маърифатии мактаббачагони хурдсол инкишоф додани хотир маҳсуб меёбад. Дар ибтидо мактаббачагони хурдсол аз усули оддии хотир истифода мебаранд: баррасии дарозмуддати мавод, такрори якчандкаратаи он ҳангоми ба қисмҳо тақсим кардан, чун қоида бо воҳидҳои маъноӣ мувофиқат намекунанд. Аммо, хонандагони хурдсол, ки аз техникаи бахотиргирӣ бархурдор нестанд, ба бахотиргирии механикӣ майл дошта, аз робитаҳои маъноии дохили маводи ҳифзшуда хабар надоранд.

Яке аз усули самараноки хотир ин тақсим кардани маводи таълимӣ ба қисмҳои маъноӣ ва тарҳрезии нақша мебошад. Истифодаи ин усул аз ҷониби мактаббачагони хурдсол ба онҳо имкон медиҳад, ки аз равишҳои ибтидоии бахотиргирӣ (такрор, санҷиши тӯлони маводи таълимӣ) ба таҳияи усулҳои оқилонаи он дар синфи дуюм ё сеюм гузаранд.

Тағйирёбии функсияи мнемоникӣ ба он вобастагӣ дорад, ки талабот нисбат ба ин раванд бисёр аст. Инкишофёбии хотир ҳангоми иҷрои вазифаҳои гуногуни мнемикӣ, ки дар фаъолияти таълим ба миён меоянд хеле зарур аст. Кӯдак дар ин маврид маълумоти бисёрро бояд дар хотир нигоҳ дошта тавонад, маводҳои омухташударо дар суханронӣ истифода барад ва баъди муддати тулонӣ дар хотир нигоҳ доштан онро онро аз нав ҳосил кунад. Рушди нокифояи хотири кӯдак ба фаъолияти таълимии ӯ таъсир расонида, ба муносибати хонанда ба таҳсил ва ба мактаб низ бетаъсир намемонад. Мактаббачагони хурдсол дорои бахотиргирии беихтиёрии хуб инкишофёфта мебошанд, ки иттилоот ва рӯйдодҳоро равшан ва аз ҷиҳати эмотсионалӣ сертобиш ба хотир мегиранд.

Ҳамин тариқ, дар охири синни хурди мактабӣ хотираи мактаббачагони хурдсол худ аз худ дақиқтар мешавад ва ҳаҷми он меафзояд [5, с. 87].

Тафаккури мактаббачагони хурдсол дар низоми дигар функсияҳои психикӣ, ки таҳти таъсири он хусусияти бошуурона ва ихтиёрӣ пайдо мекунанд, ҳалкунанда мегардад.

Дар синфҳои якум ва дуюм дар байни хонандагони хурдсол тафаккури аёнӣ-образӣ бартарӣ дорад. Ин чунин маъно дорад, ки барои иҷрои амалҳои зеҳнӣ (муқоиса, ҷамъбастӣ, таҳлил, хулосабарории мантиқӣ) мактаббачагони хурдсол бояд ба маводи аёнӣ такя кунанд. Тафаккури хонандагони синфи якум бо таҷрибаи шахсии онҳо алоқаманд аст, бинобар ин, онҳо дар ашё ва падидаҳо аксар вақт он ҷиҳатҳоро таъкид мекунанд, ки дар бораи татбиқ ва тарзи амали онҳо маълумоти кофӣ надоранд [3, с. 91].

Ж. Пиаже, ки марҳилаҳои рушди тафаккури кӯдаконро омӯхтааст, муайян кард, ки тафаккури кӯдаки 6-7-сола бо ду хусусияти асосӣ тавсиф дода мешавад:

1) набудани ташаккули ғояҳо дар бораи устувории хосиятҳои асосии ашё;

2) натавонистани ба якборагӣ ба эътибор гирифтани якчанд хусусияти ашё ва муқоисаи тағйиротҳои онҳо - муттамарказият (хонанда одатан диққати худро ба як хусусияти ашё, ки барояшон аз ҳама аён аст равона карда, боқимондаро нодида мегирад).

Ин хусусиятҳои тафаккури кӯдакон таҷрибаҳои классикии Ж. Пиажеро бо истифодаи вазифаҳои хотир равшан нишон медиҳанд.

Кӯдаконе, ки аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои бахотиргирӣ баромада наметавонанд, ба гуфтаи Ж.Пиаже, дар марҳилаи пеш аз тафаккур қарор доранд. Ҳалли дурусти ин вазифаҳо нишон медиҳад, ки тафаккури кӯдак ба марҳилаи амалиёти мушаххас мувофиқ аст. Маҳз ин навъи тафаккур ба кӯдакони синни ибтидоии мактаб хос аст. Хусусияти асосии ин марҳила қобилияти истифодаи қоидаҳо ва принсипҳои мантиқӣ дар робита бо маводи мушаххаси визуалӣ мебошад [10, с. 134].

Азхудкунии принсипи хотир дар синни тақрибан 6-7-солагӣ рӯй медиҳад. Дар оғози давраи синну соли худ, мактаббачагони хурдсол ба монанди кӯдакони синни томактабӣ фикр мекунанд, яъне аз аҳаммияти амалии фаврии падида бармеоянд. Баъдан, дар раванди таълим, онҳо қобилияти фикррониро на дар тасвирҳо, балки дар мафҳумҳо ташаккул медиҳанд. Аз ин рӯ, раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ ба рушди тафаккури калимагӣ-мантиқӣ равона карда шудааст. Азбаски фаъолияти таълимиро синфи сеюм аз худ мекунад, тафаккури калимагӣ-мантиқӣ дар хонандагони хурдсол ташаккул меёбад. Мактаббачагони хурдсол усулҳои фаъолияти зеҳниро аз худ мекунанд, қобилияти таҳлили андешаи худро пайдо мекунанд ва амалиёти психикии онҳо бо фаъолияти мушаххаси амалӣ ё дастгирии визуалӣ камтар алоқаманд мешавад. Азхудкунии бомуваффақияти мафҳумҳои илмӣ аз ҷониби мактаббачагони хурдсол аз дараҷаи рушди амалҳои фикрӣ вобаста аст: таҳлил, таркиб, муқоиса, абстраксия, ҷамъбасткунӣ, мушаххаскунӣ ва таснифот.

Мактаббачагони хурдсол дар муқоисаи ашё душворӣ мекашанд. Онҳо аввал дар бораи як мавзуъ, сипас дар бораи мавзӯи дигар суҳбат мекунанд, нишонаҳои беруна ва равшанро ҳамчун аломатҳои муҳим мегиранд. Ба онҳо мустақилона ҷамъбаст кардани фикр душвор аст. Инкишофи ҷамъбасткунӣ дар онҳо тадриҷан бо кумаки муаллим аз амалӣ ба маҷозӣ сурат мегирад. Мушаххаскунӣ дар ин ҳолат дар доираи он чизе, ки бо мисол маълум аст, гузаронида мешавад. Масалан, барои кӯдакони синни томактабӣ, мева он чизест хӯрда мешавад ва мерӯяд ва барои хонандагони хурдсол он қисми растаниест, ки тухм дорад.

Ҳамин тариқ, тафаккури мактаббачагони хурдсол аз тафаккури аёнӣ-образӣ ба калимагӣ-мантиқӣ гузаронида мешавад, ки бо воқеият ва мушоҳидаи мустақим алоқаманд буда, бо хулосаҳои мантиқӣ гузаронида мешаванд. Ба ақидаи психологҳои машҳури рус Д.Б.Элконин ва В.В.Давидов ташкили фаъолияти таълимӣ бояд ба он нигаронида шавад, ки дар бачаҳо тафаккури назариявиро инкишоф диҳад. Ба ақидаи онҳо барои дар ҳамаи хонандагон ташаккул додани тафаккури назариявӣ зарур аст, ки хонандагон аввал донишҳои умумиро аз худ намуда, баъд ба донишҳои хусусӣ гузаранд. Яъне агар хонанда тарзи ҳалли мисолу масъалаҳои оддиро дарк карда бошад, дар охир вай тамоми намуди масъалаҳои фикриро дарк мекунад. Ин фақат ба хонандагони дорои тафаккури назариявӣ хос аст.

Инкишофи қобилияти зеҳнӣ боиси инкишофи нутқ гардида, барои ба таври мувофиқ баён кардани фикри худ ва равону бурро суханронӣ кардан мусоидат мекунад. Қобилияти азхуд кардани забони хаттӣ ва ё гуфтугуӣ аз фаъолияти ҳаррузаи хонандагон вобастагӣ дорад. Одатан чӣ қадаре, ки мутолиа зиёд бошад, ҳамон қадар маълумот ҳам васеъ мегардад. Шахс асосан дар мутолиаи мулоҳизакорона маълумот мегирад. Ҳамин тавр, маводи нав аз худ карда мешавад, донишҳои мавҷуда таҳлил ва ба низом дароварда мешаванд. Қобилияти тасаввур кардан ва офаридани образҳои бадеӣ инкишоф ёфта, фаъолияти эҷодӣ ба ошкор кардани қобилиятҳои зеҳнии кӯдак мусоидат мекунад.

Бо назардошти андешаҳои зикршуда метавон гуфт, ки моҳиятан инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ ин рушди равандҳои маърифатӣ мебошад ва ин яке аз вазифаҳои асосии раванди таълим дар мактаб, махсусан, дар зинаи ибтилоии таҳсил мебошад. Таҳсилоти

ибтидоӣ бояд барои ба воя расондани шахси эҷодкору мустақиландеш, ки амалҳои худ ва дигаронро баҳо дода метавонад, мусоидат кунад.

**АДАБИЁТ:**


1. Волков Б.С. Психология возраста: от младшего школьника до старости. – М.: Владос, 2013
2. Елькина О. Ю Продуктивный опыт младших школьников: состояние и перспективы развития. Книга для учителя. –3-е изд. – М.: Флинта, 2017 [Электронно библиотечная система]
3. Зак А.З. Развитие теоретического мышления у младших школьников. -М., 1984
4. Интеллектуальное воспитание детей дошкольного возраста /Под ред. Н. Н. Подякова, Ф. А. Сокина. - М.: Педагогика, 2004
5. Каменская В.Г. Детская психология с элементами психофизиологии. – М.: Форум, 2011
6. Кулагина И.Ю. Психология развития и возрастная психология. – М.: Академический Проект, 2011
7. Маклаков А. Г. Общая психология: учебник для вузов –СПб: Питер, 2011
8. Мустафоқулов Т, Нарзуллоева М. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ. – Кӯлоб, 1995
9. Мухина В.С. Возрастная психология: феноменология развития: Учеб. пособие. – М.: Академия, 2009
10. Обухова Л. В. Концепция Жана Пиаже: за и против. - М., 1981
11. Платонов К. К Проблемы способносте. – М.: Наука, 1972
12. Психология. Китоби дарсӣ/Зери таҳрири М. Давлатов. –Душанбе: Собириён, 2010
13. Рубинштейн С. Л Основы общей психологии. 4 Изд. –СПб.: Питер, 2006
14. Столяренко Л. Д. Основы психологии. - Ростов-на-Дону, 2000
15. Теплов Б. М Проблема индивидуальных различий. – М., 1961
16. Эльконин Д. Б. Психология обучения младшего школьника. –М., 1974
17. Эльконин Д.Б. Избранные психологические труды. – М., 1989


## ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ


Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ дар хонандагони синни хурди мактабӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд карда шудааст, ки қобилиятҳои зеҳнии инсон аз овони кӯдакӣ инкишоф ёфта, давраи сензитивии инкишофи онҳо синни хурди мактабӣ маҳсуб меёбад. Инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ бо рушди равандҳои маърифатӣ мутаносиби роста мебошанд, яъне рушди равандҳои маърифатӣ (эҳсос, идрок, хотир, диққат, тафаккур, нутқ ва хаёл) ба инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ мебарад. Ҳар як раванди маърифатӣ ба таври ба худ хос инкишоф меёбад ва вазифаҳои гуногунро дар ҳаёти кӯдак иҷро мекунанд.

Инчунин, дар мақола хусусиятҳои ба худ хосси инкишофи диққат, хотир, тафаккур, нутқ ва хаёл ҳамчун унсурҳои фаъолияти маърифатӣ дар синни хурди мактабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин радиф моҳияти ҷанбаъҳо, хусусиятҳо ва унсурҳои таркибии фаъолияти талимӣ-маърифатӣ ҳамчун омили меҳварии инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ тавсифу баррасӣ гардидааст.



**Калидвожаҳо:** *синни хурди мактабӣ, инкишоф, қобилият, қобилиятҳои зеҳнӣ эҳсос, идрок, тафаккур, диққат, хотир, нутқ, сензитивӣ*


## ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ У УЧАЩИХСЯ МЛАДШЕГО ШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА


В данной статье рассматриваются особенности развития интеллектуальных способностей учащихся младшего школьного возраста. Отмечено, что интеллектуальные способности человека развиваются с детства, а сенситивным периодом их развития является ранний школьный возраст. Развитие интеллектуальных способностей прямо пропорциональны развитию познавательных процессов, то есть развитие познавательных процессов (ощущения, восприятия, памяти, внимания, мышления, речи и воображения) приводит к развитию интеллектуальных способностей. Каждый познавательный процесс развивается по-своему и выполняет в жизни ребенка разные функции.

Также в статье рассматриваются особенности развития внимания, памяти, мышления, речи и воображения как элементы познавательной деятельности в младшем школьном возрасте. В данной статье описывается и обсуждается сущность аспектов, характеристик и компонентов учебной деятельности как ключевого фактора развития интеллектуальных способностей.



**Ключевые слова:** *ранний школьный возраст, развитие, способности, интеллектуальные способности, ощущение, восприятие, мышление, внимание, память, речь, сенситивность.*

**FEATURES OF DEVELOPMENT OF INTELLECTUAL ABILITIES IN PRIMARY SCHOOL STUDENTS**

This article discusses the features of the development of intellectual abilities of students of primary school age. It is noted that a person's intellectual abilities develop from childhood, and the sensitive period of their development is early school age. The development of intellectual abilities is directly proportional to the development of cognitive processes, that is, the development of cognitive processes (sensation, perception, memory, attention, thinking, speech and imagination) leads to the development of intellectual abilities. Each cognitive process develops in its own way and performs different functions in a child's life.

The article also examines the features of the development of attention, memory, thinking, speech and imagination as elements of cognitive activity in primary school age. This article describes and discusses the essence of aspects, characteristics and components of educational activity as a key factor in the development of intellectual abilities.

**Key words:** *early school age, development, abilities, intellectual abilities, sensation, perception, thinking, attention, memory, speech, sensitivity.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Расулов Сайфидин Худоиевич – н.и.с., дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. 918 80 68 07, sayf76@mail.ru*

*Хуҷаниёзова Дилофарид Нуралиевна – магистри ихтисоси психологияи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. 977 13 00 90, khujaniyozovad@gmail.com*

**Сведения об авторах:** *Расулов Сайфидин Худоиевич – к.п.н., доцент кафедры психологии Таджикского Национального Университета. 918 80 68 07, sayf76@mail.ru*

*Хуҷаниёзова Дилофарид Нуралиевна – магистр Таджикского национального университета по специальности психология. 977 13 00 90, khujaniyozovad@gmail.com*

**Information about the author:** *Rasulov Saifiddin KHudoievich - Candidate of political sciences, Associate Professor of Psychology chair in Tajik National University. sayf76@mail.ru918 80 68 07,*

*Khujanyozova Dilofarid Nuralievana – Master of the Tajik National University, majoring in psychology. 977 13 00 90, khujaniyozovad@gmail.com*

**ТДУ:39:375.5**

# ПАРВАРИШ ВА ОМӮЗИШИ ФАРЗАНД АЗ НИГОҲИ ФИРДАВСӢ

***Амонов С.***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

*«Аҳли ҷомеа ба масъалаи сифати таълиму тарбия диққати ҷиддӣ дода, барои баланд бардоштани маърифатнокию ҷаҳонбинӣ, худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва масъулияти шаҳрвандии ҷавонон саҳми арзанда гузоранд»*

**Эмомалӣ Раҳмон**

*Чу фарзанд бошад ба оину фарр,*
*Гиромӣ ба дил бар чӣ мода, чӣ нар.*

Падару модар, ки рисолати бузурги таълиму тарбияи фарзанд, яъне насли баъдии одамизодро ба дӯш доранд, ҳақ надоранд, ки лаҳзае фориғ аз ин кори мушкилу пурхайр дар канор бошанд. Фарзандон ба падарону модарони хеш, ки дӯстдору тарбиятгарони онҳоянд, бо ҳамон нигоҳе менигаранд, ки худ аз эшон эҳсос кардаанд. Афзудан ё коҳиш ёфтани эътибори падарону модарон дар назди фарзандон аз худи онҳо вобаста аст.

Дастур ва роҳнамои беҳтарин барои волидон осори арзишманди ниёгонамон, аз қабили «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Насиҳатнома»-и Имоми Аъзам, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насриддини Тӯсӣ, «Кимиёи саодат»-и Ғаззолӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигар панду насиҳатномаҳо мебошанд. Дар ин китобҳо марҳилаҳои мухталифи таҷрибаи ахлоқии миллати тоҷик ҷамъбаст гардида, нақши падару модар дар тарбия, таълим ва ташаккули фарзанд, ки ворисони ояндаи ҷомеа ба шумор меравад бо далелҳои муътамад тасбит гардидаанд.

Дар ганҷхонаи адаби тоҷику форс осори гаронарзиши зиёде ба ҳукми шоҳкориҳо маҳфузанд, ки тавассути ҳикмати хеш ҷаҳони маънавии инсонро бо нури хираду маърифату заковат равшанӣ мебахшанд ва ташаккулу рушди аҳли башарро тақвият медиҳанд.

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бешубҳа аз қабили чунин шоҳкориҳост ва ҷаҳонеро бо паёмҳои беинтиҳои тарбиятӣ дар худ ҳифз дорад. Дар миёни ин паёмҳо расми омӯзиш ва

парвариши фарзанд ҷойгоҳи вежа дораду арзиши ҳикмати назарию амалии ин шоҳасарро афзун менамояд. Ба ин мавзуъ пас аз Фирдавсӣ адибони зиёда рӯ оварданд, вале онро ҳамчун чакомасаорои руҳу равоншинос, ки Фирдавсист, гуфта натавонистанд.

Фарзанд мояи равшании чашм, давоми умру ном ва ҳалқаи пайванди насли дирӯзу имрӯз аст. Ҳар кас орзу мекунад ва саъй меварзад, то фарзанди ӯ хуб омӯзишу парвариш ёбад ва чун давоми умри падару модар номбардору ворисi хонадон бошад. Ҳамчунин фарзанд мояи умедест, ки падару модар дар овони пириву барҷомондагӣ тавассути ӯ ҳимояту дастгирӣ мебинанду ғамхорӣ эҳсос мекунанд. Зиндагии марду зан бидуни фарзанд чандон маънӣ ва ҷозибае надорад.

Фирдавсӣ эҳсоси худро дар мавриди зарурати вуҷуди фарзанд (ба вижа писар) чунин баён мекунад:

Падар бе писар чун писар бе падар,
Ки бегона ӯро нагирад ба бар. (1,1527)
Зи фарзанд бошад падар шоддил,
Зи ғамҳо бад-ӯ дорад озод дил.(1,1971)
Писандидатар кас зи фарзанд нест,
Чу пайванди фарзанд пайванд нест. (1,97)
Бипурсид аз ӯ шаҳриёри баланд,
Ки аз мо кӣ дорад дили дардманд?
Чунин гуфт, к-он, к-ӯ хирадманд нест,
Тавонгар касеро, ки фарзанд нест. (1,1893)
Зи фарзанд шоҳон банеру шаванд,
Зи ранҷи замона беоҳу шаванд. (1,2253)

Аз гузаштаҳои дур расидааст, ки фарзанд чу бошад, беҳтар аст, ки нар бошад ва аз таваллуди духтарон нигаронӣ мекардаанду ҳатто қавмҳое будаанд, ки духтаронро пас аз таваллуд зинда ба гӯр меафкандаанд. Чунин ҷаҳолат, ки ба шаъни инсон намезебид, бо шарофати батадриҷ партав задани офтоби илму дониш ва шуълавар гаштани оташи муҳаббату зебоӣ аз миён рафт, духтарон ҳамсар, модар шудаанду модарон мураббиёни насли башар гаштанд. Дар миёни мо тоҷикон низ хонаводаҳо ё афроди алоҳида аз таваллуди духтар розӣ нашуда, бо ҳамсарони худ ситезаю пархош мекунанд ва ҳатто аз ҳам ҷудо мешаванд. Вале андешаи мо ин аст, ки чу фарзанд солеҳу бонангу ор бошад, чи духтар, чи писар, яъне ба гуфти Фирдавсӣ чи мода, чи нар, азизу гиромӣ ҳастанд. Басо духтароне ҳастанд, ки аз ҷавонмардон бештар баномӯсу баоранд ва дар корзорҳои зиндагӣ мардонавор корномадорӣ мекунанд. Таърих мисоли чунин духтаронро зиёд медонад ва мою шумо низ бо эшон дар ин рӯзгори пурмоҷаро вохӯрдаем. Фирдавсӣ писару духтарро асосан, тафовути хос надода, нонобаста аз ҷинсияташон азизу гиромӣ медорад:

Чу фарзанд бошад ба оину фарр,
Гиромӣ ба дил бар чӣ мода, чӣ нар. (1,103)

Вале боз инро ҳам бигӯем, ки дар байти дигаре духтарро бадахтар медонад. Албатта ин бо асли пазируфташудаи фавқ, ки аз мусалламоти исломист, муқобил аст ва сари он аз нигоҳи гӯянда таваҷҷуҳ ва мулоҳиза мебояд.

Киро аз паси парда духтар бувад,
Агар тоҷ дорад, бадахтар бувад. (1,733)

Албатта ин маънӣ аз забони Афросиёб дар мавриди муносибату меҳрварзии Бежану Манижа изҳор шудааст ва хосси андешаи Фирдавсӣ нест, он хосияти фардӣ дораду бас.

Фирдавсӣ муҳаббату эҳсоси миёни падару модар ва фарзандонро ба ҳадди табиӣ дониста, мегӯяд:

Ки фарзанд ҳарчанд печад зи дин,
Бисӯзад ба маргаш падар ҳамчунин. (1,133)

Яъне фарзанд ҳарчанд беадабу худсар бошад ҳам, барои волидон азиз аст ва маргаш оташест бар ҷигар.

Набера низ дар мизону низоми зиндагӣ ва тақвияти муносибати миёни волидону фарзандон нақши бузург дорад ва Фирдавсӣ чунин мегӯяд:

Набера чу шуд ройзан бо ниё,
Аз он ҷойгоҳ бардамад кимиё. (1,127)
Нишони падар бояд андар писар,
Раво бошад, ар камтар орад ҳунар (1,182)

Ҳукамо ва бузургон низ дар он андешаанд, ки хушбахтии мард ба доштани фарзанди солеҳ ва хушахлоқ асос меёбад. Фарзанди бад бошад, бузургӣ ва шарафи хонадонро нобуд сохта, ворисони худро зишту бадном мекунад.

Омӯзиш ва парвариши фарзанд, ки аз вазифаҳои асосӣ ва муҳимми падару модар ба шумор меравад, дар «Шоҳнома» ба шеваи хос дар мавридҳои гуногун таъкид карда мешавад ва бо донишу фазл парвариш дидани фарзанд шарти хеле зарур маҳсуб мегардад:

Ба ҷуз раъю дониш чӣ андар хӯрад,
Писарро, ки чун он падар парварад. (1,101)
Агар гум кунад роҳи омӯзгор,
Сазад, к-ӯ ҷафо бинад аз рӯзгор. (1,280)

Симои марказӣ ё худ қаҳрамони номии «Шоҳнома», ки дар қисмати дуввуми асар ба сароҳат ҷилва мекунад, Рустам аст. Ин қаҳрамон дар асар на танҳо намунаи барҷастаи инсони тавонову кудратманд, ҷасуру далер, шуҷоу бебок ва паҳлавону ҷанговари беназир, балки ҳамчун шахсияти бо зевари дониш ороста тасвир ёфтааст ва сабаби зафарёбии Рустамро ҳам Фирдавсӣ аз марбут ба дониши ӯ медонад. Масалан, Фирдавсӣ дар қисмати оғози достони Комуси Кашонӣ аз Рустам ёд мекунад ва дониши ӯро мавриди тавсиф қарор медиҳад:

Шигифтӣ ба гетӣ зи Рустам басест,
К-аз ӯ достон дар дили ҳар касест.
Ба хушкӣ чу Нилу ба дарё, наҳанг,
Хирадманду бедордил марди ҷанг.
Сари мояи мардиву ҷанг аз ӯст,
Хирадмандиву донишу санг аз ӯст.

Фирдавсӣ бар ин эътиқод аст, ки фарзанд ҳангоми омӯзиш бояд аз ҷониби падару модар бояд мавриди сахтгирӣ ва ҷиддият қарор бигирад ва фурсат наёбад, ки ба амри дилу хоҳиши хеш аз омӯзиш дур шаваду ба дунболи шуғли бефоидае равад:

Чу фарзанд бошад, бафарҳанг дор,
Замона зи бозӣ бар ӯ танг дор.(1,1543)

Ба мактаб супурдани фарзанд ва таълим додани ӯ дар нигоҳи Фирдавсӣ аз фароизи мусалламу муқаддас ва яке аз ҳаққҳои ниҳоят зарури фарзанд дониста мешавад:

Дабирӣ биёмӯз фарзандро,
Чу ҳастӣ бувад, хешу пайвандро. (1,1848)
Касе,к-аш бувад мояву санги он,
Диҳад кӯдаконро ба фарҳангиён. (1,1702)

Гузашта аз ин Фирдавсӣ мегӯяд, ки ҳамдамӣ ва меҳру муҳаббат ба фарзанд бояд, ки коста нагардад ва дар додани ғизову дигар асбоби зиндагӣ низ иллате эҳсос нашавад, зеро ҳузури ҳамешагии падару модар ва эҳсоси муҳаббати эшон барои фарзанд бо чизи дигаре иваз намешавад у мояи тандурустӣ ва сиҳати рӯҳу равони тарафайн аст.

Фузудан ба фарзанд бар меҳри хеш,
Чу дар об дидан бувад чеҳри хеш.
Зи фарҳангу аз дониш омӯхтан,
Сазад, гар дилаш ёбад афрӯхтан.
Кушодан бар ӯ бар дари ганҷи хеш,
Набояд, ки ёд оварад ранҷи хеш. (1,1843)
Бипурсед, дигар зи фарзанди рост,
Ба назди падар ҷойгоҳаш куҷост.
Чунин дод посух, ки назди падар,
Гиромӣ чу ҷон аст фаррухписар.(1,1837)

Падар бояд барои фароҳам овардани бахту саодати фарзанд назар ба ҳол ва тавоноии хеш ҳама гуна иқдомотро анҷом бидиҳад, то рӯзе пушаймонӣ бар вай чира нагардаду афсӯс нахӯрад.

Зи фарзанд паймон шикастан махоҳ,
Магӯ он чӣ андар хӯрад бо гуноҳ,
Макун бахти фарзанди худро дижам,
Бубинӣ дили хеш з-ин пас хуррам. (1,463)

Хулоса, таълиму тарбия дар ҳамдастии пайвастаи се ниҳоди иҷтимоӣ: оила, мактаб ва муҳити берун аз мактабу оила тақвият меёбад. Махсусан, нақши оилаи устувор ҳамчун ҷузъи асосии ҷомеа дар тарбияи фарзанд басо муҳим мебошад. Падару модарон, ки аркони хонавода ва ё оиларо ташкил медиҳанд, бояд ба таълим ва тарбияи фарзандон диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд. Вазифаи асосии волидон, ки тавассути қарору қонунҳо ҷанбаи амалии устувор пайдо кардаанд, соҳиби илму маърифат кардани фарзандон мебошад. Бо майли фарогирии фарҳанги муошират, инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, хештаншиносӣ, маърифатӣ тарбия кардану ба воя расонидани фарзандон рисолати асосӣ ва муҳимми онҳо ба шумор меравад. Бо такя ба суханони ҳикматбору андешаҳои ноби Фирдавсии бузургвор ва ақли рӯшанбин фарзандонро бояд тавре омӯзишу парвариш бидиҳем, ки фардо ангушти надомат нагазему сархам набошем. Аз эшон ифтихор кунему сарбаланду пирӯз бошем.

Зи фарзанд паймон шикастан махоҳ,
Магӯ он чӣ андар хӯрад бо гуноҳ.
Макун бахти фарзанди худро дижам,
Бубинӣ дили хеш з-ин пас хуррам. (1,463)

**АДАБИЁТ:**

1. Абулқосим Фирдавсӣ. «Шоҳнома». 7 ҷилд. Тасҳеҳи Жул Мул, чопи сеюм, интишороти «Сухан». Теҳрон -1345
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома, иборат аз 9 ҷилд. Ҷилди 1. Ба чоп тайёркунандагон: Камол Айнӣ, Зоҳир Аҳрорӣ, Баҳром Сирус. Шӯъбаи шарқшиносӣ ва осори адабии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, Ирфон, Д., 1964; Ба чоп тайёркунандагони ҷилдҳои баъдина – II (1964), III (1964), IV (1965), V (1965), VI (1965) – К.Айнӣ, З.Аҳрорӣ, Б.Сирус. Ба чоп тайёркунандагони ҷилдҳои VII (1966), VIII (1966), IX (1966) – К.Айнӣ, З.Аҳрорӣ, Б.Сирус ва А.Девонақулов.
3. 3.Бертельс. Шахнаме и критика текста. АН СССР, Советское востоковедение, № 1. 1955. с. 88-95.
4. 4.Жул Мул. Дебочаи «Шоҳнома». Тарҷимаи Ҷаҳонгири Афкорӣ. Созмони китобҳои ҷайбӣ, Теҳрон, с. 1345, (1967), с. 78.

## ПАРВАРИШ ВА ОМӮЗИШИ ФАРЗАНД АЗ НИГОҲИ ФИРДАВСӢ

Муаллиф бо рӯоварӣ ба паёмҳои ҳикматбори «Шоҳнома» и безаволу оламгири Фирдавсӣ ва жарфнигарӣ ба олами андешаи ӯ иброз медорад, ки тарбияи фарзанд дар баёни ҳакими роздону равондон, сухангӯю рангинхаёл яке аз масоили ниҳоят муҳимми иҷтимоӣ ба шумор меравад. Фирдавсӣ ба фарзанд ҳамчун давоми умри одамӣ назар намуда, бо камоли маърифату дилогоҳӣ бар тарбияти ӯ таъкид менамояд ва ба ҷинси он коре надорад. Такя бар андешаҳои Фирдавсӣ имрӯз метавон гуфт, ки омӯзишу парвариши фарзандони рақобатпазир дар маҳдудаи иҷтимоӣ тибқи талаботи зарурӣ яке аз паҳлуҳои фаъолияти мушкилбори мактабу маориф ба шумор меравад. Вазифаи масъулини тарбия; хонавода, мактаб ва муҳити берунаи иҷтимоӣ аз он иборат аст, ки дар тарбияи фарзандони баномус, ватандӯст, донишманд, ҳувийятпазир ва худогоҳу хештаншинос саҳмгузор бошанд.

**Калидвожҳо:** *Фирдавсӣ, «Шоҳнома», фарзанд, омӯзиш, парвариш, илму дониш, хирадпеша, падар, писар, духтар.*

## ОБРАЗОВАНИЕ И ВОСПИТАНИЕ ДЕТЕЙ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АБУЛКАСИМА ФИРДАВСИ

Автор, обращаясь к мудрым посланиям «Шахнаме» Фирдоуси и его проникновению в мир его мыслей, показывает, что воспитание детей считается одним из важнейших социальных вопросов, говоря словами мудрого, красноречивого и колоритного мудреца. Фирдоуси смотрит на ребенка как на часть жизни человека, и подчеркивает его воспитание с большими знаниями и красноречием, причем его пол не имеет к этому никакого отношения. Основываясь на идеях Фирдавси, сегодня можно сказать, что обучение и воспитание конкурентоспособных детей в социальных пределах согласно

необходимым требованиям является одним из аспектов проблемной деятельности школы и образования. Представители три социального института; семья, школа и внешняя социальная среда должны способствовать воспитанию детей образованных, патриотичных, знающих, уважающих и сознающих себя.

**Ключевые слова:** *Фирдавси, «Шахнаме», ребенок, воспитание, образование, знание, мудрость, отец, сын, дочь.*

**EDUCATION AND UPBRINGING OF CHILDREN FROM THE POINT OF VIEW OF ABULCASIM FIRDAVSI**

The author, turning to the wise messages of Ferdowsi's Shahnameh and its insight into the world of his thoughts, shows that raising children is considered one of the most important social issues, in the words of a wise, eloquent and colorful sage. Ferdowsi looks at the child as part of a person's life, and emphasizes raising him with great knowledge and eloquence, and his gender has nothing to do with it. Based on the ideas of Firdavsi, today we can say that training and raising competitive children within social limits according to the necessary requirements is one of the aspects of the problematic activities of school and education. Representatives of three social institutions; family, school and external social environment should contribute to raising children who are educated, patriotic, knowledgeable, respectful and self-aware.

**Key words:** *Ferdowsi, Shahnama, child, upbringing, education, knowledge, wisdom, father, son, daughter.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Амонов Салохудин, мудири шуъбаи коркард, татбиқи технологияи инноватсионии таълим (таҳсилоти 12-сола)-и Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. E.mail: h.amoni @mail.ru, тел: 907909062*

**Сведения об авторе:** *Амонов Салохудин, заведующий отделом разработки, применения инновационных образовательных технологий (12-летнее образование) НИИ развития образования имени Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистана. E.mail: h.amoni @mail.ru,тел: 907909062*

**Information about the author:** *Amonov Salahudin head of the department for the development and application of innovative educational technologies (12-year education) of the Research Institute for Educational Development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan. E.mail: h.amoni @mail.ru. Tel: 907909062*

**УДК:378.2(575.3)**

# РОЛЬ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ПРАКТИКИ СТУДЕНТОВ В ИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНОМ СТАНОВЛЕНИИ

***Назриева С. Д.***

**Международный университет иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзада**

Компетентностно ориентированное обучение будущих учителей начальных классов реализуется во время лекционных и лабораторно-практических занятий, написании научных работ по методике обучения и во время педагогической практики. Именно педагогической практике придают особое значение в процессе формирования методической компетентности студентов, ведь во время ее проведения активизируется процесс профессионального становления и самоопределения специалиста, углубляются теоретические знания будущих педагогов, развиваются методические умения, навыки практической деятельности, профессионально значимые качества личности, создаются условия для выработки собственного методического стиля. Результаты практики служат показателем готовности студентов к профессиональной деятельности.

Теоретические основы организации педагогической практики, обоснованные в научных доработках, исследовали историю становления и развития педагогического образования, в частности педагогической практики будущих учителей [Оразмамедова, 2016, 80]. Историко-педагогические аспекты организации педагогической практики освещены в диссертационных работах различных исследователей.

Отдельным вопросам, связанным с организацией и проведением педагогической практики студентов, посвящены научные изыскания.

Цель статьи – выяснить особенности проведения педагогической практики в высшей школе и обосновать ее значение в формировании методической компетентности будущих учителей начальных классов.

**Материалы и методы**

В педагогическом словаре практику определено как обусловленную спецификой социального бытия целенаправленную, чувственно-предметную деятельность людей, содержанием которой является преобразование природы и общества, специфически человеческую форму жизнедеятельности, способ бытия человека в мире. В соответствии с «Положением о проведении практики студентами высших учебных заведений» целью практики является формирование у студентов на базе знаний, полученных в вузах, профессиональных умений и навыков для принятия самостоятельных решений во время конкретной работы в реальных рыночных и производственных условиях, воспитание потребности систематически обновлять свои знания и творчески их применять в практической деятельности [Неценко, 2017, 62].

Педагогическую практику студентов понимают как способ изучения учебно-воспитательного процесса на основе непосредственного участия в нем практикантов. По нашему мнению, цель педагогической практики – выработать у студентов умения и навыки, необходимые в будущей педагогической деятельности, закрепить теоретические знания, применить их в педагогической практике [Занина, 2016, 87].

Результаты научного поиска дают основания утверждать, что педагогическая практика студентов является одной из важнейших составляющих процесса методической подготовки будущих учителей в высшем учебном заведении; она служит связующим звеном между теоретическим обучением и будущей профессиональной деятельностью, конечным этапом практической подготовки. Во время педпрактики будущие учителя углубляют свои знания, приобретают первый педагогический опыт, совершенствуют методические умения и навыки [Кирсанова, 2016, 482].

Соглашаемся с мнением о том, что сближение методов обучения с методами будущей педагогической деятельности обеспечивает рост познавательной активности и творческого педагогического мышления студентов. Есть мнение, что педагогическая практика – это составная часть учебно-воспитательного процесса, что способствует формированию творческого отношения будущего специалиста к педагогической деятельности, определяет степень его профессиональной пригодности и уровень педагогической направленности.

Анализ научных источников дает основания утверждать, что ученые по-разному рассматривают значение педагогической практики в профессиональной подготовке учителей, определяют цель практики как проверку теоретических положений, формирование профессиональных способностей, умений и навыков; указывают на ведущую роль практики в становлении личности будущего учителя, развития его профессиональных качеств. На наш взгляд, справедливо мнение о педагогической практике как особом виде учебной деятельности, субъектом которой является студент в совокупности его индивидуальных качеств, а результатом – качественное преобразование личности будущего учителя и формирование основ и предпосылок его индивидуального стиля будущей профессиональной деятельности [Невзорова, 2018, 12].

Конечный результат педагогической практики видится в формировании компетентного педагога, который готов к теоретического и практического решения профессиональных задач, достижения высоких результатов в педагогической деятельности, реализуясь в ней и личностно, и профессионально.

В результате изучения научных трудов и реального состояния организации педагогической практики будущих учителей в вузе выделен ряд противоречий, которые требуют решения [Расулов, 2018, 62]:

- между современными требованиями к личности учителя и реальной профессионально-педагогической подготовкой будущих педагогов в системе высшего образования в целом и организацией педагогической практики в частности;

- между необходимостью реализации личностно ориентированного подхода к подготовке будущих учителей и традиционными подходами к организации педагогической практики в вузе;

- между массовым характером организации педагогической практики и индивидуальным характером овладения деятельности педагога;

- между наличием опыта организации педагогической практики в вузе и необходимостью его изучения с позиции формирования методической компетентности будущих учителей.

В ходе исследования выявлены недостатки в организации педагогической практики в высшем учебном заведении, самыми распространенными из которых являются следующие:

- ограничения в учебных планах времени, отводимого на практику;
- несоответствующий контроль за прохождением практики, который часто поручают недостаточно подготовленным преподавателям;
- перекладывание значительной части задач педагогической практики на учителей общеобразовательных школ с минимальным участием преподавателей вузов;
- сосредоточение основного внимания на организационном аспекте, а не на содержании;
- ненадлежащий методический уровень проведения анализа уроков (внеклассных мероприятий), во время которого акцентируют внимание на несущественных ошибках, а не на существенных методических недостатках;
- недостаточное внимание к выработке индивидуального методического стиля студента, формирование его методической компетентности.

Учитывая указанные недостатки и противоречия необходимо определить пути совершенствования организации педагогической практики будущих учителей начальных классов. Так, следует применять комплекс педагогических условий, которые могут оптимизировать методическую подготовку студентов в процессе педагогической практики:

- формирование у студентов положительной мотивации к методико-практической деятельности;
- актуализация теоретических знаний студентов по методике обучения предмету;
- формирование у студентов адекватной самооценки уровня своей методической подготовки;
- активизация их самостоятельности и творчества;
- использование разнообразных форм и методов работы руководителей практики на основе индивидуального и дифференцированного подхода к студентам.

**Результаты и обсуждение**

Для создания положительной мотивации и благоприятного психологического микроклимата во время всего периода педагогической практики важно выбрать общеобразовательное учебное заведение, имеющее мощную материальную базу для проведения занятий, а также опытный кадровый потенциал, который обеспечит прохождение практики на высоком методическом уровне. К тому же большое значение нужно придавать не только профессиональным, но и личностным качествам учителя, наставничеству, методической помощи и собственный пример которого будет способствовать формированию у студентов положительного отношения к будущей профессиональной деятельности, выработке у них методического стиля. Согласно исследованиям, успех практики студентов в большой степени зависит от понимания коллективом школы ее роли в подготовке будущего учителя, делового настроя коллектива, доброжелательной атмосферы для студентов и четкой организации совместной деятельности учителей и практикантов[Кубрина, 2018, 158].

Со стороны высшего учебного заведения требуется тщательный подбор руководителя практики, который имеет большой опыт работы в школе или является действующим учителем начальных классов по совместительству. Именно такой педагог-наставник, а не ученый-теоретик, сможет оказать реальную методическую помощь студентам в конкретных педагогических ситуациях, которые будут возникать во время педагогической практики.

Вышесказанное дает основания сделать вывод о необходимости тесного сотрудничества общеобразовательных и высших учебных заведений в направлении организации и проведения педагогической практики будущих учителей начальных классов. Результатами такого сотрудничества является создание экспериментальных площадок, проведение исследовательской работы, научных семинаров и др. Интересным является предложение, которое опирается на исследования и рекомендует восстановить статус «образцовых» школ, которые демонстрировали совершенные образцы учебно-воспитательной работы с учащимися и служили базой для научно-методической работы кафедр педагогического обучения.

Еще одним важным аспектом методической подготовки будущих учителей начальных классов является привлечение студентов к научным исследованиям во время педагогической практики, сбора материалов для написания курсовой и квалификационной работ.

Кроме этого, требует совершенствования методика организации педагогической практики на основе реализации индивидуального и дифференцированного подходов, привлечение их к проектированию индивидуального маршрута прохождения практики для обеспечения свободы выбора деятельности будущих педагогов. Соглашаемся с мнением о том, что студент должен рассматриваться как субъект педагогической деятельности, а педагогическая практика должна приобретать характер индивидуальной образовательной деятельности, учитывающей не только запросы школы и общества, но и личностные способности и интересы студента.

Мы рекомендуем при организации практики обеспечить личностно ориентированный, комплексный (выполнение всех функций учителя), частно-практический (постепенное привлечение к активной профессиональной деятельности) и творческий (развитие исследовательских навыков, способностей) характер подготовки каждого студента [Бадалов, 2017, 42].

В процессе формирования методической компетентности будущих учителей начальных классов важно выполнение во время практики специально разработанных методических задач, направленных на развитие их творчества, выработку индивидуального методического стиля. Кроме того, студенты ведут дневник педагогической практики, в котором они анализируют работу опытных учителей, записывают определенные методические находки («методические изюминки»), которые в дальнейшем смогут использовать в своей профессиональной деятельности.

Большое значение в методической подготовке будущих учителей начальных классов имеет применение адекватного оценивания результатов педагогической практики. В научных исследованиях указаны преимущества использования рейтинговой системы оценки педагогической практики, которая позволяет учитывать большее количество параметров, что обеспечивает большую объективность оценки. Однако следует указать на необходимость в разработке четких шкал и критериев оценивания студентов по результатам прохождения педагогической практики. Кроме того, реализация компетентностного подхода в учебном процессе вуза предусматривает проверку не только уровня методических знаний, умений и навыков, но и уровня сформированности методической компетентности будущих учителей начальных классов. Одним из способов аутентичного оценивания методических компетенций студентов является создание методического портфолио. Так, вместо отчетной документации по педагогической практике возможно использовать портфолио. Содержание портфолио студентов включает следующие компоненты:

- информацию об авторе;
- личный педагогический девиз;
- отзывы о практике (учителей, учащихся и собственный отзыв);
- конспекты зачетных уроков;
- конспекты внеклассных мероприятий;
- самоанализ проведенных уроков;
- эссе;
- характеристику студента-практиканта.

**Заключение**

Итак, педагогическая практика имеет важное значение в системе методической подготовки будущих учителей начальных классов, формировании их методической компетентности. Практика дает возможность определить реальный уровень усвоения студентами психолого-педагогических, специальных и методических знаний, углубить и обобщить их, совершенствовать методические умения и навыки, проявить педагогические способности, приобрести опыт профессиональной деятельности. Кроме того, педпрактика – это средство профессионального становления студента, формирования его педагогической позиции, совершенствование уровня педагогического мастерства, выработки индивидуального методического стиля будущего учителя начальных классов.

Важным при организации педагогической практики является выбор базы и руководителей практики, установление тесной взаимосвязи с учителями, реализация

индивидуального и дифференцированного подходов, проведения экспериментально-исследовательской работы в соответствии с тематикой курсовой или квалификационной работы, использование рейтинговой системы оценивания педагогической практики и создание методического портфолио студента.

От качества проведения педагогической практики в большой степени зависит профессиональное становление будущего учителя начальных классов как компетентного специалиста, то есть практика является своеобразным индикатором готовности практикантов к будущей профессиональной деятельности. Во время педпрактики у студентов может усилиться желание работать в общеобразовательном учебном заведении или, наоборот, могут возникнуть сомнения относительно правильности выбора профессии.

Перспективы дальнейших исследований видим в разработке системы методических задач педагогической практики в контексте компетентностного подхода, обосновании эффективной системы оценивания деятельности будущих учителей, изучении качества их подготовки во время педагогических практик.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Бадалов Л.А. Обеспечение кадровых связей между научно-педагогической деятельностью и практикой // Федерализм. – 2017. – № 2 (86). – 35-46 с.
2. Занина М.А. Формирование творческой личности будущего педагога в ходе педагогических практик // В сборнике: Актуальные проблемы модернизации математического и естественно-научного образования Материалы Всероссийской научно-методической конференции. Под редакцией М.А. Ляшко. – 2016. – 85-89 с.
3. Кирсанова В.Г. Технология развития мотивации педагога к изменению педагогических практик // Конференциум АСОУ: сборник научных трудов и материалов научно-практических конференций. – 2016. – № 3. – 478-485 с.
4. Кубрина Т.Н. Использование информационных технологий в современных педагогических практиках // В сборнике: Студенческая наука - 2018 Рецензируемые научно-практические материалы Всероссийского научного форума студентов и молодых ученых с международным участием. – 2018. – 158 с.
5. Невзоров М.Н. Педагогическое взаимное действие как основа создания антропологических и культурных практик в образовании // В сборнике: Взаимодействие субъектов образования в информационном обществе: опыт стран Европы и АТР Материалы международной научно-практической конференции. Ответственные редакторы М.Н. Туктагулова, М.В. Паршина. – 2018. – 11-14 с.
6. Неценко О.В. Диагностика среды в педагогической теории и современных социально-педагогических практиках // Вестник Православного Свято-Тихоновского гуманитарного университета. Серия 4: Педагогика. Психология. – 2017. – № 44. – 57-66 с.
7. Оразмамедова Х.Я. Основные направления развития педагогической науки и ее взаимосвязи с практикой // Новая наука: Опыт, традиции, инновации. – 2016. – № 12-2 (119). – 79-81 с.
8. Расулов Х.А. Проблемы внедрения инновационных технологий в педагогическую практику // Наука и образование сегодня. –2018. – № 4 (27). – 62-63 с.
9. Xu A., Chen G. A Study on the Effects of Teachers' Information Literacy on Information Technology Integrated Instruction and Teaching Effectiveness //Eurasia Journal of Mathematics, Science & Technology Education. – 2016. – Т. 12. – №. 2. – С. 335-346.
10. John S. P. The integration of information technology in higher education: A study of faculty's attitude towards IT adoption in the teaching process //Contaduría y Administración. – 2015. – Т. 60. – С. 230-252.

## РОЛЬ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ПРАКТИКИ СТУДЕНТОВ В ИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНОМ СТАНОВЛЕНИИ

В условиях интеграции системы образования страны в европейское образовательное пространство все более актуальной становится проблема повышения качества подготовки будущих специалистов. Одной из задач высшей школы является формирование высококвалифицированных педагогов, компетентных в своей профессиональной деятельности, способных творчески решать педагогические проблемы. Согласно компетентностного подхода целью профессиональной подготовки в высшем учебном заведении является не только усвоение определенного объема знаний, выработка соответствующих умений и навыков, но и способность их применять в нестандартных условиях, умение быстро ориентироваться в условиях непосредственной профессиональной деятельности, то есть приобретение опыта педагогической деятельности.

В современных условиях информатизации общества и развития новых технологий перед системой образования стоит задача обеспечения подготовки высококвалифицированных

специалистов. В решении данной проблемы огромную роль играют учителя, от которых зависит подготовка образованных, воспитанных выпускников, которые будут развивать, дополнять и преумножать основы, заложенные учителем, какую бы профессию они ни выбрали. В связи с этим качественная подготовка учителя является одной из приоритетных задач системы педагогического профессионального образования.

Значение педагогической практики в системе профессиональной подготовки учителя рассматривали в своих трудах известные педагоги, философы, общественные деятели XIX – начала XX века.

**Ключевые слова:** *Компетенция, педагогическая практика, обучение, студенты, деятельность.*

## НАҚШИ АМАЛИЯИ ОМӮЗГОРИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОНҲО

Дар шароити интегратсияи системаи маорифи мамлакат ба фазои таълимии Аврупо проблемаи баланд бардоштани сифати тайёр кардани мутахассисони оянда торафт муҳимтар мегардад. Яке аз вазифаҳои мактаби олӣ ташаккул додани омӯзгорони баландихтисос, ки дар фаъолияти касбии худ салоҳиятдор ва ба эҷодкорона ҳалли масъалаҳои педагогӣ қодиранд, мебошад. Тибқи равиши салоҳиятнокӣ, ҳадафи тайёрии касбӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ на танҳо азхудкунии миқдори муайяни дониш, ташаккули малака ва малакаҳои дахлдор, балки қобилияти татбиқи онҳо дар шароити ғайристандартӣ мебошад, ки қобилияти зуд паймоиш кардани шароити фаъолияти бевоситаи касбӣ, яъне аз худ кардани таҷрибаи омӯзгориро дорад.

Дар шароити муосири иттилоотонии ҷомеа ва рушди технологияҳои нав дар назди системаи маориф вазифа гузошта шудааст, ки омода намудани мутахассисони баландихтисосро таъмин намояд. Дар ҳалли ин масъала омӯзгорон нақши бузург доранд, ки тайёр кардани хатмкунандагони бомаърифату боодоб, ки пояҳои гузоштаи омӯзгорро новобаста аз кадом касбро интихоб намуда, инкишоф, мукаммал ва афзун мегардонанд, ба онҳо вобаста аст. Аз ин лиҳоз, омодасозии босифати омӯзгорон яке аз самтҳои афзалиятноки низоми таҳсилоти касбии педагогӣ мебошад.

Аҳамияти амалияи педагогиро дар системаи тайёрии касбии муаллимон дар асарҳои худ муаллимон, файласуфон ва ходимони ҷамъиятии маъруфи асри 19 – ибтидои асри 20 баррасӣ кардаанд.

**Калидвожаҳо:** *Салоҳият, амалияи таълимӣ, омӯзиш, донишҷӯён, фаъолият, омӯзгор, инкишоф, иттилоотонии ҷомеа.*

## ROLE OF STUDENS TEACHING PRACTICE IN THEIR PROFESSIONAL DEVELOPMENT

In the context of the integration of the country's education system into the European educational space, the problem of improving the quality of training of future specialists is becoming increasingly urgent. One of the tasks of higher education is the formation of highly qualified teachers who are competent in their professional activities and capable of creatively solving pedagogical problems. According to the competency-based approach, the goal of professional training in a higher educational institution is not only the assimilation of a certain amount of knowledge, the development of relevant skills and abilities, but also the ability to apply them in non-standard conditions, the ability to quickly navigate the conditions of direct professional activity, that is, the acquisition of experience in teaching.

In modern conditions of informatization of society and the development of new technologies, the education system is faced with the task of ensuring the training of highly qualified specialists. In solving this problem, teachers play a huge role, on whom depends the preparation of educated, well-mannered graduates who will develop, complement and multiply the foundations laid by the teacher, no matter what profession they choose. In this regard, high-quality teacher training is one of the priorities of the system of pedagogical professional education.

The importance of pedagogical practice in the system of professional training of teachers was considered in their works by famous teachers, philosophers, and public figures of the 19th – early 20th centuries.

**Key words:** *Competence, teaching practice, training, students, activities teacher, development, public information.*

**Маълумотнома дар бораи муаллиф:** *Назриева Сабрина – ассистенти кафедраи забонхои романи-германии Донишгохи Байналмилалии забонхои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода.Почтаи элктронӣ: Snazrirva95@ mail.com. Тел: 992001880695*

**Сведения об авторе:** *Назриева Сабрина- ассистент кафедры романно- германских языков Международного университета иностранных языков Таджикистана имени Сотим Улугзода .E - email: Snazrirva95@ mail.com. Тел: 992001880695*

**Information about the author:** *Nazrieva Sabrina – assistant at the Department of Romano-Germanic languages at the international university of foreign languages named after Sotim Ulugzoda. E-mail: Snazrirva95@ mail.com. Тел: 992001880695*

# ТАРБИЯИ ШАҲРВАНДӢ-ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Давлатзода Ҷ.***

**Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор”**

Ҳар давлате, ки шаҳрвандонаш ватандӯсту худшинос ва аз лиҳози фикрӣ қавӣ мебошанд, истиқлоли он устувор аст. Давлатҳое, ки шаҳрвандонашон эҳсоси ватандӯстии баланд доранд, барои рушду нумуи минбаъдаи барномаҳои бузурги сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, мафкуравӣ ва фарҳангӣ тарҳрезӣ менамоянд.

Ватандӯстӣ маъниву мазмуни баланд дорад ва мухтасари он муҳаббати шахс ва шаҳрвандро нисбат ба Ватан ифода менамояд. Шарҳу тавзеҳи он мавзуи хеле калон ва фаротар аз як мусоҳиба ва аз як китоб аст. Он падидаест, ки инъикоскунандаи хусусияти рӯҳиву равонии шахс, дараҷаи шинохти мақом ва нақши таърихиву сиёсии миллат, шинохти ҷойгоҳи худ дар тамаддуни ҷаҳонӣ ва ташаккули ифтихору ғурури созандаи миллӣ мебошад.

Сиёсати мутавозину гуногунҷанбаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама самту соҳаҳо хусусияти ватандӯстона дорад. Ҳама кору пайкор ва амалҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ дар бахши иқтисоду иҷтимоиёт, чӣ дар бахши маорифу фарҳанг ва чӣ дар бахши сиёсати хориҷӣ тадбирҳои ватанпарастона ва беҳтарин намунаи ватандӯстӣ мебошанд.

Пешвои муаззами миллат ҳанӯз аз солҳои нахустини роҳбариашон дар баромадҳои худ таъкид намуда буданд, ки: “Ҳалли вазифаҳои мураккаби таъмини истиқлоли воқеии давлат имрӯз аз бисёр ҷиҳат ба эҳсоси ватандӯстии умумимиллӣ, муттаҳидии тамоми қувваҳои ҷамъият вобаста аст”.

Тавре маълум аст, интиҳои соли 2022 бо истифода аз ташаббуси қонунгузориии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ як санади муҳим – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” қабул карда шуд ва он имрӯз мавриди иҷро қарор дорад. Қабули ин санади муҳим талаби замон ва воқеияти рӯз мебошад.

Масъалаи ватандӯстӣ ва тарбияи ватандӯстӣ аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар меҳвари сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва дар ҳама давру замон ва марҳилаҳои таърихӣ барои давлатҳо масъалаи муҳим буд ва ҳаст.

Қабул шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли ҷорӣ 30-сол пур мешавад, нахустин арзишҳои тарбияи ватандӯстӣ, ба мисли ҳифзи ватан, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таъмини сулҳу субот, тамомияти арзии давлат ва амсоли ҳамин арзишҳо дар сатҳи Конститутсия таҷассуми худро ёфтаанд.

Бо сипарӣ шудани зиёда аз се 10-сола аз Истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 406 адад санадҳои қонунгузорӣ қабул карда шудааст, ки аз ин шумора 45 адад қонунҳо ба таври умумӣ масъалаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро танзим мекунанд.

Дар баробари ин, Ҳукумати мамлакат то ба имрӯз зиёда аз 10 консепсия, стратегия ва барномаҳои махсуси тарбияи ватандӯстиро қабул ва роҳандозӣ намудааст.

Вале солҳои охир бо мураккаб шудани вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ, вусъат гирифтани таҳдиду хатарҳои замони муосир арзиши Истиқлоли давлатӣ, сулҳу субот, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва дар умум, пойдории давлатдории миллӣ яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад. Дар шароити имрӯза, ки раванди ҷаҳонишавӣ ба ҳама паҳлуҳои ҳаёти мо таъсир мерасонанд, доираҳое манфиатдор ҳастанд, ки мардумро аз ватандӯстӣ дур мебаранд ва истиқлолу озодии моро осебпазир менамоянд. Ғояҳои космополитизм, ки дар замони муосир бештар доман паҳн менамоянд, моҳиятан фарҳанги миллӣ, давлат ва сарҳадоти миллиро инкор намуда, ватандӯстиро ғояи хушку холӣ тавсиф менамоянд. Ғояҳои космополитикии таъсиси давлати ҷаҳонӣ ҳоло аз ҷониби бисёре аз доираҳо тарғибу ташвиқ мешаванд. Ба ин равандҳо шиддат гирифтани масъалаҳои глобалӣ таъсири фаъол мерасонанд. Ин тамоюл ҳатто давлатҳои қудратмандро нигарон намудааст. Бинобарин зарур аст, ки ба ин масъала бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Роҳу воситаи тақвияти эҳсоси ватандӯстии мардум, пеш аз ҳама, ба ҳамкории доимии субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ вобаста аст. Аз ин хотир ба мо зарур аст, ки бо мақомоти давлатӣ – вазоратҳои фарҳанг, маориф ва илм, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, маркази исломшиносӣ дар асоси нақшаҳои муштарак пайваста ҳамкориҳоро ба роҳ монем.

Маҳз бо мақсади пойдории арзишҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, махсусан ҷавонону наврасон, ҳифз ва пешгирии онҳо аз таҳдиду хатарҳои замони муосир Ҳукумати кишвар аз роҳу василаҳои гуногун истифода менамояд.

Барои ҳалли ин масъалаҳо зарурати ба таври дақиқ муайян намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ, мақсад ва вазифаҳои он, низом, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин соҳа, инчунин таъмини фаъолият ва идоракунии давлатӣ дар соҳаи мазкур зарурати танзими ҳуқуқии мушаххасро дар доираи Қонуни алоҳида тақозо менамуд.

24 декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» имзо гузоштанд. Қонуни мазкур барои тарбияи шаҳрвандон дар роҳи хизмати софдилонаву фидокорона ба Ватан, ифтихор аз ниёгон, арҷгузорӣ ба рамзҳои миллӣ ва ҷаҳду талошҳо баҳри фардои боз ҳам ободу дурахшони кишвар ва некуаҳволии рӯзафзуни халқ таҳия ва қабул шудааст.

Чунончӣ аз суханрониашон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар бармеояд, Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои Хазинаи нуфузи Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумлаи кишварҳои дорои афзалияти ҷавонон буда, синну соли миёнаи аҳолии он 22,5 сол ва зиёда аз 70 фоизи аҳолии кишварро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд. Маҳз ба ҳамин хотир Тоҷикистон мамлакати ҷавонон ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, табиист, ки Тоҷикистон кишвари ҷавонон буда, қишри мазкур меросбари ин марзу бум ба ҳисоб меравад. Андешидани тадбирҳои судманд, таҳкими заминаҳои меъёрию ҳуқуқии тарбияи ватандӯстӣ, фароҳамсозии шароити хуби иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангӣ баҳри таҳсилу илмомӯзӣ, касбандӯзӣ, тахассусмандиву ташаккули ҳисси баланди шаҳрвандиву ватандорӣ ва соҳибдавлативу фарҳангсолорӣ дар онҳо кафолати бақои давлат ва сарафрозии мардум мебошад.

Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарбияи кӯдакону наврасон ва ҷавононро дар рӯҳияи арзишҳои суннатию башарӣ, дӯст доштани Ватан, тарбияи шахсияти сатҳи баланди ахлоқӣ, дорои эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор вазифаи аввалиндараҷаи давлат, ҷомеа ва оила ҳисобида, тавассути таълифоту суханрониҳо ва паёмҳои ҳамасола ҷомеаи мадании кишварро пайваста дар ин бора роҳнамоӣ ва ҳидоят менамоянд.

Боиси таваҷҷуҳи хос аст, ки дар қонун тарбияи на танҳо наврасону ҷавонон, балки кулли шаҳрвандони ҷумҳурӣ, новобаста аз синну сол, касбу кор, мансабу вазифа, мансубияти қавмию динӣ, категорияи иҷтимоӣ, мавриди назар буда, аз ҳамаи шаҳрвандони кишвар тақозо мешавад, ки бо асосгирии меъёрҳои қонуни мазкур, дар иҷрои рисолати шаҳрвандӣ, қарзи фарзандӣ, масъулияти ватандории хеш ташаббусу фаъолияти судманд зоҳир намоянд.

Амали зиёда аз як соли Қонуни мазкур воқеан собит намуд, ки дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи таҳия ва қабули он асоснок, саривақтӣ ва дорои афзалиятҳои ҳуқуқии муҳим мебошад.

Яке аз афзалияти муҳими Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» дар он аст, ки дар Қонуни мазкур масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ на танҳо аз дидгоҳи хоси ҳуқуқӣ, балки бо фарогирии ҷанбаҳои иҷтимоиву фалсафӣ, сиёсиву идеологӣ ва фарҳангиву ахлоқӣ таҷассум ёфтааст.

Ин ҳолатҳо бозгӯйи он ҳастанд, ки падидаи «тарбияи ватандӯстӣ» падидаи сирф ҳуқуқӣ набуда, аз нигоҳи илмҳои гуногуни ҷомеашиносӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода мешавад.

Маҳорати баланди фаъолияти қонунэҷодкунӣ дар ин соҳа ифодаи он аст, ки ҷанбаҳои мухталифи тарбияи ватандӯстӣ дар сатҳи Қонуни мазкур инъикоси худро ёфтаанд. Аз ҷумла, дар он масъалаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ, тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ, тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ ва дигар ҷанбаҳои иҷтимоиву ҳуқуқии тарбияи ватандӯстӣ мустаҳкам карда шудааст.

Дар умум, чунин афзалияти Қонуни мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки зимни тарғибу ташвиқ ва роҳандозӣ намудани корҳои тарбиявӣ дар ин соҳа дар баробари донишҳои ҳуқуқӣ, инчунин донишҳои соҳаҳои дигари ҷомеа басо муҳим аст.

Дар ҳамин замина, ба мақсад мувофиқ аст, ки ҷиҳати густариши тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, махсусан ҷавонону наврасон, дар ҳошияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» дар баробари ҳуқуқшиносон, дигар мутахассисони соҳаҳои гуногуни ҷомеашиносӣ низ бояд ҷалб карда шаванд;

Бояд иброз намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи таҳияи қонунҳо бо назардошти хусусиятҳои хос ба низоми сиёсати ҳуқуқии кишварро дорад. Махсусан, бо ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардидаанд, ки чунин таҷрибаи қонунэҷодкунӣ зимни таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ба назар гирифта шудааст.

Таҳлили муқаррароти Қонуни мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки 97 дарсади муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ бевосита дар қонун танзим шуда, танҳо барои татбиқи ин қонун қабули се санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ пешбинӣ шудааст.

Аз ҷумла, як қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ва ду қарори мақоми ваколатдори давлатӣ доир ба муайян кардани воҳиди сохторӣ ва тартиби ташаккули феҳристи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар самти мазкур.

Муҳимият ва бартарии дигари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» дар он ифода меёбад, ки дар Қонуни мазкур тарбияи ватандӯстӣ на танҳо ба ҷавонон, балки ба кулли шаҳрвандони ҷумҳурӣ, новобаста аз синну сол ва касбу кор равона гардидааст.

Вале, дар маҷмӯъ дар меҳвари он таваҷҷуҳи бештар ба тарбияи ватандӯстии ҷавонон ва наврасон зоҳир карда шудааст.

Ин ҳолатҳо беҳуда нест, зеро мувофиқи маълумоти оморӣ аз шумораи умумии аҳолӣ, 33 фоизи онро ҷавонони 14-30-сола ташкил медиҳад ва дар 20 соли охир шумораи ҷавонон 33 фоиз зиёд гардидааст.

Инчунин, тибқи омори мавҷуда 97 фоизи хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил менамоянд.

Вобаста ба ин қисмати масъала метавон хулоса намуд, ки барои татбиқи ҳарчи бештари меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан моддаи 43 он, қабули Қонуни мазкур муҳим ва саривақтӣ маҳсуб меёбад.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки амалигардонии меъёрҳои Қонуни мазкур барои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва ҳидоят баояндаи неки давлатдорӣ ва таъмини арзишҳои миллӣ, пойдории давлатдорӣ мусоидати амиқ менамояд.

Роҳбари давлат бо дарназардошти ин вазъ, дар асари гаронарзиши хеш «Уфуқҳои истиқлол», ки фарогири моҳияту аҳамият ва нақши истиқлоли давлатӣ дар рушду шукуфоии Тоҷикистони азиз, касби эътибори баланди байналмилалии кишвар ва некуаҳволии мардуми шарифамон дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад, бо худогоҳии амиқи мардумӣ, ибораи «миллати куҳан ва давлати ҷавон»-ро ба кор мебаранд: «…вақте сухан аз Истиқлолияти давлатӣ меравад, он на санаи бори аввал соҳибдавлат шудани тоҷикон, балки санаи эҳёи Истиқлолияти давлати тоҷикон мебошад, яъне миллати куҳанбунёду соҳибдавлати тоҷик бори дигар соҳиби давлатдории миллии мустақили худ гардид. Ин аст, ки зимни андешаронӣ аз сарнавишти дирӯзу имрӯзи миллату давлати худ мо маҳз ибораи пурмазмуни «миллати куҳан ва давлати ҷавон»-ро ба кор мебарем, зеро достони ҳастии мо, ҳақиқати сарнавишти мо ва вазъияти имрӯзи мо маҳз ҳамин аст».

Имрӯз ҷомеаи мадании кишвар пай бурдааст, ки ниҳоли истиқлол дар сурат ба дарахти бузургу борвар табдил хоҳад ёфт ва меваи ширин хоҳад дод, ки пайваста ба нигоҳубин ва парвариши он таваҷҷуҳ дошта бошем. Яъне мо бояд ҳамеша барои густариш ва афзудани дастовардҳои истиқлол бо эҳсоси гарми ватандӯстиву ватандорӣ, дилсӯзиву масъулиятшиносӣ кору фаъолияти содиқонаву софдилона ва саъю кӯшиши доимӣ намоем.

Зеро фалсафаи ҳастӣ чунин аст ва таърихи башар собит намудааст, ки ҳифзи истиқлолият дар қиёс бо ноил шудан ба он амри мушкилтар аст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади роҳандозӣ намудани тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар ҷомеа, хоса наврасону ҷавонон, марҳила ба марҳила тадбирҳо андешида, заминаҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ин равандро бомаром фароҳам меоварад.

Қабули Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006, «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022», «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020», «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва инак, қабули ду санади муҳимму стратегии дигар дар ин самт дар соли 2022 — «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» дар самти тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон тадбирҳои саривақтиву судманд ва дархури ниёзҳои ҷомеаи кишвар маҳсуб меёбанд.

Қобили зикр аст, ки ҷараёни татбиқи барномаҳои вусъатдори давлатӣ оид ба ватандӯстӣ собит месозад, ки бояд дар ин ҷода усулҳои нави кор бо насли ҷавон ва тадбирҳои самарабахш таҳия ва амалӣ карда шаванд. Барои он ки дар ниҳоди насли ҷавону навраси кишвар эҳсоси ватандӯстиву ватанпарварӣ ва ифтихор аз давлатдории миллии хеш маскан гирад, онҳо қабл аз ҳама бояд аз забон, таърих ва фарҳанги пурғановату арзишмандамон огоҳии бештаре дошта бошанд. Бо ин назардошт, чунин муносибатҳо бевосита дар сатҳи санадҳои қонунгузорӣ ва барномавӣ давра ба давра муайян, муқаррар ва раванди мазкур ҷоннок карда шудааст.

Бо мақсади танзими ҳуқуқии фаъолият дар самти тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, муайян кардани мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ин соҳа, субъектҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, тақсимоти вазифаҳо дар байни мақомоти татбиққунандаи сиёсати давлатӣ дар самти тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва муайянсозандаи масъулияти онҳо дар низоми қонунгузории кишвар зарурати қабули санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор ҷой дошт.

Қабули қонуни мазкур хусусан дар шароити мавҷудияти зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, таассуби бегонапарастӣ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, тақозои замон ва вусъати саривақтии корҳо оид ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар чаҳорчӯби танзими ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардад. Он масъулияти мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ва шаҳрвандонро дар густаришу инкишофи кишвар, пос доштани манфиатҳои умумимилливу умумидавлатӣ баланд бардошта, барои ташаккули заминаҳои меъёрии ҳуқуқии самти тарбияи ватандӯстӣ, ҷанбаҳои фарҳангӣ, маънавию сиёсӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, коҳиш додани сатҳи ҷинояткорӣ дар ҷомеа, бавижа дар байни наврасону ҷавонон, имкониятҳои нав ба вуҷуд меорад.

Ҳамин тавр, дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо дар сатҳи қонун таҷассум ёфтани мафҳуми тарбияи ватандӯстӣ барои тақвияти масъулиятшиносии ҳар як шаҳрванд дар назди Ватан, тавсеаи мавзуи хештаншиносӣ дар ҷомеа ва ташаккулёбии насли навраси солиму меҳандӯст заминаҳои марбутаи ҳуқуқиро фароҳам овардааст.

Дар ин заминаи ҳуқуқӣ принсипҳои асосӣ ва умумии таҷассумкунандаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ҳамчун ангезаи воқеӣ ва ҳадафнок амалӣ гардидани раванди мазкур муқаррар гардидааст. Аз ҷумла:

– муносибати мураттаби ташкилӣ, ки ҳамоҳангии кори тамоми ташкилотҳои давлатию ҷамъиятиро оид ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар бар мегиранд;

– кори унвонию фардӣ бо шаҳрвандон, усул ва воситаҳои гуногуншакл, ки манфиат, майлу рағбат, сатҳи таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ ва ғайраро дар бар мегирад;

– гуногунҷабҳа ва алоқаманд будани самтҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ, ки муносибати тому маҷмуии амалигардонии онҳоро дар бар мегиранд;

– ба назар гирифтани хусусиятҳои миллӣ, этникӣ-маданӣ ва хусусиятҳои дигар дар ташаккули ғояҳои ватандӯстӣ ва арзишҳо, ки мазмун ва мундариҷаи ватандӯстиро муайян мекунанд;

– ошкор ва мустақилияти арзёбии натиҷаи иҷрои тадбирҳои ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон нигарондашуда.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон бевосита бо мақсади муқаррар намудани кафолатҳои давлатии механизмҳои амалигардонии ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ, фароҳам овардани шароит барои рушди низоми тарбияи ватандӯстӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни соҳаи тарбияи ватандӯстӣ равона мешавад. Бо ин назардошт, дар самти танзими ҳуқуқии муносибатҳо вазифаҳои мушаххас ҷиҳати амалӣ сохтани раванди мақсадноку ҳадафмандонаи сиёсати давлатӣ дар ин ҷода муқаррар мегардад.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ низ вазифаҳои муайянро фаро мегирад:

– таҳия ва қабули заминаи ҳуқуқие, ки фароҳам овардани шароити фаъолияти озод ва рушди низоми тарбияи ватандӯстиро таъмин менамояд;

– фароҳам овардани кафолатҳои ҳуқуқӣ барои мутобиқ гардондани манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ;

– муайян намудани вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ;

– тақсим кардани ваколатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ байни мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигаре, ки идоракуниро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон амалӣ менамоянд.

Дар асоси қонуни алоҳида пешбинӣ гардидани ташаккул ва рушди раванди тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, яъне таъмини меъёрию ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи мазкур ҷиҳати такмил додани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва муайян намудани вазъи иҷтимоию ҳуқуқии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва муайян кардани нақш, ҷой, масъала, вазифаи ҳар як мақоми ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамчун унсури таркибии системаи ягонаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, равона карда мешавад.

Тарбия дар қонуни мазкур падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ маънидод мешавад, ки ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани ӯ ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона гашта, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷомеа хизмат менамояд.

Ватан ба мафҳуми «Тоҷикистон» баробар гузошта шуда, кишвари азизу маҳбуб барои шахс, ҷомеаи иҷтимоӣ ё миллии одамон, ки онҳо мансубияташонро ба ин сарзамин шарти зарурии некуаҳволии худ медонанд, ташреҳ мешавад.

Ватандӯстӣ – муҳаббати шахс ба Ватан, сарзамин ва халқ, содиқона ба манфиати онҳо хизмат кардан ва ҳифзи онҳо аз душман маънидод шудааст.

Тарбияи ватандӯстӣ – фаъолияти муратаб ва мақсадноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ, оила ва шаҳрвандон буда, барои ташаккули дарки баланди ватандӯстӣ дар тафаккури шаҳрвандон, ҳисси садоқат ба Ватан, омода будан ба адои қарзи шаҳрвандию уҳдадориҳои конститутсионӣ барои ҳимои манфиатҳои Ватан нигаронида шудааст.

Ҳамзамон бо ин, дар қонуни қабулшуда мафҳумҳои «тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ», «тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ», «тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ», «ҳисси шаҳрвандӣ» мушаххас таъриф шудаанд, ки самтҳои муҳимму бунёдии тарбияи ватандӯстӣ ба ҳисоб рафта, фарогирии ҳамзамону муттасили шаҳрвандон, хоса наврасону ҷавонон ба ин навъи тарбия ва ташаккули ҳисси шаҳрвандӣ, сифатҳои олии ватандӯстиву хештаншиносӣ, эҳтиром ба калонсолону арҷгузорӣ ба мероси ниёгон, илмомӯзиву тахассусмандӣ, меҳнатдӯстиву эҷодкорӣ, фаъолияти содиқонаву касбӣ, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, истиқлолу ваҳдати миллӣ, далериву шуҷоат, матонату ҳусни тадбир дар онҳо баҳри баркамолрасонии насли ҳаматарафа солиму босалоҳият, меросбарони шоистаи давлатдории миллӣ, ватандорони ояндаи ин сарзамини аҷдодиву биҳиштосо аз мақсаду вазифаҳои асосии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ–зербинои устувору боэътимод барои баркамолрасонии насли солиму ватандӯст ба шумор меравад.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» маҷмуи тадбирҳое дониста шудааст, ки барои аз ҷониби шахс дарк намудани арзишҳои олӣ, ормонҳо, ҳадафҳо, раванд ва падидаҳои муҳимми иҷтимоӣ дар ҳаёти воқеӣ, қобилияти ба роҳбарӣ гирифтани онҳо ҳамчун принсипҳои муайянкунанда ва мавқеъ дар фаъолияти амалию рафтор – хизмати сазовор ба Ватан равона карда мешаванд.

Дар ҷаҳони муосир идеяву назарияҳои нав яке аз омилҳои асосии рушди ҷомеаву давлат ба шумор рафта, тарбияву парвариши насли солиму ватандӯст дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ, ҷавонони хушзавқу ихтироъкор ва истифодаи самараноки неруи зеҳнии онҳо кафолати таъмини рушди устувор ва ояндаи пойдори ҳар ҷамъияту давлат мебошад. Дарки саривақтӣ ва хиради волои давлатдории Пешвои муаззами миллат аст, ки дар асари хеш «Уфуқҳои истиқлол» чунин таъкид намудаанд: «Ватандӯстии ҷавонон дар шароити кунунӣ аҳамияти хос касб карда, ҳар як ҷавони бонангу номуси кишварро зарур аст, ки ба омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар машғул шавад, таърихи халқи худро азбар намояд, Ватанашро чун ҷон дӯст дорад, арзишу суннатҳои милливу фарҳангиро эҳтиром кунад ва худогоҳу худшинос бошад».

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи «худогоҳӣ»– «аз таъриху сарнавишт ва тамаддуни миллати худ ва кишвари хеш огоҳ будан» маънидод шудааст.

Мулоқотҳои ҳамасолаи Пешвои муаззами миллат бо ҷавонони кишвар, рушди соҳаи варзиш, оммавигардонии он, ташаккули тарзи ҳаёти солим, ҷалби бештари ҷавонон ба ҳаёти сиёсии ҷомеа, баланд бардоштани майлу рағбати онҳо ба илмомӯзиву навоварӣ, бевосита таҳти сарпарастии Пешвои муаззами миллат бо мукофотҳои калони пулӣ ва имтиёзҳои баланди соҳавӣ ташкил ва баргузор гардидани озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат» ва ба ин васила дарёфту дастгирӣ кардани истеъдодҳои ҷавон, тақдими асари таърихии «Тоҷикон»-и устод Бобоҷон Ғафуров ба ҳар як оилаи кишвар, бунёди инфрасохтори замонавии муҷаҳҳаз бо лавозимоти зарурӣ барои ҷавонон далели таваҷҷуҳи махсуси давлату Ҳукумат ба ин қишри пешбарандаи соҳаҳои хоҷагидории мамлакат, ояндаи миллату давлат маҳсуб меёбад.

Ҳифзи истиқлолияти миллӣ аз ҳифзи асолат, ҳувият, забон, расму оин, садоқату вафодорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ва риояи одобу ахлоқи миллӣ иборат аст. Аз ин рӯ, ҷомеаи имрӯзаи кишварро зарур аст, ки ин арзишҳои фарҳангиву маънавии халқамон – амонату мероси гаронбаҳои аҷдодиро ба беҳтарин шакл ҳифз намоем ва барои татбиқу самаранокии он дар ҳаёти иҷтимоӣ талош карда, бо ҳусни тадбир ва равиши ҳасана ба ояндагон ба мерос гузорем.

Роҳбари давлат, бо дарназардошти пайомадҳои асри иттилооту рақамикунонӣ, дастрасии фаровони иттилооти таъйиноти гуногун, таъсири моҳвораву шабакаҳои бемаҳдуди иҷтимоӣ ба ахлоқи ҷавонону наврасон таъкид менамоянд: «Дар замоне ки таблиғи рафтори зишт ва ба фарҳанги миллии мо бегона аз тариқи шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ ва барномаҳои телевизионии хориҷӣ афзоиш ёфтааст, мо бояд тарбияи ахлоқиро дар навбати аввал гузорем ва бо истифода аз таҷрибаи нодири халқамон ба фарзандонамон адаб ёд диҳем».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ вақте перомуни сиёсати давлатӣ оид ба мавқеи занону бонувон сухан мегуфтанд, дар баробари зикри нишондиҳандаҳои оморӣ ва ташаббусҳои пешбинишуда дар ин самт, аз занону бонувон – модарони миллат самимона даъват ба амал оварданд, ки дар баробари иҷрои вазифаҳои мансабӣ ва уҳдадориҳои идорӣ, дар тарбияи маънавию ахлоқӣ ва ватандӯстии фарзандони миллат, насли наврасу ҷавон, нури дидагону сурури қалби моён, ояндаи давлату миллат саъю талош, ҷидду ҷаҳди беш аз пеш ба харҷ диҳанд. «Дар ҳамин масъала кумаки шумо ба мо лозим аст» — гӯён бо оҳанги падари дилсӯзе, ки аз ҷигарбандонаш бо камоли меҳру ғамхорӣ хоҳиш ба амал меорад, ба занону бонувон муроҷиат карданд.

Ин муроҷиату таъкиди Пешвои миллат аз он ҷиҳат буд, ки агар модарони миллат бо қудрати сеҳрофари меҳри модарӣ, оғӯши гарму сурурбахши хеш фарзандонро дар масири ахлоқи ҳамидаву хулқу атвори наку роҳнамоӣ насозанд, бо лаҳни ширину гӯшнавоз ва аллаи дилнишин дурдонаҳои ахлоқу маънавиёт, зарурати покизагии сиришт, дилу нияти нек ва меҳнату заҳмати ҳадафмандона, ҳисси ватандӯстиву соҳибдавлатиро дар замири

ҷигарбандони миллат коштаву давоми даҳсолаҳо парвариш накунанд, танҳо фаъолияти мактабу маориф ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ самараи мавриди назарро ба бор нахоҳад овард.

Бале, оила ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ объекти муҳимми ватандӯстӣ дониста мешавад. Шабоҳат додани миллат бо оила ҷузъи таркибии сиёсати миллӣ мебошад, ки аз бисёр ҷиҳат низоми арзишноки идеологияи миллӣ ва рамзҳои онро ифода менамояд. Муносибат бо волидайн шакли муқарраргардидаи муносибатҳои стандартии фард бо умумияти сиёсӣ мегардад. Агар ба таври қатъӣ гӯем, бе арзиши модарӣ/падарӣ арзиши Ватан вуҷуд надорад. Модар ва падар ҳамчун объекти меҳру муҳаббат ва ҳамчун рамзи дӯстоштанӣ бо ғояи ватандӯстӣ алоқамандии зич дорад.

Ҳамин тариқ, ватандӯстӣ инъикосгари муҳаббат ба Ватани хеш, алоқамандӣ бо таърих, фарҳанг, дастовардҳои он мебошад, ки бо ҷаззобият ва ҷудонопазирии такрорнашавандагӣ ва ивазнашавандагии худ асоси маънавӣ — ахлоқии шахсиятро ташкил медиҳад, мавқеи шаҳрвандии ӯ ва талабот ба хизмати фидокорона ва ҷоннисорона ба Ватанро ифода менамояд.

Хулоса, тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар давлатҳои соҳибистиқлоли миллӣ, ба монанди Ватани азизу маҳбуби мо – кишвари ормонии ҳазорсолаи ниёи ватандӯсту озодихоҳ, бо дарназардошти вазъи сиёсии бисёр мураккаб ва ҳассоси минтақа ва ҷаҳон, чолишҳои пайваста ва аксаран, пешгӯинашавандаи раванди ҷаҳонишавӣ, бо фарогирии мафҳумҳои «тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ», «тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ», «тарбияи меҳнатдӯстӣ», «тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ» шарти асосии таъмини истиқлолу озодӣ, сулҳу субот, якпорчагиву тамомияти арзӣ, амнияти комили давлат, таҳрики соҳаҳои иқтисодиёт, таъмини рушди устувор, татбиқи механизмҳои «иқтисоди сабз» ва дар маҷмуъ, бақои давлату давлатдории миллист.

Бо боварии комил гуфта метавонем, ки бо татбиқи самараноки ин санади муҳимми давлатдорӣ, бо тарбия ва парвариши насли ҳаматарафа обутобёфтаву баркамол, бо афкори солиму созанда, соҳибони ғояҳои ватандӯстиву соҳибдавлатӣ, фарзандони шоистаи замон, ихтисосмандони касбу кори гуногун, меросбарони бошарафи сарзамини фарзонагон, пояҳои истиқлолу ваҳдати миллӣ, амнияту суботи сартосарӣ устувор монда, масоили ҷойдоштаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангию маънавӣ марҳила ба марҳила бартараф, ҳадафҳову нақшаҳои стратегӣ ҳосил ва Тоҷикистони маҳбуби мо дар қатори давлатҳои мутараққии ҷаҳон зевари харитаи сиёсии олам хоҳад буд.

Дар ин ҷода бояд пайваста талош карда, аз арзишҳои пурқимати маънавӣ истифода намоем. Миллати шарафманду соҳибфарҳанги мо дар раванди ташаккули хеш арзишҳои маънавие офаридааст, ки аз баракати онҳо имрӯз соҳиби давлат ва истиқлол гардидааст. Мардуми тоҷик маҳз ба туфайли арзишҳои маънавии хеш, ки дар радифи арзишҳои умумибашарӣ мақоми хоса доранд, ба зинаи имрӯзаи пешрафту камолот расида, дар арсаи байналмилалӣ мақоми шоистаро соҳиб гардидааст. Бинобар ин, омӯзиши ин арзишҳои бузург дар густариши ватандӯстии ҷавонону наврасон ва дар умум шаҳрвандон аҳамияти бузург самар меоварад.

### АДАБИЁТ:

1. Раҳмонов Э.Ш. Даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунѐдкорӣ [Матн]. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди 2 / Э.Ш. Раҳмонов - Душанбе: Ирфон,2001. ‟ 512 с.

2. Слободчиков В.И., Исаев Е.И. Психология человека [Текст]/ В.И. Слободчиков, Е.И. Исаев. - М., 1995. - С.273

3. Сухомлинский В.А. Разговор с молодым директором школы [Текст] / В.А. Сухомлинский. М.: Просвещение, 1973. 208 с

4. Усова А.В. Родительское собрание «Чтобы ребенок учился» [Текст] / А.В.Усова // Классный руководитель. - 2006. - № 7. - С. 92. .

5. Ушинский К.Д. О народности в общественном воспитании [Текст] / К.Д. Ушинский //Журнал для воспитания. - 1857. - Т. 2. - № 7. - С.9-60.

## ТАРБИЯИ ШАҲРВАНДӢ-ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур оид ба муайян намудани ғояи миллӣ ҳамчун як бахши ҷаҳонбинии умумимиллӣ ва парадигмаҳои ахлоқию маънавие, ки орзуҳои шаҳрвандони моро дар бораи идеали миллӣ, таҳким бахшидани давлатдорӣ таҷассум мекунад ва метавонад, ҳамватанони моро ба корҳои

бузург ба хотири ободонӣ ва тағйири ҳаёти маънавӣ барои беҳбудии ҳамаи ҷомеа водор кунад, сухан меравад.

Дар рафти тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон метавон, хусусиятҳои зерини дарсро нишон дод: мавҷудияти шароит барои азхудкунии донишҳо, қобилиятҳо, малакаҳо, самтҳо (донишҳои илмӣ, философӣ, санъат, диншиносӣ, мифология); интихоби шаклҳои ба муҳтавои дарс мувофиқ, ки метавонад, рушди ҳаматарафаи шахсияти хонандаро таъмин намояд.

Ба ақидаи муаллиф дар мактаб ташкил кардани раванди таълиму тарбияи ҷудонопазир хеле муҳим аст, ки дар он баробари шакли муқаррарии машғулиятҳо, усули дигари таълиму тарбияи дастҷамъона ва фаъолияти инфиродии хонандагон, ки ба ҷоннок кардани фаъолияти эҷодии ватандӯстию шаҳрвандии хонандагон, рушди андешаронии мустақилона, тарбияи сифатҳои шаҳрвандӣ ва маънавии шахс, фарҳанги ахлоқию эстетикии ӯ ва ғайра равона гардидаанд, ба кор бурда шаванд.

**Калидвожаҳо:** *мактаб, хонандагон, сифатҳои шаҳрвандӣ, тарбияи ватандӯстӣ-шаҳрвандии хонандагон, дониш, қобилият, малака, фаъолияти инфиродӣ.*

## ПАТРИОТИЧЕСКО - ГРАЖДАНСКОЕ ОБРАЗОВАНИЕ УЧАЩИХСЯ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье дано об определение национальной идеи как части национального мировоззрения и морально-духовной парадигмы, воплощающей мечты наших граждан о национальном идеале, укреплении государственности и способной побудить наших соотечественников на великие дела во имя улучшения и изменения духовной жизни к лучшему.

В ходе воспитания у учащихся гражданственности и патриотизма могут быть продемонстрированы следующие особенности урока: наличие условий для овладения знаниями, умениями, направлениями (научное знание, философия, искусство, религия, мифология); подбор форм, соответствующих содержанию урока, способных обеспечить всестороннее развитие личности учащегося.

По мнению автора, очень важна организация в школе неразрывного процесса воспитания и обучения, при котором наряду с обычной формой обучения необходим иной метод коллективного обучения и воспитания и индивидуальной деятельности учащихся. Следует использовать активизацию творческой активности патриотизма и гражданственности учащихся, развитие самостоятельного мышления, воспитание гражданских качеств и духовности человека, его нравственной и эстетической культуры и т. д.

**Ключевые слова:** *школа, учащиеся, гражданские качества, воспитание патриотизма и гражданственности учащихся, знания, умения, навыки, индивидуальная активность.*

## PATRIOTIC CITIZEN EDUCATION STUDENTS OF GENERAL SECONDARY EDUCATION INSTITUTIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the definition of the national idea as a part of the national worldview and moral and spiritual paradigms that embodies the dreams of our citizens about the national ideal, the strengthening of statehood and can encourage our compatriots to do great things in order to improve and change the spiritual life for the betterment It is said to make the whole society.

In the course of education of students' citizenship and patriotism, the following features of the lesson can be demonstrated: the existence of conditions for mastering knowledge, abilities, skills, directions (scientific knowledge, philosophy, art, religion, mythology); selection of forms appropriate to the content of the lesson, which can ensure comprehensive development of the student's personality.

In the opinion of the author, it is very important to organize an inseparable process of education and training in the school, in which, along with the usual form of training, another method of collective training and education and individual activity of students is needed to enliven the creative activity of patriotism and citizenship of students, the development of independent thinking, and the education of civic qualities. and spirituality of a person, his moral and aesthetic culture, etc., should be used.

**Key words:** *school, students, civic qualities, education of patriotism and citizenship of students, knowledge, abilities, skills, individual activity.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Давлатзода Ҷамила, доктори илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор". Тел: 907950635*

**Сведения об авторе:** *Джамиля Давлатзода, доктор педагогических наук, директор Государственного образовательного учреждения «Гисарский педагогический колледж». Тел: 907950635*

**Information about the author:** *Jamilya Davlatzoda, doctor of pedagogical sciences, director of the State educational institution "Gisar pedagogical college". Tel: 907950635*

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**
**METHOD**

**ТДУ:796:396(575.3)**

# ВАРЗИШГАРБОНУВОНИ МУВАФФАҚ

***Камилова Ф. Қ.***
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷузъи ҷудонашавандаи тарзи ҳаёти солим мебошад. Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба бадани инсон ва махсусан ба бадани зан таъсири калон мерасонанд. Суръати тези зиндагии муосир, кор бохусумати бештар, нишастан ва кам ҳаракат кардани ҷисм метавонад ба саломатии занон таъсири манфӣ расонад. Бо вуҷуди ин, машқҳои мунтазам ва варзиш метавонанд боиси тағйироти назарраси мусбат дар бадани зан ва ба некӯаҳволии умумии ӯ мусоидат кунад. Дар ин мақола мо ҷанбаҳои гуногуни таъсири тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро бо назардошти муҳити иҷтимоӣ баррасӣ хоҳем кард. Фаъолияти ҷисмонӣ дар нигоҳ доштани саломатии умумии бадани зан нақши калидӣ дорад. Машқҳои мунтазам ба мустаҳкам кардани системаи дилу рагҳо, беҳтар шудани гардиши хун ва коҳиш додани хатари инкишофи бемориҳои дилу раг мусоидат мекунанд. Инчунин машқҳои вазнбардорӣ, давидан, роҳ рафтан ё рақс кардан фоидаоваранд, ки ба мустаҳкам кардани устухонҳои узвҳои поёнӣ мусоидат мекунанд, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба ҳолати рӯҳии занон таъсири назаррас мерасонад. Фаъолияти мунтазами ҷисмонӣ ба истеҳсоли эндорфинҳо, гормонҳои хушбахтӣ мусоидат мекунад, ки изтиробро коҳиш медиҳанд, инчунин рӯҳия ва некӯаҳволии умумии равониро беҳтар менамоя. Бо варзиш машғул шудан ва машқ кардан ба ташаккули интизом, суботкорӣ ва худтанзимкунӣ мусоидат мекунад, ки ин ҳам метавонад ба некӯаҳволии рӯҳии занон таъсири мусбат расонад.

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки фаъолияти аз ҳад зиёди ҷисмонӣ ё набудани равғани бадан метавонад боиси вайроншавии репродуктивӣ гардад, бинобар ин, барои ҳар як зан мувофиқи талабот ва хусусиятҳои инфиродии ӯ интихоби сатҳи оптималии фаъолияти ҷисмонӣ муҳим аст. Вақте ки сухан дар бораи интихоби фаъолияти ҷисмонӣ ва варзиш меравад, муҳим аст, ки афзалиятҳо ва имкониятҳои инфиродии ҳар як занро ба назар гирифт. Масалан, машқҳои аэробикӣ, аз қабили давидан ё рақс, саломатии дилу рагҳоро беҳтар мекунад, дар ҳоле ки омӯзиши қувва ба мустаҳкам кардани мушакҳо ва устухонҳо мусоидат мекунад.

Дар солҳои охир, варзиш барои бонувон маъруфияти назаррас пайдо мекунад. Мавзуи варзиши занон сол то сол муҳимтар мешавад. Аз ҷиҳати назариявӣ, ба таври умум қабул шудааст, ки занон нисбат ба мардон заифтар ва ҷисман камтар инкишоф меёбанд. Ҳар як духтару зан орзуи доштани бадани зеборо доранд, аммо на ҳама духтарон дарк мекунанд, ки барои такмил додани бадани худ чӣ заҳмате лозим аст. Муносибати касбӣ барои ноил шудан ба дастовардҳои баланд на танҳо кӯшишҳои зоҳирии шахс, балки кӯшишҳои ботиниро низ талаб мекунад.

Варзиш як намуди рақобатпазири тарбияи ҷисмонӣ мебошад, ки ба натиҷаҳои баланд, аз ҷумла доираи васеи машқҳои ҷисмонӣ нигаронида шудааст. Варзиш як намуди бештар мақсадноки тарбияи ҷисмонӣ бо рушди устувор ва матонат ба ҳисоб меравад. Манфиатҳои варзиш барои занон дар ҳама синну сол як меъёри хеле муҳим аст. Варзиш на танҳо ба зан кӯмак мекунад, ки симои худро беҳтар созад, балки миқдори зиёди ферментҳоро тавлид мекунад, ба афзоиши мубодилаи моддаҳо, беҳтар шудани гардиши хун ва ғайра мусоидат мекунад. Машқи мунтазам барои зан хеле муфид аст. Бо шарофати ин фаъолият зан метавонад зебоии худро дарозтар нигоҳ дорад ва дар ҳама марҳилаҳои ҳаёт солим бошад.

Ба варзиш машғул шудан дар кишварҳои пешрафта на танҳо барои занони варзишгар, балки барои бисёре аз занони фаъол ва муваффақ, ки ба варзиши касбӣ иртибот надоранд, имтиёз аст. Аммо бисёре аз варзишгарони тоҷик аз ҳисоби бонувон дар синни томактабӣ ба варзиши касбӣ шуруъ мекунанд ва баъд аз синни 20-солагӣ ба фаъолияти варзишии худ

хотима медиҳанд. Сабабҳои асосии он инҳоянд: издивоҷ, таваллуди кӯдак, мушкилоти саломатӣ, аз ҷумла ҷароҳат бардоштан дар натиҷаи варзиш ва хоҳиши гирифтани маълумот. Занҳо дар омезиши варзиш ва дигар фаъолиятҳо, аз қабили варзиш ва таҳсил муваффақтаранд ва нисбат ба мардон ба анҷоми дараҷаи варзишии худ муносибати мусбат доранд.

Асри ХХ1 замони дастовардҳои нав дар варзиши занон хоҳад буд, зеро имкониятҳои бештари нав барои амалӣ намудани орзую мақсади бонувон замина мегузорад. Ҳоло занон аз рӯйи намудҳои гуногуни варзиш дар ҳадафҳои олӣ ноил гардидаанд.

Бо назардошти урфу одат ва шароити зисту муҳити фикрронии шарқиёна бисёр варзишгарзанони тоҷик мавриди баррасиҳои нигаронкунанда қарор мегиранд. Масалан, интихоби онҳо дар аксар намудҳои варзишӣ ҷомеаи муосири Тоҷикистонро, ки ғолибан, дар истиқбол аз андешаҳои бартарӣ додани мардон бар занон иборат аст, қонеъ нагардонида, боиси пайдо шудани баҳсҳои хонаводагӣ мегардад. Масалан, аксар шаҳрвандон ба бонувон шуғли камонвариро тавсия дода, иштироки онҳоро дар бархурдҳои дигар аз қабили дзюдо, гӯштӣ ва бокс қобили қабул намедонанд. Гузашта аз ин, омили муҳим ин аст, ки дар ҷомеаи тоҷик камонварон аз нуфузи бузург бархурдор буданд. Масалан, агар мо ба таърихи аҳди бостон рӯ оварем, дер ё зуд эҳсос мекунем, ки бо истифода аз ҳунари варзишӣ аксар бонувони таърихии халқи тоҷик чун Томирис, Заррина, Гурдофарид ва амсолашон камонварони моҳир буда, дар дифои Ватан ва рафъи ғасбкориҳои душман нақши босазо гузоштаанд. Агар саҳеҳтар гӯем, тоҷикдухтарон ҳанӯз аз қадим ба варзиши бадан ва тарбияи ҷисмонӣ машғул мешудаанд. Персонажҳои достонҳои тавсифкунандаи аҳди қадим монанди “Шоҳнома” ва амсолашон дар тамоми ҷаҳон тавассути дастраси оммаи васеъ гардидани мероси хаттии тоҷикон машҳур гардида, бори дигар исбот намудаанд, ки занони тоҷик дар гузаштаи дур ба намудҳои мухталифи варзиш машғул будаанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ шуғли варзишгарӣ дар байни бонувони кишвар беш аз пеш паҳн гардида, ширкати онҳо дар мусобиқоти байналмилалӣ боиси фахри ҳамватанон шуд. Агарчанде вазъи сиёсии кишварамон дар солҳои навадуми садаи гузашта бағоят ташвишовар буду бобати иштиғоли бонувон ба варзиш аввалан, андешаҳои хурофотӣ монеа буданд, баъдан, бинобар ҷанги таҳмилӣ аксар мутахассисони варзиш ватани моро тарк гуфтанд. Бинобар ин, даҳсолаҳо сипарӣ шуданд, аммо дар сатҳи ҷаҳонӣ варзишгаре набуд, ки аз ҳастии кишварамон ба оламиён дарак диҳад. Инак, чунин варзишгар ба саҳна ворид гардида, шарафи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар майдонҳои набард дифоъ намуд. Ҳатто собиқ кишварҳои пасошуравӣ ӯро бо кафкубиҳо мухлисӣ менамуданд. Ин бонуи гиромӣ муштзани ба ҳамагон маълум Мавзуна Чориева буд.

Бо дидани маҳорати ӯ дар майдони рақобат гурӯҳе аз бонувон, ки дар намудҳои мухталифи варзиш ҳунарнамоӣ мекарданд, рӯҳану ҷисман бедор гардида, бо ҳунарнамоии хеш ҳамватанони моро шод менамуданд. Бояд мутазаккир шуд, ки ҳунарнамоии варзишгаре оқибат дар ҳунари дигар бонувон таъсиргузорӣ карда, варзиши занонаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият бахшид. Дар ин мақола кӯшиш ба харҷ додем, ки авзоъ ва аҳволи варзиши занонаро дар кишварамон баррасӣ намуда, омилҳои кам рӯоварӣ намудани бонувонро ба варзиш мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Омӯзиши масъалаи кадрҳо дар солҳои аввали соҳибхтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки ин мушкилотро метавон ба се қисм ҷудо кард:

- якум як гурӯҳ мураббиёни соҳибтаҷриба бо сабабҳои гуногун аз ҷумҳуриамон рафтанд. Онҳо метавонистанд дар инкишофи соҳаи варзиш саҳми босазо гузоранд;
- дуюм гурӯҳи калони мутахассисон бинобар авзоъ ва ҷангҳои таҳмилӣ кор накарданро афзалтар донистанд ва ё аз сабаби кам будани музди меҳнат кор накарданд;
- сеюм як гурӯҳ мутахассисоне, ки сохтори варзишии кишвар ба онҳо умед баста буд,. ба системаи нави хоҷагидорӣ тайёр набуданд.

Барои беҳтар намудани саломатӣ, таъмини тарзи ҳаёти солим, инкишофи ҷисмонӣ ва омодагии инсон ба ҳаёт дар ҷомеа тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш васеъ истифода мешавад. Ин ақида бебаҳс аст. Варзиш барои инкишофи ҷамъиятии насли наврас зарур буда, воситаи муҳимми инкишофи ҳаматарафа ва мутаносиби онон мебошад. Варзиш дар тайёр кардани мутахассисон ҳам аҳаммияти калон дорад. Варзиши ҷиддӣ дар одам як ҳаваси фавқулоддаеро

бедор мекунад, ки муддати тӯлонӣ ва аксар вақт абадӣ боқӣ мемонад. Варзиш воситаи инкишоф додани на танҳо сифатҳои ҷисмонӣ, балки ахлоқӣ ҳам мебошад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш” таъкид шудааст, ки “тарбияи ҷисмонӣ ҷузъи асосии фарҳанги умумӣ, яке аз самтҳои фаъолияти иҷтимоӣ мебошад, ки ба солимгардонӣ, инкишофи ҳамаҷонибаи қобилиятҳои ҷисмонии инсон ва истифодаи онҳо нигаронида шудааст. Спорт воситаи ташкили вақти холии аҳолӣ буда, ба мустаҳкам шудани ҳамфикрӣ, боварӣ, ҳамкорӣ, сулҳу осоиш ва дӯстии байни халқҳо ёрӣ мерасонад” [2, с. 18].

Яке аз авомили монеаэҷодкунӣ ҷиҳати воридгардии бонувони кишвар ба варзиш таассуби динӣ ва ақидаҳои хурофотии аҳли ҷомеа, бавижа, мардони ҷавон маҳсуб мешавад. Чунин тафаккур, ки ба асолати дин ҳеҷ иртиботе надорад, дар замони муосир дар ҷомеа бештар нуфуз кардааст. Ҳатто мардон хоҳарону бонувони дигарро аз машғулшавӣ ба намудҳои гуногуни варзиш бозмедоранд. Аслан, ин масъала аз худи бонувон низ вобаста мебошад, чунки агар онҳо соҳиби маърифати ҳуқуқӣ бошанд, ҳеҷ кас онҳоро хонанишин намекунад. Аз ин хотир, боло бурдани сатҳи ҷаҳонбинии дунявии бонувони кишвар яке аз масоили аввалиндараҷа дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад буд. Бо назардошти тақвият бахшидани тафаккур ва пиндорҳои дунявӣ мо метавонем аз бештари мушкилиҳои ҷойдошта раҳо ёфта, пешрафти кишвари худро таъмин намоем. Бавижа, дар самти варзиш агар мо дорои ақидаҳои дунявӣ набошем, на фақат машғулшавӣ, балки муваффақшавиро дар майдонҳои набарду рақобат аз даст медиҳем.

Дар замони Шуроҳо сарфи назар аз тафаккури шарқӣ дар баробари мардон ба ҷалби занон ба соҳаҳои гуногуни тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш таваҷҷуҳи хосса зоҳир мешуд. Дар он овон мутахассисони баландихтисос аз дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба кишвари мо меомаданд ва дар рушди варзиши занона саҳм мегузоштанд. Масалан, оилаи Сиклауриҳо дар тӯли солҳои бисёре, ки дар Душанбе зиндагӣ мекарданд, ҷиҳати тараққӣ додани тарбияи ҷисмонӣ дар шаҳри Душанбе кори бузургеро анҷом додаанд. Гузашта аз ин, Нина Сиклаури солҳои зиёд пайиҳам қаҳрамони Тоҷикистон дар намуди гимнастика буд. Дар замони шуравӣ занони варзишгар Тоҷикистонро дар мусобиқоти умумииттифоқӣ ва байналмилалӣ бомуваффақият муаррифӣ мекарданд. Эрика Шиллер, Наргис Умарова, Валерия Королева соҳибони медалҳои чемпионати ҷаҳон ва иштироккунандагони бозиҳои олимпӣ буданд [4].

Эрика Шиллер, ки дар Чемпионати ҷаҳон дар соли 1977 дар Швейтсария беҳтарин буд, ҳоло дар Олмон зиндагӣ карда, ба ҳайси хореограф дар мактаби варзишӣ кор мекунад. Ифтихори варзиши тоҷик Зебунисо Рустамова низ маҳсуб мешавад. Зебунисо аз солҳои мактабхонӣ ба варзиш шавқу ҳавас зоҳир карда, минбаъд бо ҳунарнамоии хеш машҳури олам гардид. Зебунисо Рустамова - барандаи медали биринҷии Бозиҳои XXI олимпии Монреал дар соли 1976, дар ҳайати тими миллии СССР чемпиони ҷаҳон шуд. Рустамова се маротиба беҳтарин камонвар дар Аврупо, дорандаи медали нуқраи мусобиқаи дӯстӣ дар соли 1984, чемпиони чандинкаратаи СССР дар солҳои 1975-1987 мебошад [1].

Имрӯз бонувони тоҷик мисли Гавҳар Пулотова - қаҳрамони Аврупо, Лола Валихоҷаева - қаҳрамони ҷаҳон ва Марҳабо Шарифова дар хориҷ аз Тоҷикистон ба ҳайси мураббӣ кор мекунанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон имкон ёфт, ки иштирокчии комилҳуқуқи мустақили ҳаракати ҷаҳонии олимпӣ бошад ва дар он саҳми худро гузорад. Тибқи иттилои Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди ҳукумати Тоҷикистон, имрӯз дар ҷумҳурӣ беш аз 30 ҳазор варзишгар фаъолият мекунад. Дар байни онҳо каме бештар аз ҳазор нафар занон ҳастанд. Дар солҳои истиқлолият варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои байналмилалӣ пирӯзиҳои зиёд ба даст овардаанд: Гулсара Дадабоева ва Галина Митяева (варзиши сабук), Сурайё Ҷумъаева (тирпарронӣ), Нозанин Лутфуллоева (қаиқронӣ ва тирпаронӣ), Гавҳар Раҷабова (камонварӣ), Наталя Шлемова (дар обронӣ), Дилбар Камолова (гуштии озод), Дилбар Султонова (самбо), Шаҳло Муҳаммадраҳимова, Сабина Тағойназарова ва Дилафрӯз Боҳирова (таэквандо) ва бисёре аз бонувони тоҷик бо ҳунарнамоии худ машҳур гардидаанд.

Варзишгари маъруф Сабина Тағойназарова (соли таваллудаш 1993) дар чемпионати ҷаҳон оид ба таэквандо, ки соли 2010 дар шаҳри Минск баргузор гардид, ҷои 1-умро ба даст овардааст [5].

Соли 2009 варзишгари тоҷик Дилбар Камолова бори аввал дар арсаи байналмилалӣ баромад карда, дар мусобиқаи Гран-при дараҷаи «А» оид ба гуштии озод ва юнониву румӣ дар Нитса (Фаронса) ба ӯ муяссар шуд, ки аввалин медали биринҷиашро ба даст орад [3, с.18].

Варзишгари тоҷик Мавзуна Чориева дар соли 2010 дар мусобиқоти қаҳрамонии Осиё оид ба бокс байни занон, ки дар пойтахти Қазоқистон - шаҳри Остона баргузор шуд, аввалин медали тиллои худро ба даст оварда, беҳтарин муштзани ин мусобиқа дониста шуд [6, с. 359].

Дилбар Султонова устоди варзиши байналмилалӣ оид ба самбо мебошад. Дар бисёр мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ширкат варзидааст. Ҳоло дар Хуҷанд ба касби мураббии самбо машғул аст. Ҳамаи далелҳои ёдшуда гувоҳӣ медиҳанд, ки занону духтарони варзишгари тоҷик сазовори муаррифӣ ҳастанд. Мутаассифона, шумораи занону духтарони варзишгар нигаронкунанда боқӣ мемонад.

Бояд мутазаккир шуд, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои Шарқ омилҳои монеашавӣ назар ба авомили рушди варзиши занона бештар мушоҳида шуда, бобати ҷалби бонувон ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ муҳити носозгоре то кунун пазируфта шудааст, ки дар пояи ақидаҳои хурофотӣ бо гузашти айём тақвият меёбанд. Бинобар ин, ҷиҳати рушди варзиши занона дар кишвар бояд дигар сохторҳои сатҳи давлатӣ аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим” дар таҳрири нав (2024) нақши босазое бигзоранд. Гузашта аз ин, на фақат занон, балки мардони ҷавон низ дар мамлакат аз рӯоварӣ ба машғулиятҳои варзишӣ ибо карда, бо мурури вақт бар худ муносиб намебинанд, ки ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ машғул гарданд. Шояд аз ин сабаб аст, ки ҷавонон бештар ба футбол ва гӯштӣ мухлисӣ карда, аз нақши бонувони кишвар дар рушди варзиши миллӣ бехабар мондаанд.

Дар бораи моҳияти варзиши занон сухан ронда, метавон гуфт, ки он як зуҳуроти мутамаркази афзоиши ҳаракати як категорияи махсуси занон аст, ки аз зани маъмулӣ фарқ мекунад. Гузашта аз ин, дар кишварҳои пешрафта шумораи занон дар байни аҳолӣ ба сатҳи баланди варзиш 10-15%, дар Русия ва Украина ҳамагӣ 13% аст [7, с.23].

Аз ин рӯ, ҳоҷат ба гуфтан нест, ки ҳар як зани оддӣ барои варзиш мувофиқ аст, зеро вай барои ноил шудан ба муваффақиятҳои баланди варзишӣ майли табиӣ надорад. Дар ин замина муқоиса кардани параметрҳои морфофунктсионалӣ ва психологии варзишгарони зан бо нишондодҳои заноне, ки ба варзиш машғул нестанд, нодуруст аст, чунонки баъзе физиологҳои варзиш хато мекунанд [8, с. 32].

Аз ин лиҳоз, шартҳои муваффақияти баланди варзишии баъзе занон дар шаклҳои варзиши воло, ки дар як қатор намудҳои варзиши олимпии занона ба сатҳи мардон наздик шудаанд, то ҳол ҳамчун як сирр боқӣ мемонад. Ҳангоми сухан дар бораи муваффақияти варзиш рафтан пеш аз ҳама ҷузъи генетикии онро ба назар гирифтан лозим аст [9, с. 6].

Чунин равиши илмию педагогӣ ба мураббиён имкон медиҳад, ки усули тайёрии варзишии занонро, ки ба мардон наздиканд ва ҳоло дар бисёр намудҳои варзиши занона (хусусан дар варзиши собиқи мардона) истифода мебаранд, бидуни асоснокии илмӣ ва амалии ин ба таври қонунӣ истифода баранд ва далелҳои таҷрибавӣ, ки аз роҳи интуитивӣ мегузаранд.

Ғайр аз мушкилоти дар боло зикшуда таҳлили тадқиқоти илмии ҷамъиятшиносӣ як қатор камбудиҳоро ошкор намуд. Баъзе аз ин камбудиҳо тамоман равшананд. Масалан, агар варзиш ҳамчун васила барои ҷалби бонувон ба иштирок дар барномаҳои рушд истифода шавад, то бонувон тавонанд малакаҳои ҳаётии худро истифода баранд, аммо одатҳои миллӣ баъзан садди роҳ мегардад. Аз ин рӯ, барои иштирок дар фаъолиятҳои гуногуни рушд, бахусус варзиш набудани таҷрибаи ҷалби бонувон мавҷуд аст.

Дар баробари ин, дуруст баҳо додан ба нақши варзиш дар ин равандҳо ниҳоят мушкил боқӣ мемонад. Бонувон, махсусан онҳое, ки аз ҷамоатҳои камбизоат ва дар канор аз таваҷҷуҳ мондаанд, зиндагии душвор доранд. Бо дарназардошти мавҷудияти омилҳои сершуморе, ки ба рушди иҷтимоии онҳо (оила, мактаб, ҷои истиқомат, муҳити ҳамсолон, мансубият ба муҳити муайяни фарҳангӣ ва ғайра) таъсир мерасонанд, дар ин маврид сухан гуфтан мушкил аст. Ин маънои онро надорад, ки варзиш саҳми мусбат намегузорад ё наметавонад, аммо чунин назари танқидӣ ба мо хотиррасон мекунад, ки ҳангоми баҳодиҳии натиҷаҳои

бадастомада бояд дар назар дошта бошем, ки варзиш дар гуногунии омилҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонад.

Пас чӣ бояд кард ва кадом шароитро фароҳам сохт, ки бонувон ба варзиши занона рӯ оваранд? Бояд пеш аз ҳама, муҳити зисту фаъолиятро аз ҳар гуна тафаккури бегонагироӣ пок сохта, сатҳи ҷаҳонбинии дунявии аҳолиро тақвият бахшид. Фақат дар ҳамин сурат ҳам мутахассисони соҳибтаҷриба пайдо мешаванд ва ҳам бонувон ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ҷалб мешаванд. Аз ин хотир, бо назардошти муқовимат бо ақидаҳои хурофотӣ мо метавонем, ки рушди бемайлони варзиши занонаро дар мамлакат таъмин намуда, тавассути навъҳои мухталифи варзишӣ кишвари худро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ кунем. Дилхоҳ ҷомеаро хурофот маъюб месозад. Бинобар ин, мо вазифадор ҳастем, ки зиндагии бонувони кишварро ба ҳаёти бомароми дар пояи афкори дунявӣ рушдкунанда мубаддал созем.

## АДАБИЁТ:


**1.** Ахмедова Елена. Зебунисо Рустамова соперничает с собой // http:// www. asiaplus. tj / articles / 206 / 4672.html. 15.05.2011.

**2.** Закон Республики Таджикистан «О физической культуре и спорте». –Душанбе: 2007. - С. 18.

**3.** Камолова Дилбар. В Ниццу нельзя не влюбиться // http://mv. mail. ru/communitv/progib/journal. 01.04.2011.

**4.** Спортивная жизнь независимого Таджикистана (1991-2003 гг.) – Душанбе: 2004. – 252 с.

**5.** Тагойназарова Сабина. Хочу машину, но буду рада цветам. // http://www.varzish-sport.tj//index. 01.04.2011.

**6.** Ҷасорати мавзуни Мавзуна. Занони Тоҷикистон. Китоби 1. – Душанбе: Адиб, 2012, - С. 359-360.

7. Круцевич, Т.Ю. Половой диморфизм и гендерная политика в вопросах физического воспитания и спорта / Т.Ю. Круцевич, Е.А. Биличенко // Спортивна медицина. - 2011. - № 1-2. - С. 23-27.

8. Коц, Я.М. Спортивная физиология / Я.М. Коц. - М. : Физическая культура и спорт, 1986. - 240 с.

9. Бакулев, С.Е. Прогнозирование индивидуальной успешности спортсменов-единоборцев с учетом генетических факторов тренируемости : автореф. дис. ... д-ра пед. наук / Бакулев С.Е. -Санкт-Петербург, 2012. - 49 с.

10. Винер-Усманова, И.А. Интегральная подготовка в художественной гимнастике : автореф. дис. ... д-ра пед. наук / Винер-Усманова И.А. - Санкт-Петербург, 2013. - 52 с.

11. Волков, И.П. Спортивная психология и акмеология спорта / И. П. Волков ; Балтийская пед. акад. - СПб. : [б.и.], 2001. - 187 с.

**12.** Врублевский, Е.П. Индивидуализация подготовки женщин в скоростно-силовых видах легкой атлетики : автореф. дис. ... д-ра пед. наук / Врублевский Е.П. - Волгоград, 2008. - 48 с.


## ВАРЗИШГАРБОНУВОНИ МУВАФФАҚ


Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшидааст омилҳои рушду бозистии варзиши занонаро дар кишвар баррасӣ намуда, илман исбот намояд, ки чаро дар мамлакат ҷавонон ба рушди варзиши занона муқовимат аз худ нишон медиҳанд. Муаллиф дар баробари нарасидани мутахассисони баландихтисос, боз таассубу тафаккури хурофотии ҳамватанонро дар бозистии варзиши занона қайд намуда, зимни пажӯҳиш ба хулосае омадааст, ки бобати рушду тараққии варзиш мо бояд аввал баъзе тамоилҳои иртиҷоии ҷомеаи Тоҷикистонро бартараф намоем.



**Калидвожаҳо:** *варзиши занона, бозистӣ, рушди тарбияи ҷисмонӣ, тамоюли иртиҷоӣ, тахрибкорӣ, мутахассисони соҳибтаҷриба, ҷавонони хурофотпараст.*


## УСПЕШНЫЕ СПОРТСМЕНКИ


В данной статье автор попытался обсудить факторы развития и выживания женского спорта в стране, а также научно доказать, почему молодежь в стране оказывает сопротивление развитию женского спорта. Наряду с нехваткой высококвалифицированных специалистов автор отметил предрассудки и суеверия соотечественниц в занятиях женским спортом и в ходе исследования пришел к выводу, что для развития спорта необходимо в первую очередь устранить некоторые бунтарские тенденции таджикского общество. Одной из таких повстанческих тенденций в контексте распространения политического ислама является подрывная идеология и пренебрежение к представительницам слабого пола. Прежде чем женщинам заняться спортом, им следует удалить чернила со своей фигуры под давлением нерадивых мужчин. Спорт – единственный вид деятельности, укрепляющий в человеке чувство выбора и свободы.



**Ключевые слова:** *женский спорт, выживания, развитие физического воспитания, бунтарство, вредительство, опытные специалисты, суеверная молодежь.*

**SUCCESSFUL WOMEN ATHLETES**

In this article, the author tried to discuss the factors for the development and survival of women's sports in the country, as well as scientifically prove why young people in the country resist the development of women's sports. Along with the lack of highly qualified specialists, the author noted the prejudices and superstitions of compatriots in women's sports and, during the study, came to the conclusion that for the development of sports it is necessary, first of all, to eliminate some rebellious tendencies in Tajik society. One of these insurgent tendencies in the context of the spread of political Islam is subversive ideology and disdain for the fairer sex. Before women take up sports, they should remove the ink from their figure under pressure from careless men. Sport is the only activity that strengthens a person’s sense of choice and freedom.

**Key words:** *women's sports, survival, development of physical education, rebellion, sabotage, experienced specialists, superstitious youth.*

**Маълумот дар бораи муаллиф :** *Камилова Фазилат Қаҳрамоновна, мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвандӣ, муаллими калони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Телефон (+992) 777.000.566 .эл.почта kfazilat@internet.ru*

**Сведения об авторе:** *Камилова Фазилат Кахрамоновна, заведующий кафедрой физического воспитания и гражданской обороны, старший преподаватель, Международный университет иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзода Телефон (+992) 777.000.566.e-mail.эл.почта kfazilat@internet.ru*

**Informatsiya ob avtors:** *Kamilova Fazilat Kahramonovna, Head of the Department of Physical cultural and Civil Defense, Senior Lecturer, Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulugzoda, Phone (+992) 777.000.566.e-mail kfazilat@internet.ru*

**ТДУ:-370.130..007**

# БОЗӢ ҲАМЧУН ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

***Ҳасанов Ф. З.***

**Донишгоҳи давлатии Данғара**

“Ҳамаи зиндагии мо бозӣ аст” - гуфтааст як хирадманд. Албатта, чунин суханҳоро бо таври гуногун шарҳ додан мумкин аст, аммо он чиз равшан аст, ки бозӣ дар ҳаёти инсон ва дигар махлуқоти зинда нақши муҳим мебозад. Тавассути бозӣ мо иҷрои фаъолияти муҳимми ҳаётиро меомӯзем, қоидаҳои гуногуни рафторро дар ҳаёти маишии ҳаррӯза аз худ мекунем, муошрати иҷтимоиро меомӯзем, дар худ нақшҳои касбиро чен мекунем [13].

Аслан,бозӣ чист ва ба он чӣ гуна баҳо дод? Муҳаққиқон нисбат ба бозӣ нуктаи назари гуногун доранд, аммо он чиз аниқ аст, ки ҳар як бозӣ мақсади муайян, қоида ва ҳамчунон ҷузъиёти ҳаловатро дорост.

Хусусияти таълимӣ доштани бозӣ аз қадимулайём маълум аст. Имрӯзҳо проблемаи нақши истифодаи бозии нутқӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ мавриди баҳси васеи муҳаққиқон гардидааст.

Бозӣ ба хурдсолон кумак менамояд, ки шахсияти эҷодкор шаванд ва ба ҳар кор эҷодкорона муносибат намоянд. Муносибати эҷодкорона чунин маъно дорад, ки кор босифат, дар дараҷаи олӣ иҷро мегардад. Эҷодкорӣ ин мукаммалгардонӣ ва пешравӣ дар ҳамонгуна фаъолият маҳсуб меёбад. Бозӣ ҳам ба калонсолон ва ҳам ба хурдсолон хушҳолии эҷодӣ фароҳам меорад. Хурдсолон ба бозӣ машғул шуда, ҳамеша ба пеш мераванд. Бозӣ ҳамеша ҳалро талаб мекунад, яъне чӣ хел амал кардан, чӣ гуфтан, чӣ тавр ғолиб омаданро муҳайё месозад. Хоҳиши ин ҳама масъала суръати тафаккури бозингаронро афзоиш медиҳад. Аммо, агар хонанда ба забони хориҷӣ фикр кунад, он гоҳ имконнияти васеи таълимии бозӣ ошкор мегардад. Аммо хурдсолон дар ин ҷо фикр намекунанд, зеро барои онҳо бозӣ машғулияти форам аст. Дар бозӣ ҳама баробаранд. Ҳатто хонандагони сустхон дар бозӣ фаъоланд. Эҳсоси баробарӣ, фазои хушҳолӣ ва машғул будан, эҳсоси аз уҳдаи ҳалли масъала бармадан имкон медиҳад, ки хонанда шармгиниро дар истифодаи нутқи бегона бартараф намояд ва бомуваффақият ба омӯзиш машғул шавад. Бо таври шифоҳӣ маводи забонӣ аз худ карда мешавад ва дар як вақт эҳсоси қаноатмандӣ дар хонандагон пайдо мешавад [2]

Бозӣ дар дарс ба иҷрои вазифаи методӣ мусоидат менамояд, омода сохтани хонандагонро аз нукоти равонӣ барои аз худ кардани муошрати нутқӣ ҳал менамояд, тамрини намунаи зарурии нутқӣ иҷро мегардад, ки ин ба нутқи равон бо забони хориҷӣ

меорад. Ба ғайр аз ин ҳар як бозии ашё ё нақошофарӣ имкон медиҳад, ки масъулиятро дар содир намудани хатопинҳон намоӣ ва ин барои дур кардани шиддатнокии психологӣ мусоидат менамояд [13] .

Ҳамаи ин омилҳо водор менамоянд, ки самарабахшии бозиро ҳамчун зарурияти фаъолияти таълимӣ дар раванди таълим истифода барем.

Вазифаи асосии фаъолияти педагогӣ ин танҳо омӯзонидани дониш нест, балки ташкили вазъияти проблемавӣ-маърифатӣ мебошад ва ҳамеша бояд махсусияти инфиродии хонандагон ба эътибор гирифта шавад [1] .

Агар мо дар бораи фаъолияти бозӣ дар раванди таълим сухан кунем, чунин вазифаҳои бозӣ муайян кардв мешавад:

- таълимӣ;
- тарбиявӣ;
- хушҳолкунанда;
- коммуникативӣ;
- психологӣ;
- рушддиҳанда [11].

Акнун дар идомаи кори худ ин вазифаҳоро дида мебароем.

Вазифаи таълимӣ дар инкишофи хотира, диққат, идроки иттилоот, инкишофи маҳорат ва малакаи умумитаълимӣ ҳамчунон муоширати малакаи азхудкунии забони хориҷӣ зуҳур меёбад. Ин чунин маъно дорад, ки бозӣ машғулияти хуб ташкилкарда буда, шиддатнокии эмотсионалӣ ва нерӯи зеҳниро талаб карда, маҷбур менамояд, ки ҳалли заруриро қабул намоем. Хоҳиши ҳал кардин масъалаҳо суръати фикронии хонандагонро зиёд менамояд. Яъне бозӣ дар худ имконияти зиёди таълимиро фаро мегирад.

Вазифаи тарбиявӣ дар он зуҳур меёбад, ки хонандагон муносибати инсондӯстиро нисбати шарики худ меомӯзанд, ҳамдигарфаҳмӣ ва ба якдигар кумак карданро аз худ менамоянд. Ба хонандагон муносибати муошурати нутқӣ омӯзонида мешавад, то ки иттилооти муоширати расмиро аз худ намоянд.

Вазифаи хушҳолкунанда барои фароҳам овардани фазои мувофиқ дар дарс ва шавқовар кардани дарс муосидат менамояд.

Вазифаи коммуникативӣ барои ташкили фазои муошират бо забони бегона, муттаҳидкунии хонандагон, ҷорӣ кардани муносибати эмотсионалӣ-коммуникативӣ, ки дар ҳамкорӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ иҷро мегардад, мусоидат менамояд.

Вазифаи психологӣ барои ташаккули малакаи омодагии ҳолати равонӣ барои азхудкунии ҳаҷми зиёди иттилоот равона мегардад. Ин ҷо истифодаи амалҳои ба ҳаёти воқеӣ наздик карда шуда, барои иҷрои масъалаҳои равонӣ кумак карда метавонанд.

Вазифаи рушддиҳанда барои инкишофи сифатҳои шахсии дар фаъолкунии имкониятҳои шахсӣ зуҳур меёбад [15].

Мавқеъ ва нақши методи бозӣ дар равнди таълимӣ, мувофиқати ҷузъиёти бозӣ бо таълим дар бисёр ҳолатҳо аз дониши омӯзгор дар масъалаи вазифаҳо ва таснифи намудҳои гуногуни бозӣ вобаста аст.

Бозии таълимӣ ин вазифаи махсус ташкилкарда буда, воқеан шиддатнокии эмотсионалӣ ва нерӯи зеҳниро тақозо дорад. Он дар худ вазъиятеро таҷассум менамояд, ки дар вақти бозӣ ҳар як шахс нақши махсус ва мушахасро дорост. Муҳаққиқ М.Ф.Стронин дар таҳқиқоти худ «Обучающие игры на уроках английского языка» бозии таълимиро дар дарси забони хориҷӣ таҳлил намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки дар рафти бозӣ имконияти такроркунии намунаи нутқии ба вазъияти воқеӣ наздик кардашуда иҷро мегардад, ки он проблемаи эмотсионилиро ҳал намуда, барои нутқи фасеҳ ва равон замина фароҳам меорад [135, С.216].

Дар ташкили бозӣ дар синфхона омӯзгор нақши муҳим мебозад. Омӯзгор бояд сад фисад дар самарабахшӣ ва натиҷабахшии бозӣ эътимод дошта бошад, таъмини нозукиҳои рафти бозиро оқилона тарҳрезӣ намуда, онро моҳирона идрок намояд. Содагӣ ё мураккабии намуди бозӣ аз шакли бозӣ, аз шароити сифнхона, аз муносибат ва муошрати хонандагон бо омӯзгор, яъне агар муҷаз бигӯем, аз бисёр омилҳо вобаста аст.

Бозӣ дар дарси забони хориҷӣ хеле муфид мебошад, вале танҳо дар ҳолати иҷрои чунин талаботи он нишонрас мегардад:

- зимни бозӣ вақт бояд сарфакорона истифода бурда шуда, ба ҳалли вазифаҳои таълимӣ равона гардад;
- бояд идорашаванда ва танзимшаванда бошад, кори таълимӣ идора карда шавад ва аз назорат берун шуда дарсро вайрон накунад;
- шиддатнокии дарсро кам карда, фаъолнокии хонандагонро зиёд намояд;
- бояд манфиати таълимиро дар мадди дуюм гузошта, дар мадди аввал лаҳзаҳои бозиро аввалиндараҷа гузошта, то ки бозӣ ҳам таълимӣ ва ҳам дилхушкунанда гардад;
- ба бозӣ ҳамаи хонандагон ҷалб карда шаванд [13].

Дар мавриди таснифи бозиҳо муносибати гуногуни муҳаққиқон мавҷуд аст. Аммо бояд зикр намоем, ки ҳамаи таснифоти барассигашта шартӣ мебошанд ва дар ҳар яки онҳо андешаи мухталиф ва нофаҳмоаро пайдо кардан мумкин аст.

Муҳаққиқони Ғарб, аз қабили Andrew Wrright, David Betteridge, Michace Buckby, Jill Hadfield ва дигарон бозиҳои таълимиро ба забонӣ ва коммуникативӣ тасниф мекунанд. Ба андешаи онҳо ба бозиҳои забон он бозиҳоро нисбат додан мумкин аст, ки дар вақти иҷрои он коркарди маводи забонӣ дар дараҷаи грамматикӣ ё лексикӣ амалӣ карда мешавад. Ба бозиҳои коммуникативӣ бозиҳое нисбат дода мешаванд, ки дар вақти ташкили гузаронидани онҳо омӯзгор ба хусусият, мазмун ва усули ҳакмории нутқӣ дахолат карда наметавонад ва хонандагон намунаи нутқиро худ интихоб намуда, баён менамоянд [13].

Ба қисмати дуюм ҳамаи муаллифони дар боло ёдрас шуда бозиҳои ҳамкориии тарафайн ва бозиҳои мусобиқавиро дохил мекунанд. Яъне ба гурӯҳи аввал бозиҳое дохил мешаванд, ки дар ташкили онҳо барои ҳалли дар пеш гузошта кӯшиши гурӯҳӣ зарур аст.

Дар гурӯҳи дуюм мусобиқа байни ширкаткунандагон хусусияти асосии бозиро ташкил медиҳад. Аммо бояд онро махсус қайд намуд, ки ҳамаи намудҳои бозиҳои гурӯҳӣ хусусияти мусобиқавиро доро мебошанд, зеро бозӣ ин худ хусусияти мусобиқаро дошта, дар он бартарии инфиродии ҳар як иштироккунанда ошкор карда мешавад [13].

Муҳаққиқ М.Ф.Стонин, ки ба омӯзиши нақши бозиҳо дар омӯзиши забони англисӣ машғул аст, низ таснифоти махсусро дар ин маврид ирсол доштааст.

1. Бахши аввал грамматикӣ, лексикӣ, фонетикӣ, орфографӣ буда барои ташаккули малакаҳои забонӣ равона гардидааст. Номи онро муҳаққиқ “Бозиҳои омодагӣ” номидааст, зеро, бо гуфти муаллиф, азхудкунии маводи грамматикӣ ин гузариш ба нутқи фаъол мебошад. Маълум аст, ки машқи хонандагон дар мавриди сохторҳои грамматикӣ, ки такрори зиёдро талаб мекунад, бо дилгиркунандагӣ хонандагонро зуд хаста менамояд ва ҳаловат намеорад. Бозӣ бошад, дар навбати худ кори дилгиркунандаро шавқовар ва дилхушкунанда мебошад.

Аз паси бозиҳои грамматикӣ бозиҳои лекисиктӣ меоянд, ки мантиқи таҳкурсии нутқиро бунёд месозанд.

Бозиҳои фонетикӣ барои ислоҳкунии талаффуз дар давраи ташаккули малакаву маҳорати забонӣ истифода мешаванд.

Барои маҳорату малакаи нутқи хаттӣ бозиҳои орфографӣ пешниҳод гардида, асоси мушкилоти нутқи хаттиро ҳал менамоянд. Аксари бозиҳоро ҳамчун машқ дар марҳилаи ибтидоӣ ва минбаъд дар мустаҳкамкунии малакаву маҳорати забонию нутқӣ истифода намудан ҷоиз аст [13].

Қисмати дуюм номи “Бозиҳои эҷодӣ”-ро гирифтааст. Мақсади асосии ин бозиҳо минбаъд ташаккул додани малакаву маҳорати нутқӣ мебошад. Имконияти нишон додани мустақилият дар ҳалли супоришҳои нутқию фикрӣ маҳз дар бозиҳои нутқӣ амалӣ мегарданд.

Имрӯзҳо яке аз шаклҳои ташкили раванди таълиму тарбия, ки ба болоравии шавқмандии хонандагон ва волидони онҳо мусоидат менамояд, ин ҷалб кардани хонандагон ба фарҳанги бегона ва истифодаи технологияи бозӣ дар раванди таълим маҳсуб меёбад.

Аҳамияти раванди мувофиқати психологии маърифат дар бозӣ дар асарҳои педагогҳо ва психологҳои маъруфи солҳои гуногун инъикос гардидааст. Дар ин ҷода саҳми олимони аврупоӣ ба мисли Дюм, Пиансе, Фром ва дигарон калон аст. дар педагогика ва психологияи рус ва кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил муҳаққиқони варзида ба мисли П.П.Блонский, Д.Б.Элконин, О.С.Гасман, С.А.Шманов ва дигарон дар ин мавзуъ нақши назаррас гузоштаанд.

Таҳлили адабиёти муосир оид ба омӯзиши забони хориҷӣ нишон дод, ки талабот ба истифодаи технологияи бозӣ имрӯз низ яке аз масъалаи мубрам маҳсуб меёбад.

Маълум аст, ки бозиҳо дар омӯзиши забони хориҷӣ мавриди истифода қарор гирифта, намуди махсуси маводи дидактикӣ ба шумор рафта, барои афзун намудани шавқмандии маърифатии хонандагон истифода мешаванд. Илова бар ин, бояд махсус қайд намоем, ки бозиҳои забонӣ на танҳо иттилооти дилхушкунандаро доро мебошад. Азхудкунии донишҳо ва маҳорати лингвистӣ-кишваршиносӣ дар шакли бозӣ ниҳонанд, ки ин имкон медиҳад хонандагон хотираи худро мустаҳкам намоянд тахаюлоти эҷодии худро инкишоф диҳанд, малакаҳои муоширатиро устувор намоянд. Ба муҳити забон ғута зада, ба муҳити забон шомил гардида, технологияи бозиро истифода бурдан имкон медиҳад, ки бо ҳаҷми зиёд иттилооти лингвистӣ-кишваршиносиро дар муҳлати кӯтоҳ хонандагон аз худ намоянд.

Азбаски вазифаи асосиии фанни забон ин ташаккули маҳорати коммуникативӣ мебошад, дар мадди аввал ҳавасмандӣ ва натиҷабахшии бозӣ гузошта мешавад. Бозӣ ин машғулияти хоҳишмандона мебошад, ба бозӣ маҷбур кардан имконнопазир мебошад, ба бозӣ танҳо бо дилхушӣ машғул шудан мумкин аст. Хонандагон меъёрҳо баҳо ва вологузории маърифатии худро доранд. Чӣ хел бояд кард, ки бозии пешниҳод шуда дар хонандагон ҳавасмандӣро ба омӯзиши забони англисӣ бедор намояд ва фаъолияти хонандагон аз бозӣ ба таълим гузарад.

Бозӣ чун дигар шаклҳои фаъолият бояд тибқи принсипҳои муайян ба роҳ монда шавад. Мувофиқи донистани асосии ташкили фаъолият бозиро натиҷабахшии он муайян менамояд. Якчанд талаботро дар гузаронидани бозиҳои линггвистӣ меорем, ки ба андешаи мо ба инобат гирифтани онҳо хеле муҳим мебошад. Аз ҷумла:

- дастрасии бозӣ барои ҳамаи ширкаткунандагон;
- тафтишкунии зебоипарастии бозӣ;
- ҳуқук доштан ба хато кардан ва интихоби фаъолият;
- хусусияти мусобиқа доштани бозӣ.

Гузориши мақсаднок дар бозиҳои лингвистӣ бояд кушод озод ва мафтункунанда бошад. Дар дастурамали бозӣ дар мадди аввал бояд мафтункунандагӣ ва диққатҷалбкунандагиро дар фаъолияти дар пеш истода муҳим донист. Натиҷаи ниҳоӣ низ мафтункунанда бошад, зеро натиҷа муҳим аст. Шавқмандии сунъӣ ҳавасмандиро афзоиш медиҳад, машғулиятҳоро ҳолати эмотсионалӣ мебахшад.

Бозиҳои лингвистӣ бояд барои ҳамаи хонандагон дастрас бошад ва ширкати ҳама ва ҳар кас муҳим мебошад. Инро ташкил кардан он қадар кори мушкил нест ва танҳо хонандагонро пешакӣ ба бозӣ омода намудан ва фаъолияти гуногунро дар вақти бозӣ ба хонандагон пешниҳод намудан зарур аст. Дар вақти бозӣ имкониятҳои инфиродии ҳар як хонанда ошкор мегардад ва ҳар як ширкаткунанда қобилият, маҳорат, малака ва дониши худро нишон медиҳад. Агар хонанда дар бозӣ комёбӣ нишон диҳад ва таҳсин шунавад, дар ӯ хоҳиши идома додани бозӣ боз ҳам бештар мегардад.

Бозиҳои лингвистӣ бояд "зебо" бошанд ва таваҷҷуҳи хонандагонро ҷалб намоянд. Ин танҳо на аз рӯйи мазмуну мундариҷа балки аз рӯйи шаклу намуд бояд ба талаботи мақсади дидактикии бозӣ мувофиқат намояд. Чунончи, истифодаи матнҳо дар мисоли ҳикояҳо,чистонҳо, зарбулмасалҳо, тезгӯякҳо ва нақшаҳо, яъне расми растаниҳо меваҷот, сабзавот ба бозӣ шукуҳ мебахшад ва хонандагонро ба худ ҷалб менамояд. Ҳамаи синфхона ва дигар ашёҳо вобаста ба вазъияти бозӣ шиддатнокии эмотсионалиро паст намуда хонандагон ба бозӣ бо шавқу ҳавас машғул шуда, вазифаҳои таълимиро аз худ менамояд.

Ислоҳи хатоҳо дар бозиҳои лингвистӣ кори махсус мебошад. Набояд барои ислоҳи хатоҳо шитоб намуд ва бозиро манъ карда, ин корро анҷом дод. Ин ба рафти бозӣ халал ворид менамояд ва эътимоднокиро дар байни хонандагон аз байн мебарад. Хеле хуб мешуд, ки хатоиро дар вақти ҷамъбасти намудани натиҷаи бозӣ ислоҳ намуд ва ба хонандагон холҳояшонро эълон намуда, камӣ ё зиёдии холҳоро вобаста ба комёбӣ ва нокомии хонандагон дар рафти бозӣ эълон намуданкори муҳими педагогӣ мебошад. Аз нукоти таълими коммуникативӣ барои лингвист ҳамчун машқи нутқи дар дарси забони хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Бояд эътироф намуд, ки хонандагон ҳуқуқи хато кардан ва интихоби фаъолиятро доранд. Имконияти худро ислоҳ кардан, ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли беҳтар ба

хонандагон бовариро ба худ зиёд менамояд ва онҳо худро дар фазои озоди психологии бозӣ ва таълим ҳис менамоянд.

Мусобиқа ҳамчун шакли гузаронидани бозӣ дараҷаи баланди қобилияти зеҳнӣ ва донистани иттилооти зиёди лингвистӣ-кишваршинпяосиро нишон медиҳад. Истфодаи зиёди зарбулмасалҳо тезгӯякҳо шеъру суруд, номҳои геогрconsiderрафӣ, намунаҳои матнҳо ба натиҷаи дидактикии бозиҳо таъсири зиёд мебахшанд. Бештари бозиҳо, ки хусусияти мусобиқаи гурӯҳиро доранд. Барои нишон додани қобилияти эҷодии инфиродии хонандагон мусоидат менамояд, ҳисси масъулиятро дар ширкаткугнандагони бозӣ боло мебардоранд ва онҳо ба натиҷаи бозӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд.

Бозии мусобиқавӣ ин худро бо дониш маҳорат ва малака нишон додан аст ва ин ҷо таваҷҷуҳ ба бозиҳои хусусияти мусобиқа доштаромеафзояд.

Меъёри баҳо додан ба фаъолияти бозӣ умумӣ мебошад, яъне орфоэпикӣ, грамматикӣ, амалӣ буда, суръати иҷро, сифати иҷро ва саҳеҳияти иттилоот муҳим мебошад.

Агар аз навиштаҳои боло натиҷагирӣ намоем, онро зикр кардан ҷоиз аст, ки мақсади ҳар як бозии лингвистӣ ба ташаккул додани салоҳияти коммуникативӣ равона аст. Салоҳияти коммуникатвӣ ин зинаи олии аз худ кардани забони хориҷӣ маҳсуб ёфта, истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълим нақши назаррас мебозад.

## АДАБИЁТ:


1. Арсентьева, Р.П. Игра-ведущий вид деятельности в дошкольном детстве - Форум, 2009. -144 с.
2. Винникова, И.В. Игры на развитие психических процессов. Начальная школа – 2002. - № 3. - С. 25 - 28.
3. Ганина, Н.С. Игровые технологии на начальном этапе обучения - Альманах школы, 2007. № 139. - С. 67 - 68.
4. Лутфуллоева П. Истифодаи бозӣ дар дарсҳои забони англисӣ. Дастури таълимӣ – методӣ. Душанбе – 2021. 52 саҳифа.
5. Зайнуллина, Г. М. Игровые технологии на начальном этапе обучения - Альманах школы 2007. № 139. - С. 68 - 69.
6. Занько С. Т, Тюников Ю.С. Игра и учение. М.: Логос, 1992, ч. 1. – 125 с.
7. Зеньковский В.В. Проблемы воспитания в свете христианской антропологи - Клин: Фонд "Христианская жизнь", 2002. - 200 с.
8. Конышева, А.В. Игровой метод в обучении иностранному языку - СПб.: КАРО, Мн.: Издательство «Четыре четверти», 2006. -192 с.
9. . Кулагина, И.Ю. Возрастная психология (Развитие ребенка от рождения до 17 лет): Учебное пособие.4-е изд. - М.: Изд-во Ун-та 1996 - 120 с.
10. Курбатова, М.Ю. Игровые приемы обучения грамматике английского языка на начальном этапе- ИЯШ, 2006. № 3.
11. Петричук, И.И. Еще раз об игре – ИЯШ, 2005. № 2. – С. 40-41
12. Пучкова, Ю. Я. Игры на уроках английского языка - М.: АСТ, 2003.
13. Сафонова В.В, Соловова Е.Н, Программа начального образования по английскому языку – М.: АСТ: Астрель, 2006. – 47 с.
14. Соловова, Е.Н. Методика обучения иностранным языкам: продвинутый курс – М.: АСТ: Астрель, 2010. – 272 с.
15. Фаттахова, Л. Т. Игровые технологии на начальном этапе обучения - Альманах школы, 2007. № 139 - С. 73- 75.
16. Шарафутдинова, Т.М. Обучающие игры на уроках языка, 2005. №8.Раз


## БОЗӢ ҲАМЧУН ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ


Дар мақола муаллиф нақши бозиҳои дидактикиро дар омӯзиши забони хориҷӣ баррасӣ намуда, инчунин мақом ва мавқеи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ хеле равшан нишон дода шудааст. Ҳамчунон муаллиф таснифи бозиҳоро, ки аз тарафи муҳаққиқон пешниҳод гаштааст, оварда, саҳеҳият ва дурустии онҳоро таҳлил намудааст. Дар идома бозиҳои коммуникативӣ ва лингвистӣ таҳлил шуда, нақши чигунагии бозиҳо дар ташаккули салоҳияти коммуникативӣ ва азхудкунии забони хориҷӣ хеле равшан нишон дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** *бозиҳои дидактикӣ, коммуникативӣ, лингвистӣ, лексикӣ, грамматикӣ, орфографӣ, фонетикӣ, салоҳияти забонӣ, салоҳияти нутқӣ, нутқи равон ва фасеҳ, иттилооти лингвистӣ-кишваршиносӣ.*

**ИГРА КАК ОБРАЗОВАТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ В ИЗУЧЕНИИ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА**

В статье автор рассмотрел роль дидактических игр в изучении иностранного языка. Наглядно показаны роль, статус и положение дидактических игр в обучении иностранному языку. Также автор представил предложенную исследователями классификацию игр и проанализировал ее точность и корректность. Далее анализируются коммуникативно-лингвистические игры, наглядно показывается роль игр в формировании коммуникативной компетенции и овладении иностранным языком.

**Ключевые слова:** *дидактические игры, коммуникативная, лингвистическая, лексическая, грамматическая, орфографическая, фонетическая, языковая компетентность, речевая компетентность, беглая и красноречивая речь, лингвонациональная информация.*

**GAME AS AN EDUCATIONAL ACTIVITY IN STUDYING A FOREIGN LANGUAGE**

In the article, the author examined the role of didactic games in learning a foreign language. The role, status and position of didactic games in teaching a foreign language are clearly shown. The author also presented the classification of games proposed by the researchers and analyzed its accuracy and correctness. Next, communicative and linguistic games are analyzed, the role of games in the formation of communicative competence and mastery of a foreign language is clearly shown.

**Key words:** *didactic games, communicative, linguistic, lexical, grammatical, spelling, phonetic, language competence, speech competence, fluent and eloquent speech, linguistic-national information.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Ҳасанов Ф.З. – номзади илмҳои педагогии кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара, Тел.:988125156, E.mail.: farxod-xasanov@inbox.ru.*

**Сведение об авторе:** *Хасанов Ф.З. – кандидат педагогических наук, кафедра иностранных языков, Дангаринского государственного университета, Тел.:988125156, E.mail.: farxod-xasanov@inbox.ru.*

**Information about the author**: *Hasanov F.Z. – Candidate of Pedagogical Sciences, Department of foreign languages, Dangara state University, Тел.:988125156, E.mail.: farxod-xasanov@inbox.ru.*

**УДК. 82.0**

# РОЛЬ ВТОРОСТЕПЕННЫХ ПЕРСОНАЖЕЙ В СОЗДАНИИ ХАРАКТЕРА ГЛАВНОГО ГЕРОЯ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ПРОИЗВЕДЕНИЯ

***Рустамова Г., Шарипова Х.***

**Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана**

Художественный образ – это главный компонент художественного текста. Он объединяет в себе содержание и форму художественного произведения. Это самая сложная литературоведческая и философская категория, обладающий самостоятельной жизнью и содержанием, для изучения которой используют общефилологические методы - литературоведческий, лингвостилистический, лингвопоэтический. «С художественностью, - по мнению Е.Б. Борисовой, - связаны представления об органичности, цельности, непреднамеренности, творческой свободе, оригинальности, вкусе, чувстве меры. Источником художественности является действительность, вторично отраженная в содержании произведения. Прекрасное в жизни превращается в красоту искусства благодаря тому, что отражение жизни в творчестве осуществляется сквозь призму идеала прекрасного, который сам обладает красотой в меру своей истинности, народности и гуманистичности. Художественность предполагает также органическое соответствие формы содержанию, достигаемое талантом, мастерством и вдохновением творца и возможное только в том случае, если содержание выражает идейно-эмоциональное отношение художника к действительности в ее эстетическом значении» [5,с.5].

Несмотря на то, что изучение художественного образа привлекает различные методы лингвостилистики, лингвопоэтики, литературоведения, лингвокультурологии, социолингвистики, психолингвистики, истории, философии, социологии, ведущим подходом является литературоведческий.

По характеру художественные образы бывают индивидуальные, характерные, типичные, образы – мотивы, архетипы, топосы и др.

Индивидуальные образы в художественном произведении характеризуются неповторимостью.

Характерные образы являются обобщающими.

Типичные художественные образы – это главная цель реалистической литературы.

Образ-мотив – это тема, которая, обычно часто повторяется в творчестве какого-либо писателя тема.

Топос – это типичные образы, которые можно наблюдать в творчестве многих писателей.

Архетипы – это мифологические образы.

Независимо от этих видов каждый художественный образ отражает социально-исторические приметы определенной эпохи.

Говоря о характере художественного образа и его разновидности важно отметить о формах присутствия человека в художественном произведении. Формы присутствия различны – это может быть образ автора или другое лицо.

Наше обращение к теории литературного персонажа связано с его миросозерцательной и гуманитарной актуальностью.

Художественный образ – это категория, которая отражает важные аспекты художественного сознания, «способ и пространство художественного освоения мира, существования и общения в искусстве. Художественный образ существует как идеальная структура в отличие от произведения искусства, материальной реальности, восприятие которой рождает художественный образ [8, с. 300].

Художественный образ – это продукт воображения писателя, проявление которого осуществляется целым комплексом выразительных средств, с помощью которых выражен художественный образ.

Цель статьи заключается в выявлении роли второстепенных персонажей в создании характера главного героя в романе Аброра Зохира «Завол» («Закат») с точки зрения его художественной структуры. О творчестве Аброра Зохира в своих статьях отмечали А. Сайфуллоев (2006), Ш. Исрофилиён (2011), М. Салим (2013), А, Идизода (2013), Бахман (Бахман), С. Саидов (2014).

Художественный образ в литературном произведении делится на главный и второстепенный. Второстепенные образы, принято считать персонажем. «Персонаж (франц. personnage, от лат. persona — личность, лицо) — действующее лицо драмы, романа, повести и других художествспиых произведений. Термин «П.» чаще употребляется применительно к второстепенным действующим лицам» [20,с. 267].

Как говорит Декарт: «Определяйте значение слов, и вы избавите мир от половины заблуждений», термин «персонаж» иногда заменяют понятиями «действующее лицо» или «литературный герой», хотя это разные термины, его также используют для обозначения всей системы образов-персонажей и особенностей композиции. Персонаж – это важнейшее «звено» в составе художественного произведения, одна из констант эпоса и драматургии. Слово «персонаж» взято из французского языка и имеет латинское прохождение, им римляне обозначали маску, которую надевал актёр. Часто персонаж называют «литературным героем» или «действующим лицом». «Словосочетание «литературный герой» подчёркивает позитивную роль, яркость, исключительность изображаемого человека, а словосочетание «действующее лицо» – тот факт, что персонаж проявляет себя преимущественно в совершении поступков [23, с. 159].

Персонаж (фр. personnage; от лат. persona – особа, маска, лицо) – это художественный образ субъекта действия, наделенного духовным ядром (или его подобием), чертами наружности и поведения. Персонажами могут становиться образы не только людей, но и образы животных, растений, неодушевленных предметов, природных стихий (преимущественно в сказках, баснях, балладах), ангелов, демонов, олицетворенных добродетелей и пороков (мистерии, моралите), а также вымышленных, фантастических существ (научная фантастика, гротескная образность); порой персонаж-человек превращается в животное и наоборот. Но и там, где персонаж не имеет человеческого облика, он предстает как одушевленное подобие человека, воспринимаемое извне как целостность, как феномен, способный действовать» [12, с.9].

В современном литературоведении персонаж рассматривают, с одной стороны, как явление, в котором нет необходимости (имеется ввиду - литературная практика модернистских течений – Х.Ш.). Вполне доступно и прозрачно об этом высказался Н. Саррот, по мнению которого, «сегодня от персонажа осталась только тень» [17, с. 189, 190], другой, делается попытка свести отношения автора с персонажем к равноправию [6, 193 с.]. Эти

тенденции привлекли, в свою очередь, внимание исследователей к проблеме второстепенных персонажей [2, с. 78 − 129].

Для теоретического рассмотрения персонажа важны работы М.М. Бахтина, по мнению которого, изучение эстетики поведения в авторском видении - это интонация, жест, мимика, движение, поза и т.п. имеет важное исследовательское значение [3,с.34]. Наиболее емкое определение литературному персонажу дал Л.Я. Гинзбург: «Литературный персонаж − это, в сущности, − серия последовательных появлений одного лица в пределах данного текста» [7, 220 с.], следовательно, именно персонажи образуют основу художественного мира, именно от них зависит сюжет произведения, конечно, невозможно при этом не учитывать места персонажа в системе других персонажей, от рода и жанра произведения [25, с. 198]. В некоторых случаях персонаж, как субъекта изображаемого действия (акции), называют французским словом «актанты», т.е. «действующий». Следует отметить, что система связей между персонажами очень сложная – она охватывать огромное число персонажей, которые связаны между собой в зависимости от темы, а вот по поводу термина «герой» М.М. Бахтин предложил увидеть в человеке условие художественного видения и его предмет [3, с.154,155]. Термином «герой» также обозначают субъекта, в котором происходит самоактуализация автора и читателя [21, с. 41].

Таким образом, литературный персонаж играет в художественном произведении важную роль, им может быть личность, животное, растение, ландшафт, утварь, фантастическое существо, понятие. Роль персонажей можно поделить их на главных (первого плана), побочных (второго плана) и эпизодических, а с точки зрения их участия в развитии событий – на поступающих (активных) и пассивных.

В романе А. Зохира «Завол» персонаж Аланазар – предводитель кочевников играет важную роль в развитии сюжета. В его описании мы видим писателя как мастера портретирования внешнего облика персонажа.

Рассмотрим, каким образом писатель описал образ Аланазара – предводителя кочевников, не забывая о том, что персонаж является прямым выражением внутреннего мира автора, то есть, как отмечал Ш.- О. Сент-Бев, «произведение и действующие в нем персонажи связаны с врожденными психологическими особенностями, природным темпераментом гениального автора» [18, с. 5 − 11].

Портрет героя романа А. Зохира в романе «Завол» складывается в основном на основе описания его внешнего облика и диалогов с Джеймсом, который прекрасно владел персидским языком и выдавал себя за таджика. Уже в начале повествования, когда Джеймс, уставший и голодный, убегая от волков, встречает кочевников, перед ним появилась крепкая фигура их предводителя, для описания которого автор использует такие прилагательные, как «тануманд» (крепкий, плотный), «чашмони мешӣ", "лабони равғанолуд" (маслянные губы), "абрувонаш ба ҳам омада" и др.

«Марди тануманд, ки мақоми сарвари қабиларо ба уҳда доштааст, паҳлӯи Ҷеймс қарор гирифт» (С.17).

«Крепкий мужчина, который имел статус предводителя племени, присел рядом с Джеймсом».

С внешностью Аланазара мы знакомимся и по следующим описаниям: «Сарвари қабила бо таассуф сар ҷунбонда лабони равғанолудашро ба ҳам фишурд, абрувонаш ба ҳам омада чашмони мешияш танг шуданд» (С. 19); «Глава племени с сожалением покачал головой, сжал маслянистые губы, брови его сошлись, а глаза сузились» (с. 19);

«Сарвари қабила, ки исмашро Аланазар номбар намуд, бо корд аз устухон гӯштро ҷудо карда ба даҳон мепартофт» (С.20); «Глава племени, которого звали Аланазар, срезал ножом мясо с костей и бросил его себе в рот» (с. 20).

Аланазар – предводитель кочевых племен, был уважаем и почитаем в среди соплеменников, об этом свидетельствуют некоторые действия, происходящие вокруг Джеймса в момент их встречи:

"Ду-се нафар бо фармони сарварашон зуд гӯсфандеро дасту по баста дар рӯшании оташ сар заданд" (С.17);

"Два-три человека по приказу своего предводителя забили барана под светом огня".

Главный герой, попав в чуждую для него обстановку, начинает новую страницу своей жизни. Джеймса – человека, которого всю его сознательную жизнь после смерти отца,

готовили забирать сказочные богатства восточных стран, описанные в трудах греческих, римских и арабских историков и пу-тешественников, удивляла кочевничья жизнь этих людей - хозяев просторов, существование которых зависит от корма для скота – поскольку животным постоянно были необходимы новые пастбища, они были вынуждены постоянно передвигаться с одного места на другое. Попав к ним, главный герой открывал для себя новую жизнь, он видел, что эти люди, несмотря на свою безграмотность, глубоко верующие люди, у них есть свои правила, законы, принципы. Как отмечает С. А. Мартьянова, "Персонажи представляют собой своего рода двуплановую целостность, порожденную прежде всего авторским эмоционально-оценочным освещением, но также восприятием, оценкой, которые "осуществлены" другим персонажем" [12, с. 27], диалог между Аланазаром и Джеймс полностью раскрывает перед читателем, с одной стороны, мировоззрение кочевых племён, с другой – хорошую подготовку Джеймса, выдававшего себя за мусульманина, его знание языков, Корана и шариата. Будучи английским миссионером, он был обязан обманывать мусульман и выкачивать природные богатства из мусульманских стран, эксплуатировать туземцев, как рабочий скот, и все произведенное ими переправлять в Англию:

"– Халпа, китоб бор, мехонед? – ба Ҷеймс рӯ овард сарвари қабила.

– Чӣ хел китоб?

– Китоб… – кафи панҷаҳояшро чун ду паллаи китоби кушода ба ҳам пайваста, монанди китобхонҳо ба он чашм давонд. Дар лабони Ҷеймс истеҳзои нозук падид омад, вале онро чун нишони дарки масъала маънидод намуда ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

– Бале…

– Китоб обкелинг, – рӯ овард ба яке аз ҷавонмардон, ки ба қассобон кӯмак мерасонд. Ҷавон ба яке аз хаймаҳо даромада муддате нагузашта дар даст китоби ҷилдкаш ҳозир шуд. Сарвари қабила китобро ба даст гирифта, бе он ки аз рӯи эҳтиром онро бӯса карда, ба дида молад, ба дасти Ҷеймс дароз кард. Ҷеймс чуноне, ки дар Балх дида буд, аввал китобро тавоф кард ва сипас онро кушод.

– Қуръони Шариф…

– Аз Шарип не, аз ман…

– Фаҳмидам, ки аз шумост… – лаб газида табассумеро, ки аз дилаш нумӯъ мекард, дар лабонаш кушт" (С.18).

Перевод:

- Халпа, есть книга, будешь читать?» - обратился к Джеймсу предводитель племени.

- Какая книга?

- Книга... - он сложил ладони вместе, как если бы это была книга и сделал вид, будто читает ее. На губах Джеймса мелькнула незаметна улыбка, но он воспринял это как знак понимания и одобрительно кивнул головой.

- Да...

- Возьми книгу, - обратился он к одному из молодых людей, помогавших мясникам. Юноша вошел в одну из палаток и вскоре появился с переплетенной книгой в руке. Глава племени взял книгу и протянул ее Джеймсу, не целуя из уважения. Джеймс, как он видел в Балхе, сначала обошел книгу, а затем открыл ее.

- Святой Коран...

- Не от Шарипа, от меня...

- Я понимаю, что это от тебя... - он закусил губу и убил улыбку, таившуюся в его сердце" (С.18).

Судя по диалогу предводитель племени, протягивая Джеймсу священную книгу Коран, не поднес ее к глзам, как это делают мусульмане, однако рассуждения его, как покзывают другой диалог, гуманны, например:

«– Ватану сарҳади кишварро одамон худ сохтаанд. Вагарна Худованд барои ҳамаи бандаҳояш як дунё офаридааст. Агар барои ҳар қавму миллат дунёи дигар месохт, он гоҳ зиддияту душманӣ маъно пайдо мекард, – гуфт Аланазар» (С. 29).

«- Родину и границы страны создали сами люди. В противном случае Бог создал один мир для всех своих слуг. Если бы он построил свой мир для каждого народа и нации, тогда противоречия и вражда имели бы смысл, сказал Аланазар» (с. 29).

Однако Аланазар не безбожник, он глубоко религиозный человек, но не образован живет по законам степи. О религиозности людей племени, их вере в бога сообщает другой диалог:

«Ҷеймс сураеро ба хондан сар кард. Ҳама хомӯш шуданд. Дар фарҷоми китобхонӣ сарвари қабила ба китфи Ҷеймс навозишкорона панҷаи таҳсин гузошт.

– Сен яхшӣ мулло ” (С. 18).

“Джеймс прочитал одну из сур. Все замолчали. Когда Джеймс закончил читать, предводитель племени мягко, одобрительно положил руку на его плечо.

- Ты хороший мулла.”

Сюжет, связанный с племенем показывает читателю маршрут Джеймса по пути к Бухаре, его суть, как человека, природу чужака среди чистых неиспорченных корыстью людей.

Также характеристику внешности героя мы получаем посредством анализа его речи.

Интересен момент, показывающий различие в их воспитании:

“Қассобе дунбаи сафеди гӯсфандро пеши ӯ овард. Сарвари қабила кордро аз ғилоф кашида пораеро аз дунба бурида ба даҳон партофт ва хомохом хоида фурӯ бурд. Сипас кордро ба Ҷеймси сармозадаву гурусна, ки базӯр худро нигоҳ медошт, дароз кард.

– Гир, хӯр…

– Ташаккур, – кордро аз дасти ӯ гирифта пораеро аз думба бурид ва онро ба нӯги кор хаста ба оташ дод.

Равған ҷаз – ҷаз об шуда чакра-чакра рӯи оташ мечакид. Ҷеймс ба пурра пухтани он маҳтал нашуда, равғани нимхомро ба дандон гирифт ва саросема хоид. Пиндошт сарвари қабила ҳам гуруснааст, ки ба пухтани он тоқат накарда, бо осемасарӣ гӯштро хомохом хӯрда нафси саркашаш қонеъ месозад” (С. 19).

Перевод:

«Мясник принес ему баранний курдюк. Глава племени вынул нож из ножен, отрезал кусок курдюка, сунул его в рот и жадно проглотил. Затем он протянул нож замерзшему и голодному Джеймсу, который едва мог держаться.

- Возьми, поешь...

- Спасибо, - взял у него нож из рук, отрезал от кусок курдюка и поджег его.

Жир медленно таял и капал на огонь. Понимая, что и вождь племени тоже голоден и не хочет долго ждать, Джеймс взял полусырой жир и начал торопливо его жевать» (с. 19).

Все эти примеры показывают как с помощью перонажей, автор глубже раскрывает характер главного героя - Джеймса, в задачу которого входило обеспечить междоусобицы, произвол и анархию во всех мусульманских странах. Эти примеры также иллюстрируют особенность духовной жизни простых кочевников, возникшей под влиянием кочевания, героя изумляет их человеколюбие, гостеприимство, свободолюбие, воинственность, доверчивость. До встречи с ними герой имел другие цели, а теперь его планы в корне изменились, ему было необходимо изучить быт этих племен, традиции и отложить на определенное время поездку в Хатлон. Теперь он вместе с кочевниками ходил за скотом, и везде, где они останавливались. Джеймс публично напоказ растилал свой коврик и совершал молитву. Кочевники восхищенно с упованием слушали его голос, когда он читал аяты из Корана. Необразованные, примитвные, наивные кочевники племени, совершенно невежественные в религиозном отношении, слепо верили в то, что он мусульмнин и зовут его Халифой Хакдодом. Это имя для него когда-то выбрали по просьбе дяди его гости. Аланазар в знак уважения к Халифе Хакдоду приставил к нему помощника.

Некоторое представление о его отношении можно получить из диалога, например, простого бедного старика:

«– Ватани мову шумо паси кӯҳҳои Олтой аст. Замоне species бобоёнамон пушти чорво ба ин ҷойҳо омадаанд, – гуфт пирамарди камриши қоқина, ки ӯро Тошмат меномиданд» (С. 29).

«- Наша Родина находится за Алтайскими горами. Когда-то наши деды приезжали в эти места на спине скота, - рассказывал старик с короткой бородой, которого звали Тошмат» (с. 29).

Таким образом, можно заключить, что персонажи в романе А. Зохира «Завол» играют важную роль для развития сюжета, раскрытия характеристики главного героя, а также отражают общие темы и идеи произведения.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Бахтин, М. М. Проблемы поэтики Достоевского [Текст]. - 3-е изд. – М.: Худож. лит., 1972. - 470 с.
2. Бахтин, М. М. Эстетика словесного творчества [Текст] : [сб. избр. тр.] / [Прим. С.С. Аверинцева, С.Г. Бочарова]. – М.: Искусство, 1979. - 423 с.
3. Бахтин, М. М. К философии поступка // Философия и социология науки и техники. Ежегодник. 1984 − 1985. М., 1986. С.154,155.
4. Баҳозода, Ҷ. Нависанда ва идеали замон. - Душанбе: Адиб, 1987. – 256 с.
5. Борисова, Е. Б. Художественный образ в английской литературе XX века: типология-лингвопоэтика-перевод: автореф.дисс. ... д-ра филол. н.: 10.02.04, 10.02.20 / Борисова Елена Борисовна; [Место защиты: Поволж. гос. соц.-гуманитар. акад.]. - Самара, 2010. - 42 с.
6. Вайнштейн О. Леопарды в храме. Деконструктивизм и культурная традиция // Вопр. лит. 1989. № 12. - С. 193.
7. Гинзбург, Л. Я. О литературном герое / Лидия Гинзбург. - Ленинград: Советский писатель, Ленинградское отд-ние, 1979. – 220 с.
8. Дмитриева Н.А. Краткая история искусств. М.: Искусство, 2011. - 300 с.
9. Зоҳир, А. Завол (роман). – Душанбе, «Адиб», 2015. - 296 с.
10. Идизода, А. «Бозгашт» асарест хонданӣ ва омӯзанда. // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 1 август.
11. Исрофилиён, Ш. Майдони нангу номус // Адабиёт ва санъат. – 2011. – 9 июн.
12. Мартьянова, С.А. Персонаж в художественной литературе: учебное пособие / С. А. Мартьянова; Министерство образования и науки Российской Федерации, Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего профессионального образования «Владимирский государственный университет им. Александра Григорьевича и Николая Григорьевича Столетовых». - Владимир: ВлГУ, 2014. - 83 с.
13. Рымарь, Н.Т., Скобелев, В.П. Теория автора и проблема художественной деятельности [Текст] / Н.Т. Рымарь, В.П. Скобелев. – Воронеж: Логос-траст, 1994.– 264 с.
14. Саидов, С. Бозгашт ба оянда. Андешаҳо перомуни романи «Бозгашт»-и Аброр Зоҳир // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 3 апрел.
15. Сайфуллоев, А. Уфуқҳои тозаи наср. - Душанбе: Адиб, 2006. – 768 с.
16. Салим, М. Арсаи набарди гургон. // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 23 июн.
17. Саррот, Н. Эра подозрения // Человек читающий. М., 1983. С. 189, 190.
18. Сент-Бев, Ш.-О. Шатобриан в оценке одного из близких друзей в 1803 г. (Определение биографического метода) // Зарубежная эстетика и теория литературы XIX − XX вв. Трактаты, статьи, эссе / под общ. ред. Г. К. Косикова. М.,1987. С. 5 − 11.
19. Тамарченко, Н.Д. Теоретическая поэтика: понятия и определения [Текст] / Н.Д. Тамарченко. – М.: РГГУ, 1999. – 286 с.
20. Тимофеев, Л. И. Словарь литературоведческих терминов [Текст] / Ред.- сост. Л. И. Тимофеев и С. В. Тураев. – М.: Просвещение, 1974. - 509 с.
21. Тюпа, В. И. Анализ художественного текста: учебное пособие для студентов высших учебных заведений, обучающихся по направлению подготовки «Филология» / В. И. Тюпа. - 2-е изд., стер. – М.: Академия, 2008. - 331с.
22. Тютелова, Л. Г. Драматический сюжет и проблема автора как субъекта творческой деятельности в драме [Текст] / Л. Г. Тютелова // Вестник Самарской Гуманитарной Академии. Серия «Философия. Филология». – № 2 (10). – Самара: СамГУ, 2011. – С. 159.
23. Хализев, В. Е. Теория литературы [Текст] / В.Е. Хализев. – 1-е изд. – М., 1999. – 400 с.
24. Хисамова, Г.Г. Диалог как компонент художественного текста (на материале художественной прозы В.М. Шукшина): автореф. дисс. … д-ра филол. наук [Текст] / Г.Г. Хисамова. – Уфа, 2009. – 45 с.
25. Чернец, Л.В., Хализев, В.Е., Эсалнек, А.Я. и др. Введение в литературоведение: Учеб. пособие [Текст] // Л.В. Чернец, В.Е. Хализев, А.Я. Эсалнек и др./ под ред. Л.В. Чернец. – М.: Высш. шк., 2004. – 680 с.
26. Шукуров, М. Опыт русского реализма и таджикская реалистическая проза. В кн.: Истоки, формирование и развитие социалистического реализма в литературах Советского Востока. – Ташкент: Фан, 1976. - С.153 —157.
27. Шукуров, М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии “Ёддоштҳо”-и устод С. Айнӣ”. Душанбе, 1986. - 255 с.


## РОЛЬ ВТОРОСТЕПЕННЫХ ПЕРСОНАЖЕЙ В СОЗДАНИИ ХАРАКТЕРА ГЛАВНОГО ГЕРОЯ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ПРОИЗВЕДЕНИЯ

Статья посвящена изучению роли персонажа в раскрытии характера главного героя, темы и сюжета художественного произведения. Для анализа данной темы автор статьи в качестве практического материала использует роман таджикского писателя Аброра Захира «Завол» (2015).

Цель статьи заключается в выявлении роли второстепенных персонажей в создании характера главного героя в романе Аброра Зохира «Завол» («Закат») с точки зрения его художественной структуры. О творчестве Аброра Зохира в своих статьях отмечали А. Сайфуллоев (2006), Ш. Исрофилиён (2011), М. Салим (2013), А, Идизода (2013), Бахман (Бахман), С. Саидов (2014). Автор статьи утверждает, что художественные образы по характеру бывают индивидуальные, характерные, типичные, образы – мотивы, архетипы, топосы и др. Персонаж - продукт воображения писателя, проявление которого осуществляется целым комплексом выразительных средств, с помощью которых выражен художественный образ.

В современном литературоведении по поводу персонажа бытуют разные мнения, одни ученые считают, что персонаж – это явление, в котором нет необходимости, другие пытаются свести отношения автора с персонажем к равноправию.

Так появилась новая тенденция - внимание исследователей к проблеме второстепенных персонажей.

Для теоретического рассмотрения персонажа изучены работы М.М. Бахтина, Л.Я. Гинзбург, Н.Т. Рымарь, Е.Б. Борисовой, О. Вайнштейн, Н. А. Дмитриевой и т.д. Некоторое представление о его отношении можно получить из диалога, монолога, обычного повествования автора (в статье на каждый пункт приведены примеры).

В заключение автор утверждает, что заключить, что персонажи в романе А. Зохира «Завол» играют важную роль для развития сюжета, раскрытия характеристики главного героя, а также отражают общие темы и идеи произведения.

**Ключевые слова:** *художественное произведение, литературный персонаж, литературный герой, второстепенный герой, действие, таджикская литература.*

## НАҚШИ ПЕРСОНАЖҲОИ ДАРАҶАИ ДУЮМ ДАР ХИСЛАТҲОИ ҚАҲРАМОНИ АСОСИИ АСАРИ БАДЕӢ

Мақола ба омӯзиши нақши персонаж дар ифшои хислати қаҳрамони асосӣ, мавзуъ ва сюжети асари бадеӣ бахшида шудааст. Муаллифи мақола барои таҳлили ин мавзуъ аз романи «Завол»-и нависандаи тоҷик Аброр Зоҳир ҳамчун маводи амалӣ истифода кардааст.

Мақсади мақола муайян намудани нақши персонажҳои дараҷаи дуюм дар эҷоди персонажи асосӣ дар романи «Завол»-и Аброр Зоҳир аз нигоҳи сохтори бадеии он мебошад. А.Сайфуллоев (2006), Ш. Исрофилниён (2011), М. Салим (2013), А. Идизода (Аб2013), Баҳман, С. Саидов (2014) дар маколахои худ оид ба эчодиёти Аброр Зоҳир қайд кардаанд. Муаллифи макола мегӯяд, ки образҳои бадей фардӣ, характернок, бо характери хос, образҳо — мотивҳо, архетипҳо, топоиҳо ва ғайра мешаванд. Характер маҳсули тахайюли нависанда мебошад, ки зуҳуроти онро маҷмуи томи эҷодиёти нависанда ба амал мебарорад. Дар адабиётшиносии муосир дар бораи персонаж фикру мулохизаҳои гуногун мавчуданд, баъзе олимон чунин мешуморанд, ки характер падидаи нолозим аст, баъзеи дигар кӯшиш мекунанд, ки муносибати муаллифро бо персонаж кам кунад.

Ҳамин тавр, тамоми нав — диққати тадқиқотчиён ба проблемаи персонажҳои дараҷаи дуюм пайдо шуд.

Барои мулоҳизаи назариявии персонаж асарҳои М. Бахтин, Л. Гинзбург, Н.Т. Раймар, Э.Б. Борисова, О. Вайнштейн, Н. А. Дмитриева ва гайра омӯхта шуданд. Дар хулоса Муаллиф чунин мешуморад, ки персонажхои романи «Завол»-и А.Зохир дар инкишофи сюжет, ифшои хислатхои персонажи асосӣ роли калон бозида, мавзуъ ва гояхои умумии асарро инъикос мекунанд.

**Калидвожаҳо:** *асари бадеӣ, персонажи адабӣ, қаҳрамони адабӣ, қаҳрамони дараҷаи дуюм, амал, адабиёти тоҷик.*

## THE ROLE OF MINOR CHARACTERS IN THE NOVEL “ZAVOL” BY A. ZOHIRA

The article is devoted to the study of the role of the character in revealing the character of the main character, the theme and plot of a work of art. To analyze this topic, the author of the article uses the novel by the Tajik writer Abror Zahir “Zavol” (2015) as practical material.

The purpose of the article is to identify the role of minor characters in creating the character of the main character in Abror Zohir’s novel “Zavol” (“Sunset”) from the point of view of its artistic structure. A. Sayfulloev (2006), Sh. Isrofiliyon (2011), M. Salim (2013), A. Idizoda (2013), Bakhman (Bakhman), S. Saidov (2014) noted in their articles about the work of Abror Zohir. The author of the article argues that artistic images are individual, characteristic, typical in nature; images are motifs, archetypes, topoi, etc. A character is a product of the writer’s imagination, the manifestation of which is carried out by a whole complex of expressive means with the help of which the artistic image is expressed.

In modern literary criticism, there are different opinions about the character; some scientists believe that the character is a phenomenon that is not necessary, others try to reduce the author’s relationship with the character to equality.

This is how a new trend emerged - the attention of researchers to the problem of minor characters.

For a theoretical consideration of the character, the works of M.M. were studied. Bakhtina, L.Ya. Ginzburg, N.T. Rymar, E.B. Borisova, O. Weinstein, N. A. Dmitrieva, etc. Some idea of his attitude can be obtained from dialogue, monologue, or the author's usual narration (the article provides examples for each point).

In conclusion, the author argues that the characters in A. Zohir's novel "Zavol" play an important role in developing the plot, revealing the characteristics of the main character, and also reflect the general themes and ideas of the work.

**Key words:** *work of fiction, literary character, literary hero, minor character, action, Tajik literature.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Шарипова Хатича Сулаймоновна, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Борбад 48/5, Тел: (+992) 900230440 E-mail: хатича .sharipova.87@mail .ru.*

*Рустамова Гуландом Рустамовна - профессори кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5, Тел.: (+992) 907913677 E-mail: Рустамова- 71@mail.ru*

**Сведение об авторах:** *Шарипова Хатича Сулаймоновна, ассистент кафедры иностранных языков Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад 48/5, Тел: (+992) 900230440 E-mail: khaticha.sharipova.87@mail.ru.*

*Рустамова Гуландом Рустамовна - профессор кафедры иностранных языков Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Борбад 48/5, E-mail: rustamova-71@mail.ru Тел.:(+992) 907913677*

**Information about the authors:** *Sharipova Khaticha Sulaymonovna, Assistant at the Department of Languages International University tourism and entrepreneurship in Tajikistan,*

*Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad avenue 48/5, E-mail: khaticha.sharipova.87@mail.ru tel.:(+992)900230440*

*Rustamova Gulandom Rustamovna - Professor at the Department of Languages International University tourism and entrepreneurship in Tajikistan, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad avenue 48/5, E-mail: rustamova-71@mail.ru tel.:(+992) 907913677*

**ТДУ: 372.853(575.3)**

## МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ МАВЗУИ «МУВОЗИНАТИ ҶИСМҲО. ШАРТҲОИ МУВОЗИНАТИ ҶИСМҲО» ДАР СИНФИ Х

***Умаров У.С.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Таҳлили адабиёти илмӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи кори омӯзгорони физикаи як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ошкор сохт, ки доир ба методикаи омӯзиши боби «Асосҳои статика» дар синфи Х Резников Л.И. [7], Турышев И.К. [9], Усова А.В., Тулкибаева Н.Н. [13] Эвенчик Э.Е. [14] ва дигарон тадқиқот бурда, мақолаву дастурҳои методӣ нашр кардаанд, ки ҳама ба забони русӣ мебошанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки то ба ҳол доир ба методикаи омӯзиши мавзуи «Мувозинати ҷисмҳо. Шартҳои мувозинати ҷисмҳо» зимни омӯзиши физика дар синфи Х ягон дастури методии мукаммале ба забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, мо тасмим гирифтем, ки доир ба мушкилоти мавҷуда ба омӯзгорон тавсияҳои методӣ пешниҳод намоем.

Тадқиқот нишон медиҳад, ки омӯзиши мавзуи «Мувозинати ҷисмҳо. Шартҳои мувозинати ҷисмҳо» (синфи Х) фаъолияти маърифатии хонандагонро ташаккул дода, баҳри рушди қобилияти эҷодиву тафаккури мантиқиву физикии эшон, татбиқи донишҳои назариявӣ дар амал кӯмак мерасонад.

Масъалаҳо доир ба мувозинати ҷисмҳо, шартҳои мувозинат, навъҳои мувозинат ва меъёрҳои устувории онҳо барои ҳисоб кардани мустаҳкамии иншоотҳои техникии дар ҳолати оромӣ қарордошта, хеле муҳиманд.

Донистани шартҳои мувозинати ҷисмҳо барои фаҳмидани амали механизму мошинҳо ва ҳисоб кардани дараҷаи устувории онҳо, аз ҷумла бунёди иморатҳо, пулҳо (кӯпрукҳо), такягоҳу овезаҳои гуногун, сохтани мошину асбобҳо ва ғайра ёрӣ мерасонад [4, с. 163]. Дар барномаи нави таълимии физика омӯзиши боби «Асосҳои статика», ки зимни тадриси он шартҳои мувозинати ҷисмҳои сахт омӯхта мешавад, пешбинӣ нашудааст. Дар синфи VII ин

мавзуъ дар сатҳи зарурӣ омӯхта ва ба хонандагон пешниҳод карда намешавад. Бинобар ин, онро дар синфи X пас аз омӯхтани боби «Асосҳои динамика» мавриди омӯзиш қарор додан мувофиқи мақсад аст. Ин аз нуктаи назари илмӣ-методӣ комилан асоснок мебошад. Омӯзиши қонунҳои Нютон ва амалҳо бо векторҳо ба омӯхтани боби «Асосҳои статика» замина мегузоранд. Вазифаи асосии статика омӯзиши мувозинати ҷисмҳо мебошад, ки онро танҳо дар асоси татбиқи қонунҳои динамика асоснок кардан мумкин аст. Оромии нисбӣ ҳамчун лаҳзаи ҳаракат (ҳангоми ) ва ҳаракати мунтазам ҳамчун ҳолати хусусии ҳаракат (дар ҳолати набудани шитоб) натиҷаи қонуни дуюми Нютон мебошанд. Ҳамин тавр, мувофиқи методикаи такмилёфта омӯзиши ҷузъиёти статика дар синфи X бояд дар робитаи зич бо мавзуи гузашта – динамикаи нуқтаи материалӣ сурат гирад. Дар ин ҳолат, қонуниятҳои наве, ки хонандагон меомӯзанд, аз ҷониби онҳо ҳамчун натиҷаи мантиқии қонунҳои умумӣ қабул карда мешаванд. Хусусияти дигари омӯзиши боби «Асосҳои статика» самти политехникӣ доштани он мебошад, ки ҳангоми азхуд карданаш хонандагон бевосита дар амал татбиқ намудану робитаи физикаро бо техникаву ҳаёт дида метавонанд. Омӯзгор ҳангоми пешниҳоди маводи назариявии статика ва ҳам зимни ҳалли масъалаҳо бояд ба ин ҷиҳатҳо диққати ҷиддӣ диҳад.

Чӣ тавре ки зикр гардид статика, ки мувозинати ҷисмҳоро меомӯзад, ҳолати хусусии динамика ба ҳисоб меравад. Ҳамаи хулосаҳои он натиҷаи қонунҳои Нютон мебошанд. Омӯзиши статика аҳамияти муҳим дорад. Пеш аз ҳама статика имкон медиҳад, ки шартҳои мувозинати иншоотҳои гуногуне, ки мо месозем: иморат, пул (кӯпрук), гумбаз, кранҳои борбардор ва ғайраҳо муайян карда шаванд, вале бо ин татбиқи амалии он ба итмом намерасад. Статика имкон медиҳад, ки ба якчанд саволҳои ба ҳаракати ҷисм тааллуқдошта ҷавоб гардонем. Статика на танҳо шартҳои мувозинати ҷисмҳоро муқаррар менамояд, балки мавриди вайрон шудани мувозинат ба кадом самт ҳаракат кардани ҷисмро низ пешгӯйӣ мекунад [9, с. 133]. Қайд кардан бамаврид аст, ки статика илми қадимтарин буда, ба татбиқи шартҳои мувозинати ҷисмҳо ҳанӯз дар Юнони Қадим машғул буданд. Пас аз ибрози ин андешаҳо ба омӯзиши шартҳои мувозинати ҷисм гузаштан мувофиқи матлаб аст.

Шарти якуми мувозинати ҷисмҳои сахт натиҷаи қонуни дуюми Нютон мебошад. Агар суммаи геометрии қувваҳои ба ҷисм таъсиркунанда баробари сифр бошад ( ), он гоҳ ҷисми сахт дар ҳолати мувозинат қарор дошта метавонад.

Агар шарти ичро шавад, ҷисм метавонад дар ҳолати оромии нисбӣ қарор дошта бошад ва ё ростхаттаву мунтазам ҳаракат кунад (шитоби хаттӣ ба сифр баробар аст). Агар суръати аввала ба сифр баробар бошад ( ), он гоҳ ҳангоми иҷрошавии шарти ҷисм ба пеш ҳаракат намекунад.

Ҳамзамон, ин шарт – шарти зарурии мувозинати ҷисми сахт ба шумор рафта, он барои пурра фаҳмонидани шарти мувозинати ҷисм кифоягӣ намекунад. Вақте ки шарти қонеъ мегардад, ҷисм бо шитоби муайяни кунҷӣ гардиш карда метавонад.

Хонандагон дар зинаи аввали омӯзиши физика ба шарти дуюми мувозинати ҷисмҳои сахт шинос шуда, ҳолати мувозинати фишангро меомӯзанд. Дар ҳамон ҷо мафҳуми моменти қувва низ дохил карда мешавад. Ҳангоми омӯзиши фасли механика ин ҳолати мувозинат пурра омӯхта шуда, дар шакли умумӣ пешниҳод карда мешавад: ҷисми сахт дар ҳолати мувозинат қарор дорад, агар суммаи алгебравии моментҳои қувваҳо нисбати ягон меҳвар ба сифр баробар бошад. (Ин ҷо доир ба маҷмӯи қувваҳои ҳаморӣ, яъне қувваҳое, ки дар як ҳаморӣ ё ҳамвориҳои параллелӣ таъсир мекунанд, сухан меравад).

Агар шарти ичро шавад, ҷисм бо суръати кунҷии доимӣ гардиш карда метавонад (шитоби кунҷӣ ба сифр баробар аст), аммо агар суръати кунҷии ибтидоӣ ба сифр баробар бошад ( ), ҷисм гардиш намекунад.

Азбаски ба таври мушаххас ҳосил кардани шарти дуюми мувозинат танҳо дар асоси муодилаи динамикаи ҳаракати чархзании ҷисмҳои сахт, ки дар физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯхта намешавад, имконпазир аст, пас ҳосил кардани шарти мазкур танҳо тавассути озмоиш ба мақсад мувофиқ мебошад.

Озмоишро бо тасвирҳои геометриву расмҳо алоқаманд намудан мувофиқи матлаб меебошад. Ҳангоми баррасии масъалаҳои мушаххас, васеъ истифода кардани тасвири геометрии таъсири қувваҳо муфид аст. Озмоиш, нақша, расм бояд ҳамдигарро пурра намоянд.

Дар аксари масъалаҳои статика ба ҳаракати ҷисмҳо (ба ягон самт) ҷисмҳои дигар халал мерасонанд. Масалан, таҷҳизоти навишторӣ (ручка ё қалам)-и дар сатҳи миз қарордошта, ба замин намеафтад, зеро миз ба ин халал мерасонад; қандиле (люстрае), ки бо занҷир ба шифт овехта шудааст, намеафтад, зеро овеза ба он монеъ мешавад ва ғайра. Дар ин мисолҳо мизи ба таҷҳизоти навишторӣ ва овезаи ба қандил таъсиркунанда ҷисмҳое мебошанд, ки ба ҳаракат монеъгӣ мекунанд. Қувваҳое, ки аз ҷониби ин ҷисмҳо таъсир мекунанд, аксар вақт қувваҳои реаксияи робита номида мешаванд. Ҳангоми ҳалли масъалаҳо доир ба боби «Асосҳои статика» бояд ҳамаи қувваҳои ба ҷисм таъсиркунанда, аз ҷумла қувваҳои реаксияи робитавӣ низ ба инобат гирифта шаванд.

Муайян кардани қувваҳои реаксия аксар вақт барои хонандагон душворӣ меорад. Аз ин рӯ, зимни омӯзиши мавзуи мазкур бо хонандагон доир ба ёфтани қувваҳои реаксия машқ кардан муфид аст, масалан, дар ҳолатҳои зерин: тепловоз дар болои релс истодааст; нӯгҳои мила ба подшипникҳо расида меистанд; пул (кӯпрук) дар рӯйи такягоҳ истодааст; нӯгҳои болори пурбор дар рӯйи деворҳо озодона ҷойгир карда шудааст; тӯб ба риштаи дар девор пайвастшуда овезон карда шудааст, зинапоя ба девор фишор меорад ва ғ.

Қувваҳои реаксия ба самти кӯчишҳое амудан (перпендикуляран) равона карда мешаванд, ки дар сурати мавҷуд будани ин ё он робитаи идеалӣ (бе соиш) ба амал меоянд (расми 1, а, б, в, г, д).

Баъзан ба зудӣ нишон додани самти таъсири қувваҳои реаксияи такягоҳ душвор аст, масалан, самти таъсири қувваи реаксияи часпак (ошиқ-маъшуқ)-е, ки дар он меҳвари ОА ҷойгир асту бо риштаи АВ нигоҳ дошта мешавад (расми 2). Масъалаи мазкурро ба тарзи графикӣ ҳал кардан осон аст, агар ба назар гирем, ки хатти таъсири ҳар се қувваи ба меҳвар таъсиркунанда: қувваи вазнинии , қувваи чандирии кашиш ва қувваи реаксияи часпак бояд дар як нуқтаи С бурида шаванд, то шарти мувозинати мила иҷро гардад: .

Азбаски, вақте ки ҷисм дар ҳолати мувозинат қарор дорад, суммаи моментҳои ҳамаи қувваҳои ба он таъсиркунанда нисбат ба ҳама гуна меҳвари гардиш ба сифр баробар аст, бинобар ин интихоби меҳваре, ки нисбат ба он суммаи моментҳо ҳисоб карда мешавад, ихтиёрӣ аст ва танҳо аз рӯйи шарти масъала муайян карда мешавад. Одатан нуқтае интихоб карда мешавад, ки аз он ҳарчи бештар қувваҳои реаксияи номаълуми такягоҳҳо гузаранд. Дар ин ҳолат моментҳои ин қувваҳо ба сифр баробар мешаванд ва ҳалли масъаларо хеле содда кардан мумкин аст.

Статика ба амсилаи ҷисми комилан сахт сарукор дорад. Ҷисми комилан сахт ҳамчун маҷмӯи хаёлан тасвиркардашудаи нуқтаҳои материалӣ фаҳмида мешавад, ки масофаҳои байни онҳо ҳангоми ҳаракат кардани ҷисм ё ба он таъсир намудани ҷисмҳои дигар тағйир намеёбанд. Ин амсила дар худ зиддияти дохилӣ дорад, зеро таҳти таъсири қувваҳои беруна ба ҷисми воқеӣ он деформатсия шуда, байни қисмҳояш қувваҳои чандирӣ ба вуҷуд меоянд. Агар ин деформатсияҳо хеле хурд бошанд ва дар шарти масъала диққатҷалбкунанда набошанд, он гоҳ дар ин навъ масъалаҳо мо метавонем онҳоро ба инобат нагирифта, амсилаи ҷисми сахти идеалиро, ки комилан ба деформатсия қодир нест, вале дар он қувваҳои реаксия ба вуҷуд омада метавонанд, истифода кунем.

Татбиқи ин амсила, инчунин ҳама гуна амсилаҳои дигар, аз як тараф, бо хосиятҳои ҷисмҳои воқеӣ ва аз ҷониби дигар, ба мазмуни саволҳое, ки ҷавоб бояд дод, муайян карда мешавад.

Масалан, агар талаб карда шавад, ки қувваҳои реаксияи такягоҳро дар чӯби миёни ду такягоҳ ҷойгирбуда (расми 3) ҳисоб кунед, он гоҳ амсилаи чӯби комилан сахт имкон медиҳад, ки ин корро ба сомон расонем, зеро системаи муодилаҳои мувозинат бо ду номаълум (кувваҳои реаксияҳои такягоҳ ва ) ҳалшаванда аст:

Агар ҳамон як чӯб дар се такягоҳ хобад (расми 4), он гоҳ ду муодилаи мувозинат имкон намедиҳанд, ки се қувваи реаксияи номаълуми такягоҳ, ва муайян карда шаванд:

Аз тарафи дигар, агар ба китфи се нафар одам як болори ҳақиқӣ гузошта шавад, пас вазни ин болор дар байни такягоҳҳо ба таври муайян тақсим мешавад. Барои ҳисоб кардани ин ҳолати воқеӣ чӯб (болор) ва такягоҳҳо (китфҳо)-ро ҳамчун ҷисмҳои сахти идеалӣ пиндоштан мумкин нест, бинобар ин деформатсияи онҳо бояд ба эътибор гирифта шавад ва муодилаҳои иловагии марбут ба қувваҳо ва деформатсияҳое, ки ба амсилаи ҷисми сахти идеалии чандир хосанд, бояд ба назар гирифта шуда, истифода карда шавад: қонуни Гук.

Методикаи ҳалли масъалаҳо доир ба мувозинати ҷисмҳо

Агар тамоми қувваҳои ба ҷисм таъсиркунанда (ё давоми ин қувваҳо) дар як нуқта бурида шаванд, он гоҳ суммаи моментҳои ин қувваҳо ба сифр баробар мешавад ва барои ҳалли масъалаҳо одатан истифодаи шарти якуми мувозинат кифоя аст.

Суммаи геометрии ду қувваро мувофиқи қоидаи ҷамъ кардани векторҳо бо усули ҷамъи параллелограммӣ ё секунҷагӣ ёфтан мумкин аст.

Ҳангоми ҳалли қисми зиёди масъалаҳо аз муодилаи векторӣ ба муодилаҳои проексияҳои қувваҳо дар тирҳои координатӣ гузаштан лозим аст. Дар системаи ҳамвории қувваҳо чунин муодилаҳо дутоанд:

Мувофиқи истифодаи ин усул аз хонандагон тақозо карда мешавад, ки функсияҳои тригонометриро хуб донанд ва тарафҳои секунҷаро тавассути ин функсияҳо ифода карда тавонанд.

Барои аёнитар тасаввур кардани гуфтаҳои боло, ҳалли якчанд масъалаҳоро муоина менамоем.

Масъалаи 1. Кураи массааш 10 кг ба ресмони дарозиаш 5 м, ки ба шифт амудан (перпендикуляран) насб карда шудааст, овезон аст. Онро аз вазъияти амудӣ ба 2 м майл кунонданд (расми 5). Қувваи тарангии ресмон ва қувваеро, ки кураро дар ҳолати моилӣ нигоҳ медорад, муайян намоед.

Ҳал. Ба кура се қувва таъсир мекунад: қувваи вазнинӣ, қуввае ( е), ки кураро дар ҳолати моилӣ нигоҳ медорад ва қувваи тарангии ресмон.Ибтидои координатаро дар маркази кура ҷойгир мекунем. Тири абсиссаро уфуқан ба самти таъсири қувваи ва тири ординатаро амудан ба самти таъсири қувваи равона мекунем (расми 5).

Ҳангоми мувозинат суммаи проексияҳои ҳамаи қувваҳо нисбат ба ҳар як меҳвар ба сифр баробар мебошанд:

Проексияи қувваҳоро тавассути модули онҳо ифода мекунем:

Он гоҳ муодилаҳо дар проексияҳо чунин намудро мегиранд:

Ин системаи муодилаҳоро нисбат ба ва ҳал карда, ҳосил менамоем:

аммо

Бинобар ин, мешавад. Аз ин ҷо:

Агар қувваҳои ба ҷисм таъсиркунанда параллел бошанд, он гоҳ барои ҳисоби ҳолати мувозинати чунин ҷисм танҳо қоидаи моментҳо нисбат ба нуқтаҳое, ки тавассути онҳо қувваҳои реаксияи такягоҳ мегузаранд, истифода кардан кифоя аст.

Масъалаи 2. Болори дарозиаш 8 м ва массааш 100 кг, чӣ тавре ки дар расми 6 нишон дода шудааст, байни ду такягоҳ ҷойгир аст. Қувваҳои реаксияи такягоҳҳоро ҳисоб кунед.

Ҳал. Ба болор қувваҳои зерин таъсир мекунанд: қувваи вазнинии ва қувваҳои реаксияи такягоҳҳо ва. Қоидаи моментҳои қувваҳоро нисбат ба такягоҳҳои A ва B татбиқ мекунем:

Аз ин ҷо:

Дар ҳолати хусусӣ ҳарду шарти мувозинатро истифода кардан лозим аст. Чунин ба назар мерасад, ки самтҳои гуногуни меҳварҳо ва нуқтаҳои гуногунро интихоб карда, нисбат ба онҳо моментҳои қувваҳоро ҳисоб кардан имконпазир аст. Дар ин маврид миқдори зиёди муодилаҳо ва қувваҳои ба ҷисм таъиркунандаро ҳосил кардан мумкин аст, вале ин тавр нест, чунки баъзе муодилаҳои ҳосилшуда натиҷаи муодилаҳои пешина мебошанд. Барои системаи қувваҳои ҳамворӣ аз ду шарти мувозинат се муодилаи мустақили заруриро ҳосил кардан мумкин аст:

Ин муодилаҳо имкон медиҳанд, ки танҳо се параметри номаълум ҳисоб карда шаванд.

Масъалаи 3. Меҳвари якҷинсаи массааш 0,2 кг дар нуқтаи О-и часпак (ошиқ-машуқ) насб карда шуда, тавассути ресмони AB дар ҳолати мувозинат нигоҳ дошта мешавад (ниг. ба расми 2). Кунҷи байни ҳалқа ва девори амудӣ ба 450 баробар аст. Модули қувваҳои кашиши ресмон ва реаксияи часпакро ҳисоб кунед.

Ҳал. Ба меҳвар қувваи вазнинӣ, қувваи тарангии ресмон ва қувваи реаксияи часпак таъсир мекунанд.

Нишон додани самти таъсири қувваҳои вазнинӣ ва тарангии ресмон осон аст. Самти таъсири қувваи реаксияи часпак нисбат ба амуд ягон кунҷеро ташкил медиҳад, ки хати рости фарогирандаи вектори қувваи ҳатман бояд аз нуқтаи C гузарад. Бинобар ин, гарчанде

қувваҳои номаълум ҳамагӣ дутоянд, барои таърифи онҳо ҳамаи се муодилаи шарти мувозинатро навишта, се номаълумро ҳисоб кардан лозим аст:

Аз ин ҷо бармеояд, ки

Модули реаксияи қувваи часпак чунин мешавад:

Қиматҳои ададиро гузошта, ҳосил мекунем:

Барои мустаҳкамкунии маводи омӯхташуда ва мустақилона ҳал кардани масъалаҳо доир ба татбиқи алгоритми ҳалли масъалаҳои боби «Асосҳои статика» ба хонандагон мутолиаи адабиёти [2, 3, 6, 7, 9, 10, 11, 12, 13] ва аз китоби «Маҷмӯи масъалаҳо аз физика» [8, с. 40] ҳал кардани масъалаҳои №№301, 303, 321, 325, 334 тавсия карда мешавад.

Ҳамин тариқ, тавассути омӯзиши мавзуи «Мувозинати ҷисмҳо. Шартҳои мувозинати ҷисмҳо» дар синфи X хонандагон ба шартҳои мувозинати ҷисмҳо, ки онҳо барои фаҳмидани амали баъзе механизму мошинҳо мусоидат мекунанд, шинос карда мешаванд. Ҳамаи ин ба омӯзиши дурусту амиқи мавод, ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмии хонандагон ва рушди тафаккури физикиву мантиқии эшон кӯмак мерасонанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Барномаи физика барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. – Душанбе: «Матбуот», 2004. - 48 с.
2. Гутман В.И. Алгоритмы решения задач по механике в средней школе: Кн. для учителя/ В.И. Гутман, В.Н. Мощанский. –М.: Просвещение, 1988. – 95 с.
3. Каменецкий С.Е. Методика решения задач по физике в средней школе: Кн. для учителя / С.Е. Каменецкий, В.П. Орехов. –3 -е изд. перераб. –М.: Просвещение, 1987. – 274 с.
4. Кикоин И.К. Физика. Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми мактаби миёна / И.К. Кикоин, А.К. Кикоин. – Душанбе: Маориф, 1988. – 256 с.
5. Пёрышкин А.В. Физика. Китоби дарсӣ барои синфҳои 6-7-и мактаби миёна / А.В. Пёрышкин, Н.А. Родина. – Душанбе: «Маориф», 1983. – 328 с.
6. Раҳимов Б. Физика. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 10 / Б. Раҳимов, Т. Шукуров, П. Раҷабов. – Душанбе: «Матбуот», 2011. – 272 с.
7. Резников Л.И. Методика преподавания физики в средней школе (Механика). Пособие для учителя. / Л.И. Резников, С.Я. Шамаш, Э.Е. Эвенчик. – М.: «Просвещение», 1974. – 240 с.
8. Рымкевич А.П. Маҷмӯаи масъалаҳо аз физика / А.П. Рымкевич. – Душанбе: «Маориф». 1989. – 176 с.
9. Турышев И.К. Преподавание физики в 8 классе / И.К. Турышев, Ю.И. Лукьянов. – М.: Просвещение, 1977. – 191 с.
10. Умаров У.С. Практикуми ҳалли масъалаҳои физикӣ / У.С. Умаров, Г.А. Бобониёзова, У.Х. Раҷабов. – Душанбе: ДДОТ, 2018. – 110 с.
11. Умаров У.С. Таълими физика дар синфи X / У.С. Умаров, Г.А. Бобониёзова, А. Сафаралӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айни, 2015.- 128 с.
12. Умаров У.С., Раҷабов У.Х. Татбиқи алгоритми ҳалли масъалаҳо доир ба мавзӯи: «Қонуни бақои импулс» дар синфи X / У.С. Умаров, У.Х. Раҷабов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Серия 2. Педагогика ва психология, методикаи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ. №1 (11). – Душанбе: ДДОТ, 2022. - С. 122-132.
13. Усова А.В. Практикум по решению физических задач:- Учебное пособие для студентов физико-математических факультетов / А.В. Усова, Н.Н. Тулькибаева. – М.: Просвещение, 1992. - 208 с.
14. Эвенчик Э.Е. Методика преподавания физики в средней школе: Механика. Пособие для учителя / Э.Е. Эвенчик, С.Я. Шамаш, В.А. Орлов. Под ред. Э.Е. Эвенчик. – 2-е издю., перераб. – М.: Просвещение, 1986. – 240 с.


## МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ МАВЗУИ «МУВОЗИНАТИ ҶИСМҲО, ШАРТҲОИ МУВОЗИНАТИ ҶИСМҲО» ДАР СИНФИ X


Дар мақолаи мазкур муаллиф аз натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидаашон доир ба методикаи омӯзиши мавзуи «Мувозинати ҷисмҳо. Шартҳои мувозинати ҷисмҳо» дар синфи X-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маълумоти муфассал пешниҳод кардааст. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти соҳавӣ ва аз таҷрибаи кори худ муаллиф доир ба методикаи омӯзиши мавзуи мазкур ба омӯзгорони физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавсияҳои методии ҷолиб пешниҳод намудааст. Инчунин, дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи кори омӯзгорони физикаи як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ошкор карда шудааст, ки муҳаққиқон доир ба проблемаҳои методикаи омӯзиши бобҳои «Асосҳои кинематика» ва «Асосҳои динамика» мақолаву дастурҳои методиву таълимӣ нашр намудаанд, аммо доир ба методикаи омӯзиши мавзуи «Мувозинати ҷисмҳо. Шартҳои мувозинати ҷисмҳо»-и боби «Асосҳои статика» дар

синфи X кам таваҷҷӯҳ зоҳир кардаанд. Доир ба мавзӯи мазкур ба забони тоҷикӣ то ҳол умуман ягон маводи методӣ нашр нашудааст. Бинобар ин, ҳамаи гуфтаҳои болоро ба инобат гирифта, муаллиф методикаи омӯзиши мавзуи «Мувозинати ҷисмҳо. Шартҳои мувозинати ҷисмҳо»-ро дар синфи X пешниҳод кардаанд. Дар мақола зикр гардидааст, ки тавассути омӯзиши мавзуи «Мувозинати ҷисмҳо. Шартҳои мувозинати ҷисмҳо» дар синфи X хонандагон ба шартҳои мувозинати ҷисмҳо, ки он барои фаҳмидани амали баъзе механизму мошинҳо мусоидат мекунад, шинос карда мешаванд. Ҳамзамон, омӯзиши мавзуи мазкур самти политехникиву касбинтихобкунӣ дошта, хонандагон бевосита дар амал татбиқ намудани қонунҳои омӯхташаванда, робитаи физикаро бо техникаву ҳаёт дарк карда метавонанд. Ҳамаи ин ба омӯзиши дурусту амиқи мавод, ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмии хонандагон ва рушди тафаккури физикиву мантиқии эшон мусоидат мекунанд.

**Калидвожаҳо:** *физика, мувозинати ҷисмҳо, шарт, шартҳои мувозинат, меҳвар, масъала, қувва, қувваи вазнинӣ, статика, моменти қувва, меҳвари гардиш, қувваи реаксия.*

## МЕТОДИКА ИЗУЧЕНИЯ ТЕМЫ «РАВНОВЕСИЕ ТЕЛ. УСЛОВИЯ РАВНОВЕСИЯ ТЕЛ» В X КЛАССЕ

В данной статье автором представлена подробная информация о результатах своих исследований по методике изучения темы «Равновесие тел. Условия равновесия тел» в X классе средних общеобразовательных учреждений. В результате изучения и анализа отраслевой литературы и на основе своего опыта работы автор представил учителям физики средних общеобразовательных учреждений интересные методические рекомендации по методике преподавания данной темы. Также в результате анализа научной, методической, педагогической, психологической литературы и опыта работы учителей физики ряда средних общеобразовательных учреждений республики выявлено, что исследователями опубликованы методические, учебные пособия и статьи по проблеме изучения глав «Основы кинематики» и «Основы динамики», а по методике изучения темы «Равновесие тел. Условия равновесия тел» главы «Основы статики» в X классе уделялось мало внимания. Выявлено, что на таджикском языке методических материалов по данной тематике не опубликовано. Поэтому, учитывая все вышеизложенное, автор разработал методику изучения темы «Равновесие тел. «Условия равновесия тел» в X классе. В статье упоминается, что посредством изучения темы «Равновесие тел. «Условия равновесия тел» в X классе учащиеся знакомятся с условиями равновесия тел, что помогает понять и познакомиться с работой некоторых механизмов и машин. Также изучение данной темы имеет политехническую и профориентационную направленность, учащиеся могут непосредственно применять изучаемые законы, понимать связь физики и техники, физики с жизнью. Все это способствует правильному и углубленному изучению материала, формированию научного мировоззрения учащихся, развитию физического и логического мышления.

**Ключевые слова:** *физика, равновесие тел, условия, условия равновесия, ось, задача, сила, сила тяжести, статика, момент силы, ось вращения, сила реакции.*

## METHODOLOGY FOR STUDYING THE TOPIC «BODY BALANCE.” CONDITIONS FOR BODY EQUILIBRIUM» IN X CLASS

In this article, the authors provide detailed information about the results of their research on the methodology for studying the topic “Balance of Bodies. Conditions for the equilibrium of bodies” in the 10th grade of secondary educational institutions. As a result of studying and analyzing industry literature and based on their work experience, the authors presented interesting methodological recommendations for teaching physics teachers in secondary educational institutions on this topic. Also, as a result of the analysis of scientific, methodological, pedagogical, psychological literature and the work experience of physics teachers of a number of secondary educational institutions of the republic, it was revealed that researchers have published methodological, teaching aids and articles on the problem of studying the chapters “Fundamentals of Kinematics” and “Fundamentals of Dynamics”, and on the methodology studying the topic “Balance of bodies. Conditions for the equilibrium of bodies" in the chapter "Fundamentals of Statics" in class X received little attention. It was revealed that no materials on this topic have been published in the Tajik language. Therefore, taking into account all of the above, the authors developed a methodology for studying the topic “Balance of Bodies. “Conditions of equilibrium of bodies” in X grade. The article mentions that by studying the topic “Balance of Bodies. “Conditions of equilibrium of bodies” in the Xth grade, students become familiar with the conditions of equilibrium of bodies, which helps to understand and become familiar with the operation of some mechanisms and machines. Also, the study of this topic has a polytechnic and career guidance orientation; students can directly apply the laws they are studying, understand the connection between physics and technology, physics and life. All this contributes to the correct and in-depth study of the material, the formation of students’ scientific worldview, and the development of physical and logical thinking.

**Key words:** *physics, equilibrium of bodies, conditions, equilibrium conditions, axis, problem, force, gravity, statics, moment of force, axis of rotation, reaction force.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Умаров Умар Сулаймонович – дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомони, хиёбони Рудаки 121. Тел.: (+992) 933949328. E-mail: kurch66@mail.ru*

**Сведения об авторе:** *Умаров Умар Сулаймонович – доцент кафедры методики преподавания физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 933949328. E-mail: kurch66@mail.ru.*

**Information about the author:** *Umarov Umar Sulaymonovich – docent of the Department of Physics Teaching Methods of the Tajik State Pedagogical University named by S. Aini. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni district, Rudaki Avenue 121. Tel.: (+992) 935949328. E-mail: kurch66@mail.ru.*

## HOMEWORK ASSIGNMENTS SHOULD BE SMART

***Lutfulloeva Parvina, Khamidova Musalam.***
***Research Institute for Educational Development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan***

The negative effects of homework are well known. They include children’s frustration and exhaustion, lack of time for other activities, and possible loss of interest in earning. Many parents express their disappointment about homework assignment;






They feel angry about it as having to play the role of enforcer and worry that they will be criticized either for not being involved enough with the homework or for becoming too involved. Many parents feel like they’re going through school a second time around as they sit down with their children each night and help with their homework.

**How much homework is too much? Let’s deal with the tables given below.**







***Source:*** *Met Life Survey of the American Teacher, The Homework Experience, 2007. LA Johnson/NPR*

The average Australian 15-year-old spends six hours a week doing their homework. A recent Australian Childhood Foundation survey found that 71 per cent of Australian parents feel like they

don’t spend enough quality time with their children, because they spend too much time running the household or helping with homework





When the child is battling with homework why should parents stop helping their child with it?

It is a responsibility of either teacher or the parents to educate the child all roundly. Parents will be parents.









Surely, *house is the first learning environment for the child and parents are the first teachers.*

There is a need for discussion regarding homework; especially in our country where English is not a local language of instruction and where instruction is limited to two or three lessons a week. A scientist Vatterott (2010) identified five characteristics of a good determined homework. They are: *purpose, efficiency, ownership, competence, and aesthetic appeal.* It is necessary that teachers think about it purposefulness, consider how well it encourages learners to become self-directed (Blaz 2006), how well it listens to the students’ wishes (Cushman 2010). Elena Vasilevna an honoured teacher of Russian federation (RF) points study 20 subjects out that student should be loaded with the homework assignment taking into consideration its purposefulness (19. 02. 2020). Laura Loder Bushel, a teacher trainer at the University of Switzerland tries to give some examples from perspectives of teachers, learners and parents.




In the eastern German speaking part of Switzerland a student starts learning German Language from the second and the third grade for two or three 45-minute lessons a week and continues like this until the students are finished with the secondary school. It is just the English teacher who teaches majority of subjects and so he is in charge of all homework. Moreover, subject-specialist teachers cannot finish English at the math lesson-because the English lesson is over. Thus, in such cases subject-specialist teachers might have general homework routine to let learners know what has to be done on which days.

What's most remarkable about homework? Homework builds character or teaches good study habits. The idea that after-school assignments promote self-discipline, responsibility, independence, and the like might be described as an urban myth except for the fact that it's widely accepted in suburban and rural areas, too.

I think, homework is assigned on a regular basis -- which is to say, it's assigned irrespective of who the kids are, what they need, or what's being taught. It's not as though most teachers determine that a certain lesson really needs to continue after school is over because meaningful learning is so likely to result from such an assignment that it warrants the intrusion on family time. In other words, homework in most schools isn't limited to those occasions when it seems appropriate and important.

Teachers state that homework assignment enables the learners to organize their studying and to learn how to learn. It makes the learners, become independent ones. *Homework assignments should not just be collected spontaneously.*





It should make students be able to use it in true to life situations. We had better to follow 'every day's homework assignment' policy with different tasks for different learners.

Learners think that self-creative home task that follows up on the material taken says a lot states Cushman (2010, 77). With older students individual mind map, writing some questions to the text read, vocabulary memorizing games, writing true, false questions homework assignment is a great importance. Parents think that homework assignment means a lot.

Children love to do their homework taking it somewhere else. For example, some learners love discussing the homework on the way back home, while playing games.



They prefer working somewhere like lying on the bed for a bit self-determination.

Homework assignment also includes higher quality instruction, greater achievement motivation and better skill levels. Time spent on homework should be appropriate to the child's grade level. When assigning homework, your child's teachers may struggle to create a balance at this age between ability, task

difficulty and feedback. Unfortunately, there are no simple guiding principles.

**In first through third grade,** students should receive one to three assignments per week, taking them no more than fifteen to twenty minutes.

**In fourth through sixth grade,** students should receive two to four assignments per week, lasting between fifteen and forty-five minutes. At this age, the primarily goal of homework is to help student develop the independent work and learning skills that will become critical in the higher grades.

**In seventh through ninth grade**, students receive three to five sets of assignments per week, lasting between forty-five and seventy-five minutes per set.

**In the upper grades,** the more time spent on homework the greater the achievement gains.

**The students of high school** will receive four to five sets of homework per week, taking them between seventy-five and 150 minutes per set to complete.

It is not surprising to assign the homework at least three quarters of the time at the **older age levels, in college preparatory classes and vocational training classes.**

Furthermore, homework is always assigned. Thus at any age, homework may indicate our academic expectations of children.

It is important as one of several influential factors in school success. Thus, students who devote time to homework are probably on a path to improved achievement.

Don't use homework as a punishment or reward can work as palliatives. Don't assign a lot of homework when the pupils are not behaving well.

Don't give extra marks for those who do the exercises. One or the other attitude can make the pupils think of homework as good or bad. Students do not think te homework as an important or challenging activity that helps their learning process.

Try to introduce homework as a systematic activity, pupils start to make it a habit, and they don't seem pressured doing it.



Learners need to be aware why they don't do homework, and take the responsibility for it. Learners' homework means a lot as it involves the learners towards self-esteem and self-independency.

**In conclusion,** We believe that the pupils' interest in homework will depend on the effort in planning, presenting, and working with it. *Homework assignments should not just be collected spontaneously.* It should make students be able to use it in true to life situations. We had better to follow 'every day's homework assignment' policy with different tasks for different learners.

The idea was stated by Vatterott in 2010, too. Pupils' habits reflect the teacher's attitudes.






## REFERENCES:

1. Blaz, D 2006. Differenciated instruction: A guide for foreign language teachers. Larchmont, N.Y: Eye on Education.
2. Cushman, K. 2010 Show us what homework's for. Educational leadership 68(1): 74-78.
3. Lee J. F., and K.W. Pruitt. 1979. Homework assignments: Classroom games or teaching tools? Clearing house 53(1): 31-35.
4. Bennett, Sara, and Nancy Kalish. The Case Against Homework: How Homework Is Hurting Our Children and What We Can Do About It (New York: Crown, 2006).
5. Vatterott, C.2010. Five hallmarks. Educational leadership 68(1): 10-15.
6. Vatterott, Cathy. "There's Something Wrong With Homework." *Principal*, January-February 2003: 64. Available at: http://www.naesp.org/ContentLoad.do?contentId=659.
7. Kralovec, Etta, and John Buell. *The End of Homework: How Homework Disrupts Families, Overburdens Children, and Limits Learning* (Boston: Beacon Press, 2000).
8. Laura Loder Bushel, Switzerland. English Homework: What makes sense? English Teaching Forum Volume 54. #3. 2016.

## СУПОРИШИ ВАЗИФАИ ХОНАГӢ БОЯД МАҚСАДНОК БОШАД

Мақолаи мазкур дар бораи паҳлӯҳои асосии супориши вазифаи хонагӣ ва хусусияти хоси иҷроиши он маълумот дода, дар бораи аҳамияти он маълумот медиҳад.

Муаллифони мақола кӯшиш ба харҷ додаанд, ки дар бораи шумораи машқҳои вазифаи хонагӣ барои синфҳои алоҳида, моҳияти ба назаргирии **синну сол ва қобилияти хонанда**, аҳамияти хосаи супориши машқҳо барои вазифаи хонагӣ ва нақши онҳо **дар** омӯзиши фанни забони англисӣ бо овардани далелҳо **ҷой диҳан**д.

Зимни равшанӣ андохтани ба паҳлуҳои муҳими мавзуъ оид ба истифодаи сарфаи вақти ҷудошуда барои иҷроиши вазифаи хонагӣ дар колеҷҳо ва дар муассисаҳои олӣ низ мулоҳизаронӣ карда шудааст.

Хулоса карда мешавад, ки дар таълими забони англисӣ муайян намудани вақти супориши вазифаи хонагӣ масъалаи муҳим буда, мо омӯзгоронро водор месозад, ки истифодаи чунин тарзи таълими босалоҳият ба ташаккули малакаҳои амалӣ равона шуда ба саволҳои: "Хонанда чӣ кор карда метавонад?" "Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?" ҷавоб медиҳад.

**Калидвожаҳо:** *шумораи машқҳои вазифаи хонагӣ, паҳлӯҳои асосӣ, синну сол ва қобилияти хонанда, муассисаҳои миёнаи умумӣ, колеҷҳо ва муассисаҳои олӣ, аҳамияти тайин намудани вазифаи хонагӣ, шумора, назорат, вазифаи волидайн.*

## ДОМАШНИЕ ЗАДАНИЯ ДОЛЖНЫ БЫТЬ ЦЕЛЕНАПРАВЛЕННЫМИ

В данной статье речь идёт об основных направлениях домашнего задания, о спецификах выполнения и его роли.

Авторы дают ясность о количестве домашних заданий для каждого класса, учитывая их возраст и способность в изучении английского языка.

При выяснении основной мысли темы, относящейся к использованию выделенного времени для выполнения домашнего задания, широко обсуждаются вопросы о количестве домашних заданий, о важности домашнего задания, учёт возрастных способностей ученика в средних общеобразовательных учреждениях, колледжах и ВУЗ - ах. Приводится примеры об ответственности родителей за контроль ребенка.

Делается вывод, что в изучении английского языка определение времени для выполнения домашнего задания является важной задачей, что отвечает на вопросы «Что может делать ученик?» и «Какие задания он может выполнять?» в результате самостоятельного изучения, что требует методика преподавания языка современного мира.

**Ключевые слова:** *количество домашних заданий, важность домашнего задания, учет возраста и способность ученика, средние общеобразовательные учреждения, колледжи и ВУЗы, ответственность родителей за контроль ребенка.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Лутфуллоева Парвина – номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ*

*Ҳамидова Мусалам* - *омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарии МДДҶТИБКСМ*

**Сведения об авторах:** *Лутфуллоева Парвина - кандидат педагогических наук, заместитель директора Института развития образования имени А. Джами АОТ*

*Хамидова Мусалам - старший преподаватель кафедры методики преподавания гуманитарных предметов МДДЖТИБКСМ*

**Information about the author**: *Lutfulloeva Parvina - Candidate of Pedagogical Sciences Deputy Director of Institute for Educational Development named after A. Jami AET*
*Khamidova Musalam - Senior Lecturer, Department of Teaching humanitarian Subjects MDJTIBKSM*

**ТДУ:802.0+809.155.0**

# СОХТОРИ КАЛИМАҲОИ ТАКРОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

***Ҷамшедов П. Раҳимова Ш. Д.***
**Донишгоҳи байнанмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Забон дар инкишофи пайваста қарор дошта, такмил ёфта, ғанӣ гардида, зимнан, тағйироти назаррас дар луғати забон ба амал меоянд. Дар ин росто, воситаи муҳимтарини пуррашавии таркиби луғавии забон ва шарти асосии фаъолияти ҳар гуна забони табиӣ калимасозӣ маҳсуб мешавад. Забони муосири англисӣ бо қобилияти калон ба ташаккули воҳидҳои нави луғавӣ фарқ карда, дорои усули гуногуни калимасозӣ мебошад. Бо зоҳир кардани дараҷаи баланди фаъолиятнокӣ, роҳу усули калимасозӣ низ сатҳи гуногуни самаранокиро нишон медиҳанд.

«Усули ҷуфтсозӣ, – ба ақидаи Н.В. Солнтсева, – ҳамчун воситаи оммавӣ то замони пайдоиши калимасозӣ ва калимасозии аффиксалӣ пайдо шуда, мавриди истифода қарор гирифтааст» [11, с. 78]. Редупликатсия дар забони англисӣ мавзуи таваҷҷуҳи калони забоншиносон ба ҳисоб рафта, ба ин масъала корҳои зиёде бахшида шудааст, аммо ба таърифи мафҳум, нақш ва вазифаҳои редупликатсия дар забони англисӣ муносибатҳои гуногун мавҷуданд.

Дар фаҳмиши оддитарин, редупликатсия аз калимаи лотинии «reduplicatio» (ҷуфтшавӣ) гирифта шуда, маънои такрор, ҷуфтшавии реша ё калимаи том ҳамчун усули калимасозӣ, ташаккул додани шаклҳои грамматикӣ, воҳидҳои фразеологиро дорад, масалан, *hoity-toity* – мағрур, *shilly-shally* – беазм.

Барои дарк ва фаҳмидани редупликативҳои англисӣ аксар вақт аниқ донистани тарҷумаи ҷузъҳои алоҳидаи он ё гумони забониро зоҳир кардан нокифоя буда, танҳо донистани маънои томи калима тобишҳои маъниҳои он имкон медиҳанд, ки маънои зарурӣ фаҳмида шуда, арзиши баён нигоҳ дошта шавад.

Дар забони муосир калимаҳои сершумори редупликатсионие мавҷуданд, ки фаҳмишро аз сабаби ғайримуқаррарӣ будани роҳу усули калимасозӣ душвор мегардонанд. Калимҳои дорои ҳиҷоҳои такроршаванда ё дучандшавиҳои мураккабтар ба андозаи гуногун дар ҳамаи забонҳои ҷаҳон мавҷуданд. Онҳо дар забони англисӣ низ ҷойгоҳи назаррасро ишғол менамоянд, аз ин рӯ таҳлили чунин калимаҳо аз аҳамияти назаррас мебошад.

Якчанд роҳу усули вожасозӣ мавҷуд аст:

1) калимасозӣ – пайванд кардани ду ё зиёда калимаҳо барои ташаккул додани калимаи нав;

2) конверсия – ташаккул додани калимаҳои нав аз калимаҳое, ки ба ҳиссаи дигари нутқ тааллуқ дошта, иловаҳои аффиксҳо (пешоянду пасояндҳо)-ро надоранд. Бо кумаки конверсия асосан исмҳо аз феълҳо, феълҳо аз исмҳо ва феълҳо аз сифатҳо ташаккул меёбанд;

3) истифодаи аффиксҳо – ташаккул додани ҳиҷоҳои нав аз асосҳои калимаҳои мавҷуда бо кумаки пешояндҳо ва пасояндҳо. Донистани маъниҳои пешояндҳо ва пасояндҳо ба муайян кардани маънии калимаҳои ношиносе, ки бо кумаки онҳо аз калимаҳои нав ташаккул ёфтаанд, кумак мекунад.

**1. Редупликатсияи сермаҳсул.**

Сермаҳсулии ин ё он навъи редупликатсия аз хусусиятҳои сохти морфологии забон вобаста мебошад. Дар баробари ин, сарфи назар аз мавҷудияти навъҳои гуногуни дучандшавӣ, бартарияти редупликатсияи аффиксалӣ нисбат ба намудҳои дигари редупликатсия шубҳае надорад. [12, с.308]. Барои забони таҳлилии англисӣ, ки бо такрорҳои қофиядор ва аллитератсионии асосҳои решагӣ фарқ мекунад, амсилаҳои сермаҳсули дучадшавии ҳиҷогӣ ва решагӣ хос мебошанд.

Дар забони англисӣ ду гурӯҳҳои асосии редупликатҳо: дорои аблаут ва қофиядорро фарқ мекунанд. Гурӯҳи аввали редупликатҳо дар заминаи ивазшавии садонокҳои решагӣ tip-top – аввалиндарача; knick-knack – чизи нокора ташаккул меёбанд. $CV_1C$ – $CV_2C$ – ивазшавии садонокҳо дар таркиби як морфема мебошад, ки аксар вақт ба сифати флексияи дохилӣ амал мекунанд. Одатан, садонок дар калимаи ивазшаванда ҳамчун садоноки баланд, ва садоноки минбаъда садоноки паст номида мешавад. Ин намудҳо овозтақлидкуниро дар бар мегиранд, яъне овозҳо моҳиятан ягон чизро ифода мекунанд, аммо маънии ин ду унсурҳо бо фарқият дар андоза, вазн, баландӣ ва ғайра тақсим шудааст. Дар ҳолатҳои дигар овозтақлидкунӣ вуҷуд надошта, ду унсур аз манбаъҳои гуногун гирифта мешаванд. Масалан: chit-chat – сафсатафурӯшӣ; see-saw – арғунчак, ларзишҳо [16, с.51].

Гурӯҳи дуюми редупликатҳо дар заминаи, аз қабили: killer-diller – *шахси ҷолиб* қофия ташаккул дода мешаванд. $C_1VC$ – $C_2VC$ – ҳамсадои ибтидоӣ бо ҳамсадои дигар иваз мешавад. Дар ин намуд ҳарду унсур дорои маънӣ буда, аз калимаҳо ё морфемаҳои гуногуне ташаккул ёфта метавонанд, ки дорои маънии гуногун мебошанд. Масалан: bow-wow – тақлиди аккосзании саг, nitwit – аблаҳ, соддалавҳ. VC – $C_1VC$ – ҳамсадои ибтидоӣ дар қисми аввал вуҷуд надошта, аммо дар қисми дуюм пайдо мешавад. Масалан: ill-will – конференсия; itsy-bitsy – хеле хурд [16, с.51].

Мутобиқи вазифаи номинативӣ редупликативҳоро дар забони англисӣ инчунин ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Дар қисми аввал такрор ҳамчун усули ташаккулёбии калимаҳои оммафаҳм бо маънии нав мебошад: boogie-woogie «буги-вуги» Дар қисми дуюм бошад, такрор вазифаи услубшиносиро зимни нигоҳ доштани маънӣ иҷро мекунад. Дар гурӯҳи дуюм шаклҳои кӯдаконаи коннотатсияҳои хурдкунанда handsy-wandsy «дастча» ва калимаҳо бо коннотатсияи киноягию беэътиноёнаи thriller-diller «бестселлер» вуҷуд доранд [21, с.206].

Забони таҳлилии англисӣ дар раванди ба вуҷуд овардани редупликатҳо ба морфемаҳои решагӣ ё калимаҳои бутун асос меёбад. Усули мазкур хеле соддатар ва табиитар ва, дар айни замон, хеле сермаҳсултар назар ба усули аффиксалӣ ба шумор меравад. Дар ин бобат забоншинос Н.В. Солнтсева возеҳан қайд кардааст, ки: «Усули дучандкунӣ ҳамчун воситаи оммавӣ пеш аз пайдоиши калиматашаккулдиҳӣ ва калимасозии муосири аффиксалӣ пайдо шуда, мавриди истифода қарор гирифта буд» [20, с.76].

**2. Редупликатсияи сабабнок ва бесабаб**

Дар луғатномаҳои ҳамаи забонҳо ҳам редупликатсияи сабабнок, ҳам редупликатсияи бесабаб мавҷуданд. Редупликатсияи сабабнок аломати мавҷуда («сабабноккунанда»)-ро такрор карда, редупликатсияи бесабаб аз ҳеҷ гуна аломат ташаккул наёфта, дар ҳолати умумӣ ҳамчун падидаи сатҳӣ ҷудо карда мешавад.

Таносубби ин ду синфи калимаҳо вобаста ба забон фарқ мекунад, аммо дар доираи муайян боқӣ мемонад: дар миёни шумораи умумии калимаҳои редупликатсияшуда ҳамчун редупликатсияҳои сабабнок аз як то сеяк ҳиссаи он қарор мегирад. [18, с.342].

***Редупликатсияи сабабнок*** ҳамчун механизми калимасоз амал мекунад, ки, ба монанди аффиксатсия, бо параметрҳои зерин тавсиф мешавад:

1) калимаи ибтидоии редупликатсиянашуда ба кадом синфи грамматикӣ (ҳиссаи нутқ) мансуб аст;

2) калимаи бадастомадаи редупликатсиянашуда ба кадом синфи грамматикӣ (ҳиссаи нутқ) мансуб аст;

3) кадом маъно калимаи ибтидоӣ ва бадастомадаро фарқ мекунонад [15, с.83].

Аён аст, ки аз нуқтаи назари ин параметрҳо ҳар гуна ҷуфт – «калимаи ибтидои редупликатсиянашуда», «калимаи бадастомадаи редупликатсияшуда»-ро ба яке аз чор навъи зерин нисбат додан мумкин аст:

1) Ҳарду калима ба синфҳои гуногуни грамматикӣ мансубанд, аммо дорои ягон хел тафовути махсуси маъноӣ намебошанд, ба ибораи дигар, редупликатсия ҳамчун усули ташаккул додани калимаҳои синфи дигари грамматикӣ, яъне ҳамчун вербализатор (феълсоз), адъективизатор (сифаткунанда), субстантиватор (асосноккунанда) ва ғайра истифода мешавад;

2) Ҳарду калима ба синфҳои гуногуни грамматикӣ мансуб буда, бо маънои барои шаклҳои редупликатсияшуда хос фарқ мекунанд;

3) Ба сифати чунин маъно, пеш аз ҳама, намудҳои гуногуни сершуморагӣ буда метавонанд (яъне калимаи редупликатсияшуда дорои маънои сершуморагӣ буда, калимаи редупликатсиянашуда бошад, дорои маънои сершуморагӣ намебошад);

4) Ҳарду калима ба синфи грамматикӣ мансуб буда, бо маънои махсус барои редупликатсия фарқ мекунанд (масалан, аз феъли муқаррарӣ феъли мултипликативӣ ташаккул меёбад);

5) Ҳарду калима ба як синфи грамматикӣ мансуб буда, дорои фарқи махсуси маъноӣ намебошанд, яъне моҳиятан дар бораи ҷуфти муродифие ҳарф задан мумкин аст, ки ҷузъҳои он танҳо бо мавҷудияти редупликатсия дар сатҳи шакл фарқ мекунанд [15, с.70].

Ҳамчун ***редупликатсияи бесабаб*** мо редупликатсияеро меномем, ки дар он корреляри (ҳамбастаи) муносиби редупликатсиянашуда вуҷуд надорад. [6, с.5].

Ҳамчун объекти редупликатсияи бесабаб воҳидҳое ба шумор мераванд, ки ба салоҳияти морфология дар фаҳмиши муқаррарии он дохил намешаванд. Калимаи редупликативӣ, ки дорои асоси сабабноккунанда намебошад, аз як морфема иборат мебошад, аз ин рӯ, аз нуқтаи назари морфология, он як воҳиди тақсимнашаванда маҳсуб мешавад.

Инкишофи нобаробари редупликатсия дар забонҳои гуногун метавонад бо таносуби гуногуни сабабнокӣ ва бесабабӣ, тавлидшавандагӣ ва бозтавлидшавандагии калимаҳо алоқаманд бошад. Дар забонҳои навъҳои гуногун қувваи ин тамоюл айн аст. Бартарии тамоюли якум (забон бо агглютинатсия) метавонад сермаҳсулии редупликатсияро ангезиш диҳад, бартарии тамоюли дуюм (дар забонҳои дорои флексия) бошад, инкишофи онро маҳдуд намояд.

**3. Редупликатсияи хусусӣ**

Намудҳои хусусии редупликатсия ҳамчун навъҳои редупликатсияҳое муайян карда шуаанд, ки на барои ҳамаи забонҳо хос мебошанд. Яке аз чунин намудҳои редупликатсияҳое, ки ба забонҳои дорои сохти таҳлилӣ хос мебошанд, редупликатсияи S(c)hm маҳсуб мешавад. Ҳамчун мисоли равшани истифодаи редупликатсияи мазкур инҳо мебошанд: fancy shmancy аз fancy, ва bagel shmagel аз bagel. Тавре дар луғатномаи англисии Оксфорд тасдиқ карда мешавад, ин равандро забони англисӣ аз калимаҳои сершумори яҳудие гирифтааст, ки бо s(c)hm сар шуда, дорои маъниҳои манфӣ мебошанд [28, с. 910]. Гарчанде ки на ҳамаи ҳомилони забони англисӣ редупликатсияи shm-ро фаъолона истифода мебаранд, он ба барои тамоми онҳо маълум буда, ҳақиқатан, дар васоити маъруфи ахбори омма аксар вақт мавриди истифода қарор мегиранд.

Ин шакли редупликатсияе мебошад, ки дар он калимаи аслӣ ё ҳиҷоҳои (асоси) аввалини он редупликатсия шуда, зимнан, дар аввали ин калима shm– гузошта мешавад, ки баъзан ҳамчун schm– талаффуз мешавад. Редупликатсияи sh(c)m ба калима тобиши маҷозӣ дода, эътиборро хеле паст мекунад, аммо истифодаи чунин калима дорои хусусияти таҳқиркунанда ё пастзананда намебошад.

Хусусиятҳои фонологии редупликатсияи s(c)hm [24, с.32]:

1. Калимае, ки бо як ҳамсадо сар мешавад, иваз карда мешавад shm– (table-shmable).

2. Калимаҳои англисие, ки бо 2 ва зиёда аз он ҳамсадоҳо сар мешаванд, дорои вариантҳои бештари тағйирёбӣ мебошанд: баъзеи онҳо, агар имкон бошад, ҳамсадои аввалинро иваз мекунанд (breakfast shmreakfast), дигариҳо ҳамаи ҳамсадоҳоро иваз мекунанд (breakfast shmeakfast).

3. Ба калимаҳои англисие, ки бо садонокҳо сар мешаванд, s(c)hm ба аввали редупликант пайваст шуда, калимаи аслиро тағйир намедиҳад (orange shmorange);

1. Баъзеи онҳо ҳиҷои зададор, на ҳиҷои аввалро иваз мекунанд (incredible inshmedible).

4. Редупликатсияи s(c)hm дар калимаҳое тағйир меёбад ва ё аз он канорагирӣ карда мешавад, ки аллакай бо s(c)hm сар мешаванд – (shmuck shmuck).

5. Аксари калимаҳое, ки бо sh– сар мешаванд, ба ҷои s(c)hm– sm-ро истифода мебаранд (Ashmont Smashmont).

**4. Ономатопея ҳамчун навъи махсуси редупликатсия**

Тақлиди овозӣ (ономатопея, идеофон) ин калимае мебошад, ки барои тақлид кардани овозҳои воқеияти атроф бо истифода аз воситаҳои забон хизмат мекунад [10, с.109].

Олимон – забоншиносони пешина тамоми луғати овозтасвиркунандаро аксар вақт ба таври ғайри тафриқавӣ баррасӣ мекунанд. Дар ҳоле ки низом аз ду зернизом иборат мебошад:

– овози рамзӣ (бо денотати ғайриакустикӣ);

– овозтақлидкунӣ (бо денотати акустикӣ).

Дар таърихи омӯзиши овозтақлидкунӣ дар забони англисӣ се марҳиларо фарқгузорӣ кардан мумкин аст:

1) Марҳилаи аввал таҳқиқотҳо пешинаеро дар бар мегирад, ки аксаран дорои хусусияти тавсифӣ дошта, зимнан, маводи васеи забониро (К. Веҷвуд, Ф. Мюллер, А. Суит, Э. Партриҷ ва дигарон) пешниҳод менамоянд. Дар ин марҳила баъзе кӯшишҳо ба ҷамъбасти маводи далелӣ карда мешаванд, аммо онҳо, асосан, бо муайян кардани баъзе унсурҳои умумии маънӣ барои таркибҳои алоҳидаи забонҳо маҳдуд мешаванд. Аксарияти муҳаққиқони пешинаи тақлиди овози англисӣ байни ономатопея ва овозрамзӣ фарқ намегузоранд.

2) Марҳилаи дуюм кӯшишҳои таҳияи таснифи луғати овозтақлидкуниро дар бар мегирад. Вариантҳои сершумори таснифи луғати тақлиди овозӣ мавҷуданд, аммо ҳамаи онҳоро дар ду самти асосӣ маҳдуд кардан мумкин аст:

а) аз рӯйи унсурҳои умумии сохторӣ ва сифатҳои акустикии овозҳо [8, с.15];

б) аз рӯйи манбаъҳои овозҳо [9, с.86].

3) Марҳилаи сеюм ҳадгузории ниҳоии таҳқиқот (ҳадгузории овозрамзӣ); низомбандии маводи ҷамъоваришудаи забонӣ бо ҷалби маълумоти акустика; таҳқиқоти аввалини гунашиносии тақлиди овозӣ дар забонҳои ғайрихешутабор; кӯшишҳои таҳлили истифодаи калимаҳои овозтақлидӣ дар матн; кӯшишҳои таҳқиқи ҷомеашиносии овозтақлидҳоро дар бар мегирад [8, с.22].

Бояд қайд кард, ки калимаҳои тақлиди овозӣ ба шумори нидоҳо мансуб медонанд. Ҳамин тавр, дар луғатномаҳои тафсирӣ тақлиди овозӣ ба таври ҷиддӣ аз нидоҳо ҳадгузорӣ карда намешаванд: ё бо аломати «нидо» таъмин карда мешаванд, ё бо онҳо дар як моддаи луғатномавӣ муттаҳид мешаванд. Сарфи назар аз он, ки ҳам нидоҳо, ҳам калимаҳои тақлиди овозӣ аз ҷиҳати морфологӣ аморфӣ (бешакл) мебошанд, аз ҷиҳати синтаксисӣ он ба таври кофӣ мустақил буда, як навъ дар канор, дар нӯг дар низоми луғавию маъноӣ қарор доранд, фарқиятҳои назарраси функсионалие вуҷуд доранд (нидоҳо ва овозтақлидҳо бо мақсадҳои комилани гуногуни синтаксисӣ истифода мешаванд), ки бо фарқи маъноӣ ва семиотикӣ муайян шудаанд. [23, с.410].

Миёни нидо ва овозтақлидкунӣ якчанд фарқи муҳим мавҷуданд:

а) Нидоҳо, чун қоида, дар грамматика ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ муайян шуда, калимаҳои тақлиди овозӣ бошанд, ҳиссаи мустақили нутқ ба шумор намераванд.

б) Нидоҳо ин калимаҳое мебошанд, ки бевосита ҳиссиёт ва иродаро ифода намуда, онҳоро номбар намекунанд. Хосияти нидоҳо аз ифодаи доираи хеле гуногун ва баъзан хеле рангоранги ҳиссиёт, аксар вақт ба таври қутрӣ муқобил, иборат буда, бо он муайян мешавад, ки дар татбиқи маъниҳои луғавии онҳо заминаи забонӣ, вазъияти нутқ, оҳанг, имову ишора, инчунин қиёфабозӣ нақши муҳим мебозанд. [22, с.74]. Чунин калимаҳои тақлиди овозӣ ба монанди cock-a-doodle-doo, bow-wow на эҳсос на ҳиссиётро ифода намекунанд, балки тақлидҳо ба садоҳои мушаххаси табиӣ ба шумор мераванд.

в) Ҳиссиётро ифода карда, аммо онро номбар накарда, нидоҳо одатан ба шарҳу тавзеҳи ба он пайваста ниёз доранд. Дар ҳоле ки калимаҳои тақлиди овозӣ падидаи комилан мушаххаси олами берунаро ифода карда, усулан, бидуни шарҳу тавзеҳ низ фаҳмо ва равшан мебошанд.

г) садодиҳии ашё ва падидаҳои табииро ифода карда, калимаҳои тақлиди овозӣ бар хилофи нидоҳо дорои маънии муайяни луғавӣ мебошанд.

д) калимаҳои тақлиди овозӣ дар калимасозӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Сермаҳсулии нидоҳо аз нигоҳи калимасозӣ назаррас намебошад.

е) дар аксарияти ҳолатҳо калимаҳои тақлиди овози аъзои ҷумла ба шумор мераванд.

Таҳқиқот аввалини муҳим оид ба масъалаи тақлиди овозӣ дар забони англисӣ дар охири асри XIX – аввали асри XX ба нашр расидаанд. Калимаҳои англисии овозтақлидӣ таваҷҷуҳи олимон – забоншиносонро бо якчанд омилҳо ба худ ҷалб менамоянд [4, с.200]:

1. бештар эксплиситӣ (равшан) будани онҳо назар ба аксари забонҳои дигар, аз сабаби шумораи қиёсан начандон калони флексияҳо ва воҳидҳои аффиксалӣ;

2. сермаҳсулии баланди усули конверсионии калимасозӣ, ки ин ба гузариши овозтақлидҳо аз ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ мусоидат менамояд: ding-dong (n) – ding-dong (v);

3. тамоюли бештари забони англисӣ ба инъикоси эҳсоси шунавоӣ. Дар тавсифи вазъият забони англисӣ афзалиятро ба идроки овозӣ, на ба идроки босирагӣ медиҳад;

4. миқдори назарраси воҳидҳои овозтақлидӣ, ки редупликатсия ва ивазшавии овозҳоро дар бар мегиранд (snip-snap, flip-flap) [10, с.116].

Мавҷуд будани шумораи калони воҳидҳои луғави редупликативии овозтақлидӣ аз ҷониби олимони зиёд қайд карда мешавад.

Овозтақлидҳо низ ба пурра (бештар овозтақлидӣ) тақсим мешаванд: quack-quack ва ғайра; нопурра (бо тағйирёбии садонок): zig-zag [17, с.287].

Дар бораи хусусиятҳои хоси воҳидҳои редупликативӣ барои калимаҳои овозтақлидкунии забони англисӣ И.В. Арнолд низ ҳарф зада, ӯ онҳоро ба 3 гурӯҳ тақсим мекунад:

1. воҳидҳои пурраи редупликативӣ (hush-hush, quack-quack);
2. воҳидҳои нопурраи редупликативӣ (chit-chat);
3. воҳидҳои қофиядори редупликативӣ (razzle-dazzle) [3, с.130].

Ҳамин тариқ, луғати овозтақлидкунӣ дар забони англисӣ ҳамчун яке аз манбаъҳои асосии ғанӣ гардидани забони англисӣ ба шумор рафта, маводи хеле васеъ ва ҷолиб барои таҳқиқоти забоншиносӣ маҳсуб мешавад.

Дар забоншиносии муосир мафҳум ва моҳияти редупликатсия аз сабаби бисёрҷанба будани падида ба таври аниқ муайян карда нашудаанд. Мавҷуд набудани ҳудудҳои устуворе, ки падидаи редупликатсияро муайян мекунанд, аз як тараф, баъзе душвориҳоро дар таснифи параметрҳои гуногуни расмӣ ва функсионалии падидаи мазкур ба вуҷуд оварда, аз тарафи дигар, зарурати баррасии низоми калимасозии забонро ҳамчун низоми кушода ва фарққунандае, ки хосиятҳоро зоҳир мекунад, таъкид менамояд.

Тавре ки дар боло маълум шуд, редупликатсия ба пурра, нопурра ва дивергентӣ тақсим мешавад. Редупликатсияи пурра амсилаҳои зеринро дар бар мегирад:

- V.V – aye aye;
- CV.CV – wee wee;
- CVC.CVC – tar tar.

Принсипҳои бунёди редупликатсияи пурра дар забони англисӣ ба тариқи зайл аст:

1. Аксаран редупликатсияи пурра бо овозтақлидҳо ва идеофонҳо муаррифӣ шудаанд, аз қабили: caw-caw, moo-moo, mew-mew, murmur, boo-boo;

2. Такрори пурра бо ивазшавии садонок, аз қабили: trip-trop, griffy-gruffy, swishy-swashy, tittle-tattle, riff-raff, dingle-dangle , fiddle-faddle, mingle-mangle;

Редупликатсияи нопурра бо навъҳои зерин муаррифӣ шудаанд:

- C1V.C2V – hi-fi;
- CV1C.CV2C – criss-cross, nick-nack, riff-raff;
- C1VC.C2VC – rag bag, pop top, hob-nob;
- C1V.C2V.C3V.C2V – willy-nilly.

Редупликатсияи дивергентӣ ё такрорҳо бо тағйирёбии таркиби овозӣ асосан дар нутқи кӯдакон, калимҳои овозтақлидӣ, сленг ва нутқи ғайримеъёрӣ дучор меоянд.

Дар луғати ғуйримеъёрӣ асосан таркибҳои қофиядор вомехӯранд, масалан: do-do, hockey-pokey, hoddy-doddy, blah-blah, coo-coo.

Таркибҳои ҷуфтии қофиядор бо истифодаи эхоредупликатсия паҳн шудаанд, ки дар забони англисӣ ба намуди алоҳидаи калимасозӣ, ба ном редупликатсияи s(c)hm, ҷудо карда шуда, он дорои миқдори азими мисолҳо, аксаран дар сленг бо маънии манфӣ истифодашаванда (fancy-shmancy, money-schmoney, time schmime, plan-shman) мебошад.

Дар нутқи кӯдакона инсунин дучандашавӣ ба таври васеъ паҳн шудааст, аз қабили: hocus-pocus, boo-boo, ga-ga, ba-ba, teeny-weeny.

*Такрорҳо дар забони тоҷикӣ.* Истифодаи ҷуфткунӣ ба сифати усули муайяне, ки барои ба калима бахшидани тобиши эҳсосотию таъсиррасон хизмат мекунад, дар таомми забонҳои ҷаҳон паҳн шудааст. Олимон – забоншиносон иддао мекунанд, ки редупликатҳо дар забон бо мақсади таъсиррасонии услубшиносӣ, инчунин, дар акарияти ҳолатҳо барои таъсирбахштар кардани нақл истифода мешаванд.

Барои забони назм такрор яке аз усулҳои хостарин ба шумор меравад. Дар назму насри форсу тоҷик навъҳои гуногуни редупликатсияҳо зуд – зуд дучор меоянд. Дар баробари ин, намудҳои гуногуни такрор: редупликатсияи ҷузъӣ ва пурра, калимаҳои овозтақлидӣ, такрори муродифӣ (ҳарду ҷузъ дорои маънии воқеӣ буда, нисбат ба ҳамдигар ҳамчун муродифҳо муносибат мекунанд) ва ба ном такрори антонимӣ, яъне редупликатсияҳое дучор меоянд, ки дар онҳо ҷузъҳои мустақилмаъно бо маънои (семантикаи) антонимӣ омезиш меёбанд.

Ҳамин тавр, такрор ҳамчун воҳиди мураккаби забонӣ дорои ҷанбаҳои хеле васеи омӯзиш буда, аз зер иборат мебошанд:

**1.Ҷанбаи фоно – морфологӣ**. Ин ҷанба аз ивазшавии овозҳо дар дохили воҳидҳои такроршаванда иборат буда, ҳиссаҳои гуногуни нутқро дар бар мегирад. Муҳаққиқи Д.Ш. Музаффарова дар диссертатсияи худ менависад, ки «падидаи фонологӣ – ин ивазшавии (тағйирёбии) овозҳои садонок ва ҳамсадо ҳамчун асоси барқарор шудани амсилаҳои фоно – морфологии калимаҳои редупликативӣ ва такрор ар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ хизмат мекунад [7, с. 26].Ташаккули ҳар як амсила маҳз аз хусусияти тағйироти вокалю консонантӣ дар таркиби калимаҳои ташаккулёбандаи такрорӣ вобаста мебошад. Ӯ амсилаҳои зерини асосии устувори фоно – морфологиро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ фаргузорӣ кардааст:

1) Редупликатсияи фоно – морфологӣ бе тағйирбии садонокҳо ва ҳамсадоҳо.

2) Редупликатсияи фоно – морфологии бо роҳи тағйирёбии овозҳои ҳамсадо ташаккулёфта.

3) Такрори фоно – морфологии калимаҳо бо тағйирёбии танҳои овозҳои садонок [7, с. 27].

**2. Ҷанбаи сохторию маъноӣ**. Падидаи такрор пайваста дар мадди назари ҳам забоншиносон, ҳам адабиётшиносон қарор дорад. Аз нуқтаи назари забоншиносон, такрор ҳамчун падидаи сохторию маъноӣ дар ҳар як забони мушаххас баррасӣ шуда, хусусиятҳои хосси худро ҳам нисбат ба низоми шаклҳои истифодашаванда, ҳам нисбат ба фаъолияти воқеиашон зоҳир мекунад. Такрор дар ҳамаи забонҳои ҷаҳон ба мушоҳида расида, он ба низоми категорияҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва луғавӣ зич ҳамгиро карда шудааст. Ҳанӯз забоншиносони асрҳои гузашта ин падидаро на танҳо дар маводи забонҳои алоҳида, балки аз нуқтаи назари муқоисавӣ низ масъалаи мазкурро дар забонҳои аз ҷиҳати сохтор ва сохт гуногуни ҷаҳон мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ҳамчун пешоҳанг дар чунин муносибат ба омӯзиши редупликатсия забоншиноси олмонӣ Август Фридрих Потт [18] шуморида мешавад. Ӯ исбот кардааст, ки такрорҳо барои ифодаи маъниҳои луғавитю грамматикӣ, инчунин барои додани маъниҳои муайяни услубшиносӣ ва татбиқи ин ё он усулҳо истифода мешаванд.Чизи арзишмандтарин дар таълимоти ӯ он мебошад, ки ӯ асосҳоеро гузоштааст, ки омӯзиши гунашиносии категорияи мазкурро дар низомҳои забонҳои ғайрихешутабор ва гуногунсохтор имконпазир гардонидааст.

Тавсифи муфассалтари навъҳои гуногуни такрорҳо дар забон аз ҷониби психолог, файласуф ва забоншиноси олмонӣ Аилгелм Вундт дода шудааст, ки ӯ дар китобаш калимаҳо – такрорҳоро бар асоси хусусиятҳои овозӣ ва қисман маъноии онҳо тасниф кардааст. Аз сабаби он, ки мақсади асосии кори В. Вундт [19] омӯзиши ҷанбаи психологии далелҳои гуногуни забон ба шумор мерафт, дар он бори аввал редупликатсия мавриди таҳлили психологӣ қарор дода шудааст. Ӯ ду навъи ҷуфтшавӣ: 1) ҷуфтшавие, ки дар ҳамаи зинаҳои тафаккури забонӣ ба мушоҳида мерасад ва 2) ҷуфтшавиҳо ҳамчун маҳсули тафаккури худвижаи забониро фарқгузорӣ кардааст.

**3. Ҷанбаи маърифатии такрорҳо**. Такрор аз рӯй табиати худ ба забоншиносии маърифатӣ мансуб буда, дар навбати худ, маърифтанокӣ – ин қобилияти инсон ба қабул

кардани олами беруна аз тариқи низоми аз ҷониби худ бунёдкардаи назарҳое мебошад, ки аз идрок, диққати он вобаста мебошад.

Такрорҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, ба муносибати маърифатӣ ба падидаҳои забоние такя кардан мумкин аст, ки дар таҳқиқотҳо оид ба забоншиносии маърифатӣ батадриҷ инкишоф дода шуда истодааст. Дар ин росто, забоншиносии маърифатӣ аз «самте дар забоншиносӣ, ки забонро аз нуқтаи назари механизмҳои маърифатӣ (шинохтӣ) – е, ки дар асоси фаъолияти фикрронии инсон қарор доранд, омӯхта, тавсиф мекунад» [8, с. 65] иборат мебошад.

Забоншиносии маърифатӣ мақоми худро дар парадигмаи консепсияҳои забншиносии муосири ҷаҳонӣ ба таври пойдор ишғол намудааст. Маҳз пайдоиш ва рушди пуртуғёни он дар марҳилаи муосир ҳамчун хусусияти хоси забоншиносии охири аср ба шумор меравaнд. Ба ақидаи В.З. Демянков ва Е.С.Кубрякова, забоншиносии маърифатӣ забонро ҳамчун механизми маърифатие меомӯзад, ки дар рамзикунонӣ ва шаклдигаркунии иттилоот нақш мебозад[5, с. 53-55].

Бояд қайд кард, ки дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи забоншиносии маърифатӣ ҳанӯз ба таври махсус гузаронида нашудааст. Бо вуҷуди ин, дар корҳои солҳои охир унсурҳои муносибатҳои маърифатӣ вомехӯранд. Ҳамчун мисол дар ин муносибат корҳои Л. Бекташ «Луғатномаи туркӣ – тоҷикӣ – русии редупликатсияҳо» (2013) ва Д.Ш. Музаффарова «Калимаҳои редуплиуктаивӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (таҳлили муқоисавӣ»-ро (2015) овардан мумкин аст, ки ба сифати диссертатсияҳои номзадӣ ҳимоя карда шудаанд.

**4. Ҷанбаи амалии такрорҳо**. Такрорҳо махсусан дар амалияи омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба таври васеъ истифода мешавад. Асоси чунин омӯзишро, тавре ки маълум аст, матн ташкил дода, он дар навбати худ аз категорияи алоқаманд ва якпорчагии буриши забонӣ иборат мебошад. Дар мақолаи худ «Такрори грамматикӣ ҳамчун воситаи татбиқи когези дохилиматнӣ дар дискурси ҷорӣ зимни азхуд намудани забони немисӣ» Е.Н. Даштоян ҷанбаи грамматикии омӯзиши сохтори матнро дар шароити дузабонии русӣ – немисии дарсӣ баррасӣ карда, қайд менамояд, «дар маркази таҳқиқи когезияи матнӣ алоқаҳо байни ҷумлаҳое, ки ба микроматн дохил мешаванд, қарор доранд» [17].

Аксарияти муҳаққиҳон ҳамчун воситаи асосии татбиқи алоқаҳои байнииборагӣ такрорро мешуморанд. М.Н. Откупшикова дуруст қайд менамояд, ки «... такрори маъно шарти асосии пайдошавӣ ва мавҷуд будани матн мебошд» [9, с. 40].

Тавре қайд карда шуд, такрор ҳамчун воҳиди универсалии забон аз нутқаи назари забоншиносӣ дар ҷанбаҳои луғавию маъноӣ, грамматикӣ ва усулбшиносӣ баррасӣ мешавад. Дар баробари ин, универсалӣ будани редупликатсия ҳамчун усули сохтани калимаҳо, ки аз ҷониби аксарият ё, аниқтараш», аз ҷониби ҳамаи забонҳои ҷаҳон омӯхта мешавад, гӯё як далели баҳснопаҳир маҳсуб мешавад. Дар «Луғатномаи забоншиносии энсиклопедӣ» дар бораи ин падидаи забоншиносӣ чунин гуфта шуааст: «Редупликатсия ба забонҳои сохти гуногун хос мебошад» [6, с. 408]. Нуқтаи назари ба ин мушобеҳ аз ҷониби Э. Сепир изҳор карда шудааст: «чизе ба ҷуз далели интишори васеи редупликатсия табиитар нест...» [10]. Ба сифати нишонаҳои универсалии редупликатсия инҳо ҷудо карда шудаанд: Аксар вақт редупликатсяи замчун сифати фарқ кардани маънии луғавӣ амал карда, шиддатнокӣ, касрӣ будан, хурдкунӣ ва ғайраро ифода мекунад ...» [6, с. 82].

Аз рӯи навъи ифодаи фикр такрори луғавӣ ба намудҳои зерин тақсим мешавад: а) такрори пурра ё дақиқ; б) такрори нопурра; в) такрори овозтақлидкунанд; г) такрори тасвирӣ; д) такрори тавтологӣ. Ҳар якеи онҳоро муфассал дида мебароем.

Такрори луғавӣ чунин навъи такрор мебошад, ки дар он калимаҳо пурра ё қисман такрор мешаванд. Масалан: **баланд-баланд**, **оҳиста-оҳиста**, **нарм-нарм, қатор-қатор тез-тез**, **лӯб-лӯнда**, **шалдар – шулдур, суп-сурх**, **чой-пой**, **мева-чева** ва ғайра.

Хусусиятҳои такрори пурраро дида мебароем.

*Такрори пурра* бо роҳи такрори дақиқи калима, бе ороиши расмӣ ташаккул ёфта, тавассути он чунин маъниҳои луғавӣ ва грамматикӣ, ба монанди миқдори зиёд ё ками ашё, ҳаҷм, андоза, миқдори он ва дараҷаи зуҳури нишона, давомнокӣ ва бисёркаратагии ҷараёнгирии ҳаракат ва амал, фосилаҳо ва лаҳзаҳо замонӣ, вусъати фазоӣ, возеҳияти амал ифода меёбанд. Масалан: **курта-курта, паст-паст, хурд-хурд, зарра-зарра, дона-дона** ва ғайра.

Такрори пурра ба ду навъ тақсим мешавад: такрори бевосита ва такрори пурраи бавосита.

Ба такрори пурраи бевосита чунин такроре мансуб аст, ки дар он такрори дақиқи калимаҳо ба амал меояд. Масалан: гоҳ – гоҳ, даста – даста, ғун – ғун, порча – порча ва ғайра.

*Такрори пурраи (дақиқи) бавосита* бо кумаки як қатор воситаҳои грамматикӣ, аз ҷумла пешояндҳо, пасояндҳо, феълҳои ёрирасон, бандакҳои изофӣ ташаккул меёбад. Масалан: **сар то сар, хона ба хона, сол аз сол, дар ба дар, дав-давон**, **ғир-ғиркунон, зани занон, марди мардон, гарми гарм**, **охири охирон** ва ғайра.

*Такрори пурра, ки бо кумаки пешояндҳо ташаккул ёфтааст.* Пешояндҳо, ҳамчун воситаи грамматикӣ, яке аз омилҳои ташаккули вобастагии мутақобилаи (нисбат ба феъл) калимаҳо маҳсуб мешаванд. Зимни истифодаи онҳо дар ҷумла муносибатҳои гуногуни байни калимаҳо зоҳир карда, инкишоф меёбанд. Падидаи мазкур махсусан барои забони тоҷикӣ хос аст, зеро дар он, ҳамчун дар забони таҳлилӣ (аз ҷиҳати сохторӣ забони тоҷикӣ ба забон таҳлилӣ тааллуқ дорад), навъҳои гуногуни муносибатҳои маъноӣ ва грамматикӣ аксар вақт аз тариқи пешояндупасоянд, такрор, оанг, тартиби калимаҳо, аффиксҳо ва ғайра ифода меёбанд.

Бояд қайд кард, ки дар асарҳои илмӣ оид ба забоншиносии тоҷик изҳорот ва ақидаҳои зиёди ҷолибе нисбат ба такроршавандагии пешояндҳо дучор меоянд. Ҳамин тавр, дар китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ [2, с. 164] қайд карда шудааст, ки пешояндҳо, бо ҳолҳои чидаи макон ва замон такрор ёфта, таъкидро илова мекунанд.

Ақидаи мазкурро муҳаққиқи тоҷик Д. Тоҷиев ҷонибдорӣ карда, менависад, ки дар вақти такрори пешояндҳо ва пасвандҳо тобиши синтаксисии таъкид ба мушоҳида мерасад [12, с. 15].

Такрори пурраи бавосита, ки бо кумаки суффикси – **он** амсилаи сифати феълиро гирифта, асосан ҳангоми ифодаи ду маънӣ дучор меояд:

а) тарз ва усули содир кардани амалро ифода мекунад: **қоҳ-қоҳзанон, чақ-чаққунон, ғур-ғуркунон** ва ғайра.

б) ҳолати содир кардани амалро ифода мекунад: **ланг-лангон, лағж-лағжон, дав – давон** ва ғайра.

Такрори пурраи бавосита, ки бо кумаки суффикси – **она** тарз ва усули содир кардани амалро ифода мекунад: *кӯр-кӯр***она.**

*Такрори пурраи бавосита, ки бо кумаки пасояндҳои* ***–ак(як) –акӣ(якӣ)*** ташаккул ёфта, тарз ва ҳолати маали содиршавандаро ифода мекунад: рӯй-рӯякӣ, *ҷаҳ – ҷаҳакон* ва ғайра.

*Такрори пурраи бавосита, ки аз асосҳои феълӣ бо кумаки садоноки пайвасткунандаи* ***– о –*** ташаккул ёфтааст: гирогир, кашокаш ва ғайра. Бояд қайд кард, ки ҳангоми пайвастшавии пасоянди – **ӣ** – дар охири чунин такрорҳо исмҳои муҷаррад ташаккул меёбанд: даводав**ӣ**, занозан**ӣ**, кашокаш**ӣ** ва ғайра.

*Такрори пурраи бавосита, ки бо кумаки унсури пайвасткунандаи* ***– ма*** – ташаккул ёфтааст: **кашмакаш, басмабас**, **гапмагап, хелмахел** ва ғайра.

*Такрори пурраи бавосита, ки бо кумаки унсури ёридиҳандаи* ***– ба*** – ташаккул ёфта, пайдарпайии ба вуқуъ пайвастани амалро ифода мекунад: **дар ба дар**, **шаҳр ба шаҳр, боғ ба боғ**, **даст ба даст, дашт ба дашт** ва ғайра.

Навъи дигари такрори бавосита такрори бавоситаи тавтологӣ ба шумор меравад, ки бо кумаки бандаки изофии – **и** ташаккул меёбад.

*Такрори пурраи (дақиқи) тасвирӣ* дар натиҷаи тасаввури босирагӣ, дарки визуалӣ ба вуҷуд меояд. Бояд қайд кард, ки калимаҳои тасвирӣ дорои тафовути муайян аз калимаҳои овозтақлидкунӣ мебошанд. Ҳамин тавр, муҳаққиқони тоҷик М. Фозилов, Ш. Исмоилов ва М. Қаҳҳоров оид ба масъалаи мазкур ибрози назар кардаанд, ки ҳато дар китобҳои дарсӣ ва корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ин калимаҳо аз ҳамдигар ҷудо намебошанд [13]. Ба ҳамин минвол, дар мақолаҳои муҳаққиқи асосии такрор дар забони тоҷикӣ – М. Шукурова – калимаҳои овозтақлидкунӣ ва тасвирӣ ҳамчун як воҳиди луғавӣ шарҳ дода мешаванд.

Бешак, тавре ки дар корҳои муаллифони дар боло номбаршуда зикр гардидааст, такрорҳои пурраи тасвирӣ як навъ инъикос, тасвир ё ифодаи симои зоҳирии падидаҳо ва ашёҳо маҳсуб ёфта, тақлид ё пайравӣ кардан ба хоситяҳои рафтор, ҳолати инсон, падидаҳои табиат, ҳайвонот, паррандаҳо ва ғайра ба шумор намераванд. Вазифаҳои синтаксисии ҳарду навъи такрор, тавре ки мо минбаъд мебинем, баҳамдигар монанд мебошанд, аммо аз нуқтаи

назари ифодаи маъно онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ниҳоят, калимаҳои овозтақлидкунанда аз руй дарки шунавоӣ, ва калимаҳои тасвирӣ бошанд, аз руй дарки босирагӣ ташаккул меёбанд: **рах – рах, ялтар-ялта, лахт-лахт, милт-милт** ва ғайра.

Такрори пурраи овозтақлидкунанда низ яке аз усулҳои ташаккули калимаҳои (маъниҳои) нав ба шумор меравад. Калимаҳои овозтақлидкунанда дар натиҷаи нусхабардорӣ ё тақлиди садои (овози) падидаҳои гуногуни табиат, барои ифода кардани ҳолати физиологӣ ва эҳсосии инсон ва ҳайвонот, вазъиятҳои ҳаётӣ, шуғлҳо, меҳнат, маишат, одат, ахлоқ ва ғайра истифода мешаванд. Масалан: **гулдур-гулдур, патар-патар, тақ-тақ, тап-тап, шилдир-шилдир** ва ғайра. Чунин навъи такрор зимни нусхабардории таҳтуллафзии таркиби овозӣ ташаккул меёбад.

Муҳаққиқони тоҷик Ш. Исмоилов, М. Қаххоров аз ҷумла қайд мекунанд, ки «калимаҳои овозтақлидкунанда барои ифода кардани садои одамон, инчунин тақлиди овозҳои ҳайвонот, паррандагон ва хазандагон, расиши ду ашё, падидаҳои физиологии организми зинда истифода мешаванд» [4, с. 26].

Такрор ҳамчун масъалаи муҳимми луғавию грамматикӣ дар таҳқиқоти илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар асоси онҳо муқаррар карда шудааст, ки ба такрор инчунин вазифаҳои муайян дар соҳаи луғатшиносӣ, калимасозӣ ва услубшиносӣ мансуб мебошанд. Интишороти мақолаҳои алоҳида ва диссертатсияҳои як қатор муаллифон бевосита ё бавосита ин ё он ҷанбаҳои воҳиди такрор мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба моҳияти забоншиносии такрор то дараҷаи муайян равшанӣ андохта шудааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ягона кори диссертатсионе, ки дар мавзӯи «Такрор дар забони тоҷикӣ» навишта шудааст, ба забншноси тоҷик М. Шукурова тааллуқ дошта, соли 1978 ҳимоя гардида, мутаассифона, то ҳол руй чоп наомадааст. Зиёда аз ин, нусхаи хатти кори мазкур дар муассисае, ки ҳимоя дар он ҷо баргузор гардида буд, низ мавҷуд нест. Мутобиқи автореферати диссертатсияи мазкур ва мақолаҳои муаллиф, таҳқиқот асосан ба хусусиятҳои луғавӣ ва калимасозии воҳиди такрор бахшида шудааст [15, с. 71-76; 16, с. 15~18]. Дар кори муаллиф такрорҳои исмҳо, сифатҳо, шумораҳо, ҷонишинҳо, феълҳо, сифатҳои феълӣ, зарфҳо ва нидоҳо муаррифӣ шудаанд. Ӯ инчунин ба «тобишҳои маъноӣ» ва «хусусиятҳои услубшиносӣ» – и такрорҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда, баъзе тобишҳои маъноиеро қайд мекунад, ки бо кумаки калмимаҳои такрорёбанда ифода меёбанд, ба монанди «ифодаёфатагӣ, баландӣ» ( тӯда-тӯда, суп-сурх), пайдарпайӣ (даст ба даст, кӯча ба кӯча, рӯз ба рӯз), бисёркаратагӣ (миллион – миллион, ҳазор-ҳазор, бист-бист ва ғ.).

Ба яке аз масъалаҳои муҳим – таснифи такрори луғавӣ дахл карда, М. Шукурова намудҳои зерини онҳоро пешниҳод кардааст: 1)такрори пурра; 2) такрори нопурра; 3) такрори изофӣ; 4) такрори тағйирёфта. Далелҳои худро муаллиф бо мисолҳои сершумор тақвият додааст: пайкол ғ пайкол (такрори пурра); заб-зард (такрори нопурра), марди мардон (такрори изофӣ), ангур – мангур (такрори тағйирёфта) ва ғайра.

Дар бобати такрорҳои изофӣ бояд қайд кард, ки онҳо аз ҷониби забоншноси машҳури тоҷик Ҳ. Ҷалилов зери унвони «Ибораҳо – тавтологияҳо дар забони тоҷикӣ» [14, с. 20~24] мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки: «ҳамчун тавтология шабоҳати мутақобила ё мавҷудияти айнияти калимаҳо номида мешавад. Бинобар ин, дар илми забоншиносӣ ибораҳое, ки ҷузъҳояшон аз як реша иборатанд, ё бо роҳи такрори худи ҳамон калима ташаккул ёфтаанд, иораҳои тавтологӣ номида мешавад. Масалан, марди мардон, зани занон, муаллими муаллимон, дили дилҳо, шаҳри шаҳрҳо, хуби хубон, хунуки хунук, гарми гарм, беҳтарини – беҳтаринҳо, солҳои сол, асрҳои аср, охири охирон, тан ба тан, китф ба китф, сар то сар, ҷаҳон-ҷаҳон, ҳазор-ҳазор ва ғайра» [14, с. 23].

Оид ба масъалаи такрор ва намудҳои он якчанд мақолаҳои профессор Ф. Зикриёев ба нашр расидаанд, ки дар онҳо на танҳо такрорҳо луғавӣ, балки намудҳои такрорҳои грамматикӣ ва услубшиносӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Дар мақолаҳои худ муаллиф қайд кардааст, ки такрор «на танҳо яке аз усулҳои шеърнависӣ, балки яке аз воситаҳои грамматикӣ ба ҳисоб рафта, ба сифати категорияҳои грамматикӣ истифода мешавад. Илова бар ин, он ҷузъи таркибии ҷумлаи мураккаб ба шумор меравад [3, с. 45~54]. Ӯ такрорро ба гурӯҳҳои зерин тақсим мекунад:

– такрори маъноӣ;

– такрори муродифӣ;
– такрори услубшиносӣ;
– такрори омехта;
– такрори луғавӣ;
– такрори анфорикӣ;
– такрори эпифорикӣ;
– такрори дарачавӣ.

Аз ҷумла, бо такрори калимаҳои гуногун нишонаҳои аъзои чида, ки сохтани ҷумларо бо аъзои ҷида муайян мекунанд, пайдо мешаванд. Такрори ҷумлаҳои одӣ ҷумлаҳои мураккабро ба вуҷуд оварда, такрори аъзои ҷумла бошад, ҳамчун воситаи ташаккули ҷумлаҳои мураккаб ва бисёртаркибаи мураккаб маҳсуб мешавад.

Таҳқиқи такрор ё редупликатсия на танҳо барои омӯхтани як забон аз аҳамияти аввалиндараҷа иборат аст, он инчунин боиси таваҷҷуҳи махсус дар таҳлили муқоисавӣ гардидааст, ки ба он забоншиносон диққат додаанд. Дар ин росто, муҳимияти кори диссертатсионии Л. Бектош «Сохтор ва маънои редупликатсия дар забонҳои туркӣ ва тоҷикӣ» [1] ва Д.Ш. Музаффарова «Калимаҳои редупликативӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (таҳлили муқоисавӣ)»~ро [7] махсус таъкид кардан зарур аст. Муаллифони мазкур ба таҳлили муқоисавии такрор дар забоншиносии тоҷикӣ асос гузоштаанд.

Пайдоиши истилоҳи «тавтология» аслан аз забони юнонӣ (аз **ταὐτό** – худи ҳамон чиз ва **λόγος** – калима, нутқ) буда, монандӣ ё якхелагии калимаҳоро ифода мекунад. Ҳамин тариқ, такроршавандагии таҳтуллафзии калимаро дар забоншиносӣ такрори тавтологӣ номидаанд [14, с. 20~24].

Ҳамин тариқ, таҳлили маъхазҳои илмӣ оид ба масъалаи омӯзиши такрор нишон медиҳад, такрор ҳамчун воситаи тасвирию ифодакунӣ яке аз унсурҳои забоншиносию услубшиносие ба шумор рафта, усули мазкури каломӣ солҳои охир ба объекти таҳқиқи забоншиносон табдил ёфтааст. Такрор ҳамчун воҳиди универсалии забон аз нуқтаи назари забоншиносӣ дар ҷанбаҳои луғавию маъноӣ, грамматикӣ ва услубшиносӣ баррасӣ мешавад. Дар баробари ин, универсалӣ будани редупликатсия ҳамчун усули сохтани калимаҳо, ки аз ҷониби аксарият ё, аниқтараш», аз ҷониби ҳамаи забонҳои ҷаҳон омӯхта мешавад, гӯё як далели баҳснопаҳир маҳсуб мешавад.

**АДАБИЁТ:**

1. Бекташ, Л. Структура и семантика редупликации в турецком и таджикском языках: Дис. канд. филол. наук: 10.02.20 /Бекташ Л. – Душанбе, 2015. – 170 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1995.
3. Зикриеев Ф. К. Структурно-семантические особенности таджикского паратаксиста. – Душанбе: Дониш, 1986.
4. Исмоилов, Ш. Оид ба таълими калимаҳои овозтақлидкунӣ / Ш.Исмоилов, М.Қаҳҳоров // Мактаби советӣ. – 1988. – № 6. – С. 25-28.
5. Краткий словарь когнитивных терминов, с.53-55
6. Лингвистический энциклопедический словарь. – М., 1990.
7. Музафарова Д.Ш. Редупликативные слова в таджикском и английском языках (сопоставительный анализ). Диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук по специальности 10.02.20 – сравнительно-историческое, типологическое и сопоставительное языкознание. – Душанбе, 2016. – 169 с.
8. Откупщикова, М.И. Синтаксис связного текста (М.И.Откупщикова – Л: Изд-во ЛГУ, 1982. – 104 с.
9. Сепир Э. Язык. Введение в изучение речи // Избранные труды по языкознанию и культурологии. – М., 1993. [Электронный ресурс] – URL: http://tlf.narod.ru/school/sapir_school.htm (дата обращения 10.10.2014).
10. Солнцева Н.В. Проблемы морфологии изолирующих языков в типологическом освещении: дис… доктора филол. наук. – Москва, 1984. – 419 с.
11. Ҷалилов, Х. Иборахо – тавтологияҳо дар забони тоҷикӣ / Х.Ҷалилов // мактаби советӣ. – Душанбе, 1984. – С. 20-24.
12. Шукурова, М. Доир ба хусусиятхои семантики калимаҳои такрори забони адабии тоҷик //Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1976. – С. 71-76. Шукурова, М. Яке аз усулҳои калимасозӣ дар забони тоҷикӣ / М.Шукурова // Мактаби советӣ. – 1985. – №6. – С.15-18.

13. http||portalus.ru/modules/linguistics/rusreadme.php?sudaktion=showfull||id 25.11.2016
14. Pott A.F. Doppelung (Reduplikation, Gemination) al seines der wichtigsten Bildungsmittel der Sprache, beleuchtet aus Sprachen aller Weltteile Meyer- 1862
15. Wundt W. Völkerpsychologie, Leipzig, 1911.

## КАЛИМАҲОИ ТАКРОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақола калимаҳои такрорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ таҳқиқ шудаанд. Қайд карда мешавад, ки забон дар инкишофи пайваста қарор дошта, такмил ёфта, ғанӣ гардида, зимнан, тағйироти назаррас дар луғати забон ба амал меоянд. Воситаи муҳимтарини пуррашавии таркиби луғавии забон ва шарти асосии фаъолияти ҳар гуна забони табиӣ калимасозӣ маҳсуб мешавад. Муаллиф усулҳои мавҷудаи вожасозиро шарҳу тавзеҳ дода, гурӯҳҳои калимаҳои такрорӣ (редупликатҳо) – ро бо истифодаи мисолҳо нишон додааст. Хулоса карда мешавад, ки такрор ҳамчун воҳиди универсалии забон аз нуқтаи назари забоншиносӣ дар ҷанбаҳои луғавию маъноӣ, грамматикӣ ва услубшиносӣ баррасӣ мешавад. Дар баробари ин, универсалӣ будани редупликатсия ҳамчун усули сохтани калимаҳо, ки аз ҷониби ҳамаи забонҳои ҷаҳон омӯхта мешавад, ҳамчун далели баҳснопазир маҳсуб мешавад.

**Калидвожаҳо:** *калимаҳои такрорӣ, забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, луғат, воҳиди луғавӣ, калимасозӣ, редупликатсия, синфи грамматикӣ, феъл, овозтақлидкунӣ, нидо, морфология.*

## ПОВТОРНЫЕ СЛОВА В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматриваются повторные слова в английском и таджикском языках. Отмечается, что язык находится в постоянном развитии, совершенствуется и обогащается, в связи с чем происходят значительные изменения в словарном составе языка. Словообразование считается важнейшим средством пополнения лексического состава языка и главным условием функционирования любого естественного языка. Автор объясняет существующие методы построения словарного запаса и показывает на примерах группы повторяющихся слов (редупликатов). Делается вывод о том, что повтор рассматривается как универсальная единица языка с точки зрения языкознания в лексическом, семантическом, грамматическом и методологическом аспектах. При этом непреложным фактом считается универсальность редупликации как метода построения слов, усвоенного всеми языками мира.

**Ключевые слова:** *повторные слова, таджикский и английский языки, лексика, лексическая единица, словообразование, редупликация, грамматический класс, глагол, звукоподражание, восклицание, морфология.*

## REPEATED WORDS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The article reviews repeated words in English and Tajik languages. It is noted that the language is in continuous development, improved and enriched, and consequently, it occurs significant changes in the vocabulary of the language. Word formation is considered the most important means of supplementing the lexical composition of the language and the main condition for the functioning of any natural language. The author explains the existing vocabulary building methods and shows groups of repeated words (reduplicates) using examples. It is concluded that repetition is considered as a universal unit of language from the point of view of linguistics in lexical, semantic, grammatical and methodological aspects. At the same time, the universality of reduplication as a method of word formation, learned by all languages of the world, is considered as an indisputable fact.

**Key words:** *repeated words, Tajik and English languages, vocabulary, lexical unit, word formation, reduplication, grammatical class, verb, voice imitation, exclamation, morophology*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Ҷамшедов Парвона - д.и.ф. профессори кафедраи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон нишонӣ, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 33. P.Jam07@ mail.ru Тел 919.00.20.53*

*Раҳимова Шаҳло Дилшодовна –ассисенти кафедраи филологияи англис Донишгоҳи байнанмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода Тел:992918796968*

**Сведения об авторах:** *Джамшедов Парвона - д.и.ф. профессор кафедры Национальной академии наук Таджикистана Ш. Душанбе пр. Рудаки 33. P.Jam07@ mail.ru Тел:919.00.20.53*

*Рахимова Шахло Дилшодовна – доцент кафедры английской филологии Международного университета иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзоды. Тел:992918796968*

**Information about the authors:** *Jamshedov Parvona - d.i.f. professor of the department of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Sh. Dushanbe Ave.Rudaki.33 tel:919.00.20.53*

*Rakhimova Shahlo Dilshodovna – Associate Professor of the Department of English Philology at the International University of Foreign Languages of Tajikistan named after Sotim Ulugzoda Тел:992918796968*

# СИСТЕМАИ ХАТҲОИ ҲАРФӢ - ОВОЗӢ БАРОИ САВОДНОКГАРДОНИИ НАВОМӮЗОН

*Абдуллоев И*

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Барои он хатти ҳарфӣ-овозӣ ном гузошта шудааст, ки дар он ҳар як аломати графикӣ (ҳарф) на калимаи пурра ба монанди идеография ва на ҳиҷоро ҳамчун хатнависии ҳиҷоӣ, балки ба таври алоҳида овозҳои нутқро ифода мекунад.

Аз рӯйи ақидаи В.А.Истрин муайян мегардад, ки дар системаҳои хатҳои ҳарфӣ-овозӣ ба қисмҳо (ҷумлаҳо) ҷудо кардани нутқ, аз ҷумла ҷудо кардани калима ва аз калима овозу харф осон аст нисбат ба хатнависии ҳиҷоӣ.

Пайдошавии хатти ҳарфӣ-овозӣ дар шакли дурусти он барои бештари халқҳои ҷаҳон, бешубҳа, қадаме ба пеш буд. Он асосан омӯзонидани забонро осонтар карда, ба кори ҳуруфчинии аломатҳо, саводнокгардонии навомӯзон дараҷаи баланди пешравии тараққиёти ҷамъият мусоидат намуд.

Хатти ҳарфӣ-овозӣ дар ду шакл пайдо шудааст: консонантӣ-овозуҳарфӣ ва вокалӣ-овозуҳарфӣ.

А)Хатти консонантӣ-овозӣ

Барои он хатти консонантӣ-овозӣ меномем, ки аломатҳои он фақат ҳамсадо (консонантҳо)-ро ифода менамоянд ва он навъи қадимтарини хатти ҳарфӣ-овозӣ ба шумор меравад. Дар нимаи дуюми асри II то мелод системаҳои хатти консонантӣ-овозӣ (мероитӣ, протосинайӣ, протоханаанӣ, угаритӣ, финикӣ, ибрӣ, оромӣ, арабӣ ва ғайра) ба вуҷуд омада, алоқамандона бо овозҳои ҳамсадо дар хат ҳарфи муайянро ифода мекард. Овозҳои садонок байни ҳамсадоҳо ҷойгир шуда, барои ташкилёбии сохти грамматикӣ ва калимаи ҳосилшуда хизмат мекард. Ҳангоми хониш овозҳои садонок ҳарфи алоҳида надошта, бо аломатҳо ишора карда мешуданд.

Аломатҳои консонантӣ-овозӣ аввалин маротиба дар хатти мисрӣ пайдо шудааст. Аммо хатти мисрӣ дар шакли дурусти консонантӣ набуд, зеро аломатҳои консонантӣ-овозӣ бо идеографӣ ва ҳиҷоӣ баробар истифода карда мешуданд.

Дар зер оид ба системаи хатҳои консонантӣ-овозӣ ва истифодаи он дар мамлакатҳои гуногун мухтасар маълумот медиҳем.

Хатти мероитӣ аз номи шаҳри Мероэ гирифта шуда, ба асри II-IV мелодӣ мутааллуқ аст. Аз рӯйи ақидаи баъзе олимони хатшинос хатти мериотӣ дар охири асри III пеш аз мелод пайдо шудааст. То ин вақт дар давлати Мероэи воқеъ дар ҷануби Миср хатти мисрӣ истифода мешуду бас.

Хатти мероитӣ аз рӯйи шакл айнан ба хатти мисрӣ монанд буда, дар ду навъ пайдо шудааст:

а) иероглифии баромадаш аз хатти машҳури мисрӣ;

б) хатти дастнависии ба хатти демотикӣ (халқӣ)-и мисрӣ монанд.

Ба ин нигоҳ накарда, аз рӯйи баъзе аломатҳои худ хатти мероитӣ аз хатти мисрӣ фарқ мекард.

Хатти мероитӣ аз 17 консонант (ҳамсадо), 4 нимсадо (алиф, ъайн, вов, йод) ва 2 аломати ҳиҷоӣ (te, te) иборат буд.

Хатти протосинайӣ

Хатти протосинайӣ яке аз қадимтарин системаи хатнависии халқҳои сомизабон (арабзабон) ба шумор меравад. Осори таърихии ин хат дар шакли хатти рӯйи сангҳо, ҳайкалҳои майда нишон дода шудааст. Навиштаҷоти мазкурро тахминан ғуломони сомӣ, ки дар конҳои маъдани миси Мисри Қадими ноҳияи Серобит–ал–Ходими нимҷазираи Синай кор мекарданд, анҷом додаанд. Дар замони ҳозира даҳҳо чунин навиштаҷот дар осорхонаҳо маҳфузанд.

Омӯзиши аломатҳои графикии хатти протосинайӣ нишон дод, ки онҳо аз рӯйи шакли худ ба аломатҳои иероглифии мисрӣ, инчунин ба ҳарфҳои хатти финикӣ хеле монанданд. Ин ба пайдошавии фарзия боис гардид. Яъне мувофиқан хатти протосинайӣ дар байни хатти иероглифии мисрӣ ва алифбои консонантӣ-овозии сомӣ зинаи мобайнӣ ба ҳисоб мерафт. Бо ин ҳама, ин фарзия ҳанӯз пурра асоснок нашудааст, бинобар ин онро на ҳама эътироф кард.

Хатти протоханаанӣ ба монанди хатти протосинайӣ яке аз системаи хатнависии аз ҳама пешинаи сомиҳои қадим ба шумор мерафт. Навиштаҷоти хатти протоханаанӣ солҳои 30-юми асри XX дар сарзамини Фаластин ёфт шуд. Қариб 11 хатти протоханаании дар рӯйи косахонаи сари ҳайвоноти қурбоншуда, тахтачаи сангӣ, шамшер, ҳалқа, ангуштарини тиллоӣ ва монанди инҳо навишташуда маълум аст. Муайян гардидааст, ки матнҳои протоханаанӣ бо хатти ҳарфӣ-овозӣ сабт шудаанд, ки дар худ 30-40 аломатҳои консонантӣ доранд ва бештари онҳо бо ҳарфҳои протосинайӣ ва финикӣ хеле монандонд.

Хатти консонантӣ-овозии угаритӣ дар қатори системаи хатнависии сомиҳои қадимтарин дохил мешавад. Хатти мазкурро асрҳои XIV-XIII пеш аз милод дар яке аз шимолии шаҳрҳои финикӣ – Угарите (ҳозира Рас Шамраи воқеъ дар канори оби қисми шимолии Сурия) истифода мекарданд.

Фаронсавиҳо дар саёҳати илмии бостоншиносии худ соли 1929 ҳангоми кофтукови китобхонаи калисо воқеъ дар шаҳри Рас Шамра тахтачаи гилинеро, ки дар он матне бо ҳарфҳои фонашакли ба забони сомии наздики забонҳои финикӣ ва яҳудии қадим сабтшударо ёфтаанд.

Аз 30 аломати консонантӣ-овозии хатти угаритии бо ҳарфҳои финикӣ навишташуда танҳо 22 аломат аз ҷиҳати овоз мувофиқат мекарду халос. Баъдтар соли 1949 дар Угарит тахтачаи гилин бо алифбои угаритии ба тарзи мухтасар навишташуда ёфт шуд. Ин алифбо танҳо 22 ҳарф дошт. Хатти угаритӣ аз шакли аломатҳои фонашакли финикӣ фарқ мекард ва хат дар рахи аз чап ба рост навишта мешуд. Наздик будани шакли хатти консонантӣ-овозии угаритӣ бо хатти финикӣ то ҳол номуайян мондааст.

Хатти консонантии финикӣ дар давраи пайдоишаш то ба асрҳои II-III мелодӣ мавриди истифода қарор дошт [7,275].

Аз рӯйи ақидаи як қатор олимон хатти финикӣ дар заминаи алифбоҳои ҳарфӣ-овозии пештар амалкунанда ба вуҷуд омада буд. Дар бораи пайдоиши хатти консонантии финикӣ ва алифбои он назарияҳои гуногун мавҷуданд, гӯё он аз хатҳои мисрӣ, ошурӣ-бобулӣ, критӣ ба вуҷуд омада бошад. Ин назарияҳо тарафдорон ва муқобилон низ доранд.

Алифбои финикӣ аз 22 аломати графикии пасиҳамомадаи ботартиб ҷойгиркардашуда иборат аст. Ҳар як аломат (ҳарф) овози ҳамсадо ё нимсадои муайянро ифода мекард. Ҳарфҳои финикӣ бобати навиштан ва бахотиргирии шакли ҳарф хеле осон ва қуллай буданд. Финҳо дар рахи хатнависӣ ба таври уфуқӣ аз рост ба чап менавиштанд. Дар навиштаҷоти қадимии финикӣ калимаҳо аз ҳамдигар бо хатти амудӣ ё бо нуқта ҷудо карда мешуданд.

Баъдтар ин тарзи калимаҷудокунӣ аз байн рафт ва калимаҳо дар ҷумла ва матн яке аз паси дигар бе нишон додани фосилаи байни калимаҳо навишта мешуданд. Навиштаҷоти охирини хатти финикӣ ба охири асри I пеш аз мелод рост меояд. Бо гузашти айём хатти оромӣ ҷойи хатти финикиро гирифт.

Пайдоиши алифбои финикӣ барои инсоният дар амалигардонии хат, бешубҳа, қадаме ба пеш буд.

Аз алифбои консонантӣ-овозии финикӣ системаи хатҳои яҳудӣ, сомиӣ, оромӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар зер оид ба ҳар яки он ба таври мухтасар маълумот медиҳем.

Хатти қадимаи яҳудӣ охири асри II пеш аз мелод дар асоси хатти финикӣ ба вуҷуд омада, дар давоми як асри мавҷудияти худ қариб тағйир наёфт. Ин хат аввалин бор дар Фаластини пештара истифода мешуд.

Дар хатти қадимаи яҳудӣ ба монанди хатти финикӣ 22 ҳарф мавҷуд буд. Ҳарфҳо аз рӯйи шакл ва тартиби ҷойгиршавӣ дар алифбои яҳудӣ айнан шабеҳи финикист. Бо гузашти айём ҳарфҳои алифбои қадимаи хатти яҳудӣ аз ҷиҳати шакл каме тағйир ёфтанд: дар муқоиса бо ҳарфҳои финикӣ ғафстар, кӯтоҳтар ва хонотар буданд; ҳарфҳо дар рах ба таври уфуқӣ ва амудӣ навишта мешуданд. Баъзе ҳарфҳо, аз қабили коф, мим, нун, пе – ро ба шакли моил дар хатти асосӣ аз рост ба чап менавиштанд. Алифбои қадимаи яҳудӣ ва усули хатнависӣ баъдтар комилан ба худ шакли муайянро гирифт.

Баъди истилоҳи яҳудиён аз тарафи форсҳо ва қабилаи оромиҳо забон ва хатти қадимаи яҳудиён қариб пурра аз байн рафт ва ҷойи онро забон ва хатти оромӣ гирифт.

Системаи хатнависии сомӣ (хатҳои сабейӣ, лихянӣ, самудӣ, сафа) дар охири асри II пеш аз мелод аз хатти финикӣ ба вуҷуд омада, то миёнаи асри I мелодӣ дар сарзамини қадимаи Арабистон истифода карда мешуд.

Дар ин системаи хатнависӣ 24-28 аломат, ки барои ифодаи ҳамсадо ва нимсадо хизмат мекард, мавҷуданд. Дар хатти сомӣ калимаҳо аз ҳам ҷудо навишта мешуданд. Ҳангоми аз сатр басатргузаронӣ калимаҳоро ба ҳиссаҳо ҷудо карда, ба сатри дигар мегузарониданд, аммо ҳоло ин тавр нест. Самти рахи хатнависӣ дар хати сомӣ ба тavri уфуқӣ аз рост ба чап буд.

Дар натиҷаи аз тарафи арабҳо истило кардани қабилаҳои сомиҳо (гузаштаи арабҳо) қисме аз онҳо дини Ислом ва хатти арабиро қабул карданд, қисми дигар ба дини насронӣ рӯй оварданд. Бинобар ин онҳо маҷбур шуданд ба Африқо кӯч банданд. Муҳоҷирон дар сарзамини Эфиопияи ҳозира (дар асри IV мелодӣ) салтанати Аксумро барпо карданд. Онҳо хатти худро, ки ба хатти сомӣ наздик буд, то асри XIII нигоҳ дошта, дар асоси он хатти ҳиҷоии эфиопӣ тартиб доданд. Хати мазкур то имрӯз мавриди истифода мебошад.

Аз рӯйи ақидаи бештари таҳқиқотчиён, то пайдо шудани хатти вокалӣ-овозӣ дар Юнони қадим аз хатнависии ҳиҷоӣ истифода мебурданд. Ин тарзи хатнависӣ ба қабилаҳои юнонии қадима - ахейтсҳо ва ионийтсҳои дар шаҳри Микена, Пилос, Тиринф истиқоматкунанда хизмат мекард. Аз хатнависии ҳиҷое, ки онҳо истифода мебурданд, махсусан баъди забти қабилаи ахеитсҳо аз тарафи Крит дар ин минтақа ин хат васеъ вусъат ёфт. Баъд он номи хатнависии ҳиҷоии критӣ-микениро гирифт.

Б) Хатти вокалӣ-овозӣ

Хатти вокалӣ-овозӣ давраи минбаъдаи инкишофи хатти ҳарфӣ-овозист. Пайдоиши ин хат ба аввали асри I то мелод рост омада, он дар навиштаҷот ҳамчун ифодакунандаи алоқаи байни овозҳои ҳамсадо бо садонок мебошад. Дар зер оид ба системаи хатҳои вокалӣ-овозӣ ва истифодаи он дар Юнон, Арманистон, Гурҷистон ва қисми ғарбии Осиёи Хурд.

Юнониҳои қадим барои нишон додани ҳарфҳо на танҳо овозҳои ҳамсадо, балки бобати пайдо кардани овозҳои садонок қадами аввалин гузоштанд. Сабаби гузариш аз хатти консонантӣ ба вокалӣ аз он иборат аст, ки дар забони юнонӣ решаи калима ва аффиксҳо (пешванду пасвандҳо) аз овозҳои ҳамсадоюю садонок иборатанд. Ғайр аз ин аҳамияти овозҳои садонок барои нигоҳ доштани маънои калима нисбат ба ҳамсадоҳо кам нест.

Қадимтарин шакли хатти ҳарфӣ-овозии юнонӣ (бо номи “хатти кухнашуда”) бо хатти финикӣ қариб пурра мувофиқат мекард.

Дар асоси хатти финикӣ ба вуҷуд омадани хатти қадимаи юнониро хусусиятҳои зерин собит менамояд.

- якум, ба монанди финикӣ хусусияти овозӣ-ҳарфӣ доштани хатти юнонӣ;
- дуюм, хатти пешинаи юнонӣ нисбат ба хатҳои минбаъд бавуҷудомада саҳеҳ ва фаҳмотар буд, бахусус дар ишораи садонокҳо;
- сеюм, самти рахи хатти Қадимаи юнонӣ аз ибтидо ба монанди хатнависии финикиҳост;
- чорум, мувофиқат кардани ҳуруфоти юнонию финикӣ аз рӯйи шакл ва номи аксарияти ҳарфҳо.

Аз соли 403–юми то мелод юнониҳо аллакай алифбои иборат аз 24 ҳарф (17 ҳамсадо ва 7 садонок)–и худро доштанд, ки он барои тамоми Юнон ҳамчун хатти миллӣ қабул шуда буд. Аммо баъдтар ин алифбо номи алфавити классикии юнониро гирифт.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Κ | κ | κάππα | ка́ппа | [к] |
| Λ | λ | λάμβδα | ла́мбда | [л] (принято произносить как латинское l) |
| Μ | μ | μῦ | ми | [м] |
| Ν | ν | νῦ | ни | [н] |
| Ξ | ξ | ξῖ | кси | [кс] |
| Ο | ο | ὂ μικρόν | о микро́н | [о] (всегда краткое) |
| Π | π | πῖ | пи | [п] |
| Ρ | ρ | ῥῶ | ро | [р] |
| Σ | σ ς | σίγμα | си́гма | [с] |
| Τ | τ | ταῦ | та́у | [т] |
| Υ | υ | ὖ ψιλόν | и псило́н | [ü] французское или [ü] немецкое (долгое или краткое) |
| Φ | φ | φῖ | фи | [ф] |
| Χ | χ | χῖ | хи | [х] |
| Ψ | ψ | ψῖ | пси | [пс] |
| Ω | ω | ὦ μέγα | о ме́га | [о] (всегда долгое) |

Расми 18. Алфавити классикии юнонӣ.

Хатти классикии юнонӣ то замони мо нигоҳ дошта шуда, онро юнониҳои ҳозира фақат бо каме риоя накардани талаффузи баъзе овози ҳарфҳо истифода мебаранд.

Шакли ҳарфҳои алифбои юнонӣ вобаста ба гузашти айём тағйир ёфт. Аз рӯйи ҳуҷҷатҳои далелнок маълум гардид, ки навиштаҷоти қадимаи юнонӣ дар рӯйи санг тарошида мешуд. Бинобар ин шакли ҳарфҳо аниқ инъикос меёфтанд, яъне ҳарфҳо аз ҷиҳати андоза баробар ва қисми зиёдтари онҳо аз хатҳои рост иборат буданд. Болою поёни ҳарф аз доираи рахи хатнависӣ намебаромаданд. Аз рӯйи ин тарзи навишт хатти мазкур номи хатти капиталиро гирифт. Як муддати муайян (наздики 150-200 сол) давлати ориёии Бохтар баъди забти юнониҳо аз алифбои юнонӣ истифода мекард.

Талабот ба зуднависӣ боиси кашфи масолеҳ ва асбоби нави хатнависӣ гардид. Акнун ҷойи санг ва исканаро маводи зерин, аз қабили тахтачаи мумзада, папирус, пергамент, лавҳасанги металлӣ, ранг, пероии найӣ ва мӯқалам иваз карданд. Ин ивазшавиҳо ба хат таъсир расонд ва ҳарфҳо шакҳои гуногунро гирифтанд. Аз ин рӯ, хатти юнонӣ ба шакли дигар даровaрда шуда, бо навъҳои гуногун, аз ҷумла хатҳои уставӣ (хатти хоною бурро, ки бо ин хат дастнависҳои қадимии лотинӣ, юнонӣ ва славянии русӣ навишта мешуд), курсивӣ (зуднависӣ) ва минускулӣ (ҳарфҳои хурд) инъикос меёфтанд, ба шумор мераванд.



Расми 19. Алфавити юнонӣ дар навъҳои гуногуни тарзи навишт.

Хатти уставӣ аз хатти капиталӣ вусъат ёфта, дар муқоиса бо ҳарфҳои охир шакли мудаввари он муайян карда шудааст. Ба ғайр аз ин баъзе ҳарфҳо аз рах ба боло баромада, ё поён мефуроянд.

Хатти курсивӣ (аз лотинӣ cursus "зуд (тез)") тарзи зуднависиро дар худ ифода мекунад, ки он дар натиҷаи шавқу рағбат доштан ба зуднависӣ пайдо мешавад. Чунин тарзи навишт дар навбати аввал, барои ҳуҷҷатнигорӣ истифода карда мешуд. Хатти курсивӣ аз хатти уставӣ бо он фарқ мекард, ки дар матни алоқанок ҳарфҳо дар хатти курсивӣ аз ҳамдигар ҷудо-ҷудо не, балки бо ҳам пайваста ё байни худ печдарпеч бо як ҳаракати беисти қалам ҷо ба ҷо карда мешудааст.

Хатти минускулӣ ё хурд (аз лотини minus – culus "хеле хурд") тарзи хатнависиест, ки хатҳои юнонии уставӣ ва курсивиро бо ҳарфҳои шаклан хурди майда якҷоя мекунад. Аз аввали асри IX хатти минускулӣ барои истифодаи умум қабул шуда, тарзи навишти хатти боқимондаи юнониро аз байн бурд. Вале фақат китобҳои мазмуни динидошта ба тavри пештара бо хатти уставӣ навишта мешуданду халос.

Аз хатти юнонии қадимаи минускулӣ зери таъсири хатти лотинӣ дастнависи юнонии ҳозира ба вуҷуд омада, вусъат ёфт.

Дар асоси хатти Юнонии шарқӣ алифбои классикии юнонӣ (охири асри V пеш аз мелод) ба вуҷуд омад ва барои ҳамаи юнониҳо хатти миллӣ шуда монд.

Хатти классикии юнонӣ то замони мо нигоҳ дошта шуда, онро юнониҳои ҳозира фақат бо каме риоя накардани талаффузи баъзе овози ҳарфҳо истифода мебаранд.

Баъдтар ин хатти миллӣ барои Византия номи хатти юнонивизантиро гирифт.

Хати юнонӣ - византӣ ба алифбои кириллии славянӣ, ки дар асри IX ба вуҷуд омадааст, асос гузошта буд. Мавҷудияти хатти византӣ бобати зуднависӣ ва барои дигар халҳои алифбои славянӣ муддате хизмат кардааст.

Чуноне ки тахмин карда мешавад, зери таъсири алифбои юнонӣ- византӣ боз алифбоҳои арманӣ ва гурҷӣ тартиб дода шудааст.

Алифбои арманӣ дар ибтидои асри V мелодӣ аз ҷониби маорифпарвари бузурги Арманистон Месропа Маштотса ихтироъ гардида буд.

Пеш аз ҳама, М. Маштотса усули овозии тартиби алифбо, самти хатнависии аз чап ба рост, аз ҳам ҷудо навиштани ҳарф, нигоҳдории шакли ҳарф новобаста аз ҷойи он дар калима, тартиби аломатҳои графикӣ дар алифборо аз хатти юнонӣ иқтибос гирифтааст[12,449].

Маштотса ба алифбои арманӣ қариб ҳамаи ҳарфҳои алифбои юнониро кӯчонд, аммо дар навишт ва қисман дар талаффузи овозҳо тағйирот дида мешуд. Зеро забони гуфтории онҳо аз ҳамдигар фарқ мекард. Зиёда аз ин, маорифпарвар дар алифбо ҳарфҳои нав эҷод кард. Шояд ӯ як миқдор ҳарфҳоро аз хатти оромӣ гирифта бошад. Навишти аз ҷониби М. Маштотса офаридашуда барои он аҷиб буд, ки он графикаи юнонӣ ва оромиро ба хотир меовард. Хатти мазкур хеле одӣ ва барои истифода қуллай буд.



Хатти миллии армании аз ҷониби М. Маштотса ихтироъшуда дар тамоми ҳаёти минбаъда ва тақдири халқи арман нақши ҳалкунанда бозид.

Расми 20. Алфавити арманӣ

Алифбои арманӣ дар ибтидо аз 36 ҳарф иборат буд, баъдтар дар асри XII адади он ба 2 ҳарф зиёд шуд. Алифбои армании ҳозира аз 39 ҳарф иборат буда, яке аз он (L) беовоз аст. Алифбои мазкур дар ду шакл: калон ва хурд истифода карда мешавад. (Ниг. ба расми 4).

Алифбои гурҷӣ таърихи тӯлонӣ дорад. Пайдоиши он ҳанӯз дар илм пурра ошкор нагардидааст. Осори таърихии қадимтарини хатти гурҷӣ ба асри V мелодӣ мансуб аст (Ниг. ба расми 5).

Дар замони ҳозира исбот гардидааст, ки алифбои гурҷӣ хеле оммафаҳм буда, гӯё дар асоси хатти юнонӣ пайдо шуда бошад. Пас ишора меравад, ки эҷодкунандаи алифбои гурҷӣ ҳарфҳои юнониро кӯр – кӯрона нусхабардорӣ накарда, ба сохти овозии забони гурҷӣ мувофиқ кунонида, эҷодкорона аз нав ба шакли дигар даровардааст. Аз ин рӯ, алифбои гурҷӣ хусусиятҳои ба худ хос дошта, нусхаи аслӣ мебошад. Ҳуруфоти он таркиби овозии забони гурҷиро аниқ нишон медиҳад.

Баъди асри X мелодӣ дар алифбои гурҷӣ хатти нусхури пайдо шуда, ба таври васеъ паҳн гардид. Хатти нусхури барои истифодаи дастнавис ва навишти ҳамарӯза хизмат мекард. Баъдтар ин хат номи хатти курсивӣ гирифт.

Дар асоси хатти нусхури навъи нави хатнависии гурҷӣ – хатти мхедрули (“хатти ҳарбӣ”) пайдо шуд, ки ба асри XI мелодӣ тааллуқ дорад. Дар навишти шакли ҳарф хатти мхедрули нисбат ба хатти нусхури осонтар тавсиф карда шудааст. Бо хатти мхедрули аз ҷониби Шота Руставели асари “Паҳлавон дар пӯсти паланг” (асри XVII) навишта шудааст.



Расми 21. Алфавити гурҷӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ.

Алифбои ҳозираи гурҷӣ якчанд шакли хатти мхедрулиро дар худ ифода мекунад. Дар он 34 ҳарф мавҷуд буда, ба адади овозҳои забони адабии гурҷӣ мувофиқат мекунад. Ин тарзи навишти ҳарфҳо омӯзиш ва истифодаи хатнависии ҳозираи гурҷиро осон мегардонад.

Системаи хатнависии фригийӣ, ликийӣ, лидийи, карийӣ, сидетӣ гурӯҳи алифбоҳои осиёихурдиро ташкил медиҳанд. Ҳамаи ин ҳарфҳоро қабилаҳои ғайриюнонӣ, ки дар сарзамини Осиёи Хурд  зиндагӣ мекарданд, истифода менамуданд.  Пайдоиши бештари хатнависии ин система он қадар маълум нест, аз ҷумла:

- якеи он, хатҳои фригийӣ ва ликийӣ  буда, бо хатнависии юнонӣ хеле алоқаи зич доштанд;

- дигарӣ, хатҳои лидийӣ ва карийӣ мебошанд, ки зери таъсири хатнависии юнонӣ каму беш аз озмоиш гузаронида шудаанд;

- сеюмӣ, хатти сидетӣ буда, дар алифбои юнонӣ мавҷуд нест.

Дар зер доир ба  ҳар яке аз ин алифбоҳои осиёихурдӣ якояк маълумоти мухтасар медиҳем.

Хатти фригийӣ ифодакунандаи навъи хатти юнонии таҳҷоист ва он ба шакли хатти юнонӣ - ғарбӣ наздик аст. Хатти мазкур ба халқи фригийҳо хизмат карда, 20 ҳарфро дар бар мегирифт. Забони фригийҳо ҳиндуевропоӣ буд.

Даҳҳо навиштаҷоти қадими фригийии дар қисми Осиёи Хурди Марказӣ бозёфтшуда маълум аст.

Хатти ликийӣ барои забони ликийҳо хизмат мекард ва ба гурӯҳи оилаҳои ҳиндуаврупоӣ тааллуқ дорад. Ликийҳо дар қисми ҷанубӣ – ғарбии Осиёи Хурд аз ҳамдигар ҷудо ҷой гирифта буданд.

Алифбои ликийӣ аз 29 ҳарф иборат буд: 17-тои он бо алифбои юнонӣ пурра мувофиқат мекард, боқимондааш не. Алифбои ликийӣ барои ёд додани овозҳои ликийӣ, ки дар забони юнонӣ мавҷуд нест, истифода мешуд. Пайдоиши ин аломатҳо номаълуманд.

Алифбои лидийӣ 26 ҳарф дошт, ки аз онҳо 16-тоаш бо ҳарфҳои юнонӣ хеле монанд буда, боқимондааш барои омӯзонидани овозҳои забони лидийист. Хатти лидийӣ аз рост ба чап навишта мешуд. Зиёда аз 50 навиштаҷоти лидийӣ (солҳои 1910-1913) ҳангоми кофтуков дар шаҳри Сардах (пойтахташ давлати Лидия) ёфт шудааст.

Хатти карийӣ дар ҷанубӣ - ғарбии Осиёи Хурд истифода карда мешуд ва он байни алифбоҳои осиёихурдӣ мавқеи махсусро ишғол мекард. Хатти карийӣ аз ҷиҳати шакл бо хатҳои ликийӣ, лидийӣ, сидетӣ ва юнонӣ наздик буд. Вале робитаи хатти карийӣ бо дигар алифбоҳои осиёихурдӣ ва хатти юнонӣ то охир маълум карда нашудааст.

Алифбои карийӣ қариб 30 аломат дошта, он то солҳои наздик хатнависии ҳарфӣ - ҳиҷоӣ ба шумор мерафт. Ҳоло наздики 150 навиштаҷоти карийӣ маълум аст.



Хатти сидетӣ хеле қадима ба шумор меравад ва ин ном мутаносибан аз шаҳри Сидии осиёихурдӣ гирифта шудааст. Ин хат аз рӯйи навиштаҷоти рӯйи санг ва тангаҳои юнонӣ - сидетӣ маълум аст. Аз рӯйи гуфтаи олимон, тахмин карда мешавад, ки хатти сидетӣ аз ҷиҳати шакл бо хатҳои карийӣ ва лидийӣ наздик аст.

Хатти сидетӣ хатти ҳарфӣ - овозист. Вай ҳамчун хатти карийӣ, аз рӯйи ақидаи А.Ф.Деянова, аз хатти қадимаи навъи угаритӣ ибтидо гирифтааст. Ба ин монанд будани графикаи ҳарфҳои сидетӣ бо хатти навъи угаритӣ гувоҳӣ медиҳад [5,328].

Хатти этруски ва шохаҳои он

Пайдоиши алифбои этруски тахминан ба асри VIII то мелод тааллуқ дорад. Алифбои этрускиро қабилаҳои сокинони Рим бо номи этруски ё туски ва юнониҳо бо номи тиррени истифода мебурданд.

Этрускҳо дар сарзамини давлати пуриқтидори Италия ҳанӯз дар асрҳои VII-VI пеш аз мелод пайдо шудаанд. Давлати этрускҳо обрӯю нуфузи маданию сиёсии худро дар тамоми Италия мунтазам паҳн мекарданд.

Забон ва хатти этруски дар навиштаҷоти зиёде, ки қариб 10 ҳазорро дар бар мегирад, то давраи мо омада расидааст. Ин навиштаҷот дар худи Италия, махсусан дар сарзамини давлати пештараи этрускҳо – Ситсилия, Сардиния, Миср ва минтақаҳои дигар ошкор гардидааст.

Хатти этруски дар замони ҳозира хатти рамзист. Дар ин хати рамзӣ лавҳачаи аз устухони фил, ки дар Марсилиана бозёфт шудааст, нақши асосиро мебозид (Лавҳаи мазкур ҳоло дар осорхонаи бостоншиносии Флоренсия маҳфуз аст). Дар ин лавҳа алифбои қадимтарини этруски ҷой дода шуда, он номи алифбои Марсилианро гирифтааст. Ин алифбо ҳангоми таълими савод ҳамчун асбоби аёнӣ истифода мешуд. Ба алифбои Марсилиан 26 ҳарф, аз ҷумла 21 ҳарф барои ҳамсадоҳо ва 5 ҳарф барои овозҳои садонок дохил мешаванд.

Оид ба пайдоиши алифбои этруски назарияҳои гуногун мавҷуданд. Байни онҳо назарияи пайдоиши алифбои юнонӣ-ғарбӣ аз ҳама бештар паҳн гаштааст. Бо гузашти айём хатти этрускиро ба забони этрускиӣ мувофиқ кунонидаанд.

Расми 22. Пайдоишу инкишофи алфавити этруски (Ҳарфҳои дар қавсбуда гоҳ-гоҳ истифода мешаванд).

Аз ин сабаб хатти этруски аз хатти юнонӣ дур шуд. Бинобар ин баъзе ҳарфҳои юнонии барои забони этруски нолозимро аз алифбо хориҷ карда, ҳарфҳои навро дар шакли рақами 8 (□)-и арабӣ илова намудаанд. Дар натиҷа алифбои этруски ба вуҷуд омад ва пурра номи классикиро гирифт, ки ин ба соли 400-уми то мелод мутааллуқ аст. Ин алифбо 21 ҳарфро дар бар мегирад (4-то барои овозҳои садонок ва 17-то барои овозҳои ҳамсадо). Ниг. ба расми зерин.

Дар давраи қадим ҳарфҳои этруски дар матнҳо ба таври уфуқӣ аз рост ба чап навишта мешуданд. Дар матн калимаҳоро ба ҳам часпонида менавиштанд. Баъдтар навишти ҳарфҳо дар рах аз чап ба рост ба роҳ монда шуда буд. Акнун дар байни калимаҳо як-ду нуқта гузошта, онҳо аз ҳамдигар ҷудо карда мешуданд. Баъзан нуқтаҳоро барои ташкил кардани ҳиҷоҷудокунии калима низ истифода мебурданд. Истифодаи хатти этруски дар аввали асри I мелодӣ қатъ гардид ва он ба хатти лотинӣ иваз карда шуд.

Дар Италияи қадим ҳуруфот дар шаклҳои венетсиягӣ, оскиӣ, умбриӣ, филискиӣ ва ғайра дар назар дошта шудаанд.

Хатти венетсиягиро дар асри I то мелод халқҳои дар шимолӣ-ғарбии соҳили баҳри Адриатии воқеъ дар сарзамини Венетсияи ҳозира зиндагикунанда истифода мебурданд. Хатти қадимтарини венетсиягӣ дар шакли навиштаҷот ҳанӯз аз асри VI то мелод вуҷуд дошт. Самти рахи хатнависӣ дар ин навиштаҷот духела – аз рост ба чап ва баръакс аз чап ба рост буд. Алифбои венетсиягӣ дар заминаи яке аз шаклҳои пешинаи алифбои этруски зери таъсири хатти ғарбӣ - юнонӣ пайдо шудааст.

Хатти оскииро халқҳое, ки дар сарзамини ҷанубии Италия зиндагӣ мекарданд, аз нимаи дуюми асри I то мелод истифода мебурданд. Оскииҳо бо яке аз лаҳҷаҳои италиянии оилаи забонҳои ҳиндуевропоӣ гуфтугӯ мекарданд. Илм маълум кардааст, ки наздики 200 навиштаҷоти оскиӣ мавҷуданд. Бештари онҳо ба давраи асрҳои III-II пеш аз милод тааллуқ доранд.

Алифбои оскиӣ 21 ҳарф дошт: 6-то барои овозҳои садонок ва 15-то барои овозҳои ҳамсадо. Хатти оскиӣ аз рост ба чап навишта мешуд. Баробари паҳн гаштани дини насронӣ дар ҷануби Италия алифбои оскиӣ ба лотинӣ иваз карда шуд.

Хатти умбрӣ. Баромади ин хат аз хатти этруски буда, яке аз шохаҳои он ба шумор меравад. Дар алифбои умбрӣ 19 ҳарф мавҷуданд. Аз онҳо 4-тоаш овозҳои садонок, 15-тоаш овозҳои ҳамсадоро ифода менамоянд. Аз рӯйи таркиб ва аҳамияти овозии худ ҳарфҳои алифбои умбрӣ ба ҳарфҳои этруски ва шакли классикии он хеле наздиканд. Самти рахи хатнависӣ дар хатти умбрӣ ба таври уфуқӣ аз рост ба чап мебошад. Хатти умбрӣ чун хатти оскӣ дар аввали асри I ҷойи худро ба хатти лотинӣ дод.

Хатти фалискӣ. Ин хат байни халқҳои аз сарзамини на он қадар калони шимоли Рим (Ҷануби Этрурия) кӯчидаомада паҳн гаштааст. Фалискиҳо бо забони ба лотинӣ наздик гуфтугӯ мекарданд. Хатти фалискӣ ба алифбои лотинӣ, инчунин алифбои он хеле наздик буд.

Алифбои фалискӣ аз 23 ҳарф (4 овозу ҳарф барои садонокҳо ва боқимонда барои овозҳои ҳамсадо) иборат буд. Ҳарфҳои a, f, z, h, r, t дар хатти фалискӣ на ба таври лотинӣ навишта мешуданд. Баъзеи он ҳарфҳо (ҳарфи f) дар ин шакли навишти фалискиҳо дар навиштаҷоти алоҳидаи этруски вомехӯрад. Дар фаласкӣ чун дар этруски барои овозҳои [к] ва [с] ҳарфҳои махсус мавҷуд нест. Фалискиҳо аз рост ба чап менавиштанд.

Хатти фалискӣ пас аз истилои римиён дар сарзамини фалискиҳо соли 241-и то мелод аз истифода баромад.

1.Консонантӣ – ҳамсадоӣ;
2.Идеография – тарзнавишти хат бо аломатҳои шартӣ;
3.Иероглиф – хатти Мисри Қадим; ҳарфҳои нофаҳмо;
4.Сомиҳо – нажоди ирқии арабҳо;
5.Вокалӣ – фалаксароӣ, хондан ё талаффузи овозҳои садонок;
6.Хатти Капиталӣ ё монументалӣ – хатти пурдабдаба навишташуда;
7.Папирус – номи рустанӣ аз ҷинси най, ки аз он масолеҳи хатнависӣ тайёр мекарданд;
8.Пергамент – коғази ғафсе, ки обу равғанро намегузаронад.

**АДАБИЁТ:**


1.Абдуллоев И. Грамматика ва имло // Модули таълимӣ барои такмили маҳорати касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Лоиҳаи “Таълими босифат” USAID- Д., 2014.- 128 с.
2.Абдуллоев И. Дафтари машқи хат ва хушнависӣ барои синфи 1.- Д.: “Аниса - 95”, 2019.-128 с.
3.Афсаҳов А., Қаҳҳоров Ҳ. Хат ва пайдоиши он // Дастурамали методӣ. Д., 1994.- 47с.
4.Горецкий В.Г., Кирюшкин В.А., Шанько А.Ф. Пропись. М.: “Просвещение”, 1986.
5.Деянов А.Ф. Сидетское письмо // Тайны древних письмен: Проблемы дешифровки. М., 1976- С. 328- 330.
6.Дирингер Д. Алфавит.- М., 1963 - 656 с.
7.Истрин В.А. Развитие письма. – М., 1961.- 396 с.
8.Истрин В.А. Возникновение и развитие письма.- М., 1965.- 600 с.
9.Косимова М.Н. Хат ва имлои матни классикии тоҷик. Д., “Маориф”, 1989.- 365 с.
10.Лутфуллозода М. ва диг. Алифбо. Китоби дарсӣ барои синфи 1.- Д., 2022 - 152 с.
11.Павленко Н.А. История письма.- Минск. “Высшая школа”, 1987.- 240 с.
12.Тумянов Э.Г. Ещё раз о Маштоце – создателе армянского алфавита // Изв. АН ССР. Сер. лит. И яз.- 1968.- Вып. 5.-С. 439 – 451.
13.Фридрих И. История письма.- М., 1979.- 464 с.
14.Шанидзе М.А. О грузинской письменности // Рус. яз. в груз. школе.- 1979.-№1.- С. 62 – 72.


## СИСТЕМАИ ХАТҲОИ ҲАРФӢ - ОВОЗ и ВА НАҚШИ ОН БОБАТИ САВОДНОКГАРДОНИИ НАВОМӮЗОН

Пайдошавии хатти ҳарфӣ - овозӣ барои бештари халқҳои ҷаҳон қадаме ба пеш буд. Он омӯзонидани забонро осон карда, ба кори ҳуруфчинии ҳарфҳо ва саводнокгардонии навомӯзон мусоидат намуд.

Хатти ҳарфӣ - овозӣ дар шаклҳои консонантӣ (ҳамсадоӣ) ва вокалӣ (садонокӣ) ба вуҷуд омадааст. Системаи хатҳои консонантӣ асосан дар шаҳри Мероэи Мисри араб ноҳияи Серобит - ал - Ходими нимҷазираи Синайи Мисри Қадим, сарзамини Фаластин, шаҳри Угаритеи қисми шимолии Сурия, Эфиопияи Африқо истифода карда мешуданд.

Ба хатнависии консонантӣ хатҳои мероитӣ, протосинайӣ, протоханаанӣ, угаритӣ, финикӣ, яҳудӣ, оромӣ, сомӣ, арабӣ дохил мешаванд. Хатҳои консонантии дар боло зикршуда дар заминаи хатти финикӣ ба вуҷуд омадаанд. Пайдоиши алифбои финикӣ барои инсоният қадаме ба пеш буд.

Системаи хатҳои вокалӣ бошанд, дар Юнон, Арманистон, Гурҷистон, қисми ғарбии Осиёи Хурд истифода мешуданд. Хатти вокалӣ давраи минбаъдаи инкишофи хаттӣ ҳарфӣ - овозист. Ин хат байни овозҳои ҳамсадо бо садонок алоқа барқарор мекард. Дар пайдо кардани овозҳои садонок юнониҳо қадами аввалин гузошта буданд. Хатҳои қадимаи юнонӣ дар заминаи хаттӣ финикӣ ба вуҷуд омада, бо он қариб пурра мувофиқат мекард. Хатти мазкур ба зуднависӣ боис шуда, сабаби кашфи асбобҳои нави хатнависӣ гардид ва дар натиҷа ҳарфҳо шаклҳои гуногунро гирифтанд, аз ҷумла хатҳои уставӣ (хоною бурро), курсивӣ (зуднависӣ ) ва минускулӣ (ҳарфҳои хурд).

Дар асоси хатти юнонии шарқӣ алифбои классикии юнонӣ пайдо шуда, барои ҳамаи юнониҳо хаттӣ миллӣ шуда монд ва он то замони мо нигоҳ дошта мешавад.

Алифбоҳои гурҷию арманӣ ва гурӯҳи алифбоҳои осиёихурдӣ низ зери таъсири алифбои юнонӣ тартиб дода шудаанд. Алҳол алифбоҳои арманию гурҷӣ аз ибтидо то имрӯз мавриди истифода мебошанд.

**Калидвожаҳо:** *консонант, вокал, идеография, сомиҳо, хатти капиталӣ, папирус, пергамент, хатти мхедрумӣ.*

## СИСТЕМА БУКВЕННО-ЗВУКОВОГО ПИСЬМА И ЕЕ РОЛЬ В ГРАМОТНОСТИ УЧАЩИХСЯ

Появление буквенно-звукового письма было триумфом для большинства народов мира. Это облегчило изучение языка, облегчило работу по написанию букв и в грамотности учащихся.

Буквенно-звуковая письменность формируется в согласной и гласной формах. Система согласных строк в основном использовалась в городе Мероэ в арабском Египте, районе Серобит-аль-Хадим Синайского полуострова Древнего Египта, на земле Палестины, городе Угарите в северной части Сирии, Эфиопии в Африке.

Согласные письменности включают меройское, протосинайское, протоханаанское, угаритское, финикийское, еврейское, оромо, семитское, арабское. Вышеупомянутые согласные строки образовались на основе финикийского письма. Появление финикийского алфавита стало главным атрибутом для человечества.

Система звуковых линий использовалась в Греции, Армении, Грузии и западной части Малой Азии. Вокальная линия является следующим этапом развития буквенно-звукового письма. Эта линия устанавливала связь между согласными и гласными. Греки сделали первый шаг в поиске гласных. Древнегреческое письмо было создано на основе финикийского письма и практически полностью с ним совместимо. Этот сценарий породил каракули и привел к открытию новых пишущих инструментов, в результате чего буквы приняли разные формы, включая рукопись (маленькие буквы), скоропись (сокращение) и крохотные буквы (маленькие буквы).

На основе восточно-греческой письменности был создан классический греческий алфавит, ставший национальной письменностью для всех греков и сохранившийся до нашего времени.

Грузино-армянские алфавиты и группа малоазиатских алфавитов также были созданы под влиянием греческого алфавита. В настоящее время с начала и по сей день используются армянский и грузинский алфавиты.

**Ключевые слова:** *согласная, гласная, идеография, саамы, прописная письменность, папирус, пергамент, среднее письмо.*

## THE SYSTEM OF LETTER-SOUND WRITING AND ITS ROLE IN STUDENT LITERACY

The appearance of letter-sound writing was a triumph for most peoples of the world. This made it easier to learn the language, facilitated the work of writing letters and the literacy of students.

Letter-sound writing is formed in consonant and vowel forms. The consonant line system was mainly used in the city of Meroe in Arab Egypt, the Serobit al-Khadim region of the Sinai Peninsula of Ancient Egypt, the land of Palestine, the city of Ugarit in northern Syria, and Ethiopia in Africa.

Consonantal scripts include Meroitic, Proto-Sinaitic, Proto-Canaanite, Ugaritic, Phoenician, Hebrew, Oromo, Semitic, Arabic. The above consonant lines were formed on the basis of the Phoenician script. The appearance of the Phoenician alphabet became the main attribute for humanity.

The sound line system was used in Greece, Armenia, Georgia and the western part of Asia Minor. The vocal line is the next stage in the development of letter-sound writing. This line established the connection between consonants and vowels. The Greeks took the first step in the search for vowels. Ancient Greek writing was created on the basis of Phoenician writing and is almost completely compatible with it. This scenario gave rise to scribbling and led to the discovery of new writing instruments, resulting in letters taking many forms, including cursive (small letters), cursive (abbreviation), and minuscule (small letters).

On the basis of Eastern Greek writing, the classical Greek alphabet was created, which became the national writing system for all Greeks and has survived to this day.

The Georgian-Armenian alphabets and the group of Asia Minor alphabets were also created under the influence of the Greek alphabet. Currently, the Armenian and Georgian alphabets are used from the beginning to the present day.

**Key words:** *consonant, vowel, ideography, Sami, capital writing, papyrus, parchment, middle script.*

**Маълумотнома дар бораи муаллиф:** *Абдуллоев Ибодулло, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии факултети педагогикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

**Сведения об авторе:** *Абдуллоев Ибодулло, доцент кафедры методики начального образования педагогического факультета ТГПУ имени Садриддина Айни*

**Information about the author:** *Abdulloev Ibodullo, Associate Professor of the Department of Primary Education Methods of the Pedagogical Faculty of TGPU named after Sadriddin Aini*

**ТДУ 39(093) 687**

## ПРИНСИПҲОИ ТАШКИЛИ ТАЪЛИМИ ОМЕХТА ДАР ДАРСҲОИ МАТЕМАТИКАИ МУАССИСАҲОИ МИЁНАИ КАСБИИ ОМӮЗГОРӢ

**Набиев Некрӯз Маҳмадиевич**

***Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ***

Аҳамияти мавзуи «Технологияҳои таълимии омехта дар дарсҳои математики муассисаҳои миёнаи касбии омӯзгорӣ» бешубҳа аз он сабаб ба назар мерасад, ки бо рушди технологияҳои иттилоотӣ системаи «одам ва компютер» зуд ба як мушкилие табдил ёфт, ки тамоми аъзои ҷомеаро ба ташвиш меорад. Махсусан, асосҳои тафаккури математикӣ, салоҳияти математикӣ ва маданияти математикӣ ташаккул меёбанд, ки на танҳо дар фаъолияти касбӣ, балки дар ҳаёти ҳаррӯзаи замони муосир низ заруранд. Аз ин рӯ, донишҷӯ бояд на танҳо маҷмуи донишҳои муайянро аз худ намояд, балки бо он дар ҳолатҳои гуногуни зиндагӣ (ҳисоб кардани буҷети оила, ипотека ва қарздиҳии истеъмолӣ ва ғайра) амал карда тавонад [8, 43].

Аҳамияти проблемаи таълиму тарбияи донишҷӯёни маъюб ҷои шубҳа нест. Муассисаҳои муқаррарӣ ба шароит ва талаботе, ки имкон медиҳад маъюбон дар дохили бино худро бароҳат ҳис кунанд, ҷавобгӯ нестанд. Дар ин сурат таълими омехта воситаи хеле самарабахши ҳалли масъала мебошад.

*Донишҷӯёне, ки қобилиятҳои фавқулода доранд, инчунин хусусиятҳои фарқкунанда доранд.* Ин донишҷӯён метавонанд маводи барномаро назар ба дигар донишҷӯён зудтар аз худ кунанд. Агар дараҷа ва суръати омӯзиш ба эҳтиёҷот ҷавобгӯ набошанд, он гоҳ инкишофи шахсият ва маърифати онҳо метавонад зарари ҷиддӣ расонад.

Имрӯзҳо масъалаи тезу тунде ба миён меояд, ки ба онҳо чиро ва чӣ тавр омӯзонем. Проблемаи кадрҳои педагогӣ махсусан дар мактабҳои деҳот хеле ҷиддӣ аст. Дар ин сурат таълими омехта дар шуъбаҳои ғоибона ба дараҷаи баланди ихтисоси тайёр кардани кадрҳо ёрӣ мерасонад [4, 22]. Системаи таълими омехта донишҷӯро маҷбур мекунад, ки мустақилона таҳсил кунад ва малакаи худомӯзӣ пайдо созанд. Инро таҷрибаи донишҷӯёни ғоибона тасдиқ мекунад. Системаи дидактикии таълими ғоибона умуман ва алалхусус таълими математикӣ ҳануз пурра инкишоф наёфтааст. Зарурати аз нав ташкил ва дарк намудани таҷрибаи шахсии мушаххаси таълим, «булӯригардонӣ»-и он дар асоси мафҳумҳои дидактикаи умумӣ ва психологӣ ва бо ёрии системаи онҳо, таҷрибаи таълими фанҳои гуногун, таҷрибаи таълими ғоибонаи донишгоҳҳо ба миён омада, якбора афзуд [5].

Раванди таълим дар давраи омӯзиши омехта тамоми шаклҳои асосии ташкили анъанавии раванди таълимро ба монанди: лексияҳо, семинарҳо ва машғулиятҳои амалӣ, семинарҳои лабораторӣ, системаи назорат, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мустақилонаи

донишҷӯён дар бар мегирад. Ҳамаи ин шаклҳо имконият медиҳад, ки дар амал ба ҳам пайвастани фаъолияти мустақилонаи маърифатии донишҷӯён бо дигар усулҳо ва шаклҳои таълим татбиқ карда шавад. Таълими омехта барои донишҷӯ шароит фароҳам меорад, ки мустақилона ё якҷоя бо рафиқони худ аз байни вазифаҳои пешниҳодшуда дараҷаи мувофиқи душворӣ, вақти дарс, шакли назорат ва ғайраро интихоб мекунад.

Таҳқиқоти таҷрибавӣ вобаста ба тартиб додани мазмун ва усулҳои таълими омехта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз се сол боз давом дорад. Барои ин таълим усулҳои гуногун таҳия карда шуда истодаанд. Таълим ва усулҳои он дар такмили ихтисоси ҷумҳурӣ озмоиш шудаанд. Аз ҷумла, ин дар маводҳои Мирзоева Н., Умарава Б., Курбанов С.Р., Собиров С. ва дигарон дида мешавад.

Хусусиятҳои дидактикии таълими омехта инчунин танзими ҳадафҳои амалисозии онро муайян мекунанд: ҳавасмандгардонии фаъолияти зеҳнии донишҷӯён, ки бо ҷалби донишҷӯён ба интихоб, коркард ва ташкили мавод мусоидат мекунад; пурзӯр намудани ҳавасмандии таълим, ки бо роҳи дақиқ муайян кардани арзишҳо ва сабабҳои дохилӣ ба даст оварда мешавад; инкишоф додани қобилият ва маҳорат дар омӯзиш ва худомузӣ, ки бо роҳи васеъ ва амиқ гардондани технология ва усулҳои таълим муяссар мешавад. Муҳим аст, ки ҳадафҳои гузошта шуда барои муайян кардани он чизе, ки аз донишҷӯён пас аз ба итмом расонидани омӯзиш интизоранд, кумак кунанд. Мушахас кардани ҳадафҳои гузошта шуда имкон медиҳад, ки тасаввур кунед дар охири ҳар як марҳила донишҷӯ чӣ кор карда метавонад [7, с.4].

Омӯзиши омехта якчанд модел дорад. Намунаи чунин модел лоиҳаҳои таълимӣ бо истифода аз презентатсияҳои таълимӣ метавонад бошад. Азбаски дар доираи ин кор ҳатто шаклҳои маъмултарини корро тавсиф кардан мумкин нест, мо онҳоро дар ҷадвали зер мухтасар тавсиф мекунем:

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Муаррифии маводи нав | Маҷмуи аниматсияҳои компютерӣ, графика, видео, мусиқӣ ва садо, ки дар системаи ягона ташкил карда шудаанд. Одатан барои дарки осони иттилоот презентатсия аз сюжет, сенария ва сохтор тартиб дода шудааст. |
| 2. | Аниматсия Flash | Видеои кӯтоҳи таълимӣ, ки дар он бо истифода аз тасвирҳои ҳаракаткунанда, диаграммаҳо, сарлавҳаҳо ва қироати порчаи матнӣ аз маводи омӯхташаванда оварда шудааст. |
| 3. | Таҷҳизоти машқ | Бозиҳои дидактикӣ ин таҷҳизотҳоест, ки миқдори такроркуниро зиёд мекунанд, ба омӯзиш ҳавасманд мекунанд. Шавқу рағбат ба мавзуъ ва ғайраро баланд мебардорад. |
| 4. | Санҷиш | Чен кардани дараҷаи азхудкунии дониш, дараҷаи инкишофи муайяни сифатҳои психологӣ, қобилият, хусусиятҳои шахсият мебошад. Истифодаи тестҳо имкон медиҳад, ки дар раванди таълим сари вақт корҳои ислоҳӣ боэътимод ҷорӣ карда шаванд, инчунин баҳо дода ва сифати таълим идора карда шавад. |
| 5. | Маводи таълимии электронӣ | Он ҳам дар синф ва ҳам барои омӯзиши мустақилона дар хона истифода мешавад. Фаъолияти таълимӣ ва маърифатиро фаъол намуда, имкон медиҳад, ки маводи пешниҳодшуда бе ёрии омӯзгор мустақилона омӯхта шавад. |

Қариб ҳамаи шаклҳои таълими омехта шавқу ҳавасро ба фан зиёд намуда, фаъолияти равониро инкишоф медиҳад, ба азхудкунии маводҳои барномаи таълимӣ ёрӣ

мерасонанд, ҷараёни таълимро шавқовар ва пурҷӯшу хуруш гардонида, ба инкишофи фаъолияти маърифатӣ ва ҳавасмандии таълимӣ мусоидат мекунад.

Системаи электронии назорат имкон медиҳад дараҷаи инкишофи қобилиятҳои муайян, сифатҳои психологӣ, хислатҳои шахсият, раванди таълим сари вақт ислоҳ, сифати таълим боэътимод арзёбӣ ва идора карда шавад [3.с36].

Барои он ки таълими омехта муносиб бошад, бояд принсипҳои асосии таълим риоя карда шавад. Унсурҳои муҳимтарини таълими омехта принсипҳои зерин мебошанд:

1. Принсипи муносибати системавӣ, ки ҳадафҳо ва меъёрҳои фаъолияти раванди таълим, сохтори маводи омӯхташавандаро мувофиқи ҳадафҳо, вазифаҳо, усулҳо ва меъёрҳои таълим муайян мекунад, дар бар мегирад.

2. Принсипи роҳбари якум ниҳоят муҳим аст. Тибқи он худи компютерҳо, нармафзор ва татбиқи онҳо дар раванди таълим бояд таҳти роҳбарии бевоситаи роҳбари якуми муассисаи таълимӣ сурат гирад. Ин принсип ба таҷрибаи амалӣ асос ёфтааст ва нишон дод, ки кӯшиши ба ихтиёри шахсони дуюмдараҷа гузоштани татбиқи технология хеле мураккаб ба он оварда мерасонад, ки самараи пешбинишуда ба амал намеояд.

3. Принсипи вазифаҳои нав талаб мекунад, ки усулҳо ва шаклҳои анъанавии таълим ба компютер гузаронда нашавад. Сипас, онҳоро мувофиқи имкониятҳое, ки компютерҳо медиҳад, аз нав созанд.

4. Принсипи рушди муттасили система мураттабсозии вазифаҳои нав, такмил ва тағйир додани вазифаҳои кӯҳнаро, ки мувофиқи рушди педагогика, усулҳои хусусӣ, компютерҳо ва ғайра аст, дар назар дорад. Дар раванди инкишоф додан ва такмил додани таълими омехта ба аз нав ташкил кардан ва аз нав сохтани базаи иттилоотӣ диққати махсус додан лозим аст.

5. Принсипи типикунонии оқилонаи ҳалҳои конструктивӣ маънои онро дорад, ки ҳангоми таҳияи нармафзор мутахассис бояд кӯшиш кунад, ки ҳалҳои пешниҳодкардаи ӯ на танҳо аз рӯйи намуди компютерҳои истифодашаванда, балки барои доираи васеи муассисаҳои таълимӣ мувофиқ бошанд.

6. Ҷараёни асосии ҳуҷҷатҳои марбут ба раванди таълим тавассути компютер мегузарад, ки ба принсипи автоматикунонии ҳуҷҷатҳо диққати махсусро талаб мекунад.

7. Принсипи базаи ягонаи иттилоотӣ бо принсипи қаблӣ бевосита алоқаманд аст. Моҳияти ин принсип аз он иборат аст, ки маълумоте, ки барои ҳалли на танҳо як ё якчанд вазифа, балки тамоми вазифаҳои раванди таълим зарур аст, дар воситаҳои барандаҳо ғун карда шуда, доимо нав карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар ҷараёни таълим дар дарсҳои математика истифода бурдани технологияҳои таълими омехта ҷараёни таълимро пурмаҳсул мегардонад, зеро донишҷӯён ҳамеша дар раванди таълим фаро гирифта мешаванд, ҳатто агар дар дарс иштирок накарда бошанд ҳам.

## АДАБИЁТ

1. Андреев А.В., Андреева С.В, Доценко И.Б. Практика электронного обучения с использованием Moodle. – Таганрог: Изд-во ТТИ ЮФУ, 2008.

2. Курбанов С.Р. «Методические основы эффективности системы переподготовки повышения квалификации учителя математики (на примере Республики Таджикистан) кандидатская диссертация/ Курбанов С.Р. Душанбе -2019.-168с.

3. Курбанов С.Р., Камолова Н. Переход на компетентностный подход в средних общеобразовательных учебных заведений - потребность времени. //Вестник института развития образования. – Душанбе. – 2019.- №1(25). – с. 56-60.

4. Курбанов С.Р. Вохидова К. Роль преподавателя в формировании ключевых компетенции учащихся начальных классов.//Вестник института развития образования.- Душанбе. – 2019.- №2(26). – с. 53-59.

5. Нугмонов М. Теоретико-методологические основы методики обучения математики как науки: Монография- Душанбе: АОТ; ТГПУ им. С.Айни, 2011. – 278 с.

6. Нугмонов М. Урок математики в школе. - Душанбе : «Ирфон», 2011. – 103 с.

7. Повышение эффективности обучения математике в школе: Кн.для учителя/Сост.Г.Д.Глейзер. - М.: Просвещение, 1989. -240с.

8. Преемственность в обучении математике : сб.статей./Составитель А.М.Пышкало.- М.: Просвещение, 1978. -237с.

9. Пути повышения эффективности обучения. Под. ред. Н. С. Сунцова. -М.: Просвещение, 1973 -175с.

## ПРИНЦИПЫ ОРГАНИЗАЦИИСМЕШАННОЙ ОБУЧЕНИИ НА УРОКАХ МАТЕМАТИКИ В СРЕДНИХ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

В статье автором обозначены теоретические вопросы, касающиеся принципов организации смешанного обучения на уроках математики в средних профессиональных учебных заведениях с учетом проблемы обучения и воспитания учащихся, а также рассмотрены вопросы использования смешанного обучения для повышения качества усвоения учебного материала, учебные материалы. Представлены основы более эффективной организации процесса электронного управления и механизмы его практической реализации. ***Ключевые слова:*** *технологии смешанного обучения, принципы смешанного обучения, единая информационная база, интеллектуальная типизация, технологическая карта, непрерывное развитие системы, программное обеспечение, знания, умения, навыки, методы и формы.*

## PRINCIPLES OF ORGANIZING BLENDED LEARNING IN MATHEMATICS LESSONS IN SECONDARY PEDAGOGICAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

In the article, the author outlines theoretical issues related to the principles of organizing blended learning in mathematics lessons in secondary vocational educational institutions, taking into account the problem of teaching and upbringing students, and also considers the issues of using blended learning to improve the quality of learning. educational materials. The basics of more effective organization of the electronic management process and the mechanisms of its practical implementation are presented. ***Key words:*** *blended learning technologies, unified information base, intelligent typing, process map, continuous development of the system, software, knowledge, skills, abilities, methods and forms.*

***Маълумот др бораи муаллиф*: Набиев Некрӯз Маҳмадиевич** – *мудири шуъбаи ғоибонаи Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.Суроға: ш. Душанбе кучаи С.Айни 73 тел: (+ 992)908 85 85 08*

***Сведение об авторе: Набиев Некруз Махмадиевич*** *заведующий отдел заочного отделения Педагогического колледжи имени Хосият Махсумова ТГПУ им. Садриддин Айни. Адресс: ш. Душанбе ул. С.Айни 73 тел: (+ 992)908 85 85 08*

***About the author*: Nabiev Nekruz Mahmadievich -** *Head paqr time department of Pedagogical college named after Khosiyat Makhsumova of TSPU name after Sadriddin Ainy. Adress: Dushanbe city, 73 Ainy str/ Tel: (+ 992)908 85 85 08*

# ФОРМИРОВАНИЯ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИХ УМЕНИЙ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА

*Зоидова О. А.,*
**Директори ташкилоти ҷамъиятии "Рушди илм ва таълим"**
*Усмонова Д. С.,*
**Колеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,**
*Аламов Т. Н.,*
**Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

На сегодняшний день, проблема лексической работы на уроках русского языка остается актуальной и значимой. Среди важнейших задач обучения в современной начальной школе лежит развитие у детей навыков речи и мышления. Слово, в свою очередь, играет роль не только носителя информации и обобщения опыта, но и ключевого элемента в мыслительных и речевых процессах. Обширный словарный запас становится одним из показателей интеллектуального и речевого развития учеников, являясь неотъемлемым строительным материалом для языка.

По мнению М.Р. Львова, "лексика - это арсенал слов, составляющих словарь определенного языка. Лексикология, как научное направление, изучает лексический состав языка, рассматривая слово с различных точек зрения и формируя собственную систему понятий"[6,464 с].

В начальной школе лексикология рассматривается в узком контексте, фокусируясь на системе слов языка. Тем не менее, в учебные программы также включены аспекты устойчивых словосочетаний и информация о разнообразных словарях (толковом, иностранных слов, фразеологическом).

Согласно Львову, "лексикология анализирует слова с точки зрения их значения, роли в общей лексической системе, происхождения, использования в различных сферах общения и выразительно-стилистических характеристик. Понятие 'лексикология' также включает изучение устойчивых словосочетаний (фразеологизмов) и словарей (лексикографии)" [6,464 с]. Современный русский язык обладает значительным лексическим богатством. Например, в "Словаре русского языка" С.И. Ожегова содержится около 57 тыс. слов, а в "Словаре современного русского литературного языка" - около 130 тыс. слов. Эти словари представляют общепринятую лексику, однако они не охватывают множество профессиональных терминов, географических названий, а также имён и фамилий. Большинство слов, особенно те, что широко используются, обладают несколькими значениями.

Многозначность слов создает обширное поле для разнообразия значений и, следовательно, для возникновения новых лексических единиц, значение и контекст которых становятся ясными в ходе речи. В "Словаре русского языка" С.И. Ожегова указывается пять основных значений слова "рука", а также представлены 62 фразеологических выражения, в которых это слово используется в контексте [11,270с].

По мнению В.В. Пазынина, "в начальной школе изучение лексики проводится как в познавательно-образовательном плане (знакомство учащихся с лексической системой русского языка), так и в нормативно-практическом (формирование у них умений применять различные лексические слои в различных ситуациях общения и расширение словарного запаса различными лексико-семантическими группами слов)" [12,493-478с]. Как подчеркивает Е.А. Лушина, "анализ лексического материала предоставляет учителю широкие возможности для формирования у школьников исследовательских навыков; умения обобщать и анализировать представленный материал, делать выводы и умозаключения; также это дает возможность проводить занятия, учитывая индивидуальные особенности учеников на уроках русского языка. [5,115–121].

Данный вопрос является чрезвычайно актуальным в современной образовательной системе» (Лушина, 2001, 52). Источниками лексического материала для аналитической работы над словами могут выступать учебные пособия по русскому языку, все типы словарей, тексты и отрывки известных литературных произведений, статьи из периодических изданий, а также

онлайн-ресурсы. Помимо традиционных методов работы с лексиконом, современные педагоги исследуют возможности применения научных методов.

В рамках работ по расширению словаря могут использоваться задания поискового характера. Основная цель такой деятельности заключается в приобретении учащимися навыков работы с различными источниками информации (включая справочники и словари), что способствует осознанному процессу усвоения новых слов и значений уже известных слов. Работа над уточнением словаря предполагает способность самостоятельно находить значения слов в словаре и умение аналитически выбирать подходящее слово.

Активное использование словаря в исследовательском аспекте предполагает самостоятельную деятельность учеников, при этом учитывается точность выражения и логичность мысли. Для успешного устранения нелитературной лексики и ее замены на более подходящие слова необходимы информационные навыки и задания, направленные на аналитическое мышление учеников.

Все аспекты словарной работы тесно взаимосвязаны и в начальных классах реализуются в основном на практике, с акцентом на тексты, без глубокого теоретического освещения и даже без использования специальных терминов. Использование словарей (Львов, 1987) может быть очень полезным для работы над лексиконом. В начальных классах ученики активно расширяют свой словарный запас и проявляют большой интерес к изучению языка. В этот период важно развивать у детей такие качества речи, как точность и логичность.

Как отмечает Е.В. Саутина, "задачи, основанные на лексическом материале и связанные с использованием языковых средств выразительности, таких как полисемия, омонимия, синонимия, антонимия, способствуют развитию проблемного мышления у младших школьников, улучшают умение правильно применять слово в соответствующем контексте и способствуют исправлению речевых ошибок" [15,13-16 ].

Среди особенностей словарного запаса учеников начальных классов можно выделить недостаточное знание глагольных синонимов, ограниченный объем лексикона, неточности в использовании слов, сложности в интерпретации многозначных слов, несоответствие между словом и понятием, а также трудности в усвоении абстрактной лексики. С.В. Плотникова замечает, что "из-за бедности словаря для младших школьников характерны частые повторы, неточные употребления слов в речи. Но даже при правильном их использовании, значения слов в сознании учеников носят житейские представления [13,81-92].

Учащиеся начинают мыслить отвлеченно, если в процессе изучения лексических понятий использовать частично-поисковые методы обучения" (Плотникова, 2007, 91). Проблемы у детей возникают при усвоении многозначных слов. По мнению Г.В. Бобровской, "в сознании школьников эти слова, обычно, представлены одним конкретным значением". Фразу «держитесь правой стороны» первоклассники воспринимают буквально: «держаться руками за что-то» [1,21-27].

Ученикам гораздо легче усваивать семантику нового слова, чем уже знакомого. Работа над многозначными словами может помочь решить одну из задач обучения – развить в ребёнке творческое, проблемное мышление (Бобровская, 2004, 54). Поэтому при отборе материала для исследования, очень важно использовать как знакомую, так и незнакомую детям лексику. Ученики должны анализировать слова не только по их звуковому и морфологическому составу, но и по значению. [1,21-27].

В результате активного поиска, учащиеся приходят к выводу, что многие слова с непроверяемыми и проверяемыми безударными гласными бывают многозначными (перо, звезда), синонимами (шагать, брести, идти), антонимами (тьма – свет). Ещё один приём знакомства учеников с явлением полисемии – использование контекста. Например, «В лесу появились первые колокольчики». «Марина весело засмеялась и позвонила в колокольчик». Сравнивая слово «колокольчик» в обоих случаях, дети приходят к выводу, что речь идёт о разных предметах: о цветке и о звонке в форме маленького колокола. Как пишет А.Н. Матвеева, "для аналитической работы над явлением полисемии привлекаются случаи переносов [8,128 с ].

В контексте учебного процесса для учащихся I – II классов особое внимание уделяется переносам значений слов, что способствует развитию лексических навыков. Типы таких переносов включают в себя перенос по смежности (например, персик – дерево и фрукт, класс – помещение и группа учеников), перенос по расположению (например, хвост кошки – хвост

поезда), перенос по цвету (например, серебряный браслет – серебряный месяц), перенос по выполняемому действию (например, дворник – человек, устройство на стекле автомашины) и метафорические переносы, основанные на сходстве формы (например, колокольчик – цветок; звонок) [8,128 с ]. Важно строить учебные задания таким образом, чтобы они позволяли детям работать с словами, обладающими конкретным предметно-понятийным содержанием. Например, при обсуждении предложений о садоводстве и покупке фруктов, дети сравнивают значения слов "слива" и "вишня" и выводят, что в первом случае следует использовать слово "деревья", а во втором – "ягоды". Этот анализ помогает школьникам осознать различия в значениях схожих слов.

Меъёрҳои ахлоқӣ дар муошират қабул гардида, хислатҳо ва қоидаҳои рафтор омӯхта мешаванд, эътимод ва дӯстӣ ҷойи махсусро ишғол мекунанд. Барои хонандагони мактаб пеш аз ҳама чизи асосӣ дар руҳияи ҷаҳоншавӣ ва азхуд кардани донишҳои нав дар раванди таълим ба шумор меравад. Наврасон, чун қоида, ба дарсҳо барои муошират кардан, худро нишон додан, муносибатҳои нав мегузоранд. Дар ин шароит омӯзгорон бояд маводи босифатро дар дарсҳои забони англисӣ таъмин кунанд, ки ба ҳаёти наврасон ҷалб ва мувофиқ бошанд. Маводи таълимии омӯзиши забони англисиро омӯзгорони фан тавре интихоб намояд, ки қобилиятҳои коммуникативӣ - нутқӣ ва когнитивӣ - лингвистии хонандагон дар онҳо рушд ёбанд. Ҳангоми омӯзиши забони англисӣ омӯзгорон бештар ба дурустии талаффузи калимаҳо, ибораҳо, ҷумлаҳо, тарзи хондан ва навиштани хонандагон дар ҷараёни дарс диққати махсус доданашон лозим аст. Хонандагон қоидаҳои навиштан ва хонданро дар хотир нигоҳ дошта, аз ибораю таркибҳо ҷумлаҳо тартиб медиҳанд ва фарқ кардану ҷудо намудани ҳар як ҳиссаи нутқро фаҳмида мегиранд. Онҳо овозҳоро меомӯзанд, тарзи талаффуз ва оҳанги садоҳои забони англисиро эҳсос менамоянд. Дар хонандагон малакаҳои гӯш кардану хондан рушд ёфта, ҳавасмандии онҳо ба фан бештар мегардад. Дар баробари ин боз як нозукии дигар дар он аст, ки омӯзгорони фанни забони англисӣ ҳолатҳое мешавад, ки бо сабабҳои гуногун дар синф на ҳама вақт имконият доранд, ки тамоми ҳисси хонандагонро ҷалб кунанд, шунавоии фонетикии онҳоро инкишоф диҳанд. Дар ин вазъият хонандагоне, ки вожаҳоро хуб дар хотир надоранд ва аз талаффуз ва сухан кардан метарсанд ё хиҷолат мекашанд, дар ин асно раванди таълим суст мегардад ва онҳо чизи лозимаро фаҳмида наметавонанд. Дар мактаб бо баъзе хонандагоне вомехӯрем, ки нуқсонҳои забонӣ ва дар онҳо сустии дарккунӣ дида мешавад, албатта, кор бо ин гуна хонандагон шакли дигар мегирад. Бояд қайд кард, ки

омӯзгорон ба ин гуна хонандагон бештар корбарӣ кунанд ва шавқмандии онҳоро бедор созад. Онҳо таркиб ва калимаҳои забони англисиро тавре интихоб намоянд, ки ба фаҳмишу талаффузи онҳо мувофиқ бошад. Дар баробари ин, қобилиятҳои кор кардан, ҳавасманд гардонидан, самараноктар иҷро намудани супоришҳоро аз онҳо талаб намоянд.

Дар амалияи раванди дарси забони англисӣ омӯзгорон бештар ба тарзи аёнӣ маводро баҳри шунидан ва тамошо намудан ба хонандагон пешкаш менамоянд. Тамошои филмҳо, шунидани мусиқию сурудҳо бо забони англисӣ боиси рушди муоширатӣ- нутқии хонандагон гардида, тарзи нутқ, талаффузи дурусти ибораҳо, оҳангро гӯш мекунанд ва дарк менамоянд. Хонандагон баъд аз тамошои филм ҷойҳои муҳимми онро дар хотирашон нигоҳ медоранд ва дар муошироти байни ҳамдигар мавриди истифода қарор медиҳанд. Наворҳое, ки бачагон дар филм тамошо карданд, нақли онро бо забони англисӣ омӯзгор пурсон мешавад. Муҳиммии кор дар он аст, ки тамошои филмҳо як навъ муошироти фосилавӣ бо забони модарӣ-англисӣ аст.

Истифодаи усули кор дар гурӯҳҳо низ дар омӯзиши забони англисӣ аз манфиат холӣ нест. Масалан, дар синфҳои 9-ум истифодаи видеоии таълимӣ ва мултимедия барои кори фаъолона дар раванди ташаккули маҳорат ва малакаҳои нутқии хонандагон имкониятҳои васеъ фароҳам оварда, раванди азхудкунии забони англисиро дар ҳама марҳилаҳои омӯзиш баҳри шавқмандии онҳо таъмин менамояд.

Дар сохтори дарси видеои таълими нутқи шифоҳӣ ба марҳилаҳои зерин тақсим мешаванд:

– *марҳилаи омодагӣ – бартарафсозии пешакии мушкилоти забонӣ;*
– *дарки филми видеоӣ;*
– *рушди малакаҳои дарки иттилоот;*
– *назорати фаҳмиши мундариҷаи асосӣ;*
– *инкишоф додани малакаи забон ва малакаи нутқи шифоҳӣ* [2. С.2-7].

Барои ҳалли ҳар як вазифаи гузошташуда хонандагон бояд на танҳо мазмуни умумии наворро донад, балки ҷузъиётро дар хотир нигоҳ доранд, инчунин тавони баҳо додан ба рӯйдодҳо, тавсифи персонажҳо, истифода бурдани калимаҳо ва ибораҳоро алоқаманд бо нутқ дошта бошанд. Масалан, дар синфҳои 10-ум дар мавзуи “My room”(Ҳуҷраи ман) хонандагон бояд калимаҳоро дар хотир нигоҳ доранд, таҳлилу эҷод намоянд, фаҳмида гиранд, тарҷумаҳо аз забони англисӣ бо забони модарӣ ва хулосаҳо бароранд. Масалан, a book (китоб), a bag (ҷузвдон), a table (миз), a chair (курсӣ), a laptop (новтбук), a bed (рахти хоб), a flover (гул), a carpet (қолин), a bookcase (ҷевони китоб) ва ғайраҳо.

Тавассути фаъолиятҳои таълимӣ дониш, маҳорату малакаҳои амалии хонандагон ҳосил гардида, қобилиятҳои маърифатии онҳо инкишоф меёбанд. Барои ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ омӯзгорон аз усули гуногуни таълимӣ: истифодаи усули “Кластер”, “Чархи андешаҳо”, навиштани “Эссе” ва ғайра хонандагонро бо зергурӯҳо ҷудо намуда, супоришҳоро бо вариантҳои гуногун (машқҳо, таблитсаҳо, ҷадвалҳо, ҷудо намудани ҳиссаҳои нутқ, тартиби ибора ва ҷумлаҳо, тасниф кардан ва ғ.) пешниҳод мекунанд. Моҳият ва хусусиятҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимии хонандагон дар раванди дарси забони англисӣ ошкор карда мешавад. Дониши воситаҳои забониро хонандагон дар омӯзиши маводи таълимӣ, аз қабили ҷумла, грамматика, луғат ва фонетикаро ки тавассути муошироти хаттӣ ё шифоҳӣ сурат мегирад, азхуд менамоянд.

Муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд дар омӯзиши забони англисӣ баҳри хонандагон шароит муҳайё созад, азхудкунӣ, маҳорату малакаҳои амалӣ, фаъолияти мустақилона ва масъулияти шахсии онҳоро, яъне салоҳиятҳои асосӣ, ки сифати муосири таҳсилотро муайян мекунад, ташаккул диҳанд.

Албатта, барои амалӣ намудани ин ё он усули таълим технологияи истифодаи методикаи интихобшуда бояд аз ҷониби омӯзгор асоснок карда шавад. Маҳорати ба роҳ мондани дарсҳои забони англисӣ дар синфҳои болоӣ аз омӯзгор эҷодкорӣ ва ҷустуҷӯйиро талаб мекунад. Бо гурӯҳи хонандагони синф истифода аз метод “Муаммои гурӯҳӣ” низ ном мебаранд, тавассути ин усул хонандагон ҳамкорӣ намуда, аз ҳамдигар вобастагӣ доранд. Моҳияти ин метод дар он аст, ки омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, супоришҳоро пешкаш менамоянд, ки бачаҳо бояд онҳоро мисли муаммо якҷоя ҳал намоянд.

Дар рафти ин гуна корҳо муносибатҳои мусбат ва вобастагии байни ҳамдигарӣ, инчунин масъулияти коллектив баҳри кори якҷоя амалӣ мегардад. [8, с.4.]

"Техникаи муаммои гурӯҳӣ" як роҳи босамари раванди таълим ва азхудкунии мавод мебошад, ки ба ҳамаи аъзоёни гурӯҳ дар фаъолияти таълимӣ нақшҳои пурмазмун медиҳад. Ин усул иборат аз даҳ қадам буда, хонандагон (иштирокчиён) ҳангоми кори коллективӣ масъулият ҳис намуда, чӣ гунагии иҷроиши амалро ба уҳда доранд. Ин метод барои омӯзгорон хеле бартариҳо дошта, тавассути он азхудкунӣ ва омӯзиш осон мегардад, таъсиррасонӣ ба омӯзиш, афзоиши дониш, пайвастагӣ бо дигар усул, амалӣ гардидани он дар як дарс сурат мегирад. Дар истифодаи ин усул гурӯҳҳо бояд дар синф баробар бошанд, робитаҳои иҷтимоӣ муайян карда шавад. Синфро ба гурӯҳҳои 5-6 нафарӣ ҷудо намуда, барои ҳар як гурӯҳ роҳбар таъин карда мешавад. Супоришҳо барои гурӯҳҳо метавонад, гуногун бошанд. Онҳоро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, ҳар як иҷроиши супориши пешниҳодшуда аз назар гузаронида мешавад. Масалан, супориш шиносоӣ бо зиндагиномаи ҳоли нависанда. Пас, онро тақрибан, ба қисматҳои зерин тақсим мекунанд:

1.Солҳои кӯдакӣ, таҳсил дар мактаб;

2. Ҳаёти оилавӣ;

3. Муваффақиятҳои адабӣ, нашрияҳо, тақризҳо аз мунаққидон;

4. Таъсири давраи таърихӣ ба эҷодкорӣ;

5. Саҳм дар адабиёти ҷаҳонӣ.

Бояд боварӣ ҳосил намуд, ки ҳар як хонанда нисбат ба мавод маълумот дошта бошад ва раванд бояд барои бача шавқовар гардад. Фаъолияти бештари ҳар як гурӯҳ ба назар гирифта мешавад. Сипас, ташкили муваққатии "Гурӯҳҳои коршиносон". Баъди азхуд намудани мавод аз ҳисоби хонандагони гурӯҳҳои гуногун гурӯҳҳои муваққатии «экспертӣ» ташкил карда мешаванд. Ҳар кас бояд дигаронро бо маводи ба ӯ супурдашуда шинос намояд. Ин аст, ки мубодилаи афкор, амиқтар кардани дониши шахс дар тамоми мавзуи додашуда сурат мегирад. Хонандагон дар раванди кор бигзор ба ҳамдигар савол диҳанд, зеро саволҳо хеле муҳиманд дар раванди кор хонандагонро фаъол мегардонад. Фаъолияти эҷодкорӣ, ҷустуҷӯю кунҷкобӣ ва омӯзиши хонандагон ба раванди фаъол табдил меёбад ва камбудиҳои ҷойдошта бартараф карда мешавад. Дар раванди кор дар фаъолияти хонандагон мушкили мушоҳида гардад ва онро ба самти созанда равона кардан лозим аст. Тартибот аз ҷониби гурӯҳҳо риоя карда мешавад, то ки онҳо раванди корро халалдор накунанд. Дар охир санҷиш гирифта, раванди таълим бояд лаззатбахш бошад. Викторина эҷод кунед, то ҳар як хонанда равандро ҳамчун бозӣ қабул кунанд. Ин марҳилаи ниҳоии техникаи муаммои гурӯҳӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар омӯзиши забони англисӣ омӯзгорон истифода аз роҳҳо ва воситаҳои гуногуни таълимӣ дониш хонандагонро васеъ намуда, қобилиятҳои муоширатӣ - нутқӣ, эҷодӣ ва ҷустуҷӯйӣ онҳоро рушд медиҳанд. Рушди қобилиятҳои маърифатию зеҳнӣ боиси пешрафт ва забономӯзии онҳо мегардад, ки тақозои замон низ аз ҳамин иборат аст.

Аз ин лиҳоз, таваҷҷуҳи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маориф ва мактаб оид ба омӯзиш ва донистани забони англисии мактабиён нигаронида шудааст ва дар ин самт дар ҳамкорӣ шароит ва имконияти омӯзишро ба роҳ монда истодаанд. Зеро ҷомеаи муосир ба шахсиятҳои донандаи забонҳои гуногун баҳри пешрафти ҷомеа ниёз доранд. Аз ин рӯ, муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд, ки чунин шахсиятҳоро дар руҳияи забономӯзию забондонӣ таълиму тарбият намояд.

**АДАБИЁТ:**

1.Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 августи соли 2019, №438.

2. Андреев, А.А. Применение сети Интернет в учебном процессе / А.А. Андреев // Информатика и образование. 2005. № 9.- С.2-7.

3.Щукин, А.Н. Методика обучения речевому общению на иностранном языке / А.Н. Щукин [Текст]. -М.: ИКАР, 2011.-454с.

4.Чуксина, Л.Н. Методика разработки учебных заданий с применением мультимедийных средств (на материале обучения английскому языку): дис. ... канд. пед. наук / Л.Н. Чуксина [Текст]. - Тамбов, 2001.

5.Халеева, И.И. Основы теории обучения пониманию иноязычной речи / И.И. Халеева [Текст]. - М.: Высшая школа, 1989.- 342 с.

6.Сысоев, П.В. Методика обучения иностранному языку с использованием новых информационно-коммуникационных Интернет- технологий: Учебно-методическое пособие / П.В.Сысоев, М.Н.Евстигнеев [Текст]. -М.: Глосса-Пресс, Ростов н / Д: Феникс, 2010.-182 с.

7.Соловова, Е.Н. Методика обучения иностранным языкам. Базовый курс лекций / Е.Н. Соловова [Текст]. - М.: Просвещение, 2002. - 239 с.

8.Эллиот Аронсон. Технологии (методы) организации сотрудничества. Амрико, 1978, с.4.

## РАВАНДИ САМАРАНОКИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Омӯзиши забони англисӣ тибқи талаботи барномаҳои давлатии муассисаҳои таълимӣ аз синфҳои поёнӣ оғоз мегардад. Дар робита ба ҷаҳонишавӣ омӯзиши забони англисӣ дар баъзе муассисаҳои томактабӣ ҷорӣ карда мешавад, зеро талаботи муосир донистан ва омӯхтани он ҳудуди муоширатро васеъ намуда, робитаҳои байналмилалиро байни кишварҳои ҷаҳон таҳким бахшидааст.

Тарзи ташкил ва таълими дарси забони англисӣ мутобиқи талаботи дарси муосир аз омӯзгор дорои дониш, маҳорат, малакаҳои амалӣ, эҷодкорӣ ва фаъолияти тадқиқотиро талаб мекунад, то хонандагон дар раванди таълим дониши амиқ ба даст оранд, тафаккури худро инкишоф диҳанд ва инкишоф диҳанд. малакаҳои маърифатӣ.

Талабот, муваффакият ва муносибати талабагон ба фан комилан ба муаллим вобаста аст. Раванди дарс тавассути усулҳои тарбия: лоиҳаҳо, машқҳои гуногуни нутқу маърифатӣ, муоширатӣ, монологӣ ва муколама, ташкили зергурӯҳҳо ва иҷрои вазифаҳои гуногуни тарбиявӣ бешубҳа боиси амалӣ гардидани мақсад ва самаранокии таълим мегардад.

**Калидвожаҳо:** *омӯзиш, хонандагон, забони англисӣ, дарс, дониш, маҳорат, малака, қобилияти нутқӣ-когнитивӣ, муошират, муассисаҳои таълимӣ, маориф, метод, ҳавасмандгардонӣ, забономӯзӣ, фаъолият.*

## ЭФФЕКТИВНЫЙ ПРОЦЕСС ИЗУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧЕРЕЖДЕНИЯХ

Изучение английского языка в соответствии с требованиями государственных программ образовательных учреждений начинается с младших классов. В связи с глобализацией изучение английского языка внедряется и в некоторых дошкольных учреждениях, ведь требование современности знать и изучать его расширяет границы общения и укрепляет международные связи между странами мира.
Способ организации и преподавания уроков английского языка в соответствии с требованиями современного урока требует от учителя наличия знаний, умений, практических навыков, творческих способностей и исследовательской активности, чтобы учащиеся в процессе обучения приобретали глубокие знания, развивали мышление, развивали когнитивные навыки.

Необходимость, успешность и отношение учащихся к предмету полностью зависят от преподавателя. Ход урока через учебные методы и методы: проекты, различные речепознавательные, коммуникативные, монологические и диалоговые упражнения, организация подгрупп и выполнение различных учебных задач непременно приведет к реализации цели и эффективности образование.

**Ключевые слова:** *обучение, учащиеся, английский язык, урок, знания, умения, навыки, речево-познавательная способность, общение, образовательное учреждение, образование, метод, мотивация, изучение языка, деятельность.*

## EFFECTIVE ENGLISH LANGUAGE LEARNING PROCESS IN GENERAL EDUCATION INSTITUTIONS

The study of English in accordance with the requirements of stateprograms of educational institutions begins in the lower grades. In connection with globalization, the study of English is being introduced in some preschool institutions, because the modern requirement to know and study it expands the boundaries of communication and strengthens international ties between countries of the world. The way of organizing and teaching English lessons in accordance with the requirements of a modern lesson requires the teacher to have knowledge, skills, practical skills, creativity and research activity, so that students in the learning process acquire deep knowledge, develop thinking, and develop cognitive skills.

The need, success and attitude of students to the subject depend entirely on the teacher. The course of the lesson through educational methods and methods: projects, various speech-cognitive, communicative, monologue and dialogue exercises, organizing subgroups and performing various educational tasks will certainly lead to the realization of the goal and effectiveness. education.

**Key words:** *traininl, students, English language, lesson, knowledge, skills, speech cognitive ability, communication, educational institution, education, method, motivation, language, learning, activity.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Иматзода Лутфия Махмадулло доктори илмҳои педагогӣ, профессор, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон нишони ш. Душанбе кӯчаи А.Адҳамов 11/2,тел:934662002*

*Ҷамолби Х, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, Кӯлоб, кӯч. С. Сафарова 16. Тел: (992) 931097377*

**Сведения об авторе:** *Иматзода Лутфия Махмадулло доктор педагогических наук профессор Иниститута развития образования имени Абдурахмони Джоми Академии образования Таджикистана Адрес: г Душанбе, ул А.Адхамов 11/2, тел:934662002*

*Джамолби Хабибулло – старший преподаватель кафедры иностранных языков Кулябского Государственного Университета имени Абуабдуллох Рудаки.* Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16. Тел: (992) 931097377

**Information about the author:** *Imatzoda Lutfiya Makhmadullo Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Institute for Education Development named after Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education of Tajikistan Address: Dushanbe, A. Adhamov St. tel**:** 934662002*

*Jamolbi H – Senior lecturer of the department of foreign languages of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.* ***Address:*** *735360, RT, Kulob, S. Safarov St.-16. tel**:** (992) 931097377*

## КАЛИМАҲОИ ТОҶИКӢ ВА ИҚТИБОСӢ ДАР ОСОРИ БУЗУРГОНИ ФОРСУ ТОҶИК

***АмоноваА М. Н., Наҷмидинова У. С.***

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Асоси таркиби луғавии забонро калимаҳои аслии тоҷикӣ ташкил медиҳанд ва онҳо ҳанӯз аз давраҳои қадим дар забонамон мавҷуданд. Аксари калимаҳои тоҷикии қадима дар эҷодиёти шоирону нависандагон аз калимаҳои серистеъмоли забони тоҷикӣ ба шумор мераванд. Аслан, калимаҳои забони тоҷикӣ дар ҳама давру замон фаъол буданд ва бо мурури вақт ба гурӯҳи калимаҳои кӯҳна - архаистӣ гузаштанд. Қайд кардан зарур аст, ки калимаҳои тоҷикии кӯҳнашуда айни замон дар ашъори шоирони классик ва муосир бештар ба назар мерасанд.

Дар ашъори шоирони муосиру классик А. Дониш, Саъдӣ, Шоҳин, Савдо, Н.Хусрав ва дигарон чунин калимаҳои тоҷикии кӯҳнашуда ва камистеъмолро мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан: жарф (чуқур), чамидан (хиромидан), толиб (доништалаб), зофт (калонҷусса), эдар (ин ҷо), ҳамчунон (ҳамагӣ), даранг (ист), хушевор (хирадманд, оқил), мам (модар), посух (ҷавоб), бун (зер, поён), озарм (шарм), вежа (пок, холис), гусистан (шикастан), мӯя (гиря ,навҳа), дорхур (лоиқ, шоиста), пур (писар) ва монанди инҳо. Дар замони шуравӣ дар ашъори Айнӣ чуст (чобук, чолок) кеш (мазҳаб, дин, одат), унф (қаҳр, ғазаб), тавъам (бачаҳои дугоник), унуд (ситезонидан) ва ғайра.

Халқи тоҷик аз замонҳои қадим бо халқҳои дигар муносибатҳои фарҳангӣ дорад, ки ин ба забон ҳам бетаъсир намондааст. Аз асрҳои 8-9 бо забони тоҷикӣ калимаҳои арабӣ, аз асрҳои 10-11 калимаҳои туркӣ, ӯзбекӣ, аз охири асри 18-19 калимаҳои русӣ ба забони тоҷикӣ дохил шуданд. То асри 19 калимаҳои иқтибосии (арабӣ, ӯзбекӣ, туркӣ) дар ашъори шоирону нависандагони ҳамон давр ба ҳукми анъана даромада буд.

Ало ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо,  
Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо.

Ҳофиз.

Калимаҳои арабӣ агар дар ашъори шоирони ҳамон давра истифода шуда бошанд ҳам, аммо дар забони ҳозираи тоҷик якхела нестанд, балки умумиистъмоланд. Масалан: ошиқ, лоиқ, толеъ, мушкил, ғамза, ҳусн, ҳайрон, ҷафо, қобил, лутф, шавқ, ҳосил, зоҳиран, файз, қадр, сидқ, камол, маънӣ, амр, лутф, тафсил , шарҳ, дуҳул ва ғайра .

Овози дуҳул шунидан аз дур хуш аст.

Саъдӣ

Як қатор калимаҳои арабии истифоданамудаи шоирон дар забони ҳозираи тоҷик аз истеъмол баромадаанд. Ба ин гурӯҳ калимаҳои таваффуқ ( бартарӣ), муал (оқибат), иҷлол (эҳтиромкунӣ), равок (аввали шаб), тааб (ранҷ), ашҷор (дарахтон), унф (қаҳру ғазаб) ва ғайра мисол шуда метавонанд. Чунин калимаҳоро мо дар эҷодиёти Савдо, Ҳайрат Шоҳин барин

шоирон дида метавонем. Калимаҳои фадайно (фидо кардан), айно (чашм), ҳадайно (роҳбарӣ кардем), раайно (дидем), ладайно ( назди мо), амимна (донистем).

Ин анъана, пас аз Инқилоби Октябр комилан аз байн рафт ва минбаъд чунин калимаҳо истифода бурда нашуданд. Аз асрҳои 10-11 маорифпарварон бар замми забони тоҷикии хеш забонҳои арабӣ ва ӯзбекиро истифода мебурданд. Вобаста ба инкишофи ҷамъият дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ тағйирот ба вуҷуд омадан гирифт ва ба ин сабаб миқдори калимаҳои ӯзбекӣ ба забони адабии тоҷик дохил шуданд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар ин давра калимаҳои тоҷикӣ дар назми классикӣ хеле устувор буданд, аммо шоирони маорифпарвар боҷуръатона аз доираи риояи ин чорчӯба берун омада, калимаҳои туркӣ -ӯзбекиро истифода бурданд. Калимаҳои қоз, кошуқ, қаймоқ, ӯсма, ямоқ, таёқ, соқ, лоқ, чумчуқ, кош, туйро дар эҷодиёти Савдо, Ҳайрат, Шоҳин, Асирӣ ва баъдан дар ашъори С. Айнӣ дидан мумкин аст. Дар асри 19 гурӯҳи дигари калимаҳои туркӣ – ӯзбекӣ дар гуфтори тоҷикон истифода шудааст. Мисол калимаҳои катиқ (чурғот), қуроқ (чизе, ки аз матоъпораҳо дӯхта мешавад), қин (азоб), туғрӣ (дуруст), қалпоқ (сарпӯш), қайроқ (санге, ки бо он корд тез карда мешавад), қучоқ (оғӯш), чоқ (хушҳолӣ, болида), чапон (ҷома) ва ғайра. Ин калимаҳо ҳамчун синоними калимаҳои адабии тоҷик хеле маълуманд. Қайд кардан зарур аст, ки шоирони маорифпарвар забони ӯзбекиро хуб медонистанд, анъанаҳои неки адабиёти классикро инкишоф дода, бо ин забон асарҳои манзуму мансур ҳам эҷод менамудаанд.

Турки ман дӯш ғазаб карду бигуфт! **-улдурамон**?

Ш. Шоҳин

Ҳамекард дигар ба сад обу ранг.
Тақалҳо ҷавонро, ки **бизга қаранг**!

Қисми дигари лексикаи маорифпарваронро истилоҳоти динию тассавуфӣ ташкил медиҳанд. Онҳо дар асарҳои худ таассуби динӣ, хурофотӣ ва риёву дурӯғи шайхону эшонҳои муфтхӯрро танқид мекарданд. Истилоҳоте, ки мафҳуми диниро мефаҳмонанд: қиёмат, маҳшар, ходим, қибла, имон, кофир, мусулмон, ҷаннат, дин, қазо, каъба, қиёмати аҷал, каломи маҷид, мадраса, эҳром, ҳаром, оби кавсар, шайтон ва ғайраро дар эҷодиёти Возеҳ, Шоҳин, Савдо, Ҳайрат ва Айнӣ дидан мумкин аст.

Ин адибон истилоҳоти адабию тасаввуфиро ҳамчун образҳои бадеӣ ба маъниҳои ғайриистилоҳӣ истифода мебурданд. Мувофиқи шариати Ислом бояд аз даромад ва дороии нафъи қашшоқону фақирон дида шавад, комилан «худодод» бошад, маънии атокардаро дорад, аммо Шоҳин калимаи закотро дар таркиби «закоти хусн» ба маънои бахшидан ва «худодод»- ро дар ифодаи фаровон истифода намудааст.

**Закоти ҳусн** ба ушшоқи хаста бояд дод,
Туро, ки ҳусни накӯ давлати **худодод** аст.

Дар байти зерин Возеҳ ҳам калимаҳои имон ва кофар ба маънии динии худ наомадаанд:

Ҳар ки имоне надорад бар камоли зоти ту
Носазо набвад, ки донам кофари аҳли сухан.

Яке аз масъалаҳои муҳимми таърихии адабиёти форсӣ навиштани китобҳо ба шумор мерафт. Дар асрҳои 13-16 илму адаб ва тасаввуф ба рушду такомул расида бошанд ҳам, носозгории замон, низоъҳои амирон, таассуботи мазҳабӣ, ихтилофи фикрии миллатҳо ва фалсафаву ирфон бо шиддат боло мерафтанд ва ин дар муҳити иҷтимоии он рӯзгор вазъи носолим эҷод мекард. Рӯйиҳамрафта, пайомадҳои манфӣ ва носозгори таассуби мазҳабӣ ва ихтилофи назари сӯфиёну файласуфон боиси фасоди иҷтимоии давр гашта буд. Табақоти иҷтимоӣ бо пешомади фақру нодории навмедкунанда дар руёрӯйи ҳақиқати сиёсӣ ба маҳкамаи ҷазоии шайхоне, ки мардум ба онҳо ишқу алоқа доштанд, фаро гирифта мешуданд. Ҳуҷуми хонумонсӯзи муғулҳо ба сарзамини Осиёи Миёна ва Эрон кулфати азимеро ба бор овард, ки ин вазъ дар аксари рисолаҳои мансури орифона дарҷ ёфтааст. Дар ин давра калимаҳои мазҳаб, шайх, ориф, суфӣ, бештар дар осори ирфонии шоирон бахусус, ашъори Ҳофиз, Мавлоно, Ҷомӣ роиҷ буд. Новобаста ба вазъи таърихӣ дар даврони мухталиф ва парешонию ошуфтагӣ ва гардиши айём, оворагиву дарбадарӣ, қатлу ҷидол, мусофират дар кишварҳои ҷаҳон, дар таҷассуми орзуву армони мардуми оддӣ низ таъсиргузор буда,

арзишҳои волои тамаддуни башарӣ, тавонистанд ашъори ҷаззобу дилангези сӯфиёнаро, ки бо шунидану хондани он дили соҳибдилон ошёни меҳру муҳаббат гашта, зеварҳои ахлоқӣ ботинҳоро муҷалло мегардонад ва як шеър ё байте метавонад инқилоберо дар рӯҳи инсон ворид кунад, дар махзани адабиёт заррезӣ кунанд. Шайх Наҷмуддин орифи бузурги асри мазкур дар осораш калимаҳои иқтибосиро дар мисоли ҳафт табақаи осмон маҳали кавкаб ва сайёраро то ҳафт осмон маҳали ҳафт кавкаби сайёра дониста, ҳар тавре аз атвори дилро маъдани гавҳаре дигар, таври аввали дилро садр ва маъдани гавҳар шумурдааст. Ҳамин тавр, ҳафт таври дил: "садр", "қалб", "шағоф", "фуод", "ҳаббат-ул-қалб", "сувайдо", "муҳҷат-ул-қалб" (маъдани зуҳури анвори таҷаллиҳои сифоти улуҳият)-ро аз назари ирфонии хеш баён намудааст. Толиб бояд ки Худоро дар ҷаннат, дар дунё ва дар охират наталабад ва дар дониставу дидаҳои хеш наҷӯяд. Ҳар кӣ тавофи қалб кунад, ба гавҳари мақсуд расидааст ва ҳар кӣ роҳи дил ғалат ва гум кунад, дур афтода, ҳеҷ худро бознаёбад. Чун ба матлаб расӣ, талаб ҳам ҳиҷоби роҳ бошад, таркаш воҷиб шавад. Калимаҳои ҳиҷоб, охират, матлаб, мақсуд, ҷаннат, малик, арш, дар мазмуни олии ирфонӣ бо санъати бадеии саволу ҷавоб хеле барҷаста ба қалам омадааст: Гуфтам:

Малико, туро куҷо ҷӯям ман?
В-аз хилъати ту васф куҷо гӯям ман?
Гуфто, ки маро маҷӯ ба аршу ба биҳишт,
Назди дили худ, ки назди дил пӯям ман.

Осори адабии форсии ин давр ба монанди «Кашф-ул-асрор ва уддат-ул-аброр» аз Абулфазл Рашидуддини Майбудӣ – аз пайравон ва шогирдони Абдуллоҳи Ансорӣ (ваф.481) махсусан бо латофати завқию адабӣ ва забонӣ дилошӯб аст, аз ҷумлаи матнҳои зебои насри арабию форсӣ аз ҷумла, «Укд-ал-илал-мавкуф-улаъло» (1190), «Ат-тавсил-илат-тарсил» аз Баҳоуддини Бағдодӣ (мутаваффии 1192), «Барид-ус-саодат» (1209), «Равзат-ул-уқул» (1202), «Роҳат-ус-судур» (1203)-осори Ҳабиш ибни Иброҳим (авосити қарни XII), «Тубсират-улмубтадӣ» ва «Тазкират-ул-мунтаҳӣ»-и Садриддини Қунавӣ (ваф.1273), тарҷумаи «Китоб-ал-футӯҳ»-и Аҳмад ибни Аъсами Кӯфӣ (1200), «Тарҷумаи Таърихи Яминӣ» (1206), «Фароиз-ус-сулук» (1210), «Марзбоннома» (1211-1215), «Таърихи Табаристон» (1216), «Ал-мӯъҷам фи маъойири ашъор-ил-аҷам» (1217), «Лубоб-ул-албоб» (1221), «Ҷомеъ-улҳикоёт» (1233), «Нафасат-ул-масдур» (1235-1240), осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ (1202-1273), «Гулистон»-и Саъдӣ (1258), «Ҷаҳонкушой»-и Ҷувайнӣ (1252)-ро метавон дар радифи «Мирсод-ул-ибод» аз ҷумлаи осори намоёни ин аср ба шумор меравад. Осори бебаҳои Аҳмади Ғаззолӣ, Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, Ибни Арабӣ, Наҷмуддини Кубро, Маҷдуддини Бағдодӣ, Шаҳобуддини Суҳравардӣ, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ ҳатто дар даврони шайх Наҷмуддин қимати баланди илмию ирфониро соҳиб буда, ҳамчун такондиҳандаи фарҳангӣ маъруф буданд(11,252). Ин ҳама дар асрҳои XI-XIII дастовардҳои илмӣ ба раванди инкишофи забони форсӣ таъсир гузошта буд ва новобаста ба мунoқишоти мазҳабӣ, носозгории амирон, ҳуҷуми муғулони харобкор дар саҳифаҳои таърих нақши беназир боқӣ гузошт ва пойдевори забони форсӣ тоҷикиро мустаҳкамтар кард. Ба мо маълум аст, ки тамоми осори ин бузургон махзани лугавии забони форсиро чи аз лиҳози калимаҳои иқтибосӣ ва чи аз лиҳози калимаҳои арабӣ ганитар гардонид. Парешониву саргардонии донишмандон сабаб нашуд, ки интишори илму ирфон, рушди забони форсӣ-тоҷикӣ қатъ гардад. Дар насри зерини Мавлоно калимаҳои иқтибосии сипоҳ, саҷда, султон, садақа, дарвеш фақр, муҳтоҷ лашкар, мағлуб ва ғайраро дидан зиёд мумкин аст: Ва овардаанд, ки султон Маҳмуд, қаддасаллоҳу рӯҳаҳу, дар пайкори Ҳинд сахт мағлуб шуд ва сипоҳи Ҳинд сахт бисёр буд, чунонки лашкари султон Маҳмуд даст аз ҷон шуста буданд. Дар он ҳолати ноумедӣ султон Маҳмуд саҷда кард Худойро ва гуфт: «Худовандо, бо Ту аҳд кардам, агар моро нусрат диҳӣ дар ин ноумедӣ, ҳар чӣ ғанимат ситонам, ҷумла ба дарвешон садақа кунем». Тазарруъ намуд, дуоро мустаҷоб кард ва боди нусрат вазон шуд ва тарси азим дар дили сипоҳи Ҳинд афтоду шикаста шуданд. Ва ғаноими беҳад аз сипоҳи Ҳинд расид ва аз хазоину асбону бандагон, ки дар ҳеҷ пайкоре ба даст наёмада буд. Подшоҳ гуфт, ки ҳеҷ даст макунед, ки ман назр кардаам. Лашкар фиғон баровbooарданд, ки сипоҳ сахт муҳтоҷ аст, пайкоре гарон кардаанд, агар назре кардӣ, ки ба дарвешон диҳӣ, инҳо низ дарвешанд, сипоҳ дарвеш шудааст. Чандоне лоба карданд, ки шоҳро васваса карданд, ки ин низ хайр аст. Шоҳ дудил шуд ва таъвилҷӯй шуд.

Ногоҳ шӯридаи факре гузашт аз фуқарои илоҳии раббонӣ, на аз фуқарои нонии султон. Гуфт: «Ӯро бихонед», то ин назрро бо ӯ бозгуфт. Дарвеш гуфт: «Агар туро дигар ба Ҳақ ҳоҷате нахоҳад будан, ин кун, ки инҳо мегӯянд, аммо агар ба мисли ин бор боз бо Ӯ муҳтоҷ хоҳӣ шудан, ин соатро ёд дор ва назрро магардон».

Ҳамин тариқ, ашъори маорифпарварона ва орифонаи тоҷику форс нишон медиҳад, ки хизмати онҳо дар кори сода намудани забону услубу ифода хеле калон аст.


**АДАБИЁТ:**

1. Х. Мирзозода. Шамсиддини Шоҳин. Сталинобод. 1956 С., -27с.
2.Н. Маъсумӣ. Асарҳои мунтахаб.Забоншиносӣ–Душанбе.Ирфон, 1980с., - 36 саҳ
3.С.М.Сабзаев.Забон ва услуби шоирони маорифпарвар. -Душанбе. Маориф» с1991., 31-39 саҳ.
4“Мактубот”- и. Ҷалолуддин Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ бо муқаддима, ҳавошӣ ва таъликот. – Теҳрон, 1336 ҳ.ш. –С. 26.
5.Насриддинов, Фахриддин. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири кӯҳани форсӣ – тоҷикӣ / Фахриддин Насриддинов. – Хуҷанд: Ношир, 2012. –563 с.
6. Бертелс, Е.Э. Тасаввуф ва адабиѐти тасаввуфӣ. Тарҷумаи Сирус Эзадӣ.


## КАЛИМАҲОИ ТОҶИКӢ ВА ИҚТИБОС и ДАР ОСОРИ БУЗУРГОНИ ФОРСУ ТОҶИК


Дар мақола мушкилот ва ҷанбаҳои лексикологияи истилоҳоти арабӣ-туркӣ ва форсӣ, ки дар осори устодони адабиёти тоҷику форс ва шоирони классики Шарқ ҷойгоҳи намоёнро ишғол мекунанд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Забони тоҷикӣ аз ҷиҳати мероси таърихӣ ва забонӣ машҳуртарин забон аст. Дар он мо инъикоси хаёти чамъиятии худи классикони бузург ва доираи онҳоро мебинем. Дар ҷаҳони худ мушкилоти рангро дар адабиёти тоҷикӣ-форсӣ ба итмом расонида, дар осори худ ба истилоҳоти вомӣ тобишҳои тоза зам кардаанд, ки дар асрҳои баъдӣ васеъ истифода мешуданд.



**Калидвожаҳо:** *маҳшар,ходим, қибла, имон, кофир, мусулмон, дин, қазо, каъба, каломи маҷид, мадраса, эҳром, ҳаром, оби кавсар, ҷаннат.*


## ТАДЖИКСКИЕ И ЗАИМСТВЕННЫЕ СЛОВА В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ВЕЛИКИХ ПЕРСИДСКИХ И ТАДЖИКСКИХ ПИСАТЕЛЕЙ


В статье анализируются проблемы и стороны лексикологии арабско-турецких и персидских терминов, которые в творчестве мыслителей таджикско-персийской литературы и поэтов-классиков Востока занимают видное место. Таджикский язык–это самый знаменитый язык с точки зрения, исторического и языкового наследства. В нём мы видим отображение социальной жизни самих великих классиков и их окружения. Они в своём мире завершили проблемы колорита таджикско-персидской литературы и в своём творчестве добавляли новые оттенки заимствованным терминам, широко использующимся в последующие века.



**Ключевые слова:** *махшар, услуга, кыбла, вера, неверный, мусульманин, небеса, религия, Кааба, славное слово, медресе, ихрам, харам, вода каусар, рай.*


## TAJIK AND BORROWED WORDS IN THE WORKS OF GREAT PERSIAN AND TAJIK WRITERS


The article analyzes the problems and aspects of the lexicology of Arabic-Turkish and Persian terms, which occupy a prominent place in the works of the masters of Tajik-Persian literature and classical poets of the East. The Tajik language is the most famous language in terms of historical and linguistic heritage. In it we see a reflection of the social life of the great classics themselves and their circle. In their world, they completed the problems of color in Tajik-Persian literature and in their work added new shades to borrowed terms, which were widely used in subsequent centuries.



**Key words:** *mahshar, service, qibla, faith, infidel, Muslim, heaven, religion, court, Kaaba, judgment day, glorious word, madrasah, ihram, haram, kausar water, paradise.*



**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Амонова М.Н. н.и.ф.дотсенти кафедраи фарҳанг ва забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тел.: +9929022207 04*

*Наҷмиддинова У.С. н.и.ф.дотсенти кафедраи фарҳанг ва забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тел.: +992209909011 1*

**Сведения об авторах:** *Амонова М.Н. к.ф.н.доцент кафедры таджикской культуры и языка Международного университета туризма и бизнеса Таджикистана, тел.: +992902220704*

*Наджмиддинова У.С. к.ф.н.доцент кафедры таджикской культуры и языка Международного университета туризма и бизнеса Таджикистана, тел.:+992209909011 1*

**Information about the authors:** *Amonova M.N. Ph.D. Associate Professor, Department of Tajik Culture and Language, International University of Tourism and Business of Tajikistan, tel.:+992902220704*

*Nadzhmiddinova U.S. Ph.D. Associate Professor, Department of Tajik Culture and Language, International University of Tourism and Business of Tajikistan, tel.:+9922099090111*

**ТДУ802.0(100)**

# ОМӮЗИШИ КАСБИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВИИ ТАҲСИЛОТ, МУШКИЛОТ ВА ҲАЛЛИ ОНҲО

***Қурбонова М., Асадулоева З. Р.***

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Истилоҳи «глобализатсия» дар лексикони одамони муосир ҳанӯз дар ибтидои солҳои 1980 ворид шуда буд. Аммо баъд вайро доираи маҳдуди коршиносон: намояндагони илмӣ-академӣ, профессорони донишгоҳҳо ва баъзе публисистҳо мешинохтанд. Дар ибтидои асри 21 раванди ҷаҳонишаӣ қариб ҳамаи соҳаҳои тараққиёти ҷамъиятии ҷаҳон, аз ҷумла соҳаи маълумоти олиро фаро гирифт.

Глобализатсия як тағйироти куллӣ дар тартиботи ҷаҳонӣ мебошад, ки дар он сарҳадҳои миллӣ маънои худро гум мекунанд. Ба гуфтаи С.П. Зарецкая «Ҷаҳоншавии иқтисодиёт ва рушди технология иқтисодиёти донишҳои ҷаҳониро ба вуҷуд меорад, ки интернатсионализатсияи истеҳсолкунандагон ва маҳсулот, махсусан, донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва барномаҳои таълимиеро, ки онҳо пешниҳод мекунанд, дар бар мегирад» [1:41] . Имрӯз дар адабиёти илмӣ дар бораи «глобализатсияи маориф» амалан, ягон мафҳуми аниқ мавҷуд нест. Дар ин мақола мо ҷаҳонишавии таҳсилоти олиро ҳамчун раванди ташаккули системаи якхелаи таҳсилоти олӣ дар заминаи ҳамгирой, стандартизатсия, ҳамоҳангсозӣ ва дар оянда таъсиси сохтори ягонаи муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ баррасӣ мекунем [2: 20]. Бояд эътироф кард, ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ин ё он шакл аллакай ҳамчун объекти ин раванд ва ҳамчун субъект, яъне миёнарав дар раванди ҷаҳонишавӣ ширкат доранд. Сухан ҳам дар бораи таъсири ҷаҳонишавӣ ба рушди системаи таҳсилоти олӣ ва ҳам нақши донишгоҳҳо дар ин раванд меравад. Донишгоҳҳо робитаҳои байналмилалиро инкишоф медиҳанд, конференсияҳо мегузаронанд ва дар шабакаҳои электронӣ дар доираи ҷомеаи илмӣ мубодилаи иттилоот мекунанд. Тадқиқоти илмӣ кайҳо боз характери байналхалқӣ дорад.

Бо назардошти зуҳуроти ҷаҳонишавӣ, ки дар соҳаи таҳсилоти олӣ дар ин марҳилаи рушди ҷомеа мушоҳида мешавад, метавон гуфт, ки яке аз зуҳуроти ҷолиб афзоиши талабот ба таҳсилоти олӣ дар тамоми ҷаҳон мебошад. Ҷамъият мутахассисони соҳибихтисосро торафт бештар талаб мекунад. Талабот ба маълумоти олӣ на танҳо аз ҷиҳати миқдор, балки сифатан ҳам меафзояд. Афзоиши назарраси талабот ба таҳсилоти олӣ, мушкилоти буҷет ва захираҳои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки мехоҳанд ин талаботро қонеъ кунанд - ҳамаи ин фазоеро муайян мекунад, ки дар баробари сохторҳои давлатии таълимӣ як бахши бузурги хадамоти таълимии хусусӣ ҳастанд. Ҳамин тариқ, дар соҳаи таҳсилоти олӣ ба истилоҳ таълимӣ «тиҷорат бидуни сарҳад» пайдо мешавад. Ин то як андоза соҳаи таҳсилоти олиро тақвият бахшида, ба рушди инноватсия мусоидат мекунад, аммо дар баъзе мавридҳо донишгоҳҳои хусусӣ аз фарҳанги академии донишгоҳҳои анъанавӣ дур шуда, моҳияти чандинасраи худи донишгоҳро рад мекунанд. Талаботи байналмилалӣ ба таҳсилоти олӣ боиси афзоиши шумораи донишҷӯён дар саросари ҷаҳон мегардад. Ба гуфтаи коршиносон, то соли 2030 теъдоди донишҷӯён метавонад ба 140 миллион нафар бирасад. Илова бар ин, талабот ба таҳсилоти олӣ боиси афзоиши муҳоҷирати донишҷӯён мегардад. Ҷавонон мехоҳанд дар донишгоҳҳои бонуфуз таҳсили шоиста гиранд. Эҷоди шабакаҳои глобалии иттилоотӣ воқеан, сарҳади байни давлатҳоро дар соҳаи ба даст овардани иттилооти васеъ ва донишҳои нав “вайрон мекунад”. [3:23]

Боз як зуҳуроти ҷаҳонишавии таҳсилоти олӣ муттаҳидшавӣ ва ба ҳам пайвастани муассисаҳои таълимӣ, инчунин стандартизатсияи системаҳо ва барномаҳои таълимӣ мебошад. Таъсири системаи таҳсилоти олии англо-амрикоӣ раднопазир аст. Афзалияти ИМА дар соҳаи тадқиқоти илмӣ, технологияҳои олӣ ва таҳсилот боиси он гардид, ки низоми бисёрсатҳи «бакалавр – магистр – доктор» ба низоми таҳсилоти олии кишварҳои дигар торафт бештар ворид мешавад. Давлатҳое, ки низоми таҳсилоташон аз низоми “бакалавр-

магистр-доктор” фарқ мекунад, маҷбур хоҳанд шуд, ки низомҳои худро тағйир диҳанд, то ҳам ба шаҳрвандони давлатҳои худ ва ҳам ба шаҳрвандони хориҷӣ имкони дарёфти ҳуҷҷатҳои таҳсилоти олӣ, дар микъёси байналхалқӣ конвертатсияшавандаро пайдо кунанд. Дар асоси тамоилҳои фавқ мо метавонем ба хулосае оем, ки ҷаҳонишавии таҳсилоти олӣ раванди ногузир мебошад. Аммо боз ҳам возеҳу равшан аст, ки яке аз вазифаҳои асосӣ ҳифзи суннатҳои миллӣ, менталитети миллӣ, ҳувияти фарҳангӣ ва бешубҳа, ҳифзи бартариҳои низоми миллии худ мебошад.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ бисёр масъалаҳои робитаҳои иҷтимоӣ ва техникии байни кишварҳо ҳал мешаванд. Бо ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта, ҷаҳонишавӣ ба коммуникатсияи ҷаҳонӣ таъсир мерасонад, ки боиси васеътар ва зудтар паҳншавии идеяҳо ва иттилоот мегардад. [4: 26] Дар ин раванд бешубҳа, забон нақши муҳим дорад. Протсессҳои интегратсионӣ дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт, илм, маданият, идеология дар шароити муоширати байнизабонҳо ба амал меоянд. Маҳз забон инъикоси таҷриба ва дониш, роҳи қабул ва интиқоли иттилоот, шарти асосӣ ва воситаи муошират мебошад. Аз ин рӯ, дар байни мушкилоти сершуморе, ки дар назди таҳсилоти олӣ истодаанд, проблемаи омӯзиши самараноки забонҳои хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунад.

Ин проблема на танҳо ба муносибати инкишофи прогресси илму техника, балки аз он сабаб ҳам зарурат пайдо мекунад, ки талабот ба мутахассисони баландпоя, ки забони хориҷиро медонанд, хеле меафзояд. Сари вақт гирифтани иттилоот ва коркарди он ба омӯзиши самараноки забони хориҷӣ мусоидат мекунад. Тавре ки аллакай зикр гардид, ҷаҳонишавӣ ба модели англо-амрикоии рушди иҷтимоӣ асос ёфтааст. Ҷаҳонишавии муносибатҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба паҳншавии забони англисӣ мусоидат мекунад. Маълум аст, ки бидуни забони ягонаи ҷаҳонӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ вуҷуд дошта наметавонад. Забоншиноси бритониёӣ Дэвид Кристал дар китоби худ “English as a Global Language” бар ин назар аст, ки “забон замоне мақоми ҷаҳонӣ пайдо мекунад, ки нақши махсус дорад, яъне дар ҳама кишварҳо эътироф мешавад”. Тақрибан 400 миллион нафар ба забони англисӣ ҳамчун забони аввалини худ ҳарф мезананд, вале бештар аз як миллиард нафар онро ҳамчун забони дуюм ва сеюм истифода мебаранд. [5:117-120]

Омӯзиши касбии забони хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ вазифаи асосист. Мақсади асосии таҳсил дар донишгоҳи ғайризабонӣ дар мутахассисони оянда ташаккул додани малакаҳои дониши амалии забони хориҷӣ барои мутолиаи адабиёт аз рӯйи ихтисос ва муоширати касбӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳангоми тарки программаи таълим бештари соатҳои барои омӯзиши забони хориҷӣ ҷудошударо ба кор бо адабиёти махсус бахшидан лозим аст. Ҳангоми интихоби адабиёт, шумо бояд мундариҷаи иттилоотии матнро ба назар гиред, ки донишҷӯёнро аз нуқтаи назари забони хориҷӣ ва ихтисоси онҳо ҷалб мекунад. Дар робита ба кор бо матни техникӣ, истилоҳоти нав ва сохторҳои мураккаби грамматикӣ тавсия дода мешавад, ки пас аз хониши пешакӣ ба хондан ва тарҷумаи пурмазмун оғоз карда шавад, ки дар рафти он талаффузи истилоҳотро машқ карда, гурӯҳҳо ё воҳидҳои асосии семантикии ҷумла бо истифода аз таҳлили ба истилоҳ рақамии пешниҳодкардаи И.Ф. Турук ва В.Н. Стойкова аз худ карда мешавад. [6:71-73]

Ҳангоми таълими забонҳои хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ ба стандартизатсияи маводи таълимӣ дар сатҳҳои гуногун диққати ҷиддӣ дода мешавад, ки ба омӯзиши самаранок мусоидат мекунад. Ба шарофати барномаи таълимии стандартӣ, муаллим ва инчунин донишҷӯён метавонанд дақиқ донанд, ки дар ҳар як синф ба онҳо чиро таълим додан лозим аст. Мавҷудияти стандартҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи маориф замина фароҳам меорад, ки дониш ва иттилоотро васеъ паҳн намояд. Ин раванди стандартизатсия системаи таълимро содда мекунад. [7:35-38].

То соли 2000 ба нақши стандартҳо дар соҳаи маориф хеле кам аҳамият дода мешуд. Аз соли 2000 инҷониб дар барномаҳои таълимӣ оид ба арзёбии стратегии стандартҳои таълимӣ авҷ гирифт. Тамоили стандартизатсияи таълим дар стандартҳои забони дохилии кишварҳои гуногуни ҷаҳон инъикос ёфтааст. Шароити пайдоиш ва татбиқи онҳо хусусияти маводи забониро дар стандартҳо муайян мекунад. Дар айни замон стандартҳои гуногуни миллӣ амал мекунанд. Ҳамаи онҳо малакаҳои хондан, навиштан, гуфтугӯ ва гӯш карданро дар бар мегиранд. Дар Иттиҳоди Аврупо системаи махсусе мавҷуд аст, ки барои муайян кардани

сатҳи донистани забони хориҷӣ (CEFR – Common European Framework of Reference) - салоҳиятҳои умумиевропоӣ оид ба донистани забони хориҷӣ нигаронида шудааст. Ҳадафи асосии ин система таъмин намудани баҳодиҳӣ ва усули таълимест, ки ба ҳамаи забонҳои аврупоӣ татбиқ мешавад. Моҳи ноябри соли 2001 як қарори Шурои Иттиҳоди Аврупо тавсия дод, ки ин система барои арзёбии салоҳияти забонӣ дар ҳама забоне, ки ҳамчун забони хориҷӣ омӯхта мешавад, истифода шавад. [7:35-38].

Ин система малака ва дониши омӯзандагони забони хориҷиро ба чанд сатҳ ҷудо мекунад, ки ҳар кадоми онҳо ба сатҳи муайяни салоҳият дар соҳаи азхудкунии грамматика, гӯш кардан, гуфтор ва луғат мувофиқат мекунанд. Дар ҳоли ҳозир кишварҳои Осиё, аз қабили Кореяи Ҷанубӣ, Чин ва Ҷопон дар таҳияи стандартҳои таҳсилоти донишгоҳӣ дар ҷаҳон пешсафанд. Маводи забоншиносие, ки дар стандартҳои забон баррасӣ мешавад, заминаи эҷоди салоҳияти забонро ташкил медиҳад, ки имкон медиҳад фазои ягонаи таълимӣ нигоҳ дошта шавад.

Мутобиқи талаботи замон дар раванди ҷаҳонишавӣ ташаккули муассисаи нави таълимӣ вазифаи асосист. Маҳз донишгоҳ ҳамчун муассисаи таълимӣ дар фазои таълимӣ нақши муҳим мебозад. Зарурати такмил додани таълим ва ба вуҷуд овардани меъёрҳои объективӣ, ки барои самараноктар омӯхтани забон имкон медиханд, яке аз вазифахои асосии таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳ мебошад. Аз ин лиҳоз, ташаккул додани салоҳияти коммуникатсионии ба самти касбӣ нигаронидашуда, ки миқдори муайяни дониши забони хориҷӣ ва қобилияти татбиқи ин донишҳоро дар фаъолияти касбӣ пешбинӣ менамояд, муҳим аст. [8:121-122] Усули инноватсионие, ки дар таълими забони хориҷӣ истифода мешаванд, як қатор бартариҳо доранд, ки барои ҳалли масъалаҳои зерин имкон медиҳанд:

1. Баланд бардоштани ҳавасмандӣ, яъне шавқу рағбат ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ;
2. Ба низом даровардани дониш, малака ва маҳорат;
3. Инкишоф додани эҷодкорӣ;
4. Пайвастани назария бо амалия;
5. Ташаккул додани малака ва моҳияти касбӣ.

Сатҳи баланди салоҳиятро тавассути омӯзиши амиқи забони хориҷӣ ба даст овардан мумкин аст. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳсил дар доираи барномаи "мутахассисон" донишҷӯён аз курси 1 то 4 ва дар барномаи "бакалавр" аз соли 1 то 3 ва дар курсҳои 1 ва 2-юми магистратура забони англисиро меомӯзанд. Ҳамин тариқ, мутахассисони оянда имкон доранд, ки муҳлати таҳсили забони хориҷиро дар донишгоҳ интихоб кунанд. Бартарии таҳсилоти бисёрзинагӣ дар он аст, ки чунин система имконоти сарбаста надорад. Ин ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки ҷараёни таълимро танзим кунад, яъне донишро амиқтар кунад ё дар сатҳи бадастомада бозистад. [8:121-123].

Дар раванди ҷаҳонишавии таҳсилоти олӣ навсозии усули таълим аҳамияти калон дорад. Дар ин росто бояд таъкид кард, ки истифодаи намунаҳои хориҷӣ ва мутобиқ кардани онҳо ба моделҳои ватанӣ, албатта, қобили қабул аст, аммо ин нусхабардории кӯр-кӯрона нест, балки қабули беҳтаринҳо, барои баланд бардоштани сифати таълим муфид аст. Маъмултарин равиши коммуникативист, ки ба имконияти муошират дар ин ё он шакл (хондан, навиштан, гуфтор, фаҳмиши шунидан) нигаронида шудааст. Дар раванди таълими забони англисӣ намудҳои гуногуни лоиҳаҳо истифода мешаванд: тадқиқотӣ, эҷодӣ, бозӣ, иттилоотӣ. Донишҷӯён истифодаи манбаъҳои гуногуни иттилоотро меомӯзанд: коллексияи китобхонаҳо, ВАО, базаҳои электронии маълумот. Дар донишгоҳ усули маъмултарини муосир: бозиҳои нақшбозӣ, мизҳои мудаввар, мубоҳисаҳо, конфронсҳо, презентатсияҳо истифода мешаванд. Дар доираи системаи Moodle маҷмӯаҳои таълимию методии электронӣ таҳия шудаанд, ки имкон медиҳад, ки сатҳи омодагии донишҷӯён аз рӯйи тамоми ҷанбаҳои забонӣ тавассути санҷиш назорат ва баҳодиҳии доимӣ дошта бошад. Дар давоми тамоми давраи омӯзиш, марҳила ва санҷишҳои ниҳоӣ гузаронида мешаванд. Инчунин системаи рейтингӣ-системаи баҳодиҳии фаъолияти донишҷӯён ҳамчун нишондиҳандаи ҳамаҷонибаи сатҳи омодагӣ васеъ истифода мешавад. Ин нишондиҳандаест, ки на танҳо кори ҷорӣ, натоиҷи имтиҳон ё санҷиш, балки фаъолияти илмии донишҷӯро (нашрҳо, баромадҳо дар конфронсҳо, иштирок дар озмунҳои грантӣ ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ) низ ба назар мегирад, яъне нишондиҳандае, ки сатҳи салоҳияти коммуникативии забони хориҷӣ. Пахши моделҳои хориҷӣ ва пайвастани

онҳо бо усули анъанавии таҳсилоти олии ватанӣ ҷузъи ҷудонашавандаи тайёр кардани мутахассисон мебошад. [8: 121-124] Ин раванд бидуни гум кардани ҳувийяти миллӣ сурат мегирад. Донишгоҳ дар пайи тамоилҳои ҷаҳонии системаи таҳсилоти олӣ ба ҷомеаи ҷаҳонии илмии таълимӣ ворид шуда, дар ин самт бомуваффақият рушд карда истодааст.

## АДАБИЁТ:


1. Зарецкая С. П. Международная составляющая современного высшего образования: Сборник обзоров «Глобализация и образование». М.: РАН, ИНИОН, 2001. С. 41.
2. Всемирный доклад по образованию 2000 г.: Право на образование: На пути к образованию для всех в течение всей жизни. - М.: МАГИСТР-ПРЕСС/ЮНЕСКО, 2000.
3. Тер-Минасова С. Г. Язык и межкультурная коммуникация. М.,2000.с. 23
4. Crystal David. English as a Global Language. Second edition. — Cambridge University Press, 2003. с. 56-60
5. Супрунов С. Е. Мотивация изучения иностранного языка у студентов неязыковых вузов. В сборнике: Актуальные проблемы общей теории языка, перевода и методики преподавания иностранных языков Сборник статей по материалам межрегиональной, с международным участием, интернет-конференции. Ответственный редактор Н. В. Бутылов. 2017. с. 117–120.
6. Супрунов С. Е. Изучение иностранных языков в неязыковом вузе. Педагогика сегодня: проблемы и решения: материалы II Междунар. науч. конф. (г. Казань, сентябрь 2017 г.). — Казань: Молодой ученый, 2017. — с. 71-73.
7. Супрунов С. Е. От межкультурной коммуникации к межкультурному обучению. В сборнике: с. 35-38
8. Актуальные проблемы общей теории языка, перевода и методики преподавания иностранных языков Сборник статей по материалам межрегиональной, с международным участием, интернет-конференции. Ответственный редактор Н. В. Бутылов. 2017. с.121–124.
9. Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонхои руси ва англиси дар Чумхурии Точикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, 2020.
10. Гинзбург, Хидекель. Лексикология английского языка.— М., 1998.
11. Герман И.М. Как надо изучать иностранные языки. М. –Л. Изд. АПНРСФСР.1999. с. 54.
12. Границкая А.С. Некоторые проблемы научной организации учебно-воспитательного процесса в вузе. В кн.: Вопросы научной организации и планирования учебного процесса по иностранному языку. М.МГПИИЯ, 2005.С.8.
13. Zubov A.V. Methodology of application of information technologies in teaching a foreign language / A.V. Zubov, I.I. Zubova. - Moscow: Academy, 2009. - 141
14. Владимирова Л.П. Интернет на уроках английского языка //ИЯШ. - 2002. - № - С. 33-41.
15. Донцов Д. Английский на компьютере. Изучаем, переводим, говорим. - М., 2007.
16. Нелунова Е.Д. Информационные и коммуникационные технологии в обучении иностранному языку в школе. - Якутск,


## ОМӮЗИШИ КАСБИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВИИ ТАҲСИЛОТ, МУШКИЛОТ ВА ҲАЛЛИ ОНҲО


Дар мақола андешаҳои муаллиф оид ба таъсири ҷаҳонишавӣ ба рушди системаи таҳсилоти олӣ, омӯзиши касбии забонҳои хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавии таҳсилот муаммоҳҳо, мушкилот ва ҳалли он оварда шудааст.

Роҳу усули муосири омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, аҳамият ва зарурати навсозии усули таълим мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар раванди ҷаҳонишавии таҳсилоти олӣ навсозии усули таълим аҳамияти калон доранд. Муаллифон бо истифода аз адабиёти илмӣ-таълимӣ оид ба масъалаҳои ҷаҳонишавии таҳсилоти олӣ масъалаҳои ҳамгироӣ ва ҳамгироии муассисаҳои таълимӣ, инчунин стандартизатсияи системаҳо ва барномаҳои таълимӣ, гузариш ба низоми ҷаҳонии таҳсилоти олӣ – низоми таҳсилоти кредитиро, тайёр кардани мутахассисони дараҷаи ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Муаллифон пажӯҳишро дар асоси таҳқиқоти мавҷуда дар самти таҳсилоти ҷаҳонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ анҷом дода, зарурат, бартарӣ ва ҷорӣ намудани усули инноватсионии таълими забонҳои хориҷиро муайян намуда, вазифаи асосии ташаккули муассисаҳои нави таълимиро дар раванди ҷаҳонишавӣ пайгирӣ намудаанд.



**Калидвожаҳо:** *ҷаҳонишавӣ, низоми таҳсилоти олӣ, стандартҳои ҷаҳонӣ, омӯзиши ҷаҳонишавии таҳсилот, тамоилҳои байналмилалӣ, раванди ҷаҳонишавӣ, стандартизатсияи системаҳо, бакалавр, магистр, низоми рейтингӣ.*

**ПРОФЕССИОНАЛЬНОЕ ИЗУЧЕНИЕ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ В ГЛОБАЛЬНЫХ УСЛОВИЯХ ОБРАЗОВАНИЯ, ПРОБЛЕМЫ И ИХ РЕШЕНИЯ.**

В статье представлены мнения автора о влиянии глобализации на развитие системы высшего образования, профессиональное обучение иностранным языкам в условиях глобализации образования, проблемы, проблемы и пути их решения.

Изучены и исследованы современные способы и методы изучения иностранных языков в условиях глобализации, важность и необходимость обновления методов обучения. В процессе глобализации высшего образования большое значение приобретает обновление методов обучения. Используя научно-учебную литературу по проблемам глобализации высшего образования, автор рассматривает вопросы интеграции и интеграции образовательных учреждений, а также стандартизации. рассмотрены образовательные системы и программы, переход к глобальной системе высшего образования – кредитной системе образования, подготовка специалистов мирового уровня.

Автор провел свое исследование на основе существующих исследований в направлении мирового образования в высших учебных заведениях, выявил необходимость, преимущество, а также внедрение инновационных методов обучения иностранным языкам, а также основную задачу формирования новых образовательные учреждения в процессе глобализации.

**Ключевые слова:** *глобализация, система высшего образования, мировые стандарты, исследование глобализации образования, международные тенденции, процесс глобализации, стандартизация систем, бакалавриат, магистратура, рейтинговая система.*

**PROFESSIONAL STUDY OF FOREIGN LANGUAGES IN A GLOBAL EDUCATIONAL CONDITION, PROBLEMS AND THEIR SOLUTIONS.**

The article presents the author's opinions on the impact of globalization on the development of the higher education system, professional teaching of foreign languages in the context of globalization of education, problems, problems and ways to solve them.

**Сведения об авторах:** *Каримзода Мирзо Бадал-доктор педагогических наук, главный учёный секретарь академии образования Таджикистана, адрес: 734063, Республика Таджикистан, г. В Душанбе, ул. А. Адхамов, 11/2. Тел.:. (992) 918 34 34 90, E.mail: takmil@mail.ru.*

*Абдусамадов Сайфулло – соискатель Института развития образования им. А. Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734063, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2. Тел:. (992) 918 34 34 90, E.mail: saifullo@mail.ru.*

**Information about the authors:** *Karimzoda Mirzo Badal - Doctor of Pedagogical Sciences, Chief Scientific Secretary of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734063, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Adhamov str., 11/2. Telegram.:. (992) 918 34 34 90, E.mail: takmil@mail.ru.*

*Abdusamadov Saifullo - applicant A. Jami Institute of Educational Development Academician of Education Tajikistan, address: 734063, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 11/2 A. Adhamov str. Tel:. (992) 918 34 34 90, E.mail: saifullo@mail.ru.*

**ТДУ:** 372.8:809.155.0
ТКБ74.200+74.261.4
**Ҳ-27**

# ТАЪЛИМИ ИСМ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҒАЙРИТОҶИКӢ ДАР ШАРОИТИ БИСЁРЗАБОНӢ

***Ҳакимова Ҷ.С.***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон таъкид менамояд: *«Аз устодону омӯзгорон ва падару модарон талаб карда мешавад, ки диққати наврасон ва хонандагону донишҷӯёнро барои аз бар намудани донишҳои муосир ҷалб намоянд, ба сатҳи азхудкунии фанҳои дақиқ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кунанд, забонҳои хориҷӣ ва омӯзиши технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба роҳ монанд ва ба касбомӯзии шогирдону фарзандон эътибори ҷиддӣ дода, онҳоро дар рӯҳияи донишомӯзиву меҳнатдӯстӣ тарбия намоянд».*[1,23-27].

Таълими забони давлатӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар шароити ақаллиятҳои миллӣ хусусияти хосси худро дошта, аз омӯзгор дар раванди фаъолияти педагогӣ, дониш, таҷриба ва муносибати баланди касбӣ- педагогиро талаб менамояд. На ҳама омӯзгори синфи ибтидоӣ шуда метавонад, балки онҳое корро дар ин синфҳо самаранок пеш бурда метавонанд, ки дорои сифатҳои баланди касбӣ ва шахсӣ бошанд. Яке аз омилҳое, ки дар саводи хуб баровардa, аълохон шудани бача мусоидат мекунад, ин дуруст ба роҳ мондани омӯзиш ва таълими ҳиссаҳои нутқ дар дарси забони давлатӣ мебошад. Масалан, бача дар раванди дарс шиносоӣ пайдо менамояд, ки исм он ҳиссаи нутқест, ки предметро ифода мекунад ва ба саволҳои кӣ?, киҳо?,чӣ?,чиҳо? ҷавоб мешавад. Дар ин ҷо ниҳоят хуб мешуд, ки омӯзгор то боварии комил ҳосил намудан, мисолҳо оварад ва савол гузорад, то бачаҳо исмро пурра фаҳманд. [3, 160- 167].

Пас, навбатро ба бачаҳо дода, имконият додан зарур, ки мисолҳо оварда, саволгузорӣ намоянд. Барои мустаҳкам шудани тафаккури зеҳнӣ ва интиқодӣ ва маърифатии хонандагон

омӯзгор бояд илова намояд: Канӣ, бачаҳо, кӣ мегӯяд?: чаро ба исм саволҳои кӣ?, чӣ?, киҳо?, чиҳо? гузошта мешаванд?

Бачаҳо як лаҳза фикр мекунанд. Омӯзгор номҳои хонандагони синфро гирифта, мегӯяд: Александр, Зарина, Юлдуз, Марат ба кадом савол ҷавоб мешаванд?

Бачаҳо бо як овоз тасдиқ менамоянд, ки «Ба саволи кӣ?».

Омӯзгор ба хонандагон мефаҳмонад, ки «вожаҳои номбурда исми хос, яъне номи одамонанд». Омӯзгор мисолҳоро ҳангоми дар шакли ҷамъ омадани исм меорад ва чунин мисол мегӯяд.

Бачаҳо кӣ мегӯяд: «Хонандагони синфи дуюм» ба кадом савол ҷавоб мешаванд. Хонандагон ҷавоб медиҳанд: Ба саволи киҳо?

Муаллим боз мепурсад: Ба саволи киҳо, ки бошад бо кадом ҳарф навишта мешавад?

Хонанда: Агар дар аввали ҷумла бошад, бо ҳарфи калон, лекин дар миён ва охири ҷумла бо ҳарфи хурд навишта мешавад.

Муаллим : Нина, Роза, Неъмат, Дамир, Ҷаббор чӣ?

Дар аввал, миёна ва охири ҷумла бо кадом ҳарф навишта мешаванд?

Бачаҳо бо як овоз бо ҳарфи калон навишта мешаванд, номи одамон, шаҳрҳо, дарёҳо куҳҳо ва ғайра ҳамеша новобаста аз ҷояшон дар таркиби ҷумла бо ҳарфи калон навишта мешаванд, зеро ки онҳо исмҳои хос мебошанд.

Муаллим мепурсад: Модом, ки ин тавр бошад, канӣ гӯед, ки исми хос чист?

Хонандагон аз рӯйи малакаи ҳосилнамудаашон бо осонӣ ба саволи гузошташуда ҷавоб мегӯянд.

Омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба хонандагон бояд сода ва моҳирона шарҳу эзоҳ диҳанд, ки исмҳо метавонанд, танҳо ва ё ҷамъ бошанд. Масалан, дар танҳоӣ Аҳмад, дафтар, курсӣ, гов, дарахт мегӯем. Агар дар шакли ҷамъ гуфтанӣ бошем, бачаҳо, дафтарҳо, курсиҳо, ё бачагон, дарахтон ва ғайра мегӯем. Исмҳо инчунин ба ҷондору беҷон, хосу ҷинс ҷудо мешаванд ва шаклҳои ҷамъу танҳо доранд.

Муаллим фикру андешаҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, чунин шарҳ медиҳад: Аз рӯйи ҳама гуфтаҳои боло мо метавонем, исмҳоро инчунин ба гурӯҳҳои моддӣ ва маънӣ ҷудо намоем.

Бо ин роҳ хонандагон ба ду мафҳуми нав, яъне моддӣ ва маънавӣ шиносоӣ пайдо менамоянд. Омӯзгори таҷрибадор ба бачаҳо савол медиҳад, ки дар зери мафҳуми моддӣ чӣ ва дар зери мафҳуми маънавӣ чиро мефаҳмед? Шумо худро озод ҳис карда, фикру андешаатонро оид ба ин масъала баён намоед.

Тамоми хонандагон ҷуръат пайдо намуда, фикру мулоҳизаҳои хешро озодона иброз менамоянд. Аммо ҳис карда мешавад, ки онҳо пурра ба мазмуну муҳтавои мафҳумҳои моддӣ ва маънавӣ сарфаҳм нарафтаанд. «Бояд қайд кард, ки «салоҳият»-ро таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи аз худ кардани дониш, малака ва маҳорат ташаккул меёбад».[4, 62- 69]. Дар ин холат омӯзгор ташаббусро ба даст гирифта, ба онҳо шарҳ медиҳад: тамоми чизҳое, ки талаботи инсонро бо хӯрок, пӯшок, пойафзол, воситаҳои маишӣ таъмин мекунанд чизҳои моддианд. Лекин ашё ва предметҳое, ки ба майна, шуур, маърифат ва маданияти одамон қобилияти таъсиррасонӣ доранд, онҳоро исми маънӣ мегӯянд. Масалан, китоб, рӯзнома, маҷала, қалам, кино, телевизор, компютор ба шуур ва ҳолати рӯҳии инсон таъсир расонида, олами маънавиро бой мегардонад.

Бачаҳо аз чунин шарҳу эзоҳ қонеъ гашта, торафт ба дарки илмии олам наздик мешаванд. Омӯзгор, инчунин, устокорона исмҳоеро, ки мафҳуми ҷондору беҷонро ифода мекунанд ва метавонанд моддӣ бошанд, шарҳ медиҳанд. Масалан: санг, об, нефт, пахта, тахта, оҳан, мева, себ, зардолу, асп, фил, гӯсфанд ва монанди инҳо. Ин ашё дар фазо ҷоеро ишғол мекунанд ва онҳоро дидан, даст расондан, бӯйидан ва чашидан мумкин аст. Пас, онҳо моддӣ мебошанд ва дарк кардани ин мафҳум барои дарки мафҳумҳои фалсафӣ барои бачаҳо замина муҳайё менамояд.

Муаллими ботаҷриба ба хонандагон шарҳ медиҳад: исмҳое низ мавҷуданд, ки аломат, ҳолат, ҳаракат ва ё ягон мафҳуми умумиро ифода мекунанд. Чунин исмҳоро дар забони тоҷикӣ исмҳои маънӣ (маъноӣ) меноманд. Ба чунин исмҳо мисол шуда метавонанд: некӣ, муаллимӣ, сустӣ, хирад, воқеа, исён, ҳушёрӣ,нодонӣ, ҷустуҷӯ, далерӣ ва ғайра.

Омӯзгор дарси оянда ба синфхона даромада, ба хонандагон иброз медорад, ки дарси гузашта бо шумо ба мавзуи “исм” шинос шуда будем. Ҳоло мебинем, ки кӣ ба дарс тайёр аст? Хонандагон даст бардошта, омодагии хешро ба дарс нишон медиҳанд. Омӯзгор тавассути саволҳо, пурсишномаҳо ба пурсиши вазифаи хонагӣ оғоз менамояд. Пас аз мустаҳкамкунии вазифаи хонагӣ ё натиҷагирӣ омӯзгор ба баёни мавзӯи нав, яне «Исмҳои хос ва ҷинс» оғоз менамояд.

Шумо медонед, ки ба гурӯҳи исмҳои хос номҳои одамон, насаб, лақаб, кӯҳу дарё, шаҳру ноҳия, воқеаҳои таърихӣ, асарҳои илмию бадеӣ, корхонаю муассиса, ҳайвонот ва ғайраҳо дохил мешаванд ва дониста бошед, ки исмҳои хос новобаста аз ҷояшон дар ҷумла бо ҳарфи калон навишта мешаванд. Шумо, инчунин бояд ҳамеша дар хотир дошта бошед, ки исмҳое, ки номи умумии одамон, чизҳо, шаҳрҳо, воқеаю ҳодисаҳои ҷудогонаро мефаҳмонанд, исмҳои ҷинс номида шуда бо ҳарфи хурд навишта мешаванд. Ба ин мисол шуда метавонанд: одам, одамон, дарё, дарёҳо, кӯҳ, кӯҳҳо, шаҳр, шаҳрҳо ва ғайраҳо.Дар хотир доред: баъзе исмҳое, ки бо ҳамсадои «ҳ» тамом мешаванд, ду шакли навишт доранд: роҳ – раҳ, чоҳ – чаҳ, моҳ – маҳ, коҳ – каҳ, гоҳ – гаҳ, рӯбоҳ–рӯбаҳ, сиёҳ – сияҳ ва ғайраҳо. Онҳо чӣ тавре ки навишта шаванд, маънояшон як аст. Лекин дар ин ҷо калимаҳои ислоҳ, гувоҳ, маддоҳ, мазоҳ, ҷангхоҳ, иштибоҳ ва ғайра як шакли навишт доранд ва ин шаклҳо тағйирнопазир мебошанд.

Бачаҳо зиракона мушоҳида карда, тамоми гуфтаҳоро дар хотир мегиранд.

Омӯзгори таҷрибадор дар омӯзиши исм ба тамоми паҳлуи масъала таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Ӯ гурӯҳ калимаҳоеро меорад, ки бо ҳарфи ҳамсадои й ба охир мерасанд. Дар навбати аввал ба хонандагон мефаҳмонад, ки чунин калимаҳо ду шакли навишт доранд: сарой – саро, шӯй – шӯ, рӯй- рӯ, мӯй – мӯ, пой – по, ой – о ва ғайраҳо. Аз чунин масъалагузорӣ ва шарҳи калимаҳо ва тарзи дуруст навиштани онҳо доираи назари хонандагон боз ҳам васеъ мегардад. Аз ҷониби дигар ба хонандагон фаҳмонида мешавад, ки калимаҳои бой, рой, лой, сой, той, чой танҳо як шакли навишт доранд.

Омӯзгор, метавонад ба хонандагон фаҳмонад, ки исмҳое низ мавҷуданд, ки ҷузъи шуморавиашон бо адад ифода меёбад. Ба ин гуфтаҳо метавонад, мисол шавад: 90- солагии ПРМ ба номи А.Ҷомӣ, 33- солагии Истиқлолияти миллӣ, 800 – солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, 1150 – солагии Абӯабдулло Рӯдакӣ, 950 - солагии Имом Ғаззолӣ ва ғайраҳо.

Тавассути омӯзиши исм омӯзгори таҷрибадор, метавонад ҳар калимаи мақомоти давлатӣ, мансабҳои олӣ, Парчам ва Нишони миллиро шарҳу эзоҳ дода муҳаббати насли наврасро ба муқаддасоти миллӣ бедор намояд. Онҳоро дар рӯҳияи худшиносӣ, ғурури миллӣ ва ифтихор аз ғановатҳои миллию фарҳангӣ тарбия намоянд. Зеро ки дарс дар синфҳои ибтидоӣ, махсусан, дар синфхои ғайритоҷикӣ, ҳамеша ду вазифаро пайгирӣ менамояд ва ҳамон вақт ба мақсад мерасад, ки ҳам таълим диҳад ва ҳам тарбия намояд. М.И.Станкин ақида дорад: «Салоҳияти омӯзгорӣ донишу таҷрибаест, ки дар ҳалли босаводонаи масъалаҳои таълиму тарбия имкон фароҳам меоварад».[5, 9-10].

## АДАБИЁТ:


1. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ш.Душанбе, 22.12.2016, с.23-27
2. М.И.Станкин «Профессиональные способности педагога».-М.: «Флинта»,1998, с 64-67.
3. В.В.Воронов Педагогика,- Москва, 1996,-С. 168.
4. М.Лутфуллозода. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо.-Душанбе,2017, с 12-16.
5. Муносибати салоҳиятнок ба таълим/ Модули таълимӣ. Душанбе, 2017, с-9-10.


## ТАЪЛИМИ ИСМ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҒАЙРИТОҶИКӢ ДАР ШАРОИТИ БИСЁРЗАБОНӢ


Муаллифи мақола қайд мекунад, ки таълими мавзуи исм аз масоили муҳимми таълим ба ҳисоб рафта, омӯзгорони таҷрибадор метавонад дар ташаккули дарки мафҳумҳо ва вусъати хонандагон таъсиргузор бошанд.

Исме, ки номи як қатор предметҳоро ифода менамояд ба саволи чӣ ҷавоб мешавад? Ҷинси чунин исмҳоро хотима муайян менамояд. Дар ин ҷо муаллим бояд нозукиҳои забони русӣ ва тоҷикиро нағз донад ва бо маҳорати баланд фаҳмонида тавонад, то дар майнаи хонанда нақш баста, тавассути он бачаро ба донистани забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ омода намояд.

Хонанда аз рӯзҳои аввал фаҳмиш пайдо менамояд, ки дар омӯзиши забони тоҷикӣ ҷинсҳо истифода бурда намешаванд.

**Калидвожаҳо:** *исм, ҳиссаи нутқ, категория дар вазифаҳо, мансубият, ашё, дониш, маҳорат, малака.*

## ИМЯ СУЩЕСТВИТЕЛЬНОЕ И СПОСОБЫ ЕГО ИЗУЧЕНИЯ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ В УСЛОВИЯХ МНОГОЯЗЫЧИЯ

Существительное — самостоятельная часть речи, обозначающая предмет или лицо и отвечающая на вопрос *«кто?»* или *«что?»*. Род существительных можно определить по окончаниям на русском языке. Но на таджикском языке при изучение существительного род не применяется. Существительное является самостоятельной части речи, и может выступать в предложении в функциях подлежащего, дополнения и именной части сказуемого.

***Ключевые слова:*** *имя существительное, категории в функциях, подлежащее, предмет, знание, умение, навыки.*

## NOUN AND METHODS OF STUDYING IT IN PRIMARY CLASSES

The noun is an independent part of speech, denoting an object or person and answering the question "who?" Or "what?". The genus of such nouns can be determined by endings in Russian. But in the Tajik language when studying the noun gender is not applied. These are inanimate nouns, is an independent part of speech belonging to the category of a name and class of full-valued vocabulary, and can act in a sentence in the functions of the subject, complement and nominal part of the predicate.

**Key words:** *noun, part of speech, category in functions, subject, denoting the subject, knowledge, skill, skills.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** *Ҳакимова Ҷамила Сайфулоевна - н.и.п. сармутахассиси шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон нишони ш. Душанбе, кучаи А. Адҳамов 11/2.Тел:903448800*

**Сведения об авторе:** *Хакимова Джамила - к.п.н. главный специалист отдела педагогики и методики обучения Академии образования Таджикистана г. Душанбе. улица, А. Адхамова 11/2. Тел:903448800*

**Information about the author:** *Jamila Khakimova - specialist of the department of pedagogy and teaching methods of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe. street, A. Adkhamova 11/2.tel:903448800*

# 20-СОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ
# 20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
# 20TH ANNIVERSARY OF THE STUDY AND DEVELOPMENT OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL DISCIPLINES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION

**ТДУ: 372.861**

## НАҚШИ ҶАДВАЛҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАХАССУСИ ИНФОРМАТИК и

*Одиназода С.О., Неъматов Ғ. Н., Умедҷони Х. Ғ*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҷадвалҳои электронӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи инсон истифода карда мешаванд. Дар раванди таълим бошад, айни замон мавқеи хосса пайдо карда истодаанд. Номгӯйи зиёди барномаҳои ҷадвалҳои электронӣ коркад шудаанд, ки айни замон мавриди истифода қарор доранд ва ба таркиби бастаҳои оффисӣ дохиланд [1]. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аксар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёнаи касбӣ ва миёнаи умумӣ бо компютерҳои насли муосир таъминанд. Дар он компютерҳо асосан бастаи оффисии Microsoft Office насб шудаанд. Барномаи ҷадвали электронии Excel ба таркиби ин баста дохил аст. Дар мақолаи мазкур мо аз ҳамин барнома истифода мебарем.

Барномаи ҷадвали электронии MS Excel дорои имконоти бузург ва дорои функсияҳои зиёде мебошад. Қисме аз онҳо дар аксар корҳои олимону методистон, аз ҷумла [1], [2], [3] омӯхта шудаанд. Дар дарсҳо аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаи касбӣ хонандагон бо имконот ва мақсади истифодабарии ҷадвалҳои электронӣ шинос мегарданд.

Новобаста аз дастовардҳо дар ин самт, ҳоло ҳам масъалаи мақсаднок истифодабарии ҷадвалҳои электронӣ, аз ҷумла MS Excel ҳалли худро ба пуррагӣ наёфтаанд. Хусусан, ин мушкилӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусии ихтисосҳои информатикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мушоҳида мегарданд. Донишҷӯён набояд танҳо бо ҳисобкуниҳо ва истифодабарии фоормулаҳо маҳдуд гарданд. Онҳо бояд бештар бо номгӯйи зиёди функсияҳои стандарии ҷадвалҳои электронии MS Excel шинос шуда, онҳоро дар сатҳи зарурӣ омӯзанд ва дар амал татбиқ карда тавонанд.

Ҷадвалҳои электронии MS Excel -ро ҳангоми табдилдиҳии ададҳои натуралӣ аз як системаи ҳисоб ба дигар системаи ҳисоб татбиқ кардан имкон аст. Масалан, мехоҳем, ки адади 48 -ро, ки дар системаи ҳисоби даҳӣ навишта шудааст, ба системаи ҳисоби дуӣ баргардонем. Бо ин мақсад дар яке аз катакҳои ҷадвали электронии MS Excel адади 48-ро дохил мекунем (масалан дар катаки B2). Аз поёни он ва як катак ба рост формулаи =ЦЕЛОЕ(B2/2) -ро дохил мекунем. Як катак ба рост формулаи =ОСТАТ(B2;2) -ро дохил мекунем. Ин катакҳо мувофиқан C3 ва D3 мебошанд, ки дар онҳо формулаҳои номбаршударо дохил кардем. Ин ду катакро якҷоя нусхабардорӣ мекунем. Курсори Excel -ро ба катаки D4 оварда, амали гузоштанро иҷро мекунем. Мебинем, ки амалҳои тақсими бутун ва бақия аз тақсим боз иҷро шуданд. Аммо қисми бутун то ҳол 0 нашудааст. Ин амалҳоро то қисми бутун 0 шудан такрор мекунем. Дар натиҷа адади 110000 -ро дар системаи ҳисоби дуӣ ҳосил мекунем. Ин натиҷаи ҳисоб аст (Расми 1). Аммо ҷадвалҳои электронии MS Excel дорои функсияҳои стандартие мебошад, ки барои табдилдиҳии ададҳо аз як системаи ҳисоб ба дигар системаи ҳисоб истифода бурда мешаванд. Зарур аст, ки ин функсияҳо дар раванди таълим, масалан фанҳои “Асосҳои информатика” ё “Системаҳои информатсионӣ” таълим дода шаванд. Номгӯйи баъзе аз он функсияҳоро меорем: ДЕСЬМ.В.ВОСЬМ(), ДЕСЬМ.В.ДВ(), ДЕСЬМ.В.ШЕСТН(), ДВ.В.ВОСЬМ(), ДВ.В.ДЕС(), ДВ.В.ШЕСТН(), ВОСЬМ.В.ДВ(), ВОСЬМ.В.ДЕС(), ВОСЬМ.В.ШЕСТН(), ... . Ин функсияҳо ба функсияҳои гурӯҳи муҳандисии ҷадвалҳои электронии MS Excel дохиланд. Бо мақсади дурустии ҳисобамон, яъне ба системаи ҳисоби дуӣ табдил додани адади 48, дар катаки E1 (Расми 1) формулаи =ДЕС.В.ДВ(B2) дохил карда шудааст. Қимати он ба 110000 баробар аст, яъне ҳисоби мо дуруст аст.




Расми 1. Системаи ҳисоби дуӣ

Ҷадвалҳои электронии MS Excel дар раванди ҳалли системаи муодилаҳои хаттии ду ва бисёрномаълума нақши хеле муҳим доранд. Дар курси алгебраи олӣ ё алгебраи хаттӣ ба донишҷӯён методи Крамер барои ҳалли системаи муодилаҳои хаттӣ таълим дода мешавад. Методи мазкур ба татбиқи матрисаҳо асос карда шудааст. Масалан, ҳамчун намуна, ҳалли системаи муодилаҳои хаттии зеринро дида мебароем:

$$\begin{cases} -2x + 4y = 3 \\ 3x - 2y = 2 \end{cases}$$

Детерминанти муайянкунандаи асосии системаи муодилаҳоро ҳисоб мекунем:

$\Delta = \begin{vmatrix} -2 & 4 \\ 3 & -2 \end{vmatrix} = (-2)\cdot(-2) - 3\cdot 4 = 4 - 12 = -8$

Детерминанти муайянкунандаи асосии системаи муодилаҳо аз 0 фарқ мекунад, пас система ҳалли ягона дорад. Ҳалли системаро давом медиҳем:

$\Delta_x = \begin{vmatrix} 3 & 4 \\ 4 & -2 \end{vmatrix} = -14$

$\Delta_y = \begin{vmatrix} -2 & 3 \\ 3 & 2 \end{vmatrix} = -13$

$x = \frac{-14}{-8} = 1.75 \qquad y = \frac{-13}{-8} = 1.625$

Технологияи мазкур тарзи алгебравиро нишон медиҳад. Бо татбиқи ҷадвалҳои электронии MS Excel технологияи ҳалли системаи муодилаҳои хаттӣ ранги дигарро мегирад. Он имкон медиҳад, ки бо истифода аз функсияи ҳисобкунии детерминанти муайянкунанда методи ҳаллро тағйир диҳем. Ҷадвалҳои электронии MS Excel дорои функсияи МОПРЕД мебошад, ки ҳисобкунии детерминанти муайянкунандаро ҳисоб мекунад. Аргументи он массиви квадратӣ мебошад. Тарзи навиштан чунин аст, масалан: МОПРЕД (A1:C3). Катакҳои дар дохили қавс нишон дода шуда аз ҳамдигар бо аломати “:” ҷудо карда мешаванд. Миқдори сатру сутнҳо бо ҳам баробаранд, дар ҳолати баръакс хатоги эълон гардида, детерминант ҳисоб карда намешавад. Ҳамчун намуна системаи муодилаҳои зеринро бо истифода аз ин функсия ҳал мекунем:

$$\begin{cases} 2x - 3y + z = 2 \\ -2x + 2y - z = 1 \\ 5x + 3y - 4z = -3 \end{cases}$$

Бо мақсади татбиқи функсияи МОПРЕД, массиви коэффисиентҳои муодилаҳоро дар варақи нави ҷадвали электронии MS Excel месозем. Коэффисиентҳоро аз катаки A1 сар карда, дохил мекунем. Дар сутуни E бошад, коэффисиентҳои озодро дохил мекунем (Расми 2).

| | A | B | C | D | E | F |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | -3 | 1 | | 2 | |
| 2 | -2 | 2 | -1 | | 1 | |
| 3 | 5 | 3 | -4 | | -3 | |

Расми 2. Массиви коэффисиентҳо

Дар дилхоҳ катаки холӣ буда, масалан B5, формулаи ҳисобкунии детерминанти муайянкунандаи асосиро дохил мекунем: =МОПРЕД(A1:C3). Дар натиҷа қимати ин формула ба 13 баробар мегардад, ки детерминанти муайянкунандаи асосӣ аст. Қимати детерминанти муайянкунандаи асосӣ ғайринулӣ будаст, пас система ҳалли ягона дорад. Он ҳалро меёбем.

Катакҳои дар вараҷи ҷадвали электронии MS Excel (Расми 2) бударо аз A1 то C5 муайян карда, нусхабардорӣ мекунем. Курсори Excel -ро ба катаки A7 ҷойгир карда, амали гузоштанро иҷро мекунем. Катакҳои E1 то E3 бударо муайян карда, нусхабардорӣ мекунем. Курсори Excel -ро ба катаки A7 ҷойгир карда, амали гузоштанро иҷро мекунем. Мебинем, ки коэффисиентҳои назди номаълумаи *x* буда бо коэффисиентҳои озод иваз гардиданд. Қимати детерминати муайянкунанда нисбат ба *x* ба -22 баробар мегардад, ки дар катаки B11 инъикос меёбад. Дар катаки, масалан E8, формулаи =B11/$B$5 -ро дохил мекунем. Қимати ин формула тақрибан ба -1,69231 баробар мегардад. Ин қимати номаълумаи *x* мебошад.

Катакҳои дар вараҷи ҷадвали электронии MS Excel (Расми 2) бударо аз A1 то C5 муайян карда, нусхабардорӣ мекунем. Курсори Excel -ро ба катаки A13 ҷойгир карда, амали гузоштанро иҷро мекунем. Катакҳои E1 то E3 бударо муайян карда, нусхабардорӣ мекунем. Курсори Excel -ро ба катаки B13 ҷойгир карда, амали гузоштанро иҷро мекунем. Мебинем, ки коэффисиентҳои назди номаълумаи *y* буда бо коэффисиентҳои озод иваз гардиданд. Қимати детерминати муайянкунанда нисбат ба *y* ба -39 баробар мегардад, ки дар катаки B17 инъикос меёбад. Катаки E8 -ро нусхабардорӣ карда, ба катаки E14 мегузорем. Қимати ин катак ба -3 баробар мегардад. Ин қимати номаълумаи *y* мебошад.

Катакҳои дар вараҷи ҷадвали электронии MS Excel (Расми 2) бударо аз A1 то C5 муайян карда, нусхабардорӣ мекунем. Курсори Excel -ро ба катаки A19 ҷойгир карда, амали гузоштанро иҷро мекунем. Катакҳои E1 то E3 бударо муайян карда, нусхабардорӣ мекунем. Курсори Excel -ро ба катаки C19 ҷойгир карда, амали гузоштанро иҷро мекунем. Мебинем, ки коэффисиентҳои назди номаълумаи *z* буда бо коэффисиентҳои озод иваз гардиданд. Қимати детерминати муайянкунанда нисбат ба *z* ба -47 баробар мегардад, ки дар катаки B23 инъикос меёбад. Катаки E8 -ро нусхабардорӣ карда, ба катаки E20 мегузорем. Қимати ин катак тақрибан ба -3,61538 баробар мегардад. Ин қимати номаълумаи *z* мебошад. Ҷавоб: (-1,69231; -3; -3,61538).

Тавре мебинем, нақши ҷадвалҳои электронии MS Excel дар раванди таълим хеле баланд буда, сифати таълимро баланд мебардорад. Дар мақолаи мазкур, пас аз ёфтани қимати детерминанти муайянкунандаи асосӣ, медидем, ки он ғайринулӣ аст ё не. Бо роҳи барномасозӣ ин амалро худкор намудан мумкин аст. Масалан, дар Расми 2, дар катаки B5 қимати детерминанти муайянкунандаи асосӣ инъикос ёфтааст. Дар катаки C5 формулаи шартӣ-мантиқии зеринро дохил мекунем:

=ЕСЛИ(B5=0;"Системаи муодилаҳо ҳалли ягона надорад";"Системаи мазкури муодилаҳо ҳалли ягона дорад")

Акнун дар катаки C5, пас аз ёфта шудани қимати катаки B5, яке аз паёмакҳо, ё "Системаи мазкури муодилаҳо ҳалли ягона дорад", ё "Системаи муодилаҳо ҳалли ягона надорад" бароварда мешавад. Ин аз қимати катави B5 вобастааст, яъне нул аст ё ғайринулӣ. Барои варианти мисоли мо паёмаки "Системаи мазкури муодилаҳо ҳалли ягона дорад" бароварда мешавад, зеро қимати катаки B5 ғайринулӣ аст.

Ҳисобкунии дастии қимати детерминанти муайянкунанда ҳангоми тартибаш аз 3 зиёд будан, вақти зиёдро мегирад. Ин тарзи ҳисобкунӣ дар курси алгебраи олӣ таълим дода мешаванд. Вале донишҷӯён набояд тарзи ҳисоби дастиро фаромӯш кунанд. Технологияи дар мақолаи мазкур коркардшуда, яъне истифодаи функсияи МОПРЕД, имкон медиҳад, ки системаи муодилаҳои хаттии тартибашон аз 3 зиёд бударо низ ҳал кунем. Он айнан ҳаминтавр сурат мегирад. Масалан, барои тартиби 5-ум, ҳама коэффисиентҳои назди номаълумҳоро дар катакҳои A1:E5 ва коэффисиентҳои озодро дар катакҳои сутуни G аз 1 то 5 дохил мекунем (Расми 3).

| | A | B | C | D | E | F | G | H |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 1.2 | 2.1 | 1.05 | -2.3 | -1.47 | | 1.58 | |
| 2 | 2.54 | -2.17 | 1.57 | 1.68 | 0.25 | | 2.01 | |
| 3 | 1.88 | 1.64 | -1.28 | 2.3 | -2.4 | | 1.69 | |
| 4 | -2.2 | 1.5 | 1.74 | -1.86 | -0.7 | | 2 | |
| 5 | 1.96 | -1.57 | 2.14 | -0.9 | 2.77 | | 1.83 | |
| 6 | | | | | | | | |

Расми 3. Намуна барои системаи муодилаҳои хаттии тартиби 5-ум

Қимати функсияи МОПРЕД барои намунаи дар Расми 3 буда ба 181,246 баробар аст (дар катаки В7 дохил шудааст: =МОПРЕД(A1:E5)). Қимати функсияи МОПРЕД вобаста ба номаълумҳои система инҳоянд: 32,15726; 209,3662; 275,9475; 172,0935 ва 58,38026. Ҳалли система бошад, чунин аст: (0,177423; 1,155149; 1,522503; 0,949502; 0,322105).

**Хулоса**. Истифодабарии функсияҳои стандартии ҷадвалҳои электронӣ дар раванди таълим имкон медиҳанд, ки вақт сарфа карда шуда, сатҳи дониши донишҷӯён баланд бардошта шавад. Инчунин ба сифати таълим таъсири мусбӣ мерасонад. Маҳорату малакаи корбарии донишҷӯён бо ҷадвалҳои электронӣ инкишоф ва мустаҳкам мегарданд.

## АДАБИЁТ:


1. Кертис, Фрай. Microsoft Excel 2013. Шаг за шагом . - М.: Эком, **2018**. - **310** с.
2. Комилов, Ф. С., Шарапов Д.С. Информатикаи татбиқӣ. - Душанбе, 2009. – 368 с.
3. Курбатова, Е. А. Microsoft Office Excel 2010. Самоучитель / Е.А. Курбатова. - М.: Диалектика, Вильямс, 2019. - 416 с.
4. Назаров, А. П. Методикаи таълими информатика. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ. – Душанбе: ҶДММ «Мехроҷ-граф». - 2019. - 462 с.
5. Назаров А. П. Использование компьютера и компьютерных технологий при изучение и обучение предмета геометрии. - Вестник Академии образования Таджикистана. 2011. №1-2. С. 20-22 (А4).
6. Нугмонов М., Назаров А.П., Сафаров С.С. Истифодабарии ҷадвалҳои электронӣ ҳамчун воситаи таълим дар раванди таълими геометрия. Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Серияи 2. Педагогика ва психология, назария ва методикаи таълим. 2022. №1 (11). С. 165-173 (А4). УДК 372.853 (575.3)
7. Серогодский, В.В. Excel 2007. Эффективный самоучитель **+** справочник пользователя / В.В. Серогодский. - М.: СПб: Наука и Техника, 2019. - 400 с.
8. Уокенбах, Дж. Библия пользователя Excel 2003 (+CD) / Дж. Уокенбах. - М.: Диалектика, 2019. - 768 с.9. Харвей Excel 2002 для ‘чайников’. Полный справочник / Харвей, Грег. - М.:Диалектика, 2017.- 608с.


## НАҚШИ ҶАДВАЛҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАХАССУСИ ИНФОРМАТИКӢ


Дар мақолаи мазкур оид ба равандҳои самаранокии истифодабарии ҷадвали электронии MS Excel, ки дорои имконоти бузург ва дорои функсияҳои зиёде мебошад маълумотҳои мушаххас ва дақиқ пешниҳод карда шудааст. Мусаллам аст, ки дар дарсҳо аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаи касбӣ хонандагон бо имконот ва мақсади истифодабарии ҷадвалҳои электронӣ шинос мегарданд.

Новобаста аз дастовардҳо дар ин самт, ҳоло ҳам масъалаи мақсаднок истифодабарии ҷадвалҳои электронӣ, аз ҷумла MS Excel ҳалли худро ба пуррагӣ наёфтаанд. Хусусан ин мушкилӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусии ихтисосҳои информатикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мушоҳида мегарданд. Донишҷӯён набояд танҳо бо ҳисобкуниҳо ва истифодабарии формулаҳо маҳдуд гарданд. Онҳо бояд бештар бо номгӯйи зиёди функсияҳои стандарии ҷадвалҳои электронии MS Excel шинос шуда, онҳоро дар сатҳи зарурӣ омӯзанд ва дар амал татбиқ карда тавонанд. Истифодабарии функсияҳои стандартии ҷадвалҳои электронӣ дар раванди таълим имкон медиҳанд, ки вақт сарфа карда шуда, сатҳи дониши донишҷӯён баланд бардошта шавад. Инчунин ба сифати таълим таъсири мусбӣ мерасонад. Маҳорату малакаи корбарии донишҷӯён бо ҷадвалҳои электронӣ инкишоф ва мустаҳкам мегарданд.


**Калидвожаҳо:** *Ҷадвалҳои электронӣ, барнома, компютер, татбиқ, ҳисоб, катакҳо, амалҳо, тақсим, бутун, бақия, амалҳо, дуӣ, детерминантӣ, муайянкунанда.*

## РОЛЬ ЭЛЕКТРОННЫХ ТАБЛИЦ В ПРОЦЕССЕ ПРЕПОДАВАНИЯ СПЕЦИАЛЬНЫХ ИНФОРМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН

В этой статье представлена конкретная и точная информация о процессах эффективности использования электронной таблицы Ms Excel, которая имеет большой потенциал и множество функций. Очевидно, что на уроках информационных технологий в учреждениях общего и среднего профессионального образования учащиеся знакомятся с возможностями и целями использования таблиц. Какими бы ни были достижения в этой области, вопрос о целесообразности использования электронных таблиц, в том числе Ms Excel, до конца не решен. Эта проблема особенно заметна в процессе обучения специальностям информатики в высших учебных заведениях. Студенты не должны ограничиваться только вычислениями и использованием формул. Они должны быть более знакомы с многочисленными названиями стандартных функций электронной таблицы Ms Excel, изучать их на должном уровне и применять на практике. Использование стандартных функций электронного таблицы в учебном процессе позволяет сэкономить время и повысить уровень знаний учащихся. Это также положительно влияет на качество обучения. Развиваются и закрепляются умения и способности учащихся по использованию электронных таблиц.

**Ключевые слова:** *электронные таблицы, программа, компьютер, реализация, расчет, Катаки, действия, деление, целое число, остаток, действия, двоичный, детерминантный.*

## THE ROLE OF SPREADSHEETS IN THE TEACHING OF SPECIAL COMPUTER SCIENCE DISCIPLINES

This article provides specific and accurate information about the processes of effective use of the Ms Excel spreadsheet, which has great potential and many functions. It is obvious that at information technology lessons in institutions of general and secondary vocational education, students get acquainted with the possibilities and purposes of using tables. Whatever the achievements in this area, the question of the appropriateness of using spreadsheets, including Ms Excel, has not been fully resolved. This problem is especially noticeable in the process of teaching computer science specialties in higher educational institutions. Students should not limit themselves to calculations and the use of formulas. They should be more familiar with the numerous names of standard Ms Excel spreadsheet functions, study them at the proper level and apply them in practice.

**Key words:** *spreadsheets, program, computer, Implementation, calculation, Cataclysms, actions, division, integer, remainder, actions, binary, determinant.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Одиназода Сафаралӣ Одина – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ. Сурога: 734021, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёб. Рӯдакӣ, 21. E-mail: safar_1973@inbox.ru. Тел.: (+992) 938945794,*

*Неъматов Ғолиб Нуралиевич – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ. Сурога: 734021, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёб. Рӯдакӣ, 21. E-mail: N.Golib.@mail.ru.. Тел.: (+992) 933432242,*

*Умедҷони Хайруллои Ғафурӣ – устоди кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ. 918-80-6307, umedjonikhairullo@gmail.com.*

**Сведения об авторах:** *Одиназода Сафаралӣ Одина – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айны, доцент кафедры информационно-коммуникационных технологий. Адрес: 734021, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, просп. Рудаки, 21. Электронная почта: safar_1973@inbox.ru. Тел.: (+992) 938945794.,*

*Неъматов Голиб Нуралиевич – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айны, доцент кафедры информационно-коммуникационных технологий. Адрес: 734021, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, просп. Рудаки, 21. Электронная почта: N.Golib.@mail.ru. Тел.: (+992) 933432242.*

*Умеджони Хайрулло Гафури – преподаватель кафедры информационных и коммуникационных технологий ТГПУ им. С. Айни, соискатель Института развития образования имени А. Джами, 918-80-6307, umedjonikhairullo@gmail.com.*

**Information about the authors:** *Odinazoda Safarali Odina – Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, docent of the information and communication department. Address: 734021, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: safar_1973@inbox.ru. Тел.: (+992) 938945794*

*Nematov Golib Nuralievich – Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, docent of the information and communication department. Address: 734021, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. N.Golib.@mail.ru. Тел.: (+992) 933432242.*

*Umedjoni Khayrulloi Ghafuri– assistant of the Chair of information and communication technologies, Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni. 918-80-6307, umedjonikhairullo@gmail.com.*

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МОБИЛӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

*Ҳайётов Қ. Э.,*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
*Саидзода И. М*
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар даҳсолаи охир бо рушди технологияҳои муосир дар раванди таълим дигаргуниҳои зиёдро мушоҳида намудан мумкин аст. Технологияҳои муосир бо имкониятҳои навини худ тавонистааст ба низоми маорифи кишвар таъсири ҷиддӣ расонад. Аз ҷумла, бо пайдо шудани замимаҳои нав дар нармафзорҳои телефонҳои мобилӣ имконият даст медиҳад, то технологияҳои мобилиро ба сифати воситаи муҳимми таълимӣ қабул намуда, дар раванди машғулиятҳои таълимӣ ба таври васеъ истифода намоем.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар низоми маориф яке аз масъалаҳои муҳим ин бо компютерҳои фардӣ таъмин намудани тамоми муассисаҳои таълимӣ баҳисоб меравад. Хусусан, дар раванди таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ. Зеро яке аз самтҳои афзалиятноки таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ ин таъминоти моддӣ, аз ҷумла, таъмин намудани таносуби шумораи компютерҳо ба шумораи хонандагон мебошад, яъне бояд ҳар як хонанда дар раванди машғулиятҳои амалӣ компютер дошта бошад. Барои ҳалли ин мушкилот соли 2005 Рафаэл Баллагас усули махсуси ***BYOD – Bring Your Own Device***-*ро (*дар забони тоҷикӣ бо маънои «Дастгоҳи шахсии худро биёред»-ро дорад) пешниҳод намудааст. Дар баъзе аз сарчашмаҳо усули мазкурро консепсияи ***BYOD*** ҳам мегӯянд. Бо воситаи ин усул имконият пайдо шуд, то ҳар як донишҷӯ дар раванди таълим аз дастгоҳи мобилӣ истифода намуда, мушкилоти норасоии компютерҳо бартараф карда шавад [11; 15].

Дар солҳои охир яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар низоми маориф пеш омадааст, ин «бо телефонҳои мобилии донишҷӯён дар муассисаи таълимӣ чӣ бояд кард?» мебошад. Гарчанде маънии телефонҳои мобилиро баъзе аз муҳаққиқон қобили қабул донанд ҳам, ин роҳи ҳалли мушкилот шуда наметавонад. Зеро тибқи назарсанҷиҳои ахири мутахассисон, бо ҳисоби миёна 63%-и наврасон эътироф мекунанд, ки сарфи назар аз маҳдудияти истифодаи телефонҳои мобилӣ, аз ҷониби омӯзгорон ҳангоми машғулиятҳои дарсӣ аз телефони мобилиашон истифода мебаранд. Аз ин рӯ, истифодаи технологияи BYOD ба донишҷӯён имкон медиҳад, то дар муддати кӯтоҳ тариқи реҷаи онлайнӣ фаъолият намуда, масъалаҳои додашударо ҳал намоянд. Дар расми 1 сохтор ва амсилаи гардиши иттилоот тавассути консепсияи BYOD пешниҳод шудааст.




***Расми 1 –Амсилаи гардиши иттилоот дар BYOD***

Бо татбиқи босамари технологияҳои мобилӣ дар раванди таълим қисме аз мушкилиҳои дар низоми маориф ҷойдошта, ҳалли худро меёбанд, аз қабили:

1. Навсозии паркҳои компютерии муассисаҳои таълимӣ ва дар натиҷа, навсозии нармафзорҳо аз байн меравад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе аз давлатҳои мутараққии олам бо татбиқи технологияҳои мобилӣ ин мушкилот ҳалли худро алакай ёфтааст [4; 5].
2. Агар ҳар як донишҷӯ дастгоҳи мобилии шахсии худро барои корбарӣ дар машғулиятҳои таълимӣ дошта бошад, дар ин ҳолат, таъмин намудани таҷҳизоти зарурии идоравӣ танҳо барои омӯзгор ҳангоми ворид намудани маълумот ба дастгоҳҳои шахсии хонандагон пеш меояд.
3. Минбаъд, дастгоҳҳои мобилӣ на ҳамчун воситаи муоширатӣ барои дилхушӣ, балки ба афзори таълимӣ мубаддал гашта, раванди азхудкунии маводи таълимиро даҳҳо маротиба метезонанд [11].
4. Бо истифода аз нармафзорҳои махсуси назоратӣ волидони донишҷӯён оид ба вазъи азхудкунии фанҳои таълимии онҳо бохабар мешаванд, ки ин мушкилот, яке аз масъалаҳои асосӣ дар низоми маориф мебошанд. Инчунин, нигоҳдорӣ, таъмир, навсозӣ ва ғайраро на муассисаҳои таълимӣ, балки худи волидайн ва худи донишҷӯ бар дӯш мегирад.
5. Дастгоҳи мобилии шахсӣ барои донишҷӯ нисбат ба компютер бештар шинос аст. Аз ин рӯ, донишҷӯ метавонад, бо ёрии дастгоҳҳои мобилии шахсӣ фазои таълимиро дигаргун намуда, самаранокии таълимиро таъмин намояд. Масалан, ташкил намудани машваратҳои гурӯҳии таълимӣ вобаста ба мавзуъҳои мухталифи фаннӣ [12-14].
6. Бо истифода аз технологияҳои беноқил, аз қабили *Wi-Fi* ва *Bluetooth* омӯзгорон ва донишҷӯён метавонанд, мустақиман аз як дастгоҳи мобилӣ ба дастгоҳи дигар, ҳатто бидуни истифодаи интернет маълумоти таълимиро мубодила кунанд. Ин раванд, имкон медиҳад, то тамоми маводи таълимӣ бо таври фаврӣ дастраси таълимгирандагон гардида, дар ташаккули фаъолияти омӯзишии онҳо нақши муҳим бозад.
7. Донишҷӯ тавассути телевизор, ё проектори чандрасонаӣ ба экрани калон пайваст шуда, супоришҳои иҷронамудаашро ба омӯзгор пешниҳод намояд. Инчунин, бо ёрии гурӯҳи ҳамсабақон хатоҳои ҷойдошта ислоҳ карда шаванд. Яъне донишҷӯ фазои шахсии таълимии худро бо дигар ҳамсабақонаш тақсим намуда, бо ҳамин роҳ, усули нави пешниҳоди аёниятҳои таълимиро роҳандозӣ менамояд [3; 9].

Гуфтаҳои боло гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки бо татбиқи технологияҳои мобилӣ имконияти рушд ва такмил додани раванди илмомӯзии донишҷӯёнро аз диди нав ба роҳ мондан мумкин аст.

Муҳаққиқони соҳа қайд менамоянд, ки дар ояндаи наздик, бо пайдо шудани лабораторияҳои таълимии сайёр, донишҷӯён метавонад тариқи смартфони худ ба махзанҳои иттилоотии таълимӣ ворид шуда, дилхоҳ масъалаи матраҳшавандаро бо осонӣ дастрас намоянд. Масалан, ширкати Google аз нашри як барномаи беназире хабар дод, ки он ҳама гуна смартфонҳои бо ситемаи амалиётии Android фаъолияткунандаро ба як озмоишгоҳи таълимии мобилӣ табдил медиҳад. Ҳадафи барномаи мазкур, рушд додани малакаи зеҳнии илмомӯзон дар раванди озмоишҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад, ки он барои илмомӯз як имконияти навро ба вуҷуд меоварад[9; 15].

Яке аз самтҳои дигар, ки дар раванди таълим хеле муҳим ҳисобида мешавад, ин табдил додани дастгоҳи мобилӣ ба афзори идоракунандаи раванди таълим аст. Имрӯз бо рушди бемайлони технологияҳои мобилӣ тавассути технологияи беноқил, хусусан, Bluetooth аз дастгоҳи мобилӣ ба тахтаҳои интерактивӣ пайваст шуда, дилхоҳ намуди рӯнамоҳои таълимиро намоиш ва идора намудан мумкин аст. Инчунин, тавассути ин технологияҳо фаъолияти берунаэсинфии хонандагонро низ назорат ва танзим намудан имконпазир гардидааст. Барои роҳандозӣ намудани ин масъала, таҷҳизоти махсуси GPS аз ҷониби мутахассисон таҳия шудааст, ки тавассути шабакаи умумиҷаҳонии интернет фаъолият мекунад. Смартфонҳои имрӯза бошанд, дорои технологияи дарунсохти GPS буда, назорати мунтазами онҳоро барои фаъолияти таълимӣ танзим намудан мумкин аст [7; 13].

***Нармафзорҳои таълимии мобилӣ.*** Нармафзорҳои мобилӣ барномаҳои махсусе мебошанд, ки гуногунранг сохта шуда, барои ҳамаи самтҳои мухталиф намунаҳои гуногуни онҳо

пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, барои такмил ва рушд додани масъалаҳои гуногуни таълимӣ. Яке аз чунин барномаҳо, ки барои омӯзиш ва коркарди забонҳои барномасозӣ мебошад, ин замимаи мобилии ***SoloLearn*** аст.

Замимаи мобилии ***SoloLearn*** яке аз муҳимтарин замимаҳои мобилӣ барои омӯзиши забонҳои барномасозӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замима, 12 забони барномасозӣ пешниҳод шудааст: Python, HTML, CSS, JavaScript, C++, Java, PHP, SQL, Ruby, JQuery, C#, Swift. Забонҳои барномасозии тариқи замимаи мазкур пешниҳодшударо имрӯз дар тамоми гӯшаҳои олам, дар муассисаҳои таълимӣ меомӯзанд. Масалан, забони барномасозии C++, Java, Python ва C#-ро дар қисми зиёди муассисаҳои таълимӣ дар доираи фанни технологияҳои иттилоотӣ меомӯзанд. Тариқи ин замима Шумо метавонед, забонҳоро дар шакли интерактивӣ омӯзед ва дар реҷаи консоли мобилӣ барнома созед. Бояд тазаккур дод, ки раванди омӯзиши ин забонҳоро тариқи замимаи ***SoloLearn*** хеле осон ва сода мебошад. Чунки қисматҳои худомӯзии ин забонҳо дар сохтори замимаи мазкур пешниҳод шудааст [8; 11-15].

Барои омӯзиши мавзуъҳои дарсӣ, роҷеъ ба сохтори компютер ва таснифоти он замимаи мобилии ***Curso de Informatica*** пешбинӣ шудааст, ки тавассути он оид ба мавзуъҳои ба сохтори компютер вобастабуда, маълумоти гуногунро дастрас намудан мумкин аст. Ин барнома бисёрзабона буда, дар реҷаҳои гуногун фаъол мегардад. Дар ин нармафзор мавзуъҳои: таснифоти компютерҳо, ҷузъҳои онҳо, таҷҳизоти иловагӣ, чопгарҳо, мониторҳо, системаҳои баландгӯякҳо, сканерҳо, камераҳои видеоӣ ва ғайра омӯхта мешаванд. Ин барнома ба идоракунанадаи компютер бо истифода аз муш ва сафҳакалид маълумоти муфассал медиҳад. Инчунин, роҷеъ ба мавзуъҳои системаҳои амалиётии гуногун, барномаҳои асосии барои кор дар шабака, кор бо ҷузвдонҳо дар компютер, муошират тавассути почтаи электронӣ ва амсоли инҳоро фарогир мебошад [8; 13].

Тавре ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, яке аз афзалиятҳои татбиқи технологияҳои мобилӣ дар раванди таълим, ин назорати мунтазами раванди омӯзиши донишҷӯён мебошад. Имрӯз қариб дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ба мафҳуми рӯзномаи электронӣ во мехӯрем. Созандагони технологияҳои мобилӣ дар замимаҳои худ роҷеъ ба ин масъалаҳам чораандешӣ намудаанд. Масалан, тариқи замимаи мобилии ***Teacher Organizer*** чунин имкониятҳоро истифода намудан мумкин аст:

- тартиб додани ҷадвали дарсӣ;
- дар бораи донишҷӯён маълумот ворид намудан;
- мувофиқи ҷадвали машғулиятҳо ба донишҷӯён баҳо додан;
- дар журнали дохилӣ барои як дарс чанд баҳо гузошта, баъдан баҳои миёнаи дарсро муқаррар намудан;
- содироти моводи сабтшудаи барнома ба Excel;
- қайди тавсифномаҳои донишҷӯён, шарҳҳо дар бораи синфҳо;
- қобилияти мутобиқ кардани қариб ҳама гуна масъалаҳои ба раванди таълим мувофиқбуда [8; 11].

Дар асоси таҳлилҳои боло метавон хулосабарорӣ намуд, ки технологияҳои мобилӣ метавонанд дар такмил додани усули илмомӯзии донишҷӯён нақши калидиро бозанд.

Акнун, якчанд намунаҳои гуногуни татбиқи технологияҳои иттилоотиро дар раванди дарсҳои математика ва технологияҳои иттилоотӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем. Барои татбиқ намудани технологияҳои мобилӣ дар раванди таълими фанҳои математика ва технологияҳои иттилоотӣ, пеш аз ҳама, бояд аз рӯйхати замимаҳои телефон, ки онҳо тавассути Google Play насб мешаванд, барномаи зарурииро дастрас намуда, дар телефон насб намоем. Масалан, тавассути барномаи «Угломер» имконияти арзёбӣ намудани кунҷ ё тамоили ашёро ҳисоб намудан мумкин аст. Ё ин кӣ тавассути замимаҳои «Линейка», «Транспортир» ва «Protractor» амалҳои ҳисобкуниро аз рӯи ченаки муқаррарӣ иҷро намудан мумкин аст [4; 9].

Айни замон, доираи васеи ҳам замимаҳои махсуси мобилӣ ва ҳам барномаҳои универсалӣ мавҷуданд, ки вобаста ба вазифаҳои дар назди омӯзгор гузошташуда, онҳоро дар дарсҳои математика ва технологияҳои иттилоотӣ истифода намудан мумкин аст. Масалан, имкониятҳои замимаи мобилии «Конвертер единиц измерения»-ро метавон дар дарсҳои математика ҳангоми омӯзиши моводи назариявӣ, аз қабили «Меры длины», «Меры площади»

ва «Меры массы» истифода бурд. Аз сабаби он ки барномаҳо дар рӯйхати замимаҳо бо забони русӣ ва англисӣ пешниҳод шудаанд, зарур намешуморем, то номи барномаҳо бо забони тоҷикӣ тарҷума карда шаванд, зеро ҳангоми боргирии барномаҳои мазкур имконияти дарёфт ва насб намудани онҳо мушкил мегардад.

Дар раванди дарсҳои технологияҳои иттилоотӣ ҳангоми омӯзиши мавзуи «Системаи ҳисоб», «Системаҳои амалиётӣ», «Компютерҳои фардӣ» ва ғайра як катор замимаҳои махсус мавҷуд аст. Инчунин, ҳатто дар раванди дарс роҷеъ ба мавзуъҳои «Асосҳои мантиқ ва асосҳои мантиқии компютерҳо» замимаҳои мобилиро истифода намудан мумкин аст (Расми 1).

Бояд қайд намуд, ки як қатор замимаҳои мобилӣ дорои қобилиятҳое мебошанд, ки ҳангоми ташкили фаъолияти маърифатии донишҷӯён тавсия дода мешаванд. Аз ҷумла, дар дарсҳои математика истифода намудани замимаи мобилии ***GeoGebra*** аз манфиат холӣ нест. Ин барнома дар раванди дарсҳои математика ба хонандагон имкон медиҳад, ки функсияҳоро таҳлил намоянд, графики функсияҳоро созанд, масъалаҳоро ҳал намоянд ва ғайра (Расми 2).




***Расми 1 – Натиҷаи ҳисоб намудани ифодаи мантиқӣ***




***Расми 2 – Намунаи сохтани графики функсия***

Тавассути технологияҳои мобилӣ имконияти омӯзиши дилхоҳ фанҳои таълимӣ вуҷуд дорад. Тавре аз расмҳои 1 ва 2 дида мешавад, тавассути замимаҳои барномаҳои мобилӣ имконияти ҳисоб намудани дилхоҳ масъалаҳои математикӣ ва мантиқӣ ҷой доранд. Ин барномаҳо дорои қобилиятҳои бузурге мебошанд, ки тавассути онҳо раванди омӯзиши маводҳои таълимӣ чандин маротиба осон мегардад [3].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки истифодаи босамари технологияҳои мобилӣ дар раванди таълим аёнияти дарсиро таъмин намуда, дар рушди зеҳнии донишҷӯён ҳавасмандиро оид ба мавзуъҳои дарсӣ бедор мекунад. Инчунин, бо истифода аз замимаҳои мобилӣ имконият фароҳам меояд, то раванди азхудкунии маводи таълимӣ тариқи замимаҳои мобилӣ баҳодиҳӣ шуда, ба худи донишҷӯ пешниҳод шавад.

Яке аз чунин замимаи мобилӣ, ин замимаи ***Kahoot*** ба ҳисоб меравад, ки он як қисми гурӯҳи пурраи барномаҳо буда, имкон медиҳад санҷиши онлайнии дониши донишҷӯён санҷида шавад. Дар чунин барномаҳо устод бо истифода аз хидмати онлайн барои донишҷӯён саволҳо омода намуда, ба ҳар як маҷмуи саволҳо рақами ягона (PIN) мегузорад. Он метавонад рақами муқаррарӣ бошад, ё онро бо рамзи QR ва ғайра иваз намояд. Донишҷӯён саволномаро аз замимаи махсуси мобилӣ дастрас намуда, тариқи реҷаи онлайнӣ кор мекунад ва дар дастгоҳҳои мобилии худ натиҷагирӣ намуда сабт менамоянд.

Истифодаи рамз ба донишҷӯён имкон медиҳад, то ба маҷмуи саволҳои омоданамудаи устод пайваст шаванд. Сипас, донишҷӯ маълумоти шахсии худро нишон медиҳад (масалан,

насаб ва ҳарфҳои аввал), маҳз ҳамин маълумот дар ҷадвали натиҷаҳо нишон дода мешавад. Бо ин роҳ, устод рӯйхати онҳое, ки аллакай ба барнома ворид шудаанд, бубинанд ва вақте ки ҳама омодаанд, пурсишро оғоз намояд. Пурсиш дар реҷаи онлайнӣ сурат гирифта, варианти саволҳо ва ҷавобҳоро дар саҳифа тариқи проектори чандрасонаӣ намоиш дода мешаванд. Ҳамин тавр, донишҷӯ аз вариантҳои пешниҳодшуда, варианти дурустро интихоб мекунад. Омӯзгор метавонад, вақти барои ҷавоб ҷудошударо муқаррар намояд. Илова бар ин, ба рейтинги ниҳоии донишҷӯён на танҳо дурустии ҷавоб, балки вақти барои ҷавоб сарфшуда низ таъсир мерасонад. Бо ҳамин роҳ, ҳар як донишҷӯ муайян менамояд, ки аз фанҳои таълимӣ баҳои чанд гирифтааст [9; 11].

Ҳамин тавр, дар раванди таҳлили адабиёти соҳавӣ, роҷеъ ба татбиқи технологияҳои мобилӣ дар раванди таълим муайян намудем, ки технологияҳои мобилӣ як воситаи тавоно ҷиҳати таъмини аёниятҳои таълимӣ ба ҳисоб рафта, дар ташаккулу тафаккури омӯзишии донишҷӯён, дар ҳолати дуруст роҳандозӣ намудан нақши муҳимро мебозанд. Аз ин рӯ, метавонем чанде аз афзалиятҳои муҳимми ин технологияҳоро муаррифӣ намоем:

***1. Дастрасӣ ба иттилоот:*** Дастгоҳҳои мобилӣ дастрасии васеъро ба захираҳои иттилоотии таълимӣ, аз қабили китобҳои дарсии электронӣ, дарсҳои видеоӣ ва дигар воситаҳои таълимӣ фароҳам меоранд, ки ин ба донишҷӯён имкон медиҳад, то маълумоҳои заруриро роҷеъ ба мавзуъҳои дарсӣ пайдо намояд.

***2. Барномаҳои таълимӣ:*** Барномаҳои зиёди таълимие мавҷуданд, ки ба донишҷӯён дар рушди малакаҳо дар соҳаҳои гуногун кумак мерасонанд. Ин барномаҳо метавонанд, омӯзишро интерактивӣ ва шавқовартар гардонанд.

***3. Курсҳо ва платформаҳои онлайнӣ:*** Технологияҳои мобилӣ ба рушди таҳсилоти онлайнӣ мусоидат мекунанд. Донишҷӯён метавонанд дар курсҳо сабти ном шаванд ва дар ҳама ҷо ва ҳар вақт таҳсил намоянд.

***4. Ҳамкорӣ ва табодули дониш:*** Дастгоҳҳои мобилӣ ба донишҷӯён ва омӯзгорон имкон медиҳанд, ки ба осонӣ маълумот ва супоришҳоро мубодила намуда, дарсҳоро муҳокима намоянд. Ин ба рушди малакаҳои муоширатӣ ва омӯзишии онҳо бо таври муштарак мусоидат мекунад.

***5. Технологияҳои мутобиқшавӣ***: Технологияҳои мобилӣ омӯзиши мутобиқшавиро тавассути пешниҳоди мундариҷа ва фаъолиятҳои фардӣ дар асоси ниёзҳои инфиродӣ ва суръати омӯзиши онҳо дастрас мекунанд.

***6. Воситаҳои рақамӣ барои омӯзгорон:*** Омӯзгорон метавонанд, технологияи мобилиро барои эҷод ва коркарди дарсҳои интерактивӣ, пайгирии пешравии донишҷӯён, арзёбӣ ва пешниҳоди фикру мулоҳиза истифода намоянд. Ин ҳолат, раванди идоракунии гурӯҳҳои таълимиро сода мекунад.

**АДАБИЁТҲО:**

1. Бондаренко, Н. Г. Дидактические свойства и функции мобильного обучения / Н.Г. Бондаренко // Современные проблемы науки и образования. – 2014. – №6. – С. 120-128.

2. Вульфович, Е. В. Роль мобильного обучения в оптимизации преподавания иностранных языков / Е.В. Вульфович // Известия Волгоградского гос. пед. унта. – 2014. – № 6 (91). – С. 75-82.

3. Голицына, И. Н. Мобильное обучение как новая технология в образовании/ И.Н. Голицына, Н.Л. Половникова // Международный электронный журнал "Образовательные технологии и общество". – 2011. – № 1. – С. 241-252.

4. Давлатов, А. И. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методии омодасозии омӯзгорони оянда дар самти амсиласозии компютерӣ / А.И. Давлатов, И.М. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – Том. 2, –№. 12. – С. 267-274.

5. Комилиен, Ф. С. Роҳнамои фанни технологияи иттилоотӣ барои синфи 5-ум / Ф. С. Комилиен, С. Р. Курбонов, И. М. Саидов. – Душанбе : МАОРИФ, 2018. – 160 с.

6. Комилиен, Ф. С. Роҳнамои фанни технологияи иттилоотӣ барои синфи 9-ум / Ф. С. Комилиен. – Душанбе: Маориф, 2018. – 209 с.

7. Куклев, В. А. Компоненты системы мобильного обучения как инструмент поддержки качества обучения / В.А. Куклев, Н.И. Калаков // Редакционная коллегия. – 2010. – С. 16-23.

8. Куклев, В. А. Мобильное обучение: от теории к практике / В.А. Куклев // Высшее образование в России. – 2010. – №7. – С. 88-95.

9. Раскина, И. И. Использованные мобильных устройств на уроках математики и информатики/ И.И. Раскина, Н.А. Курганова // Международной научно-практической интернет-конференции «Актуальные проблемы методики обучения информатике и математике в современной школе». – Россия, г. Москва, МПГУ, 2019. – С. 120-123

10. Рекомендации ЮНЕСКО по политике в области мобильного обучения. ЮНЕСКО, – 2015. – 44 с.

11. Саидзода, И. М. ҷанбаҳои методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим / И. М. Саидзода, С. С. Ризоев, А. И. Саидҷаҳфаров // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2023. – №. 4-1(18). – С. 132-138.

12. Саидов, И. М. Асосҳои амсиласозии риёзӣ / И. М. Саидов. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. – 152с.

13. Саидов, И. М. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар фаъолияти таълимӣ / И. М. Саидов, А. И. Саидҷаҳфаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №1. – С. 220-227.

14. Саидов, И.М. Омӯзиши технологияи иттилоотӣ ҳамчун омили рушди салоҳиятнокии дониши хонандагон [Матн] / Саидов И.М., Мирзоев С., Ҳайётов Қ.// Пайёми пажуҳишгоҳи рушди маориф. Бахши педагогика психология. – 2021. – №1,(33). – С. 60-64.

15. Что такое BYOD? [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://unitsolutions.ru/blog/terminologiya/chto-takoe-byod/ (Дата обращения: 24.02.23) .

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МОБИЛӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Мақола ба масъалаи татбиқи босамари технологияҳои мобилӣ дар раванди таълим бахшида шуда, дар он паҳлуҳои асосии масъалаи додашуда мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо татбиқи босамари технологияҳои мобилӣ дар раванди таълим қисме аз мушкилиҳои дар низоми маориф ҷойдошта, ҳалли худро мeёбанд, чунончи:

– навсозии паркҳои компютерии муассисаҳои таълимӣ ва дар натиҷа, навсозии нармафзорҳо аз байн меравад;

– агар ҳар як донишҷӯ дастгоҳи мобилии шахсии худро барои корбарӣ дар машғулиятҳои таълимӣ дошта бошад, дар ин ҳолат, таъмин намудани таҷҳизоти зарурии идоравӣ танҳо барои омӯзгор ҳангоми ворид намудани маълумот ба дастгоҳҳои шахсии донишҷӯён пеш меояд;

– бо истифода аз нармафзорҳои махсуси назоратӣ волидайни донишҷӯён оид ба вазъи азхуднамоии фанҳои таълимии онҳо бохабар мешаванд, ки ин мушкилот, яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки дар низоми маориф ҷой дорад;

– дастгоҳи мобилии шахсӣ барои донишҷӯ нисбат ба компютер бештар шинос аст. Аз ин рӯ, донишҷӯ метавонад, бо ёрии дастгоҳҳои мобилии шахсӣ фазои таълимиро дигаргун намуда, самаранокии таълимиро таъмин намояд.

Гуфтаҳои боло гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки бо татбиқи технологияҳои мобилӣ имконияти рушд ва такмил додани раванди илмомӯзии донишҷӯёнро аз диди нав ба роҳ мондан мумкин аст.

Ҳамин тавр, дар раванди таҳлили адабиётҳои соҳавӣ роҷеъ ба татбиқи технологияҳои мобилӣ дар раванди таълим муайян намудем, ки технологияҳои мобилӣ як воситаи тавоно ҷиҳати таъмини айёниятҳои таълимӣ ба ҳисоб рафта, дар ташаккули тафаккури омӯзишии донишҷӯён дар ҳолати дуруст роҳандозӣ намудан нақши муҳимро мебозанд.

**Калидвожаҳо:** *иттилоот, технологияи мобилӣ, салоҳият, таҳқиқот, раванди таълим, дастгоҳ, реҷаи онлайнӣ, машғулият, ташаккул, компютер, телефон.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПРИМЕНЕНИЯ МОБИЛЬНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

Статья посвящена вопросу эффективного применения мобильных технологий в образовательном процессе и оценены основные аспекты данного вопроса.

Анализы показывают, что при эффективном применении мобильных технологий в образовательном процессе решаются некоторые проблемы в системе образования, такие как:

– исчезнет обновление компьютерных парков образовательных учреждений и, как следствие, обновление программного обеспечения;

- если у каждого обучающегося имеется собственное мобильное устройство для использования в образовательной деятельности, в этом случае предоставление необходимой оргтехники происходит только преподавателю при вводе данных в персональные устройства обучающихся;

– с помощью специального программного обеспечения мониторинга родители учащихся будут осведомлены о состоянии усвоения ими учебных предметов, что является одним из основных вопросов в системе образования;

– личное мобильное устройство более привычно студенту, чем компьютер. Таким образом, с помощью персональных мобильных устройств студент может изменить образовательную среду и обеспечить эффективность обучения.

Вышеизложенные утверждения свидетельствуют о том, что с применением мобильных технологий подавляются новые возможности развития и совершенствования процесса обучения студентов могут открыться, с другой стороны.

Таким образом, в процессе анализа профильной литературы по применению мобильных технологий в образовательном процессе мы определили, что мобильные технологии считаются мощным инструментом обеспечения прозрачности образования и играют важную роль в формировании учебного мышления учащихся при правильной его реализации.

**Ключевые слова:** *информация, мобильная технология, компетентность, исследование, образовательный процесс, устройство, онлайн-режим, деятельность, образование, компьютер, телефон.*

## THEORETICAL ASPECTS OF APPLICATION OF MOBILE TECHNOLOGIES IN THE EDUCATIONAL PROCESS

The article is dedicated to exploring the effective utilization of mobile technologies in the educational sphere and evaluates various facets of this issue.

Analyses demonstrate that through the effective integration of mobile technologies into the educational process, several challenges within the education system can be addressed, including:

– the need for updating the computer infrastructure of educational institutions and consequent software updates will diminish;

– if each student possesses their own mobile device for educational purposes, the required office equipment is only necessary for the teacher when inputting data into the students' personal devices;

– through specialized monitoring software, parents will be informed about their children's progress in academic subjects, addressing a significant concern within the education system;

– a personal mobile device is more familiar to students compared to a computer.

Thus, the utilization of personal mobile devices enables students to alter the educational environment and enhance learning efficiency. The aforementioned points suggest that the adoption of mobile technologies can unlock new avenues for the development and enhancement of the student learning process.

Consequently, through an analysis of specialized literature on the integration of mobile technologies in education, it was determined that these technologies serve as potent tools for ensuring transparency in education and play a pivotal role in shaping students' educational mindset when implemented effectively.

**Key words:** *information, mobile technology, competence, research, educational process, device, online mode, activity, education, computer, telephone.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Ҳайётов Қурбоналӣ Эмомуддинович - муаллими калони кафедраи "информатика-барномасоз"-и ДОТ дар н.Рашт, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.Рашт, кучаи Э.Муҳиддинов 63. Тел.: (+992) 988983394, E-mail: rasht_94-94@mail.ru*

*Саидзода Исроил Маҳмад –н.и.-т., дотсенти кафедраи информатикаи ДМТ. 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17, ДМТ. Тел.: (+992) 904485555, E-mail: isroil-84@list.ru.*

**Сведения об авторах:** *Хайётов Курбонали Эмомудинович - стар. преп. кафедры информатика-программист ТПИ в Раштском районе, Республика Таджикистан, р.Рашт улица Э. Мухиддинов 63. Тел.: (+992) 988983394, E-mail: rasht_94-94@mail.ru.*

*Саидзода Исроил Махмад – к.т.н., доцент кафедры информатики ДМТ. 734025 Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17,ТГНУ, Тел:904485555, E-mail: isroil-84@list.ru.*

**Information about authors:** *Hayotov Kurbonali Emomudinovich-senior of the department Informatic-programmist, TPI in Rasht district, Republic of Tajikistan, E. Muhiddin strit 63, Tel: 988983394, E-mail: rasht_94-94@mail.ru.*

*Saidzoda Isroil Maumad - dotsent of the Department of Informatics, TNU. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, TNU, Tel: 904485555, E-mail: isroil-84@list.ru.*

ТДУ:519.19.

# РОБИТАИ МАТЕМАТИКА БО ҲАЁТ ДАР ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

***Абдусатторова С. А.***
**Донишкадаи иқтисоди Тоҷикистон**

Раванди таълиму тарбия дар замони муосир дар муассисаҳои таълимӣ талаб мекунад, ки дар низоми таълими ҳамаи фанҳо, аз ҷумла математика, ислоҳоти ҷузъӣ дохилкарда шавад. Омӯзиши фанни математика бояд ба андозае бошад, ки он дар доираи талаботи фанни мазкур имконпазир буда, барои ба дастовардани вазифаи асосии нишондодашудаи муассисаи таълимӣ мадад расонад.

Дониш ва малакае, ки барномаи фанни математика дар бар мегирад, дар саноат ва истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ васеъ татбиқ карда мешаванд. Аммо хонандагон ин донишҳоро дар фаъолияти меҳнатии ояндаи худ ҳамон вақт бо муваффақият истифода бурда метавонанд, ки агар таълим бо ҳаёт алоқаманд бошад, агар хонандагон дар ҷараёни омӯзиш дар татбиқи ин донишҳо ба таври кофӣ машқ карда бошанд.

Муносибати босалоҳият дар ибтидои таълими фанни математика бояд диққати асосиро ба он равона кунад, ки хонандагон ба қадри имкон малакаҳои амалии мукаммалро омӯзанд: шифоҳӣ, хаттӣ ва ба воситаи машинаи электронӣ бехато ҳисоб карда тавонистан, истифода карда тавонистани асбобҳои ченкунанда, баркашидан ва ченкуниро иҷро кардан; кашидани порчаи хатти рост, росткунҷа, квадрат, дар маҳал гузаронидани хати рост, бо ёрии экер (асбоб барои сохтани зовияҳо дар маҳал) сохтани кунҷи рост, квадрат ва росткунҷа, бо онҳо муайян кардани масофа ва масоҳатҳои на онқадар калон ва ғайра.

Ҳал кардани масъалаҳое, ки соҳаҳои ба хонандагон наздикро фаро мегиранд, ба тарбияи меҳнатӣ ва тайёрии политехникии (тарзи омӯзиш ,ки ба воситаи он босоҳаҳои асосии истеҳсолот ҳам назарӣ ва ҳам амалӣ шинос мешаванд) онҳо ёрӣ расонида метавонад.

Албатта, таълими ибтидоӣ хонандагонро бо асосҳои илмии истеҳсолот шинос карда наметавонад. Лекин аллакай дар ин дараҷаи омӯзиш бо мисолҳои ба хонандагон фаҳмо нишон додан зарур аст, ки чӣ тавр донишҳои гирифтаи онҳо дар фаъолияти меҳнатии одамон тадбиқ карда мешаванд; хонандагонро бо фаҳмиши ҷараёни истеҳсолии ба онҳо дастрас шинос кардан лозим аст: маҳсулоти хоҷагии қишлоқ чӣ хел сабзонида ва аз нав кор карда мешавад, хонаро чӣ тавр месозанд, либос ва ва пойафзолро чӣ тавр тайёр мекунанд, китобҳоро чӣтавр чоп менамоянд, технологияи муосир чӣ тавр кори одамонро осон мекунад ва ғайра. Дар дарсҳои математика адад ва ченакро барои муайян кардани ин донишҳо истифода мебаранд.

Адад ва ченакро пеш аз ҳама барои васеъ кардани доираи фаҳмиш ва муайян кардани дониши бачаҳо оид ба меҳнат, ки хонандагон дар он бевосита иштирок кардаанд, истифода кардан лозим аст.

Махсусан, дар ин хусус ҳавлии назди муассисаи таълимӣ имконияти васеъ медиҳад. Мисол: чен кардани ҳавлии назди муассисаи таълимӣ, муайян кардани миқдори тухмӣ ва нуриҳои барои кишт зарур; чен кардани масофаи байни растаниҳо ва сабзиши онҳо; ҳисоб кардани ҳосил (ҳамагӣ чӣ қадар ҳосил ҷамъоварӣ карда шудааст ва ба як гектар чанд сентнер рост меояд), ҳисоб кардани тафовути ҳосил ҳангоми гуногун будани шароити парвариши растанӣ, масалан, вобаста аз андозаи тухмӣ, аз миқдор ва сифати нуриҳои ба замин андохташуда, аз сифати коркарди хок ва ғайра.

Адад ва ченак дар дарсҳои меҳнат татбиқи васеъ ёфта метавонанд. Ҳар як ашё бояд аз рӯйи андозаи маълум ба таври ҷиддӣ тайёр карда шавад. Вақти зиёдатиеро, ки хонандагони алоҳида ба кори маълум сарф кардаанд, муқоиса кардан фоиданок мебошад. Хонандагонро, бо андозаи ба донишашон мувофиқ, ба тартиб додани хароҷоти мавод ва асбобҳои дарси меҳнат, ҳисоб кардани маводи сарфкардашуда ҷалб кардан бамаврид аст. Аз он ҷумла, дар ин ҷо зарурияти ба омода кардани асбобҳои айёнии математикӣ васеъ ҷалб кардани бачаҳоро нишон додан ҷоиз аст. Баъзе аз онҳоро номбар мекунем: чӯбча, доирачаҳо, квадратҳо ва баъзе фигураҳои дигари геометрӣ барои тасвир кардани ададҳо ва амалҳо ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои аввалини математика, кассаи рақамҳо, намунаи ченакҳо, шакли тарозу, абак, ҷадвали класс ва разрядҳо, шаклҳои дар синфҳои ибтидоӣ омӯхташавандаи ҷисмҳои геометрӣ ва ғайра.

Дар масъалаҳои арифметикӣ меҳнати бачаҳо дар оила ва, махсусан, меҳнати фоиданоки ҷамъиятии онҳоро васеъ инъикос намудан лозим аст.

Мавзуъҳои намунавии ин гуна масъалаҳоро нишон медиҳем. Миқдори дарахтон ё ки ниҳолҳое, ки боғбон шинондааст; миқдори растаниҳои доругӣ, тухми алаф ва дарахтон, оҳанпора ва ғайра, ки бачаҳо ҷамъ кардаанд. Ҳаҷми кори иҷро кардаи хонандагонро ҳангоми ёрӣ расонидан ба хоҷагии деҳқонӣ, инчунин ба муйсафедону шахсони маъюб ва дар китобхонаи маҳал ва ғайра.

Дар ҳалли масъалаҳо бояд меҳнати дар корхонаҳои саноатӣ, фабрика, хоҷагии деҳқонӣ иҷро кардаи бачагон, ки муассисаи таълимӣ барои иштирок кардан онҳоро тайёр мекунад, махсусан васеъ инъикос ёбанд.

На фақат бачаҳои деҳа, балки бачаҳои шаҳр ҳам имконият доранд, ки меҳнати хоҷагии қишлоқро мушоҳида кунанд. Ғайр аз он мушоҳидаҳои берун аз муассисаи таълимӣ бачагонро бо ёрии экскурсияҳои таълимӣ, ки барои бо намудҳои гуногуни меҳнат ва мошинаҳои хоҷагии қишлоқ шинос шудан ташкил карда мешавад, пурра кардан осон аст.

Барои мисол мавзуъҳои ин гуна масъалаҳоро аз ҳаёти хоҷагии қишлоқ нишон медиҳем. Тақсимот ва афзоиши майдонҳои кишткардашаванда, афзоиши саршумори чорво дар солҳои охир. Ҳисоб кардани миқдори хӯроки чорво, ки хоҷагии деҳқонӣ бояд дар як сол тайёр кунад. Ба ҳисоби миёна ҳисоб кардани ширҷӯшӣ дар фермаҳо, муқоиса кардани он бо ширҷӯшии рекордӣ. Ба ҳисоби миёна муайян кардани ҳосили зироатҳои ғалладона ё сабзавот дар хоҷагиихои деҳқонӣ. Муқоиса кардани ин ҳосил бо ҳосили рекордие. ки хоҷагиҳои деҳқонии алоҳида ба даст меоранд. Муқоиса кардани ҳосили миёнаи зироатҳои ғалладона ё сабзавоти дар якчанд сол рӯёнидашуда. Миқдори рӯзҳои меҳнати деҳқонон ва ҳисоб кардани миқдори маҳсулот ва маблағе, ки деҳқонон барои рӯзи меҳнаташон гирифтаанд, ва ғайра.

Ба хонандагони хурдсол одатан лозим намеояд, ки меҳнати дар фабрика ва завод иҷро мешудагиро мушоҳида кунанд. Бо вуҷуди ин дар бораи кори корхонаҳои истеҳсолӣ ва фабрикаҳо , махсусан корхонаҳои истеҳсолӣ ва фабрикаҳое, ки ба ҷойҳои истиқомати хонандагон наздик аст, бачаҳо баъзе маълумоти умумӣ доранд. Онҳо бо баъзе аз ин муассисаҳо дар вақти экскурсияҳои таълимӣ шинос мешаванд. Ба ин таҷрибаи хонандагон такя карда, бо онҳо масъалаҳои мувофиқро ҳал кардан мумкин аст, ки ин барои тасаввуроти бачагонро васеъ ва аниқ кардан ёрӣ мерасонад.

Бо масъалаҳое, ки мазмуни онҳо аз корҳои хоҷагии қишлоқ ва саноат иборат мебошад, хонандагонро бо комёбиҳои шахсони пешқадам шинос намудан ба фоидаи кор аст. Дар айни ҳол кӯшиш кардан лозим аст, ки ба бачагон ҳурмату эҳтиром кардани ин гуна одамон ва умуман ҳурмат кардани меҳнати ҷисмонӣ тарбия карда шавад.

Масъалаҳое, ки дар онҳо технологияи нави истеҳсолот инъикос ёфтаанд, аҳамияти махсус доранд, масалан: аз шир ҳосил кардани орд ва сабӯс, аз орд пӯхтани нон, аз лаблабуи қанд ҳосил кардани қанд; ҳосил намудани пашми тоза кардашуда ва аз он бофтани газвор, дӯхтани либос ва ғайра. Инчунин масъалаҳое, ки дар онҳо афзалияти меҳнати техника ва технология ба меҳнати дастӣ муайян карда мешавад, фоиданок аст.

Бо вуҷуди ин дар хотир доштан лозим аст, ки дар таълими ибтидоӣ аз соҳаи техника фақат чунин масъалаҳое гирифта мешаванд, ки онҳо ба бачаҳо фаҳмо бошанд. Инчунин малакаҳои ҳисобкунии бачаҳоро ба назар гирифтан зарур аст, хабардор шудан лозим, то ки дар масъалаҳо амалҳои ба онҳо ношинос дучор нашаванд ва ҳали ин гуна масъалаҳо ба ҷараёни таълим халал нарасонанд.

Дар таълими босалоҳият дар баробари мавзуъҳои дар боло номбар кардашуда, ки бояд дар масъалаҳо афзалият дошта бошанд, ба андозаи муайян ҳамин гунна масъалаҳоро ҳал кардан лозим аст, ки бозӣ ва хурсандии бачаҳо, ҳаёти варзишӣ, ҳисобкуниҳо, дар зиндагонӣ чиҳоро иҷро кардан лозим аст ва ғайраро инъикос кунанд.

Дар қадамҳои аввали омӯзиши босалоҳият масъалаҳоро бевосита аз ҳаёти муҳити атрофи бача мегиранд. Тадриҷан бо андозаи васеъшавии доираи тасаввурот ва инкишофи хонандагон, мазмуни масъалаҳо соҳаи васеътари ҳаётро дар бар мегирад.

Масъалаҳо бояд на танҳо аз рӯйи мазмуни худ дастрас бошанд, балки ҳаётро дуруст тасвир карда тавонанд, вагарна бачаҳо дар масъалаҳои математикӣ ба маълумот дучор мешаванд, ки гӯё онҳоро дар ҳаёташон дида бошанд ва ба ин масъалаҳо ба мисли ҳодисаҳои сохтае, ки татбиқи ҳаёти надоранд, кордор мешаванд.

Масъалаҳои зеринро мисол меоварем:

1. Дар се халта 227кг орд ҳаст. Дар халтаи якӯм 75кг , дар халтаи дуюм назар ба халтаи якум 5кг зиёд орд ҳаст. Дар халтаи сеюм чанд килограмм орд хаст?

2. Хонандагонбахоҷагиидеҳқониёрӣрасонида,дарсесол 227 ҳавлирогулзоркарданд. Дар соли якум 75 ҳавлӣ, дар соли дуюм назар ба соли якӯм 5 ҳавлӣ зиёдро гулзор карданд. Дар соли сеюм чанд ҳавлӣ гулзор карда шуд.

Масъалаи дуюм аз рӯйи сохти математикиаш ба масъалаи якум мутобиқ ҳаст ва дар натиҷаи ин бо он аз нуқтаи назари таълим баробарқиммат мебошад. Аз ҷиҳати тарбиявӣ бошад, аз масъалаи якум бартарӣ дорад, чунки дар бачагон шавқу ҳавас пайдо мекунонанд, ки онҳо инчунин дар гулзор кардани деҳаашон иштирок кунанд, чи хеле, ки хонандагон тибқи шарти масъалаи дар боло буда дар он иштирок доштанд.

Аксарияти масъалаҳои дар ибтидоӣ математика ҳал шавандаро аз китоб мегиранд. Дар ин масъалаҳо чунин масъалаҳоеро ҳал кардан фоидаовар аст, ки мазмун ва далелҳои онҳо бевосита аз ҳаёти атроф гирифта шуда бошанд; ин масъалаҳо махсусан ба бачаҳо наздик ва фаҳмо буда, барои ба фаъолиати амалӣ тайёр шуданашон мадад мерасонанд ва дониши онҳоро дар бораи кишвари худ васеъ мекунонад.

Барои ин гуна масъалаҳо ба бачаҳо маълумоти ададӣ аз таҷрибаи ҳайётиашон ё ҳангоми экскурсияҳо пайдо кардаашон маълум мебошад. Агар хонандагон маълумоти мувофиқро дар ихтиёри худ надошта бошанд ва онҳоро бо осонӣ ба даст оварда тавонанд, омӯзгор метавонад ба сифати вазифаи хонагӣ ба онҳо супориш диҳад, ки маълумоти ададиро ҷамъ кунанд, масъалан, фаҳмидани нархи ягон мол, фаҳмидани суръати тахминии ҳаракати пиёдагард, велосипедрон, автомобилчӣ, тайёра, поезд ва ғайра, вазни миёнаи як халта картошка, гандум ва ҳоказо.

Дар бисёр мавридҳо бояд худи омӯзгор ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар муассисаҳои давлатӣ, ки бештар ба ҳисоботи оморӣ сару кор доранд, барои ҷамъоварии маълумоти мувофиқ мурочиат карда, барои масъалаҳо маълумот ҷамъ кунанд. Омӯзгор инчунин дар вақти мутолиаи рӯзномаҳои маҳаллӣ ва марказӣ маълумотро ҷамъ карда метавонад. Омӯзгор дар вақти хондани рӯзнома маълумоти ададие, ки дар дарсҳои математика лозим мешаванд, бояд навишта гирад. Баъд дар ҷараёни дарс онҳоро истифода барад; дар айни ҳол омӯзгор манбае, ки аз онҳо маълумотро гирифта буд, ба бачаҳо гуфта медиҳад ва баъзан онҳоро нишон медиҳад. Масалан, омӯзгор ба бачаҳо чунин мегӯяд: «Ҳозир шумо рафти киштро чӣ хел медонед. Дар ҳафтаномаи ноҳиявиамон (омӯзгор ҳафтаномаро ба бачаҳо нишон медиҳад) дар бораи чи тавр иҷро шудани нақшаи кишт дар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия маълумот чоп шудааст. Дар ин ҳафтанома дар саҳифаи Маълумоти лозима…». Баъд омӯзгор маълумотеро, ки барои ҳал кардани масъала интихоб карда буд, хонда дар тахтаи синф ё ба воситаи проектор ё тахтаи электронӣ тибқи хазинаи худ нишон медиҳад.

Масъалаҳое, ки аз ҳаёти маҳалли зист гирифта шудаанд, аз руй имконият бо масъалаҳои тайёр алоқаманд кардан фоиданок мебошад. Чунончи, баъди аз китоб ҳал кардани масъала дар бораи миқдори рӯзҳои меҳнате, ки аъзои оилаи хоҷагии деҳқонӣ дар маҳал кор кардааст, аҳолии деҳаи мо ё маҳали мо чӣ қадар аст, ба ҳамин монанд тартиб дода ҳал карда мешавад. Аз китоб оид ба иштироки хонандагон дар маъракаи ниҳолшинонӣ дар маҳал тибқи маълумоти оморӣ масъала тартиб дода ҳал мекунанд.

Алоқаи омӯзиш бо ҳаёт на фақат барои тайёрии политехникӣ[1] (тарзи омӯзиш, ки ба воситаи о бо соҳаҳои асосии истеҳсолот ҳам назарӣ ва ҳам амалӣ шинос мешаванд) ва тарбияи меҳнатии хонандагон, балки барои баланд бардоштани натиҷа бахшии таълим ҳам аҳаммияти муҳим дорад.

Бачаҳо фанни математикаро бо ҳақиқати атроф дар алоқамандии зич омӯхта, мефаҳмонад, ки адад ва ченак барои дарккунии ҳаёт воситае шуда хизмат мекунанд ва донишҳои аз математика ҳосилкардаашон ба салоҳияти хонандагон дар оянда лозим мешавад. Ин дар муносибати хонандагон ба машғулиятҳои математика ва ба дарсазхудкунии онҳо таъсири фоидабахш расонда метавонад.

**АДАБИЁТ:**


1. Агапова Н.В. Перспективы развития новых технологий обучения. – М.: ТК Велби, 2005. – 247 с.
2. Апатова Н.В. Информационные технологии в школьном образовании. – М., 1994.
3. Выготский, Л.С. Педагогическая психология – М. Педагогика, 1991.
4. Вильямс Р. и др. Компьютеры в школе. – М., 1988.

5. Желдаков М. И. Внедрения информационных технологий в учебный процесс. – Мн. Новое знание, 2003. - 152 с.
6. Коваленко В.Г. Дидактические игры на уроках математики. – М.. 1990.
7. Егоров Ф.И. Методика и математика. Москва 1886
8. Ян Амос Каменский «Дидактикаи бузург». Москва 1979
9. Эрдниев П.М. Дар бораи усулҳои фаъолкунии ҷараёни таълимӣ математика. «Начальная школа», 1958 №11

## РОБИТАИ МАТЕМАТИКА БО ҲАЁТ ДАР ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

Раванди таълиму тарбия дар замони муосир дар муассисаҳои таълимӣ талаб мекунад, ки дар низоми таълими ҳамаи фанҳо, аз ҷумла математика, ислоҳоти ҷузъи дохил карда шавад. Омӯзиши фанни математика бояд дар чунин андозае бошад, ки он дар доираи талаботи фанни мазкур имконпазир буда, барои ба даст овардани вазифаи асосии нишондодашудаи муассисаи таълимӣ мадад расонад. Муносибати босалоҳият дар ибтидои таълими фанни математика бояд диққати асосиро ба он равона кунад, ки хонандагон ба қадри имкон малакаҳои амалии мукаммалро омӯзанд, шифоҳӣ, хаттӣ ва ба воситаи машинаи электронӣ бехато ҳисоб карда тавонистан, истифода карда тавонистани асбобҳои ченкунанда, баркашидан ва ченкуниро иҷро кардан; кашидани порчаи хатти рост, росткунҷа, квадрат, дар маҳал гузаронидани хати рост, бо ёрии экер (асбоб барои сохтани зовияҳо дар маҳал) сохтани кунҷи рост, квадрат ва росткунҷа, бо онҳо муайян кардани масофа ва масоҳатҳои на онқадар калон ва ғайра.

**Калидвожаҳо:** *истеҳсолот, салоҳияти хонандагон, машғулиятҳои математикӣ, таъсири фоидабахш, таълиму тарбия, омузиш, омузгор.*

## СВЯЗЬ МАТЕМАТИКИ С ЖИЗНЬЮ В ФОРМИРОВАНИИ КОМПЕТЕНТНОСТНЫХ ОТНОШЕНИЙ

Связь изучения математики с жизнью на основе компетентностного подхода не только имеет большое значение в повышении результативности обучения, но и способствуют ознакомлению учащихся с отраслями производства с точки зрения теоретического и практического значения.

Ученики изучая математику в окружающей среде, понимают, что числа и единица измерения служат для осознания жизнедеятельности как важное средство. Также усвоенные знания на основе компетентностного подхода нужны учащимся в ежедневной жизни. Такой подход способствует учащимся в усвоении учебного материала по математики, уметь без ошибок устно, письменно и с помощью электронной машины производить расчеты, уметь пользоваться измерительными приборами, производить взвешивание и измерения; проведение отрезка прямой, прямоугольника, квадрата, проведение прямой на месте, составление прямого угла, квадрата и прямоугольника с помощью акра (инструмента для составления углов на месте), с их помощью определять расстояние и небольшие площади и т. д.

**Ключевые слова:** *производство, компетенции учащихся, урок математики, эффективное влияние, образование, подготовка, учитель.*

## CONNECT OF MATHEMATICS WITH LIFE IN THE FORMATION OF COMPETENCE RELATIONSHIPS

The connection between the study of mathematics and life on the basis of a competence approach is not only of great importance in increasing the effectiveness of teaching, but also facilitates familiarization of students with the branches of production from the point of view of theoretical and practical significance. Pupils studying mathematics from the environment understand that numbers and a unit of measure serve to realize life activity as an important means. Also, the acquired knowledge based on the competence approach needs students in everyday life. This approach encourages students to learn the material in mathematics, be able to make calculations orally, in writing and using an electronic machine without errors, be able to use measuring instruments, weigh and measure; draw a line segment, rectangle, square, draw a line on the spot, make a right angle, square and rectangle using an acra (an instrument for making angles on the spot), use them to determine distances and small areas, etc.

**Key words:** *production, the competence of students, the lesson of mathematics, effective influence, education, training, teacher.*

**Маълумот дар бораи муалиф:** *Абдусатторзода Сураёхон Абдусаттор номзади илмҳои иқтисодиёт датсенти Донишкадаи иқтисоди Тоҷикистон. Тел: 93-708-08-55*

**Сведения об авторе:** *Абдусатторзода Сурайохон Абдусаттор, кандидат экономических наук, дацент Института экономики Таджикистана. Тел:93-708-08-55*

**Information about the author:** *Abdusattorzoda Surayokhan Abdusattor, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Institute of Economics of Tajikistan.. Telefon: 93-708-08-55*

**ТДУ:512.(075.3)**

# МАФҲУМИ МАСЪАЛАҲОИ ИНКИШОФДИҲАНДА ВА ФУНКСИЯҲОИ ОНҲО ДАР КУРСИ АЛГЕБРАИ МАКТАБӢ

***Шомуродова Б. Р.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи С. Айнӣ**

Яке аз роҳҳои татбиқи бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) – ин дар раванди таълими фанни математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳал кардани масъалаҳо, алалхусус масъалаҳои инкишофдиҳанда ба ҳисоб меравад, ки дар раванди ҳалли ин гуна масъалаҳо дар хонандагон ҳисси ватанпарастӣ, миллатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ, хештаншиносӣ, маданиятнокӣ, ҷаҳонбинии васеи диалектикӣ-материалистӣ ва ғайра тарбия карда мешавад. Таълими математикаро бе ҳалли масъалаҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст ва тафаккури математикӣ тавассути ҳалли онҳо инкишоф меёбад.

Ҳалли масъалаҳои инкишофдиҳанда ҷузъи таркибии аксари машғулиятҳои математикаро ташкил медиҳанд ва онҳо барои ташаккул додани дониш, тақвият додани андеша ва инкишофи маҳорату малакаҳои амалии хонандагон кумак мерасонанд.

Масъалаҳои математикии инкишофдиҳанда яке аз воситаҳои муҳим ва пешбарандаи фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ дар раванди омӯзиши математика ба ҳисоб рафта, ҳалли онҳо ба инкишофи маҳорату малакаҳои амалии хонандагон мусоидат хоҳад кард. Ин гуна масъалаҳоро дар машғулиятҳои гуногун, аз ҷумла дар гузориши проблема ва ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ; дар баёни маълумоти нав; дар ташаккули маҳорату малакаҳои амалӣ; дар санҷиши савияи дониш; дар такрору мустаҳкам ва ҷамъбаст кардани дониш ва ғайра истифода мебаранд.

Ҳал кардани масъалаҳо дар таълими математика функсияҳои дидактикии зеринро иҷро мекунад: таълимӣ, тарбиявӣ, инкишофӣ ва санҷишӣ. Амалӣ гардонидани функсияҳои дидактикии масъалаҳо ба тайёрии омӯзгор ва самаранокии раванди ҳалли масъалаҳо вобаста аст. Дар раванди таълими математика чунин масъалаҳоеро бояд интихоб намуд ва ҳал кард, ки матни онҳо ҷиҳатҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандагӣ дошта бошад. Аз назарияи таълим маълум аст, ки функсияҳои масъалаҳо на танҳо аз дуруст интихоб намудани маводи назариявӣ, инчунин аз омӯзиши илм низ иборат мебошад. Ин маънои онро дорад, ки дониши амиқ додан ба ҳар як хонанда, функсияи асосии масълаҳалкунӣ дар раванди таълими математика ба ҳисоб меравад. Воқеъан, ҳар як масъаларо бо мақсади муайян, дар мавриди мувофиқ, ҳал мебояд кард, вале мушоҳидаҳову таҷрибаҳои гузаронидашуда шаҳодат медиҳанд, ки аксари омӯзгорон ҳангоми таълими математика функсияҳои дидактикии масъала (ё гурӯҳи масъалаҳоро) ба назару эътибор намегиранд. Дар натиҷа хонандагон мазмун ва мақсади масъаларо намефаҳманд ва ниҳоят ба моҳияти омӯзиши фан сарфаҳм нарафта, завқи илмомӯзии онҳо коҳиш меёбад.

Дар методикаи ҳозиразамон диққати махсус ба масъалаҳое дода мешавад, ки ҳаваси хонандагонро нисбат ба фанни таълимӣ бедор намуда, шавқи онҳоро зиёд мегардонад. Пештар вазифаи омӯзгор ба хонандагон расонидани маводи махсуси таълимӣ буд, аммо айни замон вазифаи омӯзгорони фаннҳои дақиқ на танҳо ба хонандагон расонидани маводи таълимӣ мебошад, балки зарурият ба миён омадааст, ки дар ҷараёни таълим фаъолияти хонандагон инкишоф ёбад. Таълими инкишофдиҳанда бошад ба воситаи донишҳои математикӣ, мушоҳидакорӣ, масъалаҳалкунӣ бо методӣ аналогия ва маҳорати педагогии муаллим амалӣ мегардад.

Масъалаҳои инкишофдиҳанда яке аз воситаҳои муҳим ва шакли пешбарандаи фаъолияти таълимӣ дар раванди омӯзиши математика ба ҳисоб меравад. Он ба хонандагон имконият медиҳад, ки фаъолияти дарки мустаҳқилонаи онҳо инкишоф ёбад. Аз он ки чӣ тавр масъалаҳалкунӣ дар таълими математика омӯзонида мешавад, дараҷаи тайёрии ояндаи

хонандагон дар истеҳсолот вобастагӣ дорад. Истеҳсолоти имрӯза аз ҳар як шахс ва мутахассис эҷодкорӣ, маҳорати тарзҳои нави ҳалли масъалаҳои истеҳсолиро ба миён мегузорад. Аз ин рӯ, истифодаи масъалаҳои инкишофдиҳанда дар таълими математикаи мактабӣ ба предмети махсуси тадқиқотии соҳаи методикаи таълими математика мубаддал гаштааст.

Омӯзиш ва таҳлили китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳанд, ки дар онҳо доир ба соҳаҳои мухталифи ҳаёт масъалаҳои зиёд оварда шудаанд, аммо дар мазмуни онҳо ба масъалаҳои инкишофдиҳанда эътиборе дода нашудааст. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки оиди ҳар як мавзуҳои фанни алгебра масъалаҳои инкишофдиҳанда тартиб дода, ба воситаи онҳо истифодаи аналогия, синтез, анализ, мушахасгардони ва сохтани моделҳо, мафҳумҳои математикӣ ва ба тафаккур такя намуданро ба хонандагон омӯзонем.

Барои ба ин мақсадҳо ноил шудан ба мафҳуми масъала хонандагонро бояд ошно намуда, моҳияти онро шарҳ диҳем.

Калимаи "масъала" дар ҳаёт ва соҳаҳои мухталифи илму фан басо васеъ истифода бурда мешавад. Бо ин истилоҳ мафҳумҳои хеле зиёд ва дар айни ҳол мухталиф ҳам ифода карда шудаанд. Аз ин ҷост, ки таърифи мафҳуми масъала то ба ҳол вуҷуд надорад.

Дар мантиқ чунин ақида аст, ки мувофиқи он талаботи иҷрои ягон амалиётеро, ки онро номбар менамоянд ё тасаввур кардани он имконпазир аст, масъала меноманд. Вале чунин талабот ҳамчун **супориш** низ фаҳмида мешавад.

Гарчанд таърифи илмии мафҳуми масъала то ҳанӯз вуҷуд надошта бошад ҳам, вале математикон, психологҳою педагогҳо, методистон ва дигарон дар рисолаю асарҳои худ ба он таърифҳои гуногун додаанд. Масалан, мувофиқи ақидаи педагог ва математики маъруф С.О.Шатуновский масъала гуфта баёни талаботи аз рӯй ашёи "додашуда" "ёфтани" ашёи "матлуб"-еро меноманд, ки онҳо нисбат ба ҳамдигар ва ашёи додашуда дар муносибати муайян мебошанд [21;6].

Манбаъҳои пайдоиши масъала кадомҳоянд ва ё бо суханони дигар, масъалаҳо аз куҷо ва чӣ тавр пайдо мешаванд? Муқаррар гардидааст, ки манбаи асосии масъалаҳоро **"вазъиятҳои проблемавӣ"** ташкил медиҳанд. Дар зери мафҳуми вазъиятҳои проблемавӣ вазъиятҳое дар назар дошта мешаванд, ки онҳо ҳангоми ягон мушкили садди роҳи иҷрои мақсади дар назди шахс гузошта ба вуҷуд меоянд.

Фридман Л. М. дар асари "Логико – психологический анализ школных учебных задач" [20;110] мафҳуми масъаларо аз нуқтаи назари педагогию психологӣ ва илмию таълимӣ баҳо додааст. Вай қайд менамояд, ки истиллоҳи масъала дар ҳаёт ва илм васеъ истифода мегардад. Бо ин истиллоҳ мафҳумҳои зиёд ва гуногунро то ин дам ифода намудаанд. Дар ин асараш Фридман Л.М. назари педагогӣ, психологӣ, ва мантиқию кибернитикии якчанд методистонро ҷамъовари намуда, ақидаҳои онҳоро баён намудааст.

Аз ҷумла, дар мантиқ проблемаи масъала қариб, ки дида баромада нашудааст. Танҳо қисман мафҳуми ба он наздик "савол" омӯхта шудааст. Таърихи омӯзиши ин мафҳум дар корҳои В.Ф.Беков ва Ф.С.Лимонтов пурра дарҷ гардидаанд [8;76]. Лимотов Ф.С. қайд мекунад, ки мафҳуми проблемавӣ ва ҳолати масъалавиро аз мафҳуми "савол", "масъала" ва "проблема" фарқ бояд кард. Мафҳуми охирон фактҳои зеҳн ва шакл мебошад, ки протсесси ташаккули объективиро инъикос менамояд.

Аз ин се мафҳум Лимонтов Ф.С. мафҳуми "масъала"-ро ҳамчун талаботи иҷрои баъзе фаъолият меҳисобад. Дар баробари ин масъалаҳоро ба интизоми ва кашфкунанда (информатсионӣ) ҷудо намуда, ёфтани маълумот дар фаъолияти тадқиқотиро на танҳо натиҷаи номаълум балки протсесси хусусии масъала хонда, мафҳуми "савол"-ро шакли мантиқии элементҳои ҳар як проблема ба ғайр аз масъала қабул дорад [8;76].

Дар адабиёти психологӣ тафсирҳои гуногуни мафҳуми масъала ҷой доранд. Балл Г.А. дар асри худ [1;65] "оиди мазмуни масъала нишон додааст, ки худи масъаларо ҳеҷгоҳ аниқ муайяншуда ҳисобидан номумкин аст" ва дар баробари ин муҳақиқ қайд менамояд, ки истиллоҳи "масъала" дар адабиётҳои психологӣ ва педагогӣ барои ифодаи объектҳо истифода гардида ба се категорияҳои гуногун тааллуқ доранд:

*1) категорияи мақсади субъективӣ, яъне гузоштани талабот дар назди субъект;*

*2) категорияҳои ҳолатӣ, яъне дар қатори категорияи мақсад ояд, ки амалӣ гардад;*

*3) категорияи ташаккули ҳолат.*

Ба ақидаи Балл дар адабиёти психологӣ истиллоҳӣ "масъала" барои объектҳои категорияи дуввум бештар истифода мегардад. Объектҳои категорияи якумро бо истиллоҳои "мақсади фаъолият" ё "талаботи масъала" ифода намуда, объекти сеюми категорияро бо истиллоҳи "ташаккули масъала" ифода кардан мумкин аст. Истиллоҳи "вазъияти проблемавӣ" барои ифодаи объектҳои категорияҳои дуввум васеъ истифодашавандаанд ва онро барои истифодаи баъзе синфи ин объектҳо максаднок меҳисобад.

Аз таҳлили гуногуни тафсирҳо Балл пай дар пайии масъалаҳои муайянро ба маъноҳои дуюми ин ибора чунин шарҳ медиҳад:

1. *Масъала ин ҳолати аз субъект баъзе ҳаракатҳоро талабкунанда аст;*
2. *Масъалаҳои зеҳнӣ – ин ҳолати аз субъект фаъолияти ёфтани номаълумро дар асосӣ алоқаи он бо маълум мебошад;*
3. *масъалаи проблемавӣ ё ин, ки вазъияти проблемавӣ – ин ёфтани номаълум аз тарафи субъект дар асоси алоқаи он бо маълум, ки онро субъект идора намекунад дар назар дошта шудааст.*

Аммо ин пай дар пайии масъалаҳои муайяни ҳосил намудаи Балл нуқтаи нарзари на он қадар зиёде аз психологҳоро дар бар мегирад.

Масъалаҳое, ки дар системаи якҷоягии субъект–объект ба амал меояд, барои субъек бо тарзи махсус ҳал гардида, аз ҷониби Понамарёв Я.А. ҳамчун намуди махсуси масъала дида баромада шудааст [14;52].

Рейтманов У.Р. дар китоби "познание и мышление" истилоҳи масъаларо ниҳоят дар ҳолатҳои гуногун истифода намудааст [16;11]. Аз ҷумла ҳангоми кофтани маълумот ё ҳолате, ки масъала дар назди касе бо мақсаде гузошта мешавад ва ғайра.

Эсаулов А.Ф ақидаи У.Р.Рейтмоновро бобарор ҳисобида, мегӯяд, ки "масъала – ин муайянкунии системаи протсессҳои информатсионии бетасдиқ ё ин, ки муносибати муқобили байни онҳо буда, дар натиҷа ташаккули талаботро ба миён меоварад" [22;82].

Дар адабиёти кибернитикӣ ва илмӣ – техникӣ таҳлилҳои шавқоваре оиди тафсири масъала во мехӯранд. Онҳо масъаларо бо мафҳуми гузариш (кӯчонидан) аз як ҳолат ба ҳолати дигари система алоқаманд менамоянд.

Э. Крик дар китоби "Введения в инженерное дело" нишон медиҳад, ки ҳар вакте, ки аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштан лозим меояд масъала пайдо мешавад [6;117].

Масъалаҳое, ки дар ҳаёт ва дар таълимӣ амалӣ во мехӯранд аз рӯй мафҳум ва шарташон чунин гуногуншакланд, ки дар ин бисёршаклӣ хусусиятҳои умумии ин вариантҳоро ёфтан амри маҳол аст. Аммо таҳлили бодиққати масъала имконият медиҳад, ки қисмҳои масъала муайян карда шаванд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дилхоҳ масъала аз қисмҳои зерин иборат аст. Қисми якуми масъала **соҳаи фаннии** он буда, сухан дар бораи синфи объектҳои қайдшуда меравад.

Қисми дуввуми масъала **муносибати объектҳое**, ки бо соҳаи предметӣ алоқаманданд ҳисобида мешаванд. Элементҳои соҳаи фаннӣ ва муносибатро ба доимӣ ва ивазшаванда ҷудо менамоянд. Он элементҳо ва муносибатҳое, ки пурра бо шарти масъала муайян гардидаанд доимӣ буда, онҳое ивазшаванда номида мешаванд, ки дилхоҳ мазмунро аз дилхоҳ маҷмуъ қабул мекунанд. Элементҳои соҳаи фаннӣ ва муносибатии қисми масъала маълум ҳисобида мешавад, агар дар шарти масъала моҳияти он аниқ нишон дода шуда бошад. Дар ҳолати баръакс онро номаълум меҳисобанд.

Қисми севвуми масъала **талаботи масъала** буда, нишон додани мақсади ҳалл ва дар натиҷа муайян кардани он шарт аст.

Қисми охирони он қисми чорумаш ин **аператори масъала** мебошад. Дар зери мафҳуми оператори масъала маҷмуи иҷрои ҳаракатҳое, ки талаботи шарти масъала ҳастан ифода меёбанд. Оператори масъала нисбати се қисми ташкилдиҳандаи он одатан дар шаклдарории масъала айён гардида, бо талаботҳои масъала дода мешавад.

Қ. У Осимов дар асари "Методи ҳалли масъалаҳои математикӣ" [11;7] дарҷ намудааст, ки мамониятҳо гуногунтабиат шуда метавонанд: он аз норасоӣ ё номувофиқии дониш, восита ва тарзҳои татбиқи дониш, зарурияти иҷрои ягон амалиёти маълум ё номаълум, интихоби

тарзу воситаҳое, ки ба мақсади гузошташуда ноил мегардонанд ва монанди инҳо иборат буданаш мумкин аст.

Вақте ки шахс (субъект) дар аснои амалиёти худ ба вазъияти проблемавӣ дучор меояд, ӯ одатан барои аз он раҳоӣ ёфтан мекӯшад. Ба ин мақсад ӯ вазъияти мазкурро фикран таҳлил мекунад, қисмҳои таркибии онро ошкор месозад, робитаю муносибатҳои дар байни онҳо мавҷудбударо дарк мекунад. Натиҷаҳои чунин таҳлилро ба воситаи матн ё рамз ва ё ин, ки бо ёрии нақшаю рақамҳо, ки ҳамаи онҳо қисмати ягон забон ( забони гуфтугӯ ё илмӣ ) мебошанд ифода месозад. Дар натиҷа баёни вазъияти проблемавӣ ҳосил мегардад, ки мо онро модели вазъияти мазкур мегӯем. Ана ҳамин **модели вазъияти проблемавиро масъала** номидан ҷоиз аст.

Бешак, масъала ва вазъияти проблемавӣ, ки модели нишонавии онро масъала гуфтем, гарчанд аз ҷиҳати сохт монанд бошанд ҳам, чизҳои гуногунанд. Тафовути муҳимтарини байни онҳоро дар он бояд дид, ки элементи марказии вазъияти проблемавӣ аз субъект иборат аст, бинобар ин онро ба субъекти дигар “гузаронида” наметавонем. Аммо масъала бошад объекти нишонавист ва онро ба субъекти дигар гузаронидан, ба вай нақл кардан мумкин аст. Аз ҳамин лиҳоз, масъаларо тартиб додан, онро аз сари нав сохтан, тағир додан мумкин мебошад.

Дар протсесси таълим аксаран масъалаҳои тайёрро мегиранд, ки онҳоро каси дигар тартиб додааст ва ӯро, бе шубҳа аз вазъиятҳои проблемавии реалӣ ҳосил намудаанд. Дар чунин мавриди протсесси тафаккури талабот аз «қабулкунии» масъала сар мешавад. Талаба ба андозаи бо масъала шиносшавии худ ё онро қабул мекунад ва ё ин, ки онро рад менамояд.

Аломати “қабулшави”-и масъала аз он иборат аст, ки талаба баъзе шартҳои масъаларо бо табъи худ баён кардани мешавад, калима ё ибораеро тағийр медиҳад, ҷойҳои алоҳидаи онро низ иваз мекунад ва ғ. , яъне масъаларо аз они худ меҳисобад. Дар ин мавриди талаба, зоҳиран, масъалаи худашро тартиб медиҳад, ки он **модели субъективии** масъалаи ба ӯ додашударо ифода месозад. Фақат дар ҳамин ҳолат барои аз тарафи ӯ мустаҳқилона ҳал кардани масъала имконият фароҳам оварда мешавад. Дар акси ҳол талаба дар потсесси масъала ҳалкуни иштирок накарда, танҳо аз паси муаллим ё талабаи дигаре, ки дар лавҳаи синф менависад бо рӯбардоркунӣ худро маҳдуд мекунад ва дар хотирааш чизе намемонад.

Аз нигоҳи психологӣ масъала дар навбати худ аз вазъияти прблемавӣ пайдо мешавад ва бо он зич алоқаманд аст. Вале, одатан, масъалаҳои проблемавӣ аз масъала боз фарқ мекунанд. Вазъияти проблемавӣ тавсиф медиҳад, ки шахс дар протсесси фаъолияти худ ба чизи номаълум, номафҳум ва ташвишовар дучор шудааст. Протсесси тафаккур аз таҳлили ҳамин гуна вазъияти проблемавӣ сар мешавад. Шахс дар асоси таҳлили масъала ба таври пешакӣ тахмин менамояд, маълумро аз номаълум ҷудо мекунад ва роҳи ҳалли масъаларо пешакӣ дида мебарояд. Инчунин шахс шарту шароитҳои масъаларо мефаҳмад, яъне масъалаҳои таълимӣ математика воситаи асосии аз худ намудани мафҳумҳо, методҳо ва умуман назарияи математика ҳисоб мешаванд.

Бо асоси педагогӣ истифодабарии масъала дар таълими муосири мактаб табиӣ аст, ки предмети татқиқотии махсус дар методикаи таълими математика мебошад. Вазъияти проблемавии гузориши масъала дар протсесси таълими математика ҳалли қонеъкунандаи худро аз нуқтаи назарӣ масъалаҳои таълимӣ, максаднокӣ, ҳақиқӣ ё ғайриҳақиқӣ ё ин, ки тасвири онҳо дар намуди системаҳои пурра то ҳол наёфтааст.

Дар алоқамандӣ ва ин гуфтаҳои боло ақидаи педагог ва математикӣ машҳур Д.Пойаро қайд намудан ба маврид аст [13;173]. Ӯ худ савол мегузорад, ки математикаро аз бар кардан чӣ маъно дорад? Ва ҷавоб медиҳад: ин маҳорати ҳал намудани масъаларо дорад. Нисфи дарси математика дар мактаб ба ҳалли масъала бахшида мешавад. Таълими математика бо ёрии ҳалли масъалаҳо ба амал меояд.

Дар боло сухан умуман дар бораи масъала рафт. Акнун савол ба миён меояд: масъалаи математикӣ чист? Масъалаҳои математикӣ таърифи зиёд доранд. Масалан А. А. Столяр дар “Педагогика математики” [18;115] масъаларо ҳамчун воситаи инкишофи фаъолияти математикии хонандагон ҳисобида , дар зери ин мафҳум талаботи ёфтани соҳаи ҳаққонияти

$$M(x_1, x_2, \dots, x_к)[(X_1, X_2, \dots, X_К)(€A_1 * A_2 * \dots * A_К \wedge \varphi(p_1, p_2, \dots, p_n))]$$

-ро мефаҳмад; дар инҷо: $A_1, A_2, \ldots, A_K$ маҷмуъҳо (соҳаи предметӣ), ки масъалаҳо аз онҳо ба амал меоянд; $P_1, P_2, \ldots, P$ –предикатҳо (муносибати байни элементҳоро муқаррар мекунанд); $\varphi(P_1, P_2, .., P_n)$ –фу нксияи мантиқӣ. А. Столяр мешуморад, ки ба ин схема ҳамаи масъалаҳо, бидуни масалаҳо оид ба исбот дохил мешавад. Аммо ,чӣ тавре ,ки мебинем, ин таъриф басо душворфаҳм аст.

Методистӣ намоёни адҳди шуравӣ В.М.Брадис дар “Методика преподавания математики в средний школе” [2;215] ба масъала таъриф надода, онро ба се гурӯҳ: 1) масъалаҳо, мисолҳо; 2)масъалаҳо –ҳисоббарориҳо; 3)масъалаҳои инкишофдиҳанда ҷудо мекунад.

Ба он эътибор медиҳем, ки дар таснифоти ин педагоги намоён масъалаҳои инкишофдиҳанда ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо гардидааст.

Методист Н.В Метелский қайд мекунад ,ки масъала мафҳуми таърифнашаванда аст ва он чӣ ки ҳал карданро талаб мекунад, масъала меноманд [9;175].

Ба ҳамин тариқ дар ҳоло таърифи саҳеҳи масъалаи математикӣ вуҷуд надорад, зеро масъала объекти омӯзиши фанҳои гуногун мебошад. Ҳатто оид ба масъалаҳо ва машқ (мисол) низ ақидаҳои мухталиф вуҷуд доранд.

В.М.Брадис ҳисоб мекунад, ки масъала ва машқ ҳамон як маъноро дорад. П.Эрдниев тасдиқ мекунад, ки масъала қисми мисол аст. Методист Г.П.Бевз [3;154] қисми умумии масъала ва машқро масъалаҳои математикии мактабӣ меҳисобад.

Вобаста ба талабот масъалаҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд: масъалаҳо доир ба исбот, ҳисоббарорӣ, созиш ва татқиқот. Намунаи масъала оид ба татқиқот: Оё бисёрруяе вуҷуд дорад, ки 7-то теға дошта бошад? Баъзе муалифон масъалаҳоро аз рӯй миқдори ҳал тасниф мекунанд. Агар масъала 0-ҳал дошта бошад – ингуна масъала мухолиф, 1, 2, , n ҳал дошта бошад-муайян ва беохир ҳал дошта бошад номуайян ва беохир ном доранд. Ба ин классификатсия масъалаҳо доир ба исбот ва татқиқот дохил намешаванд. Дар курси математикаи мактабӣ намудҳои гуногуни масъалаҳо дучор меоянд. Масалан: муодилае тартиб диҳед, ки решаҳои он ба 2 ва 3 баробар бошанд. Ин масъала ба кадом тип (намуд)-и масъалаҳо дохил мешавад? Аз рӯи ақидаҳои баъзе муалифон, чунончӣ Метельский Н.В. масъалаҳо муайян, номуайян ва азҳад муайян мешаванд. Аммо ингуна намудҷудокунии (типизатсияи) масъалаҳо чандон мувофиқ нест. Агар аз масъалаи додашуда дигар масъалаҳоро ҷудо кардан мумкин набошад, онро содда ва дар ҳолати баръакс- мураккаб меноманд. Дар адабиёти методӣ ҷудо намудани масъалаҳо боз ба арифметикӣ, алгебравӣ, геометрӣ, тригонометрӣ ва аналитикӣ вомехурад, ки ин шартан аст. Зеро ҳамон як масъалаи матниро ҳам ба тарзи арифметикӣ ва ҳам бо усули алгебравӣ ҳал кардан мумкин аст. Бинобар ин классификатсияи масъала аз рӯи тарзи ҳал иҷро шаванда нест.

Мувофиқи мақсадҳои дидактикӣ масъалаҳоро ба се намуд ҷудо мекунанд: 1) донишдиҳанда (маърифатӣ); 2) машқӣ (ба амал овардани малака ва маҳорати устувор); 3) инкишофдиҳанда (эҷодиёти тафаккурро талаб мекунад). Ба ингуна масъалаҳо- масъалаҳои ғайристандартӣ, ки дар китобҳои дарсии нав миқдорашон хеле зиёданд, дохил мешаванд.

Масъалаҳоро инчунин аз рӯй раванди ҳал ва ба кадом намуди тафаккур дохил шуданашон ба алгоритмӣ, нималгоритмӣ (нимэвристикӣ) ва эврестикӣ ҷудо менамоянд. Масъалаҳои донишдиҳанда ба нималгоритмӣ, инкишофдиҳанда ба эврестикӣ ва машқдиҳанда ба алгоритмӣ дохиланд.

Ҳалли муодилаи квадратӣ, ёфтани қимати ададии ифодаҳои алгебравӣ, масоҳат ва ҳаҷми фигураҳо аз рӯйи формулаҳо ва ҳоказо ба масъалаҳои алгоритмӣ дохил мешаванд. Аксарияти масъалаҳои геометрӣ бо тарзи нимэвристикӣ ва эвристикӣ ҳал карда мешаванд.

Дар адабиёти ба забони тоҷикӣ нашр шуда оид ба мафҳуми масъалаи математикӣ Қ. У.Осимов ва Л.М Фридман дар дастури барои муаллим тавсия шудаи «Методҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ « [11;19] ақидаҳои худро дарҷ кардаанд. Масъалаҳоро дар курси математикаи мактаби ба ду намуд – масъалаҳои амалӣ ( матни ё мундариҷагӣ ) ва масъалаҳои математикӣ ҷудо намудаанд. **Масъалаҳои математикӣ** гуфта чунин масъалаҳоеро меноманд, ки он бо забони математикӣ бо истифодаи ночизи калимаҳои забони модарӣ баён меёбад ва ҳалли он дар асоси донишҳои курси мактабии математика иҷро карда мешавад.

**Масъалаҳои амалӣ** гуфта чунин масъаҳоеро griменоманд, ки онҳо бо забони модарӣ бо истифодаи камтарини ишораҳои математикӣ баён гардидаанд ва аз модели вазъияти реалии проблемавӣ иборат мебошанд. Дар онҳо мундариҷаи реалие тавсиф ёфтаанд

Агар барои аксарияти масъалаҳои математикӣ сохтани моделҳои ёрирасон зарур набошад, барои масъалаҳои амалӣ одатан, сохтани модели ёрирасон зарур шуда мемонад. Бе ин гуна моделҳо якбора сохтани модели математикии масъалаи амалии додашуда аксаран ниҳоят мушкил мешавад ва баъзан имконнопазир аст.

Модели ёрирасон ин навишти шартӣ, ифодаи схематикии ҳамаи шартҳо ва талаботи масъала мебошад. Чунки моделро дар натиҷаи ҷамъбасткунии вазъияти конкретие, ки дар матни масъала тавсиф ёфтааст, ҳосил менамоянд. Ин гуна ҷамъбасткуниҳо ба воситаи аз хислатҳои каммоҳияти баёншуда даст кашида, абстраксия кардани вазъият ба даст дароварда мешавад.

Моделҳои ёрирасони масъалаҳои амалиро барои он месозанд, ки созиши моделҳои математикии он масъалаҳо осон шавад. Дар баъзе мавридҳо модели ёрирасон дар як вақт ба сифати модели математикии масъалаи амалии додашуда хизмат карданаш ҳам мумкин аст.

Л.М. Фридман дар китоб барои хонандагон « Как научится решать задачи «[19;53] оид ба намудҳои масъалаҳо барои омӯхтан ва шинохтан сухан ронда чунин ақида баён кардааст. Вақте, ки ба ҳал кардани дилхоҳ масъала шуруъ менамоем, пеш аз ҳама мехоҳем донем ки: ин чигуна масъала аст? Ба ибораи дигар масъаларо мебояд, ки шинохт.

Агар мо аз уҳдаи ин амал баромада тавонем, яъне намуд ва типи масъаларо муайян созем бо ин рафторамон қадами аввал ва муҳим барои ҳалли масъала мегузорем. Зеро ҳангоми намуди масъаларо шинохтан дар аксар мавридҳо тарз ва усули ҳалли онро низ ба даст меорем, чунки дар курси математикӣ барои намудҳои зиёди масъалаҳо қоидаи умумии ҳалли онҳо ҷой дорад.

Фридман Л.М. савол мегузорад, ки масъаларо чӣ тавр бояд шинохт? Барои ҷавоб ба ин савол бояд, ки намудҳои асосии масъалаҳои математикӣ ва нишонаҳои онҳоро донист. Нишонаи аввалини масъалаҳои математикӣ ба намудҳои алоҳида ё ин, ки синфҳо ҷудо кардан аст, ки ин аз хусусияти талаботи масъала бармеояд.

Нишонаи гурӯҳӣ дуюми масъалаҳо дар он аст, ки ба дурустии баъзе тасдиқотҳо бовари ҳосил намуда, нодурустии ин тасдиқотро санҷида дар охир сабаби ҷой доштани ин ё он мавҷудот ё фактҳоро баён карда тавонем.

Ҳамаи масъалаҳое, ки талаботашон аз ибораҳои «исбот», «санҷидан» оғоз гардида, ё ин, ки саволи « Барои чӣ»-ро дар бар мегиранд ба ҳамин гуруӯҳи масъалаҳо тааллуқ доранд.

Масъалаҳое ба гурӯҳи сеюм тааллуқ дошта метавонанд, ки дар онҳо дигаргункунии ягон ифода, соддакунии он, тағийршаклӣ он, ва сохтани чизе талаб карда мешавад.

Ин гурӯҳӣ масъалаҳо низ бисёраъзо ва гуногунанд. Хусусияти асосии масъалаҳои ин гурӯҳ дар он аст, ки дар ҳар яке аз онҳо ягон объектҳо дода шудаанд ва талаб карда мешавад, ки аз онҳо ягон объекти дигар бо хусусияти маълуми пешина тартиб дода объекти нав созем.

Ҳар кадоме аз се гурӯҳҳои масъалаҳои нишондодашуда, дар навбати худ, боз ба як қатор намудҳо ҷудо мешаванд. Барои он, ки намуди масъаларо муайян кард, диққати махсус ба таҳлили талаботи масъала дода мешавад. Баъзан дар худи талаботи масъала намуди он нишон дода шудааст. Аммо дар бисёре аз онҳо намуди масъала дар талабот ишора нагардида, танҳо таҳлили ин талабот барои муайян кардани намуди масъала ёри мерасонад.

Умуман Фридман Л.М. намудҳои масъалаҳоро дар курси математикаи мактабӣ ин тавр ҷудо кардааст [19;54].

Масъалаҳоро аз рӯй хислаташон ба объектҳо ба ду намуд: **амалӣ (ҳақиқӣ) ва математикӣ,** аз рӯй муносибаташон ба назарияҳо ба намудҳои **стандартӣ ва ғайристандартӣ,** аз рӯй хислати талаботҳояшон ба се намуд: **ёфтани дархостшудаҳо, дигаргуни ё ин ки созиш, исбот ё ин ки баёнот** ҷудо намудаанд.

Доир ба намудҳои масъалаҳои математикӣ муффасал маълумотҳоро баён намудем, акнун дида мебароем, ки онҳо чи гуна функсияҳоро иҷро мекунанд.

Дар асари методии муаллифон Оганесян В.А. ва др. функсияҳои зерини масъалаҳо дар таълими математика қайд гардидаанд [12;133] :

*1.Функсияи таълимии масъала;*

*2. Функсияи тарбиявии масъала;*

*3. Функсияи инкишофдиҳии масъала;*

*4. Функсияи назоратии масъала;*

*5. Амаликунонии функсияҳои гуногуни масъала дар протсесс ва ҳалли он.*

Дар «Методикаи таълими математика» И.Ғуломов [4;45] низ қайд кардааст, ки масъалаҳо дар таълим асосан чор функсия доранд: таълимӣ, тарбиявӣ, инкишофдиҳӣ ва санҷишӣ. Функсияи таълимии масъаларо барнома ва китоби дарсӣ муайян мекунад. Ҳангоми ҳалли масъалаи математикӣ хонанда дониши математикӣ мегирад. Функсияи тарбиявии масъала аз мақсади гузоштаи давлат, функсияи инкишофдиҳӣ аз корҳои тадқиқотии психологҳою педагогҳо бармеоянд.

Ҳар як ин функсияҳоро дар алоҳидагӣ дида мебароем. Аммо қабл аз ҳама баъзе қайдҳои умумиро доир ба функсияҳои масъалаҳо ифода кардан зарур аст. Таҷрибаҳои таълими математика нишон медиҳанд,ки масъалаи мушаххас, ки дар ин ё он сатҳи таълим гузошта ва ҳал карда мешавад, дар худ функсияҳои гуногунро доранд. Ин функсияҳо бо шартҳои мувофиқ, аниқ ё ин, ки рӯйпӯш дода мешаванд. Масъалаҳое, ки ақалан яке аз ин функсияҳои мушаххасро дошта бошанд, онгоҳ он функсия масъалаи таълимии додашударо пешбари менамояд.

Колягин Ю.М. дар “Задачи в обучении математике” [5;101] функсияҳои масъаларо дар системаи тарбиявӣ ва инкишофдиҳии таълими математика чунин баён кардааст. “Дар тадқиқотҳои дидактикӣ функсияҳои масъала ва алоқамандии онҳо бо ин ё он намудҳои масъала, ки дар протсесси таълим истифода мегарданд во мехӯранд”. Дар ин асараш вай ақидаҳои якчанд методистонро дарҷ намудааст.

М.Н.Скаткин баён дорад, ки хусусияти ингуна масъалаҳо он аст, ки хонандагонро ба мустаҳқилона масъалаҳалкунӣ ва худомузии мустақилона такон медиҳанд [17;11].

Лернер И.Я. таълими азхудкунии масъалаҳоро муайян карда, нишон додааст, ки функсияи асосии чунин масъалаҳо дар таълими информатсионии хонандагон амалӣ мегарданд. Ингуна масъалаҳо ба гӯфтаи ӯ аз ҷониби омӯзгор пешниҳод ва ҳал карда мешаванд. Дар ин маврид ба хонандагон нақши мушоҳидакори мерасад. Ин функсияро Лернер ташаккулдодани маҳорат ва малакаи хонандагон номида, қайд мекунад, ки онҳо дар масъалаҳои машққардашуда во мехӯранд. Дар баробари он вай барои масъалаҳо функсияи **асосии кофтуковиро** ҷудо кардааст, ин функсия маҳорати хонандагонро дар асоси донишҳояшон ташаккул дода имконияти дониши нав гирифтанро медиҳад [7;21].

Рузин Н.К. диққати махсус ба масъалаҳое, ки функсияи инкишофдиҳанда доранд додааст. Ба ингуна масъалаҳо онҳоеро дохил намудааст, ки дар хонандагон маҳорати амалҳои фикриро ташаккул медиҳанд. Дар корҳои дидактикии ифода гардида, функсияи умумии масъала- ин ташаккулдиҳанда ва инкишофдиҳанда муайян карда шудааст [15;31].

Акнун функсияҳои масъаларо дар методикаи таълими математика дида мебароем.

Яке аз аввалинҳо шуда Нешков К.И. функсияҳои масъала дар таълими математикаро бо маърузаашон мавриди муҳокимаи методистон ва муаллимони математика қарор додаанд [10;4]. Муҳаққиқони маъруза қайд менамоянд, ки “мақсадҳои асосии таълими математика таълими ҳалли масъалаҳо мебошанд. Аммо барои ба даст овардани ҳар яки ин мақсадҳо зарур аст, ки масъалаҳо, системаи мувофиқи масъалаҳо ва методикаи таълими ҳалли онҳо сохта шаванд. Дар баробари ин масъалаҳо низ бояд, ки функсияҳои зерини худ: дидактикӣ, омӯзишӣ ва инкишофдиҳандаро иҷро намоянд”.

Нешков К.И пешниҳод намудаанд, ки масъалаҳоро бо функсияҳои асосияшон аз рӯи хусусиятҳои зерин фарқ бояд кард:

а) масъала бо функсияи дидактикӣ – ин истифодаи назарияи омӯхташуда ё ин, ки вабостагии дидабаромадашуда бо далелҳои курси математикаи мактабӣ мебошад;

б) масъала бо функсияи омӯзиши - ин протсесси ҳалли масъала аст, ки дар натиҷаи он хонандагон ҷанбаҳои нави маводи омӯхташавандаро аз худ намуда, маълумот ва муносибатҳои омӯзиши назариявиро аз бар мекунанд;

в) масъалаҳо бо функсияҳои инкишофдиҳанда – ин масъалаҳое ҳастанд, ки аз курси математикаи мактабӣ берун буда, ҳангоми ҳалли чунин масъалаҳо хонандагонро мебояд, ки маҳорати эҷодкорӣ ва фикркарданро омӯзанд.

Умуман функсияи масъала дар таълими математика пеш аз ҳама бо мақсадҳои умумӣ ва мушаххаси таълим дар шарти ин ё он масъалаи гузошта шуда, вобаста аст.

Дар кори Н. К. Рузин [15;33] сифатҳои асосии аз худкунӣ, инкишофдиҳӣ ва функсияҳои амалӣ муайян шуда, ба ақидаи он аз ҳар як функсияҳои таълимии масъала хусусияти тарбиявии таълим бар меояд. Функсияҳои таълими ва инкишофдиҳандаи масъалаҳоро татқиқотчӣ шарҳ дода, қайд мекунад:

Мавқеъи функсияҳои масъалаҳои таълими хислати динамикӣ дорад. Вобаста аз шарти таълим функсияи ниҳоншуда метавонад маълум гашта, функсияи пешбаранда амалинашаванда гардад. Татқиқот нишон медиҳанд, ки омӯзгор дар бисёр мавридҳо функсияҳои пешбарандаро дар ин ё он масъала нодида мегирад.

Яке аз вазифаҳои муҳимми таълими математикаи мактабӣ системакунонии масъалаҳои мактабӣ буда, бояд ба мақсади асосӣ ҷавобгӯ бошанд. Ҳар як масъала ё ин, ки гурӯҳҳӣ масъалаҳо бояд ба амаликунонии мақсади амиқи таълим равона гарданд.

Чӣ тавре, ки маълум аст қисмати асосии таълими математикаи мактабӣ худи таълим, тарбия ва инкишофи тафаккури математикии хонандагон ба ҳисоб меравад. Мақсаднок мегардад агар ҳамчун функсияҳои пешбарандаи масъала функсияҳои таълимдиҳӣ, тарбиядиҳӣ ва инкишофдиҳандаро ба ҳисоб гирем.

Ҳеҷ як функсияи асосии масъалаи додашуда дар амалия ҳаргиз аз якдигар ҷудо амалӣ намегарданд. Масалан, ҳар як таълим инкишоф медиҳад, агар он дуруст ба роҳ монда шуда бошад. Аммо функсияи пешбарандаи масъала ва гузориши он мақсади асосии хонандагон мебошад. Ва амаликунонияш бояд,ки дар навбати аввал истад.

Дар амалияи таълим масъасъалаҳое истифода мешаванд, ки дар худ на як аз функсияҳои пешбаранда, балки ду ва ҳатто ҳарсеи функсияҳоро ба сифати пешбаранда доранд. Хислати муҳимми дидактикаро, ки функсияи омӯзиши масъалаҳо мебошад, ба инобат гирифта, дар инҷо бо масъалаҳое, ки ба сифати пешбаранда, функсияҳои таълими ва инкишофдиҳандаро доранд сару кор мегирем.

Мақсади омӯзиши математика пеш аз ҳама мафҳум ва сатҳи ташаккули ин мафҳумҳоро муайян намудан дар барномаи таълими мебошад. Бинобар ин, ҳангоми муайян намудани функсияҳои таълимии, масъала барнома, таълим, талаботи барномаи таълими ва асосҳои дидактика бояд, ки дар навбати аввал бошанд. Ҳангоми муайян кардани функсияҳои инкишофдиҳандаи масъала аз натиҷаи татқиқотҳои психологии тафаккур, кибернетика ва психологияи педагогӣ истифода карда, аз амалӣ намудани протсесси таълими мактабӣ бояд, ки бо осони баромада тавонем.

Натиҷаҳои назариявӣ ва эксперементалии гузаронидашуда, барои муайян кардани функсияҳои таълимии масъала, ки дар таълими мактаб хусусан дар таълими математика истифода карда мешаванд асос мегарданд.

**1.** Дар зери **функсияҳои таълими**и масъала функсияҳое фаҳмида мешаванд, ки системаи математикии дониш, маҳорату малакаи хонандагонро дар сатҳҳои гуногуни омӯзиши ташаккул медиҳанд.

Функсияҳои таълимии масъаларо ба функсияҳои дорои хислатҳои умумӣ, хусусӣ ва конкретӣ ҷудо намудан мумкин аст. Дар зери мафҳуми умумии функсияҳои таълими, функсияи масъалаҳое фаҳмида мешаванд, ки дар рафти таълими на танҳо математика, балки ҳамаи предметҳо дар сиклӣ математикӣ ҷой доранд.

Функсияҳои таълимии хусусии масъала – ин функсияҳои умумие ҳастанд, ки танҳо барои таълими математика сохта шудаанд. Функсияҳои конкретии масъала ҳамчун намудҳои хусусии функсияҳои махсуси онҳо фаҳмида мешаванд.

Доир ба гуфтаҳои боло дар хонандагон бо воситаи масъала баъзе мафҳумҳоро аз ҷумла: таълими умумии функсияи ин масъалаҳо; тасвири ададҳои натуралӣ бо функсияҳои махсуси таълими масъала; фаҳмиши адади сифрро ҳамчун функсияи конкретии таълими масъала ба шакл дароварда, ташаккул додан мумкин аст.

Ба функсияҳои таълимии масъала онҳое таалуқ доранд, ки барои дар хонандагон ташаккул додани фаҳмишҳои асосии зерин истифода мешаванд: алоқаи гуногуни байни мафҳумҳо; идеяҳои пешбаранда; қонунҳо, принсипҳо, мавқеъ, алоқаи гуногуни байни идеяҳои пешбаранда, таҳлилҳо, сохти мувофиқи байни онҳо ва ғ.; намудҳои асосии хулосабарориҳо,

тарз ва усули гузаронидани онҳо; маҳорат ва малакаҳои пешбаранда, хислатҳои таълимии фанни додашуда; маҳорат ва малакаи истифодабарии термин ва рамзҳои мувофиқ; маҳорат ва малакаи моделкунонии барномаи таълими; маҳорат ва малакаи муносибат бо тадқизотҳо, асбобҳо ҷадвалҳо, китобҳои таълимӣ, маълумотӣ ва ғ.

Феҳристи функсияҳои таълимии махсус ва конкретии масъалаҳоро амалан овардан номумкин буда, ҳатто лозим ҳам нест, зеро маҷмӯи минималии онҳо пурра бо мафҳуми курси математикаи мактабӣ муайян гардидаанд.

**2.** Дар зери мафҳуми **функсияҳои тарбиявӣ** функсияи масъалаҳое фаҳмида мешаванд, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии диалектикӣ – материалӣ, шавқ ва мустаҳқилияти омӯзиш, маҳорати таълимии меҳнат, тарбия нигоҳ ва ақидаҳои сиёсӣ, ҳамчунин ба хислатҳои ахлоқи равона гардидаанд.

Элементҳои тарбиявии хонандагон ба воситаи ҳал кардани масъала амалӣ мегарданд. Ҳамчунин бояд, ки омӯзгор пешаки бо тарзи муайянкардашуда ба барнома дохил бошад. Дар протсесси ҳалли масъала бояд, ки нишиндодҳо ва дарккуниҳо аз тарафи хонанда таъмин гардад.

Дар амалияи таълими математика функсияи тарбиявии масъала ҳамчун ҷиҳати пешбаранда кам фаъолият дорад. Аммо ин ё он элементи тарбия дар ҳар як масъала ҳатман ҷой доштанаш мумкин аст: ё дар худи он, ё дар гузориши он, ё дар протсесси ҳалли он, ё дар протсесси омӯзиши натиҷаи ҳалли он.

Ба қатори функсияҳои тарбиявии асосии масъала ташаккули диалектикӣ - материалии ҷаҳонбинии хонандагон, шавқи маърифатӣ ва қобилияти эҷодии онҳо, тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, тарбияи эстетикӣ ва ғ. дохиланд.

Агар гап барои тарбияи ҷаҳонбинии диалектикӣ – матералӣ дар протсесси ҳалли масъала равад, онгоҳ хонандагон бештар хислати политехникии математика ва равияи абстраксияи математикаи амалиро ба даст меоранд. Дар раванди ҳалли дилхоҳ масъалаҳои амалии математикӣ ба хонандагон нишон додан мумкин аст, ки математика фаъолияти мавҷудоти ҳақиқиро инъикос намуда, ҷиҳати пурқувват барои ташуккули он мебошад. Агар ба хонандагон масъалаеро дар шакли муқарарӣ ё ин, ки бо маълумоти нопурра пешниҳод намоем, онгоҳ мо дар онҳо фаъолияти амалиро тарбия менамоем. Ҳалли шавқовари ин ё он масъалаи математикиро агар таҳлил намоем, онгоҳ мо тарбияи эстетикии хонандагонро амалӣ мегардонем.

Ҳамчунин амаликунонии функсияҳои тарбия барои ҳалли масъала, фобула, барои ба нақша даровардани инкишофи хоҷагии қишлоқ то панҷсола, барои ба даст овардани илмҳои ватанӣ, техникӣ ва фарҳангӣ истифода карда мешавад. Дар ин муносибат ва гузариш фоидаовар мебошанд.

**3.Функсияи инкишодиҳандаи** масъала гуфта, функсияеро меноманд, ки ба инкишофи тафаккури хонандагон, ташаккулдодани хислатҳои илмӣ-техникии онҳо, маҳорату малакаи фаъолияти фикрии хонандагон равона гардидааст.

Ба адади умумии инкишофдиҳанда функсияҳои масъалаҳое таалуқ доранд, ки ба ташаккулдиҳии маҳорати истифодаи методҳои илмӣ татқиқоти ҳамчун методҳои омӯзиши машғул мебошанд. Яъне мушоҳидакорӣ, муқоисанамоӣ, таҷрибакунӣ, таҳлил ва синтез, абстракт ва конкреткунӣ ва ғ.; гузаронидани ташаккули индуктивӣ ва дедуктивӣ, қоидаҳои хусусии истифодаи аналогия ва интуитсия; дуруст гузоштани эксперементи амалӣ ва фикрӣ; баёни гипотезаҳо ва гузаронидани онҳо; дар вазъиятҳои таълими истифодаи моделсозии оддӣ ва моделҳои ҷой доштаро барои хосиятҳои объектҳо истифода карда тавонистан; мавҷудотҳо ва объектҳои омӯхташударо ба синфҳо ҷудо кардан, системакунонии донишҳо, сабаби татқиқоти ва структуравии онҳоро муайян кардан; интихоби шарт ва методҳои ба даст овардани мақсади гузошташуда бо назардошти шарти конкрети; алоқаи байни материали таълими ва ҳаёти одамонро таҳлил намудан, баҳогузории материалӣ, амалӣ ва татқиқотӣ; хосият ва граматикаи мантиқӣ, тафаккури илмӣ ва ғ. бо функсияиҳои инкишофдиҳанда амалӣ мегарданд.

Ба функсияи инкишофдиҳандаи масъалаҳои математикӣ метавонанд функсияҳое дахл дошта бошанд, ки маҳоратҳои зерини хонандагонро ташаккул медиҳанд: проблемаҳои оддии ҳаётиро матаматикавӣ кардан, қонунҳои математикиро дар дунёи ҳасти таҳлил намудан; фарз

кардани сатҳи ба ҳақиқат наздики ин ё он факт, хосият ё ин, ки муносибатҳои математикӣ; роҳи ҳалли масъалаҳоро ба нақша даровардан, аз шарти он маълумоти нолозимро хориҷ намудан; методҳои хусусият ва амалиётҳои заруриро барои ҳалли он интихоб кардан; тафтиши дуруст будани ҳал; ташаккули мафҳумҳои муайяни математикӣ; ин ё он мафҳумҳоро басо маълумоти мувофиқ гузотан, онро дар байни дигар мафҳумҳо дида баромсадан, ҳисобкуниро бо хосияти ҳисобкунии оддӣ дуруст гузаронидан; вазъияти куллии ҳисобкуниро сохтан; тафтиш ва натиҷаи ҳисобкуниро дуруст амалӣ намудан; дар вазъиятҳои оддии таълимӣ татқиқот гузаронидан; рамзҳои математикиро фоидаовар истифода кардан, хондан ва дарк кардани ҷумлаҳои бо рамзҳо навишташуда; тасавуроти амиқ оиди мантиқи курси математика, хислати абстрактивии математика, ки хислати амалии онро таъмин месозад ва ғайра.

Истифодаи масъала бо мақсади ташаккули маҳорат омӯзиши умумишуда, яъне функсияи инкишофдиҳандаи умумии онҳо мебошад; ташаккули маҳорати ин ё он мафҳумҳои геометрӣ – функсияи инкишофдиҳандаи махсус аст; хонандагонро барои қобилияти мафҳумҳои симметрии чархзананда ва кӯчонидани параллелӣ дар мафҳумҳои омехтасозӣ ёри расонидан ин функсияи инкишофдиҳандаи конкретии масъала мебошад.

**4.** Ба ҳар сето функсияҳои дар боло зикргардида, ки дар таълими масъалаҳои математикӣ амали мегарданд, боз яке аз функсияҳои муҳим - назоратиро илова менамоем.

Дар зери **функсияи назоратии** масъалаҳои математикӣ бояд, ки сатҳи дониш ва донишомӯзӣ, қобилиятнокӣ барои мустаҳкилона омӯхтани математика, сатҳи инкишофи математикии хонандагон ва ташаккули шавқи онҳо фаҳмида мешавад.

Функсияи умумии назоратии масъала мебояд, ки имконияти муайянкардани сатҳи таълим бо қобилияти масъалаҳалкунӣ, тарбия ва инкишофи хонандагонро дошта бошанд. Бо чунин мақсадҳои умумии таълими масъалаҳои математикӣ чун қоида истифода намегарданд. Аз ҳамин сабаб, ҳангоми сӯхан рондан дар бораи функсияи назоратии масъала пеш аз ҳама функсияи махсус ва конкретиро бояд, ки дар назар дошта бошем.

Функсияҳои махсуси назоратии масъала метавонад дар асосӣ мувофиқоии хусусӣ, таълимӣ, инкишофдиҳӣ ва тарбияи функсияҳо ташаккул ёбанд. Ба қатори онҳо метавонем:

а) муайянкардани сатҳи дониш ва донишомӯзӣ;

б) тафтиши қобилияти мустаҳкилонаи хонандагон;

в) баҳогузорӣ ба қобилиятҳои фаъолнокӣ ;

г) сатҳи инкишофи ин ё он компоненти фикрии математикӣ, ё хусусият, ё тарзи муайян намудани фикри математикӣ;

д) сатҳи ташаккули дониш, шавқ ва ғайраро дохил намоем.

Самараи раванди таълим пеш аз ҳама аз дараҷаи қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои математикӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳамин гуна масъалаҳо ва машқҳое лозиманд, ки онҳо қобилияти фикронии хонандагонро фаъол гардонида тавонанд. И. Ғуломов дар [4;64] ақидаи психолог А .Ф.Эсауловро оварда меғуяд, ки масъалаҳоро ба се намуд ҷудо мекунанд: масъалаҳое, ки ҳангоми ҳалли онҳо ба хотира ва диққат аҳамият додан лозим аст; масъалаҳое, ки ҳангоми ҳалли онҳо ба ақидаи нав оварда мерасонад; масъалаҳои эҷодӣ. Тафаккури хонандагонро ду намуди охирини масъалаҳо фаъол гардонида инкишоф медиҳад. Баъзеи онҳоро дида мебароем:

а) масъала ва машқҳое, ки элементи тадқиқотро дарбар мегиранд. Оддитарини ингуна масъалаҳо дар курси алгебра ва геометрия, ҳатто дар синфҳои 3- 4 вомехӯранд.

б) масъалаҳо доир ба исбот ба инкишофи тафаккури хонандагон таъсири калон мерасонад.

в) масъала ва машқҳо оид ба ёфтани хатогиҳо.

Масъалаҳоеро, ки дар онҳо хатогиҳоро ёфтан зарурият дорад, пай дар пай мураккаб кардан лозим аст. Ба ин қатор масъалаҳо софизмҳои математикӣ дохил мешаванд Софизмҳои математикӣ дар хонандагон мушоҳидакорӣ, тафаккури мантиқӣ ва дигар сифатҳои шахсиятро тараққӣ медиҳанд.

г) барои инкишофи хонандагон масъалаҳои шавқовар хеле мусоидат мекунанд.

д) ҷустуҷӯйи вариантҳои гуногуни ҳалли масъала ва интихоби тарзи ратсионалии он. Нисбат ба ҳалли миқдори зиёди масъалаҳои якхела муайян намудани вариантҳои гуногуни ҳалли масъала самарабахш аст.

е) агар хонандагон математикаро бошуурона аз худ намоянд, он гоҳ онҳо худашон **мустаҳқилона масъала тартиб дода метавонанд.** Бинобар ин, ба муаллим лозим меояд, ки ҳар сари вақт оид ба мавзуъҳои ҷудогона талаб намояд, ки худи хонандагон масъала тартиб диҳанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Балл Г.М. О психологическом содержании понятия “задач”./ Балл Г.М. // М: Прогресс “Вопросы психологии”, 1970,111с.
2. Брадрис В. М. Методика преподпвание математики в средний школе. / Брадрис В. М. // М : Учпедгиз, -1954, 504с.
3. Бевз Г.П.Геометрия 9 класса.М:Просвещение1987, 272с.
4. Ислом Ғуломов. Методикаи таълими математика./ Ислом Ғуломов. // Душанбе: Промэкспо, -2019, 254с .
5. Колягин Ю.М. Задачи в обучении математике.Часть1. / Колягин Ю.М. // М: Просвещение. -1977,110 с .
6. Крик Э. Введения в инженерное дело. / Крик Э. // М., “Энергия”, 1970, с117.
7. Лернер И.Я. Познавательные задачи в обучении гуманитарным наукам. Сб. Статей под ред. /И.Я. Ленера. // М., -1972, 309 с.
**8.** Лимантов Ф.С. О природе вопроса. В сб.: “Вопрос. Мнение. Человек”. Л.,изд. ЛГПИ им А.И. Герцена, / Лимантов Ф.С. //-1971,311с.
9. Метельский Н.В. Дидактика математики. Вишейщая школа, / Метельский Н.В. // Минск: -1982, 256 с.
10.Нешков К.И. , Семушкин А.Д. Функции задач в обучении. / Нешков К.И. , Семушкин А.Д. // “Математика в школе”, -1971, 139 с .
**11.**Осимов Қ. У. ва Фридман Л.М. Методҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ. / Осимов Қ. У. ва Фридман Л.М. // Душанбе: Маориф.-1987, 208с..
12. Оганесян В.А.,Колягин Г.Л. и др. Методика преподавания математики в средней школе. / Оганесян В.А.,Колягин Г.Л. и др. // М:Просвещение. -1980,462 с..
13. Пойа Д. Как рещать задачу. / Пойа Д. // М:Просвещение,-1969, 208с..
14. Понамарёв Я. А. Психология творческого мышления. / Понамарёв Я. А. // М., Изд-во АПН. 1976, 304 с.
15. Рузин Н.К. Познавательные и развивающие функции задач в обучении математике учащихся начальных классов средней школы. / Рузин Н.К. // Автореф. Дис. к.п.н –М ., -1996, 24с..
16. Рейтман У. Р. Познания и мышление. / Рейтман У. Р. // М., “Мир” , 1968, с11
17.Скаткин М.Н. Обучение решению простых и составных арифметических задач. Пособия для учителей начальных классов/ Скаткин М.Н. // -М.: Учпедгиз, -1963, 184с..
18.Столяр А. А. Педагогика математики. Минск. /Столяр А. А.// Вышэйшая школа.-1969, 414 с.
19. Фридман Л.М. Как научиться решать задачи. / Фридман Л.М.// М: Просвещение. -1984, 175с..
20. Фридман Л. М. Логико-психологический анализ школьных учебных задач. / Фридман Л. М. // М: Педагогика. -1977, 206с.
21. Шатуновский С.О. Геометрические задачи и их решение с помощью циркуля и линейки. / Шатуновский С.О. // В. кн.: Адлер А. Теория геометрических построений. М: Учпедгиз. -1940, 232с..
22. Эсаулов А.Ф. Психология решение задач. Методическое пособие. / Эсаулов А.Ф.// М : Высш. Шк., 1972, 216 с.


## МАФҲУМИ МАСЪАЛАҲОИ ИНКИШОФДИҲАНДА ВА ФУНКСИЯҲОИ ОНҲО ДАР КУРСИ АЛГЕБРАИ МАКТАБӢ

Дарки масъулият ва иҷрои масъалаҳо ба хонандагон имконият медиҳад, ки фаъолияти дарки мустақилонаи онҳо инкишоф ёбад. Аз ин рӯ истифодаи масъалаҳои инкишофдиҳанда дар таълими математикаи мактабӣ ба предмети махсуси тадқиқотии соҳаи методикаи таълими математика мубадал гаштааст. Дар ин мақола аз мушоҳидакориҳо, муқоисанамоиҳо, таҷрибакуниҳо, таҳлил ва синтез, абстракт ва конкреткуниҳо ва ғайраҳо, ки дар масъалаҳои инкишофдиҳанда ҷой доранд истифода бурда, таҳлили илмӣ гузаронида шудааст. Дар баробари ин оиди функсияҳои масъалаҳои инкишофдиҳанда маълумотҳои амиқ оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** *масъала, инкишофдиҳанда, намудҳои масъала, функсияҳои масъала,эҷодкорӣ, маҳорату малака, фаъолияти таълимӣ, пешбаранда, мустақилона, функсияи назоратӣ, функсияи тарбиявӣ, вазъияти проблемавӣ, фаъолият, татқиқот, амалиёт, мафҳум, категория, объект, субъект,дидактика, мутахасис, мушаххас, ташаккул, математика, модел.*

**ОПРЕДЕЛЕНИЕ РАЗВИВАЮЩИХ ЗАДАЧ И ИХ ФУНКЦИЙ В ШКОЛЬНОМ КУРСЕ АЛГЕБРЫ**

Понимание ответственности и решения проблем позволяет учащимся развивать навыки независимого мышления. Поэтому использование развивающих задач в школьном обучении математике стало особой темой исследования в области методики преподавания математики. В данной статье научный анализ осуществлен с использованием наблюдений, сравнений, экспериментов, анализа и синтеза, абстрагирования и конкретизации и т. д., которые присутствуют в разрабатываемых вопросах. При этом представлены функции развиваюҳих задач в школьном математическом образовании.

**Ключевые слова:** *проблема, развивающие, типы задач, функции задач, креативность, умения, учебная деятельность, ведущая, независимая, управляющая функция, учебная функция, проблемная ситуация, деятельность, исследование, операция, понятие, категория, объект, предмет, дидактика, специалист, конкретное, образование, математика, модель.*

**DEFINITION OF DEVELOPING PROBLEMS AND THEIR FUNCTIONS IN THE SCHOOL ALGEBRA COURSE**

Understanding responsibility and problem solving allows students to develop their independent thinking. Therefore, the use of developmental issues in school mathematics teaching has become a special research subject in the field of mathematics teaching methods. In this article, scientific analysis was carried out using observations, comparisons, experiments, analysis and synthesis, abstract and concretization, etc., which are present in developing issues. Along with this, in-depth information about the functions of the developing issues is provided.

**Key words:** *problem, developer, types of problem, problem functions, creativity, skills, educational activity, leading, independent, control function, educational function, problem situation, activity, research, operation, concept, category, object, subject, didactics, specialist , specific, formation, mathematics, model.*

**Маълумот дар бораи маллиф:** *Шомуродова Барқия Раҳматуллоевна – муаллими калони кафедраи алгебра ва назарияи ададҳо Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121. Тел: (+992) 918-88-90-77. E-mail: barqiya@bk.ru*

**Сведение об авторе:** *Шомуродова Баркия Рахматуллоевна – Старший преподаватель кафедры алгебра и теорей чисљ Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни. Адрес:734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: (+992) 918-88-90-77. E-mail: barqiya@bk.ru*

**Information about the author:** *Shomurodova Barkiya Rahmatulloevna Senior Lecturer of the Department of Algebra and Number Theories Tajik State Pedagogic University named after Sadriddi Aini.* ***Address****: 734025? Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121.****Phone****: (+992) 918-88-90-77 E-mail: barqiya@bk.ru*

**ТДУ: 371.13:372.851:004.056**

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ ДАРАҶАИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ФАНҲОИ ТАБИӢ-РИЁЗ и БО ВОСИТАИ ТИК

***Дадобоева М.С. Маҳмадов А. А.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**

Дар ҷаҳони муосир тағироти босуръати иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ, иттилоотӣ ва пешрафт, инчунин васеъшавии доираи фаъолияти инсон аз низоми таҳсилоти олии касбӣ на танҳо маромнокии донишҷӯёнро ба раванди таълим, инчунин ташаккули маҳорату малакаҳои онҳоро барои ҷустуҷӯи мустақилонаи маълумот ва дар ҳамин асос омӯхтани донишҳои нави замонавиро талаб мекунад ва ин салоҳияту малакаҳо бояд мутахассисони ҷавонро дар бозори муосири меҳнат бештар рақобатпазир гардонанд.

Усули салоҳиятнок дар таълим ба омодагии омӯзгори имрӯза, ки дар ҷомеаи иттилоотию технологӣ бо дараҷаи касбияти баланд амал карда, хонандагонро мувофиқи талаботи замони муосир таълим дода метавонад, равона шудааст. Татбиқи стандарти касбии омӯзгор таҷдиди назар намудани самтҳои стратегиро дар омодагии омӯзгориояндаи мактаби олӣ талаб мекунад, зеро рушди зеҳнии ҷомеа ва давлат маҳз аз ҳамин самт вобаста аст. Вобаста ба ин, дар ҷараёни таълим дар мактаби олӣ бояд шароит ва вазъиятҳои муайян дар ташаккули сатҳи касбии омӯзгори оянда фароҳам оварда шаванд.

Омодагии касбии омӯзгори ояндаи фанҳои табиӣ-риёзӣ ҷараёни бисёрҷанба ва мураккаб буда, ба ташаккули салоҳияту сифатҳои барои фаъолияти касбӣ муҳимми шахсияти омӯзгор мувофиқи талаботи тахассусии Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ равона шудааст. Омодагии касбӣ, салоҳиятҳои калидӣ, асосӣ ва махсусро дар бар мегирад.

Бо мақсади ислоҳи вазъ ва тақвият бахшидан ба неруи зеҳнии ҷомеа солҳои 2020-2040 бистсолаи омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон гардид. Илова ба ин, дар соҳаи илму маориф қарорҳои дахлдори ҳукумати кишвар ба тасвиб расида, Вазорати маориф ва илм вазифадор карда шуд, ки дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот стандарт, барнома ва нақшаҳои таълимиро таҷдиди назар карда, ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим диққати аввалиндараҷа диҳад.

Дар ҷараёни таълим дар мактаби олии омӯзгорӣ ба ташаккули омодагии касбӣ диққат додан лозим аст, ки он хусусияти доираи муайяни фаннии омодагии касбии омӯзгорони фанҳои табиӣ-риёзиро инъикос карда, ҳамчун татбиқи салоҳиятҳои калидӣ ва асосӣ дар соҳаи мушаххаси фаъолият баррасӣ шуда метавонад. Хусусиятҳои ташаккули омодагии касбии омӯзгори оянда ҳангоми омӯхтани фанҳои табиӣ-риёзӣ дар мактаби олӣ аз хусусиятҳои хосси донишҳои зарурӣ, омодагии педагогӣ ва фаъолияти касбии оянда вобастаанд.

Дар рафти таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ таълимгирандагон баъзан, бо супоришҳое рӯ ба рӯ мешаванд, ки аҳамияти амалӣ надоранду хусусияти сатҳӣ дошта, донишандӯзон маҷбуранд супоришҳои нисбатан душворро барои коркарди ҳаҷми зиёди маълумот иҷро намоянд. Дар воситаҳои дидактикии таълимӣ оид ба фанҳои гуногуни табиӣ-риёзӣ номувофиқӣ ва порокандагии марҳилаҳои ташаккули фаҳмишҳои умумии донишҷӯён ҳатто дар чунин фанҳои ба ҳам наздик - математика, физика ва информатика мушоҳида мешавад, ки ин ба идроки мазмуни фанни омӯхташавандаи донишҷӯён таъсир мерасонад.

Муҳаққиқ И. С. Костарев роҳи ҳалли мушкилии пайдошударо дар хусусият ва сатҳи ҳозираи рушди аксарияти фанҳои табиӣ-риёзӣ мебинад, ки мантиқи онҳо ба муттаҳидӣ ва ҳамгироӣ оварда мерасонад. Ӯ мисол меорад, ки татбиқи фанни информатика дар барномаи таълим самти амалиро дар омӯзиши математика ва физика тақвият бахшида, таваҷҷуҳи таълимгирандагонро ба масъалаҳои физикӣ ва математикӣ ҷалб кард, инчунин имконияти ҳалли ин масъалаҳоро бо усули наву ғайристандартӣ нишон дод: алгоритмкунонии ҳалли масъалаҳои душвор дар компютер, имконияти моделсозӣ ва дар экрани дисплей аён дидани ҷараёнҳои физикӣ ва математикӣ, идораи ин ҷараёнҳо ва ғ. Дар баробари бартараф кардани номувофиқии барномаи таълим аз рӯи фанҳои ба ҳам наздики табиӣ-риёзӣ, ҳамгироӣ дар таълим ба сарфаҷӯйи зиёди вақти таълим оварда мерасонад [3, с.18].

Сифати омодагии омӯзгори ояндаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, яъне меҳвари мазмунии омодагии касбӣ, ҳамеша дар маркази диққати мактаби олӣ қарор дорад. Дар асоси хусусияти таълим омодагии омӯзгорони фанҳои табиӣ-риёзӣ дар мактаби олии педагогӣ бояд аз мактабҳои олии анъанавӣ ва техникӣ фарқ дошта бошад. Омӯзгори ояндаи фанҳои табиӣ-риёзӣ бояд аз омодагии бунёдии фанни таълимӣ огоҳ бошад, зеро он донишҳои амалӣ ва маҳорату малакаҳои берун аз дарсиро барои ӯ таъмин мекунад. Табиист, ки чунин омодагӣ бояд якҷоя бо фаъолияти касбии омӯзгори оянда амалӣ карда шавад.

Масалан, дар стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбии омодагии мутахассис – омӯзгори фанҳои физика ва математика талаботҳо ба омодагии касбии омӯзгорони ин фанҳо дар намуди рӯйхати маҳоратҳои ҳалли супоришҳои касбии намунавии фаъолияти омӯзгорӣ гузошта шудаанд.

Мазмуни омодагии омӯзгорро дар ташаккули сатҳи касби муайян намуда, тағирпазирии таҳсилоти миёнаи умумӣ, зарурати татбиқи омодагии пешазтахассусии хонандагонро дар мактаби асосӣ ва таълими касбии фанҳои табиӣ-риёзиро дар синфҳои болоӣ, инчунин раванди иттилоотикунонии соҳаи маориф ва ҷомеаро ба назар гирифтан лозим аст. Омилҳои мазкур таҳсилоти муосир барои омодагии бунёдии хатмкунандаи самти омӯзгории фанҳои табиӣ-риёзӣ низ талаботи дахлдор мегузоранд.

Ин ҷо дар мисоли фанни математика қайд кардан мехоҳем, ки мазмуни дарси математикаи мактабиро асосҳои илми математика ташкил дода, сохторҳои махсус, ки сохторҳои математикӣ номида мешаванд, асоси он ба шумор мераванд. Онҳо абстрактсияи кофӣ мебошанд, чунки бо воқеият алоқаи равшан ифодаёфта надоранд; на барои ҳар як

унсури сохтори математикӣ намунаи воқеан, вуҷуддоштаро нишон додан мумкин аст. Баъзе сохторҳои математикӣ моделҳои бевоситаи падидаҳои мушаххас буда, сохторҳои дигар ба онҳо бо занҷири дарози мафҳумҳо ва сохторҳои мантиқӣ вобастаанд. Чунин нигоҳ ба фанни математика хулосабарорӣ дар бораи зарурати омӯхтани сохторҳои математикиро дар ҳамагуна дарси математика имконпазир мегардонад.

Технологияҳои иттилоотӣ омодагии пурра, хароҷоти зиёди ибтидоӣ ва техникаи илман асоснокро талаб намуда, татбиқи онҳо бояд аз ташкили таъминоти математикӣ ва ташаккули ҷараёнҳои иттилоотӣ дар системаҳои омодасозии мутахассисон оғоз гардад.

Хусусиятҳои асосии технологияҳои иттилоотии муосир:

- коркарди компютерии иттилоот аз рӯи алгоритмҳои додашуда;
- нигаҳдории ҳаҷми зиёди иттилоот дар мошинҳои сабткунанда;
- фиристодани иттилоот ба масофаи дур дар давоми вақти маҳдуд 1.

Таркиби мазмунии омодагии касбии омӯзгориояндаи фанҳои табиӣ-риёзӣ ҳангоми таълим ба роҳ мондани алоқаи дарси мушаххас бо фанни дахлдори мактабӣ яке аз вазифаҳои асосӣ ҳисобида шуда, чунин алоқа бояд идеяи асосии ҳар як дарс бошад. Татбиқи ин ақида дар таълими фанҳои самти табиӣ-риёзии мактаби олии педагогӣ аниқ донистан ва то ба донишҷӯ расондани алоқаи масъалаҳои дарси ба онҳо баёншаванда бо дигар фанҳои мактаби миёна, ошкор намудани камбудиҳои мантиқӣ дар баёни дарси мактабӣ ва роҳҳои бартараф кардани ин камбудиҳоро пешбинӣ менамояд, ки дар ин ҳолат нақши такрор назаррас аст.

Барои ташаккули таркиби технологии омодагии касбии омӯзгори фанҳои табиӣ-риёзӣ омодагии муайяни методӣ лозим аст ва ин таркиб дар раванди таълими фанҳои табиӣ-риёзии мактаби олии омӯзгорӣ бояд мунтазам ташаккул дода шавад.

Бинобар ин, ҳадафҳои омӯхтани фанни мушаххаси гурӯҳи фанҳои табиӣ-риёзӣ набояд танҳо бо номбар кардани талабот ба донишу маҳорат ва малакаҳои фаннӣ маҳдуд шавад, балки бояд ба таъмини натиҷаи ниҳоии таълим – омодагии шахс ба фаъолияти касбии оянда дар ҷомеа ва аз худ кардани малакаҳои касбии фаъолият дар шакли ҷамъбастӣ равона гардад.

Таълими омӯзгори оянда бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки тасаввуроти дар фикррониии донишҷӯён пайдошаванда паҳлуҳои муҳимми ҷараёну фанҳои омӯхташавандаро инъикос кунанд. Маҳз ташаккули ҳамин сифатҳои муҳими объекти идрок (модел) бо такя ба психологияи идрок ва механизмҳои мутобиқи нейрофизиологии хотира моҳияти ҷараёни таълими аёнӣ ба шумор мерав족. Илова ба ин, барномаву нақша ва модулҳое, ки тартиби амалҳои фанҳои тадрисшавандаро ба қайд мегиранд, аҳамияти махсус касб мекунанд.

Барои фаъолияти самараноки касбии омӯзгор таркиби шахсиятии омодагии касбӣ аҳамияти зиёд дошта, он тавассути услуби фаъолияте, ки ба шахсияти мушаххаси омӯзгор хос аст, татбиқ мегардад.

Дар ҷараёни омодагии касбии омӯзгориояндаи фанҳои табиӣ-риёзӣ дар ӯ (аз ҷумла бо воситаҳои фаннӣ ва воситаҳои муосири ТИК) қобилияти дарку фикррониии самаранок, далелноккунии мантиқию мукаммал, қобилияти ҷамъбаст, нутқи мавзуӣ ва қобилиятҳои фикрию эҷодиро ташаккул ва инкишоф додан лозим аст.

Ҷомеаи иттилоотӣ - ҷомеаест, ки дар он аксари кормандон ба истеҳсол, нигаҳдорӣ, коркард, фурӯш ва табодули иттилоот машғуланд.

Вобаста ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 15 апрели соли 2021 зимни суханронӣ дар ҷаласаи якуми Шурои илм, маориф ва инноватсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карданд, ки “Ҳукумати Тоҷикистон барои пешрафти фаъолияти инноватсионӣ дар мамлакат, ташаккули низоми самараноки инноватсионӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва рақобатнокии истеҳсолот, ба бозори дохиливу хориҷӣ баровардани маҳсулоти инноватсионӣ, истеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридот, суръатбахшии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ мусоидат менамояд, заминаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодиро фароҳам овардааст” [ 8].

Дар ҷараёни таълими фанҳои табиӣ-риёзии донишҷӯён ба рӯйхати тарзу усули фикррониии онҳо ба таври табиӣ индуксия ва дедуксия, абстрактсия ва аналогия, тасниф ва танзим, ҷамъбаст ва мушаххаскунӣ, таҳлил ва синтез дохил мешаванд.

Муҳаққиқон И. Д. Сайёдов, Н. Х. Султонҳайдаров ва дигарон қайд мекунанд, ки алоқаи зикршуда дар он ифода меёбад, ки донишомӯзии донишҷӯён, хусусан дар шароити алоқаҳои

байнифаннӣ ва алоқаҳо дар байни падидаҳо, фикррониии мантиқиро ташаккул дода, инкишофи пурраи зеҳниро таъмин мекунад. Илова ба ин, истифодаи компютер ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки ҳангоми ҳалли супоришҳо аз соҳаҳои гуногуни илм (масалан, супоришҳои физикӣ, математикӣ, иқтисодӣ) ба кори таҳқиқотӣ машғул шаванд. Масалан, ҳангоми истифодаи самараноки принсипҳои алоқаҳои байнифаннии информатика бо дигар соҳаҳои фаннӣ шартҳои дидактикии фикррониии мантиқӣ аз мақсади таълим ба воситаи таълим бо роҳи истифодаи фаъолу гуногуни онҳо табдил меёбанд. Дар чунин ташкили таълим имкониятҳои инкишофи таркибҳои мазмунӣ, амалиётӣ ва маромнокии фикррониии мантиқӣ зиёд мешаванд [9, с. 16 ].

Таркиби шахсият ҳангоми таълим бо таъсири маънавӣ ба омӯзгориояндаи фанҳои табиӣ-риёзӣ татбиқ мешавад. Кор барои аз худ кардани мазмуни илмҳои табиӣ-риёзӣ ҳатман чунин хислатҳои донишҷӯро ташаккул медиҳад, ки минбаъд дар симои маънавию ахлоқии омӯзгор муҳим ба шумор меравroutand, аз ҷумлаи устуворӣ ва мақсаднокӣ, меҳнатдӯстӣ ва поквиҷдонӣ.

Омодагии махсуси касбии физика ҳангоми таълим бо фанҳои алоҳидаи омодагии физикӣ – биофизика, физхимия, астрофизика ва ғ. ташаккул ёфта, омодагиҳои асосӣ ва ибтидоиро дар фанни таълимӣ татбиқ мекунанд.

Сохтори омодагии касбии педагог бе ба он дохил кардани таркибҳои ҳатмӣ, ки ба сохтори нави таълимӣ ҷавобгӯ гардондани онро имконпазир мегардонанд, ҷавобгӯйи талаботи муосири омодагии мутахассис шуда наметавонад. Дар бораи омодагии омӯзгориояндаи фанҳои табиӣ-риёзӣ сухан меравад, ки ӯ фаъолияти педагогиро дар шароити ҷомеаи муосири иттилоотӣ татбиқ карда тавонад.

Бинобар ин, ҳангоми ҳалли вазифаҳои касбӣ воситаҳои ТИК-ро истифода бурда тавонистани омӯзгориояндаи фанҳои табиӣ-риёзӣ яке аз таркибҳои омодагии касбии ӯ ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, фаъолияти таълимию маърифатии донишҷӯёнро тавре ташкил кардан лозим аст, ки ҳар кадоми онҳо мувофиқи қобилиятҳои худ ва хусусиятҳои шахсият амал карда, ҳамон донишу маҳорат ва малакаҳоро дар соҳаи технологияҳои нави иттилоотӣ аз худ карда тавонад, ки меҳвари педагогии омодагии касбии омӯзгорро ташкил медиҳанд.

Иттилоотикунонии бомуваффақияти таълим ва ҷомеа аз омодагии иттилоотию компютерии омӯзгори оянда вобаста аст. Имрӯз ба таври махсус омӯзгоронеро омода намудан лозим аст, ки барои ба насли ҷавон омӯзондани фанҳои асосии барномаи мактабӣ омодаанду қобилият доранд, инчунин бо истифодаи воситаҳои ТИК фарҳанги иттилоотии донишандӯзонро низ ташаккул дода, онҳоро ба олами технологияҳои иттилоотӣ метавонанд ворид намоянд.

Мушоҳидаву таҳлилҳои рушди низоми таҳсилот хулоса карда мешавад, ки инсоният дар ҳар як марҳилаи нави рушди худ нақшаҳои нави консептуалӣ ва моделу усулҳоро барои низомҳои таҳсилоти худ меҷӯянд. Дар марҳилаи ҳозира усули ҳамгирои таълим ба сифати сохторҳои асосии консепсияи таҳсилот қабул шуд, яъне истифодаи технологияҳои таълимӣ бояд ба инкишофи умумии шахсият ва бо салоҳиятҳои зарурӣ барои фаъолияти касбии минбаъда таъмин кардани ӯ равона шуда бошад. Маҳз бо таъсири ҳамин консепсия ташаккул ва рушди низоми омодагии мутахассисони оянда дар мактабҳои олӣ сурат мегирад. Дар бораи омӯзгорони оянда сухан меравад, ки онҳо дар доираи фаъолияти касбии худ бояд бо хонандагон кор карда, ба онҳо дониш омӯзонанд ва муҳаббати онҳоро ба фанҳои табиӣ-риёзӣ бедор кунанд.

Вобаста ба масъалаи татбиқи технологияҳои нав дар ҷараёни таълим қайд кардан лозим аст, ки имрӯз маҳз фанни информатика ба навтарин сохторҳои таълим мутобиқати бештар дорад. Бисёр вақт он барои ташаккул, татбиқ ва инкишофи технологияҳои муосири таълим ҳам дар сатҳи мактаби миёна ва ҳам дар сатҳи мактаби олӣ платформа ба шумор меравад. Дар ҳамин асос минбаъд мутахассисони рақобатпазиру салоҳиятнок дар соҳаи худ, инчунин шахсиятҳои ҳаматарафа инкишофёфта ба камол мерасанд.

Дар охир махсус таъкид кардан мехоҳем, ки масъалаҳои дастгирии иттилоотӣ-компютерӣ ё тағйироти таҷрибавӣ, таҳлилу ташкили масъалаҳои копютеркунонӣ мунтазам дар маркази диққати ҳукумат қарор дошта, дар баробари дигар самтҳо, вазифаи меҳварии

омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ ёфта, бо асосҳои таърихӣ дохил гардидан ба асри XXI дар шароити тағйирёбии куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию фарҳангии ҷомеа, яъне тамоили умумии истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ-компютерӣ муқаррар мегардад.

Дар ин замина, таҳсилот ҳамчун самти афзалиятнок, бо фарҳанги ҷомеа алоқаманд буда, зарур аст ҳалли масъалаи компютеркунонии муассисаҳои таълимиро босуръат гардонида, омӯзиши таълимгирандагон дар ин самт тақвият дода шавад. Зарур аст, дар донишҷӯён ба вуҷуд овардану ташаккул додани мафҳумҳои ҷаҳонбинии илмӣ бидуни донистану истифода бурдани ТИК, асосҳои илм ва малакаҳои ҳаётӣ ва саҳм гузоштан дар рушду инкишофи ҷомеаи кишвар ғайриимкон аст.

**АДАБИЁТ:**

1. Азимов Э.Г. Теория и практика использования компьютерных программ в преподавании русского языка как иностранного. /Э.Г.Азимов [Текст] - М.: Академия, 2000. - 150 с.
2. Баринова, Е.А. Метапредметный подход в образовании и метапредметные навыки / Е.А. Баринова // Обучение и воспитание: методики и практика. - 2013. - № 8. - с. 9–14.
3. Костарев, И.С. Концепция интегрированного обучения / И.С. Костарев. [Электронный ресурс] — Режим доступа: http://school4-perm.narod.ru/kio.htm.
4. Лутфуллои С. Современная практика интеграции содержания обучения естественнонаучным дисциплинам в вузах РТ/С. Лутфулло//Вестник Таджикского национального университета. 2021. - № 4 стр. 272 – 279 ISSN 2074– 1874
5. Миравотов, М.С. Дидактические основы межпредметных связей в подготовке студентов колледжей к профессиональной деятлеьности: автореф. дисс. … канд. педагогич. наук: 13.00.01 / Миравотов Мусобек Самиевич. – Худжанд, 2002. – 12 с.
6. Мирзоев, М.С. Межпредметные связи математических дисциплин с информатикой как основа формирования математической культуры будущего учителя информатики / М.С. Мирзоев // Учитель XXI век. Содержание и технологии образования. – 2008. - №3. – с. 7 - 15.
7. Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан до 2020 года (Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2012 года №334) [Электронный ресурс]
8. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на первом заседании Совета по науке, образованию и инновациям при Президенте Республики Таджикистан.
9. Сайёдов, И.Д. Дидактические условия логического мышления студентов в процессе межпредметных связей информатики / И.Д. Сайёдов, Н.Х. Султонхайдаров / Вестник педагогического университета им. Садриддина Айни. – 2018. - №5-1 (77). – с. 17 – 21.
10. Сидоров, О.В. Теоретическое обоснование обучения будущих учителей технологии электрофизическим и электрохимическим методам обработки конструкционных материалов / О.В. Сидоров // Проблемы развития образования и воспитания: теория и практика. Раздел 2. Глава 2. — Москва: Изд-во «Перо», 2015. — с. 81 – 109.
11. Султонхайдаров, Н.Х. Методика применения компьютерной технологии для развития логического мышления студентов в условиях межпредметных связей (на материале учебных занятий по информатике): дисс. … канд. педагогич. наук: 13.00.02 / Султонхайдаров Нуриддин Хонкулиевич. – Душанбе, 2019. – 145 с.
12. Типовое положение Департамента науки и инноваций высших учебных заведений Республики Таджикистан. Утверждено решением Коллегии Министерства образования и науки Республики Таджикистан от 29.06.16 г. № 9/41.
13. Шарипов, Ф.Ф. Теоретическая модель формирования алгоритмического мышления студентов вузов в процессе обучения объектно-ориентированному программированию / Ф.Ф. Шарипов, С.И. Мараджабов // Балтийский гуманитарный журнал. – 2017. – Т.6 №3 (20). – с. 313 – 316.

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ ДАРАҶАИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ФАНҲОИ ТАБИӢ-РИЁЗӢ БО ВОСИТАИ ТИК

Дар мақолаи мазкур масъалаи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи фанҳои табиатшиносӣ ва математика дар шароити навсозии низоми таълим баррасӣ шудааст. Муаллифон қайд мекунанд, ки эҳтиёҷоти муосири таълимӣ аз омӯзгор на танҳо дониши амиқ дар соҳаи тахассусӣ, балки азхудкунии усули таълим ва малакаи кор бо иттилоотро тақозо мекунад.

Дар ин мақола зарурати муносибати ҳамаҷониба ба ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи фанҳои табиатшиносӣ ва математика таъкид шудааст. Ин равиш бояд дониши амиқи фан, маҳорати усули таълим, малакаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, инчунин қобилияти ҳалли масъалаҳои аз фаъолияти касбӣ ба миёномадаро дар бар гирад.

**Калидвожаҳо:** *тахассуси касбӣ, муаллими табиатшиносӣ ва математика, навсозии маориф, технологияи иттилоотӣ, усули таълим, ҳалли масъала*

## ХАРАКТЕРИСТИКА ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ БУДУЩЕГО УЧИТЕЛЯ ЕСТЕСТВЕННО-МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИКТ

В статье рассматривается проблема формирования профессиональной компетенции будущего учителя естественно-математических дисциплин в условиях модернизации системы образования. Авторы отмечают, что современные требования к образованию требуют от учителя не только глубоких знаний в предметной области, но и владения методическими приемами и навыками работы с информацией.

В статье обосновывается необходимость комплексного подхода к формированию профессиональной компетенции будущего учителя естественно-математических дисциплин, который должен включать в себя глубокие знания предмета, владение методиками преподавания, навыками использования информационных технологий, а также умением решать задачи, возникающие в процессе профессиональной деятельности.

**Ключевые слова:** *профессиональная компетенция, учитель естественно-математических дисциплин, модернизация образования, информационные технологии, методики преподавания, решение задач.*

## FORMING ICT COMPETENCE IN FUTURE NATURAL SCIENCE AND MATH TEACHERS

n technologies, teaching methods, problem solving. The article explores the problem of forming the professional competence of a future teacher of natural and mathematical disciplines in the context of the modernization of the education system. The authors note that modern educational requirements demand from a teacher not only deep knowledge in the subject area, but also mastery of methodological techniques and skills of working with information.

The article substantiates the need for a comprehensive approach to the formation of the professional competence of a future teacher of natural and mathematical disciplines, which should include deep knowledge of the subject, mastery of teaching methods, skills of using information technologies, as well as the ability to solve problems arising in the process of professional activity.

**Key words:** *professional competence, teacher of natural and mathematical disciplines, modernization of education, informatio*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** *Дадобоева Мадина Солеҳ – номзади илмҳои педагогика, дотсент, мушовири ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Тел: 501071099*

*Маҳмадов Алҳамҷон Аҳтамович –унвонҷӯи кафедраи асосҳои технологияи информатсионии факултети математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. 905111297. E mail: adham.06071997@icloud.com*

**Сведения об авторах:** *Дадобоева Мадина Солех – кандидат педагогических наук, доцент, советник ректора Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни. Телефон: 501071099*

*Махмадов Алхамджон Ахтамович – соискатель кафедры «Основы информационных технологий» математического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни. 905111297. Электронная почта: adham.06071997@icloud.com.*

**Information about the authors:** *Dadoboeva Madina Soleh – candidate of pedagogical sciences, associate professor, advisor to the rector of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Phone: 501071099*

*Makhmadov Alkhamjon Akhtamovich – applicant for the department of "Fundamentals of Information Technologies" of the Faculty of Mathematics of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. 905111297. Email: adham.06071997@icloud.com.*

**ТДУ-51(07)**
**ТКБ -22.10я7**
**С20**

# ФАЪОЛ БУДАНИ ДОНИШҶӮЁН ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ ҲАҶМИ БИСЁРРУЯҲО ДАР ДАРСИ “МАТЕМАТИКАИ ЭЛЕМЕНТАРӢ”

***Раҷабова С. Ҷ. Саидова Р. Р.***
**ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров**

Бештар фаъол сохтани донишомӯзон равиши ба қобилият асосёфта, маҷмуи унсурҳои сохтории методология ва парадигма мебошад, ки ҳадафи он ташаккул додани қобилият, малака ва тарбияи хонандагон дар ҳалли масъалаҳои душвор мебошад.

Имрӯз масъалаи қобилият, истеъдод, лаёқат, хусусиятҳои инфиродӣ, имконият ва роҳҳои ташхису инкишофи он диққати равоншиносон, педагогҳо ва омӯзгорони пешқадаму навоварро ба худ ҷалб намудааст. Маҳз ҳамин гурӯҳи олимони соҳаи равоншиносӣ, педагогика ва омӯзгорон бар он ақидаанд, ки танҳо истифодаи таълими тафриқа ва фардикунонии таълим дар тадриси фанҳо имконият фароҳам меоварад, ки хусусиятҳои фардию психологӣ ва табиии хонанда ба ҳисоб гирифта шаванд. Тафриқа ҳамвожаи калимаи русии «дифференциация» (аз забонҳои фаронсавӣ differentiation ва лотинӣ differentia – гуногун, фарқ, гурӯҳбандӣ) буда, маънои якхелаи ҷудо кардан, тақсим кардани қисми бутун ба қисматҳои гуногун, шаклҳо ва зинаҳоро доранд [16, с.397]. Дар зери мафҳуми тафриқакунонӣ бошад, ба қисмҳо ҷудо кардан, фарқ кардани чизи алоҳида, омӯзиши ягон чизро мефаҳманд [17, с.168]. Дар «Энсиклопедияи педагогӣ» дар зери мафҳуми таълими тафриқа омадааст, ки он ба мактабҳои ҳамагонӣ мувофиқ гардонида шудааст, ҷудо кардани нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ дар синфҳои болоии мактабҳои умумиро мефаҳмонад. Таълими тафриқа имконияти интихоби касб ва соҳаи донишро вобаста ба шавқу хоҳиш ва қобилияти хонандагон кушода медиҳад, шароити мувофиқро барои дар онҳо инкишоф ёфтани шавқи устуворро ба машғулиятҳо ва фанҳои равиявии ихтисоси интихобнамуда ба миён меорад, имконияти инкишофи чуқур ва мустаҳками шавқро ба илм ва техника фароҳам оварда, шароитро барои муайян кардани хонандагони қобилиятнок ва ташкили кори системанокро бо онҳо ба вуҷуд меоварад [12, с. 760].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар сарчашмаҳои муосири педагогӣ вобаста ба фарқ истилоҳҳои «таълими тафриқа», «муносибати тафриқавӣ», «тафриқаи сатҳӣ», «муносибати фардӣ» ва «фардикунонии таълим» васеъ истифода бурда мешавад. Вобаста ба ҳамин олимони соҳа кӯшишҳои зиёде ба харҷ додаанд, ки мафҳуми «таълими тафриқавӣ»-ро тафсир диҳанд. Чунончи, олими рус, масалан И. Унт пешниҳод менамояд, «тафриқа ин баҳисобгирии хусусиятҳои фардӣ дар ҳамон шакле мебошад, ки агар хонандагон дар асоси ягон хусусиятҳояшон барои омӯзиши алоҳида гурӯҳбандӣ карда шаванд [18, с. 8]. В. М. Монахов, В. А. Орлов ва В. В. Фирсов бошанд, дар зери мафҳуми тафриқа чунин шакли ташкили ҷараёни таълимиеро мефаҳманд, ки «дар он ҳар як хонанда як қисми тайёрии умумии таълимиеро аз худ намудааст ва он дорои аҳамияти умумӣ буда, имконияти мувофиққунониро дар шароити доимотағирёбанда таъмин месозад, ҳуқуқ пайдо мекунад ва имконияти кафолатнокро соҳиб мегардад, то ки диққати асосиашро ба ҳамон самте равона созад, ки ба дараҷаи шавқу ҳаваси ӯ ҷавоб дода тавонад» [9].

